ISSN 2413-516X

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

П А Ё М И
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
(маҷаллаи илмӣ)

БАХШИ ФИЛОЛОГӢ

4/3 (88)

В Е С Т Н И К
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
(научный журнал)

СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЯ

ДУШАНБЕ: «СИНО»
2012

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ СОЛИ 1990 ТАЪСИС ЁФТААСТ.
НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ ОСНОВАН В 1990 ГОДУ.

Ҳайати таҳририя:
Редакционная коллегия:

Имомов М.С. – гл. редактор, доктор филологических наук, профессор
Каримов М.Б. – зам. гл. редактора, доктор химических наук, профессор
Низомов М. - зам.гл.редактора, кандидат филологических наук, доцент

Аъзои ҳайати таҳририя:
Члены редколлегии:

Гулмуродзода П. - кандидат филологических наук, доцент
Исматов С. - кандидат филологических наук, доцент
Кабиров Ш. - кандидат филологических наук, профессор
Кучаров А. - доктор филологических наук, профессор
Нагзибекова М. - доктор филологических наук, профессор
Нарзикул М. - доктор филологических наук, профессор
Саломов М. - кандидат филологических наук, доцент
Сафаров У. - доктор филологических наук, профессор

Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.
Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках.

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2012
Вестник Таджикского национального университета, 2012

З А Б О Н Ш И Н О С Ӣ

ВОҲИДҲОИ МАЪНАН ДУҚУТБА

Ш. Кабиров
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ калимаҳое ба назар мерасанд, ки аз ҷиҳати ифодаи маъно ҳар яке дар худ ду маънои ба ҳам зидро ғунҷонидааст. Чунончи, калимаҳои ***кайфару мукофот,*** ки, аз як тараф, муродифанд, аз ҷониби дигар, ҳар кадом маъноҳои ба ҳам зидро ифода мекунанд. Чунончи: *Кайфар*-ҷазо, сазо, подош; мукофоти некӣ ва бадӣ:

Морро ҳарчанд беҳтар парварӣ,
Чун яке хашм оварад, *кайфар* барӣ.
(Рӯдакӣ)

Чаро бояд ки гуноҳ ту кунӣ ва *кайфар* ӯ кашад?
«Ҷомеъ-ут-таворих» [8, 528].

Мукофот-он чӣ дар бадали чизе пардохта мешавад; подош ва сазои амал (хоҳ нек бошад, хоҳ бад).

Аз *мукофоти* амал ғофил машав,
Гандум аз гандум бирӯяд, ҷав зи ҷав [8, 274].

Гарчи миқдори чунин калимаҳо зиёд нест, лекин ин ҳодисаи нодири забонӣ набояд ки аз доираи таҳқиқ дар канор монад.

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (ФЗТ) ин ҳодисаи луғавии забонӣ бо истилоҳи ***аздод*** ёд шуда, чунин тавзеҳ ёфтаааст: «Калимаҳое, ки маъниҳои зидди якдигар доранд, масалан, бохтар, ки ҳам маънии шарқ ва ҳам маънии ғарбро дорост» [8, 44]. Айни ҳамин тавзеҳ дар «Фарҳанги мукаммали забони тоҷикӣ» (ФМЗТ) низ оварда шуда, вале мисол калимаи ***фароз*** бар ифодаи маънои «боз» ва «баста» дода шудааст [9, 172].

Профессор Ҳ. Маҷидов ба гурӯҳи маъноҳои ба ҳам зидди як калимаи ҷудогонаро антонимҳои маъноӣ номида, калимаҳои ***қашанг*** бо маъноҳои «зебо» ва «дурушт», «дағал», ***сазо*** ҳамчун «сазовор» ва «ҷазо», ***заҳмат*** дар ифодаи «машаққат» ва «меҳнат», ***беҳисоб*** ҳамчун ифодагари «бешумор», «зиёд» ва «кам ва ночиз»-ро мисол овардааст [4, 85].

Мавсуф иловатан қайд мекунад, ки «Антонимҳои маъноӣ, ки ҳамчунин бо номҳои аздод ва энантиосемия низ маъруфанд, бештар хосияти диахронӣ доранд» [4, 85].

Оид ба ин навъи воҳидҳои луғавӣ профессор М.Н. Қосимова низ таваққуф намуда, перомуни аздод чунин менигорад: «Дар баъзе луғатҳо овардаанд, ки калимаҳои гуногуни зидмаъно аздод аст (яъне антоним) хуб-бад, нек-зишт, гул-хор.

Аздодро чунин низ шарҳ додаанд: калимаҳои якхелаи зидмаъно. Ба мисли бохтар-шарқ, ғарб; ховар-шарқ, ғарб; бебаҳо-гаронбаҳо, беарзиш, беқадр» [3,19-20] ва барои ҳар яке аз классикон шоҳид оварда шудааст.

Воқеан, вақте ки аздод, яъне зидҳо бошад ва калимаҳои гуногуни дорои маъноҳои зидди якдигарро дар бар гиранд, пас мусалламан ин антонимҳост. Ҳол он ки сухан сари калимаҳое меравад, ки тавре зикр шуд, худи як калима ду маънои зидду муқобилро дорост. Пас, ин истилоҳи мантиқан носаҳеҳ, яъне аздод ба омехта кардани ду гурӯҳи воҳидҳои лексикӣ-семантикӣ сабаб мешаванд. Аввалан, чун калима беш аз як маъноро ифода намояд он гоҳ чунин калимаро сермаъно мегӯянд. Аз ин рӯ, калимаҳои мадди назари мо ҳам ба антонимҳо ва ҳам ба сермаъноӣ иртибот доранд. Бояд тазаккур дод, ки калимаи ***аздод*** ҳамчун истилоҳи забоншиносӣ, ки дар боло оварда шуд, ба истиснои ФЗТ ва ФМЗТ дигар дар ягон фарҳанги тоинқилобӣ ва муосир ҳамчун истилоҳи забоншиносӣ, ки як калима ду маънои зидро доро бошад, ба назар нарасид. Дар тамоми фарҳангҳое, ки дастраси мост, дар шарҳи вожаи ***аздод*** ҷамъи зид (д) оварда шудаасту халос. Пас ин истилоҳи мантиқан нодуруст аз куҷо маншаъ гирифтаву вориди ФЗТ ва ФМЗТ гардидааст, ба мо равшан нест.

Шарқшинос Олим Ғафуров дар асараш «Имя и история» оид ба унвону лақабҳои давраи салтанати Аббосиён сухан ронда қайд мекунад, ки яке аз унвонҳои ин аҳд **мавло** (мавло амирулмуъминин) будааст. Ин истилоҳи ҳуқуқӣ-таърихӣ дорои ду маънои ба ҳам зид: **наҷиб, сарвар, машҳур ва ғулому банда, чокар**ро ифода мекард. Чун Султон Маҳмуди Ғазнавӣ, ки ғуломзода буд ва ба сари салтанат расид, унвони **мавло**ро ба **волӣ** (волӣ амирулмуъминин) иваз намуд. Мавсуф О. Ғафуров оид ба маъноҳои ба ҳам зидди **мавло** таваққуф намуда, унвони «Антонимы в одном слове» (Антонимҳо дар як калима)-ро мувофиқ донистааст [2, 92-93]. Аз ин рӯ, ***аздод*** ҳамчун истилоҳи забоншиносӣ оид ба калимаҳое, ки ҳар як ду маънои ба ҳам зидро ифода мекунанд, мувофиқ набуда, нисбат ба чунин воҳидҳои луғавӣ истилоҳи «антонимҳои луғавӣ» [4, 85] мувофиқу ҷавобгӯ мебошад.

Воқеан, зуҳури ду маънои зидду муқобил дар як калима ҳодисаи ҷолиби лағжиши маъно ва падидаи тадриҷиву тӯлонӣ буда, «…бештар хосияти диахронӣ дорад» [4, 85]. Барои тақвияти иддао чун намуна оид ба лағжиши маънои калимаҳои бохтару ховар таваққуф мекунем.

Калима ***бохтар***, ки дар фарҳангҳо бар ифодаи шарқу ғарб тафсир шудааст, дар ибтидо шимолро ифода мекардааст. Чунончи, олими решашиноси вожаҳо Мустафо Пожанг оид ба маънои ибтидоии *бохтар* чунин меорад:

«Арāxtar-апохтар-шимол-бохтар. Дар «Авесто»-арāxtara-апохтар= апохзара аз вожаи «апок=apaša= apānš = пасу пушти сар аст ва дар паҳлавӣ **апоч** ва баргашт аст. Вожаи апохтар бо вожаи **апоч** пайвастагӣ дорад, чун пайравони Маздаясно ҳамвора рӯй ба нимрӯз (ҷануб) ва пушт ба бохтар ва дар ҳар ҷо аз нимрӯч (нимрӯз-Ш.К) ёд шудааст, ҳамон сӯй бахшоиши Эзидӣ бошад ва апохтар-бохтар сӯйи газанду осеб будааст» [5, 95].

Донишманди шаҳири эронӣ Фаридуни Ҷунайдӣ ва шарқшиноси шинохтаи арман Аҷорян Ҳарочия низ дар шарҳи *бохтар* менигоранд, ки «Чаҳорумин ҷиҳат (самт-Ш.К.) дар забони форсӣ *апохтар* аст. Сӯйи бохтар (шимол) бо зимистонҳои сард ва шабҳои дарозаш дар назари эрониён ҷойгоҳи девон шумурда мешуд ва кам-кам афсонаҳое барои он пардохта шуд, ки Ҳафт авранг (ситорагони Дуби акбар), ки ҳамеша дар сӯйи шимоланд ва ҳеҷ гоҳ ғуруб намекунанд, ҷойгоҳи девонро зери назар доранд» [7, 170-171; 1, 27].

Иловатан Ҳ. Аҷарян оид ба ***бохтар*** қайд мекунад, ки «маъхуз аст аз паҳлавӣ: апохтар-шимол, сайёра-шимолӣ, форсӣ-бохтар-шимол ва бохтарӣ ба маънии шимолӣ… «эрониёни қадим барои ташхиси ҷаҳони атроф рӯ ба ҷануб карда ва онро ҷулӯ ё самти ҷулӯ (ҷулӯ бо ҷилав (ҷилави асп, ҷилавгирӣ (пешгирӣ) кардан ҳамреша аст-Ш.К.) мехонданд ва аммо шимол-бохтарро ақиб ва самти пушт мехонданд» [1, 26].

Тавре ки дида мешавад, дар аҳди бостон вожаи ***бохтар*** барои ифодаи самти ***шимол*** мустаъмал будааст. Лекин бо мурури замон вожаи мазкур тадриҷан тағйири маъно карда, тибқи шавоҳиди адабиёт ва фарҳангҳои эронӣ асосан барои ифодаи самти *мағриб* ва гоҳ-гоҳ ифодагари ***машриқ*** корбаст шудааст. Лекин дар «Ғиёс-ул-луғот», ки муаллифи он такя бар чандин фарҳанги дигар кардааст, чунин овардааст: «Бохтар ба маънии *машриқ* аксар аст ва гоҳе ба маънии ***мағриб*** низ меояд ва лафзи ***бохтар*** мухаффафи ***боахтар*** аст ва ахтар офтобро гӯянд ва моҳро низ ***ахтар*** мегӯянд ва ба маънии мулки Хуросон ва навоҳии Қандаҳор (аз «Рашидӣ» ва «Бурҳон» ва «Муайид» ва «Мадор» ва «Ҷаҳонгирӣ» ва «Кашф» ва «Шарҳи Хоқонӣ») [6, 64].

Сарнавишти вожаи ***ховар*** ҳам ба сарнавишти ***бохтар*** мушобеҳ аст.

Ховар, ки имрӯз он ба маънои шарқ (Ховари миёна-Шарқи миёна, ховаршиносӣ-шарқшиносӣ) истифода мешавад, дар аҳди бостон ва асрҳои миёна самти ***ғарб***ро ифода мекард, ки бурҳони қотеъ ин байти машҳури устод Рӯдакӣ шуда метавонад:

Меҳр дидам, бомдодон чун битофт,
Аз Хуросон сӯйи *ховар* мешитофт.

Барои дарки дақиқи мағриб (ғарб)-ро ифода кардани ***ховар*** далели муътамади дигар порае аз «Вис ва Ромин»-и Фахриддини Гургонӣ дар мавриди тавзеҳи Хуросон аст:

Хушо, ҷоё бару буми Хуросон,
Дар ӯ бошу ҷаҳонро ме***хур осон***.

Забони паҳлавӣ ҳар к-ӯ шиносад,
Хуросон он бувад, к-аз вай ***хур ояд***.
Хур осад паҳлавӣ бошад ***хур ояд***,
Ироқу Порсро хур з-ӯ барояд.
Хуросонро бувад маънӣ хуроён,
Куҷо аз вай хур ояд сӯйи Эрон.

Тавре ки дида мешавад, вожаи Хуросон аз ду ҷузъ: ***хур***-мухаффафи хуршед ва ***осон*** бомдод, яъне ҷойи тулӯи офтоб буда, ба машриқ (шарқ) далолат мекунад. Дар мисраи «Хур ***осад*** паҳлавӣ бошад ***хур*** ояд» калимаи ***осад*** феъли замони гузаштаи шахси сеюми шумораи танҳо - ***ояд*** буда, масдари он ***осидан,*** яъне ***омадан*** мебошад. Пас, дар мисраи «Аз Хуросон сӯйи ***ховар*** мешитофт», калимаи ***ховар*** маҳз *гарб*ро ифода кардааст. Ин вожа низ тадриҷан таҳаввули маъно карда, тавре ки ишора шуд, ҳоло барои ифодаи ***шарқ*** (машриқ) мустаъмал буда, мисли вожаи ***бохтар***, дар асари поляризатсия ифодаи маънои ***гарб***и он матрук шудааст.

Воқеан, дар қатори чунин унсурҳои луғавии ба истилоҳ ***аздод*** боз дар забонамон баъзе ибораҳое низ ба мушоҳида мерасанд, ки ду калимаи ба ҳам зидмаъно дар қолаби ибораи изофӣ омада, бо тобиши маънои маҷозии худ хеле ҷолибу муассир мебошанд. Ба таври намуна ибораҳои душмани ширин (фарзанд), «Душмани азиз», «Гунаҳгорони бегуноҳ» (номи намоишнома), (номи силсилафилми афғонӣ), бисёрнависи бесавод, дурӯғи маслиҳатомезу рости фитнаангез, донои аблаҳ, ашки шодиро метавон мисол оварад.

Чунончи, тарбия ва ба воя расонидани фарзанд мушкиливу азобҳои зиёдеро, ки маъмулан душман дар нисбати одам раво мебинад, пеш меорад, лекин бо вуҷуди ин фарзандро душмани ширин мегӯянд, зеро чун ӯ азизу ширин аст, бинобар ин, азобҳояш дар баробари меҳру муҳаббати волидайн ноаён мемонанд ва ғ.

Тавре ки дида мешавад, маъноҳои калимаву ибораҳои мазкур ду қутби бо ҳам зид-мусбату манфиро мемонад.

Гарчи профессор Ҳ. Маҷидов оид ба чунин воҳидҳои луғавӣ истилоҳи «Антонимҳои луғавӣ»- ро корбаст намудааст, ҷойи баҳс ҳам нест, лекин ин ҳодисаи забонӣ на танҳо дар доираи калимаҳо, балки дар шакли ибораҳо низ ба назар мерасанд. Бинобар ин, ба андешаи мо, чунин воҳидҳои забонро, дар маҷмӯъ ***воҳидҳои маънан дуқутба*** номгузорӣ кардан ба сохтор ва моҳияти онҳо мувофиқу созгор мебошад.

Дар сурате ки ҳодисаи мазкур дар чаҳорчӯбаи воҳидҳои луғавӣ мавриди баҳс қарор дода шавад, он гоҳ онҳоро воҳидҳои луғавии маънан дуқутба ва агар дар доираи воҳидҳои наҳвӣ баррасӣ гардад, воҳидҳои наҳвии маънан дуқутба номгузорӣ шаванд, муносиб будагист.

А Д А Б И Ё Т

1. Аҷарян Ҳарочия. Фарҳанги вожаҳои ҳаммонанд. – Теҳрон, 1363ҳ.
2. Гафуров А. Имя и история.-М.: Наука, 1987.
3. Қосимова М. Н. Истилоҳоти қадимаи тоҷикӣ (маълумоти мухтасар). – Душанбе, 2007.
4. Маҷидов Ҳ. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.I. – Душанбе, 2007.
5. Мустафо Пожанг. Фарҳанги порсӣ ва решаёбии вожагон.- Теҳрон, 1377ҳ.
6. Муҳаммад Ғиёсиддин. «Ғиёс-ул – луғот» бар ҳошия «Мунтахаб-ул-луғот» ва «Чароғи ҳидоят» – Калкутта, 1323ҳ.
7. Фаридуни Ҷунайдӣ. Зиндагӣ ва муҳоҷирати нажоди ориёиён бар пояи гуфторҳои эронӣ. – Теҳрон, чопи дувум, 1374ҳ.
8. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.I. – М.: Советская энциклопедия,1969.
9. Фарҳанги мукаммали забони тоҷикӣ. Ҷ.I. – Душанбе: Шарқи озод, 2011.

СЕМАНТИЧЕСКИ ДВУХПОЛЯРНЫЕ ЕДИНИЦЫ

В данной статье автор анализируя языковой термин «аздод» на примере слов «бохтар», «ховар» и некоторых других изафетных словосочетаний, отмечает, что данный термин не выражает сущности тех языковых единиц, в которых заключены два противоположных значения. В связи с этим, автор предлагает заменить термин «аздод»- «семантически двухполярные единицы».

Ключевые слова: антоним, энантиосемия, бохтар, ховар, лексические единицы, словосочетание, полюс, семантически двухполярные единицы, сентаксические единицы.

THE SEMANTICAL UNITS OF TWO POLUSE

In this article, has given information about the problem of antonyme and enantiosemyt for example “bokhtar” “khovar” and some other phraseologies, point, that given terminology not express some peculiarities of language unit, at that conciusion in two opposite meanings.

From this point of view the author suggest changing the terminology “azdod” in semantical unit of two poluse.

Key words: antonyme, enantiosemyt, bokhtar, khovar, vocabulary units, phrase, poluse, two poluse units, syntactical units.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Кабиров Ш.*** – кандидат филологических наук, профессор, зав. кафедрой таджикского языка Таджикского национального университета. Телефон: **(992) 95 194 2525 .**

О ЛИНГВИСТИКЕ ТЕКСТА

З. Мухторов
Таджикский национальный университет

Текст в настоящее время как целое лингвистическое понятие, обозначающее и фиксирующее процесс человеческого общения, рассматривается с разных точек зрений и является предметом анализа и исследования различных наук, прежде всего лингвистики, литературоведения, теории коммуникации, а также истории, культурологии, информатики, социологии, психологии, юриспруденции и теологии. Хотя так часто говорят о междисциплинарности текста, пожалуй, в названных науках данное понятие рассматривается своеобразно, в определенных ракурсах, которые достаточно отличаются друг от друга. «Текст (письменный и устный) как первичная данность всех этих дисциплин и вообще всего гуманитарно-филологического мышления (в том числе даже богословского и философского мышления в его истоках). Текст является той непосредственной действительностью (действительностью мысли и переживаний), из которой только и могут исходить эти дисциплины и это мышление. Где нет текста, там нет и объекта для исследования и мышления» [1]. Именно это говорит о том, что проблема текста очень разносторонняя, многополярная, емкая и сложная и чаще всего рассматривается на стыке вышеупомянутых наук с лингвистикой.

Лингвистическая наука развивается таким же путем как развивается человеческий язык, от простого к сложному и от частного к общему. В этой связи, если фонетика и фонология исследуют особенности человеческого языка на первом уровне структуры языка во взаимосвязи с его определенными физиологическими особенностями, то на следующем уровне языковой структуры, лексикология имеет тесную связь с вопросами восприятия и воздействия человеческого мозга на вещи и понятия его окружающего мира и их обозначения посредством символических и знаковых средств которые подлежат языковой репродукции, т.е. произношению, морфология рассматривает вопросы, которые указывают на навыки классификации и сортировки слов и лексических понятий по функциональным особенностям, и правильной их распаковки по функциям, а синтаксис непосредственно рассматривает вопросы закономерного формирования предложений, выражающие единицы мыслительных операций в соответствии с социально-коммуникативными навыками человека, социальными нормами (моральные ценности, жизненные принципы) в определенной социальной среде. Наряду с этим, наука о языке все это делает не только ради науки, а прежде всего для того, чтобы предохранить человеческий язык от хаотического развития и аморфности, которые могут наступить в результате отсутствия в языке определенных норм и требований, разрабатываемые наукой и для этого достаточно назвать алфавит, как первое важное достижение науки о языке. Следовательно, возникает вопрос о том, что какие тогда вопросы может рассматривать лингвистика текста. В связи с тем, что процесс человеческой коммуникации в таком быстроменяющемся информационными технологиями мире становится многополярным и

сложным, соответственно язык также приобретает многоаспектный характер, когда лингвистической науке возлагается уже оперировать не только словами, словосочетаниями, предложениями и закономерностями их взаимоотношений, а более сложными единицами как ССЦ и текст. Когда прослеживаются намеки на то, что текст не является предметом исследования лингвистики, то тогда можем сказать, что правильное поступательное развитие данной отрасли науки указывает именно на то, что уже сегодня, прежде всего языкознание, должно рассматривать концептуальные вопросы текста как наиболее сложной единицы человеческого языка, во взаимосвязи некоторыми другими отраслями современной науки. «Ориентируясь на коммуникацию, лингвистика текста сближается с такими дисциплинарными соседями, как теория действия, теория референции, когнитивная психология, контент-анализ, психолингвистика, социальная психология, социальная информация, антропология» [6,22-23]. Можно сказать, что такая ориентация лингвистики текста на современном этапе как никогда будет способствовать наиболее углубленному и всестороннему описанию сущности текста и в настоящее время почти во всех отраслях современной науки мы можем проследить подобного рода ориентации одной отрасли науки на другую, которые становятся научно-методологической закономерностью.

Важность изучения и исследования текста в современной лингвистике заключается в том, что именно на этом уровне прослеживается взаимоотношение языка с мышлением, проявляются социальный статус человека и его моральные ценности, а также взаимосвязь языка с другими отраслями науки. Наряду с этим анализ текста предполагает рассматривать текст во взаимосвязи со всеми уровнями языка как системы, а также со всеми единицами языка, как составляющие части текста, что представляет весьма сложную задачу и требует весьма скрупулезного и причем крайне осторожного подход. «Описывая основные содержательные и формальные единицы лингвистики текста, целесообразно, прежде всего, поставить вопрос об отношении текстовой составляющей в семантической структуре высказывания к остальным ее составляющим. Несомненно, что во всяком высказывании можно (как минимум) различать следующие стороны: референционную, относящуюся к действительности, модальную, передающую отношение автора высказывания, и собственно текстовую, коммуникативную. Очевидно, что лингвистика текста и должна заниматься этой последней стороной»[7,37-38]. Следовательно, коммуникативная сторона текста не поддается всестороннему анализу и интерпретации без учета других не менее важных сторон как референционной и модальной особенностей текста.

По мнению некоторых ученых определение целостности и границы текста не представляется возможным в рамках лингвистики. А.А. Леонтьев отмечает, что «целостность текста не определима лингвистически: тот текст целостен (и значит, является текстом), который воспринимается как осмысленное целесообразное единство» [4,28]. По мнению автора, оптимальным подходом к анализу более сложной единицы языка и речи – высказывания, как конструктивное целое, является комплексный подход на стыке языкознания, психолингвистики и теории коммуникации. Далее А.А. Леонтьев выражает мнение о том, что целостность текста определяется, прежде всего, коммуникативной интенцией, которая рассматривается в психолингвистике и теории коммуникации, в связи с чем, любая коммуникативная интенция может иметь в языке соответствующее обозначение, которое автор называет высказыванием. В определенной степени высказывание совпадает с понятием дискурса, и над этим вопросом мы можем остановиться тогда, когда речь будет идти о соотношениях речи, дискурса и текста.

Здесь нужно иметь ввиду, что текст для исследовании лингвистики представляется наиболее значимой и конкретной единицей, в связи с тем, что в тексте значительно меньше прослеживается некая аморфность, а также материальная сторона текста значительна прочна и имеет нормированную и оформленную посредством знаков структуру. Наряду с этим, как и высказывание, так и речь фиксируется посредством текста и текст, можно сказать, представляет определенную знаковую аналогию определенных отрезков речи и высказывания. Кроме того, пока еще современная наука не владеет таким методологическим инструментом, посредством которого можно было провести исследование и интерпретации речи и высказывания в целом без применения

текста, поэтому в любом случае мы обращаемся к тексту, применяем текст для научных изысканий, в крайнем случае в лингвистике.

Следует еще раз отметить, что исследование текста в современном языкознании говорит о поступательном развитии данной отрасли науки, которая изучает особенности языка в соответствии с уровнями, ярусами и этапами развития языковой структуры, развивая процесс исследования от простого, как звуки, фонемы, слова к сложному, как текст и речь. Здесь мы считаем важным привести мнение польского лингвиста М. Р. Майеновой о том, что «до недавнего времени очевидным считалось утверждение, что языкознание кончает свои наблюдения там, где кончается предложение. Тексты, состоящие из многих предложений, ускользают от наблюдений этой научной отрасли, которая целиком и полностью исчерпывается рамками широко понимаемой грамматики», однако сегодня стало очевидным, что анализ и интерпретация текста являются приоритетным направлением современного языкознания. Можно сказать, что в принципе лингвистика и до этого времени изучала текст, разбирая его по частям типа фонемы, слова, словосочетания и предложения. Относительно вопросов исследования текста в лингвистике можно сказать, что лингвистика может нам представить возможности очертания целостности текста, как об этом отмечает Т.М. Николаева, что «говоря коротко для одних – на первом месте текст целое, как законченная данность, и задача лингвиста: найти и описать те лингвистические особенности, которые и делают данный текст таковым, при этом возможны и обобщения – найти особенности текстов данного вида (жанра) или по-другому, найти языковые особенности автора данного текста, писателя. Важно также найти основные темы текста, основные идеи, разворачивающиеся в повествовании и манифестирующиеся в его языковой ткани на самых разных языковых уровнях. Таким образом, лингвистика текста пытается найти текстообразующие закономерности, пригодные для всех текстов»[7,38]. Далее вышеупомянутый автор высказывает мнение о том, что текстообразующих закономерности мы можем обнаружить в небольшой цепочке высказываний или даже в одном высказывании [7,38]. Следует отметить, что целостность является значимой особенностью и важной категорией текста, и поэтому каждый текст должен быть целостным, но никак невозможно найти или даже представить текста как таковой аморфный без целостности. Целостность текста можно сравнивать с таким понятием как монолитность и в свою очередь целостность состоит из трех важных компонентов, таких как единое логически последовательное содержание, неделимый стиль и целый жанровый тип, как текст рассказа, процедурный текст, описательный текст и т.д. Здесь можно прийти к такому выводу, что целостность может выступить как текстообразующей закономерностью и как важной категорией текста, без которой невозможно определить границы текста.

«Многие зарубежные и некоторые отечественные ученые указывают на невозможность чисто лингвистического определения текста, на неправомерность отнесения текста к языковым категориям» [9,15]. Однако, следует отметить, что явно видно и совсем нетрудно определить, что текст является продуктом языка и соответственно язык является предметом изучения языкознания. В таком случае как мы можем исключить текст являющийся составной частью и продуктом того изучаемого объекта языкознания, без которого данная отрасль полностью теряет свою суть.

Великие ученые, философы средних веков Востока также заинтересовались проблемами высказывания, предложения и речи и им удалось в определенной степени описать и интерпретировать эти понятия как основные взаимосвязанные единицы человеческого языка. В своей книге «Джамеъ ул-хикматайн» ученый-философ Носири Хусрав по поводу речи, высказывания и предложения (нутқ, қавл, калом) отмечает: «Нутқ мар нафси нотиқаро сифате ҷавҳарӣ аст. Ва он мафҳум аст ва мафъул, на маҳсус аст ва на мушор. Ва қавл аз нутқ асар аст ва бар ӯ далел аст - По мнению ученого речь у говорящего атрибутивное, прирожденное качество «говорящего существа», и она бывает мафҳум (познается как понятие или поддается познавать), мафъул (воздействующее, влияющее), на маҳсус (но, речь как абстрактное понятие, является качеством и она не поддается чувствам – она не видима, не слышима), на мушор (ее невозможно расчертить и показать – она не изобразима). Но предложение как результат речи, свидетельствует о существовании такого качества у человека как речь и предложение слышимо и является объективной стороной речи, именно под воздействием речи человек произносит

предложения. Далее Носири Хусрав отмечает: «Ва аммо калом маҷмӯи қавлҳо бошад, ки маънӣ ҷуз бад-он қавлҳо ва ба тартиби он гузорида нашавад. Чунон ки ба мисол касе гӯяд: «Имрӯз ба даргоҳи амир шудам ва бор хостам ва андешидам, ки агар бор нахоста, пеши амир шавам савоб набошад ва маро хор кунад. Ва чун бор хостам, амир чун донист, ки ман адаб нигоҳ доштам, маро пеш хонд ва лутф кард ва ҳоҷати ман раво фармуд кардан». Инро калом гӯянд, ки қавлҳои ба овоз гуфта ба тартиб андар ӯ маҷмӯъ бошад» [8,137] -И высказывание является совокупностью предложений, содержание, которых не могут выходить за рамки темы того же высказывания, а также высказывание не может образовываться без правильного взаимоотношения и согласоваанности этих предложений. Например, кто-то скажет «сегодня я сходил о дворец эмира и хотел к нему на прием, и я знал, что если без раннего согласия я выражаю желание зайти к нему, получится не по правилам и тогда он может ко мне относиться с неуважением. Поэтому я ранее согласовывал, о том, чтобы эмир меня принял. Из-за того, что я соблюдал все правила, эмиру было приятно, он принял меня и содействовал в решении моих вопросов». Это есть высказывание, в котором все высказанные предложения согласованы в одну целостность. Описание и классификация дискурса в работах R. Longacre и U. Weizemann в определенной степени совпадает с тем понятием, которое Носири Хусрав называет высказыванием и для сравнения следующую классификацию U. Weizemanna можно рассмотреть так: narrative discourse – сказительное высказывание (рассказ), procedural discourse – процедурное высказывание, expository discourse – описательное высказывание, behavioral discourse – поведенческое высказывание, мотивирующее к действию.

Далее ученый говорит о том, что предложение (қавл) является последствием и продуктом речи, а речь является свойством человечества, например, как только мы видим младенца, говорим: «грудной ребенок» и познаем что и он обладает речью, хотя мы ее не слышали. Следовательно, речь не может быть арабской, персидской, индийской, а это свойство человека вообще и посредством речи люди могут передать информацию, содержащую определенную языковую форму и структуру посредством звуков, букв и предложений. Поэтому та сила посредством которой совершается общение как действие, мудрецами названа речь (нутқ). Таким образом, по мнению Носира Хусрава, речь независимо от национальной, расовой принадлежности является свойством человеческой натуры. Однако предложение (қавл) и высказывание (калом) у каждого народа и нации имеют отличительные структурные и парадигматические особенности. Кроме этого, ученый высказывает мысль о том, что речь имеет определенны, своеобразны свойства и мотивирующую сущность для организации звука (овоз), предложений (қавл) и высказываний (калом).

Далее ученый говорит, что «пас, нутқ сухани дониста бошад ва ногуфта ва калом мантиқи гуфта бошад ва қавл ҷузвҳои калом бошад, ки ҳар якеро маъние бошад ва ҷумлагии он ҷамъ шавад бар гузоридани як маънӣ, ки он ҷуз бад-он қавлҳо гузорида нашавад» - Таким образом, речь (нутқ) представляет также и внутреннюю сторону человеческого языка и той информации, которая может быть и еще не высказана (т.е. внутренняя речь – примечание автора диссертации), а высказывание (калом) как сочетание предложений, представляет часть реализованной логически оформленной посредством предложений речи, которая уже вошла в коммуникативный процесс, а предложение (қавл) или фраза является составляющей частью высказывания. Все вышеупомянутые единицы языка, имея определенные функции и значения в совокупности могут применяться при описании одной темы или предоставления целостной информации единого содержания [8,25-213]. Как ученый отмечает «сухани дониста ва ногуфта» (осознаваемое внутреннее высказывание, но еще не высказанное) указывает на тот факт, что во внутренней речи существует некая текстуальность слов и предложений как формируемое высказывание, но еще не высказанное. Таким образом, в речи, точнее во внутренней речи еще содержатся определенные готовые формы, так называемые «полуфабрикаты», которые при необходимости сразу могут применяться в процессе общения.

В своем исследовании таджикский языковед Д. Ходжаев уместно отмечает, что в определение некоторых языковых понятий более сложного порядка как речь, высказывание и предложение интересна и ценна точка зрения Носира Хусрава для современного языкознания [10,20].

По поводу письменных вариантов речи, а точнее текста как предмета лингвистического изучения, конкретных изысканий из источников персидско-таджикской научной литературы еще не обнаружены и единственно можно сказать об одном, что в науке средневековья Востока язык рассматривался как коммуникативный процесс, с динамической точки зрения и как речевое поведение и письменная форма языка рассматривался просто под названием нома, т.е. «письмо», письменная форма речи, языка. О письме и навыках написания письма (нома ва номанигори), сочинения и красноречия были написаны книги, летописи, дидактические жития, наставления и статьи где рассматриваются вопросы оформления писем и их виды, о стиле написания и правильности предложений и употреблении слов и словосочетаний в речи, но большинства из этих произведений носили дидактический характер. Таким образом, если рассматривать с точки зрения персидско-таджикских классиков, то можно составить такую иерархию, включая текст в эту систему: речь – мыслительная и мыслимая, в целом абстрактная сторона языка, высказывание (дискурс, речевой акт) – произносимая и слышимая и в-общем коммуникативная сторона языка, текст – видимая, зримая, зафиксированная и в целом сохраняемая (стабилизируемая) сторона языка. Данная триангуляция составляет основу и если можно сказать суть человеческого языка.

Кроме главного вопроса «Что такое текст?» еще и другие вопросы лингвистики текста и по сей день остаются как сложные проблемы современного языкознания и подлежат скрупулезному научному подходу. Это, прежде всего, заключается в том, что в текст вложены непостижимые черты духовного мира человека, его психическое состояние, социальные нормы и ценности, а также знания и речевые навыки. Кроме того, в составлении текста применяется система знаков, которую человечество создавало в течение не одного тысячелетия вложив в нее свою душу и свое знание. В тексте различными способами описываются жизненные процессы, история, реальное состояние и возможные предвидения человека. Широкий круг вопросов рассматривается в области лингвистики текста и речи, главным из которых является из чего и как сделан текст. «Лингвистический анализ текста в аспекте стилистики языка должен дать ответ на вопрос из чего сделан текст. Лингвистический анализ в аспекте стилистики речи должен дать ответ, как сделан текст» [2,135-136]. Именно на такие вопросы пытается найти однозначный ответ современная отрасль – лингвистика текста. В связи с этим в течение последних пятидесяти лет написано заметное количество научных работ, однако и по сей день вышеупомянутые вопросы не находили однозначного и конкретного ответа. Единственно обнадеживающим кажется то, что вокруг этих главных вопросов проявляются другие вопросы, которые находят свои научно-обоснованные ответы, а далее они могут способствовать найти ответы на более глобальные вопросы лингвистики текста. В отличие от других отраслей языкознания для рассмотрения текста как сложнейшая языковая единица необходима специальная, достаточно основательная в научном плане методология, которая еще до конца не разработана и в отношении концепции данной методологии прослеживается еще много разночтений в научных изысканиях.

Следует отметить, что в лингвистике текста в настоящее время важны категории и коммуникативные особенности текста, и в этом плане текст может рассматриваться вокруг одного слова, если это слово воплощает в себя важные атрибуции как категории и основные коммуникативные особенности, применяемые к тексту, как например, в словах «Весна!», или «Пожар!», где имплицитом подразумевается определенное текстуальное содержание и текстуальная функция, а также в данном случае важную роль играет контекст. «Объединяют все эти столь разнообразные речевые произведения и их относительно законченные части прежде всего критерий смыслового единства и функциональный критерий коммуникативной значимости. Критерий смыслового единства можно применить и к однословному предложению высказыванию, например «Пожар!» и к цепочке предложений внутри целого произведения, объединенных единством темы, т.е. к сверхфразовому единству и к произведению самого большого объема, если понимать под смысловым единством целого произведения, его основную идею. Точно также применим и к однословному предложению «Пожар!» и к сверхфразовому единству, и к целому литературному произведению или научному труду функциональный критерий коммуникативной значимости» [5,13]. Естественно, в отношении предложений также будет применима данная гипотеза, которая может утвердить знаковость текста. Очень

важно отметить, что одно слово само по себе не может нести предикативную или коммуникативную нагрузку и оно только в контексте становится коммуникативной единицей. Слова в отдельности могут выполнять номинативно-понятийную функцию и только во взаимосвязи с другими единицами языка, в процессе коммуникации и в контексте они могут приобрести предикативную и информативную задачу и здесь особая роль принадлежит связности, как динамизирующий фактор языка в целом. «Наконец, не все тексты могут быть представлены в виде последовательности сверхфразовых единств - во всяком случае, если признавать, что и надписи типа «Вход воспрещен» или «Рвать цветы категорически запрещается» тоже являют собой особые тексты. Между тем текст относится к наиболее очевидным реальностям языка, а способы его интуитивного выделения не менее укоренены в сознании современного человека, чем способы отграничения и выделения слова, и основаны они на разумном предположении о том, что любое завершенное и записанное вербальное сообщение может идентифицироваться как текст, если, конечно, и сама завершенность текста подсказана нам тем или иным формальным способом» [3,72].

Поэтому очень важна в тексте категория контекста и именно контекст определяет текстуальность в вышеприведенных словах, а также в предложениях, которые применяются в качестве текста. При отсутствии коммуникативной среды и категории текстуальности, даже большой текст превратится в кучу неопределенных и непонятных знаков и рисунков, если не рассматривается в рамках определенной коммуникации. Например, старинные нераспознанные надписи до момента распознавания и чтения остаются всего лишь какими-то непонятными начертаниями и представьте текст на иностранном и незнакомом нам языке, где может быть всего лишь одно слово для нас понятно. В таком случае мы, может быть, воспринимаем данный информационный отрезка как содружество предложений или как текст об этом слове, хотя в реальности это может не так.

Прообраз текста – это, прежде всего зафиксированная в человеческой памяти речь или отрезок информации который является важным, необходимым для сохранения и передачи. Подобный тип статичной, зафиксированной информации, речи возник наряду с возникновением речи и человеческого языка в целом, и по определению Ю. Кристевой формирование прообраза текста происходит на уровне генотипа и фенотипа, которые еще не поддаются лингвистическому описанию. Естественное отличие современного текста от своего прообраза заключается в том, что он зафиксирован посредством знаковых систем и приобрел статическую материальную форму. Текст начал приобретать свою материализированную форму с тех пор, когда человек использовал пиктографию, разных знаков и символы на камнях, на стенах пещер, на глиняных табличках в культовых жестах и поведении при исполнении определенных обрядов, вырезок на лице, на лбу, на теле представителей племен. Единственно все эти текстовые прообразы были сотканы в контексте коммуникативной среды и были сплетены их содержания в памяти людей, они были вплетены в память человека и были более «контактны» или контекстуальными по сравнению с настоящим современным текстом, который существует дистантно – в книгах, в электронных и других носителях. В связи с этим можно сказать, что необходимо рассматривать вопросы текста и текстуальности также и за пределами письменных текстов, так как текстуальность возникла намного раньше, чем возникновение письма. Например, в языке большинства младописьменных народов можно обнаружить в большом и можно сказать почти в необъятном объеме информацию, т.е. устное народное творчество которое сохраняется в текстуальной форме веками, передаваясь из уста в уста в различных жанрах как целые поэмы, сказки, рассказы, песни, стихи, которые веками не имеют своих письменных аналогов и при этом сохраняют свою основную композицию и содержание. Возникновение письма в буквальном смысле сорвало из человеческой памяти этот прообраз, предоставляя новую возможность в коммуникации и этим оставляя в забвении историческую память древнего человека. Посредством письма постепенно происходит формирование текста как обусловленная знаком форма человеческой мысли. Первые компоненты текстуальности начали формироваться как первые «коммуникативные импульсы», которые зафиксировались в памяти с целью дальнейшего применения, т.е. репродукции и усовершенствования в среде общения определенного сообщества людей. Как отмечает Долгова, письменная форма возникала исторически на

базе устной как средство фиксации и поэтому мы можем рассматривать текст не только как письменное оформление речи, а текст охватывает определенные психологические и социальные особенности. Можно сказать, что именно запоминание коммуникативных импульсов и их репродукция заложили основу текстуальности в начальном этапе формирования человеческого языка, который постепенно усовершенствовал свои два полюса – речь и текст. Как речь, так и текст как две неразрывные стороны человеческого языка начали развиваться еще с самого начала формирования человеческого сообщества. Общеизвестно, что на этой стадии речь берет свое начало с первых звуков, изданных человеком с целью выражения своих целей своему оппоненту, адресату, а текст берет свое начало с момента запоминания и репродукции первых элементарных единиц выражения мысли как звуки, жесты, знаки. Именно этот процесс усовершенствовался до уровня современного текста как важная и в определенной степени сложная единица языка.

Л Е Т Е Р А Т У Р А

1. Бахтин М. Проблема текста в лингвистике, филологии и других гуманитарных науках //www.gumer.info
2. Кожин А.Н., Крылова О.А., Одинцов В.В. Функциональные типы русской речи. – М.: Высшая школа, 1982. -С. 135 – 136.(– 223 с.).
3. Кубрякова Е.С. О тексте и критериях его определения// Текст. Структура и семантика. Т. 1. - М., 2001. (- С. 72-81.) – С. 72.
4. Леонтьев А.А. Высказывание как предмет лингвистики, психолингвистики и теории коммуникации //Синтаксис текста. Отв. ред. Г.А. Золотова. – М.: Наука, 1979. -С. 28. (С. 18 – 36).
5. Москальская О.И. Грамматика текста. – М., 1981. – С. 13.
6. Николаева Т.М. Лингвистика текста. Современное состояние и перспективы// Новое в зарубежной лингвистике. Вып. 8. Лингвистика текста / Отв. ред. Т.М.Николаева. - М.: Прогресс, 1978. – С. 22 – 23. (- 479 с.).
7. Николаева Т.М. О функциональных категориях линейной грамматики//Синтаксис текста. Отв. ред. Г.А. Золотова. – М.: Наука, 1979. - С. 37. (С. 37 – 48).
8. Носири Хусрав. Ҷомеъ ул-ҳикматайн //Куллиёт. – Душанбе: Ирфон, 1991. - С. 137 (С. 25 – 213.
9. Солганик Г.Я. Синтаксическая стилистика. – М.: Высшая школа, 1991. - С. 15.
10. Ходжаев Д. Таджикская лингвистическая мысль. Авторефер. диссер. докт. филол. Наук. - Душанбе, 2003.- С. 20.

О ЛИНГВИСТИКЕ ТЕКСТА

В статье речь идет о теоретических особенностях нового направления в науке о языке – лингвистике текста. Продвижение лингвистических учений в сторону социальных и культурных особенностей языковых материалов и прежде всего текста утверждает практическую действительность и поступательное развитие данной науки. Последние достижения современной лингвистики указывают на успешное развитие лингвистики текста, хотя и в ней немало противоречивых концепций.

Ключевые слова: текст, лингвистика, единицы текста, структура, семантика, коммуникативность.

ABOUT TEXT LINGUISTICS

In article it is a question of theoretical features of a new direction in a science about language - text linguistics. Advancement of linguistic doctrines towards social and cultural features of language and first of all the text, confirms the practical validity and forward development of the given science. Last achievements of modern linguistics are specified in successful development of linguistics of the text, though nowadays in it not few inconsistent concepts.

Key words: the text, linguistics, text units, structure, semantics, communication.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Зайнидин Мухторов*** – доцент кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета. Эл. почта: **mukhtorov67@gmail.com** Телефон: **907801822.**

СОХТОРИ ҶУМЛАИ СОДА ДАР ЗАБОНҲОИ ФОРСИИ БОСТОН ВА АВЕСТОӢ

Ф.Х. Шарипова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҷумла воҳиди бузургтарини забон аст, ки аз гурӯҳи калимаҳои тавассути робитаҳои грамматикӣ бо ҳам алоқаманд иборат мебошад.

Сохтори ҷумлаи имрӯза маъмулан чунин шакл дорад: фоил-мафъул-феъл. Сохтори ҷумлаи забонҳои форсии бостон бо сарфи калимаҳо аз рӯи ҳолатҳо ва бо замимаи пешояндҳову пасояндҳо шакл мегиранд. Тартиби калимаҳо дар ҷумла дар забони авестоӣ ва форсии бостон озод аст [2,3]. Ҷойгоҳи вожа бар хилофи сохтори маъмулии ҷумлаи имрӯз комилан озод аст [2,8]. Хонларӣ андешаи муҳаққиқони забони форсии бостонро тақвият дода, мегӯяд: “Низоми аҷзои ҷумла дар порсии бостон тобеи қоидаи собит ва воҳиде нест, зеро ки сурати сарфии калимот мақом ва робитаи онҳоро дар ҷумла муайян мекунад ва пас ва пеш будани аҷзои ҷумла дар ин амр таъсире надорад”[2.15,194].

Дар ин бора Хусрави Фаршедвард мегӯяд: “Усулан тартиби хоси аҷзои ҷумла дар форсӣ аз нишонаҳои сохтмонии ҷумла аст ва тартиби аҷзои ҷумлаҳои басити одии феълӣ ба таври куллӣ чунин аст: Муснадунилайҳ+вобастаи феъл+феъл ё гурӯҳи феълӣ”[2.14,116]. Барои мушаххас намудани ҷойи аъзои ҷумла дар забонҳои форсии бостон матни зеринро бо шарҳи маънои вожа ва сохти сарфии онҳо меорем:

Vīspȳ tē Ahurō mazdå huuapō vaŋuhiš dāmąn ašaoniš yazamaidȳ. “Ҳамаи офаридагони нек ва поки туро, Аҳуромаздои меҳрубон, меситоем”[1,1] (Авесто).

Vīspȳ- ҷонишини муштарак ба маънии “ҳама”, “ҳар” дар ҳолати роӣ ё Acc., шакли ҷамъ, ҷинси миёна; **tē**- ҷонишини ишоратии “ин”; **Ahurō**- исми мардона “сурур, Худовандгор”; **mazdå**- сифат ба маънии “хирадманд” ҷинси мардона, шахси танҳо, дар ҳолати фоилӣ; **huuapō**- сифат ба маънии “меҳрубон”, ҷинси мардона, шакли танҳо, мураккаб аз **hu**- “нек” ва **āpah** “кор”; **vaŋuhiš**- сифат ба маънии “нек, хуб”, ҷинси занона, шакли ҷамъ, дар ҳолати роӣ; **dāmąn**- исми миёна “офарида” дар ҳолати роӣ, шакли ҷамъ; ašaoniš- сифат ба маънии “парҳезгор” ҷинси занона, шакли ҷамъ, дар ҳолати фоилӣ**; yazamaidȳ**- феъли монда, замони ҳозира “меситоем”.

Аз файласуфони Юнони қадим ба баъд таркиби каломро иборат аз исм, феъл ва ҳарфи рабт медонистанд ва ин нукта то ҳол побарҷост, яъне “мубтадо ва хабар аъзоҳои асосӣ ва ташкилдиҳандаи ҷумла буда, аломатҳои асосии грамматикии ҷумла маҳз дар онҳо акс меёбад”[2.1,227].

Ҷойи мубтадо дар ҷумла мувофиқи вазифаи наҳвиаш, ки амали хабар ба он нигаронида шудааст, маъмулан дар аввали ҷумла аст. Чунончи:

Hauv ҷšāyaθiya aīava Pārsaiy.“Ӯ дар Порс шоҳ шуд” [1,1].

Ба вазифаи мубтадо ҷонишини шахси сеюми танҳо дар ҳолати фоилӣ ё Nom. hauv “ӯ”омадааст.

Auramazdā manā upastām īaratuv. “Аҳурамаздо ба ман ёрӣ кард”.

Мубтадои ҷумла вожаи **“Auramazdā**” дар ҳолати фоилӣ ё Nom қарор дошта, исм барои ифодаи он омадааст.

Мубтадо баъзан дар мобайни ҷумла меояд:

Mām Auramazdā pātuv. “Маро Аҳурамаздо бипоёд”.

Мумкин аст, ки феъл пеш аз фоил барои таъкид биёяд:

Θātiy Dārayavauš ҷšāyaθiya «Гӯяд Дориюш шоҳ».

Ҷумлаи зерин дар осори катибаии форсии бостон дар ҳамин шакл борҳо омадааст. Дар забони тоҷикӣ барои таъкиди маънои аъзои ҷумла, инверсия, дар сурати дар аввал будани он чун мубтадо ба охири ҷумла ва агар ҷойи аъзои ҷумла маъмулан дар охир бошад, чун хабар онро ба аввали ҷумла меоранд. Хабар дар забони авестоӣ бештар дар аввал ва мобайни ҷумла меояд.

Pərəsaţ Zaraθuštrō Ahurəm mazdąm. “Пурсид Зардушт аз Аҳурамаздо” (Авесто).

Дар ҷумлаи зерин мубтадо (**Ардависура**- рӯди бузурги Эрони бостон) дар охири ҷумла омадааст.

Noiƫ ahmāi daθaƫ taƫ avaƫ āyaptəm **Arədvī sūra** Anāhita. “Ардависураи Аноҳито ӯро комёбӣ набахшид” (Авесто).

Исми ҷамъ дар форсии бостон маънии маъмулии худро дорад, аммо баъзан сохти муфрад метавонад маънии ҷамъро баён кунад, ба монанди

Aniyahyā **asam** frānayam māniyam «Барои бақия асп (ҳое) таҳия кардам».

Хабар маъмулан дар охири ҷумла меояд:

Auramazdām **ayadaiy**.“Аҳурамаздоро мепарастидам”.

Хабар дар мобайни ҷумла меояд:

Tąm **yazata** yō daδvå Ahurā mazdå Aiṛyūnӯ vaējahi.“Ӯро бисутуд Аҳурамаздо дар Эронвиҷ”(Авесто).

Феъли yazata ба вазифаи хабар омада аз асоси **yaz** “сутудан” ва бандаки навъи дуюми шахси сеюми танҳо **-ta** сохта шудааст.

Феъли ёвари «будан» барои шиддат бахшидан дар аввали ҷумла меояд, ба монанди **naiy āha** martiya «набуд марде».

Хабарҳое, ки бо феълҳои таркибии номӣ ифода гардидаанд, марбут ба мафъули як феъли кунишӣ маъмулан аз пайи пуркунанда ё мафъул меоянд, монанди:

Hya dārayavaum xšyam a**kunau**š. «Касе ки Дориюшро **шоҳ кард**».

Avaiy Ūvδiyā **arikā āha**.“Он Хузиён бевафо буданд”.

Аммо баъзан пеш аз мафъул меояд:

Ha(r)uvahyāy (ā ЙUy)ā mar(tiyam) mām avar (navatā) «Дар тамоми ин **сарзамин** маро чун мард бартар баргузинад» (Авесто).

Дар ҷумла ду ё чанд фоил ё мафъул вуҷуд дошта бошад, фоил ё мафъули дувум ва баъдӣ маъмулан пас аз феъл меояд:

Pasāva Vaumisa manā Pārsa **namā īadaka** avam adam frāišayam **Arminam**.“Пас Ваумиса ном порсӣ бандаи ман, ӯро ман ба Арманистон фиристодам”.

Мафъул ё пуркунанда баъзан дар ҷумлаи форсии бостон пеш аз фоил барои таъкид меояд: **Ҷšaçam** hauv agarīāyatā. «Шоҳеро барои худ гирифт».

Ava adam patipadam akunavam «Онро ман ба ҷойи худ баргардонам».

Пуркунандаи бавосита (мафъули ҷайрисареҳ) мумкин аст пеш ё пас аз пуркунандаи бевосита (мафъули сареҳ) ё пас аз феъл қарор гирад:

Auramazdā ҷšaçam **manā** frāīara «Аҳуромаздо **шоҳиро ба ман** ато кард».

Hya adadā šiyātim **martiyahyā** «Касе ки дод шодиро ба мардум» .

Ana **mąm yasna** yazaēša. “Ба ростӣ маро бо ин ситоиш биситой”(Авесто).

Бархе аз ҷумлаҳои сода ду ва зиёда пуркунанда доранд. Дар ҷумлаи зерин вазифаи пуркунандаро ҷонишини шахси дуюми танҳои **ϑwā**“ба ту” ҳолати боӣ ё Ins. ва пешоянди paiti **“ба”** дар робита бо калимаҳои мустақил анҷом додаанд.

Ahyā **ϑwā** āϑrō vərəzēna paouruyē **paiti** jasāmaidӯ ϑwā **ϑwā** mainyā spēništā. “Нахуст ба миёнҷии куниши Озар ва ба дастёрии Сипандменуи ту ба ту наздик мешавем” (Авесто).

Ahmya zaoθrӯ īarəsmanaēča ratavō mainyava āyūsӯ yūšti. “Бо завр ва баресман хостори ситоиши радони менавиам”(Авесто).

Zaoθrӯ- чизе ки дар он ниёиши вежаи динӣ дамида шуда, пешкаш гардад; īarəsman- шохаҳои тари басташудаи анор, ки дар равиши “Ясна” ва “Вандидод” ба кор бурда мешавад. Исмҳои zaoθre, īarəsmanaēča ба василаи анҷомаи ҳолати боӣ ё Ins. ба вазифаи пуркунанда омадаанд.

Муайянкунанда, ки барои шарҳи муайяншаванда, яъне барои тавзеҳи хусусият(мавсуф) ва соҳибият (дар музофунилайҳ) ба кор меравад, дар ҷумла баъд аз муайяншаванда меояд:

Vašnā **Auramazdāha** Vištāspa avam kāram tyam **hamiçiyam** aδa vasiy. “Ба хости Аҳурамаздо Виштосп он сипоҳи нофармонро бисёр зад”.

Вожаи hamiçiyam “нофармон” сифат дар ҳолати роӣ ё Acc. мебошад.

Tąm yazaata taҷmō Tusō raθaēštārō īarəšaēšu paiti aspanąm. “Туси паҳлавони ҷанговар бар пушти асп ӯро бисутуд”.

Tąm- ҷонишини ишоратии “ин” дар ҳолати рои ё Acc.,

yazaata-“сутудан”, феъли гузарандаи шахси дуюми танҳо

Taҷmō- “нерӯманд, паҳлавон” raθaēštārō-“ҷанговар”

Tusō- “Тус”исми хос, дар ҳолати изофӣ ё Gӯn.

Raθaēštārō- “ҷанговар”, дар ҳолати изофӣ

Īarəšaēšu- “пушт” шакли ҷамъ, ҳолати дарӣ ё Loc.

Aspaną̄m-“асп”, шакли ҷамъ, ҳолати изофӣ ё Gȳn.

Jaiδyantō- тӯпзан, ҷанговар

Дар “Авесто” муайянкунандаи чидашуда дар таркиби ҷумла мавҷуд аст. Чунончи дар матни зерин аз Яштҳо сифатҳои spaēta “сафед”,īərəzanta “бузург”, hamagaodəhō (hama пешванд ба маънии “ҳама, як” ва gaodəhō “ранг”) “якранг”, hamanafaēni “якнажод” омадаанд:

Yȳńhȳ čaθwāru vaštārā **spaēta** vispa **hamagaodəhō hamanāfaēn**i **īərəzanta** “Ӯст, ки бо чаҳор аспи бузурги сафед, якранг ва якнажод...”(Авесто).

Ҳол аз рӯи вазифаи худ, ки аломати амал, тарз ва шароиту вазъияти воқеъ гардидани амалу аломат ва ҳолатро мефаҳмонад, дар форсии бостон маъмулан пеш аз хабар меояд:

Kārašim hača daršam atarsa. “Мардум аз ӯ сахт метарсиданд”.

Daršam- “сахт” шакли Acc.

Ҷšaçam tya Īāīirauv hauv agarīāyatā. Шоҳиро ӯ дар Бобул гирифт.

Īaīirauv ба василаи ҳолати дарӣ ё Loc.маконро далолат мекунад.

Барои таъкид ҳол мисли хабар метавонад дар аввали ҷумла ояд:

Dāyā mē āsu ҷᵛāϑrəm āsu ϑrāitīm! “Зуд маро кушоиш бибахш! Зуд маро паноҳ бибахш!”(Авесто).

Дар матни Авесто ҳоли тарзи амал, ҳоли макон ва ҳоли миқдору дараҷа чида шуда омадаанд.

Tą̄m yazata **aspāyaoδō** Zairi vairiš **pašnȳ āpō Dāityayå** satəm **aspā**… anumayanąm. Зарир размкунон бар пушти асп дар каронаи оби Дойитиё сад асп ... пешкаш овард”(Авесто).

Дар таркиби ҷумлаи забони форсии бостон ба ғайр аз сараъзо ва аъзоҳои пайрав калима ва ибораҳои дигар, ба монанди аъзои истисноии ҷумла, воҳидҳои тавзеҳӣ ва мухотаб, ки вазифаҳои гуногуни наҳвӣ доранд, ҷой доранд. Чунончи дар матни зер аз “Авесто” аъзои истисноии тавзеҳии “ситораи ройманди фарриҳманд” бар тавзеҳи исми Тиштар омадааст:

Tištrīm stārəm raēvantəm ҷᵛarənaǹuhantȳm yazamaidȳ.“Тиштар, ситораи ройманди фарриҳмандро меситоем”(Авесто).

Tigra nāmā didā Arminiyaiy avadā.“Тигро, ном диже дар Арманистон, он ҷо...”(Ф.б.)

Дар мутуни Авесто мухотаб ё мунодӣ, ки ба василаи иловаи анҷомаи ҳолати нидоӣ ё Vocativȳ ба исм сохта мешавад, корбасти фаровон дорад. Хитобаҳои Spitama Zaraθuštra “Эй Спитамени Зардушт”, Amȳšā spȳnta “Эй Амшоспандон”, Ahura mazda “Эй Аҳурамаздо”дар дохили ҷумла бо ирҷоъ баҳри талабу ситоиш омадаанд.

Сохти бе тасалсул (бе силсила,бе пайдарпай) иборат аст аз корбурди як унсури дастурӣ дар сохте, ки таваҷҷуҳи он дар бақияи ҷумла маълум набошад. Ин падида дар форсӣ дар иртибот бо ибораҳои барсохта бо nāmā, бо шаҷараҳо ва фарокардҳои мавсулӣ ба назар мерасад [2,8]. Дар форсии бостон баъд аз исмҳои ашхос ва макон вожаи nāmā меояд: Aršādā nāmā «Аршода ном». Дар баъзе аз қитъот баъд аз чунин иборот вожаи āha «буд» омада, як ҷумлаи комилро ташкил додаст.

Ҷузъҳои дигари ҷумла дар ҷойгоҳ озоданд, яъне метавонанд дар аввал ё дар миёни фоил ва феъл ва ё дар охири ҷумла қарор гиранд. Ба монанди ибора ва калимаҳои hača paruviyata «аз қадим», vašna Auramazdā «ба хости Аҳуромаздо»- дар 63 маврид аз 77 бор дар аввали ҷумла омадааст, pasāva «сипас» дар 77 маврид аз 82 маротиба дар аввали ҷумла омадааст. Дар аввали ҷумлаҳо калимаи ёридиҳандаи “сипас” дар форсии бостон pasāva ва дар забони авестоӣ āat корбасти зиёд дорад. Дар ҷумлаҳое, ки шаҷараи номҳои Ардашер омадааст, вожаи писар puça пас аз ҳар номи ин шаҷара омада, дорои сохти фоилӣ аст.

Ибораҳои “шоҳи шоҳон”, “ба хости Аҳурамаздо” ва “мефармояд шоҳ” дар осори форсии бостон зиёд ба назар мерасанд ва Боғбедӣ сабаби корбасти ин ибораҳоро дар таъсири он аз забонҳои бобулӣ ва урартуӣ ва роҳ ёфтани он ба воситаи забони модӣ ба форсии бостон медонад. Инчунин корбурди ҷумлаҳои кӯтоҳ

ва такрори вожаҳои аслии катибаҳоро ӯ ба сабки нигориши оромӣ монанд мекунад [2,5].

Аксаран вожаҳо дар форсии бостон хориҷ аз чорчӯби ҷумла қарор доранд, ки ин ҳолатро «ҳолати саргардон» гӯянд [2,8;2,16]. Чунончи:

martiya haya āg(a)riya āha- avam uīṛtam aīram «Марде, ки фармонбардор бударо подош додам».

Дигар аз вижагиҳои ҷумлаи форсии бостон истифодаи ҷумлаҳои тавзеҳист, ки барои нишон додани номҳои афрод ва номҳои ҷуғрофиёӣ (камбасомад) ба кор мераванд, ки ин иборотро «муътаризаҳои исмӣ» меноманд [2,9,145].

Tigra nāmā didā Arminiyaiy – avadā «Тигро ном диже дар Арманистон- он ҷо…»

Мавҷудияти мубтадо (исм) ва хабарро (феъл ё калима) муҳаққиқони замони антиқа то ба муҳаққиқони асрҳои миёнаи Шарқ ба баъд шарти асосии сохтории ҷумла медонанд. Ҷумлаи содаи иборат аз сараъзоҳо- мубтадо ва хабар, яъне ҷумлаи хуллас дар забони форсии бостон ва “Авесто” ба нудрат ёфт мешавад ва он ҳам дар ҷумлаҳои аз қабили

ϑātiy Dārayavauš ҷšāyaθiya.“Шоҳ Дориш гӯяд”.

Mraot Ahurō mazdā “Аҳурамаздо посух дод”. Pərəsaʒ Zaraθuštrō “Пурсид Зардушт” (Авесто).

Ҷумлаҳои бе феъл аз қадимтарин замонҳо, яъне аз аҳди бостон дар забони форсӣ собиқа доранд. Ҷумлаҳои содаи яктаркибаи номӣ дар Авесто бештар дар шакли ҷумлаҳои хитобӣ вомехӯранд.

Nəmō Ahurāi mazdāi. Дуруд бар Аҳурамаздо! (Авесто)

Дар осори катибаии форсии бостон ҷумлаи яктаркибаи номӣ бештар барои муаррифии шоҳон ба шакли хитоба омадааст, ба монанди

Adam Dārayavauš ҷšāyaϑiya vazraka ҷšāyaϑiya ҷšāyaϑiyānām… “Ман, Дориюш-шоҳи бузург,шоҳи шоҳон... ”

Adam Kūrūš ҷšāyaϑiya Haҷāmanišiya. “Ман Куруш- шоҳи Ҳахоманишӣ”.

Дар “Готҳо” ва “Яштҳо”, хитобаҳо, ки ба риштаи назм кашида шудаанд, дар шакли ҷумлаҳои яктаркибаи номӣ бештар ба назар мерасанд:

Mraot Ahurō mazdå	Гуфт Аҳурамаздо:
spitamāi Zaraθuštrāi	Спитамони Зардуштро:
aēva tē zāvarə aojasča	Эдун туро дар бораи зӯру неру
frmrava ərəzvō spitama.	Фарру ёриву пуштибонӣ (Яштҳо)

Табиист, ки ҷумлаҳои яктаркибаи феълӣ нисбат ба ҷумлаҳои яктаркибаи номӣ дар осори форсии бостон зиёдтаранд, зеро амали фоил ба мафъул гузашта, дар натиҷа хабар бо пуркунанда меояд:

Tištrimča yazamaidӯ.“Тиштарро меситоем”(Авесто).

Ana yasna ayarəm ϑri.ҷšaranəm.“Бо ин ситоиш ойини маро баргузор”(Авесто).

Aҫa vasiy Viyaҷnahya māhyā VII raučaīiš ϑakātā. “Аз моҳи Вияхна 7 рӯз гузашта буд”.

Ҷумлаи содаи дутаркибаи тафсилӣ ҷумлаи маъмулӣ дар осори форсии бостон маҳсуб меёбад:

Ḫauv ҷšāyaϑiya aīava Īāīirauv. “Ӯ дар Бобул шоҳ шуд.”

Āat yimāi vaēδaēm paiti.“Пас эшон ба Ҷам лоба карданд”(Авесто).

Ҷумлаи форсии бостон аз ҷиҳати мақсад ва оҳанг аз гунаҳои ҳикоягӣ, саволӣ, хитобӣ (амрӣ, нидо, таманно), иборат аст. Дар ҷумлаҳои хитобӣ аз баёни матлаби гӯянда аён мегардад, ки ҷумла ҷумлаи амрӣ, нидо ё таманно аст. Муқоиса шавад:

-Ҷумлаи таманно:

Nəmō Miϑrāi vouru.gaoyaotēӯ hazaṅrō.gaosāi īaēvarə.čašmainӯ!“Дуруд бар Меҳри фарохчарогоҳи ҳазоргӯши даҳҳазорчашм!”(Авесто).

-Ҷумлаи амрӣ

Påṅhahӯ aṅhuϑwəča ratuϑwəča. “Ту ҷаҳониёнро аҳу ва рату бош! (Авесто)

Surunuyå nō yasanahӯ! Ҷšnuyå nō yasanahӯ! “Ба ситоиши мо гӯш бидеҳ! Ситоиши моро бипазир”(Авесто).

-Ҷумлаи хитобӣ ё мунодӣ, ки матлаби он ручӯъ аст:

ZaraϑuštraašāumYima srīra vivaṅhana“Эй Зардушти ашаван! Эй Ҷами ҳурчеҳр, писари Вайвангҳаон!”(Авесто).

Дар ҷумлаҳои саволии осори форсии бостон матлаби гӯянда ба тариқи пурсиш ифода ёфта, бештар аз рӯи маъно ва мазмун риторикӣ мебошанд.

Yąm ϑrityąm kva aētąmčiţ ҷšapanəm havō urva vaήhaiti? “Дар дувумин шаб равонаш дар куҷо ором гирад?”(Авесто)

Ҷумлаҳои саволии хоса, ки аз рӯи матлаб ҷавобро тақозо мекунанд дар муколама омадаанд:

Kuϑa hiš azəm kərənavāni? Asanəm avi frašusāni zam avi ni.urvisyāni? Āat mraot Ahurō mazdā: Mā avi asmanəm frašusa! Mā avi ząm ni.urvisȳ! Iϑa mē tūm ham.čaraήuha antarə.arəδəm nmānahȳ srīrahȳ ҷšaϑrō.kərətahȳ! “Бо шумо чӣ кунам? Ба осмон фаро равам? Ба замин фурӯ равам? Он гоҳ Аҳурамаздо гуфт: Ба осмон фаро марав! Ба замин фурӯ марав! Ҳамин ҷо дар саройи хусравонаи ман бимон!” (Авесто)

Ҷумлаҳои нопурра, ки бештар дар таркиби ҷумлаи мураккаб меоянд, дар ин қитъаи шеъри форсии бостон* омадаанд:

Йaga wazarkah Ahuramazdāh	Худои бузург аст Аҳурамаздо,ки ин бумро дод,
hyah imām йūmim adāt	ки он осмонро дод,
hyah awam asmānam adāt	ки мардумро дод,
hyah martyam adāt	ки шодиро дод мардумро.

Hyah šyātim adāt martyahyā.

Аз таҳлилу ташхиси ҷумлаи забони форсии бостон ва “Авесто” дар бораи тафовути он аз забони форсии миёна ва нав ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1. Корбурди ҷумлаҳои кӯтоҳ ва такрори вожаҳои аслии ҷумла, ки дар бисёре аз катибаҳо дида мешавад, сабки нигориши оромиро ба ёд меоварад.

2. Назми вожаҳо дар ҷумла ба андозаи кофӣ озод аст, ки аз вижагиҳои забонҳои флексияи бой дошта мебошад.

3. Алоқаи байни калимаҳо ба василаи вижагиҳои сохторӣ, яъне аз рӯи вижагиҳои морфологӣ, мушаххас мешавад.

4. Калимаҳо дар ҷумла хориҷ аз чаҳорчӯби ҷумла қарор доранд ва ин ҳолатро “ҳолати саргардон” гӯянд, яъне алоқа байни чунин ҷумлаҳои аз ҷиҳати мазмун гуногун ба воситаи пайвандак сурат мегирад.

5. Василаи алоқаи байни калимаҳо дар ҷумла ҳолатҳо (дар форсии бостон 7 ҳолат ва дар забони авестоӣ 8 ҳолат) ва пешояндҳо мебошад.

Martiya haya āg(a)riya āha- avam uīrtam aйaram “Марде, ки фармонбардор буд, ӯро подош додам”.

6. Хелҳои зиёди пешояндҳо барои ифодаи маъноҳои якхела ва мухталиф истифода мешаванд.

7. Аҷзои мутаҷониси ҷумла ба василаи пайвандакҳои ča “ва”, vā “ё”, uta†“ва” алоқаманд мешаванд.

8. Хабар бештар дар аввал ва мобайни ҷумла (хусусан дар Авесто) меояд.

9.Овардани ҷумлаҳои мӯътариза ё калимаҳои тавзеҳӣ, ки барои нишон додани номҳои афрод ва номҳои ҷуғрофӣ меоянд, ба назар мерасанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Сарчашмаҳо

1.1 رایشلت ه. رهیافتی به گهان زردشتی و متنهای نواوستای.گزارش جلیل وستخواح.-تهران:ققنوس، 1386.-738ص.

2.**Адабиёти илмӣ**

2.1.Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. ч.II. – Душанбе: Дониш, 1986. —372 с.

2.2. Саймиддинов Д. Форсии бостон.-Душанбе:Пайванд, 2007.-190с.

2.3. Соколов С.Н. Авестийский язык.-М.,1961.-116с.

2.3ابولقاسمی م. تأریخ زبان فارسی.- تهران،1385.-320ص.

2.4ابو القاسمی م. راهنمای زبانهای باستانی ایران.ج.1 و ج.2- تهران،1389.

2.5باغبیدی ح. تاریخ زبانهای ایرانی.-تهران،1388.-240ص.

2.6باقری م.تأریخ زبان فارسی.-تهران،1386.-212ص.

*. Матни зер чандин бор дар катибаҳои шоҳони Ҳахоманишӣ омадааст.

† Пайвандаки пайвасткунандаи “ва” дар форсии бостон UTA, дар форсии миёна Uç ва дар форсии нав U мебошад.

2.7گویری س. زبان و خط اوستای.- تهران،.1388.-214ص.
2.8 کنت ر.گ. فارسی باستان.ترجمه سعید عریان. تهران،1384.-711ص.
2.9 راهنمای زبانهای ایرانی.ویراستار رودیگر اشمیت.ج.1 و 2.-تهران،1386
2.11 رضی ه.دستور زبان اوستایی.-تهران:فروهر،1368.-591ص.
2.12رضی ه.آموزش خط میخی فارسی باستان.- تهران:بهجت،1389.-247ص.
2.13فرشیدورد خ. جمله و تحوّل ان در زبان فارسی.-تهران،1382.-556ص.
2.14فرشیدورد خ. گفتارهای در دستور زبان فارسی.-تهران،1375.-466ص.
2.15خانلری پ. دستور تاریخ زبان فارسی.- تهران:انتشارات توس،1388.-288ص.
2.16جکسن و. دستور زبان اوستایی. ترجمه رقیه بهزادی.-تهران:فرزین،1376.-496ص.

2. Адабиёти ёрирасон

فرهنگ ایران باستان.پُرداوُد ا.- تهران،1380.-371ص3.1
فرهنگ واژه های اوستا. بهرامی ا.- تهران،16631369ص.- 3.2

СТРУКТУРА ПРОСТОГО ПРЕДЛОЖЕНИЯ В ДРЕВНЕПЕРСИДСКОМ И АВЕСТИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В статье рассматриваются строение предложения, члены предложения, наличие разновидностей предложения в древнеперсидском и авестийском языке. Приведены примеры с главными и второстепенными членами предложения в вышеуказанных языках.

Ключевые слова: Члены предложения, подлежащее, сказуемое, определение, дополнение, обстоятельство, виды простого предложения.

A STRUCTURE OF A SIMPLE SENTENCE OLD PERSIAN AND AVESTIAN LANGUAGES

In the article Structure of sentence, parts of a sentence, presence of varieties of sentence in old persian and avestian languages are presented. Eљamples are presented with the main and minor sentence parts of the higher indicated languages.

Key words: Parts of sentence, suïject, predicate, attriïute, oïjўct, circumstancў, typўs of simplў sўntўncў.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Ф.Х.Шарипова*** **-** докторант Таджикского национального университета

ЧАШМАНДОЗЕ БА ЛУҒАТНОМАНИГОРИИ СОҲАВӢ–ИСТИЛОҲИИ АНГЛИСӢ-ТОҶИКӢ

Абдусалом Мамадназаров
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Луғатномanигории (лексикографияи) истилоҳии тоҷик дар соҳаи таҳияи луғатномаҳои истилоҳии дузабонаи англисӣ-тоҷикӣ дар даҳсолаи охири садаи гузашта оғоз гардида, дар солҳои охир ба дастовардҳои назаррас ноил гардидааст.

Луғатномanигории истилоҳотӣ, ки ба масъалаҳои таҳияи луғатҳои истилоҳӣ машғул аст, яке аз фаъолиятҳои муҳим дар соҳаи истилоҳороӣ буда, барои ба низоми муайян даровардан ва стандартикунонии истилоҳот дар ҳамаи соҳаҳои илм дар ҳар як забони миллӣ саҳми назаррас мегузорад. Луғатномаҳои дузабонаи истилоҳии англисӣ-тоҷикӣ яке аз намудҳои хеле муфид ва қуллай барои дастрас кардани истилоҳоти зарурии соҳаи муайян мебошанд.

Дар ин мақола мо фақат луғатномаҳои соҳавии дузабона ва чандзабонаи англисӣ-тоҷикиро мавриди таҳқиқ қарор медиҳем (барои луғатномаҳои тафсирӣ ва тафсирии соҳавии забони тоҷикӣ ва тоҷикӣ-русӣ ва русӣ-тоҷикӣ ба мақолаҳои дигари эшон муроҷиат кунед). Таҳияи луғатномаҳои соҳавии дузабонаи англисӣ-тоҷикӣ, мисли фарҳангнигории дузабонаи англисӣ-тоҷикӣ, дар 15-20 соли охир, дар давраи Истиқлолият ва барқарор қардани робитаҳои иқтисодию дипломатӣ, тиҷоратию фарҳангӣ бо кишварҳои англисизабон, хусусан Британияи Кабир ва ИМА оғоз гардид.

Нисбати ин асарҳо одатан чор истилоҳи асосӣ – фарҳанг, луғат, луғатнома ва солҳои охир вожанома истифода мешавад. Ба фикри мо, бо дарназардошти он ки ин асарҳо фақат вожаҳои соҳаи маҳдуд ва муайянеро тафсир ва шарҳу эзоҳ медиҳанд, истифодаи вожаи луғат ва ё луғатнома ба мақсад мувофиқтар аст.

Дар ин давраи ташаккулёбии лексикографияи дузабонаи соҳавии англисӣ-тоҷикӣ, то дараҷае ки мо иттиллоъ дорем, зиёда 15 фарҳангҳои соҳавии англисӣ-тоҷикӣ ва забонҳои дигар ба табъ расидааст, ки соҳаҳои гуногун – аз истилоҳоти соҳаи иқтисодиёт сар карда, то истилоҳот ва мафҳумҳои истилоҳии забоншиносию компютериро дар бар мегиранд. Таҳияи луғатномаҳои соҳавии дигари англисӣ-тоҷикӣ низ дар мадди назари забоншиносон ва мутахассисон аст. Сохтори моддаи луғавии ин гуна луғатномаҳо нисбати луғатномаҳои соҳавии тафсирӣ содатар буда он аз – сарвожаи забони англисӣ ва тарҷума ё тафсири он ба забони тоҷикӣ ва ё забонҳои дигар иборат мебошад. Луғатномаҳое ҳам ҳастанд, ки дар онҳо истилоҳоти соҳавии се, чор ва ҳатто панҷ забон ҳам гирд оварда шудаанд. Фарҳангҳои асосии мавҷударо мо аз нигоҳи хронологӣ баррасӣ менамоем.

Нахустин ва ягона луғати истилоҳоти компютер бо номи «*Вожаномаи компютер» (англисӣ-русӣ-тоҷикӣ)* соли 1995 аз тарафи Толиби Розӣ тайёр карда шуда, он дар нашриёти «*Пайванд»* чоп шудааст. Баъдан аксари истилоҳоти маъмултарини ин вожанома ба «*Фарҳанги англисӣ-тоҷики»-и* П. Ҷамшедов ва Т. Розӣ ворид гардидаанд.

Аввалин луғатномаи сезабонаи иқтисодӣ бо номи «*Луғати мухтасари англисӣ-русӣ-тоҷикии ибораҳои иқтисодӣ»* (185 с.) соли 1998 аз тарафи К. Зоиров, Е. Давлатов ва Д. Мелничков таҳия шуда буд, ки дорои тахминан 2500 истилоҳоти нисбатан маъмули иқтисодӣ дар соҳаи робитаҳои иқтисодӣ, алоқаҳои тиҷоратӣ, арзию молиявӣ, хазинадорию ҳисобдориро дарбар мегирад. Ҳарчанд луғат, луғати ибораҳои иқтисодӣ ном гирифта бошад ҳам, дар он калимаҳои алоҳида низ тарҷума шудаанд. Ба фикри мо худи номи луғат аз забони русӣ ё англисӣ ғалат тарҷума шудааст. Ба забони русӣ номи луғат «*Краткий англо-русско-таджикский словарь экономических терминов* (*economic terms*)» омадааст ва мебоист ба забони тоҷикӣ *Луғати мухтасари англисӣ-русӣ-тоҷикии истилоҳоти иқтисодӣ,* на ибораҳои иқтисодӣ тарҷума мешуд. Луғат барои доираи васеи иқтисодчиён, тарҷумонҳо, устодон ва донишҷӯён, ҳисобдорону мутахассисони соҳаи молия пешбинӣ шудааст. Сохтори луғат хеле сода аст ва он аз луғатнома ба се забон дар се сутун ва дар охир шарҳи кӯтоҳ доир ба истифодаи луғат [с. 185] ба ду забон оварда шудааст, ки мебоист дар аввал дода шуд.

Дар луғат сарсухан ва рӯйхати адабиёти истифодашуда оварда нашудааст ва дар кадом матбаа чоп шудани он низ зикр нагардидааст. Дар луғат хатоиҳои имлоӣ ва тарҷумаҳои ғалат низ ба назар мерасад. Маслан ибораи copyright law – закон об авторских правах, қонун дар бораи *ҳуқуқи таълиф* тарҷума шудааст, ки мебоист қонун дар бораи *ҳуқуқҳои муаллифӣ* тарҷума мешуд.

Дар байни луғатҳои сезабонаи истилоҳӣ «*Фарҳанги истилоҳоти байналмилалии бонкдорӣ»* (русӣ-англисӣ-тоҷикӣ)-и М. Оймаҳмадов, Ш. Раҳимов, Г. Раҳматов (646 с.), ки соли 1999 дар ш. Теҳрон чоп шудааст, ҷойи махсусро ишғол карда, аз ҷиҳати сохтор ва мундариҷаи худ аз дигар луғатҳои истилоҳӣ фарқ мекунад. Фарҳанги мазкур амалан аз ду қисм ё аниқтараш ду луғатнома иборат аст. Дар қисми аввал 2125 истилоҳи байналмилалии бонкдорӣ, молия ва иқтисод ба забонҳои русӣ ва тоҷикӣ бо нишон додани муодили англисии ин истилоҳот шарҳу тафсир гардидаанд. Дар қисми дуюм бошад, луғати англисӣ-тоҷикӣ-русии калимаву ибораҳои маъмултарини тиҷорати байналмилалӣ ҷойгир карда шудааст, ки зиёда аз 5 ҳазор истилоҳ ва ибораҳоро дарбар мегирад. Яъне амалан қисми якуми ин фарҳанг луғатномаи *тафсирии русӣ-англисӣ-тоҷикии* истилоҳоти бонкдорӣ ва қисми дуюми он *луғати тарҷумавии англисӣ-русӣ-тоҷикии* истилоҳоти тиҷорати байналмилалӣ мебошад. Фарҳанг барои истифодаи кормандони соҳаи бонкдорӣ, молия, иқтисод, мақомоти андоз, гумрук ва донишҷӯёну устодони макотиби олӣ пешбинӣ шудааст.

Фарҳанги мазкур аз сарсухан (с. 3-4), луғатномаи русӣ-англисӣ-тоҷикӣ (с. 5-362), феҳристи калима ва ибораҳои англисии дар фарҳанг ҷойдодашуда (с. 365-433), луғатномаи англисӣ-тоҷикӣ-русӣ (с. 435-643) ва рӯйхати адабиёт (12 номгӯй) иборат аст. Барои таҳияи фарҳанг мураттибон аз фарҳангҳои истилоҳии бонкдорӣ ва тиҷорати байналмилалӣ ба забонҳои русӣ, англисӣ ва форсӣ истифода кардаанд. Фарҳангҳои тафсирии забони тоҷикӣ ва дузабонаи русӣ-тоҷикӣ, аз ҷумла фарҳангҳои истилоҳии иқтисодӣ, ки қаблан чоп шудаанд, дар рӯйхати адабиёт зикр

нагардидаанд. Қобили қайд аст, ки фарҳанги мазкур нахустин фарҳанги истилоҳоти бонкдорӣ ва тиҷоратӣ мебошад, ки то андозае барои ба низоми муайян дорвардани истилоҳоти ин соҳаҳо саҳмгузор мебошад. Тарҷумаи истилоҳоти байналмилалии бонкдорӣ ва тиҷоратӣ ба забони тоҷикӣ, ки дар ин фарҳанг анҷом дода шудааст, фаҳмиши амиқи мазмуни истилоҳот ва истифодаи амалии онҳоро барои мутахассисон осон мегардонад.

«Фарҳанги мухтасари эклогии тоҷикию русию англисӣ», ки дар соли 1999 бо кӯшиши И. Тоҳиров, А. Абдуллоев, Г. Купайи, И. Тоҳирова [110 с.] аз чоп баромадааст ва ҳамагӣ 300 истилоҳу ибораҳои аз ҳама беш истифодашавандаи ин соҳаро дар бар гирифтааст, аз дигар фарҳангҳои мавриди таҳқиқ аз чанд ҷиҳат фарқ мекунад. Аввалан он луғатчаи сезабонаи тафсирӣ мебошад, ки дар он ҳар як истилоҳ ба се забон тафсиру шарҳ дода мешавад. Баъдан, мусаллам аст, ки аксарияти истилоҳоти ин соҳа ба воситаи забони русӣ, англисӣ, лотинӣ ва дигар забонҳои Аврупо ба забони тоҷикӣ ворид гардидаанд. Вале чаро муараттибон забони тоҷикиро дар ҷои аввал гузоштаанд, маълум нест. Ниҳоят, луғатнома бо илова кардани суратҳо ва матну иттилоот дар бораи манбаъҳои асосии олудакунандаи табиат хусусияти фарҳангҳои энсиклопедиро гирифтааст. Ба луғатнома феҳристҳои истилоҳоти русӣ ва англисӣ замима гардидааст, ки албатта, барои ба зудӣ дарёфт кардани ин ё он истилоҳ ба хонанда кӯмак мерасонад. Луғатнома аз сарсухан, луғати тоҷикию русию англисӣ, иттилоот дар бораи даҳ манбаи асосии олудакунандаи муҳити зист, расмҳои баъзе равандҳои табиат, феҳристҳои истилоҳоти русӣ ва англисӣ ва руйхати адабиёт (8 номгӯй) иборат аст.

Яке аз аввалин луғатномаҳои дузабона ва дутарафаи англисӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ-англисии ибораҳои молиявӣ луғати Ҳ.Мирзоев [110 с.] мебошад, ки соли 2001 чоп шудааст. Луғати мазкур нахустин нашри мухтасари англисӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ-англисии истилоҳоти соҳаи молия, андоз, ҳисобдорӣ буда, дар он тақрибан ҳазор калима ва ибораҳои ҳамарӯза истифодашаванда гирд оварда шудаанд. Луғат барои мутахассисони соҳаи молия, андоз, ҳисобдорӣ, банкдорӣ, кормандони соҳаи гумрук таҳия шудааст. Ба луғат феҳристи дузабонаи англисӣ-тоҷикии номҳои ташкилоту вазоратҳои ҷумҳурӣ ва созмонҳои байналмилалӣ замима гардидааст. Азбаски луғати мазкур таҷрибаи нахустин дар ин соҳа мебошад дар он на ҳамаи истилоҳот оварда шудааст ва тарҷумаҳои хато ва хатоиҳои имлоӣ низ ба назар мерасад. Масалан, ибораи *business expenses* «хароҷотҳои фаъолияти корчалонӣ» тарҷума шудааст. Аввалан, калимаи *хароҷот* худ шакли ҷамъ аст ва илова кардани пасванди «ҳо» зарурат надорад, дуюм, ибораи зеринро бояд «хароҷоти фаъолияти соҳибкорӣ» тарҷума кард. Мураттиб рӯйхати адабиёти истифодашударо наовардааст.

Соли 2005, «*Фарҳанги мухтасари истилоҳоти коргузорӣ»-и* (англисӣ-русӣ-тоҷикӣ-форсӣ) С.Назарзода ба табъ расид, ки тақрибан 4500 вожа ва ибораҳои истилоҳиро дар бар гирифта, бори нахуст мураттаб шудааст. Фарҳанг барои кормандони муассисаҳои мухталифи Тоҷикистон, донишҷӯёни макотиби олӣ, мутаххассисон ва тарҷумонҳо ва умуман барои тамоми шахсоне, ки ба омӯзиши забонҳо англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ майл доранд, пешбинӣ шудааст. Фарҳанг аз рӯи тартиби алифбои забони англисӣ таҳия шуда, аз пешгуфтор ба забони англисӣ ва луғатнома бо чор забон иборат аст. Мураттиб рӯйхати адабиёти истифодашударо наовардааст ва дар кадом матбаа чоп шудани он низ зикр нагардидаст.

Соли 2005 нашриёти *Ирфон* «*Фарҳанги англисӣ-тоҷикии идоракунии оммавии ИМА: амалия ва назария»* [416 с.] ном луғати тафсирии англисӣ-тоҷикиро ба чоп омода кардааст. Таърихи пайдоиши ин фарҳанг аз дигар фарҳангҳо хеле фарқ дорад. Амалан ин фарҳанг фарҳанги тафсирии дузабонаи тарҷумавӣ мебошад, ки мақолаҳои он аввал аз тарафи М. Нуриддинова аз забони англисӣ ба русӣ тарҷума шудаанд ва баъдан И. Раҳматуллоев онҳоро аз русӣ ба тоҷикӣ тарҷума кардааст. Фарҳанг аз 1000 моддаи луғавӣ иборат аст ва хонандаро ба назария ва амалия, истилоҳот ва вожаҳои асосие, ки дар соҳаҳои илмӣ ва амалии идоракунии давлатии ИМА маъмуланд ошно месозад. Фарҳанг қабл аз ҳама барои донишҷён ва устодони мактабҳои олӣ ба сифати маводи иловагии дастурӣ дар омӯзиш ва таълими фанҳои идоракунии давлатӣ ва мунисипалӣ, иқтисодиёт ва менеҷмент, фанҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ пешбинӣ шудааст. Бояд тазаккур дод, ки дар тарҷумаи фарҳанг ба забони

тоҷикӣ хатоиҳои маъноӣ ва имлоӣ ба назар мерасад. Худи номи фарҳанг ғалат тарҷума шудааст ва мебояд *идоракунии давлатӣ* тарҷума мешуд, зеро ибораи англисии public administaration маънои идоракунии давлатиро дорад.

Дар ин давра ду фарҳанги чандзабонаи истилоҳоти забоншиносӣ ба табъ расиданд. Аввал дар соли 2006 «*Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ*» (англисӣ-русӣ-тоҷикӣ-форсӣ)-и профессор А. Сулаймонӣ [67 с.] дар матбааи «*Ватанпарвар*» ва баъдан дар соли 2011 «*Фарҳанги забоншиносӣ*» (англисӣ-русӣ-тоҷикӣ)-и С. Ҷоматов (250 с.) дар нашриёти «*Шуҷоиён*» дастраси толибилмон гардиданд.

«Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ» (англисӣ-русӣ-тоҷикӣ-форсӣ)-и А. Сулаймонӣ фарогири истилоҳоти забоншиносии забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ-форсӣ буда, барои донишҷӯёни факултаҳои филологӣ, шарқшиносӣ, рӯзноманигорӣ, магистрҳо, аспирантон ва устодону муаллимони мактабҳои олӣ ва онҳое, ки ба кори тарҷумонӣ сару кор доранд, пешниҳод шудааст. Фарҳанги мазкурро Кумитаи ҷумҳуриявии истилоҳот ба чоп тавсия намудаст, ки дар он зиёда аз 1100 истилоҳи забошиносии чор забон ҷамъ оварда шудааст. Фарҳанг аз сарсухане ба забони англисӣ [с. 3] ва луғатномаи чорзабона иборат аст. Сарвожаҳои фарҳанг аз рӯи тартиби алифбои забони англисӣ ҷо ба ҷо карда шудаанд. Ҳарчанд дар сарсухан омадааст, ки ҳангоми таҳияи он фарҳангҳои беҳтарин истифода шудаанд, муаллиф феҳристи адабиётро нишон надодааст. Албатта, дар байни забоншиносон дар бораи мазмун ва маънои баъзе истилоҳот ақидаҳои гуногун вуҷуд доранд ва аз ин рӯ дар фарҳанг кӯшиш карда шудааст, ки доир ба маъно ва мафҳуми истилоҳоти баҳснок равшанӣ андохта шавад. Илова бар ин, муаллиф кӯшиш кардааст, ки ба фарҳанг дар баробари ворид кардани истилоҳоти маъмултарини забоншиносӣ, истилоҳоти хоси забонҳои тоҷикӣ ва форсиро низ ҷой диҳад. Фарҳанги мазкур бахши аввали фарҳанги чандзабонаи забоншиносии мураттиб мебошад ва мақсад дорад, дар оянда бахшҳои дигари онро низ таҳия намояд.

Соли 2006 «*Луғати англисӣ-тоҷикӣ-русӣ*»-и истилоҳоти ҳуқуқшиносии мураттиб Н.Ю. Пулатова дар ш. Хуҷанд ба табъ расидааст, ки дар он қариб 4000 истилоҳоти забони англисӣ ба забони тоҷикӣ ва русӣ тарҷума шудааст. Луғати мазкур луғати таълимии тарҷумавӣ мебошад, ки дар заминаи матнҳои дастури таълимӣ барои донишҷӯёни факултаи ҳуқуқ, тартиб дода шудааст ва илова ба ду тақриз, яке ба забони русӣ ва дигаре ба забони тоҷикӣ, сарсухани мураттиб ба забони англисӣ, рӯйхати адабиёт (12 номгӯй) ва ду бахши асосӣ иборат аст. Бахши аввал аз феҳристи вожаҳо ва ибораҳои асосии 18 дарси дастури таълимии «*English for Law Students* «ва тарҷумаи онҳо ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ иборат мебошад. Бахши дуюми луғат худи луғатномаи вожаҳо ва ибораҳои англисӣ-тоҷикӣ-русӣ мебошад, ки аз рӯи тартиби алифбои англисӣ таҳия шудаанд. Илова бар ин дар он таркибу ибораҳо ва истилоҳоти серистеъмоли устувори махсуси соҳаи ҳуқуқшиносӣ ҷамъ оварда шудаанд, ки онҳо дар конститутсия, ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ, асноди ҳуқуқӣ, маҷмӯи қонунҳо, қарорҳои ҳукумат ва дигар адабиёти ҳуқуқшиносӣ вомехӯранд.

Луғати мазкури тарҷумавӣ аз он намуди луғатномаҳое мебошад, ки дар онҳо сарвожаҳои забони асл ва забони тарҷума тафсиру эъзоҳ нашуда фақат тарҷума мешаванд. Рӯйхати адабиёт аз он шаҳодат медиҳад, ки мураттиб аз фарҳангҳои мавҷудаи англисӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ-англисии истифода накардааст. Ғайр аз ин, ба феҳристи сарвожаҳо калима ва ибораҳое дохил шудаанд, ки калимаҳои умумиадабӣ буда, ба истилоҳоти ҳуқуқ ҳеҷ мансубияте надоранд. Маслан: **wound** – захм, захмдор; захмдор кардан – рана, ранение; наносить рану, ранить; **xerocopy** – нусхабардорӣ – ксерокопия; **youth** – ҷавонӣ, ҷавонписар, ҷавонон – юность; юноша; молодёжь; ва ғ. Илова бар ин баъзе тарҷумаҳои хато ва носаҳеҳ аз қабили **visit** – ҷазо додан – карат (бояд – тафтиш кардан, назорат кардан – инспектировать, осматривать бошад); **jury trial** – суди қасамиён – суд присяжных (бояд ҳайати мунсифаи додгоҳ ё додварзон бошад).

Соли 2006 луғати панҷзабонае бо номи «*Фарҳанги истилоҳоти обёрӣ*» (англисӣ ба тоҷикӣ, русӣ, форонсавӣ ва олмонӣ), ки ба қалами С.Ҷоматов тааллуқ дорад, дар нашриёти «*Деваштич*» аз чоп баромад. Фарҳанги мазкур нахустин фарҳанги чандзабонаи соҳаи обёрӣ мебошад, ки дар он бештар аз се ҳазор калима ва ибора тарҷума ва тафсир шудааст. Фарҳанг аз пешгуфтор, бахши сохтори фарҳанг ва

истифодаи он, феҳристи ихтисораҳои шартӣ, луғатнома ва феҳристи адабиёт (44 номгӯй) ба забонҳои зикргардида иборат аст. Фарҳанги панҷзабонаи истилоҳоти обёрӣ барои муҳандисон, тарҷумонҳо ва мутахассиони соҳаи обу обёрӣ таҳия шудааст. Вожаҳои фарҳанг аз рӯи тартиби алифбои англисӣ ҷойгир карда шудаанд. Ҳар як моддаи калимаи луғати мазкур аз вожаи англисӣ бо овонавишт (транскрисияи савтӣ) ва бо ишора ба мансубият ба ин ё он ҳиссаи нутқ, тарҷумаи он бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, фаронсавӣ ва олмонӣ иборат мебошад. Вожаҳои фаронсавӣ ва олмонӣ дар луғат бо зикри ҷинсият бо аломатҳои шартӣ оварда шудаанд. Мураттиб феҳристи пурраи адабиёти истифодашудаи панҷ забонро овардааст.

Соли 2008 аввалин «*Луғати англисӣ-тоҷикӣ-русӣ, русӣ-тоҷикӣ-англисӣ, тоҷикӣ-англисӣ-русии геологияи муҳандисӣ, механикаи хокҳо, асосу-таҳкурсисозӣ*»-и И. Тоҳиров, Ҷ. Аҳмадов, О. Комилов ва Р. Саидов (447 с.) дар нашриёти «*Ирфон*» аз чоп баромад. Амалан ин асар дар худ се луғати мустақилро дар бар дорад, ки ҳар яке 3500 истилоҳотро дар соҳаи биносозии қисмҳои зеризаминии иншооти гуногун ба забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ дар бар мегиранд. Луғати мазкур аз сарсухан ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ, луғатҳои англисӣ-тоҷикӣ-русӣ (с. 9-140), русӣ-тоҷикӣ-англисӣ (с. 141-260) ва тоҷикӣ-англисӣ-русӣ (с. 211-363), замимаҳо (86 нақшаю расмҳо), рӯйхати адабиёт (24 номгӯй), охирсухан ва маълумот дар бораи мураттибон иборат аст. Ин луғатҳо барои истифодаи доираи васеи мутахассисону кормандони илмӣ пешбинӣ шудаанд.

Бояд тазаккур дод, ки аз байни луғатҳои дузабонаю сезабонаи истилоҳӣ ин луғат яке аз луғатҳо пурратарини соҳаи худ буда, бо сифати хеле хуб таҳия гардидааст. Мураттибон аз луғатҳои мавҷудаи соҳаи биносозӣ, геологияи муҳандисӣ, механикаи хокҳо ба забонҳои русӣ, англисӣ, тоҷикӣ ва форсӣ васеъ истифода бурда як луғати судмандеро барои мутахассисони ин соҳа ва донишҷӯён омода кардаанд. Бешубҳа ин луғат барои ба як низоми муайян даровардани вожаҳои соҳаҳои номбаршуда ва дар оянда таҳия кардани як луғати фарогири техникии англисӣ-тоҷикӣ хизмати сазовор хоҳад кард.

Соли 2010 *«Фарҳанги демографии англисӣ-тоҷикӣ-русӣ»-и* И.Б Додоҷонова [148] дар нашриёти Донишгоҳи русӣ-тоҷикии славянии Тоҷикистон ба табъ расид. Фарҳанги мазкур нахустин таҷрибаи таҳияи луғати англисӣ-тоҷикӣ-русии истилоҳоти демографӣ дар лексикографияи соҳавии тоҷик мебошад. Он барои шинос шудан ба вазъи муосир, ташаккул ва такомули лексикаи демографӣ дар забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ имконият медиҳад. Фарҳанг тахминан 1300 калима ва ибораҳои серистеъмолтарини соҳаи демографияи забони англисӣ ва тарҷумаю ҳамгунаҳои тоҷикӣ ва русии онҳоро гирд овардааст. Мисли аксарияти фарҳангҳои дузабонаю чандзабона истилоҳоти англисӣ ва русию тоҷикӣ бидуни тафсир оварда шудаанд. Масалан:

deprivation of inheritance/ legacy	аз мерос маҳрумкунӣ	лишение наследство
deprivation of rights	аз ҳуқуқ маҳрумкунӣ	лишение право

Фарҳанги мазкур аз сарсухан, луғатномаи англисӣ-тоҷикӣ-русӣ ва рӯйхати адабиёт (20 номгӯй) иборат мебошад. Дар фарҳанг сермаъноии вожаҳо, шумораи зиёди ибораҳои фразеологии лексикаи демографӣ инъикос гардидааст. Маълум аст, ки шумори зиёди калимаҳо ва ибораҳои соҳаи демография дар забонҳои гуногун аз лиҳози доираи маъноӣ ва услубӣ бо ҳам мувофиқат намекунанд ва ин сабаби сохта шудани воҳидҳои нави лексикӣ, таркибҳо ва калимаҳои мураккаб, аз ҷумла дар забони тоҷикӣ гардидааст, зеро дар забони тоҷикӣ теъдоди муайяни маъноҳои истилоҳоти демографӣ ҳанӯз пурра ба шакли муайян надаромадаанд. Дар фарҳанги мазкур тарҷумаи хатои баъзе истилоҳоти демографӣ низ ба назар мерасад.

«Фарҳанги забоншиносӣ» (англисӣ-русӣ-тоҷикӣ)-и С. Ҷоматов, ки дар соли 2011 дар нашриёти «*Шуҷоиён*» ба табъ расидааст, луғатномаи дуюми истилоҳии ин соҳа мебошад. Бояд тазаккур дод, ки аз байни чор фарҳангҳои истилоҳии забоншиносии мавҷуда, фарҳанги С. Ҷоматов фарҳанги пурратарини соҳаи забоншиносӣ мебошад, ва чунонки дар пешгуфтор омадааст он зиёда аз 4 ҳазор истилоҳи се забонро фаро мегирад [с. 10] ва барои истифодаи забоншиносон, омӯзгорон, тарҷумонҳо, унвонҷӯёну донишҷӯён пешбинӣ шудааст. Фарҳанги мазкур аз пешгуфтор (ба

забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ), бахши сохти фарҳанг ва истифодаи он (ба се забон), луғатнома ва феҳристи адабиёти истифодашуда (31 номгӯй ба забони англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ) иборат аст. Дар пешгуфтор моҳият ва аҳамияти таҳияи фарҳангҳои соҳавӣ таъкид шудааст. Луғатномаи китоби мазкур бо тартиби алифбои забони англисӣ омадааст ва сохтори он бо риояи принсипҳои сохтани фарҳангҳои бисёрзабона тартиб дода шудааст. Ҳар як моддаи луғавии фарҳанг аз 1) истилоҳи англисӣ, 2) овонавишти (транскрипсияи савтӣ) ин истилоҳ дар қавси мураббаъ, 3) аломатҳои кӯтоҳи гармматикӣ, ки мансубияти ин ё он вожаро ба ҳиссаҳои нутқ мушаххас месозанд, 4) истилоҳи русӣ, 5) истилоҳи тоҷикӣ ва 6) ибораҳое, ки ин истилоҳот дар онҳо истифода мешаванд, иборат мебошад.

Истилоҳоти русӣ ва тоҷикӣ ба воситаи аломати мувозӣ аз ҳам ҷудо шудаанд. Истилоҳоти сермаъно ҳамчун моддаи алоҳида дода шуда бо рақамҳои римӣ мушаххас гардидаанд. Дар сурати вуҷуд надоштани ин ё он истилоҳ дар забони тоҷикӣ ё русӣ муаллиф шарҳу тафсири муфассали онҳоро овардааст. Маслан: **abrupt** [↔əbr℘pt] *adj* внезапный, неожиданный ногаҳонӣ, бехабар, якбора; **abrupt sound** внезапное произношение звука якбора таллафуз намудани овоз; **abrupt change in pitch** крутой сдвиг высоты тона (*резкое изменение (обычно повышении*) голоса ‖ якбора тағйир ёфтани баландии оҳанг (*ногаҳон дигаргун гардидан ё тағйир ёфтани овоз (одатан ҳангоми баландшавӣ*); ва ғ.

Феҳрасти адабиёти фарҳанги мазкур пурра бошад, ҳам дар он фарҳангҳои истилоҳоти забоншиносии Х.Ҳусейнов ва К.Шукурова [*Луғати терминҳои забоншиносӣ*. Душанбе, 1983] ва вожаномаи профессор У. Сулаймонӣ [*Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ* (англисӣ-русӣ-тоҷикӣ-форсӣ), Душанбе, 2006], ки дар боло таъкид гардида буданд, зикр нагардидаанд.

Соли 2011 нахустин «*Луғати англисӣ-тоҷикии вожаҳои сиёсӣ*»-и П.Ҷамшедов, А. Гайнутдинова А. (160 с.) дар чопхонаи «*Истеъдод*» ба табъ расидааст. Дар луғати мазкур зиёда аз 5 ҳазор калима ва ибораҳои соҳаи сиёсӣ гирдоварӣ шудааст, ки кормандони соҳаи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва донишҷӯёну аспирантон пешниҳод мегардад. Луғат аз мундариҷа, луғатнома (с. 4-156), рӯйхати ихтисораҳо ва феҳристи адабиёт (12 номгӯй) иборат аст. Моддаҳои луғат аз рӯи тартиби алифбои забони англисӣ ҷойгир карда шуда аз сарвожа, қайдҳои грамматикии кӯтоҳкардашуда, ки мансубияти ин ё он вожаро ба ҳиссаҳои нутқ нишон медиҳад, тарҷумаи тоҷикии вожаҳо ва ибораҳо иборат мебошад. Бояд қайд кард, ки луғати мазкур аз намуди луғатномаҳои тарҷумавие мебошад, ки дар он истилоҳоти англисӣ ва муродифоти тоҷикии онҳо бе тафсир, яъне ба овардани таърифи истилоҳ оварда шудаанд. Масалан:

disruption қатъкунӣ, қатъ, номад, вайронкунии алоқаи роҳи оҳан

dissent *n*. ихтилофи ақидаҳо, мухолифат, ноиттифоқӣ.

Бояд қайд кард, ки на ҳамаи вожаҳо бо ибораҳои грамматикӣ, яъне мансубият ба ҳиссаҳои нутқ (*ниг. мисолҳои овардашуда*) мушаххас гардидаанд.

Таҳлил ва баррасии моро «*Луғати тоҷикӣ ба англисӣ ва англисӣ ба тоҷикӣ*»-и (вожаҳои соҳаи ҳавопаймоии) ном китобчаи Ш. Каримов, ки дар соли 2012, ба табъ расидааст интиҳо мебахшад. Бояд тазаккур дод, ки ҳарчанд луғат, луғати *тоҷикӣ ба англисӣ ва англисӣ ба тоҷикӣ* ном гирифта бошад ҳам, амалан он луғати сезабонаи *тоҷикӣ-англисӣ-русӣ* ва *англисӣ-русӣ-тоҷикӣ* мебошад. Таваҷҷуҳ кунед ба чанд моддаи луғат:

парвози берун аз ҷадвал – unscheduled fligth – полёт вне расписания

порвоз бо хатсайри илловагӣ – extra section flight – полёт по дополнительному маршруту

Чаро мураттиб луғатшро чунин ном ниҳодааст маълум нест. Луғати мазкур дар матбааи ДРТСТ бо теъдоди ниҳоят маҳдуд – 100 нусха чоп шудааст ва дар ҳудуди 1400 вожаву ибораро дарбар мегирад. Бахши аввали луғат дар асоси тартиби алифбои тоҷикӣ ва бахши дуюм дар асоси тартиби алифбои англисӣ мураттаб гардидааст. Сохтори луғат хеле сода буда, он фақат аз луғатнома иборат аст. Мураттиб пешгуфтор ва рӯйхати адабиётро низ наовардааст. Луғати мазкур аз тарҷумаҳои носаҳеҳ ва ғалат, хатоиҳои имлоӣ ва орфографӣ низ орӣ нест. Ҳатто дар саҳ. 2 номи худи луғат ғалат – «*Луғати тоҷикӣ-англисӣ-тоҷикӣ*» зикр шудааст. Хуб

мешуд, ки мураттиб аз фарҳангҳои мавҷудаи дузабона истифода карда луғати ниҳоят зарури соҳаи ҳавопаймоии худро бо дарназардошти талаботи лексикографияи муосир ба чоп омода мекард.

Хулоса, дар луғатнигории соҳавии англисӣ-тоҷикӣ дар ин давраи ифтитоҳ муваффақиятҳои назаррас ба чашм мерасад. Шумораи рӯзафзуни луғатномаҳои арзишманд ва муфид, хусусан дар соҳаҳои иқтисодиёт, молия, ҳуқуқ, гумруку иҷтимоиёту сиёсат, забоншиносӣ ва дигар соҳаҳо таҳия гардида, дастраси хонандагон гардидаанд ва теъдоди дигараш дар арафаи чоп қарор доранд. Фарҳангҳои истилоҳии англисӣ-тоҷикии мазкур заминаи бесобиқа ва муроҷеи муфид барои дар оянда таҳия намудани фарҳанги дузабонаи тоҷикӣ-англисии фарогиру бузургҳаҷм хоҳанд буд, зеро теъдоди муайяни истилоҳоти соҳавии маъмул ва серистеъмол ба *фарҳангҳои англисӣ-тоҷикии* мавҷуда [П.Ҷамшедов, Т. Розӣ; А. Мамдназаров] ворид нашудаанд. Аз тарафи дигар, ин луғатномаҳо барои дар оянда ба тартиб даровардан, такмилу ташаккул ва ҳамоҳангсозию стандартизатсияи истилоҳоти соҳавӣ заминаи хуб хоҳанд гузошт.

Алабатта, на ҳамаи луғатномаҳо ба талаботи фарҳангнигории муосир ҷавоб дода метавонанд. Чанде аз луғатномаҳо, чунон ки дар боло қайд гардид, на сарсухане доранду на рӯйхати адабиётро овардаанд ва одатан иддаои аввалин луғатнома дар соҳаи худ буданро доранд. Ин аз огоҳ набудани мураттибон аз луғатҳои мавҷуда дар ин ё он соҳаи мушаххас шаҳодат медиҳад. Аз тарафи дигар солҳои охир фарҳангу луғатномаҳои чопшуда ба китобхонаҳои илмии ҷумҳурӣ, аз ҷумла ба Китобхонаи Милии Тоҷикистон ворид намешаванд ва ин амал дастрасии онҳоро ба донишҷӯёну муҳаққиқон имконнопазир мегардонад. Аксари луғатномаҳои дар поён овардашуда дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон арзи вуҷуд надоранд. Хуб мешуд, ки нашриёту матбааҳои гуногуни хусусию давлатӣ барои ба китобхонаҳои асосӣ ирсол додани нусхаҳои заруриро вазифаи ифтихорию шаҳрвандии худ мешумориданд, то фарҳангу луғатномаҳо ба ҷомеа ва наслҳои оянда хизмат карда тавонанд.

Ҳамзамон бояд тазаккур дод, ки теъдоди муайяни моддаҳои луғавии луғатҳои соҳавии англисӣ-тоҷикӣ, тарҷума аз забони англисӣ ва забонҳои дигари машҳури дунё мебошанд, ки ин гуна иқтибосот хазинаи луғавии забони тоҷикиро, мисли забонҳои дигари дунё боз ҳам ғанитар мегардонанд. Мутаассифона, баъзан хато тарҷума шудани истилоҳот низ ба назар мерасад, ки ин хонандаро ба хиҷолат ва ошуфтагӣ меоваранд. Инчунин бояд таъкид карда, ки теъдоди муайяни истилоҳоти соҳавӣ ҳанӯз пурра ба як шакли муайян надаромадаанд ва албатта, бо мурури замон баъзе аз ин истилоҳот суфта шуда, қабули ҳамагон мегарданд, теъдоди дигараш бошад аз байн мераванд. Аз тарафи дигар, бо дарназардошти принсипҳои муосири луғатнигории дузабонаю чандзабона ва дастовардҳои муосири илмии лексикография, аз ҷумла таҳия намудани фарҳангу луғатҳои электронӣ, ба фарҳангнигорон зарур аст, ки бо илова кардани истилоҳоти навини солҳои охир фарҳангҳои ҷадиду комилтарро ба аҳли илму адаб ва донишҷӯён пешниҳод намоянд.

А Д А Б И Ё Т

1. Розӣ, Т. *Вожаномаи компютер* (англисӣ-русӣ-тоҷикӣ). – Душанбе: Пайванд, 1995. – 353 с.
2. Зоиров К., Давлатов Е., Мелничков Д. *Луғати мухтасари англисӣ-русӣ-тоҷикии ибораҳои иқтисодӣ*. – Душанбе, 1998. – 185 с.
3. Оймаҳмадов М., Раҳимов Ш., Раҳматова Г. *Фарҳанги истилоҳоти байналмилалии бонкдорӣ* (русӣ-англисӣ-тоҷикӣ). – Душанбе, 1999. – 646 с.
4. *Фарҳанги мухтасари экологии тоҷикию русию англисӣ*. / Зери таҳрири Тоҳиров И. – Душанбе: Нашриёти Маркази миллии патенту ахбори Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1999. – 150 с.
5. Мирзоев Ҳ. *Луғати мухтасари англисӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ-англисии ибораҳои молиявӣ*. – Душанбе, 2001. – 110 с.
6. Назарзода С. *Фарҳанги мухтасари истилоҳоти коргузорӣ* (англисӣ-русӣ-тоҷикӣ-форсӣ). – Душанбе, 2005. – 115 с.
7. Нуриддинова М.М. *Фарҳанги англисӣ-тоҷикии идоракунии омавии ИМА*. – Душанбе: Ирфон, 2005. – 416 с.
8. Сулаймонӣ У. *Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ* (англисӣ-русӣ-тоҷикӣ-форсӣ). – Душанбе: Ватанпарвар, 2006. – 67 с.

9. Пулатова Н.Ю. *Англо-таджикско-русский словарь юридических терминов*. – Худжанд: Ношир, 2006. – 325 с.
10. Ҷоматов С. *Фарҳанги истилоҳоти обёрӣ* (англисӣ ба тоҷикӣ, русӣ, фаронсавӣ ва олмонӣ). – Душанбе, 2006. – 98 с.
11. Тоҳиров И., Аҳмадов Ҷ., Комилов О., Саидов Р. *Луғати инглисӣ-тоҷикӣ-русӣ, русӣ-тоҷикӣ-инглисӣ, тоҷикӣ-инглисӣ-русии геологияи муҳандисӣ, механикаи хокҳо, асосу-таҳкурсисозӣ.* – Душанбе: Ирфон, 2008. – 447 с.
12. Дадаҷонова И.Б. *Фарҳанги демографии инглисӣ-тоҷикӣ-русӣ.* – Душанбе: РТСУ, 2010. – 148 с.
13. Ҷамшедов П., Гайнутдинова А. *Луғати инглисӣ-тоҷикии вожаҳои сиёсӣ.* – Душанбе: Истеъдод, 2011. – 159 с.
14. Ҷоматов С. *Фарҳанги забоншиносӣ* (англисӣ-русӣ-тоҷикӣ). – Душанбе: Шуҷоиён, 2011. – 250 с.
15. Каримов Ш. *Луғати тоҷикӣ ба англисӣ ва англисӣ ба тоҷикӣ* (вожаҳои соҳаи ҳавопаймоӣ). – Душанбе, 2012. – 125.

ВЗГЛЯД НА ТЕРМИНОЛОГИЧЕСКУЮ АНГЛО-ТАДЖИКСКУЮ ЛЕКСИКОГРАФИЮ

Статья посвящена исследованию и анализу достижений таджикской специальной англо-таджикской двуязычной и многоязычной лексикографии. Данная статья критически рассматривает созданные специальные терминологические двуязычные и многоязычные словари и проливает свет на достижения таджикской лексикографии, указывая на некоторые недостатки указанных лексикографических трудов.

Ключевые слова: специальная лексикография, юридическая, экономическая, лингвистическая и авиационная терминология, словарь, одноязычный словарь, двуязычный словарь, словник, словарная статья.

A GLIMPS AT ENGLISH-TAJIK SPECIALISED DICTIONARIES

The article is devoted to the research of recent advances of Tajik specialized lexicography – English-Tajik dictionaries. The author critically looks through the history of dictionary making and advances of Tajik terminological lexicography during last years and also indicates some of the shortcomings in creating specialized dictionaries.

Key words: special lexicography, law, economic, linguistic, aviation terminology, dictionary, glossary, monolingual dictionaries, bilingual dictionaries, word list, head word.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***А.Мамадназаров*** – доцент кафедры английского языка ТНУ

БАРХЕ НИШОНАҲОИ ЭЪРОБГУНА ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

К. Исмонов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Чи тавре аз таърих маълум аст, категорияи эъроб аз ҷумлаи роиҷтарин категорияҳои исмӣ дар забонҳои қадимаи олам будааст, аммо бо гузашти замон ва бинобар майли башарӣ рӯ овардан ба роҳҳои осонтари баён категорияи мазкур аз бештари забонҳо рахт бастааст. Аз ҷумла дар форсии бостон мисли забонҳои авестоӣ ва ҳиндии бостон ҳашт ҳолати сарфии вожаҳо мавҷуд будааст [17,46], аммо ба тадриҷ онҳо аз байн рафта, ҳеҷ яке аз он ҳаракатҳову ҳарфҳои зоид ба назар намерасад [4,270]. Ба ҳамин тартиб аз забони авестоӣ ва аз забони паҳлавӣ, ки шохае аз забони авестоӣ ба шумор меравад, дар баробари аз байн рафтани категорияи ҷинсият ва шумораи дутогӣ ҳолатҳои эъробӣ ё худ падеж низ аз байн рафт. Аз ин нигоҳ дар забони тоҷикӣ, ки шохае аз забони форсӣ-дарӣ ба шумор меравад ва дар таснифи забонҳо ба гурӯҳи забонҳои аналитикӣ ва ғайрифлективӣ дохил мешавад, баҳс намудан аз эъроб ғайримантиқӣ ба назар мерасад. Илова бар он ки дар ҳама сарчашмаҳои илмии тоҷикӣ [19,440] ва русӣ [20,502] забони тоҷикӣ ҳамчун забони беэъроб унвон шудааст. Вале дар сарчашмаҳои англисӣ [21,6] ва арабӣ [3,29], ки ба забоншиносӣ бахшида шудаанд, ишора меравад, ки забони форсӣ дорои категорияи эъроб мебошад ва онҳо дар ин маврид аз сохтори ибора ва аз пасванди – «*ро*» қабул намудани исм дар ҳолати пуркунандагӣ далел менамоянд [3,66].

Ростӣ, вақте забоншиносон иддао менамоянд, ки дар забони муосири англисӣ аз 2 [6,135] то 6 [8,198] падеж вуҷуд дорад, дигар дар эъроб доштану эъробпазирии

исмҳои тоҷикӣ тардиде боқӣ наемонад. Зеро дар забони тоҷикӣ дар баробари –«*и*»-и изофӣ боз пасоянди – «*ро*» вуҷуд дорад, ки донишмандон омадани онро дар охири исмҳо баробар ба ҳолати «*винительный падеж*»-и русӣ мешуморанд [16,105;1,143].

Ба ақидаи донишмандон пасоянди – ***«ро»***, ки аз зоҳиртарин пасояндҳои аслии форсӣ (тоҷикӣ) мебошад, аслан реша ба пасоянди форсии миёнаи «*ray*» (ё худ rad) «*radiy*» («*радий*»)-и форсии қадим дорад [16,323; 7,307], вале бо гузашти таърих ба дигаргуниҳои ҷиддие чӣ аз лиҳози шакл ва чӣ аз лиҳози нақши грамматикӣ дучор шудааст. Агар пасоянди «*ray*» дар форсии миёна ифодагари ҳадаф, сабаб ва дигар фаъолиятҳои грамматикӣ бошад [16,323], пас дар забони форсӣ (тоҷикӣ) пасоянди – «*ро*» ҷойгузини он шудааст, дар ҳоле ки пасоянди мазкур дар нисбат ба муодилҳои қадимаи худ дар ҳаҷми маънию вазифа ва хосияти истеъмол дигаргунии ҷиддиеро аз сар гузаронидааст [7,307].

Шояд дар ин ҷо суоле ба миён ояд, ки чӣ гуна пасоянди – «*ро*» ҳамчун «*аломати эъробӣ*»-и исм дар «*ҳолати мафъулӣ*» ё пуркунандагӣ талаққӣ мегардад, дар ҳоле ки дар асл пасоянд будаву имрӯз низ чун пасоянд шуморида мешавад? Дар посух ба ин савол метавон ба назарияи шарқшиносон дар мавриди пайдоиши эъроби забонҳои сомӣ такя намуд, ки онҳо пайдоиши заммаи баёнкунандаи марфӯии исму феълро баргирифта аз ҷонишини ***«ho»***, фатҳаи ишоракунандаи ҳолати мансубии исму феълро баргирифта аз ишораҷонишини ***«ha»*** ва касраро, ки ҳолати маҷрурии исмро ифода мекунад, баргирифта аз ***«ڤ»***-и нисбӣ мешуморанд [2,95], дар сурате ки ишораҷонини «*ha*» то ҳол дар забони ҳабашӣ ҳамчун ишораҷонишин ва **ё**-и нисбӣ бошад, дар забони арабӣ то ҳол ҳамчун ифодагари нисбияти исм ва яке аз роҳҳои сифатгардонии исмҳо мавриди истифода қарор мегирад [15,144]. Ё худ инкишофи пасоянди –«*ро*»-ро бархе маврид дар забони гуфтории тоҷикӣ мушоҳида кардан мумкин аст, ки пас аз ҳамсадоҳо ба сурати –«*а*» (китоб-***а***) ва баъди садонокҳо ба сурати –«*ра*» (*я*) (коса***ра***-коса***я***) воқеъ мегардад ва ин пасоянд дар ҳамаи вазифаҳои – «*ро*» дар нутқи персонажҳои адабиёти имрӯза мушоҳида мешавад [7,307].

Чи тавре дида мешавад, пасоянди –«*ро*» дар гузаштаи таърих ба шакли «*радий*» истифода шуда, баъдтар ба шакли кӯтоҳтар ва имрӯз дар бархе лаҳҷаҳои тоҷикӣ ба –«*а*» ва –«*я*» табдил ёфтааст ва ба гунае ба хотири кас аломати фатҳаи арабиро мерасонад, ки ифодагари ҳолати мансубии исму феълҳо мебошад. Гузашта аз ин дар забоншиносии муосир ақидае вуҷуд дорад, ки тибқи он тамоми пешоянду пасояндҳо, пешванду пасвандҳо, морфемаҳо ва ба таври умум тамоми воҳидҳои наҳвӣ дар асл бозмондаи калимаҳои мустақили қадимае мебошанд, ки бо гузашти таърих маонии ҳақиқии худро аз даст дода, танҳо рамзҳое барои равшан намудани маъноҳои калимаҳо дар зимни ҷумла гардидаанд [15,142-143].

Ба ақидаи забоншиноси фаронсавӣ Жозеф Вандриес (Joseph Vendryes (1875–1960)) эъроб дар забонҳои ҳинду-аврупоӣ ва забонҳои сомӣ дар асл бархоста аз пайвастшавии унсурҳои мустақилмаъно мебошанд. Гумони ғолиб он аст, ки унсурҳои мустақилмаъно нахуст ба таври алоҳида меомаданд ва пешу паси ҳамдигар қарор мегирифтанд, аммо бо гузашти замон қисме аз онҳо маънои аслии худро аз даст додаву ба қисми дигаре пайваст гашт. Нуқтаи оғози ин баҳамоӣ барои мо маълум нест ва шояд пайгирии он низ барабас бошад, зеро муайян намудани аломати иснодӣ дар шумораи ҷамъи шахси якум, аломатҳои пуркунандагӣ ва ё пешванди бо феъл омадае, ки бар оғоз ёфтану бардавомии амал дарак медиҳад, аз имкон берун аст, вале бар ин нукта таъкид карда мешавад, ки унсурҳои эъробӣ натиҷаи монанднамоӣ бо калимаҳои мустақилмаънои қадимае мебошанд, ки ба дигаргунии бисёр ва ё андаке рӯ ба рӯ шудаанду дар ифодаи маъно маҳдуд гаштаанд, ба гунае ки танҳо нақши ҳиссачаҳо ва пайвандакҳои наҳвиро мебозанду бас [9,224].

Ба ҳамин тартиб аломатҳои эъробӣ дар асл калимаҳои мустақил буда, аммо пас аз замоне дар ҳам шикаставу пошхӯрда гаштаанд, ки барои ифодаи вазифаҳои синтаксисии онҳо дар зимни ҷумла танҳо ҳамроҳ бо калимаҳои дигар оварда мешаванд [15,143].

Такя ба ин нуктаҳо, агар пасоянди –«*ро*»-и тоҷикиро, ки пас аз гузашти таърихие ҳамчун асоситарин нишонаи пуркунандаи бевоситаи суратёфта шинохта шудааст, ҳамчун аломати эъробии баёнкунандаи ҳолати мафъулии исмҳо шуморем, шояд ба хато нарафта бошем.

Вақте вазифаҳои синатаксисии пасоянди –«*ро*»-ро бо вазифаҳои синтаксисии эъроби насби забони арабӣ дар муқоиса мегузорем, дар байни онҳо монандиҳои назаррасеро шоҳид мешавем. Ба ин маъно ки эъроби насби забони арабӣ танҳо ба ифода кардани вазифаи пуркунандагии исм маҳдуд намегардад, балки ҳол бо ҷумлаи навъҳояш, аз макону замон ва амалу мақсад ва ғайра маҳз тавассути эъроби насб ифода меёбанд. Вазифаи синтаксисии пасоянди –«*ро*» низ дар забони тоҷикӣ танҳо ифода намудани пуркунандаи бевоситаи суратёфта нест, балки бо ин пасоянд муайнкунандаҳое оварда мешаванд, ки маънои соҳибиятро ифода мекунанд. Инчунин, дар забони ҳозираи тоҷик бо ёрии пасоянди –«*ро*» ҳоли макон низ сурат меёбад [12,44; 13,208].

Гузашта аз ин, ҳамон гунае ки «*эъроби насб*» дар забони арабӣ гоҳе чун ивазкунандаи пешояндҳо ва адокунандаи вазифаҳои онҳо меояд, пасоянди –«*ро*» низ бо пешояндҳои: «*барои*», «*бо*», «*дар*» ва «*аз*» ҳамвазифа шуда меояд [13,207].

Хулоса, дар забони тоҷикӣ чор аломати эъробӣ вуҷуд дорад. Ба ин маъно, ки ҳиссаҳои номии нутқ, бавижа исм, сифат, шумора ва ҷонишин ҳангоми орӣ будан аз пасоянди –«*ро*» ва изофа нашудан ба исм ва ё ҳиссаҳои номии нутқи дигар ҳолати нахустини худро доранд, ки онро бо истилоҳи беаломатӣ ва ҳолати умумии исмҳо низ метавон ном бурд ва ҳолати эъробии калима дар ин маврид дар забони тоҷикӣ ба «*именительный падеж*»-и русӣ, «*эъроби рафъ*»-и забони арабӣ ва «*thecommoncase*»-и англисӣ баробар мебошад. Дар ин маврид калимаҳои орӣ аз ҳар гуна аломат дар забони тоҷикӣ ба вазифаи мубтадо ва хабари номӣ омада метавонанд, ба шарте ки пеш аз онҳо ҳеҷ гуна таъсири пешояндҳо ва феълҳо набошад. Масалан, дар таркиби «***дар хона***» ҳарчанд калимаи хона аз ҳар гуна аломати эъробӣ орӣ бошад ҳам, аммо аз таъсири пешоянди «***дар***» на ба мубтадо ва хабар, балки ба ҳоли макон ишора месозад.

Аломати дигари эъробӣ дар забони тоҷикӣ ин бандаки изофии – **«и»** мебошад, ки он «*аз ҷумлаи асоситарин ва мумтозтарин воситаҳои алоқаи синтаксисӣ ба шумор меравад*» [7,246] ва бандаки изофии мазкур ба вобастагии ду калима ишора месозад. Бандаки изофии –«*и*» дар забони тоҷикӣ аломати муайянкунандагӣ ва ё изофӣ ба шумор рафта, дар ин маврид муодили «*родительный падеж*»-и русӣ, «*эъроби ҷар*»-и арабӣ ва «*thepossessivecase*»-и англисӣ шуда метавонад. Агар дар забони арабӣ ҳангоми изофа шудани як исм ба исм, ҷонишин ва ё зарф шартҳое дар ҳар ду рукни изофа: танвин ва артикл нагирифтани муайяншаванда [20,171] ва ҳамеша дар «*эъроби ҷар*» омадани муайянкунанда риоя карда шавад, пас дар забони тоҷикӣ бандаки изофии – «*и*» ҳама он шартҳоро ба танҳои адо намуда, дар навбати худ муайяншавандаро аз гирифтани пасоянди – «*ро*» монеъ мешавад.

Шояд дар ин маврид чунин суоле ба миён ояд, ки агар бандаки изофии – «*и*» аломати эъробӣ бошад, пас чаро на дар охири муайянкунанда, ки ба гунае зери таъсири муайяншаванда мондааст, балки дар охири муайяншаванда оварда шудааст, дар ҳоле ки муайяншаванда дар зери таъсири омиле нест? Чи тавре пештар қайд намудем, эъроб зодаи ба ҳамтаъсирнамоии калимаҳо мебошад, ба ибораи дигар ҳар аломати эъробӣ аз чигунагии алоқаи байни воҳидҳои синтаксисӣ дарак медиҳад ва такя ба ин бандаки изофӣ дар забони тоҷикӣ аз алоқаи ду рукни ибораи изофӣ ва тобеъ шудани муайянкунада ба муайяншаванда [11,74] ҳикоят мекунад. Аммо дар посух ба ин ки чаро аломати изофии исмҳо на дар муайянкунанда, балки дар муайяншаванда зуҳур намудааст, метавон аз хусусиятҳои грамматикии забони тоҷикӣ сухан гуфт. Ба ин маъно ки ҳар забоне дар ифодаи маъно воситаҳои вижаи худро дорад, аз ин рӯ, падеж дар ҳар забоне ба сурати махсус зуҳур мекунад. Чунончи дар забони арабӣ агар аломати эъробии ибораҳои исмии изофӣ дар ҳар ду рукни ибора «**الطَّالِب كِتَاب**» зуҳур намояд, пас дар забони русӣ ин аломат дар рукни дуввум- муайянкунанда- «книга студент***а***» зоҳиртар аст, дар ҳоле ки дар забони англисӣ дар ин маврид аз пайвандаки изофии «**of**» (**theanswersofthepupils**) ва ё бо ёрии пеш аз муайншаванда омадани муайянкунанда (**-s**) (**childrensshoes**) [6,135-136] истифода мешавад. Дар забони тоҷикӣ бошад, бандаки изофии –«*и*» ҳамчун баёнкунандаи робитаи муайяншавандаву муайянкунанда омада, айни ҳамон дигаргуниҳо ва вазифаҳои синтаксисии эъробии забони арабиву русиро ифода мекунад. Аз ин рӯ, бо ҳамроҳи муайяншаванда омадани бандаки мазкур аз аломати эъробӣ будани он

монеъ шуда наметавонад, балки ин аз вижагии эъроби забони тоҷикӣ ба шумор меравад.

Аломати эъробӣ ва ифодагари ҳолати эъробӣ шуморидани **–и**-и изофӣ беасос нест, зеро забоншиносони ғайритоҷику рус аз он ҳамчун аломати эъробӣ ёд менамоянд. Аз ҷумла форсишиноси араб Аҳмад Камолиддин Ҳалимӣ таъкид менамояд, ки дар забони форсӣ (тоҷикӣ) эъроб танҳо дар ҳолати изофӣ меояд, ба ин гуна ки музоф (муайяншаванда) пеш аз музофун илайҳ (муайянкунанда) омада, ба он (ба музоф) касраи сабуке (касраи изофа-бандаки изофӣ) пайваст мегардад [3,66]. Забоншиноси муосири амрикоӣ, Miriam Butt низ ба изофаи форсӣ (тоҷикӣ) ҳамчун ҳолати эъробие, ки дорои аломати эъробӣ мебошад, ишора мекунад [21,6].

Аломати дигари эъробӣ, ки пештар дар мавриди чигунагии он аз нигоҳи забонӣ ва таърихӣ сухан рафта буд, пасоянди *–«ро»* мебошад. Пасоянди *–«ро»* пеш аз ҳама «*нишондиҳандаи пуркунандаи бевоситае, ки ба воситаи ҳиссаҳои номии нутқ ифода меёбад*» [7,308], ба шумор рафта, аз пуркунандаи бевоситаи суратёфта будани ҳиссаҳои номии нутқ дар зимни ҷумла дарак медиҳад.

Яке аз сабабҳои вуҷуди эъроб дар ин ё он забон ба гӯянда имконияти васеи баён ва ихтиёроти густардае дар ҷобаҷогузории воҳидҳои синтаксисии нутқ дар зимни ҷумла медиҳад. Пасоянди *–«ро»* низ мисли аломати «*винительный падеж*»-и русӣ ва «*аломати мансубӣ*»-и арабӣ дар баробари ифода намудани таъсири феъли гузаранда бар исм, боз ба гӯянда имконият медиҳад, ки пуркунандаи бевоситаи суратёфтаро дар аввал, мобайн ва ё охири ҷумла зикр намояд. Масалан, дар забони арабӣ ҷумлаи «**اَلْكِتَابَ أَحْمَدُ اشْتَرَى**» (*Аҳмад китобро харид*), ки калимаи «**الْكِتَابَ**» ба вазифаи пуркунандагӣ омадааст, метавонад пеш аз феъл «**أَحْمَدُ اشْتَرَى الْكِتَاب**» ва ё пеш аз фоъил «**أَحْمَدُ الْكِتَاب اشْتَرَى**» қарор гирад, ки дар ҳама маврид дар забони тоҷикӣ ба таври «*Аҳмад китобро харид*» тарҷума мешавад. Дар ин тағйири маконӣ агарчи услуб ва балоғати ҷумла дигаргун шавад ҳам, аммо вазифаҳои синтаксисии калимаҳо тағйир намепазирад, зеро аломати эъробӣ ба кадом вазифаи наҳвӣ омадани калимаҳоро ба таври назаррас инъикос менамояд. Пасоянди *–«ро»*-и тоҷикӣ ё худ нишонаи мафъулияти тоҷикӣ низ айни ҳамин имкониятро ба гӯяндаву нависанда медиҳад, ба ин гуна ки «*Аҳмад китобро харид*»; «*Китобро Аҳмад харид*» ва «*Аҳмад харид китобро*»; Дар мисолҳои мазкур пуркунандаи бевоситаи суратёфта калимаи «*китоб*» мебошад, ки бо пазируфтани пасоянди *–«ро»* имконият ёфт, то дар аввал, мобайн ва охири ҷумла қарор гирад. Аз ин рӯ, бори дигар метавон иддао намуд, ки пасоянди *–«ро»* аз муҳимтарин ва боризтарин аломати эъробӣ дар забони тоҷикӣ мебошад.

Садоноки дарози «*о*», ки ҳангоми нидо ба охири калимаҳо часпонида мешавад, метавонад нишонаи дигаре аз эъроб дар забони тоҷикӣ бошад. Нидо дар забони тоҷикӣ бештар ба воситаи калимаҳои алоҳида аз қабили э, о, а, оҳ, ҳой, вой ва умуман бо калимаҳои ифодагари ҳаяҷону ҳиссиёти гуногун [10,434] оварда шавад ҳам, аммо гоҳе ба вижа дар забони шеъри классикӣ дар охири калимаҳое, ки мавриди хитобу нидо қарор гирифтаанд, садоноки «*о*» оварда мешавад, ки бархе забоншиносони форс онро баргирифта аз забони арабӣ ва ё шакли таҳрифёфтаи танвини ҳолати мансубии исмҳои арабӣ мешуморанд. Масалан, дар шеърҳои Шайхи Шерозу Хоҷаи Шероз мисдоқи ин гуфтаҳоро метавон ёфт. Чуночни онҳо дар мақтаи бархе ғазалҳо ба шакли «*Саъдиё*» ва «*Ҳофизо*» хитоб намудаанд. Дар забони насри классикӣ низ нидо бо «*о*» оварда шудааст, ба монанди: «*махдум**о**, ҳам имрӯз ифтитоҳи сабақ менамоем*; *Шоҳ**о**, маро доияи сафари Рум шуд*; *Булбул**о**, мужгдаи баҳор биёр*. Ба ҳамин тартиб агар садоноки «*о*»-и нидо дар охири калимае омада бошад, метавон аз он ҳамчун аломати эъробӣ, ки аз «*мунодо*» қарор гирифтани калима дарак медиҳад, ёд намуд.

Чи тавре дида шуд, дар забони тоҷикӣ чаҳор аломати эъробӣ: *бетаъсирпазирӣ*, *бандаки изофии –«и»*, *пасоянди –«ро»* ва *«-о»-и нидо* вуҷуд дорад, ки тавассути онҳо метавон вазифаҳои синтаксисии калимаҳоро ба таври нисбӣ ҳам бошад, дар зимни ҷумла муайян намуд ва такя ба онҳо байни мубтадову хабар ва пуркунандаву муайянкунанда ва ҳол ба гунае фарқ гузошт.

Дар баробари чаҳор аломати мазкур калимаҳоро дар забони тоҷикӣ метавон дар ҷумла ба чаҳор «*ҳолати эъробӣ*» ё худ синтаксисӣ раддабандӣ намуд. Дар забони

форсӣ (тоҷикӣ) агар «*аломати эъробӣ*» инкор шавад ҳам, аммо истилоҳи «*ҳолати эъробӣ*» бояд инкорнопазир бошад

Муаллифони китоби «Дастури забони форсии панҷ устод» барои исм чаҳор ҳолатро қоил шудаанд, ки онҳо иборатанд аз: «*ҳолати фоъилӣ*», «*мафъулӣ*», «*изофа*» ва «*нидо*» [5,35]. Ба ҳамин тартиб ҳолати эъробии калимаҳоро метавон дар забони тоҷикӣ ба таври зер: «*ҳолати фоъилӣ*», «*мафъулӣ*», «*изофа*» ва «*нидо*» тақсим намуд.

Дар зери «*ҳолати фоъилӣ*» сараъзоҳои ҷумла мубтадову хабар дохил мешаванд, ки аз он ба истилоҳи дигари забоншиносӣ, «*ҳолати исноди*» низ метавон ёд кард.

Дар зери «*ҳолати мафъулӣ*» бошад, яке аз аъзоҳои пайрави ҷумла пуркунандаи бевосита омада метавонад, ки чӣ тавре пештар зикр намудем, нишонаи асосии он пасоянди – «*ро*» мебошад. Инчунин, ҳол, ки аз серистеъмолтарин ва гуногуннавътарин аъзои пайрави ҷумла мебошад, тибқи тақсимоти мазкур дар таҳти «*ҳолати мафъулӣ*»-и калимаҳо қарор мегирад.

Аммо вақте сухан аз «*ҳолати изофӣ*» меравад, дар синтаксиси забони тоҷикӣ муайянкунанда дар назар дошта мешавад.

Дар зери «*ҳолати нидо*» ҳамон калимаҳое ворид мегарданд, ки ифодагари нидо бошанд.

Хулоса, забони тоҷикӣ ҳарчанд забони беэъроб унвон карда шавад ҳам, ба назари мо аз тобишҳои эъробӣ орӣ намебошад. Зеро забони тоҷикӣ ҳарчанд ба гурӯҳи забонҳои аналитикӣ дохил шавад ҳам, «*дар баробари хусусиятҳои аналитикӣ баъзе унсурҳои синтетикӣ низ дар он мушоҳида мешавад*» [18,421]. Гузашта аз ин ба ақидаи забоншиноси машҳури рус Ю. С. Маслов «*категорияи падеж тавассути анҷомаҳо, бо ёрии пешоянду пасояндҳо ва тартиби воҳидҳои синтаксисӣ (дар зимни ҷумла) адо карда мешавад*» [14,173], ки сурати онро дар сохтори ибора ва ҷумлаҳои забони тоҷикӣ бараъло дидан мумкин аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Арзуманов С., Сангинов А. Таджикский язык.- Душанбе: Маориф, 1988. - 416 с.
2. Аҳмад А. Ҷ. Фи-л-эъроб ва мушкилотиҳи (2) саҳ. 95-107. Маҷаллату Маҷмаъ –ал- луға –ал - арабия. -Ҷ. 44. -Алқоҳира, 1399 ҳ-1979 м.
3. Аҳмад К. Ҳ. ал- Марҷаъ фи қавоид-ил-луғат-ил-арабия – ал - Кувайт: Зот-ус-салосил, 1406 ҳ.-1986м. -903 с.
4. Баҳор Муҳаммадтақӣ. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ.- Ҷ.1.-Теҳрон, 1381. -496 с.
5. Баҳор Муҳаммадтақӣ, Бадеъуззамон Фурӯзонфар. Дастури забони форсии панҷ устод. -Порс, 1362. -139 с.
6. Верба Л. Г. Верба Г. В. Грамматика современного английского языка. Справочник.-Киев: «ИП Логос-М», 2007. – 368 с.
7. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди 1. Фонетика ва морфология. -Душанбе: Дониш, 1985. – 356 с.
8. Есперсен О. Философия грамматики / Перевод с английского В.В.Пассека и С.П. Сафроновой. М.: Изд. Иностранной литературы, 1958. -400 с.
9. Жозеф Вандриес. Аллуға. Таърибу Абдулҳамид Аддавохилӣ ва Муҳаммад Алқассос. Мактабат-ул-энҷил-ул-мисрия, 1370 -1950. 472 с.
10. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1. -Душанбе, 1973. -458 с.
11. Забони адабии ҳозираи тоҷик/ Синтаксис.-Душанбе: Ирфон, 1970.-267 с.
12. Исматуллоев М. Очеркҳои грамматикӣ оид ба ҳолшарҳкунандаҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик (ҳоли макон ва замон). Қ.1. -Душанбе: Ирфон, 1971.-176 с.
13. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои 1Х-Х). - Душанбе, 2003. – 490 с.
14. Маслов Ю. С. Введение в языкознание. - 4-е изд.; М.: Академия, 2005.-304 с.
15. Муҳаммад Ҳаммоса Абдуллатиф. Ал-аломат-ул-эъробия байн-ал-қадим ва-л-ҳадис. –Ал-Қоҳира: Дор-ул-фикр-ил-арабӣ. -420 с.
16. Рубинчик Ю.А.Грамматика современного персидского литературного языка. –М.: Восточная литература, 2001. –600 с.
17. Саймиддинов Д. Вожашиносии забони форсии миёна – Душанбе: Пайванд, 2001. – 310 с.
18. Энцклопедияи советии тоҷик. Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон. Ҷилди 2. -Душанбе, 1980. -640 с.

19. Энцклопедияи советии тоҷик. Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон. Ҷилди 5. -Душанбе, 1980. -640 с.
20. Языкознание. Большой энциклопедический словарь / Гл. ред. В. Н. Ярцева.-2-е изд.-Я41 М.: Большая Российская энциклопедия, 1998. – 685 с.
21. Miriam Butt. Theories of Case.Cambridge University Press, 2006 (Cambridge Textbooks in Linguistics). -273 p.

НЕКОТОРЫЕ ПАДЕЖНЫЕ ЗНАКИ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

Таджикский язык считается безпадежным языком, но в нем существуют предлог и послелоги, что играют роль падежей. Поэтому можно сказать, что в таджикском языке существуют признаки падежей.

Ключевые слова: таджикский язык, арабский язык, языкознание, падежные знаки, послелог-ро.

SOME DECLENSIONAL SIGNS IN THE TAJIK LANGUAGE

The Tajik language is the language of case no, but there are prepositions and postpositions, which play a roll case. Therefore, we can say that in the Tajik language, there are signs of cases.

Key words: Tajik language, Arabic language, linguistics, declensional signs, postposition-po.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Исмонов Кароматулло*** - соискатель кафедры арабской филологии ТНУ. Телефон: **917-44-40-40; usmon1982.82@mail.ru**

ПРЕЦЕДЕНТЫ КАК ФЕНОМЕНЫ ЯЗЫКА, СОЗНАНИЯ И КУЛЬТУРЫ

Л.Т. Рузиева
Таджикский национальный университет

Каждый человек принадлежит к определённой национальной культуре, включающей национальные традиции, язык, историю, литературу. Экономические, культурные и научные контакты стран и их народов делают актуальными темы, связанные с исследованием межкультурных коммуникаций, соотношения языков и культур, изучением языковой личности.

Лингвистика как наука, изучающая общие процессы языка, вполне закономерно и традиционно обращается к вопросам культуры как вспомогательному материалу для более глубокого проникновения в суть языковых явлений. Все исследователи, изучающие взаимообусловленность языка и культуры исходят из положения, что взаимоотношение языка и культуры представляется как фактор взаимного развития и существования.

В современных условиях параллельно с динамическими изменениями образа жизни людей меняется и языковой вкус. И публицистика и живая речь насыщены новыми словами, названиями, новым контекстом; значительно количество лексики с национально-культурной оценочностью – пословицы, поговорки, фразеологизмы, крылатые слова и прецедентные феномены.

Э.Сепир писал: "Язык - это путеводитель, приобретающий всё большую значимость в качестве руководящего начала в научном изучении культуры".

Лингвокультурология (от лат. lingua – язык, cultura – культура, logos – учение) – научная дисциплина синтезирующего типа, изучающая взаимосвязь и взаимодействие культуры и языка в его функционировании и отражающая этот процесс как целостную структуру единиц в единстве их языкового и внеязыкового содержания. Объектом лингвокультурологии является исследование взаимосвязи и взаимодействия культуры и языка в процессе их функционирования, а предметом – материальная и духовная культура, созданная человеком, т.е. всё то, что составляет „языковую картину мира“. Находится в кругу смежных наук: социолингвистики, этнолингвистики, психолингвистики, лингвострановедения, культурологии.

Лингвокультурология - одно из ведущих направлений лингвистических исследований.

Эта дисциплина связана с философией, национальным характером, менталитетом. Она представляет собой некую совокупность знаний о национально-культурной специфике, организации содержания речевого общения.

Современные тексты насыщены национально-культурными стереотипами; которые являются важным фактором доступности и восприятия текстов для людей, изучающих иностранный язык. Иностранец, изучающий язык и культуру другой страны, всегда проявляет интерес к людям этой страны, своеобразию их внешности, привычек и норм поведения, менталитета. Как правило, человек интересуется и тем, как люди другой национальности воспринимают окружающий мир, какими ценностями при этом оперируют. С другой стороны, иностранец стремится понять новую культурную среду, сравнивая ее феномены с феноменами родной или мировой культуры.

Прецедент (от лат. praecedens – идущий впереди, предшествующий) – 1) случай, имевший ранее место и служащий примером или оправданием для последующих случаев подобного рода; 2) юр. Решение суда или какого-либо другого органа, вынесенное по конкретному делу и обязательное при решении аналогичных дел в последующем.

Феномен (гр. phainomenon являющееся) – 1) фил.тоже, что явление; в идеалистической философии – субъективное содержание нашего сознания, не отражающее объективной действительности; в философии Канта противопоставляется ноумену; 2) редкое, необычное явление или выдающийся, исключительный в каком-либо отношении человек.

Прецедентный феномен – феномены, значимые для той или иной личности в познавательном и эмоциональном отношениях, имеющие сверхличностный характер, т.е. хорошо известные и окружению данной личности, включая и предшественников и современников, и, наконец, такие, обращение к которым возобновляется неоднократно в дискурсе данной языковой личности.

Признаки феноменов прецедентности:

✓ ПФ хорошо известны всем представителям национально-лингво-культурного сообщества;

✓ ПФ актуальны в когнитивном (познавательном и эмоциональном) плане (за прецедентным феноменом всегда стоит некое представление о нём, общее и обязательное для всех носителей того или иного национально-культурного менталитета);

✓ Апелляция к ПФ постоянно возобновляется в речи представителей того или иного национально-лингво-культурного сообщества;

✓ ПФ не обязательно должны иметь словесное выражение. Фрагменты кинофильмов в репортажах – тоже ПФ.

Лингвисты выделяют следующую классификацию прецедентных феноменов:

- прецедентные тексты (ПТ),
- прецедентные высказывания (ПВ),
- прецедентные имена (ПИ)
- прецедентные ситуации (ПС),

Лингвисты дают следующую классификацию прецедентных феноменов: прецедентные ситуации (ПС), прецедентные тексты (ПТ), прецедентные имена (ПИ) и прецедентные высказывания (ПВ). Прецедентный текст – 1. Законченный и самодостаточный продукт речемыслительной деятельности; полипредикативная единица; сложный знак, сумма значений которого не равна его смыслу; ПТ хорошо знаком любому среднему члену национально-культурного сообщества; в когнитивную базу видит вариант его восприятия. 2. Любая характеризующаяся цельностью и связностью последовательность знаковых единиц, обладающая ценностной значимостью для определенной культурной группы.

Прецедентное высказывание – репродуцируемый продукт речемыслительной деятельности; законченная и самодостаточная единица, которая может быть или не быть предикативной; сложный знак. Сумма значений компонентов которого не равна его смыслу.

Прецедентное имя – индивидуальное имя, связанное или с широко известным текстом, относящимся, как правило, к числу прецедентных, или с ситуацией, широко известной носителям языка и выступающей как прецедентная.

Пи делятся на:

- антропонимы (собственные имена людей)
- теонимы (собственные имена божеств)
- идеонимы (собственные имена объектов духовной культуры)

Прецедентная ситуация – некая «эталонная», «идеальная» ситуация, связанная с набором определенных коннотаций, дифференциальные признаки которых входят в когнитивную базу.

Состав прецедентных феноменов подвижен. Одни прецеденты устаревают и выпадают из употребления, другие приобретают дополнительные смыслы и таким образом способствуют появлению новых прецедентных феноменов. Развитие общества, смена моральных ценностей также влияют на изменения в составе прецедентных феноменов. Отметим, что раньше прецедентными становились имена, выражения, ситуации, связанные с учеными (*Эйнштейн* – прецедентные имена, *«Эврика!»* - прецедентное высказывание), художественными произведениями и историческими событиями (*Титаник* –прецедентное имя, актуализирующее прецедентную ситуацию).Сегодня, с возросшей популярностью телевидения, прецедентными становятся скорее названия масштабных телевизионных проектов, фильмов, заглавия книг, имена политиков и общественных деятелей. Например, популярная во всем мире книга *«Гарри Поттер»*, известные телевизионные шоу,имена политиков, ставшие прецедентными.

Существует еще одна классификация ПФ, по социальной значимости распространения, представленная Г. Г. Слышкиным:

1) социумно-прецедентные - феномены, известные любому среднему представителю того или иного социума. В журналистских текстах не используются, т. к. известны маленькому кругу людей.

В свою очередь социумно-прецедентные феномены делятся на макрогрупповые и микрогрупповые.

Макрогрупповые феномены – феномены, прецедентные для большой группы людей (например, профессиональная группа, группа одноклассников, студентов).

Микрогрупповые феномены – феномены, прецедентные для маленькой группы людей (например, семейная группа).

2) национально-прецедентные -феномены, известные любому среднему представителю того или иного национально-лингво-культурного сообщества;

По естественным причинам, чем малочисленнее этническая группа, тем меньше число ее представителей, чья известность вышла за национальные рамки, но, в то же время, тем позитивнее окрашено ценностное отношение народа к ним. Прецедентный феномен в малых культурах чаще играет роль фетиша, нежели в культурах многочисленных народов. Представители малых народов крайне болезненно реагируют на негативные высказывания о своих выдающихся представителях. Этот факт необходимо учитывать в процессе межкультурного общения. Представители многочисленных народов, для которых критическое отношение к корифеям часто является вопросом моды, легко могут потерпеть из-за этого коммуникативный провал.

Часто разные национально-прецедентные феномены в лингвокультурных сообществах актуализируют одно и то же явление или качество. Человек высокого роста актуализируется английским прецедентным именем – *Гулливер*. Полного человека можно назвать американским прецедентным именем – *Шрек*. Прецедентные имена *Мэри Поппинс, Фрэкен Бок* обозначают няню, воспитательницу и т.д.

Например, В фильме Г.Данелии "Мимино" один из персонажей, армянин по национальности, говорит о девушке стюардессе: "Что ты для нее такое? Она каждый день артистов видит, космонавтов видит, академиков видит, Иштояна видит".

В данном случае для говорящего концепт Иштоян занимает значимое место. Говорящему просто не приходит в голову, что кто-то может не знать или не ценить Иштояна.

3) универсально-прецедентые или цивилизационные - феномены, которые известны среднему современному homosapiens и входят в «универсальное» когнитивное пространство.

Единственным видом ПФ, который необходимо исключить, является вид индивидуальных прецедентных феноменов. Такое понятие содержало бы противоречие в самом себе. Феномен вполне может служить основой для образования индивидуального

концепта, но прецедентным феномен становится лишь в процессе коммуникации, когда носителю концепта удается добиться того, чтобы феномен был включен в систему ценностей какой-либо группы.

Существуют феномены, становящиеся прецедентными на относительно короткий срок и не только неизвестные предшественникам данной языковой личности, но и выходящие из употребления раньше, чем сменится поколение носителей языка (например, рекламный ролик, анекдот). Тем не менее, в период своей прецедентности эти феномены обладают ценностной значимостью, а основанные на них реминисценции часто используются в дискурсе этого отрезка времени.

по средствам выражения:

а) вербальные ПФ:

- разнообразные вербальные единицы

Рокфеллер – самый богатый человек в истории.

- тексты как продукты речевой деятельности

б) невербальные ПФ:

- произведения живописи

Например, “улыбка Моны Лизы” употребляется в качестве комплимента. Иметь улыбку Моны Лизы, значит иметь игривую и загадочную улыбку.

- архитектуры

Например, знаменитые часы в Лондоне Биг-Бен, являющиеся самыми высокими в мире. Данное прецедентное имя употребляется для сравнения высокого человека с этим архитектурным строением.

Прецедентные феномены - хороший материал для медиа-текста. Они актуализируют фоновые знания читателя, вводят в оперативную память знаки культуры, интеллектуализируют изложение, но обращение к ним предполагает напряженную творческую работу создателя и редактора текста. Ведь эти знаки являются носителями эстетической информации, следовательно, они вправе рассчитывать и на их эстетическую обработку.

Часто разные национально-прецедентные феномены в лингвокультурных сообществах актуализируют одно и то же явление или качество. Человек высокого роста актуализируется английским прецедентным именем – *Гулливер*. Полного человека можно назвать американским прецедентным именем – *Шрек*. Прецедентные имена *Мэри Поппинс, Фрэкен Бок* обозначают няню, воспитательницу и т.д.

Практически в каждой национальной литературе есть авторы, из произведений которых, имена персонажей, выражения и ситуации становятся прецедентными. В английской литературе - это, безусловно, У.Шекспир (прецедентные имена *Отелло, Гамлет, Король Лир, Ромео и Джульетта*; прецедентное выражение – *«Быть или не быть?»).*

В период интенсивной глобализации возрастает число универсальных прецедентных феноменов, знание которых становится обязательным условием получения полноценных фоновых знаний, способствующих эффективному диалогу культур в процессе межкультурной коммуникации.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Красных В.В., Гудков Д.Б., Захаренко И.В., Багаева Д.В. Когнитивная база и прецедентные феномены в системе других единиц и в коммуникации. - М., 1997.
2. Евтюгина, А.А. Прецедентные тексты в поэзии. - Екатеринбург, 1995.
3. Слышкин Г.Г. От текста к символу: лингвокультурные концепты прецедентных текстов в сознании и дискурсе. - М., 2000.
4. Гудков Д.Б. Прецедентные имена в языковом сознании и дискурсе. - М., 1999.

ПРЕЦЕДЕНТЫ КАК ФЕНОМЕНЫ ЯЗЫКА, СОЗНАНИЯ И КУЛЬТУРЫ

В период интенсивной глобализации возрастает число универсальных прецедентных феноменов, знание которых становится обязательным условием получения полноценных фоновых знаний, способствующих эффективному диалогу культур в процессе межкультурной коммуникации.

Ключевые слова: язык, сознание, культура, фоновые знания, диалог культур, эффективный диалог.

PRECEDENTS AS PHENOMENON'S OF THE LANGUAGE, CONSCIOUSNESSES AND CULTURES

At period intensive global increases the number universal precedents phenomenon, which knowledge becomes the obligatory condition of the reception of the full-fledged background knowledge's, promoting efficient dialogue of the cultures in process межкультурной to communications.

Key words: language, consciousness, culture, background knowledge, dialogue of cultures, effective dialogue.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Л.Т. Рузиева*** - докторант Таджикского национального университета

МАВҚЕИ ИСТИФОДАИ ИФОДАҲОИ МАҶОЗӢ ДАР АШЪОРИ МАВЛОНО ҶАЛОЛУДДИНИ БАЛХӢ

С. Сабзаев
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ифодаҳои маҷозӣ яке аз рукнҳои унсури забон буда, баҳри ифоданоку муассир ва марғубу дилангез баён гардидани фикр кӯмаки калоне мерасонад.

Мушоҳидаҳо собит месозанд, ки аз кулли дигар васоити тасвир дар ашъори Мавлоно истифодаи ифодаҳои маҷозӣ пештозӣ дорад. Дар «Девони кабир» ғазале нест, ки дар он якчанд ифодаи маҷозӣ корбаст нагардида бошад. Чунончи, агар дар ғазали «Имрӯз хандонему хуш, К-он бахти хандон мерасад» (5,116) шаш ифодаи маҷозӣ истифода шуда бошад, пас дар ғазали «Қанд бикшо, эй санам, то айшро ширин кунад» (5,147) панҷ ифодаи маҷозӣ ба кор бурда шудааст. Баъзе ғазалҳо аз чунин ифодаҳо саршоранд. Масалан дар ғазали «Эй ту валиэҳсони дил, Эй ҳусни рӯят доми дил»(5,178), ки аз бисту ду мисраъ иборат аст, ҳаждаҳ ифодаи маҷозӣ истифода шудааст.

Ифодаҳои маҷозии дар ашъори Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ истифодашударо аз рӯи сохтору таркиб, маъно ва роҳҳои ташкилёбӣ тасниф намудан мумкин аст.

1. Сохтору таркиби ифодаҳои маҷозӣ

Ифодаҳои маҷозии ашъори Мавлоно аз рӯи сохтору таркибашон дуҷузъа ва сеҷузъа мешаванд. Ифодаҳои маҷозии дуҷузъа серистеъмоланд: соғари мардӣ (6,22), дили дарё (6,223), шароби ишқ (6,318), бози ҳиммат (4,211), қиблаи карам (4,611):

Бардарид он гӯсфандонро ба хашм,
Ки зи **чӯпони хирад** бастанд чашм (4,225).

Эй ба сари ҳар санге аз **лаъли лабат** нуре
В-аз **шӯриши зулфи** ту дар ҳар тарафе шӯре (6,61).

Ифодаҳои маҷозии сеҷузъа дар ашъори Мавлоно камтар истифода гардидаанд:

Гар дастёри васли ту ёбад дилам дар ҷустуҷӯ,
Бас бӯсаҳо, ки дил диҳад бар **шохи пои оштӣ** (6,193).

Дӯш дидам ишқро мекард аз хуни сиришк
Бар **сари боми дилам** аз ҳаҷр хунандоие (6,360).

Дар ифодаҳои навъи **парру боли гул** (5,185) ду исми чидашудаи мавсуфро (пар, бол) вожаи дигаре (бол) муайян мекунад:

Он зиндакуни ин **дару девори бадан** ку (6,92).

Дар ифодаҳои маҷозии навъи **қаҳрабои ақлу ҷон** (5,271) як мавсуфро (қаҳрабо) ду ашё (ақл, ҷон) муайян месозад: қаҳрабои ақл, қаҳрабои ҷон:

Ҳадиси чашми ту гуфтам, дилам рафт
Бар **дарёи фанову ҷонсупорӣ** (6,314).

Ишқи Шамсиддини Табрезист ин,
К-у бурун аст аз **ҷаҳони рангу бӯ** (6,118).

Ниҳоят ба як ашё ду хусусият нисбат дода, ду ибора-ифодаро ташкил медиҳанд ва ба тарзи чида дар паҳлуи ҳамдигар истифода мегарданд:

Ҷаҳон сӯзад з-оташҳои хубон,
Ҷамоли ишқу рӯи ишқ боре (6,306).

2. Гурӯҳҳои маъноии ифодаҳои маҷозӣ

Ифодаҳои маҷозиро аз рӯи ашёи мавсуф ба чандин гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

а) Ифодаҳои маҷозие, ки дар онҳо ашёи мавсуф вожаҳои ифодакунандаи мафҳуму ҳаводиси гуногуни табиат мебошанд. Чунончи, маҷозан **барф**-хосияти фироқӣ ҳам дошта метавонад, **хок** аз ғам таркиб меёбад:

Аждаҳоро дор дар **барфи фироқ**,
Ҳин, макаш ӯро ба хуршеди Ироқ (4,242).

Чанд чӯпоншон бихонду н-омаданд,
Хоки ғам дар чашми чӯпон мезаданд (4,225).

Ба ин гурӯҳ ифодаҳои **ҷӯйи карам** (5,37), **боди ҳавас** (5,560), **ҳилоли гул** (5,185), **мавҷи ҳайрат** (4,266), **кафки тасдиқ** (5,275) низ мутааллиқанд.

б) Ифодаҳои маҷозие, ки дар онҳо ашёи ифодагари ҷамодоту наботот маҷозан молики хислатҳои гуногун шудаанд. Аз ин ҷост, ки **имтиҳон санг** дорад, **завқ**, **тақво** аз сабза иборат буда метавонанд, **сунбул** абрӣ дорад:

Гар ту нақде ёфтӣ, макшо даҳон,
Ҳаст дар раҳ **сангҳои имтиҳон** (4,234).

Кай бирӯяд **сабзаи завқи** висол,
Кай биҷӯшад чашмаҳо з-оби зулол? (5,159).

Оташи шаҳват, ки шӯъла мезадӣ,
Сабзаи тақво шуду нури ҳудӣ (4,181).

Ҳазар зи **сунбули абрӣ**, ки чашми шаҳ бар туст,
Ҳало, ки менигарад сӯи ту харидоре (6,452).

в) Дарахтон ва меваҳо: хаданги назар (5,322), шоххои хирад (5,322), меваи ҳикмат (5,356).

г) Ҳайвонот: наҳанги шаб (5,94), шери ҳачр (4,59).

д) Паррандагон ва узвҳои онҳо: минқори ҳачр (5,185), булбули шавқ (5,390), симурғи рӯҳ (4,52).

е) Мафҳумҳои ба касбу кори додварзию додситонӣ алоқаманд: шаҳнаи васл (5, 117), шаҳнаи адл (5,142), шаҳнаи ақл (5,356).

ё) Лавозимоти ҳарбӣ: тири ғамза (5,110), тири нола (5,110), сипоҳи осмон (5,178), лашкари ҳиҷрон (5, 187), лашкари ишрат (5,365).

ж) Асбобҳои рӯзгор: ҷоми васл (5,138), хони харобот (5,215), ҷорӯби забон (4,120).

з) Анвои хӯрокворӣ: тухмҳои фитнаҳо (4,33), шаккари лабҳо (4,61), байзаи намоз (4,271).

и) Бошишгоҳ, қисматҳои бино: боми фалак (6,225), сақфи гардун (4,163), хаймаи гардун (4,410).

й) Либос: Хирқаи номус (5,79), ҷомаи субҳ (5,112), хилъати васл (5,225), қабои оштӣ (6,193).

к) Узви бадани инсону ҳайвонот: синаи санг (5,293), дидаи ақл, дидаи ишқ (5,293), ҷабини ҳачр (6,9), пистони вафо (6,346).

қ) Асбобҳо ва мафҳумҳои соҳаи мусиқӣ: нағмаи тар (6,109), навои оштӣ (6,193), табли инсоф (4,135).

л) ҷой, макон: манзили ҳайрат (5,31), гулзори васл (5,35), боғи ҷамол (5,225), гулшани маънӣ (6,7), чарогоҳи ситам (4,59).

н) Мафҳуми фаровонӣ, ғановат: сармояи мастӣ (5,195), ганҷи маонӣ (6,35).

о) Мафҳумҳои ифодагари паҳноӣ, интишор: ҷаҳони ошиқон (5,121), дашти адам (6,343), дашти бало (4,236).

п) Давою дармон: ҳабби шодӣ (5,436), марҳами роз (6,81), доруи сабр (4,121).

р) Хислат: нафси дӯзаххӯй (4,181).

с) Сухан, ифода: сухани пухта (5,415), захми забон (6,400).

т) Зебоӣ, ҳусн: ҷамоли адам (6,40), ҷамоли замона (6,236).

Баъзе хусусиятҳои махсуси истифодаи ифодаҳои маҷозӣ. Ифодаҳои маҷозӣ низ ҳамчун яке аз васоити пуробуранги забон хусусиятҳои алоҳидаи истифода доранд.

1) Дар баъзе ибораҳои маҷозӣ як ашё чанд воситаи тасвир дорад, яъне хусусиятҳои фитрии ашёро ба назар гирифта, он ба чандин ашёи дигар нисбат дода мешавад. Чунончи, **дил** вобаста ба вазифаю маром ва мавқеи ҷойгиршуда ба чандин ашёи дигар нисбат дода мешавад. Аз ҷумла **дарахту оташу дарё** ҳам дил доранд: дили дарахт (5,85), дили оташ (5,366), дили дарё (6, 233).

Ҳамин тариқ, ба **ақлу ишқ** дида доштан низ хос аст (дидаи ақл, дидаи ишқ – 5,253), **балою адам** дашт доранд (дашти адам – 6,343), (дашти бало – 4,236).

2) Гурӯҳи дигар чунин ифодаҳои маҷозиро фаро мегирад, ки як восиф,

ашёи муайянкунанда ба чандин ашё, мавсуф нисбат дода мешавад. Масалан, **ишқро** чандин ашё, чиз доро буда метавонад. **Ишқ** молику соҳиби ашёю хислату амали бешумурест: мадраса дорад (мадрасаи ишқ - 5,58), соҳибдард аст (дарди ишқ – 5,110), молики саҳро (саҳрои ишқ – 5,168), таблхон (таблхони ишқ – 5,189), муъмин (муъмини ишқ – 5,200), киштӣ (киштии ишқ – 5,292), бод (боди ишқ – 5,306), давлат (давлати ишқ – 5,355), боз (бози ишқ – 5,361), оташкада (оташкадаи ишқ – 5,413), нафас (нафаси ишқ – 5,415), курра (курраи ишқ – 5,425), тавқ (тавқи ишқ – 5,426), сир (сирри ишқ – 5,429), рег (реги ишқ – 6,307), даҳлез (даҳлези ишқ – 6,362), бозор (бозори ишқ – 6,398), дафтар (дафтари ишқ – 6,403), равоқ (равоқи ишқ – 4,530) мебошад. **Ишқ** инчунин қозӣ аст (қозии ишқ – 6,376), ғулом дорад (ғуломи ишқ – 6,448), нақд дорад (нақди ишқ – 6,448), ҷӯш дорад (ҷӯшиши ишқ – 4,309) ва ғ.

3. **Заминаҳои рӯиши ифодаҳои маҷозӣ.** Ифодаҳои маҷозӣ, чунонки аз номашон аён аст, воҳидҳои забоние мебошанд, ки дар заминаи маҷоз ба вуҷуд меоянд. Як вожа ба вожаи дигар бо дарназардошти хусусияту хислат, рангу бӯ, ҷуссаву зебоию тароват, муҳимию зарурият, қобилияту муносибат, вазифа ва соири васоити монандкунӣ ташкил меёбанд.

Ҳамин тариқ, заминаи рӯиши ифодаҳои маҷозӣ асосан ташбеҳу истиора, муболиға ва ташхис мебошад.

1. **Ифодаҳои маҷозие, ки дар заминаи ташбеҳу истиора пайдо шудаанд.** Ба ин гурӯҳ он ифодаҳои маҷозие шомиланд, ки ашёи мавсуф бо вожаи васфкунанда дар муносибати монандкунии (ташбеҳу истиора) ягон хислату хосият ва дигар авсоф қарор доранд. Чунончи, сиёҳии шомро (рангро) ба ҳисоб гирифта, зулфро ба он монанд кардаанд (шоми зулф – 5,204), сиёҳӣ (кудурату машаққат, хафагӣ) овардани ғамро ҳам пешорӯ эҳсос намуда, онро низ ба шаб ва шоми сиёҳ ташбеҳ додаанд (шаби ғам – 5,294; шоми ғам – 5,350).

Ифодаҳои маҷозии **гули рухсор** (5,143), **гули рӯй** (5,32), **гули васл** (6,225),

гули гӯё (6,113) низ дар заминаи баҳисобгирии маҳинӣ, болида сохтани табъ, форамию дилкашӣ ва зебоии гул ва ба он монанд кардани рухсор, рӯй, васл, гӯё (гуфтор) ба вуҷуд омадаанд:

Шамси Табрез чу бинмуд **гули рухсорат**,
Булбули ҷон зи шагаф омаду дар афғон шуд (5,143).

Он ҷо ки **гули рӯи** ту аз парда барояд,
Гул кист, ки ояд бадар аз парда танаш то (5,32).

Бар гирди ту ин олам хори сари девор аст,
Бар рӯи **гули васлат** хорест, ки мехорам (6,225).

Ҳама оташ **гули гӯё** шуду бо мо мегуфт:
Ҷуз зи лутфу карами дилбари мо ҳеҷ магӯ (6,113).

Ифодаҳои маҷозии дар заминаи ташбеҳу истиора ташкилёфтаро аз рӯи таркиб, доираи истифода, чандомади вожаи мавсуф ва вожаҳои тавсифӣ ва ба чандин гурӯҳҳо тасниф намудан мумкин аст.

а) Вожаи мавсуф бо чандин вожаҳои тавсифӣ дар ташкилёбии таркибҳои маҷозӣ мавқеъ доранд. Чунончи, вожаи мавсуф – **ҳалқа** вобаста ба ифодааш –

сарҷамъӣ, доирашакл будани ҳалқа ва ғ. тавсифҳои гуногун дошта метавонад. Мастон, ушшоқ, ҳалқа шуда метавонанд (ҷамъ меоянд), дил, зулф ва гуфтор ҳам ҳалқасон буда метавонанд:

Махусб имшаб, махусб имшаб, қавомаш гиру дарёбаш,
Ки ӯ дар ҳалқаи мастон чунин бисёр меояд (5,98).

Дар ҳалқаи ушшоқ ба ногаҳ хабар афтод,
К–аз бахт яке моҳрухи хуб дарафтод (5,135).

Ҳалқаи дил задам шабе дар ҳаваси саломи дил,
Бонг расид: – Кист он ? Гуфтам: – Ман ғуломи дил (5,180).

Ҳала, боқиш ту гӯ, ки ба вуҷуди чу туе,
Сарду ҳайф аст, ки мо **ҳалқаи гуфтор** занем (5,329).

Ҳамин тариқ, мавсуф –вожаи **доман** бо калимаҳои зиёде омада, ифодаҳои маҷозиро ташкил додаанд: домани лутф (5,31), домани хуршед (5,95), домани гул (5,185), домани гардун (6,107), домани лутф (6,367), домани ҷон (6,440), домани раҳмат (4,503).

Боз чунин ифодаҳои маҷозии шомили ин гурӯҳ мушоҳида гардиданд: нури сафо (5,199), нури басар (5,355), нури фақр (5,428), нури ишқ (6,10), нури заминиён (6,436), нури Худо, нури Иброҳим (4,109), нури дин (4,109), нури ғайб (4,302), анвори рух (4,39), анвори Шамсиддин (5,371), хонаи ҷон (5,52), хонаи чашм (5,72), хонаи лутф (5,79), хонаи дил (5,138), хонаи васл (5,138), хонаи ишқ (5,350), хонаи асрор (6,116), хонаи ҳастӣ (6,357), хонаи оташ (4,152) ва ғ.

б) Ифодаҳои маҷозии дар заминаи ташбеҳу истиора ташкилёфтае, ки дар онҳо як ашё (вожа) ба ҳаммаъноияшон мавсуф шудаанд. Масалан, вожаҳои ҳаммаънои шоҳ, шаҳриёр, султон, мир, чун ашёи мавсуф бо вожаҳои тавсифии зиёде ифодаҳои маҷозиро ташкил додаанд: шоҳи ишқ (5,51), шоҳи хушон (5,385), шаҳриёри ҷон (5,387), шоҳи ҳусн (5,415), шоҳи ҷаҳон (5,437), шоҳи хаммор (5,441), шоҳи дин (5,444), шоҳи шакаррез (6,61), шаҳи соқӣ (6,303), шоҳи вуҷуд (4,514), султони замин (5,52), султони хубон (5,435), султони ишқ (6,103), султони малоҳат (6,403), мири саодат (5,127), мири шикор (5,182) ва ғ.

в) Ифодаҳои маҷозие, ки ашёҳои (вожаҳои) мавсуфашон исми хоси одамон ва дарё мебошанд. Хислату хусусият ва сифату аломати муайянкунанда ба хислату хусусият ва сифоти аломоти ашёи мавсуф муқоиса ва монанд карда мешаванд:

Филҷумла ҳар он кас, ки дар ин хона раҳе ёфт,
Султони замин ҳасту **Сулаймони замон** (а) ст (5,52).
Зуҳраи ишқ ҳар саҳар бар дари мо чӣ мекунад? (5,148).

Юсуфи Канъони ишқат чоҳро карда ватан,
Лайливу Маҷнун зи ишқат гашта ҳайрон ҳамчунин (5,425).

Дар ҳар он шаҳре, ки **Нӯшервони ишқат** ҳоким аст,
Шуд ба ҷон дарбохтан он шаҳр Ҳотам Тоие (6,362).

Фиръавни ҳавоят шуд ҳаявон,
Дар гардани ӯ рав зангула кун (6,56).

Қатрае аз **Дағлаи хубии** ӯст,
К–он намегунҷад зи пуррӣ зери пӯст (4,89).

2. Ифодаҳои маҷозие, ки дар заминаи муболиға ташкил ёфтаанд.

Қаблан иброз бояд кард, ки ташбеҳу истиора ва муболиға аз навъҳои маҷозанд ва ба ҳамдигар хеле наздиканд. Масалан, **Дағлаи хубӣ** (4,89), ки истиораи пӯшида аст, пурра дар заминаи муболиға ташкил ёфтааст.

Дар ашъори Мавлавӣ ифодаҳои маҷозии ба ин гурӯҳ мутааллиқ бисёр дучор меоянд. Дар онҳо баъзе амалу ашёи тасвир ба андозае ба сифату хусусият ва қудрату имконияте нисбат дода шудааст, ки дар бузургию тавоноӣ ё дар кӯчакию нотавонӣ аз

ҳадди эътидолу тасаввур гузашт мекунад. Чунончи, агар дар ифодаҳои **чашмаи хун** (5,57), **чашмаи шаҳд** (5,73), **чашмаи дил** (6,281), **чашмаи чашм** (4,159) муболиға нисбатан ба дараҷаи аз будаш зиёдтар нишон додани ашёи ба чашма ташбеҳшаванда ташкил шуда бошанд, пас дар ифодаи **чашмаи хуршед** ин маънӣ баръакс аст, зеро ки нуру равшанибахшандагии офтоб бештар аз ҳазорон ҷӯшишу мавҷи чашмаҳост:

Ба чашмае, ки дар он оби зиндагонӣ буд,
Сабӯ бибурдаму дидам, ки **чашмаи хун** аст (5,57).

Шамси Табрез агар нест муқим андар чашм,
Чашмаи шаҳд аз ӯ дар буни ҳар дандон чист? (5,73).

Як дамаш **чашмаи хуршед** кунад,
Як даме ҷумла шабистон кунадам (5,344).

Лаб бубанду хушк орӣ ҳар чӣ бинӣ хушку тар,
Чашмаи чашмам нигар, з–он хушку з–ин тар ёд кун (5,417).
Бар **чашмаи дил** гар на парихонаи ҳусн аст,
Эй ҷони саросема, падидор чароӣ? (6,281).

Гуфт: – З–ин ду **чашмаи чашм**, эй шақӣ!
Бо табар нуре барор, ар содиқӣ (4,159).

Дар ифодаҳои маҷозии дар ашъори Мавлавӣ корбастгардида, ки дар заминаи муболиға ташкил ёфтаанд, ашёю амалҳои зиёде ба мавҷ, ҷӯй, ҳавз, дарё (ҷ. анҳор), баҳр, барқ, борон, тӯфон, селоб, оташ, ҳисор, кӯҳ, беша, кон, саҳро, боғ, ҷаҳон, каждум, аждаҳо, мор, галла, шер, теғ, ханҷар, шамшер, лашкар, сипоҳ, сипар, камон ва ғ. монанд карда шуданд: мавҷи ҳаводис (5,62), мавҷи садо (6,15), ҷӯйи карам (5,37), ҳавзи дил (4,152), дарёи ҷамол (5,28), барқи чеҳра (6,220), тӯфони бало (4,248), оташи шаҳват (4,37), баҳри маънӣ (4,211), кӯҳи дил (4,151), шери хашм (4,225), сипоҳи савдо (5,20) ва м. ин.

3. **Ифодаҳои маҷозие, ки дар заминаи ташхис ташкил шудаанд.** Ташхис ҳам яке аз санъатҳои бадеӣ буда, ба дигар санъатҳои бадеӣ, аз ҷумла ба киноя ю маҷоз, ташбеҳ, истиора, муболиға, тамсил ва ғ. зич алоқаманд аст. Аз ин рӯ ҳангоми таҳлили ифодаҳои маҷозии ашъори Мавлоно баъзе мисолҳое дучор меоянд, ки ашёи муҳокимашаванда узвҳо ё ашёю амалҳое мебошанд, ки ба инсон хос мебошанд ва ба дигар ашё–ҳайвоноту наботот ва ғайра низ нисбат дода шудаанд, инчунин дар банди ифодаҳои маҷозии дар заминаи ташбеҳу истиора ва муболиға ташкилёфта ҳам баъзан мавриди муҳокима қарор гирифтаанд. Чунончи, гардан доштан хоси инсон аст, вале шаклу вазифаи онро ба эътибор гирифта, онро дар ифодаи қисмати тани ҳайвонот аз сар то китф ҳам истифода кардаанд, аммо суханварон ба ин иктифо накарда дигар ашёю амали беҷони ба набототу ҷамодот вобастабударо низ соҳибгардан кардаанд. Аз ҷумла дар фаҳмиши Мавлоно **ишқ** ҳам гардан дораду **андешаву замонаву хашм** ҳам:

Шамси Табрез чу дар боғи сафо рӯ бинамуд,
Зуд дар **гардани ишқаш** ҳама ованг шавем (5,330).

Бода дар он ҷом фикан, **гардани андеша** бизан,
Ҳин, дили моро машикан, эй дилу дилдор, бидеҳ (6,132).

Он силсила к–ӯ ба даст дорад,
Барбандад **гардани замона** (6,132).

Теғи ҳилмам **гардани хашмам** задаст,
Хашми Ҳақ бар ман чу раҳмат омадаст (4,112).

Ҳамин тариқ, бино бар мундариҷоти мисолҳои ба мо дастраси ба ин гурӯҳи ифодаҳои маҷозӣ марбут **дил** ком дорад (коми дил –5,180), даҳон дорад (даҳони дил–4,41), **шукр** соҳибзабон аст (забони шукр–6,414), **ҷон** миён дорад (миёни ҷон–4,181), пушт дорад (пушти ҷон–5,191), **фалаку мурод** ҳам пушт доранд (пушти фалак–5,40;

пушти мурод–5,405), **соғару дарёю саҳро** лаб доранд (лаби соғар–5,190, лаби дарё–5,419, лаби саҳро–5,430) ва ғ.

Чунон ки аз таҳлили хеле мухтасари ифодаҳои маҷозии ашъори Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ аён гашт, ин унсурҳои забонӣ дар назми шоир чун васоити беҳтарини ифодаи мазмуну мундариҷаи асар, воситаи муҳими муассирии баён мавқеи асосӣ доранд. Аз ин ҷост, ки Мавлоно ба устодӣ ва эҷодкории ба худ хос дар ашъори хеш аз ин воситаҳои забонӣ ба таври фаровон истифода намудааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Аз хок то афлок. Навиштаи дуктур Қадамалӣ Сарромӣ. -Теҳрон: чопхонаи «Тобиш», 1369 ҳ. – 318 с.
2. Камолиддинов Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим. –Душанбе: Ирфон, 1967. –186 с.
3. Маджидов Х. Фразеологическая система современного таджикского языка. – Душанбе, 2006. –406 с.
4. «Маснавии Маънавӣ». Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ. Бар асоси матни Р. Николсон ва муқобила ба нусхаҳои дигар. –Теҳрон: Нашри замон, 2001. –730 с.
5. Ҷалолуддини Румӣ. Девони кабир, ҷ.1. –Душанбе: Адиб, 1992. –447 с.
6. Ҷалолуддини Румӣ. Девони кабир, ҷ 2. –Душанбе: Адиб, 1993. –416 с.

МЕСТО ИСПОЛЬЗОВАНИЯ МЕТАФОРЫ В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ МАВЛОНО ДЖАЛОЛУДДИНА РУМИ

В данной статье автором подвергнуто рассмотрению и изучению использование метафор в произведениях Мавлоно Джалолуддина Руми. Данные языковые элементы являются наилучшим способом выражения смысла и значения произведения. Поэтому поэт с присущим ему мастерством очень широко использует их в сочинении своих произведений.

Ключевые слова: Мавлоно Джалолуддин Руми, языковые приёмы, языковые элементы, использование метафоры в произведениях Руми.

PLACE OF USE OF THE METAPHOR IN WORKS MAVLONO DZHALOLUDDINA RUMI

In this article the author subjected to consideration and studying use of metaphors in Mavlono Dzhaloluddin Rumi's works. These language elements are the best way of expression of sense and value of work. Therefore the poet with skill inherent in it very widely uses them in the composition of the works.

Key words: Mavlono Dzhaloluddin Rumi, language receptions, language elements, metaphor use in Rumi's works.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***С. Сабзаев*** – доцент кафедры таджикского языка ТНУ

СИЁСАТИ ЗАБОНӢ ДАР НИСБАТИ ТОҶИКОНИ ЧИН

А.А. Нозимов, Х.Ш. Кабиров
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Сиёсати забонӣ яке аз қисматҳои таркибӣ ва муҳими сиёсати миллӣ буда, категорияи иҷтимоиест, ки таъсири бошууронаи ҷамъиятро ба забон ифода менамояд ва ба силсилаи усулу принсипҳои иҷтимоиву идеологӣ алоқаманд мебошад. Принсипу сиёсате, ки аз тарафи давлат нисбат ба забон муқаррар ва роҳандозӣ мешавад, масъалаҳои рушду густариш, корбурди забон ва нақши онро дар ҷомеа дар бар мегиранд [6,255;20,147;14,12].

Бояд қайд кард, ки татбиқи сиёсати забонӣ дар кишвари якмиллата ва бисёрмиллата хусусиятҳои хоси худро доро мебошад. Бинобар ин, амалӣ намудани сиёсати забонӣ дар ҳар як давлат яксон сурат намегирад. Маъмулан, дар кишваре, ки дар он як миллат зиндагӣ ва кору фаъолият мекунад, татбиқи сиёсати забонӣ осону ҳамвор амалӣ гардида, аз тариқи роҳандозии маҷмӯи чорабиниҳо оид ба рушду густариши забон ва тадбирҳои гуногуни вобаста ба он анҷом дода мешавад. Аммо ба роҳ мондан ва самаранок татбиқ намудани сиёсати забонӣ дар кишварҳои серқавму миллат масъалаи мураккабу печида ва нозук буда, ҳаллу фасли он сиёсату

муносибати хос ва оқилонаву дурандешонаро тақозо менамояд, зеро роҳандозии бемасъулиятонаву беадолатонаи сиёсати забонӣ дар чунин кишварҳо боиси сар задани норизоӣ ва низову ихтилофҳои милливу этникӣ мегардад.

Аз таърихи ҳаллу фасли масъалаи миллӣ ва сиёсати давлат оид ба забонҳо бармеояд, ки дар ин маврид андешаву нишондодҳои В.И. Ленин, ки дар асарҳояш: «О праве наций на самоопределение», «Критические заметки по национальному вопросу», «Нужен ли обязательный государственный язык?» оварда шудаанд, воқеан, бунёдӣ, одилона ва дурандешона эътироф гардидаанд, зеро ки ӯ перомуни халқияту миллатҳо ва забони эшон, сарфи назар аз нуфусу мақомашон, ҳуқуқи баробарии комилро оид ба худмуайянкунии миллӣ ва интихоби забон таъкид намудааст ва аз ин ҷост, ки то имрӯз сиёсати ленинӣ оид ба масоили миллӣ ҳанӯз ҳам аҳамияти худро гум накарда, одилтарин ва комилтарин сиёсати миллӣ маҳсуб мешавад [11].

Ҷойи тазаккур аст, ки дар солҳои аввали таъсиси давлати шӯравӣ сиёсати забонӣ нисбат ба дигар халқу миллатҳо ва барои тоҷикон низ одилона оғоз ёфта буд, лекин баъдан ин сиёсат тадриҷан инҳироф намуд ва доираи фаъолияти забони миллӣ–тоҷикиро маҳдуд карда, дар доираи сиёсат ва идеологияи ҳукумати шӯравӣ забони русӣ тақрибан ҷойгузини забони тоҷикӣ гардид, ки ин амалу тамоюли носавоб билохира бо фаро расидани вақту имконияти муносиб, яъне даврai горбачёвии ошкорбаёнӣ боиси эътирозу сару садоҳои мардуми миллатдӯст шуд ва самараи аввалини ин аз наҳзати забонӣ оғоз ёфта ва боиси қабули Қонуни забони тоҷикӣ (22.07.1989) гардид.

Имрӯз ба шарофати соҳибистиқлолӣ сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба асоси сиёсати хирадмандонаи Ҳукумати Ҷумҳурӣ ба роҳ монда шудааст, ки ин омили асосии ҳамбастагии миллатҳову халқиятҳои сокини Тоҷикистон гардидааст. Чунончи, адолати воқеии сиёсати забонии давлат дар моддаи 4-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки аз Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад, ба таври зайл таҷассум ёфтааст: «Ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳое, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд, ба истиснои ҳолатҳое, ки Қонуни мазкур пешбинӣ намудааст, ба истифодаи озоди забони модариашон ҳуқуқ доранд. Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳимоя ва инкишофи забонҳои бадахшонӣ (помирӣ) ва забони яғнобӣ шароит фароҳам меорад» [9,5].

Оид ба забони таҳсил бошад, дар банди 3-юми моддаи 8-уми Қонуни мазкур чунин омадааст: «Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳо дар интихоби озоди забони таҳсил тибқи қонунгузорӣ шароит фароҳам оварда мешавад» [9,6].

Тавре ки дида мешавад, сиёсати забонии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба забони ақаллиятҳои миллии сокини Тоҷикистон дар пояи адолати воқеии иҷтимоӣ устувор буда, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳифзу пойдорӣ ва рушду густариши онҳо тамоми меъёрҳои ҳуқуқӣ ва шароитҳои заруриро муҳайё намудааст. Ҳамзамон бояд таъкид намуд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мабнӣ бар сиёсати оқилонаи хориҷии хеш нисбат ба забону фарҳанги ҳаммиллатони бурунмарзӣ низ бетафовут набуда, Президенти кишварамон онҳоро ҷузъи лоянфаки тоҷикони Тоҷикистон медонад ва дар ин замина таъкид менамояд, ки: … ман мехоҳам назари худро дар барои истилоҳи «тоҷикони бурунмарзӣ» баён намоям. Ин ибора нисбат ба тоҷиконе истифода мегардад, ки берун аз марзҳои Тоҷикистони имрӯза зиндагӣ ва кору фаъолият доранд. Вале набояд фаромӯш кард, ки тоҷикони муқимӣ дар ҳар минтақаи зисташон аз нигоҳи сарчашмаҳои таърихӣ ва таҳқиқоти илмии муосир аҳолии ғайримуқимӣ нестанд. Онҳо дар марзу буми аслии аҷдодиашон сукунат доранд. Аммо баъзе олимону кормандони воситаҳои ахбори омма бо истифодаи ин истилоҳи ғайритаърихӣ ва сохта онҳоро бидуни ягон андеша ҳамчун тоҷикони бурунмарзӣ муаррифӣ мекунанд, ки ин ғалат аст ва таърихи онҳоро алоҳида омӯхтан илман чандон саҳеҳ нест» [1,50-51].

Ин таъкиди Сарвари кишвар моро муваззаф месозад, ки дар партави сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурӣ ба тадқиқу омӯзиши таъриху фарҳанг ва забони ҳаммиллатони берун аз марзи Тоҷикистон буда, таваҷҷуҳ зоҳир намоем ва тоҷикони

муқими Ҷумҳурии Мардумии Чин (ҶМЧ), ки аз ҷумлаи онҳост, эшонро мавриди омӯзишу баррасӣ қарор бидиҳем.

Тоҷикони ҶМЧ, ки дар музофоти (вилояти) худмухтори Уйғур-Синсзян умр ба сар мебаранд, ба ҳукми таъриху тақдир, яъне бар асари марзбандиҳои сиёсӣ аз ҳаммиллатону ҳамзабонони худ ҷудо афтидаанд.

Ҷойи тазаккур аст, ки музофоти худмухтори Синсзян-Уйғур шашяки ҶМЧ-ро ташкил намуда, соли 1955 ташкил шудааст ва калонтарин ноҳияи ҶМЧ маҳсуб мешавад. Дар ин ноҳия намояндагони беш аз 40 халқият зиндагӣ мекунанд, ки 13-тои онҳо: уйғурҳо (45%), ханҳо (40%), қазоқҳо (7%), дунганҳо 600 ҳазор, муғулҳо 120 ҳазор, қирғизҳо қариб 120 ҳазор, тоҷикон 30 ҳазор, ӯзбекҳо беш аз 10 ҳазор, манҷурҳо, қариб 10 ҳазор, тоторҳо ва русҳо беш аз 4- ҳазорӣ ва ғайраҳо халқҳои асосӣ ба ҳисоб мераванд… Тоҷикон асосан дар ҳудуди уезди мухтори Тошқӯрғон зиндагӣ мекунанд. Мувофиқи маълумотҳои баҳисобгирии соли 1990 дар ҶХЧ дар музофоти мухтори тоҷикнишини Тошқӯрғони вилояти Синсзян-Уйғур 33538 нафар тоҷикон зиндагӣ мекарданд [2,275].

Илова бар ин ки тоҷикон дар ноҳияи мухтори Тошқӯрғон сарҷамъона маскунанд, боз онҳо дар дигар ноҳияҳо низ умр ба сар мебаранд. Мувофиқи маълумоти геологи шӯравӣ Е.И. Селиванов «…тоҷикон дар шаҳри Қошғар низ шумораи зиёдро ташкил медиҳанд» [17,7]. «Феълан теъдоди тоҷикон дар Чин беш аз 40 ҳазор нафар мебошанд» [2,275]. Олими эронӣ доктор Манучеҳри Сутуда бошад, бо зикри силсилаи деҳкадаҳои тоҷикнишин хулоса мекунад, ки тоҷикон дар ҳудуди 26 ҳазор танро ташкил медиҳанд [18]. Агар доктор Манучеҳри Сутуда дар ҳудуди 26 ҳазор тан тоҷикони шаҳраки Тошқӯрғонро, ки тақрибан 30 ҳазорро ташкил мекунанд, дохил накарда бошад, пас шумораи тоҷикон дар маҷмӯъ зиёда аз 50 ҳазорро ташкил медиҳанд. Тавре аз рақамҳои боло бармеояд, оид ба теъдоди тоҷикони муқими Чин маълумоти дақиқ ба назар намерасад.

Тадқиқотҳои фаровони забоншиносӣ оид ба забонҳои помирӣ собит намудаанд, ки забони сарикӯлии тоҷикони мазкур, ки аксариятро ташкил медиҳанд, ба гурӯҳи забонҳои шуғнониву рӯшонӣ мансуб буда, теъдоди дигари тоҷикони ин минтақа бошад, ба забони вахонӣ такаллум менамоянд, яъне дар музофоти тоҷикнишини Тошқӯрғон ду забон-сарикӯлӣ ва вахонӣ дар муҳити хонаводагӣ мустаъмал мебошанд. Забони тоҷикони ин минтақа бехат буда, таълиму тадрис, матбуот ва васоити ахбори омма ба забони чинӣ ва асосан ба забони уйғурӣ сурат мегирад.

Чун 94% аҳолии ҶМЧ-ро хитоиҳо ташкил медиҳанд, бинобар ин табиист, ки забони хитоӣ забони расмӣ ва давлатии ҶМЧ маҳсуб гардида, забони мазкур аз лиҳози ҳуқуқӣ низ яке аз шаш забони расмӣ ва кории Созмони Милали Муттаҳид пазируфта шудааст. Аз ин рӯ, мусалламан дар Конститутсияи ҶМЧ оид ба забони давлатӣ моддае ҷудо карда нашудааст.

Дар моддаи 12 «Закон КНР об образовании» бошад, чунин омадааст: «Забони асосии хаттӣ ва шифоҳии таълим дар мактабҳо ва дигар муассисаҳои таълимӣ забони хитоӣ мебошад. Дар мактабҳо ва дигар муассисаҳои таълимие, ки дар онҳо намояндагони халқиятҳои камнуфус аксарияти толибилмонро ташкил медиҳанд, метавонанд, ки ба сифати забони хаттӣ ва шифоҳии таълим забони гурӯҳи этникии мушаххас ва ё маъмулан забони мустаъмали гурӯҳи этникии маҳаллиро мавриди истифода қарор диҳанд». «Путунхуа» (лаҳҷаи (диалекти) шифоҳии Пекин) ва ҳамчунин иероглифҳои меъёрӣ дар мактабҳо ва дигар муассисаҳои таълимӣ ба таври васеъ истифода шаванд» [8].

Ба назар чунин мерасад, ки сиёсати давлатӣ оид ба забон дар кишвари Чин ҳалшуда буда, ихтилофомез нест.

Аз ҳуҷҷати мазкур низ бармеояд, ки сиёсати забонии Ҳукумати ҶМЧ нисбат ба забони ақаллиятҳои миллӣ маҳдудиятеро муқаррар накардааст. Лекин воқеияти ҳол дигар хел буда ва аз эҳтимол дур нест, ки маҳдудкунии доираи фаъолияти забони тоҷикон ба роҳбарони ҳокимияти иҷроияи музофоти худмухтори Синсзян-Уйғур вобаста бошад, зеро ки забони онҳо ба «…ҳавзаи этнолингвистии Туркистони Шарқӣ (Синсзян)» [13,65] тааллуқ дошта, пешбурди сиёсати забонӣ дар ҳавзаи мазкур бевосита ба ҳукумати ноҳияи фавқуззикр, яъне хоссатан уйғурон иртибот

мегирад. Чаро ки то соли 1954, яъне то соли минтақаи Тошқўрғон минтақаи тоҷикнишин эълон шудан, дар мактабҳо забони модарӣ таълим дода мешуд, лекин «…бо дастури давлатӣ соли 1954 забони тоҷикӣ аз мактабҳои тоҷикӣ бардошта шуда, таълим ба забони уйғурӣ ва хитоӣ сурат мегирад» ва бинобар ин насли ҷавон ба забони тоҷикии форсӣ хуб балад нестанд [2,276], ҳол он ки «…дар тўли қарнҳо омўхтани забони форсӣ дар мадориси Синсзяни Чин барои уйғурон ва дигар қавмҳои туркзабон вазифаи ҳатмӣ буд ва уйғурон улуми мухталифи он замонро ба тавассути забони форсӣ меомўхтанд. Дар қуруни вусто забони форсӣ барои равшанфикрони уйғур забони дуввуми модарӣ ба шумор мерафт (16, 34), вале аз нимаи дуюми қарни гузашта инҷониб вазъу ҳолати забони форсии тоҷикӣ дар ин ҳавзаи тоҷикнишини (Тошқўрғон, Қошғар, Турфону Хутан, Ёрканд ва ғ.) Туркистони Шарқӣ нигаронкунанда мебошад. Чунончи, олими шинохтаи тоҷикзабони чинӣ, профессори Донишгоҳи Синсзяни Урумчӣ Замир Саъдуллозода ба саволи: забони тоҷикӣ дар Чин чӣ ҳол дорад? Чунин мегўяд: « Бо таассуф мегўям: забони тоҷикӣ дар Чин бепушту паноҳ аст, яъне танҳо дар ҳудуди хонаводагӣ мавриди истифода қарор дорад… Фарзандони тоҷик то ба ҳол дар кўдакистону дабистонҳо ба забонҳои уйғуриву чинӣ таълим мегиранд… Тоҷикони Чин дар сурате ба комёбиҳои қобили мулоҳиза муваффақ гашта метавонанд, ки агар ба забони модариашон таълим гиранд, тоҷикӣ андешанд ва тоҷикӣ нависанд» [2,276-277].

Мусалламан, ин нукта аз ҷониби олимони соҳа низ таъкид шудааст. Аз ҷумла, олими машҳури сотсиолингвист Ю. Д. Дешериев дар пешрафти ҷомеа ва ба даст овардани комёбиҳо нақши умдаи забони модариро дар мисоли Иттиҳоди Шўравии серқавму миллат чунин баён мекунад: «Дар Иттиҳоди Шўравӣ дар як муддати хеле кўтоҳ бесаводӣ аз байн бурда шуда, пешрафти беназир дар тамоми соҳаҳои ҷомеа: иқтисодиёт, илм ва фарҳанг ба тамоми мардуми кишвар муяссар гардид. Ҳамаи ин муваффақиятҳо маҳз тавассути ба роҳ мондани таълим ба забони модарӣ дар самти маҳви бесаводӣ, таълими ибтидоӣ, миёна ва олӣ ба даст оварда шуд» [5,256]. Ё худ баъди аз зери юғи мустамликадорони Англияву Фаронса озод гардидани як қатор кишварҳои Африқо масъалаи ба кадом забон пеш бурдани таълиму тарбия яке аз масъалаҳои доғ ва муҳими кишварҳои соҳибистиқлол маҳсуб мешуд. Гурўҳи аввал далел меоварданд, ки барои пешрафти кишварҳои қафомондаи африқоӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот таълим ё ба забони англисӣ (кишварҳои дар собиқ мустамликаи Англия буда) ва ё ба забони фаронсавӣ (кишварҳои дар собиқ мутеи Фаронса буда) ба роҳ монда шавад. Гурўҳи дуюм, яъне мухолифони андешаи боло «… одилона қайд менамоянд, ки аз системаи таълим бардоштани забонҳои африқоӣ ва пешбурди таълим ба забонҳои аврупоӣ ба сифати забони расмӣ (ва миллӣ?) фарҳангу маданият ва ҳувияти африқоиёнро харобу бемазмун мегардонад. Аз ин рў, аксарияти давлатҳои навини африқоӣ дар ҳалли ин масъала чунин амалро мувофиқ донистанд: таълимоти ибтидоӣ дар макотиб ба забони маҳаллии африқоӣ ба роҳ монда шавад, то ки мактаббача аввалин таассуротро оид ба ҳамнишинии овозу ҳарфҳо бо забони модарии худ ҳосил намояд ва ёд гирад ва дар ин сурат ҳангоми аз худ намудани забонҳои аврупоӣ дар синфҳои болоӣ душворӣ намекашад…» [15,156].

Ҷойи тазаккур аст, ки ҳанўз ҳам масъалаи сиёсати забонӣ дар аксарияти кишварҳои серқавму миллат мураккаб буда ва дар вазъияти хеле тезу тунд қарор дорад.

Татбиқ ва ҳаллу фасли сиёсати забонӣ, пеш аз ҳама, ба дурнамо ва банақшагирии дурусту комил ва самараноки низоми (системаи) маориф вобаста мебошад. Барои босавод намудани мардум, асосан, ба соҳаи маориф таваҷҷуҳи хосса лозим меояд. Дар ин самт барои қавму халқиятҳое, ки хат надоранд, бояд имкониятҳои воқеӣ: теъдоди нуфус, сарҷамъии (компакность) соҳибзабонон, интихоби забони таълим, эҷоди алифбо, шароити иҷтимоиву иқлимӣ ва ғ. мадди назар гирифта шавад. Барои чунин қавму халқият ва ақаллиятҳои миллӣ, тибқи сиёсати одилонаи забонӣ, ҳадди ақал таълими синфҳои ибтидоӣ бояд ба забони модарӣ ба роҳ монда шавад. Бо дарки ҳамин нукта проф. Замир Саъдуллозода барҳақ менигорад, ки: «Танҳо мактабу маориф ба тарбияи миллат қодир буда метавонад. Ин нуктаро рўшанфикрони тоҷики Чин ба хубӣ идрок намуда, борҳо масъалаи ба забони модарӣ омўхтани ҳаммиллатонро ба миён гузоштаанд. Аммо

ҳукумати кишвар танҳо дар сурате ризоят доданист, ки гузариш, омӯзиши забони тоҷикӣ бе ягон хароҷоти зиёдатӣ амалӣ гардад. Чун мактаб мешавад, он бояд китоб, таҷҳизот ва боз чизҳои дигари зарурии таълимиро доро бошад» [2, 276].

Тавре ки мегӯянд: «Дили нохоҳам, узраш бисёр». Бубинед, ки дар соли 1922, яъне дар шароити хеле сахти камбуди иқтисодӣ барои Русия В.И. Ленин зарур донист, ки аз миллиардҳои сарфашуда беш аз нисфашро маҳз барои маҳви бесаводӣ ва китобхонаҳо сарф намояд [6, 260].

Мушкилии дигаре, ки оид ба масъалаи таълиму омӯзиши забони тоҷикии тоҷикони Чин садди роҳ шудааст, нарасидани мутахассисони забони тоҷикӣ мебошад. Воқеан, донандагони забони форсии тоҷикӣ дар байни тоҷикони Чин ангуштшумор буда ва он теъдоди ниҳоят андаке, ки забони форсии тоҷикиро медонанд, насли калонсол, аниқтараш нафақахӯронанд. Насли ҷавон бошад, имконияти фаро гирифтани забони форсии тоҷикиро надорад, зеро ки барномаи омӯзиши забони форсӣ барои гурӯҳе (шуъбае) танҳо дар шаҳри Пекин ба роҳ монда шудаасту халос, ки аз тоҷикони муқими Чин то ҳанӯз танҳо 14 нафар курси 2 –солаи ин шуъбаро хатм намудаасту халос. Инчунин, тибқи маълумоти проф. Замир Саъдуллозода «… аз соли 1999 мелодӣ то ба ҳол бо кумаки Ройзании фарҳанги Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Чин ду бор дар шаҳри Урумчӣ-маркази остони Синсзян давраи форсиомӯзӣ ташкил додам ва дар давраи якум 32 нафар ва дар давраи дуюм 28 нафар муаллимону муҳаққиқони ҷавон ҷалб карда шуданд, ки ҳар давра ба муддати якунимсолӣ (се семестр) идома кард» [15, 35].

Бо вуҷуди он ки тоҷикони Чин барои омӯзиш ва фаро гирифтани забони аҷдодӣ мароқу таваҷҷуҳи хоса доранд, лекин ба иллати набудани маводи таълимӣ ва маблағи зарурӣ имконияти амалӣ намудани ин амри муҳим рӯйи даст нест.

Албатта, ташкили курсҳо аз тарафи Ройзании мазкур ин роҳи ҳалли масъала нест. Ҳаллу фасли масъалаи таълими забони тоҷикӣ бе барномаи мушаххасу муайяни давлатӣ ва бе маблағгузории ҳадафманд аз ҷониби ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ натиҷаи дилхоҳ намедиҳад. Бинобар ин, масъалаи мазкур бояд ки дар сатҳи мақомоти салоҳиятдор мавриди баррасӣ, арзёбӣ ва ҳаллу фасл қарор дода шавад вагарна вазъи забони тоҷикони Чин, ки дар ҳоли вахим қарор дорад, боз ҳам вахимтар хоҳад шуд.

Тавре ки қаблан зикр шуд, дар ҳавзаи этнолингвистии Туркистони Шарқӣ (Синсзян) халқияту миллатҳои гуногунзабон зиндагӣ мекунанд.

Тибқи муқаррароти мавҷуда барои ақаллиятҳои миллие, ки теъдодашон аз 100 ҳазор кам аст, барномаҳои радиоӣ ва телевизионӣ ба забони эшон пахш карда намешавад. Дар ин ҷумла тоҷикон низ шомил буда, ба забони форсии тоҷикӣ ягон васоити ахбори омма роҳандозӣ намегардад. Гузашта аз ин вазъи ногувору нигаронкунанда ин аст, ки аз соли 2009 сар карда, хатмкардагони синфи 9-ум маълумоти пурраи миёнаро (таълим 12 –сола мебошад), яъне се соли охирро дар Қошғар фаро мегиранд, зеро ки дар минтақаи тоҷикнишин-Тошқӯрғон синфҳои болоӣ маҳдуд карда шудаанд. Ин амали носавоб бар синну соле (15-16-солагӣ) рост меояд, ки аз нигоҳи равонӣ (психологӣ) зеҳну ирода ва мафкураи ин наслро ба осонӣ мунҳариф намудан муяссар мегардад, ки ин сарнавишти талхро аз таърих дар мисоли зумрае аз ҷавонони лоиқи пантуркистшудаи ибтидои қарни ХХ ба хубӣ дар хотир дорем ва медонем. Албатта, дур аз падару модар ва хоҳару бародар боз ҳамон ҷавононе барои идомаи таҳсил ба Қошғар мераванд, ки шавқу рағбат ва истеъдод доранд. Дар муҳити туркӣ, раваду онҳо туркгаро шаванд, боз ин зарбаест ба ҷавҳару пайкари тоҷикони дурафтодаи Чин.

Тавре ки таърих гувоҳӣ медиҳад, масъалаи туркқунонӣ барои туркнажодон яке аз масъалаҳои калидӣ ба шумор рафта, ҳадафи стратегии онҳо таъсиси Туркистони бузург мебошад. Аз ин ҷост, ки дар асари тохтутозҳои ҳарбӣ ва сиёсатҳои ноодилона бисёр маҳалоту шаҳрҳои хурду бузурги тоҷикнишин дар тӯли садсолаҳо тадриҷан бо туркнажодон махлут ва охируламр турк шуданд [18, 170 -190].

Ин раванд хусусан дар асри ХХ хеле суръат гирифт. Чунончи, асосу ҷавҳари сиёсати миллӣ ва забонии Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро ба асоси «… аз ҳуқуқи миллию забонӣ маҳрум намудани гурӯҳи дигари халқҳову миллатҳо (дар мадди аввал тоҷикҳо) таҳия ва танзим гардида буд… ва тарафдорони он фаъолияти худро ба он

равона карда буданд, ки забони тоҷикӣ ва миллати тоҷикро аз тамоми ҳуқуқҳо маҳрум созанду ба таърихи беш аз ҳазорсолаи мавҷудияти он дар Осиёи Миёна (дар мадди аввал Бухоро) хатти бутлон кашанд» [3, 145].

Дар ҳар сурат Қонуни асосии ҶМЧ ҳуқуқҳои ақаллиятҳои миллиро ҳифз мекунад ва тибқи маълумоти муовини сардори уезди Тошқӯрғон Монӣ Тоболдӣ: «Ҳукумат борҳо хост рӯзномае ба забони маҳаллӣ интишор диҳад, таълимро ба ҳамин забон ба роҳ монад, набудани алифбои помирӣ ба ин монеъ гашт. Вагарна барои уйғурӣ хонондани тоҷикбачагон на сарони Синсзян манфиатдоранду на Пекин. Ба гуфти Монӣ, ҳоло дар Тошқӯрғон иштиёқ ба омӯзиши форсии тоҷикӣ беҳад калон будааст» [18, 232-233].

Аз мушоҳидаву маълумотҳо тазоде ба назар мерасад. Аз як тараф, таъкид мешавад, ки ягон монеа дар нисбати корбурду фаъолияти забони модарии тоҷикони Чин вуҷуд надорад, аз ҷониби дигар, тибқи маълумотҳо аз соли 1932 маҳдудкунии забони модарӣ шурӯъ шуда ва соли 1954 таълими онро расман аз макотиби ибтидоиву миёна бардоштанд ва иллати онро ба нарасидани мутахассис ва адами алифбои помирӣ асоснок мекунанд. Тавре ки огоҳӣ дорем, алифбои аҷдодии мо (алифбои арабиасоси форсии тоҷикӣ) барои уйғурон (то асри XI уйғурон аз алифбои суғдӣ истифода мекарданд ва аз асри XI то кунун алифбои онҳо алифбои арабист. Солҳои 1960-1965 аз алифбои лотинӣ истифода намуданд, лекин боз ба алифбои арабӣ баргаштанд) то кунун мавриди истифода қарор дошта, аммо барои тоҷиконе, ки асрҳои аср аз он истифода менамуданд, чаро имрӯз барояшон корношоям шудааст? Магар ин ҷо ихтилоф нест? Шояд зери коса нимкоса бошад ва аз эҳтимол дур нест, ки ҳадафи асосӣ бузургманишиву туркқунонии ақаллиятҳои миллӣ бошад (Фақат соли 1921 Анҷумани муҳоҷирони Туркистони Шарқӣ дар Тошканд бо таклифи олими уйғуршинос С.Е. Малов қарор мекунад, ки ин халқ бояд ба худ номи ягонаи «уйғур» - номи яке аз қабилаҳои қадимаи туркро гирад. Ин ном ба Синсзян боз ҳам дертар паҳн шуд) [19, 144].

Бо вуҷуде ки тоҷикони муқими Чин хусусан баъди ислоҳоти соли 1979 зиндагиашон серу пур буда ва озодона нафас мегиранд [19,235], лекин аз ҳаммиллатони худ ҷудо буда, дар симои Тоҷикистони соҳибистиқлол маъвои умеди худро мебинанд ва аз рӯз ба рӯз тақвият ёфтани муносибатҳои ҳамаҷонибаи ҳар ду кишвар умедҳои калонро интизоранд. Аз ҷониби дигар, Тоҷикистон, ки имрӯз умедгоҳи тамоми тоҷикони ҷаҳон, аз ҷумла тоҷикони Чин мебошад, месазад, ки барои ҳифзи ҳудуди этникии тоҷикон иқдомҳои судманд анҷом дода шавад, то ки ***дар харитаи этникии тоҷикон*** тоҷикони Чин мавқеи устувори худро ҳифз намоянд. Хусусан, дар раванди ҷаҳонишавӣ агар дар нисбати халқияту ақаллиятҳои миллӣ андаке беэътиноӣ ва бетарафӣ сурат гирад, ин раванд чун наҳанге, ки моҳичаҳоро фурӯ мебарад, аз ин офат тоҷикони Чин низ дар канор наmemонанд. Аз ин ҷост, ки оид ба ҳифзу пойдории забони халқияту ақаллиятҳои миллӣ Созмони байналмилалии ЮНЕСКО соли 1999 дар сессияи 30-уми хеш қарор қабул кард ва 21 февралро Рӯзи байналмилалии забони модарӣ эълон намуд [12].

Ҳуқуқҳои миллӣ ва забонии ақаллиятҳои миллӣ дар Ҳуҷҷатҳои Конференсияи Копенгаген (1990), тавсияҳои коршиносони мустақили Конференсияҳои Гаага (1996) ва Ослов (1998) низ муқаррар ва таъкид шудааст [7].

Азбаски забон яке аз рукнҳои асосии пойдорӣ ва бақои миллат мебошад, бинобар ин ҳифз кардан ва муқаддас донистани забони модарӣ қарз ва вазифаи ҳар як фарди бонангу номус мебошад. Аз ин рӯ, бо вуҷуди он ки тоҷикони Чин дар вазъу муҳити ногувори забонӣ қарор доранд, лекин онҳо ҳисси баланди миллӣ дошта, аз тоҷик буданашон ифтихор мекунанд, расму оинҳои мазҳабиву суннатиашонро пос медоранд ва муштоқу шефтаи забони модариашон буда, онро, хушбахтона, то имрӯз дар муҳити хонаводагӣ ва фарҳанги мардумӣ ҳифз намудаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи забон, 22 июли соли 2008// Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва сиёсати давлатӣ дар бораи забон. – Душанбе, 2011.

2. Бобохонов М. Таърихи тоҷикони ҷаҳон.-Душанбе: Ирфон, 2002.
3. Бондалетов В. Д. Социальная лингвистика.-М.: Просвещение, 1987.
4. Ваҳҳобов Т. Вазъи амалкарди забони тоҷикӣ дар ҶХШ Бухоро ва баъзе масоили сиёсати забонӣ // Забоншиносӣ, 2010.-№1.
5. Дешериев Ю.Д. Закономерности развития и взаимодействия языков в советском обществе.-М.: Наука, 1966.
6. Дешериев Ю.Д. Социальная лингвистика.-М.: Наука, 1977.
7. Доклад по языковым правам национальных меньшинств в регионе ОБСЕ. **www.osce.org/hcnm/documents/reports/**
8. Закон КНР об образовании. **www.asiabusiness.ru/law/law3/education/**
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон».- Душанбе, 2010
10. Лингвистический энциклопедический словарь.- М.: Советская энциклопедия, 1990.
11. Ленин В.И. Полн. собр. соч. т. 45.
12. Международный день родного языка. **www.un.org./ru/events/mother/anguageday/**
13. Мирбобоев А. Назаре ба таҳаввули забонҳои эронии минтақаҳои Ҳиндукуши шарқӣ // Номаи Пажӯҳишгоҳ (маҷмӯаи мақолот). -Душанбе, 2002.- №2.
14. Нозимов А.А. Национально-языковая характеристика современного Таджикистана. –Душанбе, 2010.
15. Ольдерогге Д.А. О некоторых этнолингвистических проблемах Африки // Вопросы социальной лингвистики.- Ленинград: Наука, 1969.
16. Саъдуллозода Замир. Назаре бар шароит ва эҳтиёҷоти омӯзиши забони форсӣ дар Синтзяни Чин // Фарҳанг-Душанбе, 2006.- №6.
17. Селиванов Е. И. По западным районам КНР. Путевые записки.-М., 1968.
18. Сутуда Мануҷеҳр. Тоҷикони Чин // Садои мардум. -1992.- 30 апрел.
19. Шарифов Ҳ. Тоҷикони бурунмарзӣ.-Хуҷанд, 1996.
20. Швейцер А.Д. Современная социолингвистика. Теория, проблемы, методы.-М.: Наука, 1976.

ЯЗЫКОВАЯ ПОЛИТИКА В ОТНОШЕНИИ ТАДЖИКОВ КИТАЯ

В данной статье рассматриваются документы КНР по языковым правам, анализируется состояние и процесс упадка и оскудения языка таджиков в этнолингвистическом регионе.

Ключевые слова: таджики, уйгуры, этнический, языковая политика, языковая среда, национальное меньшинство.

LANGAUGE POLITICS IN CHINA'S TAJIKS RELATION

The article considered the China's document about language rights, analyzing the conditions, decline and impoverishment process of tajik language in athno-linguistical regions.

Key words: tajiks, uigurs, ethnics, language politics, language surroundings, national minority.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Х. Ш. Кабиров*** - докторант Таджикского национального университета.
А.А. Нозимов - доктор филологических наук, профессор, заведующий отделом науки и образования исполнительного аппарата Президента РТ

БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ МАЪНОИИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ЗАБОНИ НАСРИ ӮРУН КӮҲЗОД

Худоёрова Нигина
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҷараёни ташаккули воҳидҳои забон, аз ҷумла воҳидҳои фразеологии он ба фаъолияти мунтазами меҳнативу зиндагиандӯзии инсонҳо алоқамандӣ дорад. Воҳидҳои фразеологӣ бо ифодаҳои маъно, мавқеи истеъмол ва вазифаҳои синтаксисӣ ба калимаҳо наздик бошанд ҳам, ба сохти таркибии худ аз онҳо фарқ карда, таркиб, ибора ва ҷумлаҳои озодро ба хотир меоранд. Сабаби ин духӯрагии

фразеологизмҳоро ба табиати махсуси забонӣ ва таърихи пайдоиши онҳо вобаста шуморида, профессор Ҳ. Маҷидов чунин меорад: «*Онҳо дар заминаи таркиб, ибора ва ҷумлаҳои одии синтаксисӣ ба вуҷуд меоянд ва дар рафти рушду инкишофи тадриҷӣ ба дараҷае рехтаву устувор мегардонанд, ки бисёре аз онҳоро аз калимаҳои одӣ фарқ намудан душвор аст*» [3, 12].

Воҳидҳои фразеологӣ аз воситаҳои муҳими ифодаи фикр, масолеҳи тайёри забон барои офаридани образҳои пуробуранги бадеӣ, лавҳаю манзараҳои ҷудогонаи зиндагӣ, баҳодиҳӣ ба ҳодисаю воқеаҳои ҳаёт ба шумор мераванд. «*Дар воҳидҳои фразеологии ҳар забон зимни қолабҳои ниҳоят мухтасар ва муъҷаз тачрибаи зиндагӣ, табъу кайфият, урфу одат ва таъриху фарҳанги мардумӣ таҷассум гардидааст*» [3, 10].

Бояд гуфт, ки доир ба муайян кардани хусусиятҳои асосии воҳидҳои фразеологӣ фикру ақидаи муҳаққиқон гуногун аст, вале бе ҳалли ин масъала дар бобати хусусиятҳои дигари воҳидҳои фразеологӣ сухан рондан душвор аст, чунки муайян кардани гурӯҳҳо ва мавқеи воҳидҳои фразеологӣ дар системаи воҳидҳои дигари забонӣ бевосита ба хусусияти фарқкунандаи онҳо вобаста аст. Бинобар ин, агар ба ақидаҳои муҳаққиқони ин соҳа бодиққат назар кунем, маълум мешавад, ки аксарияти онҳо ба ду хусусияти воҳидҳои фразеологӣ, ба таври норавшан бошад ҳам, ишора кардаанд. Ин ифодаи маънои яклухт ва устувории сохти воҳидҳои фразеологӣ мебошад. «*Ду ва зиёда калимаҳои мустақилмаънои ба ҳамдигар марбут, ки таркибан рехтаву устувор буда, аз ҷиҳати ифодаи маъно муродифи калима ва ибораҳои ноустувор шуда метавонанд, воҳидҳои фразеологиро ташкил медиҳанд. Ифодаи маънои яклухт ва сохти устувори воҳидҳои фразеологӣ аломатҳои асосии фарқкунандаи онҳо буда, хусусиятҳои дигари онҳо бевосита дар заминаи ҳамин хосиятҳои асосӣ ба вуҷуд меоянд*» [1, 44].

Ин андеша баъдтар аз ҷониби ин муҳаққиқ тақвият дода шуда, хусусиятҳои фарқкунандаи воҳидҳои фразеологӣ ба гурӯҳҳои асосӣ ва дуюмдараҷа ҷудо карда мешаванд ва таҳти нишонаҳои фарқкунандаи асосӣ ӯ аломатҳои зеринро меоварад: *сохти таркибӣ, яклухтии маъно, устувории таркиби лексикиву грамматикӣ, аз байн рафтани алоқаҳои зиндаи наҳвӣ ва такрористеҳсолии воҳидҳои онҳо* [ниг. ба: 2, 45-55].

Ин нишонаҳои муҳимро дар воҳидҳои фразеологии асарҳои нависанда Ӯрун Кӯҳзод равшан мушоҳида кардан мумкин аст. Чунончи, воҳидҳои фразеологии истифода намудаи адиб **замири дил** «ботин», **санги таги дандон** «монеа», **чашм дӯхтан** «нигоҳи дурудароз кардан», **се мағз дар як пӯст** «ниҳоят монанд», **дандон ба дандон мондан** «базӯр тоқат кардан», **тухми анқо** «камёфт», **ҷон ба каф гирифтан** «дар хатар будан» ва амсоли инҳо гарчанде аз якчанд калимаи мустақилмаъно иборат бошанд ҳам, маънои яклухтро ифода намуда, бо калима ва таркибҳои **нияту мақсад, рақибу душман, ба як нукта нигоҳ кардан, монанд, пурсаброна, камёфту нодир, эҳтиёткорона ё боазоб** муродиф мешаванд. Аз мисолҳои овардашуда маълум мегарданд, ки аз рӯйи ифодаи маъно онҳо ба калимаҳо шабоҳат доранд ва онҳоро чун муродифи устувору таркибии калима ва ибораҳои озоди синтаксисӣ кор фармудан мумкин аст. Албатта, тобиши услубӣ ва эҳсосотии онҳо нисбат ба калима ва воҳидҳои озоди синтаксисӣ чандин зина болотар меистанд. Ба ин мисолҳо таваҷҷуҳ кунед:

Азбаски ҳеҷ тоқати гапбардорӣ надошт, оламгурезу одамбезор шуд ва ниҳоят баъди чандин сол ба дарди сили майна гирифтор шуда, ***аз ҷаҳон чашм пӯшид*** *(6,120)***.** ***Замири дилашро*** *гайр аз худаш касе дигар намефаҳмид ва модом ки одати умум буд, касе таҳқиқ ҳам карда намегашт, ки дили он «пошикаста» болидан дорад ё нолидан (7, 34). Як умр мо Болообиҳоро горат мекунанд.* ***Санги таги дандонамон*** *шудаанд онҳо. Аз решаашон нест кардан даркор ҳамаи инҳоро (10, 8). Устухони афтидаро саги сиёҳ дар як нафас хӯрда, боз ҳарисона* ***чашм дӯхта*** *меистод (1, 50). Дар фаҳмиши таъми*

таъомҳо ва завқи умумии тамошои кино онҳо ***се мағзе буданд дар як пӯст*** *(1, 70). Ман ҳам мард будани худро нишон додам «раве,* ***тухмат анқо шавад****, ки ба рӯят нигоҳ намекунам» гуфтам ва нигоҳ ҳам накардам (4, 168).*

Мундариҷаи яклухти як гурӯҳ воҳидҳои фразеологӣ дар заминаи маънои нав гирифтани ҷузъҳои таркибӣ ба вуҷуд меояд. Воҳидҳои фразеологие, ки маънои яклухти онҳо дар асоси маънои луғавии ҷузъҳои таркибӣ сурат мегиранд, чун ибораҳои озоди синтаксисӣ мушаххасмаъно буда, мавқеи истеъмолии муайяне доранд. Онҳо аз ибораҳои синтаксисӣ бо ҳамин фарқ мекунанд, ки сохти устувор доранд ва ҳамеша дар як шакл ба кор бурда мешаванд. Масалан, ифодаҳои **дарди сар** бо маънои «нолозим, зиёдатӣ», **ришгаи сӯҳбат** «мавзӯъ», **аз сидқи дил** «бо боварӣ», **чашми кордон** «соҳибтаҷриба»**, қаъри дил** «ботин», **замири дил** «мақсад»**, хабари обнарасида** «хабари нав», **суханҳои нӯгиостинӣ** «нолозим» аз ҳамин ҷумла мебошанд:

Аз ҳамин ***дарди сар*** *халос шавем, гуфтанду як одами бегонаро раис карда фиристоданд, ки шахси бегараз ба ҳамаашон як хел муомила мекунад (10, 247). … лекин* ***ришгаи сӯҳбат*** *асосан ба дасти Абушаҳид буд ва Баҳром гоибона гуфторҳои ӯро тасдиқ мекард… (7, 12). Боз таассуроти наву кӯҳнаи чанд бор нақлкардаашро бори дигар ҳамчун* ***хабари обнарисида*** *ба муомилот мебароварду… (3, 56). Ҳо,вай Аҳмадбой барин* ***чашми кордону*** *пулёб набуд. Сода, намефаҳмид, ки байни қуввваи бозуву қуввваи пул фарқи зиёде ҳаст (3, 234).*

Аз мисолҳои ***замири дил, қаъри дил*** маълум мегардад, ки гоҳо нависанда воҳидҳои фразеологии хоси услуби гуфтугӯйиро тағйир медиҳад ё дар заминаи онҳо воҳидҳои фразеологии нав месозад. Дар забони мардум ибораи фразеологии *таки дил, таки дили касеро фаҳмидан* ба маънии «*ният, ботин, мақсади касеро пай бурдан, фаҳмидан»* хеле серистеъмол аст. Нависанда ба ибораҳои *қаъри дил, замири дил* оҳанги адабии китобӣ бахшида услуби фардии худро ба вуҷуд овардааст, ҳамзамон қолаби устувор доштанашонро хонанда бо қиёс ба ҳамон воҳидҳои мавҷуда ба зудӣ пай мебарад. Сабаб ин аст, ки ибораҳои фразеологии ***замири дил, қаъри дил*** дар луғатҳои фразеологӣ ба назар намерасанд. Дар забони тоҷикӣ назири ҳамин гуна воҳидҳои фразеологӣ, ки хоси қабатҳои гуногуни услубӣ буда, бо обурангашон аз ҳам фарқ мекунанд, кам нестанд. Як хусусияти ин гуна воҳидҳои фразеологиро профессор Ҳ. Маҷидов дар ҳамин мебинад, ки, «*як қисми калони фразеологияи гуфтугӯйиро воҳидҳои фразеологии забони зиндаи халқ, ки бо вуҷуди пуробурангии хоси худ то андозае носуфта мебошанд, ташкил медиҳанд*» [3, 90]. Маълум мешавад, ки нависанда Ӯ. Кӯҳзод низ ҳамин хусусияти баъзе воҳидҳои фразеологиро пай бурда, ба онҳо оҳанги адабии китобӣ мебахшад ва ба назари мо, моҳирона аз уҳдаи ин кор баромадааст.

«Воҳидҳои фразеологие, ки маънои яклухти онҳо дар асоси маънои луғавӣ, маънои ҳарф ба ҳарфи ҷузъҳои таркибӣ сурат меёбанд, пуробуранг ва таъсирбахш нестанд. Онҳо чун истилоҳоти таркибии соҳаҳои гуногуни зиндагӣ, мафҳумҳо, ҳодисаҳо ва ҳаракату амалро дар шакли ифодаҳои забонзадаи устувор зикр мекунанд. Бинобар ин, воҳидҳои фразеологии таҳтуллафзӣ бисёр вақт синонимҳои калимагӣ надоранд, онҳоро танҳо дар шакли тасвирӣ шарҳу эзоҳ додан мумкин аст. Вале муродифи калимагӣ надоштани воҳидҳои фразеологии таҳтуллафзӣ нишонаи ин нест, ки онҳо маънои яклухтро ифода карда наметавониста бошанд. Предмет, ҳодиса, амалу ҳолатҳои ҷудогонаро дар шакли яклухт ифода намудани чунин воҳидҳои фразеологӣ далели равшани он аст, ки онҳо мундариҷаи бутун доранд» [2, 68]. Нависанда Ӯрун Кӯҳзод низ аз ин гуна имкониятҳои услуби бадеӣ моҳирона истифода намуда, чунин воҳидҳои фразеологиеро корбаст менамояд, ки бо вуҷуди беобурангии маъно қолаби устувор доранд ва маъноҳои рехтаашон аз ҷузъҳои

таркибашон бармеояд. Таркибҳои **хешу табор, расму русум, урфу одат** дар мисолҳои зерин аз ҳамин ҷумлаанд:

*Барои ҳамин рафтаҳо баргарданд, ҳама ба пешвоз мебаромаадаанд, **хешу табор** ба шукронаи пою қадамаш мол мекуштанд, хун мебаровардаанд, қурбонӣ мекардаанд (10,116); –Тӯю тамошо аз қадим ҳаст ва ҳар **расму русуме**, ки бобову додоямон карда бошанд, мо ҳам мекунем, ин чӣ бадӣ дорад? (10, 91); -–Росташро гӯям, шамшер задан осонтар будааст, назар ба он ки аз **урфу одат** халос шавӣ, – гуфт Ислом (10, 1).*

Бояд гуфт, ки маънои яклухти воҳидҳои фразеологӣ на ҳама вақт дар асоси маънои ҳарф ба ҳарфи ҷузъҳои таркибӣ ба вуҷуд меояд. Дар бисёр мавридҳо маънои яклухти воҳиди фразеологӣ бо маънои ҷузъҳои таркибӣ мувофиқат намекунад. Дар ин сурат маънои яклухти ибора, мумкин аст, ё дар натиҷаи кӯҳна шуда фаромӯш гардидани маънои баъзе ҷузъҳо ё ин ки дар натиҷаи маънои маҷозӣ гирифтани мундариҷаи яклухти ибора ба вуҷуд ояд.

Бисёр вақт маънои яклухти воҳиди фразеологӣ дар заминаи маънои маҷозии ҷузъҳои дохилӣ сурат мегирад. Дар ин ҳолат робитаи мантиқии байни маънои яклухти ибора ва маъноҳои ҷузъҳои дохилӣ то як дараҷа нигоҳ дошта мешавад. Дар воҳидҳои фразеологие, ки аз асарҳои Ӯрун Кӯҳзод гирд овардем, ҳамин хусусиятҳо баръало мушоҳида мешавад.

Масалан, агар ба ибораҳои **чашм давондан** ба маънои «зуд-зуд нигаристан», «сатҳӣ нигоҳ кардан», **чашм партофтан** «як нигоҳ карда мондан», **назар партофтан** «нигаристан» таваҷҷуҳ кунем, равшан мушоҳида мекунем, маънои маҷозии онҳо дар заминаи маънои аслиашон ба вуҷуд омадаанд:

*Ҳурматбибӣ, ки назди пилтаи газ истода ба дег намак меандохт, ба ӯ як **назар партофт** ва гӯё чизе нашунида бошад, чумча гирифта маззаи таомро чашиданӣ шуд (10, 89). Вай беист ба чор тарафи хона **чашм медавонд** ва беист гап мезад, дар таги дилаш ҳарос мекашид, ки агар лаҳзае хомӯш истад, самимияти ташриф барҳам мехӯрад (10, 144).*

Агар дар баъзе мавридҳо нависанда ба баъзе воҳидҳои фразеологӣ оҳанги адабии китобӣ зам карда бошад, дар мисолҳои боло истифодаи воҳидҳои фразеологии ***назар партофтан, чашм давондан*** муносибати наздики нависандаро ба забони халқ нишон медиҳад. Ҷумлаҳо маҳз ба туфайли ҳамин ибораҳои фразеологӣ симои қаҳрамони асарро ҳамчун як шахси одӣ, намояндаи халқи заҳматкаш ҷилвагар месозанд. Ин характери халқӣ доштани идеали асар, ба ҷониби хонандаи одӣ майл кардани услуби нигориши ӯро нишон медиҳад. Ин ҳодиса, ки ба назари хонандаи одӣ як чизи табии ба дилаш наздик менамояд, ба муҳаққиқ имкон медиҳад, ки мавқеи нависанда ва услуби ӯро дар эҷоди асари бадеӣ дида тавонад. Ибораҳои фразеологии ***рӯз кӯр кардан, чашм партофтан, ҷони дар азоб монда*** ба забони нависанда оҳанги хосаи гуфтугӯйӣ бахшида, самимияти ӯро ба мардум барҷастатар нишон медиҳанд:

*Одатан вай дар айвони дарози писараш, ё болои бом, паҳлӯи мӯрӣ ва ё сари вати замине, ки соҳибаш обдорӣ дошт, нишаста **рӯз кӯр мекард** (10, 128). Ба дилаш омад, ки гурезад. Ба атроф **чашм партофт.** Роҳи гуреза нест (10, 190). Гӯё як зарурати ногузире ӯро маҷбуран нигоҳ медорад ва агар ҳамин «зарурати ногузир» намебуд, кайҳо гурехта ба ягон ҷои дури беташвишу бегавго мерафту **ҷони дар азобмондаашро** халос мекард (10, 167).*

Яклухтии маънои маҷозии гурӯҳи дигари воҳидҳоии фразеологӣ дар заминаи санъатҳои гуногуни бадеӣ ба вуҷуд омада, ниҳоят пуробуранг ва таъсирбахш мешаванд. Дар заминаи бисёре аз онҳо санъатҳои ташбеҳ, истиора, муболиға, киноя ва амсоли инҳо хобидаанд. Чунончи, барои ташбеҳ: **мум барин об шудан** «нарм гардидан», **мурғи посӯхта барин** «беқарор, хеле бетоқат»:

Абдол аз ин таърифҳо зери боми шарм монд ва дар айни ҳол чунон хушаш омад, ки мулоим шуд, ***мум барин шуд*** *ва сар то по ба табассуми ноайён мубаддал гашт ва лол монд (9, 332). Фозила, сардори бригада,* ***мурғи посӯхта барин*** *як нафас орому қарор надошт – як дам ба сари механизаторон мерафт*…(9, 25).

Барои истиора: **чашми рӯз кафид** «рӯз шуд»:

Вақте ки вай хеста ба ҷунбуҷулаш сар кард, ***чашми рӯз акнун мекафид****. Як офтоба об гирифта дар лаби суфаи лаби айвон дасту рӯ шуст (7, 102).*

Дар мавриди ҷумлаи «ҷашми рӯз кафид» ҳаминро нуктаро зикр кардан бамаврид аст, ки муҳаққиқ М. Фозилов онро дар шакли «чашми рӯз кушода шудан» меорад. Ба назари мо, воҳиди мазкур дар қолаби ҷумла аст, он бояд дар шакли «чашми рӯз кушода шуд» оварда мешуд.

Бояд ба эътибор гирифт, ки алоқамандии байни маънои яклухт ва маънои ҷузъҳои таркибии воҳидҳои фразеологӣ як зайл наемонад. Дар ҷараёни истеъмоли пай дар пай маънои яклухти воҳидҳои фразеологӣ торафт равшантар ва барҷастатар ифода ёфта, сохту таркиби он торафт рехтаву суфта мегардад. Дар ин маврид маънои яклухти воҳиди фразеологӣ бо маъноҳои ҷузъҳои таркибӣ мувофиқат намекунад. Ин намуди воҳидҳои фразеологӣ бағоят пуробуранг буда, дар онҳо хусусиятҳои ба худ хоси забони тоҷикӣ бо тамоми нозукиҳои худ инъикос гардидаанд.

Мундариҷаи пуробуранги бадеӣ ва хусусиятҳои хоси миллии воҳидҳои фразеологӣ имконият намедиҳанд, ки онҳо ба дигар забонҳо айнан тарҷума карда шаванд. Аз ин рӯ дар вақти ба дигар забонҳо тарҷума намудани чунин воҳидҳои фразеологӣ муодил ё ҳамвазни онҳоро аз ҳамон забонҳо ҷуста, бадеиёт ва обуранги забони асарро нигоҳ доштан лозим меояд, дар акси ҳол обуранги бадеии забони асар аз байн меравад [1,71].

Ин аст чанд андешае доир ба маънои яклухти воҳидҳои фразеологӣ, ки дар заминаи мундариҷаи таҳтуллафзӣ, маҳдуд гардидани яке аз ҷузъҳои таркибӣ, маънои маҷозии тамоми ибора ба вуҷуд омада метавонад. Дар натиҷа гоҳо алоқамандии байни маънои яклухт ва маънои маҷозӣ аз ҳам дур мегардад ва воҳидҳои фразеологӣ ба ифодаҳои рехтаву суфтагардидаи забон, ба муодили пуробуранг ва таъсирбахши калимаҳо табдил меёбанд. Дар баробари ин, боз чанд нишона ё алматҳое мавҷуданд, ки онҳоро низ метавон аз нишонахои муҳими воҳидҳои фразеологӣ шуморид:

Тартиби доимии ҷузъҳои дохилӣ, ба дигар калимаҳо иваз нашудани онҳо, дар байни ҷузъҳои асосӣ дар мавридҳои муайян ҷойгир шуда натавонистани калимаҳои дигар аз нишонаҳои муҳими устувории воҳидҳои фразеологӣ, маҳсуб меёбанд. «*Тартиби доимии ҷузъҳои дохилии воҳидҳои фразеологиро яке аз аломатҳои барҷастаи онҳо ҳисобидан мумкин аст. Вайрон намудани тартиби ҷузъҳо маънои яклухти воҳиди фразеологиро аксар вақт аз байн рабуда, онро ба калимаҳои одии забонӣ табдил медиҳад*» [1, 72].

Устувории таркиб, яъне дар аксарияти мавридҳо ивазнашавандагӣ, доимӣ будан ва аз ҳам дур шуда натавонистани ҷузъҳои дохили воҳидҳои фразеологӣ аз аломатҳои дигари муҳимтарини онҳо ба шумор меравад. Воҳиди фразеологӣ аз ду ва зиёда калимаҳои мустақилмаънои ба ҳам зоҳиран аз рӯи қонунҳои синтаксисии забони тоҷикӣ алоқамандшуда иборат аст.

«*Ҷузъҳои дохилии воҳидҳои фразеологӣ дар аксари мавридҳо бо калимаҳои ҳаммаънои худ иваз шуда наметавонанд. Дар сурати ба таври сунъӣ иваз намудани ин ё он ҷузъи дохили фразеологизм он ҳамчун масолеҳи тайёри забон аҳамияти худро гум мекунад. Чунончи, ибораи* ***гурги борондида*** *ба маънои «шахси уҳдабаро, як андоза қаллоб» дар истеъмол аст. Ба ин маънӣ онро дар шаклҳои рӯбоҳи борондида ё гурги барфдида тағйир додан мумкин нест*» [3, 13]. Айнан ҳамин тавр калимаҳои дохили таркибҳои устувори **пӯсту устухон** «хароб», **гарму чӯшон** «самимона», **аз афташ**

«эҳтимол», **дар ба дар** «овора» ва монанди инҳо бо калимаҳои дигар иваз намешаванд. Чунин фразеологизмҳо дар ҳама мавридҳо бо ҳамин таркиби лексикӣ истифода мегарданд:

… Не, наменависам гӯяд забонаш намегардад, нависад, ***дарди дилашро*** *гуфта наметавонад. Метарсад? Гӯё тарсу ҳам нест, вале озод ҳам нест! (10,123). … гунҷишкони дигар– панҷ ҷуфти мода ва ҷӯҷаҳояшон бодаҳшат ба ин ҳодиса менигаристанд ва* ***дуд аз димоғашон мебаромад,*** *ки дар чунин рӯзи бад ба соҳибашон ба сардори оила ёрие дода наметавонад* (9, 229).

Як гурӯҳ воҳидҳои фразеологӣ аз бобати ҷузъҳои дохилиашон мумкин аст ба тағйирот дучор шаванд. Дар ин маврид гунаҳои нави ибораҳои фразеологӣ тавлид меёбанд. Масалан, ибораи фразеологии **чашм дӯхтан** дар шакли **чашм андохтан**, **чашм давондан**, **чашм партофтан** ва монанди инҳо гуна дорад. Аз сабаби ин ки калимаи чашм аз калимаҳои аслӣ ва хеле серистеъмоли забон аст, гунаҳои зиёди воҳидҳои фразеологӣ низ бо ин калима асрҳои аср пештар пайдо шуда, дар забон серистеъмол гардидаанд. Дар забони тоҷикӣ воҳидҳои фразеологӣ ва калимаҳои ифодакунандаи мафҳуми нигоҳ кардан хеле зиёданд, аммо аксари онҳо бо тобиши маъноӣ ё услубӣ аз ҳам фарқ мекунанд. Доираи ифодаи маъноии воҳидҳои фразеологии бо ин калимаҳо оянда низ хеле зиёд аст. Чунончи, муаллифи «Фарҳанги ибораҳои рехта» М. Фозилов бо калимаи ***назар*** 24-то, бо калимаи ***нигоҳ*** 5-то, бо калимаи ***чашм*** беш аз 140-то воҳиди фразеологӣ зикр мекунад, ки ба назари мо ин ҳанӯз номгӯи пурраи чунин ибораҳо нест, зеро дар луғати фразеологии маъруфи классикӣ «Чароғи ҳидоят» низ бо калимаи чашм якчанд ибораи фразеологӣ оварда мешавад, ки аксари онҳо аллакай дар забони имрӯза маъноҳои худро дигар кардаанд ё ҳамчун воҳиди фразеологӣ аз истифода баромадаанд. Чунончи, ибораи фразеологии чашм хӯрдан дар «Чароғи ҳидоят» ба маънои «расидани чашми захм» [с. 78] омадааст, аммо дар забони имрӯза ин маънӣ дар ҷумлаи фразеологии «Чашм расид» ифода мешавад. Ҳамин тариқ, маълум мешавад, ки гоҳо оҳиста-оҳиста маъно ва қолаби воҳидҳои фразеологӣ низ дигар мешудаанд. Имконияти калимаҳои аслӣ дар сохтани воҳидҳои фразеологӣ хеле васеъ будааст.

Мавҷудияти гунаҳои гуногуни як фразеологизм хосияти ивазнашаванда будани калимаҳои дохили онро рад намекунад, зеро ҳар як воҳиди фразеологӣ миқдори муайяни гунаҳои худро дошта, аз ин бобат доираи тағйирёбии калимаҳои он маҳдуд аст [ниг.: 2,4] Дар асарҳои нависанда Ӯрун Кӯҳзод ҳамаи гунаҳои ин воҳидҳои фразеологӣ истифода шудаанд. Гоҳо тобиши маъноии ин гуна воҳидҳои фразеологӣ ба мавриди истеъмолашон ҳам вобаста аст:

Ба дилаш омад, ки гурезад. Ба атроф чашм партофт. Роҳи гурез нест…(10, 190). Ба дил афтида буд ва ҳарчанд ба атроф чашм медавонд чашмаш ба ҷонзоде андармон намешуд…(8, 293). Пас аз чашм ба рӯи коғаз давонданд ва дақиқае нагузашта ба шифт нигаристанд ва сонияе чанд даҳон кушода дар ҳамон ҳолат истоданду… (8, 351).

М. Фозилов дар шарҳи ибораи фразеологии чашм партофтан ишора ба маънои чашм андохтан мекунад: «*Ба касе чашм андохтан - нигоҳ кардан, ба сӯйи касе ё чизе бодиққат чашм дӯхтан*» [10, 364]. Ба назари мо ибораи *чашм андохтан* маънои «*бодиққат нигоҳ кардан»*-ро дошта бошад ҳам, ибораи *чашм партофтан* ин маъниро надорад. Ҳатто *чашм партофтан* аз ибораи *чашм давондан* ҳам бо тобиши маъно фарқ мекунад. *Чашм партофтан – «як нигоҳи сатҳӣ, як нигоҳ бо гӯшаи чашм»* аст. *Чашм давондан* бошад, «*сатҳӣ, рӯяк-рӯяк ба чизе нигоҳ кардан»* аст, ки метавонад чанд лаҳзаро дар бар гирад. Забоншинос М. М. Мирзоева ибораи фразеологии «назар андохтан»-ро «сатҳӣ ба чизе нигоҳ кардан» шарҳ дода мегӯяд, ки «*…вале бо калимаи бодиққат омада, тарзи нигоҳро ифода кардааст»* [4, 72]. Ба фикри муҳаққиқ дар мавриди дуюм розӣ шудан мумкин аст, аммо ба назари мо худи ибораи назар

андохтан на маънои «*нигоҳи сатҳӣ кардан»*, балки «*нигоҳи амиқ кардан»*-ро дорад. Ҳамин гуна мулоҳизаҳоро дар мавриди ибораи машҳури чашм дӯхтан низ баён кардан мумкин аст:

Ва дидорбиниҳои талху ширинашон,ки ба шумор буд, дар лавҳи хотирашон зинда мешуд бесухан, дар дилашон. Ислом ба алови тапак ***чашм дӯхта*** *буд (10, 182). Аммо сир бой додан даркор нест, дандон ба дандон монда тоқат кардан лозим аст, чунки ҳамаи ин базмиҳо ба ӯ* ***чашм дӯхтаанд****, бардошти ӯро имтиҳон мекунанд, ҳар як ҳаракати ҳар як узви баданашро мебинанд ва масхара мекунанд* (10, 100).

Дар ду мисоли боло ибораи фразеологии *чашм дӯхтан* ба ду маънӣ кор фармуда шудааст. Ибораи аввал маънои «*нигоҳи андешамандона кардан»*-ро дорад, гӯё мақсад аз он нигоҳ аслан назар кардан ба оташ нест, балки ғайриихтиёр ба андеша фурӯ рафтан аст. Дар ҷумлаи аввал айнан ҳамин гуна хусусият барҷаста намоён аст. Дар ҷумлаи дуюм бошад, *чашм дӯхтан* ба маънои «*аз касе чизеро интизор, умедвор будан»* аст. Ошноӣ бо матни асарҳои нависанда имкон медиҳад, ки ҳамин гуна нозукиҳои маъноии воҳидҳои фразеологӣ ошкор карда шаванд.

Ҳар як ҷузъи таркибии воҳиди фразеологӣ дар қолаби он ҷойи муайян дорад. Ба андешаи профессор Ҳ. Маҷидов *«Дар сурати дигар кардани ҷойи муқаррарии ҷузъҳои дохилии воҳидҳои фразеологӣ онҳо бештар вақт рехтагиву устуворii худро аз даст дода маънои фразеологиашонро гум мекунанд. Чунончи, агар дар ибораи* ***рости гап****, ки маънои «дар ҳақиқат, дар воқеъ»- ро соҳиб аст, ҷойи ҷузъҳо тағйир дода шавад, (масалан, ба тарзи* ***гапи рост****) ибора ҳамчун масолеҳи тайёри забон қиммати худро аз даст дода, ба ифодаи одии нутқ мубаддал мешавад. Тағйири ҷойи ҷузъҳо, ки дар як қатор воҳидҳои фразеологии забонамон мушоҳида мешавад, бо ҳодисаи номбаршудаи гунанокии фразеологӣ (масалан, рафту омад-омаду рафт, ба ҷону дил - ба дилу ҷон, ғаму ғусса - ғуссаву ғам) ва инверсия (ҷойивазкуни)-и грамматикӣ марбут аст»* [4, 14]. Албатта, ин гуна ҳам мешавад, ки гоҳо ҳангоми иваз кардани ҷойи ҷузъҳо дар воҳидҳои фразеологӣ оҳанги талаффузи онҳо вайрон мешавад:

Дуруст, ки дастархони кушод, шаҳодати ***даст дили кушод аст.*** *Дилу даст кушод бошад, нагз. Аммо чаро фақт барои меҳмон. (6, 119).* Агар ба ҷойи *даст дили кушод дилу дасти кушод* гуфта шавад, на фақат гӯшнавозии ин ибора аз байн меравад, хамгунии ба маънои он лакнат мерасад. Айнан ҳамин гуна: *афту андом, расму русум-* ро *андому афт, русуму расм* табдил додан мумкин нест.

Ифодаи маънои яклухт ва устуворii таркиби воҳидҳои фразеологӣ дар мисолҳои зерини асарҳои нависанда Ӯрун Кӯҳзод баръало зоҳир мегардад. Чунончи, **ҷони дар азоб монда**, «мушкилӣ», **аз афти кор,** «эҳтимол», **гӯш ба қимор** «бодиққат» ва амсоли инҳоро овардан мумкин аст, ки хусусияти ифодаи маънои яклухтӣ ва устуворii таркиби воҳидҳои фразеологиро дар худ инъикос намудаанд:

Гӯё як зарурати ногузире ӯро маҷбуран нигоҳ медорад ва агар ҳамин «зарурати ногузир» намебуд, кайҳо гурехта ба ягон ҷойи дури беташвишу бегавго мерафту ***ҷони дар азоб мондаашро*** *халос мекард (10, 168). … Ва ӯ то ба бинои редаксия расидан, бори аввал дар умраш худ ба худ хулоса баровард, ки Миралию Мирвалӣ* ***аз афти кор*** *дар ҳама ҷо ҳастанд (10, 68).*

Дар мисолҳои боло нависанда ибораҳои *ҷони дар азоб монда, гӯш ба қимор*ро хеле моҳирона ва бамавқеъ истифода кардааст. Ибораву ҷумлаҳои фразеологӣ бо калимаи ***ҷон*** дар забони тоҷикӣ ниҳоят зиёданд. М. Фозилов бо ин калима беш аз 50 воҳиди фразеологӣ зикр мекунад. Ҳар як воҳиди фразеологии бо ин калима сохташуда мавқеи махсуси корбаст ва тобиши мутафарриқи маъноӣ доранд.

«Нишонаи дигари воҳидҳои фразеологӣ ин аст, ки дар байни ҷузъҳои дохили онҳо бисёр вақт муносибатҳои зиндаи грамматикиро мушоҳида кардан мумкин нест. Дар байни ҷузъҳои он алоқаҳои пайваст ва тобеи синтаксисиро намебинем. Албатта, дар

байни он ҷузъҳо нишондиҳандаҳои ифодакунандаи ин муносибатҳои грамматикӣ мавҷуданд, лекин онҳо аксар шах шуда мондаанд, дар муносибати дастурии воҳидҳои фразеологӣ бо калима ё ибораҳои дигар ягон нақше намебозанд. Аз ҳамин ҷост, ки воҳиди фразеологии аз якчанд калима ва воситаҳои грамматикӣ ташкилёфта дар матн ба вазифаи як аъзои он истеъмол мешавад [4,15]. Барои мисол истифодаи воҳидҳои фразеологии **чашм давондан** ва **сари калобаи худро гум карданро** аз назар мегузаронем, ки ба вазифаи хабари ҷумла ба кор рафтаанд. Ибораи фразеологии **чашм давондан** ба маънои «нигаристан» меояд ва аз нигоҳи сохт ибораи феълӣ буда, бештар ба вазифаи хабари ҷумла меояд. Воҳиди фразеологии **сари калобаи худро гум кардан** ба маънои «саросема шудан, беқарор шудан» низ ин вазифаро дорад.

Хулоса, воҳидҳои фразеологӣ масолеҳи тайёри забон бошанд ҳам, бамаврид, дурусту беғалат кор фармудани онҳо кори осон нест. Соҳибзабонон, билхоса, нависанда ва қаламбадастони дигарро лозим меояд, ки аз ҳама хусусиятҳои забонии воҳидҳои фразеологӣ огоҳӣ дошта бошанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Маджидов Х. Лексико – семантические особенности глаголных фразеологических единиц современного таджикского литературного языка : Автореф. дисс…филол наук .-Душанбе,1968.- 27 с.
2. Маджидов Ҳ. Фразеологическая система современного таджикского литературного языка.- Душанбе: 2006.-406с.
3. Маҷидов Ҳ. Таркибҳои фразеологӣ //Мактаби советӣ.-1980.-№1.с.-24-26.
4. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик .-Душанбе,
5. 1982.-104 с.
6. Мирзоева М. Воҳидҳои фразеологии асарҳои С. Айнӣ ва усулҳои тарҷумаи онҳо ба забони русӣ.- Душанбе,2008.-160с.
7. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1. - М.: СЭ. 1969.-951 с.
8. Фарҳанги забони тоҷикӣ.Ҷ.2. – М.: СЭ. 1969.-949 с.
9. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик.-Душанбе.-1963.-Ҷ.1.-952с.
10. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забон ҳозираи тоҷик.-Душанбе.-1964.-Ҷ.2.-802с.

II. МАНБАЪ

1. Сареву савдое (Ҳикояҳо).-Душанбе: Ирфон.- 1971.-136 с.
2. Роҳи ағба (Повестҳо). – Душанбе: Ирфон.- 1975.- 199 с.
3. Кини Хумор (Повест).- Душанбе: Ирфон.- 1978.-238 с.
4. Як рӯзи дароз, рӯзи бисёр дароз (Повест).-Душанбе: Ирфон.-1982.- 191 с.
5. Як сару сад хаёл (Ҳикояҳо). – Душанбе: Ирфон.- 1983.-256 с.
6. Писанддара (Повестҳо).- Душанбе: Маориф.- 1984.-208 с.
7. Ҳам кӯҳи баланд, ҳам шаҳри азим (Роман).- Душанбе: Ирфон.- 1986.- 314с.
8. Роҳи паси ағба (Повест ва ҳикояҳо).-Душанбе: Ирфон.-1987.- 384 с.
9. Тақвими раҳ гум (Повестҳо, ҳикояҳо).- Душанбе: Адиб.- 1989.- 386 с.
10. Бандии озод (Ҳикояҳо, роман).- Душанбе: Адиб.-1984. - 267 с.

НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ ЗНАЧЕНИЯ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ В ЯЗЫКЕ ПРОЗЫ У. КУХЗОД

Данная статья посвящена раскрытию богатств и разнообразности значений фразеологических единиц в языке прозы У. Кухзода. Особое внимание уделено семантической интерпретации и структуре фразеологических единиц, употребленных в данном художественном произведении.

Ключевые слова: фразеологические единицы, значение, лексика, выражение, многообразность, структура, художественный стиль, предложение, словосочетание, особенность.

SOME FEATURES OF MEANINGS OF THE PHRASEOLOGICAL COMBINATIONS IN THE U. KUHZOD'S PROSE

This article is devoted to the revelation of reaches and variety of phraseological combinations in the prose of U. Kuhzod. The principal concern is devoted to the semantic interpretation and structure of phraseological combinations which are used in the given work of art.

Key words: phraseological combinations, meanings, vocabulary, expression, multiformity, structure, synonym, artistic stile, sentence, word-combination, feature.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Худоёрова Нигина*** **-** ассистент кафедры современного таджикского языка ТНУ

БАЪЗЕ МУЛОҲИЗА ОИД БА НАҚШИ ШАМСИ ҚАЙСИ РОЗӢ ДАР ТАЪРИХИ АФКОРИ ЗАБОНШИНОСИИ ТОҶИК

Н. Қурбонов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар таърихи афкори забоншиносии тоҷик бисёр чеҳраҳои илму фарҳанги гузашта барои шаклгирӣ ва таҳаввули бахшҳои гуногуни илми забоншиносӣ нақши муҳим бозидаанд. Яке аз ин чеҳраҳои тобон донишманди мумтози улуми адабӣ дар асри XIII Шамси Қайси Розӣ мебошад. Ин донишманди фарзона махсусан дар поягузории ассосҳои дастури забони тоҷикӣ хизмати шоиста кардааст. Ин риштаи фаъолияти Шамси Қайси Розӣ бори аввал аз ҷониби профессор Д. Хоҷаев ба таҳқиқ гирифта мешавад ва ӯ дар мақолаи «Қайси Розӣ ва лафзи шевои дарӣ» соли 1993 дар маҷаллаи «Илм ва ҳаёт» ин тавр нигоштааст: «Шамси Қайси Розӣ ба аксар масоили калимасозии забони форсии тоҷикӣ вобаста ба илми қофия равшанӣ андохтааст, ки гӯё аз нигоҳи имрӯз ва барои имрӯзиён тарҳрезӣ шудаанд» [5, 15]. Аз донишмандони эронӣ доктор Маҳинбону Санеъ дар китоби «Сайре дар дастурнависии забони форсӣ» дар бораи нақши Шамси Қайси Розӣ дар дастурнигорӣ чунин изҳори назар кардааст: «Шамси Қайси Розӣ адиби сухансанҷ ва нависандаи китоби «Ал-мӯъҷам» ... дар радифи касоне аст, ки нахустин гомҳоро дар таҳияи дастури забон бардоштаанд, кӯшиши вай шоистаи басе такрим аст. Чи басо ҳамин мухтасар навиштаи вай ангезаи илтифоти дигар устодони фан ба дастури забони форсӣ гардида ва ҳам дар ҷои худ роҳнамое барои онон будааст. Аз он ҷо, ки аъмоли одамиён, ба вижа онҳое, ки бесобиқа бошанд, камтар холӣ аз айб ва нуқс ҳастанд, кору амале ва такрибан бидуни собиқаи муаллифи “Ал-мӯъҷам” ҳам холӣ аз лағжиш нест, мунтаҳои шумораи лағжишҳо аз шумораи ангуштони даст дарнамегузарад. Дар ситоиш аз кори вай ҳамин бас, ки бештари гуфтораш дар коми дастурнависони пас аз вай он чунон хуш ва гуворо омада, ки яке пас аз дигаре дар осори худ аз он нақл намудаанд, чунон ки дар сафаҳоти ин рисола, мукарраран аз ӯ ёд хоҳад шуд» [3, 45].

Дар воқеъ, аз нимаи аввали асри XIII сар карда зарурати таҳия ва тадвини асосҳои дастури забони тоҷикӣ сахт ба миён гузошта мешавад ва бисёр донишмандони асримиёна таъкид мекунанд, ки яке аз камбудии забони форсии тоҷикӣ ин аст, ки то асри XIII дастур надошт. Ин қазияро пеш аз ҳама Шамси Қайси Розӣ ҳис карда дар зикри ҳуруфи қофия бисёр маъниҳои дастурии пасвандҳои калимасозро шарҳу тавзеҳ додааст. Чунончи: пасвандҳои тасғирии – **ча**, **-ак**: ғуломча, дарича, боғча, сароча, мардак, писарак; пасванди мавзеъсози –**лох**: санглох, девлох; пасванди – **манд** (ба маънии наъд): донишманд, ҳоҷатманд, ҳунарманд, дардманд; пасванди исми фоилсози – **гор**: офаридгор, омӯзгор; пасванди исми касбу ҳунарсози – **гар**: заргар, косагар, тиргар; пасванди масдарсози – **ор**: рафтор, гуфтор, кирдор. Ин пасванд гоҳе маънии дигар диҳад: шармсор, нагунсор ва гоҳ ба маънии мавзеъсозӣ ояд (исми макон): кӯҳсор, шохсор; пасванди –**а**, ки ба охири баъзе исмҳо омада навъеро аз ҷинсе мумтоз (ҷудо) гардонад: дандона, чашма, даста, забона, сабза ва сапеда. Ба охири феълҳо омада, маънии фоилият зам кунад: донанда, гӯянда, кунанда, дар охири исмҳо омада, маънои лаёқату нисбат диҳад: шоҳона, зиракона ва мардона; пасванди –**ӣ** ба охири масдар омада маънии лаёқат ва лузумиятро медиҳад: доштанӣ, карданӣ, хӯрданӣ.

Воқеан, қайдҳои Қайси Розӣ оид ба калимасозӣ як таҳқиқоти мукаммалест, ки тамоми ҷабҳаҳои онро фаро гирифтааст. Қайдҳои наҳвии Шамси Қайси Розӣ низ аз нигоҳи илми забоншиносии имрӯз ҷолибанд. Аз тавзеҳи ин муҳаққиқ бармеояд, ки илми наҳв дар гузашта мақоми хосе дошта, худи ӯ аз он баҳраи комил бардоштааст. Масалан, ӯ ба вазифаи муайянкунандаи соҳибӣ ва пуркунандаи бевосита омадани бандакҷонишини “**ат”**-ро (онро ҳарфи изофат ва замир мегӯяд) чунин шарҳ додааст: “Ва он то - е аст, ки дар авохири асмоъ (номҳо) маънии изофат ба ҳозир диҳад, чунон ки **аспату ғуломат**. Ва дар авохири афъол (феълҳо) маънии замири ҳозир диҳад, чунон ки **медиҳадат** ва **мегӯядат”**. Ҳамчунин Шамси Қайси Розӣ бандаки хабарии шахси сеюми ҷамъро чун «ҳарфи робита ва ҷамъ» бо мисол шарҳ додааст, чунончи: «Ҳарфи робита ва ҷамъ ва он нун-у дол-е аст дар охири сифот фоидаи (маънии)

рабти (алоқаи) сифат ба ҷамоат диҳад, чунон ки **олиманд**, **тавонгаранд**. Дар ҷои дигар ду вазифаи бандаки феълӣ ва хабариро мушаххасан ҷудо кардааст: “Ҳарфи замир ва робита ва **ё** - е аст, ки дар авохири афъол (феълҳо) замири мухотаб бошад, чунон ки **рафтию меравӣ**. Ва дар авохири сифат ҳарфи робита бошад, чунон ки “ту **олимӣ**”, “ту **тавонгарӣ**”.

Бояд гуфт, ки дар забоншиносии тоҷикӣ роҷеъ ба афкори забоншиносии Шамс Қайси Розӣ ва эҷодиёти илмиву адабии ӯ чанд мақолаи илмӣ аз ҷониби забоншиноси тоҷик, профессор Д. Хоҷаев нигошта шуда, ҳамзамон дар асарҳои забоншиносон М. Н. Қосимова «Таърихи забони адабии тоҷик» ва С. Ҳалимов «Таърихи забони адабии тоҷик» (асрҳои 11-12), дар адабиётшиносӣ профессор У.Тоиров «Ал-мӯъҷам», дар Эрон доктор Маҳинбону Санеъ дар асари «Сайре дар дастурнависии забони форсӣ» ва чанд тани дигар маълумот оварда шудааст.

Бояд гуфт, ки ошно гардидан бо гузаштаи илми забоншиносӣ, ба хусус бо осори илмии Шамси Қайси Розӣ барои нишон додани ботилии баъзе фикру ақидаҳои бебунёд доир ба инкори афкори забоншиносии пешина ёрии калон мерасонад. Маҳз ба ҳамин нуқта ишора намуда, профессор Д. Хоҷаев мисли адабиёту нақди он таърихи қадима доштани илми забоншиносии тоҷикро қайд карда, ҳамзамон бо таассуф зикр намудааст, ки таърихи ташаккулу таҳаввули ин илм то имрӯз мавриди омӯзиши ҷиддӣ қарор нагирифтааст. Дар байни аҳли илм бо сабабҳои айнӣ ва зеҳнӣ то вақтҳои охир ақидае мавҷуд буд, ки гӯё дар гузашта илми забоншиносӣ вуҷуд надошт ва забон омӯхтаю таҳқиқ ҳам намешуд. Воқеан, баъзе аз аҳли илми забоншиносӣ имрӯз ҳам чунин ақидаро ҷонибдорӣ мекунанд. Ин даъво, аз як сӯ, то ҷое асос дорад, зеро илми забоншиносӣ ба он мафҳуме, ки имрӯз фаҳмида мешавад, дар системаи улуми гузашта набуд, аз ҷониби дигар, ҳамин равиши тозаи таҳқиқу фаҳмиши илми забоншиносии кунунӣ ба онҳо имкон намедод, ки ба равандҳои таърихии илми лисонӣ амиқ ошно бошанд [5,3-4; 6, 35]. Профессор М. Н. Қосимова доир ба ин масъала чунин қайд кардааст, ки «Таърихи забоншиносии тоҷикӣ хеле қадима буда, мутаассифона, то ҳол ба таври бояду шояд мавриди таҳқиқ карор нагирифтааст. Агар худи истилоҳоти забоншиносии дар луғатҳои гуногун ва асарҳои олимони асрҳои X-XIX истифодашударо омӯзему тадқиқ намоем, мебинем, ки чи дар фонетика (савтиёт), чи дар лексикология (луғатшиносӣ), чи дар грамматика (сарфу наҳв), чи дар услубшиносӣ дар даврaҳои пешин бисёр истилоҳоти мукаммалу муъҷаз ва қобили қабул мавҷуд будааст, ки як гурӯҳи онро имрӯз ҳам метавон ҳамчун истилоҳи забоншиносӣ истифода бурд...» [2, 4].

Тавре ки аз баррасии афкори забоншиносӣ дар “Ал-мӯъҷам” бармеояд, Шамси Қайси Розӣ на танҳо як донишманди беҳамтои нақди шеър, балки беҳтарин донандаи илми забон низ будааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Забон - рукни тоат. Китоби 5. – Душанбе, 2011. – 184 с.
2. Қосимова М.Н. Истилоҳоти қадимаи тоҷикӣ.-Душанбе: Деваштич, 2007.–172 с.
3. Маҳинбону Санеъ. Сайре дар дастурнависии забони форсӣ. - Теҳрон, Назорати фаннӣ бар тавлид: Фаромурз Некном,чопи аввал:1371 ҳ.
4. Тоиров У. Ал-мӯъҷам.–Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷ.1. - Душанбе: ЭСТ, 1988. – С.140.
5. Хоҷаев Д. Қайси Розй ва лафзи шевои дарӣ // Илм ва ҳаёт. 1993,№ 9-12. - С. 15-16.
6. Ҳоҷаев Д. Баҳрабардорӣ аз анъаноти гузашта дар тадқиқу таълими забоншиносӣ // Фарҳанг. 1993, № 1-3.-С. 57-60.
7. Ҳоҷаев Д. Аз таърихи илми забоншиносӣ // Садои Шарқ. 1994, № 3-4.-С. 81-91.
8. Ҳоҷаев Д. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ва афкори забоншиносии ӯ. –Душанбе, 2004.-108с.
9. Ҳоҷаев Д. Гуфтори накӯ нагардад кӯҳан. – Душанбе: Деваштич, 2011. – 240 с.
10. Ҳоҷаев Д. Шамси Қайси Розӣ ва асосҳои дастури забони тоҷикӣ // Маҷмӯаи мақолоти ҳамоиши байналмилалии «Ҷойгоҳи Рӯдакӣ ва забони тоҷикӣ дар муколамаи фарҳангҳо» (28-29 майи соли 2008. Хуҷанд). -Хуҷанд: Нури маърифат, 2008. -С. 332-339.

РАЗМЫШЛЕНИЯ О РОЛИ ШАМСА КАЙСА РАЗЫ В ИСТОРИИ ТАДЖИКСКОЙ ЛИНГВИСТИЧЕСКОЙ МЫСЛИ

В статье рассматривается мысль Шамса Кайса Рази. Автор статьи на основе комментарий Шамса Кайса Рази в «Алмуджаъме» показывает роль Шамса Кайса Рази в становлении основ практической грамматики таджикского языка в средневековую эпоху.

Ключевые слова: мысль, научная литература, фонетика, синтаксис, неоснованный, иследованный, термин, ясный, суффикс, лингвистическое иследование, среднивековый, вклад, роль, мнения.

DESCRIBES AN IDEA SHAMS KAISA RAZI

The author of the article, based on the comment by Shams ' Kaisa Razi Almudža″me "shows the role of Shams in establishing the foundations of Kaisa Razi practical grammar of the Tajik language in medieval era.

Key words: thought, an afkor, nauchniya literature, phonetics, the syntax which has not been based, investigated, the term clear, a suffix, linguistic research, среднивековы, a contribution, a role, opinions.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Н. Курбонов*** - соискатель Таджикского национального университета

ОСОБЕННОСТИ СТРУКТУРЫ БИОЛОГИЧЕСКИХ ТЕРМИНОВ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

С. Д. Шарипова
Таджикский национальный университет

В последние десятилетия резко возрос интерес лингвистов и специалистов различных отраслей науки и техники к проблемам частно-отраслевых терминосистем, что объясняется возрастающим потоком научной и технической информации, процессами интеграции, стыковки наук, усилением процессов терминотворчества. Последний фактор особенно важен для правовой терминологии в связи с созданием и принятием в последнее время большого количества новых законов.

Часто обсуждаются проблемы терминологии и в связи с нарастающими автоматизацией информационных процессов, применением электронно-вычислительных машин для создания банков терминологических данных, автоматизированных словарей. Создание такого рода словарей и банков данных невозможно без стандартизации и унификации терминологической лексики, изучения лингвистических проблем терминологии, выявления особенностей терминопроизводства в каждой конкретной области знания. Это обусловливает «необходимость углубленного изучения и дальнейшей разработки *методологических* аспектов построения терминологии».

В настоящее время «уже не вызывает сомнения, что для правильного, научно обоснованного решения терминологических проблем необходимо изучать терминологию, исходя из признания ее естественности и закономерности существования в системе общенародного языка. В рамках вышеупомянутого стиля исследование вопросов терминологии должно проводиться как лингвистами, так и терминологами – представителями соответствующих областей науки и техники».

Учитывая актуальность обращения к проблемам терминологии, сформулируем цель предлагаемого исследования как

Задачи, стоящие перед нами для достижения указанной цели, сводятся к следующему:

1) рассмотреть различные подходы к определению термина;
2) проанализировать особенности и определить типы отношений между частями терминологических словосочетаний;
3) проанализировать особенности использования и образования в английском языке сложных и простых, однословных терминов.

Материалом исследования послужили статьи, монографии по различным отраслям права, список которых приводится в конце работы, а также словари.

Определение термина. Обладая сложной внутренней семантической структурой термин является единой, самостоятельной единицей наименования.

Термин (включая научно-биологические термины и термины организационно-распорядительной документации) — это единица какого-либо конкретного естественного или искусственного языка (слово, словосочетание, аббревиатура, символ, сочетание слова и букв-символов, сочетание слова и цифр-символов), обладающая в результате стихийно сложившейся или особой сознательной коллективной договоренности специальным терминологическим значением, которое может быть выражено либо в словесной форме, либо в том или ином формализованном виде и достаточно точно и полно отражает основные, существенные на данном уровне развития науки и техники признаки соответствующего понятия. Термин — слово, обязательно соотносимое с определенной единицей соответствующей логико-понятийной системы в плане содержания.

А. А. Реформатский определяет термины «как однозначные слова, лишенные экспрессивности». М. М. Глушко констатирует, что «термин - это слово или словосочетание для выражения понятий и обозначения предметов, обладающее, благодаря наличию у него строгой и точной дефиниции, четкими семантическими границами и поэтому однозначное в пределах соответствующей классификационной системы».

Какова же лингвистическая природа термина? Во-первых, термин – это неотъемлемая органическая часть лексической системы литературного языка. Во-вторых, термины отличаются от других разрядов слов своей огромной информационной насыщенностью. В научном и техническом термине дано наиболее точное, концентрированное и экономное определение научного или технического понятия.

Основное требование, предъявляемое к термину, - его однозначность. В общетерминологическом плане это требование реализуется двумя путями, т. к. существуют две категории терминов: 1) общенаучные и общетехнические термины и 2) специальные (номенклатурные) термины. Общенаучные и общетехнические термины выражают общие понятия науки и техники. Термины существуют не просто в языке, а в составе определенной терминологии. Терминология, как система научных терминов, представляет собой подсистему внутри общей лексической системы языка. Согласно А. А. Реформатскому, терминология – это система понятий данной науки, закрепленных в соответствующем словесном выражении. Если в общем языке (вне данной терминологии) слово может быть многозначным, то, попадая в определенную терминологию, оно приобретает однозначность.

Специфика терминов как особого лексического разряда слов состоит в том, что они создаются в процессе производственной и научной деятельности и поэтому функционируют лишь среди людей, обладающих соответствующими научными и производственными реалиями, то есть макроконтекстом. Поэтому в отличие от обычных слов, однозначность которых в речевой коммуникации обеспечивается ситуацией или лингвистическим контекстом, однозначность термина регламентируется экстралингвистическим макроконтекстом или лингвистическим микроконтекстом.

Термин не нуждается в контексте, как обычное слово, так он 1) член определенной терминологии, что и выступает вместо контекста; 2) может употребляться изолированно, например в текстах реестров или заказов в технике, 3) для чего и должен быть однозначным не вообще в языке, а в пределах данной терминологии.

В пределах лексической системы языка термины проявляют те же свойства, что и другие слова, то есть им свойственна и антонимия, и идиоматика. Например, термин «*valve*» в машиноведении обозначает «клапан», в радиотехнике «электронная лампа», в гидравлике «затвор»; термин «*power*» в физике означает «мощность», «энергия», в математике – «степень», в оптике – «сила увеличения линзы».

Один и тот же термин может входить в разные терминологии данного языка, что представляет собой межнаучную терминологическую омонимию, например:

reaction 1) в химии, 2) в филиологии, 3) в политике;

reduction 1) в философии, 2) в юриспруденции, 3) в фонетике;

assimilation 1) в этнографии, 2) в фонетике.

Постепенно содержание научного знания начинает проникать и в знаки избранного нами языка, насыщать и заполнять их. В языке слово, словосочетание уже неотделимы от их значения, и здесь содержание научного знания становится элементом языка науки. Научное знание, нашедшее свое выражение в слове, в термине, переходит в качественно

новую стадию, включаясь в семантическую систему и структуру того или иного языка науки, становясь компонентом лексико-семантической системы этого языка.

Использование терминов – сложных слов вместо словосочетаний

Термин – сложное слово представляет собой чаще всего сочетание двух или больше основ имен существительных, которые совпадают с формами, приводимыми в словарях: *piston pin* (поршневой палец), *pivot pin* (цапфа шарнира) и т. д. Терминологическое устойчивое словосочетание обычно образуется сочетанием имени прилагательного с именем существительным, причастия с существительным или нескольких существительных, соединенных предлогами: *driving pin* (поводковый палец), *end pin* (соединительный палец), *pitch of thread* (шаг резьбы).

Термины – сложные слова все больше проникают в английскую научно-техническую литературу, поскольку значение сложного слова всегда более точно специализировано, чем значение соответствующего словосочетания. Например, сложное слово *allweather fighter* («всепогодный истребитель», т. е. тип истребителя, предназначенного как для дневных, так и для ночных действий в любую погоду) и *fighter for all weather* (истребитель, пригодный для использования в любую погоду).

С. Н. Гореликова формулирует ряд формальных правил перевода двухкомпонентных терминов – сложных слов, т. к. «если удается выяснить значения компонентов, то эти правила помогут раскрыть значение сложного слова в целом».

Прежде всего следует определить, к какой лексико-смысловой категории относятся компоненты сложного слова, т. е. что именно они обозначают: предметы, действия, свойства и т. д. Сложное слово – термин, оба компонента которого обозначают предметы (т. е. машины, механизмы, приборы и т. д.), переводится по-разному, в зависимости от того, в каком соотношении находятся между собой данные предметы.

Если второй предмет - часть первого, то русский эквивалент имеет вид:

существительное ед.ч., им.падежа + существительное ед.ч. род. падежа.

Например:

wheat consumption (потребление пшеницы)- истеъмол кардани гандум.

control system (система контроля) –сохти назоратӣ, назораткуни сохт.

Если первый предмет – часть второго, то первый компонент переводится при помощи прилагательного, т. к. он определяет качественную особенность второго предмета, отличающую его от других подобных предметов.

Например:

laboratory research (лабораторное исследование)- таҳқиқоти лабораторӣ

Если же первый компонент сложного слова обозначает предмет, а второй – его свойства, т. е. существенную характеристику предмета – вес, площадь, толщину, скорость, давление и т. д., то русский эквивалент второго компонента получает форму именительного падежа, а эквивалент первого компонента – существительное в родительном падеже.

Например:

engine weight (вес двигателя)-вазни муҳаррик

plate thickness (толщина листа) –борикии барг

Для того чтобы знать, в каком числе поставить существительное, обозначающее предмет, нужно в микроконтексте сложного слова найти соответствующий английский термин в качестве самостоятельного слова и определить его грамматическое число. В самом сложном слове грамматическое число определить нельзя, т. к. компоненты сложного слова пишутся, чаще всего, отдельно, однако они – не самостоятельные слова, а лишь основы. Поэтому число предметов, обозначенных первым компонентом, в сложном слове не выражается.

При анализе сложного слова вида *«предмет + свойство»* нужно обратить внимание на то, относится ли понятие, выраженное вторым компонентом (т. е. свойство), к предмету, обозначенному первым компонентом. Если первый компонент сложного слова – термина обозначает предмет, а второй – действие, происходящее с этим предметом, то русский эквивалент второго компонента будет иметь форму именительного падежа, а эквивалент первого компонента – форму родительного падежа.

Например:

air pressure (давление воздуха)

tyre pressure (давление газа в шине) и т. д.

Особую трудность при переводе представляют многокомпонентные сложные слова. Прежде всего нужно раскрыть значение основного компонента. Большую роль при этом, естественно, играет контекст. Затем в составе многокомпонентного сложного слова – термина следует найти внутренние термины, если они имеются, с относящимися к ним словами. В приведенных ниже примерах иллюстрируется последовательность перевода многокомпонентных терминов.

1) **control-surface cable adjustment access**

access – люк

adjustment access – люк для регулировки-тачҳизот барои идоракунӣ

Значение всего термина – **люк для регулировки тросами руля управления.**

2) **cockpit canopy manual operating handle**

handle – рукоятка -даста

operating handle – рукоятка управления –дастаи идоракунӣ

manual operating handle – рукоятка ручного управления –дастаи идоракунӣ

Значение всего термина – **рукоятка ручного управления фонарем кабины летчика.**

3) *radio wave speed measurement*

measurement – измерение -ченак

speed measurement – измерение скорости –ченаки суръат

radio wave – радиоволна –мавҷи радио

Значение всего термина – **измерение скорости радиоволны.**

Однословные термины в английском языке

Суффиксы и префиксы, используемые в системе английского терминообразования, в основном заимствованы из общих, обычных словообразующих средств английского языка. Для образования терминов при помощи суффиксов и префиксов характерен выбор из числа словообразовательных элементов тех, которые оказываются приемлемыми для построения терминов. Специфическим для специальной терминологии является стремление к закреплению за некоторыми суффиксами определенных терминологических значений.

Это особенно характерно для химической терминологии, где наиболее полно изучена специализация суффиксов. В английском языке образуются:

- названия основных органических соединений и галогенов – при помощи суффикса *-ine [en] (amine, fluorine);*

- названия неосновных органических соединений – при помощи суффикса *-in [in] (salicin);*

- названия углеводородов ацетиленового ряда – при помощи суффикса *-yne [i:n] (propyne).*

Более или менее четкая специализация аффиксов проведена в биологической и медицинской терминологии, т. е. там, где термины построены, в основном, из латинских и греческих корней. Например,

- суффикс *-us [s]* для существительных в единственном числе, и суффикс *-i [ai]* – для существительных во множественном числе: *alveolus – alveoli* (альвеола – альвеолы);

- суффикс *-um [m]*, для существительных в единственном числе и суффикс *-a* – для существительных во множественном числе: *cranium – crania (череп – черепа).*

Английские префиксы *dis-, en-* широко применяются при образовании биологических терминов. Например:

disafforest (вырубать леса)-бурида нест кардани ҷангал.

disbranch (обрезать ветки)-тоза кардани баргҳои хазоншуда.

dislodge (выгонять зверя из берлоги)-вахшиҳоро аз лонаашон берун кардан.

enfeeble (ослаблять)-беҳаракат шудан

albinism-альбинизм-золи(сафеди гайриоддӣ пӯст ва мӯй).

illnesses-болезни-беморӣҳо

Illnesses congenital-болезни врожденные-бемори ҳам модарзодӣ.

simbiosis-симбиоз-ҳамзистӣ

merosis-мейоз-ҳуҷайраҳои ҷинсӣ

engraft (делать прививку)-пайвандкунӣ.

enrich (удобрять почву)-ба замин нури андохтан.

В терминологии других отраслей систематической специализации значений суффиксов почти совсем не ведется. Поэтому здесь суффиксы имеют более широкое значение, указывая на категорию, к которой относится терминируемое понятие.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Арнольд И.В. Лексикология современного английского языка. М.: Просвещение, 1995.
2. Глушко М. М. и др. Функциональный стиль общественного языка и методы его исследования. М., 1974.
3. Гореликова С. Н. Природа термина и некоторые особенности терминообразования в английском языке // Вестник ОГУ. 2002. №6.
4. Как работать над терминологией: Основы и методы. М., 1968.
1. 5. Капанадзе Л.А. Взаимодействие терминологической и общеупотребительной лексики // Развитие современного русского языка. М., 1965. С. 86 – 103.
5. Капанадзе Л.А. О понятиях «термин» и «терминология» // Развитие лексики современного русского языка. М., 1965. С.75 – 86.
6. Кулебакин В. С., Климовицкий А. Я. Работы по построению научно-технической терминологии в СССР и советская терминологическая школа // Лингвистические проблемы научно-технической терминологии. М., 1970. С. 15 – 19.
7. Talbot J., Taylor. Linguistic Theory and Structural Stylistics. - Oxford: Pergamon Press, 1981.

ОСОБЕННОСТИ СТРУКТУРЫ БИОЛОГИЧЕСКИХ ТЕРМИНОВ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Исследование биологических терминов в таджикском и английском языках представляет большой лингвистический интерес. Термины существуют не просто в языке, а в составе определенной терминологии. Терминология, как система научных терминов, представляет собой подсистему внутри общей лексической системы языка.

Ключевые слова: биология, слова, лексика, состав, язык, научный, система, структура.

THE PECULIARITIES STRUCTURE OF BIOLOGICAL TERMINOLOGIES IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

Research of biological terminologies in Tajik and English languages represents the great linguistic interest. Terminologies not only in the language, but in the structure of definite terminologies. Terminology as a system of scientific terminologies represents itself a subsystem in the general lexical system of language.

Key words: biology, words, lexicon, structure, language, scientific, system, structure.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***С. Д.Шарипова*** - аспирантка Таджикского национального университета

БАСОМАД ВА КОРБУРДИ ВОЖАИ «СИМУРҒ» ДАР «ШОҲНОМА»

Х. Содиқлу
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Симурғ ҷонвари машҳури асотирӣ аст, Симурғ аз он сабаб мегӯянд, ки ҳар ранге, ки дар пари ҳар як мурғ мебошад, ҳама дар парҳои Симурғ мавҷуд аст ва баъзе мегӯянд, ки ба ғайри ин исм фарзе вуҷуд дорад [52,12255-12256].

Симурғ анқоро гӯянд ва он паррандае будааст, ки Зол, падари Рустамро, парварда бузург кардааст («Бурҳони қотеъ»), анқо («Замахшарӣ»), сиранг (Онандроҷ).

Мурғи афсонавӣ ва хаёлӣ (дар асл **sin-morgh**), дар паҳлавӣ **sin morgh**, дар «Авесто» **morgasoanva**, дар ҳиндии бостон **chino**, дар забони арманӣ **chin** аст. Дар Фарвардини Яшт, банди 97 омадааст: «Фурӯҳари покдин **saena**, писари Аҳуситудро, меситоем, нахустин кас бо сад пайрав дар ин сарзамин зуҳур кард». Дар китоби 7 Динкард, дар фасли 6, банди 5 омадааст: «Дар миёни дастурон дар бораи **saena** гуфта шудааст, ки ӯ сад сол пас аз зуҳури дини Зардушт таваллуд шуд ва 200 сол пас аз зуҳури дин даргузашт». Ӯ нахустин касе аст, ки дар Маздаясно зикр гардидааст, ки сад сол зиндагӣ кард ва бо сад нафар аз муридони хеш ба рӯйи замин омад ва дар

Динкард (дар китоби нӯҳум, фасли 24, банди 17) вай аз шогирдони Зардушт муаррифӣ шудааст. Муҳаққиқон калимаи **saena**-ро дар «Авесто» шоҳин ва уқоб тарҷума кардаанд ва бо **vargana-и** авестоӣ як донистаанд, бешакк, байни ду мафҳум - **saenaи** авестоӣ ва Симурғи форсӣ ва тоҷикӣ, яъне байни мурғи машҳур ва номи ҳакими доно, робитае мавҷуд аст. Маълум аст, ки дар қадим рӯҳониён ва мӯбадон илова бар вазифаҳои динии худ пизишкӣ низ мекардаанд, бинобар ин, тасаввур мешавад, ки яке аз ин хирадмандони рӯҳонии замони бостон, ки номи вай «**saena**» будааст, аз номи паррандаи ёдшуда гирифта шуда будааст. Шуғли муҳимме доштааст, ки инъикоси он бахубӣ дар «Авесто» ошкор аст ва аз ҷониби дигар вай бо табобати беморон шӯҳрат ёфта будааст. Баъдҳо **saena** (номи рӯҳонии ёдшуда)-ро ба маънии худи номи мурғ гирифтаанд ва ҷанбаи пизишкии ӯро дар «Авесто» ба дарахте, ки ошёнаи мурғи saena аст, дар «Худойнома» ва «Шоҳнома» ба худи Симурғ додаанд. Чунон ки дар Баҳроми яшт, бандҳои 34-38 омадааст: «Касе, ки устухон ё паре аз ин мурғи далер (ворқан) бо худ дошта бошад, ҳеҷ марди далере натавонад ӯро барандозад ва аз ҷой биронад, он пар ӯро ҳамвора назди касон бузург ва гиромӣ дорад ва ӯро аз фар бархӯрдор созад. Паноҳ бахшад он пари «мурғони мурғ» дар ҳангоми рӯ ба рӯ шудан бо ҳамовардони хунхору ситамкор ва дорандагони он пар камтар газанд ёбанд. Ҳама битарсанд аз касе, ки дуои бозубанди пари мурғи ворқан бо ӯ бошад».

Дар «Минуи хирад» (Позанд) омадааст:

«Ошёни синамура (Симурғ) бар дарахти «Ҳарвасп тахмака» аст, ки онро «ҷадбиш» (зидди газанд) мехонанд» [198, 1246].

Симурғ - мурғи афсонавӣ, парварандаи Золи Зар ва роҳнамои ӯ. Симурғ дур аз мардум дар кӯҳи Албурз мезист ва Золро, ки Сом болои кӯҳ гузошта буд, тарбият кардааст (шабеҳи моддагурги маъруф барои Румус ва Ромулус). Гузашта аз он қудрати ҷодуӣ ва огоҳӣ аз асрори пинҳониро ба ӯ нисбат медиҳанд ва на фақат Зол, балки Рустам, писари ӯ, низ таҳти ҳимоят ва иршоди ӯ будааст. Масалан, ҷароҳати Рустам ва Рахшро дар ҷанг бо Исфандиёр беҳбуд мебахшад ва чораи корро дар он мебинад, ки Рустам тири газро ба чашми Исфандиёр бизанад ва бар ӯ ғолиб шавад.

Симурғро дар адабиёти форсиву тоҷикӣ ба анво таъбир кардаанд. Лафзи Симурғ мураккаб аз мурғ ба изофаи лафзи **saena** (Авесто) мебошад, ки ба маънии шоҳин ва паррандаи шикорӣ аст. Он чи дар «Авесто» роҷеъ ба **saena** омадааст, ҳикоят аз хидмати ривоятҳо роҷеъ ба ҷанбаи пизишкӣ ва ҷодуии Симурғ дорад. Симурғ дар адабиёти ғайриҳамосии Эрон ба унвони вуҷуди нопайдо, бенишон ва ғолибан киноя аз инсони комил, ки аз дидаҳо пинҳон аст, ба кор рафтааст [58, 633].

Симурғ калимаест, ки аз ду ҷузъ сохта шудааст. Ҷузъи дувуми он **morgh** ба маънии парранда аст. Ин вожа дар авестоӣ **merika** ва дар паҳлавӣ **mruwe** будааст. Ҷузъи нахустини он **saena** дар авестоӣ, **sen** дар паҳлавӣ, **šyena** дар санскрит аст. Маънои он дар «Авесто» ва санскрит «мурғи шикорӣ» будааст. Гумон бурда шудааст, ки «шоҳин» шакле аст, ки аз ин вожаи бостонӣ дар порсӣ боз мондааст. Шаклҳои дигар аз «saena», ки ба шакли куҳани он наздиктар аст, **sin** аст. Дар «Авесто» ва навиштаҳои паҳлавӣ куноми Симурғ бар фарози дарахте аст «гашанбех ва бисёршох», ки дар паҳлавӣ **harwisptoxmeg** ба маънии «ҳаматухм» ном гирифтааст, ки тамоми донаҳо ва гиёҳҳои доруӣ ва дармонбахш аз он сарчашма гирифтаанд ва ситонда шудаанд. Ҳар сол Симурғ ин дарахти шигифтро меафшонад ва тухмҳо ба дарё меафтанд ва ҳамроҳ бо обу борон ба сарзаминҳои гетӣ фурӯ меборанд.

Дар Эрони пасазислом дарахти «ҳаматухм»-ро бо вожаи «тубо» иваз кардаанд, ки он низ куноми Симурғ шумурда шудааст. Аз ҳамин рӯ Симурғ дар пизишкиву дорусозӣ ва дармонгарӣ низ пайванд дорад ва маҳз ӯст, ки нахустин бор Рустамро бо «кордпизишкӣ» (ҷарроҳӣ) аз Рудоба мезоёнад, ки шарҳи он дар «Шоҳнома» омадааст (байтҳои 3586 то 3607, ҷ.1.).

Шояд беҳуда нест, ки бузургтарин пизишки эронӣ Пури Сино (Ибни Сино) ном гирифтааст. Метавонад бошад, ки «Сино», ки шакле аз номи Симурғ аст, ба шеваи намодин падари Бӯалӣ шумурда шуда бошад.

Дар бозгуфтҳои пасин ва дар пайи он дар «Шоҳнома» куноми Симурғ аз дарё ба кӯҳ бурда шудааст ва Албурз, ки кӯҳе аст сипанд ва оинӣ дар устура ва боваршиносии эронӣ, ҷойгоҳи ин мурғи шигарф гардидааст; дар Эрони пасазислом

Албурз номи кӯҳи Қофро гирифтааст. Он кӯҳе аст намодин ва устуравӣ, ки зистгоҳи мардумонро нигинвор дар миён гирифтааст ва ҷойгоҳи Симурғ аст.

Симурғ аз қаламрави устура ва боваршиносии бостонӣ ба қаламрави дабистонҳои роз ва оинҳои дарвешӣ бурда шудаасту коркард ва маънои худошиносона ёфтааст; намуна «Мантиқ-ут-тайр»-и Аттор аст, ки дар он «достони мурғони ҷон» оварда шудааст. Ин мурғон сарвар ва солори хешро меҷӯянд ва саранҷом аз гурӯҳҳо гурӯҳи мурғони худоҷӯй - сӣ ӯро дар хеш мебинанд ва худро дар ӯ. Дар ин ҳамосаи ирфонӣ Симурғ намоди ҷонон аст, ки ҷонҳои зинда ва бедор, ки аз хуфтагӣ ва мурдагӣ растаанд бетоб ва ношикеб ӯро меҷӯянд ва то ӯро пайдо накунанд, ором наметавонанд ёфт. Симурғ дар адабиёти ниҳонгароёнаи исмоилиён намоди пешво ва имом асту дар ҳамон ҳангом нишонаи розолуди ҷон [80, 387-389].

Пажӯҳишгари бузург Тақии Пурномдориён бар ин бовар аст, ки дар ин достон Симурғ дар ҳақиқат рамзи Ҷабраил аст, чаро ки тақрибан тамоми сифатҳои Симурғ дар вуҷуди Ҷабраил ҷамъ аст. Сурати зоҳирии онҳо (бузургпайкарӣ, шукӯҳ ва ҷамол, пару бол) ба ҳам шабоҳат дорад. Бино ба ояи сураи «Фотир» фариштаҳо бол доранд.

Дар достони «Зол ва Симурғ» Симурғ воситаи неруи ғайбӣ аст ва Зол ҳам симои паёмбарона дорад, ин иртиботи бемонанд ба иртиботи Ҷабраил - фариштаи ваҳй ва паёмбар нест. Шабеҳ ба достони парвариши кӯдаки бепаноҳ тавассути Симурғ дар мавриди Ҷабраил дар фарҳанги исломӣ вуҷуд дорад. Ҷабраил нигаҳкунандаи кӯдакони бани Исроил аст, ки модаронашон онҳоро аз тарси Фиръавн дар ғорҳо пинҳон кардаанд. Монандии амали илтиёмбахшии захмҳои Рустамро тавассути Симурғ дар фарҳанги исломӣ дар воқеаи шикофтани синаи расули Худо дар иртибот бо воқеаи Мероҷ мебинем. Ҳамчунон ки Симурғ ба дарахти **harwisptoxmeg** ошёна дорад, Ҷабраил низ бар дарахти «Сидратулмунтаҳо» сокин аст.

Симурғ гоҳе бо мурғони асотирии дигар, мисли Анқо, иштибоҳ мешавад, Анқо аз решаи «ананақа» аст, ба маънии дорандаи гардани дароз. Ва чизи муштараки Симурғ ва Анқо «мурғ будан» ва «афсонавӣ будан» аст. Дарвоқеъ, як устураи ҷоҳилии араб Анқо аст ва Симурғ як устураи эронӣ. Шабоҳатҳои гуфташуда боис шудааст, ки дар зеҳни шоирон ва нависандагон ин ду мурғи устуравӣ гоҳе бо ҳам иштибоҳ шаванд. Ҳол он ки дар ҳақиқат ду хостгоҳи мутавофит доранд[153, 434].

Дар ҷаҳони афсона ҳар нобудшудаи мавҷуд ва ҳар кори номумкине имконпазир аст. Аз ҳамин рӯ Симурғ низ дар ин ҷаҳон ҷой гузидааст ва афсона шудааст.

Дар «Шоҳнома» Симурғ бар сари Албурзкӯҳ лона дорад:

Яке кӯҳ буд номаш Албурзкӯҳ,
Ба Хуршед наздику дур аз кӯҳ.
Бад-он ҷое Симурғро лона буд,
Ки он хона аз халқ бегона буд. (ҷ.1, с.77).

Дар «Авесто» ошёни Симурғ бар сари дарахте аст дар миёни дарёи Фарохкарт ва он дарахт «дорои доруҳои нек ва таъсиргузор аст ва онро (дармонбахши ҳама) хонанд ва дар он тухми тамоми гиёҳҳо ниҳода шудааст». Дар бораи ин дарахт дар китоби паҳлавӣ бештар тавзеҳ дода шудааст:

«Ошёни Симурғ болои дарахте аст, ки илова бар доро будан тухми гиёҳҳо зидди ҳазор гуна газанд низ ҳаст. Ҳар вақт Симурғ аз рӯйи он бармехезад, ҳазор шоха аз он мерӯяд ва чун ба рӯйи он менишинад, ҳазор шоха аз он шикаста ва тухми онҳо пошидаю пароканда мешавад. Мурғи дигар тухмҳоеро, ки аз ин дарахт фурӯ рехтааст, ба ҷое мебарад, ки фариштаи борон аз он ҷо об бармегирад ва тамоми он тухмҳо ба воситаи вай бо борон фурӯ мерезад ва гиёҳҳои гуногун мерӯяд» (198 ,с. Симурғ). Ба ин тартиб чорагарӣ ва ҷанбаи пизишкии Симурғ ва ҳам ҳикмату доноии вай дар асарҳои қадимтар аз «Шоҳнома» ба дарахте мансуб мешавад, ки ошёни вай дар он аст. Аммо Симурғ сухангӯ низ ҳаст, бо Зол ва Рустам ва дигарон сухан мегӯяд. Мурғони сухангӯ бисёранд, ки аз онон тӯтӣ назди мо, эрониён, аз ҳама маъруфтар аст. Аммо Сор (мурғи зираке, ки дар шеъри Саъдӣ ва Ҳофиз омадааст), Коску, Мино ва бисёр мурғони дигар ҳастанд, ки ҳатто беҳтар аз тӯтӣ аз ӯҳдаи тақлиди садоҳое, ки мешунаванд, мебароянд. Дар Қуръони Карим низ дар достони «Сулаймон» Ҳуд-Ҳуд бо паёмбар сухан мегӯяд, ӯ ва сипоҳашро ба сӯйи сарзамини маликаи Сабо далолат мекунад. Аз ин рӯ, шигифт нест, агар шоҳи мурғон ва бузургтарин ва бошукӯҳтарини онон низ сухангӯй бошанд. Аммо чӣ гуна шудааст, ки шифобахшии дарахт ва хирад

ва биниши пизишкон ва ҳакимон низ ба ин мурғ нисбат дода шудааст? Чаро Симурғ дар «Шоҳнома» баландпарвоз, қавӣ, хирадманд, пизишк ва чорагар аст?

Дар давронҳои куҳан рӯҳониён ва мӯбадон дорои тамоми донишҳои рӯзгори хеш буданд ва илова бар анҷоми вазифаҳои динӣ ба кори пизишкӣ низ мепардохтанд. Бисёр эҳтимол дорад, ки яке аз ин рӯҳониёне, ки «Сина» (Шоҳин) ном доштааст, дорои самти рӯҳонии муҳимме будааст ва дар дониши пизишкӣ ва дармони беморон низ шӯҳрат ёфта будааст. Он гоҳ дар достонҳо чунин мардӣ бо афсонаҳои марбут ба мурғ ва мурғсина ва дарахти «ҳама дармонбахш» як ҷо ба он паррандаи афсонавӣ нисбат дода шуда бошад. Ин шакл дар Сино ва Синдухт, ки номи бонуи Кобулӣ ва номи Рудоба аст, бозёфтанӣ аст.

Яқин дорем, ки эрониён дар қадим гоҳ номи фарзандони худро (Сина) мегузоштанд ва шигифтангезтар ин аст, ки модари Рудоба ва бузургмодари Рустам Синдухт (Син+духт) ном доштааст.

Номи ин зан, бе ҳеҷ шубҳа, аз ҳамон «sana» гирифта шудааст ва чунон ки медонем, Симурғ дар достони зода шудани Рустам дахолати бисёр қавӣ ва муассир дорад Ин қисса аз ҳамин нукта, ки номи модаркалони Рустам Синдухт будааст, реша гирифта ва дар ҳангоми зода шудани Рустам бар болини Рудоба на Симурғ, балки ҳамон модари худаш - Синдухт ҳузур дошта ва бар чорагирӣ пардохта будааст. Баъдҳо ин шабоҳати исмии аҷиб дар достон бо вуруди Симурғ дар тавлиди Рустам мансуб дониста шудааст.

Аввалин достоне, ки дар он пойи Симурғ ба саҳнаи ҳамосаи миллии Эрон бозмешавад, дар достони «Зол» аст.

Пас аз он ки Сом хабардор мешавад, ки фарзандаш бо мӯйи сафед таваллуд шудааст, дастур медиҳад, ки кӯдакро бардоранд ва ба ҷойи дурдаст бибаранд. Ходимони Сом кӯдакро ба Албурзкӯҳ мебаранд, ки «бад-он ҷой Симурғро лона буд»:

Ниҳоданд бар кӯҳу гаштанд боз,
Баромад ин рӯзгоре дароз. (ҷ.1, с.77)

Худованд ин корро бар Сом намебахшояд ва аз дур кардани он кӯдаки бегуноҳ бар Сом хашмгин мешавад ва аз ин пас дар шабистони Сом кӯдаке ба дунё намеояд. Симурғ низ кӯдакро мерабояд ва барои тӯъмаи чӯҷаҳои худ, ки аз хуни ҷонварон ғизояшон медод, мебарад, аммо чӯҷаҳои Симурғ бар Зол меҳр мебанданд ва Зол дар лонаи Симурғ бузург мешавад. Шабе Сом дар хоб аз ҳоли кӯдаки худ ва зинда будани ӯ огоҳ мешавад ва ба Албурзкӯҳ меравад. Симурғ донист, ки Сом барои бурдани писар омадааст. Он гоҳ бо Зол чунин мегӯяд:

Туро парваранда яке дояам,
Ҳамат мому ҳам яке сармояам. (ҷ.1, с. 79)

Симурғ мегӯяд: «Падар омадааст ва акнун бояд туро бардорам, беозор назди ӯ гузорам». Зол нахуст намехоҳад, ки аз Симурғ ва ошёнаи ӯ ҷудо шавад. Аммо Симурғ ба ӯ мегӯяд, агар тоҷ, тахт ва оини шоҳиро бубинӣ, дигар ин лонаат ба кор намеояд. Бо ин ҳол:

Або хештан бар яке парри ман
Ҳамеша ҳамебош дар фарри ман.
Гарат ҳеч сахтие ба рӯй ованд,
В-ар аз неку бад гуфтугӯй ованд. (ҷ.1,с. 80)

Зол аз ин пари Симурғ дар ҳангоми гирифторӣ ва оҷиз шудани Рудоба аз зодани Рустам истифода мекунад.

Дар ҳар ҳол Зол пари Симурғро бар оташ меафканад. Мурғ ҳозир мешавад ва Золро сахт ғамгин меёбад:

Чунин гуфт Симурғ, к-ин ғам чарост,
Ба чашми ҳужабр андарун нам чарост,(ҷ.1, с.120)
К-аз ин сарви симин бар моҳрӯй
Яке шер ояд туро номҷӯй. ….
Биёвар яке ханҷари обгун,
Яке мард доно, дил пурфусун.
Нахустин ба май моҳро маст кун,
Зи дил биму андешаро паст кун.

Ту бингар, ки бинодил афсун кунад,
Зи паҳлуи ӯ бача берун кунад …
Ва з-он пас бидӯзад, куҷо кард чок,
Зи дил дур кун тарсу андӯҳу бок. (ҷ.1.с.121)

Ин ҳамон амали ҷарроҳӣ аст, ки дар таърих ба номи Жулиёс Сазар - қайсари номдори Рум ба Сезаориан маъруф шудааст. Пизишкӣ ва дорушиносии Симурғ чунин тавсиф гардидааст:

Гиёҳе, ки гӯям, ту бо ширу мушк
Бикӯбу бикун ҳар се дар соя хушк.
Бисою биёлой бар он хастагиш,
Бубинӣ ҳам дар ҳам замон растагиш.
Бар он мол аз он пас яке парри ман,
Хуҷаста бувад сояи фарри ман. (ҷ.1, с.121)

Ин дувумин кори Симурғ дар «Шоҳнома» аст. Симурғ ду бори дигар дар «Шоҳнома» зоҳир мешавад. Сеюмин саҳнаи зоҳири вай камтар шинохта аст. Аз ин рӯй саҳнаи чаҳорум – охирин саҳнаи вуруди Симурғро, ки омадани вай барои роҳнамоии Рустам дар рӯёрӯӣ бо Исфандиёр аст. Исфандиёр шоҳзода ва паҳлавони муқаддаси эронӣ бо ҳамроҳи падар ба Систон меравад, то Рустамро даст баста ба даргоҳи падараш Гуштосп биёварад. Рустам, ки ҳеч хоҳони ҷанг бо Исфандиёр набуд, ҳарчи мекунад, ки ӯро аз пайкор боздорад, ё дасти кам аз бастани дасти вай, ки дар ҳақиқат эъломи марг аст ҷуз баста шудани дасташ, бад-ӯ мегӯяд:

Ки гуфташ: Бирав дасти Рустам бибанд,
Набандад маро даст чархи баланд. (ҷ.1.с.844)

Саранҷом ночор қарор ба ҷанг дода мешавад. Дар нахустин рӯзи ҷанг Исфандиёр Рустам ва Рахши ӯро ба боди тир мегирад ва Рахшу ӯро сахт маҷрӯҳ мекунад, ҳол он ки неруҳои Рустам дар Исфандиёр муассир намеафтад. Рустам ҳар тавр рӯзро ба шаб мерасонад ва шаб кӯфта ва захмин аз майдон бозмегардад, аммо умед надоштааст, ки фардо ва ҳатто чанд рӯз битавонад, ба ҷанг биравад. Боз шаб ҳангоми Зол пари Симурғро бар оташ афканданаш Симурғ меояд ва ҳамон гуна, ки хастагии Рудобаро дармон карда буд, ҷароҳатҳои Рустам ва Рахшро низ шифо мебахшад ва Рустамро аз куштани Исфандиёр барҳазар медорад ва ба ӯ эълом мекунад, ки кушандаи Исфандиёр дар он ҷаҳон гирифтори азоб хоҳад буд, дар ин ҷаҳон низ шӯрбахт аст ва базудӣ кушта хоҳад шуд. Бо ин ҳол Рустамро ба дарахти газ роҳнамоӣ мекунад ва Рустам тири душоха аз он дарахт мегирад ва онро ба нуктаи заъфи Исфандиёр – чашмонаш – мезанад. Исфандиёр кушта мешавад. Чанде баъд Рустам низ ба дасти бародараш Шуғод кушта мешавад ва пеш аз марг бародари хоини худро низ мекушад.

Хонадони Рустам низ ба дасти Баҳман, писари Исфандиёр, ва ба хунҳоҳии падараш ба боди фано фитода мешавад ва пешбинии Симурғ ба ҳақиқат мепайвандад.

Сеюмин саҳнаи вуруди Симурғ дар «Шоҳнома» марбут ба ҳафт хони Исфандиёр аст. Барои Исфандиёр, ба тақлид ба Рустам, ҳафт хонӣ тартиб дода шудааст. Хони панҷум аз ин ҳафт хон куштани Симурғ аст. Ҷавоб ин, ки агар Симурғ дар хафт хони Исфандиёр кушта шуда буд, чӣ гуна дар ҷанги Рустам ва Исфандиёр ба ёрии Рустам омад? Дар поёни ин гуфтор ҷавоб аз забони худи Симурғ дода хоҳад шуд. Феълан дар ин марҳала сухан аз куштани ӯст. Гургсор роҳнамои Исфандиёр дар хафт хон – дар бораи Симурғ бад-ӯ мегӯяд:

Яке кӯҳ бинӣ сар андар ҳаво,
Баровар бар яке мурғ фармонраво,
Ки Симурғ хонад варо корҷӯй,
Чу парранда мурғе аст пайкорҷӯй.
Агар пил бинад, барорад ба чанг
Зи дарё наҳангу ба хушкӣ паланг.
Набинад зи бардоштан ҳеч ранҷ,
Мар ӯро чу гургу чу ҷоду масанҷ.
Ду бача аст бо ӯ ба болои ӯ,
Ҳамон рой пайваста бо рои ӯ.

Чу ӯ бар ҳаво рафту густард пар,
Надорад замин тӯшу Хуршед фар. (ч.4, с..805-806)

Ва мехоҳад, Исфандиёрро аз ҷанг бо Симурғ боздорад. Аммо ҷаҳонҷӯй гӯш ба ҳарфи ӯ намедиҳад ва омодаи пайкор бо Симурғ мешавад. Вай дар хони сеюм – куштани аждаҳо – дастур дода буд, сандуқе маҳкам бисозанд ва теғҳо ва сарнайзаҳои тез бар ҳар ҷойи он насб кунанд ва онро бар ду гардунаи бузург бигзоранд ва ба василаи он бар аждаҳо чира мешавад.

Бачагони Симурғ низ чун ӯро чунон хаста ва хунчакон мебинанд, аз майдон мегурезанд ва дигар касе нишоне аз онон намебинад.

Фирдавсӣ дар ҳеч яке аз ин саҳнаҳо ба ҷуфт доштани Симурғ ва нар ё мода будани он мурғ, ки Золро рабудааст, ишора намекунад ё дар ин саҳна, ки Симурғ бо бачаҳо ба ҷанги Исфандиёр меояд, Симурғ яке беш нест ва бачаҳояш ҳам дар ҷараёни достон ҳеч коре анҷом намедиҳанд, ҷуз он ки ӯро аз куштани Золи хурдсол бозмедоранд. Вақте Симурғ барои кӯмак ба Рустам аз роҳ мерасад ва захмҳои ӯро шифо мебахшад, вайро аз ин, ки бо Исфандиёр ҷанг кардааст, сарзаниш мекунад:

Чаро разм ҷустӣ зи Исфандиёр,
Ки ҳаст рӯинтану номдор. (ч.4. с.859.)

Ва Рустам чунин посух медиҳад:

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки овоз банд
Накардӣ, дили ман набудӣ нажанд.
Маро куштан осон ояд зи нанг,
В-агар боз монам ба ҷой зи ҷанг. (ч.4, с.859)

Аммо Симурғ ақида дорад, ки Рустам бояд ба Исфандиёр итоат кунад ва ба фармони вай гардан ниҳад, бе он ки ин итоат мояи нанги вай бошад.

Нахустин бор Симурғ ба Рустам мегӯяд, ки аз Исфандиёр бояд парҳез кунад, зеро ӯ ҷуфти Симурғро дар Ҳафт хон куштааст. Нуктаи муҳимми дигар ин аст, ки Симурғ дар баробари рафтори Исфандиёр на танҳо ҳеч кинае ба ӯ надорад, балки ӯро ба гармӣ ситоиш мекунад ва ӯро беназир ва мӯҷиби ҷовидонагии Эрон мехонад.

Ба тақлиди Фирдавсӣ аз Симург дар бештари достонҳои ҳамосӣ ва достонҳои омиёна истифода шудааст, аммо ин мурғи афсонавиро аз қарни шашум ва баъд ба унвони «Шоҳи мурғон» мешиносанд, ки дар кӯҳи Қоф манзил дорад. Аҳли ирфон ва шоирони сӯфимаслак ӯро бо Анқо яке гирифтаанд ва афсонаҳои мансуб ба ӯро бо афсонаҳои Симурғ омехтаанд.

Дар ҳар сурат дар истилоҳи орифон Симурғ киноя аз инсони комил аст, ки аз дидаҳо пӯшидааст ва низ киноя аз вуҷуди номаҳдуд ва бенишон аст. Аттор дар «Мантиқ-ут-тайр» Симурғро барои таъбир аз вуҷуди номаҳдуд ва бенишон истифода кардааст, ки ба маънои аҳли ваҳдат дар айни ҳол чизе ҷуз «Симурғ», ки ҳамон толибони дидори ӯ ва висоли Ҳақ ҳастанд, нест. Вай барои инкор бо «Симурғ» ибораи «Сӣ мурғ»-ро корбаст кардааст ва он дуро яке донистааст. Албатта, шабоҳати зоҳирӣ байни ду калима вуҷуд дорад, аммо аз назари маънӣ миёни Симурғ ва Сӣ мурғ ихтилофи бисёр аст ва таваҷҷӯҳи Атторро метавон аз мақолаи пиндорҳои шоирона ё решашиносии авомона ба ҳисоб оварда.

Симурғ дар «Шоҳнома» бештар ба маънои аслӣ корбаст гардидааст ва дар асар чунин хусусияту хислатҳои ин мифоним ифода ёфтаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Деххудо Алиакбар. Луғатнома. –Теҳрон: Интишороти Сирус, 1339. – 1200 с.
2. Халафи Табрезӣ Муҳаммадҳусейн. Бурҳони қотеъ. –Теҳрон: Интишороти Амири Кабир. 1336. –12-46 с.
3. Занҷонӣ Маҳмуд. Фарҳанги ҷомеи «Шоҳнома». –Теҳрон: Интишороти Атоӣ, 1372. –633 с.
4. Каззозӣ Мирҷалолуддин. Номаи бостон. (Вироиш ва гузориши «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ). Ҷ.1. Аз оғози подшоҳии Манучеҳр. –Теҳрон: Интишороти вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ, 1379. – 389 с.
5. Пурномдориён Тақӣ. Дидор бо симурғ. –Теҳрон: Пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ, 1374. –434 с.
6. Халафи Табрезӣ Муҳаммадҳусейн. Бурҳони қотеъ. –Теҳрон: Интишороти Амири Кабир. 1336. –12-46 с.
7. Абулқосим Фирдавсӣ. «Шоҳнома» бар асоси чопи Масков. –Теҳрон: Интишороти Афкор, 1384. – 588 с.

УПОТРЕБЛЕНИЕ СЛОВА «СИМУРГ» («СКАЗОЧНАЯ ПТИЦА»)
В «ШАХНАМЕ» ФИРДОУСИ

В данной статье автором подвергнуто рассмотрению и изучению частота употребления слова «Симург» («Сказочная птица») в произведении «Шахнаме» Фирдоуси.

Ключевые слова: «Шахнаме», Фирдоуси, «Симург» («Сказочная птица»), мифология, мифический герой, частота употребления, значение.

WORD "SIMURG" USE («THE FANTASTIC BIRD»)
IN "SHAKHNAMA" ФИРДОУСИ

In this article the author it is subjected to consideration and studying frequency of the use of the word "Simurg" («A fantastic bird») in work "Shakhnama" by Firdousi.

Key words: to "Shakhnama", Firdousi, "Simurg" («A fantastic bird»), mythology, mythical hero, frequency of the use, value

.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:*Содиклу Халиллулох*-соискатель Таджикского национального университета

НАҚШИ МАРКАЗИ ИЛМИИ ГУНДИШОПУР ДАР ТАШАККУЛИ ИСТИЛОҲОТИ ТИББИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Ш. Ҳаитова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Раванди ташаккул ва такомули забон ва истилоҳоти тиббии забони тоҷикӣ аз замонҳои хеле қадим оғоз ёфтааст. Намунаҳои фаровони вожаҳо ва истилоҳҳои ифодакунандаи мафҳумҳои тиббиро мо на танҳо дар осори тиббии олимони мусулмони асримиёнагии форсу тоҷик, балки дар осори авестоӣ (форсии қадим) ва паҳлавӣ (форсии миёна) низ дучор шуда метавонем. Умуман, омӯзиши беғаразонаи таърихи илм нишон медиҳад, ки ҳар як минтақа, ҳар як тамаддун, ҳар як миллату давлати мутамаддин, вобаста аз сатҳи тараққиёти илмиву техникӣ ва муносибати усулии ҳокимияти давлативу сиёсӣ ба илм ва фаъолияти илмӣ, дар пешбурди илм ва баланд бардоштани сифати таҳқиқотҳои илмӣ саҳм гузоштаанд. Ҳамеша, чи дар гузашта ва чи имрӯз, яке аз шартҳои муҳими таъминкунандаи рушди муттасилонаи ҳар як тамаддун ва фарҳанги миллӣ– қобилияти моҳирона ва оқилона истифода бурдани дастовардҳои илмии дигар миллатҳо ва тамаддунҳо маҳсуб мешуд.

Дар замонҳои қадим, ибтидои асрҳои миёна ва давраи ташаккули муносибатҳои феодалӣ дар қисмати мутамаддини ҷаҳон як қатор марказҳои мустақили илмӣ вуҷуд доштанд. Бо вуҷуди он, ки дар оғоз дар байни ин гуна марказҳо (Миср, Ҳинд, Чин, Эрон, Юнон) ҳеҷ гуна робита ва ҳамкории назаррас вуҷуд надошт, ҳар кадоми онҳо мустақилона фаъолият мекарданд, аммо ҳар кадоми онҳо дар рушди илму фарҳанг ва фаъолияти илмӣ дар даврaҳои минбаъда, минҷумла давраи Сомониён ва баъди онҳо саҳми бузург гузоштаанд [1;2;3].

Аз ҷумлаи муҳимтарин марказҳои пешинаи илмӣ, ки ба илму фарҳанги замони Сомониён таъсири фаровон ва бениҳоят бузург расонидааст, мактаби Гундишопур маҳсуб мешавад. Чи тавре ки маълум аст, шаҳри Гундишопур дар солҳои ҳукмронии шоҳи Сосонӣ Шопури I (241-271) бино шуда, дар солҳои ҳукмронии Шопури II (310-379) ба доруссалтанати Сосониён табдил ёфта буд. Дар Гундишопур биноҳои муҳташами ҷамъиятӣ-фарҳангӣ – беморхона, расадхона ва донишгоҳ қомат афрохта буданд, ки дар онҳо илмҳои гуногун, мисли риёзиёт, нуҷум, фалсафа, илоҳиёт, мусиқӣ, сарфу наҳв, илми калом (риторика), шеър (поэтика) ва дигар илмҳову санъатҳо таҳқиқу тадрис мешуданд. Ин шаҳр тавониста буд мақоми баланди худро ба сифати маркази илмиву фарҳангӣ то асри Х, яъне то давраи гулгулшукуфии давлати Сомониён ҳифз намояд [2].

Дар Гундишопур ҳанӯз дар солҳои ҳукмронии Шопури 1 шумораи зиёди китобҳо ва рисолаҳои юнонӣ ба забони паҳлавӣ (форсии миёна) тарҷума шуда буданд.

Рушди илму фарҳанг, алалхусус, рушди бесобиқаи илми тиб дар замони Сомониён дар як ҷойи холӣ ба амал наомада, балки аз омилҳо ва заминаи пургановати таърихӣ, аз дастовардҳои илмии пешгузаштагон ва марказҳои пешинаи илмиву фарҳангӣ маншаъ гирифтааст. Хусусияти хоси вазъи илми тиб дар замони Сомониён ва то давраи истилои муғул аз ин иборат буд, ки дар ин давра ба шарофати заҳматҳо ва корномаҳои илмии Муҳаммад Закариёи Розӣ, Форобӣ, Берунӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Исмоили Ҷурҷонӣ, муосирон ва пайравони онҳо, раванди бо ҳам тавъам ва пайваст шудани тибби қадими анъанавӣ, тибби таҷрибавии асримиёнагии шарқиву ғарбӣ ва тибби илмӣ бомуваффақият анҷом мепазирад. Бе муҳобот гуфтан мумкин аст, ки маҳз дар осори тиббии мактаби Гундишопур ва олимони бузурги форсу тоҷик тибби анъанавии қадима аз чаҳорчӯбаи диниву қавмӣ ва қайди сеҳру ҷоду озод шуда, ба як илми комилан системанок ва умумибашариву байналмилалӣ табдил ёфтааст.

Дар низоми тиббии олимони форсу тоҷик кулли дастовардҳое, ки тибби бостонӣ то замони онҳо касб намуда буд, инъикос ёфтаанд. Дар натиҷаи чунин муносибат бо осори қадимаи тиббӣ ва масоили мубрами илми тиб, олимони форсу тоҷик тавонистанд масъалаҳо, вазифаҳо ва самтҳои асосии тибби назариявӣ ва амалиро муайян кунанд, аз ин рӯ осори онҳо барои рушди минбаъдаи ин илми башарпарварона роҳи васеъ кушода, ҳаматарафа мусоидат намуд.

Олими маъруфи эронӣ, муҳаққиқи таърихи илм Алиасғари Ҳалабӣ, саҳми бузурги намояндагони мактабҳои гуногуни қадимаву асримиёнагии тиббиро дар рушди ин илм чунин тавсиф менамояд: «Дар ибтидо тиб набуд – онро Букрот сохт, сипас (тиб мурда буд) – онро Ҷолинус зинда кард, пасон (аз ҳам пошида шуд), - онро Розӣ ҷамъ кард ва Ибни Сино ба танзим даровард». Олимони асримиёнагии форсу тоҷик анъанаҳои тиббии пешгузаштагони худ – табибони донишманди даврони Сосониёнро идома доданд ва илми тибро ба қуллаҳои баланди рушду такомул бурда расониданд.

Дар ин давра ҳамчунин ҷуғрофиёи рушду густариши тиб низ васеъ шуда, аз Рай ва Нишопур то Ҳиндустон ва сарҳади Чин вусъат ёфта буд. Ба ақидаи академик М.С. Осимӣ, дар даврони Сомониён Шарқи исломӣ як даврони монанд ба даврони Эҳё дар Аврупоро аз сар мегузаронид. Осори тиббии замони Сомониён барои дар тӯли чандин садсолаҳои минбаъда рушд намудани илмҳои тиббиву биологӣ хизмат намуд.

Аз он чи гуфта шуд, маълум мегардад, ки тибби асримиёнагии форсу тоҷик аз дастовардҳои мактабҳои тоисломии тиббӣ, хосатан аз мактаби Гундишопур ба таври фаровон баҳра бурдааст. Аз ин рӯ, дар қисмати зерини ин боб вазъи илми тиб дар замони Сосониён, осори тиббии паҳлавӣ ва истилоҳҳои марбут ба онро дида мебароем. Таҳқиқи осори тиббии паҳлавӣ барои муайян кардани сарчашмаҳои аслии тоисломии ташаккул ва такомули забон ва истилоҳоти тиббии форсиву тоҷикӣ хеле муҳим мебошад [8,9].

Яке аз ин гуна манбаъҳо «Авесто» – китоби муқаддаси дини зардуштӣ мебошад, ки ба ақидаи аксарияти муҳаққиқон, аввалин бор дар асрҳои VII-VI то милод (яъне дар оғози таъсисёбии империяи Ҳахоманишиён) китобат шудааст. Дар ин китоби гаронбаҳо, алалхусус, дар «Вандидод» ном қисмати мустақили он, матолиб, мафҳум ва истилоҳҳои зиёде вуҷуд доранд, ки аз мазмуни онҳо мо дар бораи донишҳо ва таҷрибаҳои назариву амалии тиббии ориёиёни қадим (форсҳо, модҳо, суғдиҳо, бохтариҳо, хоразмиҳо, фарғонагиҳо ва ҳ.) тасаввуроти васеъ ҳосил карда метавонем.

Шоир ва мутафаккири бузурги олмонӣ Гёте дини зардуштиро дини танзимкунандаи ҳаёт ва фаъолияти меҳнатӣ номида буд. Воқеан ҳам, ҳадафи аслии ин дини бостонӣ – таъмини ҳаёти хушбахтона ва саодатмандонаи инсоният бо роҳи татбиқи ғояҳои некӣ ва адолат мебошад. Албатта, таъмини воқеии хушбахтии инсон аз бисёр ҷиҳат аз саломатии инсон вобаста мебошад. Шахсеро, ки мубталои ин ё он навъ беморист, ба таври куллӣ «хушбахт» шуморидан ҷоиз нест, барои ин аввал ӯро табобат кардан лозим аст. Бинобар ҳамин, дар «Вандидод» ва дигар қисматҳои «Авесто» ба масъалаи ҳифзи саломатии инсон, беҳдошту покизагии муҳити зист ва дигар масоили экологӣ диққати ҷиддӣ дода шудааст. Қонуну қоидаҳо ва меъёрҳое, ки дар «Вандидод» матраҳ шудаанд, ҳар як зардуштиро, новобаста аз ҷинсият, синну

сол, мансубияти табақотӣ ва мақому вазифаааш дар ҷомеа, водор менамуданд, ки ҳам дар ҳифзи саломатии худ ва ҳам дар ҳифзи муҳити зист фаъолона талош варзанд.

Аз таҳлили мундариҷаи «Вандидод» хулоса кардан мумкин аст, ки тибби анъанавии ориёиёни бостонӣ ба самтҳои зерин равона карда шуда буд:

1) ҳифзи саломатӣ ва покизагии муҳити зист;

2) дармони бемориҳо: а) бо ёрии доруҳои аз растаниҳо, ҳайвонот ва маъданҳо сохташуда; б) бо ёрии теғ ва амалиёти ҷарроҳӣ; в) бо ёрии гипноз ва азоиму дуохонӣ. Дар «Вандидод» зикр шудааст, ки Ҳурмузд барои рафъи бемориҳо даҳҳо ҳазор навъи дармон ва доруворио офаридааст.

Аз ҷумлаи растаниҳои шифобахше, ки дар «Вандидод» ҳамчун маводи доруворӣ барои рафъи бемориҳо тавсия карда шудаанд, зира, дурман, райҳон, пиёз, сирпиёз, кунҷит, хурмо, кӯкнор ва найшакарро ном бурдан мумкин аст. Бояд зикр кард, ки баъзе истилоҳҳои «Авесто», ки номи растаниҳо, доруҳои растанигӣ ва баъзе бемориҳоро ифода мекунанд, имрӯз низ дар забони тибби халқии тоҷикон мавриди истеъмол мебошанд [12].

Дар давраи исломӣ олимони тибшинос ва табиатшиноси форсу тоҷик дар осори худ барои ифода кардани доруҳои растанигӣ ва бемориҳо истилоҳҳои зиёдеро аз «Вандидод» ва дигар осори паҳлавӣ иқтибос кардаанд.

Ин ҷо баъзе истилоҳотро шарҳ медиҳем, ки гарчанде аз забон берун шуда бошанд ҳам моҳияту мазмуни онҳо чи дар тибби муосир ва чи дар тибби халқӣ чун анъана корбурд доранд:

Ҳукарт- номи яке аз гиёҳони хушбӯй, ки барои зудудани бӯйи нохуш ва пок кардани хона аз ганду нопокӣ дар оташ месӯзониданд (Вандидод,фаргарди 8). Чун уд ва испанд.

Гада – номи бемории ношинохта (Вандидод, фаргарди 21, банди 2).

Гар – яке аз бемориҳои пӯстии инсон ва ҳайвон (Вандидод, фаргарди 7, банди 58).

Ғинона – номи яке аз доруҳоест, ки занони обистан бо ба кор бурдани он даштак (ҷанин)-ро аз заҳдони худ меандохтанд (Вандидод, фаргарди 15, банди 14).

Гаукерена – кӯкнор дар забони тоҷикӣ.

Ваҳуфрияна – номи яке аз оташҳои панҷгона, ки хоси тани мардумону ҷонварон мебошад ва онро «гармои зарирӣ» меномиданд (Авесто, саҳ.619).

Варан – қувваи шаҳвонӣ, шаҳват, кори зишти ҷисмонӣ (Авесто, саҳ. 613).

Даштон – ҳайз. Ин вожа бо дар шакли «доштон» имрӯз низ дар забони арманӣ ба кор бурда мешавад (Авесто, саҳ. 633).

Даштони ноҳинҷор – бемории занона, хунравии ғайритабиӣ (Вандидод, ф. 1, б. 18). Дар тибби халқӣ «реши равон» низ меноманд.

Даштонмарзӣ – ҳамхобагии зану мард ҳангоми ҳайз, ҷинояти тиббӣ (Авесто, саҳ. 633).

Даштонистон – як ҳуҷраи махсус барои зани ҳойиза, ки то анҷоми ҳайз он ҷо иқомат мекунад (Авесто, саҳ. 633).

Дар ҳар сурат, аз тариқи ваҳӣ ва бевосита аз забони Зардушт ироа шудани донишҳо ва таҷрибаҳои тиббиву табобатӣ, меъёрҳои ҳифзи саломатӣ, қоидаҳо ва муқаррароти марбут ба ҳифзи покизагӣ ва солимии муҳити зист – ин усул барои ба масоили ҳифзи саломатӣ ва муҳити зист мутаваҷҷеҳ шудани қавмҳои пайрави дини зардуштӣ таъсири хеле шадид ва мусбат мерасонид.

Хусусияти дигари тибби анъанавии зардуштӣ аз он иборат буд, ки на ҳама ашхос, балки танҳо ашхоси рӯҳонӣ, яъне онҳое ҳуқуқи табиб шудан ва табобат кардани бемориро доштанд, ки ба табақаи мӯбадон – рӯҳониёни зардуштӣ шомил буданд. Оммафаҳмтар карда гӯем, аз дидгоҳи таълимоти зардуштӣ, қонунҳое, ки дар шариати динӣ тасвиб шудаанд, барои ҳифзи солимӣ ва покизагии ҷони инсон, ки муҳимтарин нахустҷавҳари аслии ӯ мебошад ва таҳкиму бақои адолат дар муносибатҳои иҷтимоӣ ва худи ҷомеа, ки мактаби камолоти инсонист, хизмат мекунанд. Аз тарафи дигар, ваҳӣ шудани донишҳои тиббӣ дар китоби муқаддаси зардуштӣ чунин маъноро низ дошта метавонад, ки мӯбадон низ бояд дар баробари донистани ҳуқуқи шаръӣ, инчунин илми тибро низ ба таври кофӣ донанд, дар ҳифзи саломатӣ, табобати бемориҳо ва таъмини покизагии муҳити зист кӯшиш намоянд.

Аз он чи гуфта шуд, маълум мешавад, ки пешаҳои ҳуқуқшиносӣ ва табибӣ аз қадимулайём дар байни қавмҳои ориёитабор ҳамчун пешаҳои муқаддас ва бо ҳам сахт тавъам шинохта шуда буданд ва ашхосе, ки ин илмҳоро пеша намуда буданд, дар ҷомеа нуфузу обрӯ ва мақому мартабаи баланд доштанд. Бесабаб нест, ки Низомии Ганҷавӣ – ҳакими бузурги сухансаро, ки аз осори паҳлавӣ ва таърихи тоисломии мардуми ориёитабор воқифияти том дошт, дар «Насиҳатнома» барои фарзанди худ интихоби ду пеша – пизишкӣ ва ҳуқуқшиносиро маслиҳат медиҳад:

Мебош табиби исавиҳуш, аммо на табиби одамикуш, Мебош фақеҳи ҳикматомӯз, аммо на фақеҳи ҳиллатандӯз!

Ба ҳамин тариқ, ҳанӯз то давраи исломӣ, дар як давраи хеле тӯлонии бостонӣ, ки доманаи он ба ҳазорсолаҳо тӯл кашида буд, дар назди мардуми ориёитабор ду илми муқаддас ва ҷанбаи илоҳидошта – ҳуқуқ ва тиб маҳбубият ва маъруфияти хоса доштанд. Сабаби асосии чунин маҳбубият доштани ин ду илм аз он иборат буд, ки яке аз онҳо (ҳуқуқ) – барои ҳифзи ҷону равони инсон ва ҷомеа, дигаре (тиб) – барои ҳифзи ҷисми инсон ва ҷомеа хизмат менамуданд. Бояд эътироф кард, ки чунин тарзи фаҳмиши моҳият ва вазифаҳои илмҳои ҳуқуқ ва тиб воқеан ҳам дуруст ва аз нуктаи назари илми муосир хеле оригиналӣ ва ҷолиб аст. Аз ҳамин сабаб, бо вуҷуди инқирози тамаддуни зардуштӣ, чи дар давраи исломӣ ва чи дар замони муосир ин ду илм дар назди мардуми мутамаддини тоҷику форс мақом ва маҳбубияти худро аз даст надодаанд.

Суффиксоиды - одни из разновидностей аффиксов, которые употребляются постпозитивно в отношении производящих основ в словообразовательной структуре деривата. К ним относятся: *-бон //-вон* (от «*бохтан*»): *туябон, қўйбон, етимбон, эчкибон, буғдойбон*и др.; *-шунос* (от «*шунохтан*»): *тилшунос, ўлкашунос, ершунос, тупроқшунос*и др.; *-фуруш* (от «*фурухтан*»): *олмафуруш, ўрикфуруш, кўкатфуруш, товуқфуруш, ўрдакфуруш, қаймоқфуруш, сутфуруш, қатиқфуруш* и др; *-соз* (от «*сохтан*»): *уйсоз, йўлсоз, кемасоз, ўроқсоз, кўприксоз*и др.; *-дўз* (от «*дўхтан*»): *этикдўз, йўрмадўз, маҳсидўз, кўйлакдўз* и др.; *-паз* (от «*пухтан*»): *балиқпаз, сутпаз, димламапаз* и др.; *-каш* (от «*кашидан*»): *туякаш, белкаш, ўтинкаш, чизмакаш* и др.; *-боз/воз* (от «*бозидан*»): *маймунбоз,лўтибоз, масхаравоз,ишқивоз*и др; *-хон* (от «*хондан*»): *газетхон, китобхон, байтхон, дуохон* и др.; *-боп* (от «*бофтан*»): *кийимбоп, кўйлакбоп, ўйинбоп, ишбоп* и др.; *-кор* (от «*коштан*»): *ўймакор, тариқкор, буғдойкор, арпакор, кўчаткор* и др.; *- парвар* (от «*парваридан*»): *тинчликпарвар, юртпарвар, эркпарвар, болапарвар, етимпарвар* и др.; *-нома*: *сўроқнома, буйруқнома, тилакнома, ишончнома*и др.; *-хона*: *ишхона, ўтинхона, кўмирхона, сувхона, қуёнхона, қўйхона, қўриқхона*и др.; *-вачча//-бачча*: *бойвачча, ўғривачча, итвачча, мушуквачча, қулбачча* и др.

К префиксоидам относятся функциональные части словообразовательной структуры производных слов, которые в таджикском языке употребляются как самостоятельные слова. Они в узбекском языке функционируют как аффиксы, употребляющиеся препозитивно в отношении производящих основ в словообразовательной структуре деривата. К ним относятся: *сер-: серажин, серсув, серилдиз, серқаймоқ, серилдиз, серқилтиқ, серкепак, серсуяк, сермой, сершовқин, сертук, сермол, сербўёқ* и др.; *ним-: нимталанмоқ, нимқора, нимкўк и др.; кам-: камёғин, камунум, камчиқим, камсув, камёғ, камўтин, камилик*и др.

3. Таджикско-персидские лексические заимствования в узбекском языке активно функционируют и в образовании сложных и парных слов, которые являются дериватами, производными словами, образованными путём не аффиксального (морфологического) способа узбекского словопроизводства. Таджикско-персидские лексические единицы употребляются в качестве второго производящего(мотивационного) компонента в словообразовательной структуре производных слов, которые носят характер сложных слов по следующим моделяма) узбекская корневая морфема + таджикская корневая морфема: *олтингугурт, кўзойнак, ойпошша, ойпари, ойпарча, алачабоф, алпқомат, тараллабедод, тепакал, бўрикалла* и др.; б) таджикско-персидская корневая морфема+узбекская корневая

морфема: *ғӯзапӯчоқ, хӯжабека, яккабош, сӯққабош, сурматош, осмонӯпар, думқовурма, хомталош, тезюрар* и др.

При образовании парных слов типа *ер-замин, туз-намак, ҳийла-найранг, тилка-пора, эс-ҳуш, чӯп-хас, таппи-тезак, ӯт-олов*таджикские лексические единицы употреблены в качестве второй производящей основы производных дериватов.

4. Некоторые таджикско-персидские слова в узбекском языке употребляются в составе сложных аффиксов. В качестве другого компонента выступают аффиксы узбекского языка, которые характеризуются как узбекские морфемы суффиксального характера. Эти производные аффиксы присоединяются к основам, в которых могут употребляться лексические элементы арабского, русско-интернационального и таджикско-персидского происхождений. Таджикские лексические единицы в составе производных сложных аффиксов приобретают характер аффиксальных морфем, при этом их лексическая самостоятельность отрицается. К таким аффиксам относятся: *-возлик //-возчилик*(*майнавозлик, диққатвозлик, бемазавозлик; майнавозчилик, диққатвозчилик*и др.); *-созлик*(*авиамоторсозлик, вагонсозлик, тракторсозлик, машинасозлик* и др.); *-хонлик*(*бедилхонлик, навоийхонлик, жомийхонлик, рудакийхонлик, гинахонлик, шеърхонлик*и др.).

5. В узбекском языке, кроме лексических единиц, заимствовано множество аффиксальных морфем, которые с аффиксами узбекского языка активно функционируют в качестве словообразующих аффиксов.

Следует отметить, что характер заимствования таджикско-персидских аффиксальных морфем в узбекском языке отличается от характера заимствования таджикско-персидских лексических единиц. Таджикско-персидские лексические единицы заимствованы узбекским языком непосредственно, самостоятельно. А аффиксальные единиц таджикско-персидского языка перешли в узбекский язык через состав лексических единицы. По закону аналогии, присоединяясь к узбекским словам, они начали функционировать и в качестве самостоятельных словообразующих аффиксов узбекского языка. К таким аффиксальным единицам таджикского языка относятся*: -гар (-гарлик, -гарчилик), -дор, (-дорлик), -дон(-донлик)*ва б.:*юртгарчилик, ободгарлик, ободгарчилик, ошногарлик// ошногарчилик; сипоҳгарлик*и др.

6. Таджикско-персидские аффиксальные единицы являются одним из продуктивных словообразовательных средства в системе морфологического способа словообразования в узбекском языке. Они однозначно функционируют в качествах словообразовательных суффиксов и префиксов. По поводу словообразовательного характера таджикско-персидских аффиксальных морфем один из исследователей аффиксальных средств узбекского языка профессор Дж. Мухторов пишет: «Основная часть словообразующих аффиксов в узбекском языке являются собственно узбекскими. Наряду с собственно узбекскими, в системе словообразующих аффиксов в узбекском языке употребляются и аффиксы, заимствованные из других языков, например, из таджикского, типа *-дон, -дор, -кор, -зор; бе-, но-* и др. Эти аффиксы первоначально находились в составе слов, которые были заимствованы из таджикского языка узбекским языком. Постепенно они начали присоединяться путём аналогии к собственно узбекским словам в качестве словообразующих средств, например:*туздон, ундон, кулдон, салмоқдор, кӯкаламзор, қамишзор, сераҷин, серилдиз, серқаймоқ, серяпроқ, серсув, ноӯрин* и др.» [10].

К словообразовательным суффиксам таджикско-персидского происхождения, которые активно употребляются в узбекскомсловопроизводстве, относятся следующие: *-зор* (*теракзор, ӯтзор, кӯчатзор, кӯкаламзор, тӯқайзор, буғдойзор, ёнғоқзор, олмазор,ӯрикзор, қумзор, балчиқзор* и др.), *-дон* (*билимдон, ҳисобдон* и др.), *-дор* (*чорвадор, боғдор, дӯкондор; рангдор, яғриндор, димоғдор* и др.), *-вор* (*улуғвор, тантанавор* и др.), *-кор//-гор//-кар* (*шоликор, ғаллакор; ситамгар, тажовузкор, ӯймакор, буғдойкор* и др.), *-боз* (*каптарбоз, қиморбоз, беданабоз, буйруқбоз, шибоз, ӯйинбоз, қушбоз, қӯғирчоқбоз* и др.), *-симон* (*юлдузсимон, чувалчангсимон, ёйсимон, ойсимон, қалқонсимон*и др.), *-она* (*туркона, қаҳрамонона, ӯзбекона* и др.), *- намо(олимнамо, тентакнамо, адашганнамо, ҳазилнамо, олифтанамо*)и т.д.

Из таджикско-персидского языка заимствованы и многие аффиксы префиксального характера, в результате чего в узбекском языке появилась новая модель аффиксального (синхронного) словообразования, которая редко встречается в других тюркских языках. К ним относятся: *бе-*(*беиш, бебош, беўхшов, беиз, бекуч, бесаноқ, бетинч, бетўхтов, беўлчов*и др.)*, но-* (*нотинч, ноўрин, ноқулай, ножинс, ноилож, нобоп* и др) и др. По подсчету профессора Э.Бегматова, с помощью префикса *бе-* в узбекском языке образовалось более 600, посредством префикса *но-* -- более 400, с помощью префикса *сер*--- более 300 слов [11].

Некоторые слова таджикско-персидского языка в узбекском языке функционируют в качестве аффикса префиксального характера, которые называются префиксоидами. К ним относятся: *ним-* (*нимранг, нимжон, нимчорак, нимпушти* и др.), *кам-* (*камҳосил, камқуввat, камёғир, камсув, кампул, камунум* и др.), *ҳам-* (*ҳамқишилоқ, ҳамюрт, ҳамгурух, ҳамсуҳбат, ҳамтовоқ, ҳаммаҳалла* и др.), *хуш-* (*хушбичим, хушёқар, хушёқмас, хушчақчақ, хушқилиқ*и др.). *бад-* (*бадқовоқ, бадфел, бадбашара, бадхулқ* и др.) и т.д. По наблюдению Э.Бегматованекоторые из этих префиксоидов таджикско-персидского происхождения продуктивны. Так, например, с помощью префиксоида *ҳам-* образованы более 150 слов [11], которые активно употребляются в узбекском языке.

Следует отметить, что мы не касались материальной базы, которая употреблялась в позициях мотивационных, т.е. производящих основ в словообразовательных структурах дериватов в узбекском языке, образованных с помощью аффиксов суффиксального, префиксального характера, а также слов, носящих характер суффиксоидов и префиксоидов таджикско-персидского происхождения, что является предметом отдельного самостоятельного исследования.

7.Таджикско-персидские лексические заимствованияв узбекском языке активно употребляются и в составе его фразеологических единиц как собственные узбекские слова. Этому вопросу посвящена совместная статьяД.О.Хасановой и О.Бойматова «Об образовании узбекских фразеологизмов с участием заимствованных лексических единиц».

Авторы статьи считают, что узбекских фразеологических единиц, в составе которых функционировало слово «*гап*» (в значении «слово»), насчитывается свыше пятидесяти; и около пятидесяти фразеологизмов, в составе которых употреблена таджикско-персидская лексема *-жон* (душа): *гапбитта, каттагап, гапбермоқ, гапгааралашмоқ, гапсотмоқ, гапгатутмоқ, гапгатушмоқ* и др.; *жони бор, жонинижабборгабермоқ, жониачимоқ, жониачимоқ* и др. [12].

Таким образом, редко встречаются фразеологические единицы, в составе которых не встречаются лексические единицы таджикско-персидского происхождения.

В узбекском языке увеличилось количество синонимических рядов словообразующих аффиксов за счет аффиксальных средств таджикско-персидского происхождения, которые ныне функционируют как собственно узбекские формально-словообразовательные средства. Проблеме, связанной с категорией аффиксальной синонимии, посвящена специальная работа монографического плана профессора Ё.Таджиева «Аффиксальная синонимия в узбекском языке» (Ташкент, 1991). Результаты данного исследования опубликованы в качестве нескольких монографий, учебных пособий и научных статей, в которых выделено определенное место для таджикско-персидских аффиксальных единиц, активно употребляющихся в формировании и обогащении аффиксальных синонимических рядов в узбекском языке. Так, например, таджикско-персидские аффиксальные единицы *-кор, -каш, шунос, -фуруш, -соз, -паз, -дўз* употребляются в синонимических отношениях с собственно узбекским словообразовательным аффиксом *-чи: пахтакор – пахтачи, хизматкор – хизматчи, қўшкаш – қўшчи, ўтинкаш – ўтинчи, туякаш – туячи, газетафуруш – газетачи, тилшунос – тилчи, соатсоз – соатчи, кемасоз – кемачи, дўппидўз – дўппичи, махсидўз – маҳсичи*и т .д.

Аффиксальные единицы, которые относятся к таджикско-персидскому языку, в основном, образуют в узбекском языке существительные, однако с помощью

некоторых из них образуются также и прилагательные (*серташвиш, бекуч, баақл, нотинч, куйнамо* и др.) и наречия (*туркона, ботирона, адашганнамо* и др.).

Таджикско-персидские аффиксальные средства употреблены и в составе узбекских ныне неделимых на морфемные части слов типа *ичак (ич-ак), ипак (ип-ак), йўлак (йўл-ак)* и др., основная их функция в таджикском языке характеризуется как формообразующие морфологические средства.

Таким образом, влияние таджикско-персидского языка на развитие и обогащение узбекского языка наблюдается почти на всех его уровнях, что редко встречается во взаимоотношениях других языков мира.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Ахунджанова К.Ю. О словообразовании в узбекском языке на базе русской интернациональной лексики. АКД. -Ташкент, 1973;
2. Бегматов Э.Ҳозирги ўзбек адабий тилининг лексик қатламлари. -Тошкент: Фан ,1985.
3. Бердалиев А. Словообразующие сложные аффиксы в узбекском языке. АКД. -Ташкент, 1970.
4. Бердиалиев А., Ҳасанова Д. Сўз ясалиши масалаларига доир баъзи мулоҳазалар // Ўзбек тилшунослиги муаммолари. Илмиймақолалар тўплами, 17– китоб. -Хўжанд: Хуросон, 2008.
5. Гулямов А.Г. Проблемы исторического словообразования узбекского языка. Аффиксация. АДД. - М., 1955.6.
6. Маъруфов З. Ўзбек тилининг сўз ясовчи ва сўз ўзгартирувчи аффикслари // Узбекско-русский словарь. - М., 1959.
7. Мирзоахмедов М.М. Мотивация синхронного словообразования в узбекском языке. Кандидатская диссертация. - Хужанд, 2005.
8. Михайлов Г.Н. Опыт лексикографического исследования узбекско-русских словарей, изданных в советский период. АКД.-Ташкент, 1960.
9. Мухтаров Дж. Словообразование в узбекском языке аффиксами таджикского языка // Труды УзГУ им. А.Навои. Новая серия. 77.-Самарканд, 1958; Еще: Ўзбектилидатожик тили аффикслари //Ученые записки УзГУ. -Самарканд, 1958.
10. Нурмонов А. Ўзбек тилшунослиги тарихи. -Тошкент, 2002.-194 б.
11. Рустамов Т. Ўзбектилида–сиз, бе-, но- аффиксларининг грамматик ва семантик хусусиятлари ҳақида // Ўз ССР ФА ахбороти, 3-сон,1957.
12. Таджиев Ё. Синонимия аффиксов обладания и отрицания в узбекском языке, АКД. -Ташкент, 1974.
13. Джурабаева М. Аффиксальная омонимия вузбекском языке. АКД. -Ташкент, 1975.

О РОЛИ И ВЛИЯНИИ ТАДЖИКСКИХ ЗАИМСТВОВАНИЙ В РАЗВИТИИ И ОБОГАЩЕНИИ СИСТЕМЫ СИНХРОННОГО СЛОВООБРАЗОВАНИЯ УЗБЕКСКОГО ЯЗЫКА

Взаимодействие и взаимовлияние таджикского и узбекского языков насчитывает многовековую историю. В статье на конкретных примерах было доказано заимствование узбекским языком таджикских аффиксов, префиксов, суффиксов и самостоятельных слов, активно участвующих в словообразовательном процессе узбекского языка.

Ключевые слова: таджикский и узбекский языкы, заимствование узбекским языком таджикских аффиксов, префиксов, суффиксов и самостоятельных слов.

ON THE ROLE AND INFLUENCE OF TAJIK BORROWING IN THE DEVELOPMENT AND ENRICHMENT OF THE SYNCHRONOUS WORD FORMATION SYSTEM OF UZBEK LANGUAGE

The article deals with interaction and interference of Tajik and Uzbek languages which numbers centuries-old history. The concrete examples were given regarding the borrowed Tajik affixes, prefixes, suffixes and meaningful words which take part actively in word-forming process of the Uzbek language. Seven types of word formative models of Uzbek are indicated in the article with the help of Tajik auxiliary elements.

Key words:tajik and uzbek languages, tajik affixes, prefixes, suffixes and meaningful words which take part actively in word-forming process of the Uzbek language.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ*: Р. Хидиров*-кандидат филологических наук,Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Айни

ТАРКИБҲОИ ИЗОФӢ ДАР ҒАЗАЛИ МУЛАММАИ САНОИИ ҒАЗНАВӢ

Ҷосим Асадиён Фаллоҳия
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Равобити мутақобилаи забон ва адабиёти форсӣ бо забон ва фарҳанги арабӣ, ки таърихи зиёда аз сеҳазорсола доранд, на танҳо аз назари таърихӣ, балки аз ҷиҳати илмӣ, забонӣ ва фарҳангӣ низ дорои аҳамияти хосса мебошанд. Ин алоқаҳои илмӣ ва фарҳангӣ баъди пайдоиш ва густариши ислом дар Хуросону Мовароуннаҳр ва ба ҳайси забони идораи давлат ва илму фалсафа пазируфта шудани забони арабӣ сурат ва сирати дигар ба худ касб карданд. Барои маълумоти бештар доир ба масъалаи мазкур ба китобҳои Муртазо Мутаҳҳарӣ ва Маликушшуаро Баҳор мурочиат гардад [1].

Аз назари илми забоншиносӣ яке аз сабабҳои таъсири мутақобилаи фарҳангҳо ва забонҳо бархӯрдҳои ҷангӣ, фарҳангӣ, тиҷоратӣ ва сиёсии халқҳо мебошад, ки охири охирон ба бархӯрди забонҳо меоварад.

Чуноне ки маълум аст, забони форсӣ (тоҷикӣ) дар тӯли алоқаҳои зиёда аз таърихи 1300 солаи худ бо забони арабӣ адади фаровони калима ва иқтибосоти арабиро қабул карда, онҳоро дар худ ҳазм ва дар захираи луғавии худ ҷой додаст, ки омӯзиш ва таҳқиқи онҳо аз вочиботи забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, арабшиносӣ ва фарҳангшиносии форсу тоҷик мебошад.

Дар миёнаи осори хаттии адабиёти арабӣ ва форсӣ, адабиёти классикии форсу тоҷик чунон бо адабиёт ва забони арабӣ пайванд аст, ки ин равобит ва пайвандро танҳо мутахассисон муайян ва арзёбӣ карда метавонанд. Дар илм ин нуқта пазируфта шудааст, ки адабиёти хаттии забони арабии ҳар як миллат манбаи боэътимод ва адонашавандаи забони ҳар як халқу қавмиятҳо мебошад. Аз зумраи чунин сарчашмаҳо осори ҷовидонаи шоири бузурги форсизабон Саноии Ғазнавӣ аст.

Мо дар асоси девони шоир ҳадаф гузоштем, доир ба як масъала ва он ҳам мақом ва ҷойгоҳи таркибҳои изофӣ дар ғазали муламмаи Саноии Ғазнавӣ як пажӯҳиши мухтасар анҷом бидиҳем.

Чуноне ки маълум аст, мақоми исм дар ибора ҳамчун меҳвар воқеъ шуда, ҳамаи ҳиссаҳои мустақили нуткро тобеъ менамояд. Ҷузъҳои тобеъ ба исм бо бандаки изофӣ, пешоянду пасоянд ва алоқаи ҳамроҳӣ вобаста мешаванд. Ибораҳои исмӣ муносибатҳои муайянкунандагӣ, ҳолӣ, пуркунандагӣ ва субъектиро баён карда, аз ҷиҳати таркиби морфологии ҳиссаҳои худ гуногун мешаванд [2,29].

Дар 408 ғазали баррасишуда дар девони Саноӣ ба луғот, истилоҳот, таъбирот, зарбулмасалҳо, таркиботи изофӣ ва таркиботи васфии арабии зиёде бархӯрд мекунем, аммо миқдори истилоҳот, таъбирот ва зарбулмасалҳо нисбат ба луғот ва таркиботи васфӣ ва изофии арабӣ бисёр кам аст ва дар хусуси ибороти арабӣ, ки шоир онҳоро дар қолаби як байт шеър оварда бошад мутлақан чизе дар ғазалиёти Саноӣ намебинем. Аммо танҳо дар ғазали 358 [10-1012] ин гуна ибороти арабӣ ба сурати мисраъ дар қолаби шеъри муламмаъ мушоҳида мешавад.

Шеъри муламмаъ он аст, ки муфрадоти форсӣ ва арабиро дар назм бо ҳам омехта бошанд, чуноне ки масалан, як мисраъ форсӣ ва як мисраъ арабӣ ё як байт ё чанд байт форсӣ ва як байт арабӣ бигӯянд. Сохтани ин навъ шеърро ба номи «санъати талмеҳ» ҷузъи санъатҳои бадеъ низ шумурдаанд. Калимаи «муламмаъ» аз «лумъа» ба маънии порае аз гиёҳ, ки хушк шуда ва боқитар бошад, гирифта шудааст, ё қисмате аз узв, ки дар шустушӯ хушк мондааст ва ҳамчунин бахше аз саҳифаи коғаз ва порча ва монанд ба онро, ки рӯшан ва дурахшон ва қисмати дигараш торик ва норавшан бошад. Пас калимаи муламмаъ ё лумъа ба маънии чизе аст, ки аз ду бахши аз ҳамдигар фарқкунанда таркиб шуда бошад ва иборати «далқи муламмаъ» муродифи «мураққаъ» ба маънии ҷомаи дарвешона, ки пора-пора ба ҳам дӯхта шуда ва поргиҳои ноҳамранги ноҷур хӯрда бошанд ва ҳамчунон аспи муламмаъ, яъне абраш, ки холҳои мухолифи ранги аслии худ дошта бошад, ҳама аз ҳамон маънӣ гирифта шудааст [14-146]. Дар ҳамин ғазали 358 Саноӣ аз санъати савол ва ҷавоб низ истифода кардааст. Дар ин санъат маъмулан, як қасида ё ғазалро ба сурати пурсиш ва посух ё пайғом ва ҷавоб бигӯянд [14-310]. Дар байти аввали ин ғазал:

Дӣ ногаҳ аз нигорам андар расид нома,
Қолат раъо фуодӣ мин ҳичрикал қиёма.

Шоир мегӯяд, ки дирӯз аз маъшуқи ман бароям номае расид ва дар он нома гуфт: дили ман ба хотири дурии ту бисёр нороҳат ва озурда аст. Дар ин ҷо калимаи «алқиёма», ки қофия аст аз лиҳози илми маонӣ ва баён маҷоз шумурда мешавад, зеро дар ғайри маънои ҳақиқии худ, яъне «рӯзи растохез» ба кор рафта ва дар ин ҷо байни маънои ҳақиқӣ ва маҷозии ин калима як робитае вуҷуд дорад, ки уламои илми балоғат ба ин робита, алоқаи маҷоз гӯянд [15-21]. Ҳамчунин дар ин байт шоир феъли расидро қабл аз фоил, яъне нома оварда, дар сурате, ки тибқи дастури забони форсии имрӯзӣ мебояд дар охири ҷумла бошад. Албатта, дар ин ҷо зарурати риояти қофия дар ду мисраъ низ худ метавонад далели дигаре бошад бар тақдими феъл бар фоил, вале ба таври куллӣ ин ҳолат яке аз хусусиятҳои хоси сабкии сабки хуросонӣ ба шумор меравад. Ҳамчунон ки дар дигар осори машҳури марбут ба давраи сабки хуросонӣ хосатан аз назм ё наср тақдими феъл ба фоил дида мешавад, барои мисол дар ибтидои достони «Ҳасанаки вазир» дар китоби Таърихи Байҳақӣ, [7-226], ки аз китобҳои боарзиши сабки хуросонӣ аст, чунин омада: «Фасле хоҳам набишт, дар ибтидои ин ҳоли бар дор кардани ин мард ва пас ба шарҳи қисса шуд», ҳамчунон ки мулоҳиза мешавад, «феъле хоҳам набишт» муқаддам гаштааст. Дар ин байт ҳамчунин калимаи «андар» омада, ки ин низ яке аз хусусиятҳои хоси ҳамин сабк аст. Ин ҳарф дар он давра ба унвони маҳдудкунӣ низ мавриди истифода қарор мегирифт ва бар сари исм ва феъл меомад, ба наҳве, ки аз давраи сомонӣ то мобайнҳои қарни панҷум ҳарфи «дар» дар насри форсӣ дида нашудааст ва ба ҷои он «андар» омада [11, 401]. Дар ин байт шоир ба калимаи «фуод», ки муодили форсии он дил мебошад, як шахсияти инсонӣ, ки дорои шуур ва эҳсос аст, бахшида ва феъли «раъо» барои он ба кор бурдааст, ки феъли раъоро метавон дар ин ҷо ба маънии «алима» ва «иътақада» [6,379], яъне донист ва эътиқод пайдо кард ва ё ба маънии бо чашми дил дид, маънӣ кард. Дар ҳар ҳол ин дониш ва эътиқод ва басират махсуси инсони бошуур аст. Ҳамчунин шоир метавонист, ба ҷои калимаи «фуод» аз калимаи «қалб», ки ин низ арабӣ мебошад истифода кунад, аммо ҳамон тавр ки ошноёни ба луғат ва забони арабӣ медонанд, бори маъноии калимаи «фуод» ба маротиб бештар ва қавитар аз «қалб» аст ва ҳатто гоҳе метавон онро ба ҳамаи ҳавоси панҷгона мансуб донист.

Аз ин сабаб дар ин ҷо шоир сахтии тарк кардани маъшуқ тавассути ошиқро ба қиёмате тавсиф мекунад, ки аъмоқи ин қиёматро маъшуқ бо тамоми вуҷуд эҳсос мекунад ва «фуод», ки сунбули тамоми эҳсосот аст, аз забони маъшуқ ба василаи шоир таъбир мешавад. Дақиқан ин калимаи «фуод» аст, ки бо феъли «раъо» бо таваҷҷӯҳ ба тавзеҳоти фавқ аз лиҳози маъноӣ бо иддаои шоир мутобиқат дорад. Ҳамон тавре ки дар боло ишора шуд, муодили калимаи «фуод» дар забони форсӣ луғати «дил» вуҷуд дорад ва барои «дил» дар ашъори шоирони порсигӯй дақиқан ҳамон таъбироте вуҷуд дорад, ки барои луғати фуод дар ашъори шоирони араб омадааст. Барои мисол Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммади Балхӣ дар байти зер:

Нутқи обу нутқи хоку нутқи гил,
Ҳаст маҳсуси ҳавоси аҳли дил (12,945).

Ин байт аз ояи шарифаи 44 сураи «Асро» иқтибос шудааст, ки манзури шоир аз ин байт он аст, ки фаҳми сухан гуфтани об ва хок ва гилро ба касоне нисбат медиҳад, ки дорои дил бошанд, ё ба иборати дигар мегӯяд, ки обу хоку гил монанди дигар аносури мавҷуд дар табиат бо мо сухан мегӯянд, аммо танҳо касоне сухани онҳоро мефаҳманд, ки дорои дил бошанд ва дар ин ҷо манзури шоир аз дил чунон эҳсосе аст, ки гӯё қудрати ин эҳсос ва дарк ҳатто болотар аз ҳавоси панҷгона аст. Дар ин байт шоир аз ду таркиби изофии арабӣ низ истифода кардааст. Таркиби аввал «фуодӣ» ки дар ин ҷо «фуод» фоил аст барои феъли «раъо» ва музоф аст ва «ӣ» замири мутаккалими яктои музофун илайҳ аст ва таркиби дуюм «ҳичрика» аст, ки ҳичр маҷрур аст, чун баъд аз ҳарфи ҷарри «мин» воқеъ шудааст ва метавонад дар маҳали мафъули аввал низ бошад. Чун феъли «раъо» аз афъоли ду мафъул гирифта шудааст, мафъули дигараш калимаи «алқиёма» мебошад [6,379]. Калимаи «ҳичр» ҳамчунин музоф аст, ба маънои тарк кардан ва дурӣ ҷустан ва «ка» замири муттасили маҷрур муфради музаккари мухотаб ба маънии ту музофун илайҳ аст. Дар

мисраи аввал таркиби нигорам як таркиби изофии форсӣ аст, ки луғати нигор муодили маъшуқи арабӣ аст. Дар байти дуюм:

Гуфтам, ки ишқу дилро бошад аломате ҳам,
Қолат ду мӯъу айнӣ лам такфука ал алома.

Ошиқ нишона ва далели ишқ ва дилдодагиро мепурсад ва маъшуқ, ки ҷинси занона мебошад, посух медиҳад: ашкҳои резони чашмонам барои нишона ва далел туро кофӣ нест? Он чи ки дар ин байт ва байти қабли дида мешавад, шиддати сӯзу гудози ишқ аст, ки дар тарафи муаннас бештар аст, чун дар ҳар ду мисраи арабии байтҳои аввал ва дуюм шоир феъли «қола»-ро ба сурати муфради ҷинси занонаи ҳақиқӣ, яъне «қолат» оварда ва ин шева то охири ғазал бад-ин шакл омадааст. Дар феъли «ламтакфука» ҳарфи ҷозимаи «лам» бар сари феъли музореъ омада ва тибқи қоида мебоист, ин феъл ба сурати гузаштаи инкорӣ тарҷума шавад [5,174].

Аммо тарҷумаи он ба сурати гузашти инкорӣ аз бори маъноӣ ва зинда будани амал мекоҳад, лизо ба назар мерасад, ки беҳтар буд шоир аз «ло»- и нафй ба ҷои «лам» истифода мекард, то маънии феъл ба сурати ҳоли манфӣ табдил шавад ва бад-ин сабаб нигоранда тарҷумаи феъли «ламтакфука»-ро дар мисраи дуюми байти дуюм ба ҷои маънои таҳтуллафзии «туро кофӣ набуд» ба сурати «туро кофӣ нест», баён кардааст. Дар мисраи дуюм таркиби «думӯъу айнӣ» ба маънии ашкҳои чашми ман ду таркиби изофӣ ташкил додаст, яъне «думӯъ» музоф аст ва «айн» музофунилайҳ ва музоф ва «ӣ» музофунилайҳ аст барои «айн». Дар байти сеюм:

Гуфто, ки мечисозӣ, гуфтам, ки маар сафарро,
Қолат фа мур саҳеҳ ҳам билхайри ва салома.

Дар ин ҷо маъшуқи муаннас пас аз гиря суханро дубора идома медиҳад ва аз ошиқ мепурсад, акнун ки аз ҳол ва вазъам бохабар шудӣ, мехоҳӣ чӣ кунӣ? Ошиқ посух медиҳад, қасди сафар дорам ва маъшуқ, ки тасмими ошиқро бар сафар ҷиддӣ мебинад ва иродаи ӯро дар ишқ ноустувор мепиндорад ва ба ӯ мегӯяд: бирав ба саломат, хайр ва саломатӣ ҳамроҳи ту бошад. Шоир дар ин байт, бар хилофи қоидаи байти қабл ва низ байтҳои баъд пурсиши маъшуқи муаннасро дар аввали байт қарор дода ва ба ҷои «гуфтам» феъли «гуфтор»-ро меоварад, ҳамчунин дар ин байт байни ҳарфи «ми» ва феъли «созӣ», ки ҷамъан феъли ҳозира ояндаи «месозӣ»-ро ташкил медиҳад, ҳарфи истифҳоми «чи» оварда, ки ин низ аз хусусиятҳои хоси нигоришии он давра ба ҳисоб меояд ва намунаи он дар матнҳои назмӣ ва насрии форсӣ бисёр аст. монанди ин байти Мавлавӣ:

Гуфтӣ, ки ёфт менашавад, ҷустаем мо,
Гуфт: он ки ёфт менашавад, онам орзуст.

Ки дар ин ҷо Мавлоно «н» нафйро байни ҳарфи «м» ва «шавад» қарор додаст [8,342]. Дар байти чорум:

Гуфтам вафо надорӣ, гуфто, ки озмудӣ,
Ман ҷарабал муҷарраб, ҳалат биҳӣ аннадома.

Дар мисраи дуюми ин байт шоир як зарбулмасали маъруфи арабӣ оварда, ки тарҷумаи он чунин аст: «Ҳар каси озмударо дубора биозмояд, хато кардааст». Ин зарбулмасал дар забони форсии имрӯзӣ ба сурати «Озмударо озмудан хатост» бисёр ба кор бурда мешвад. Ворид кардани ин гуна зарбулмасалҳо дар ашъори форсӣ ва арабӣ аз лиҳози фанни балоғат ба он «санъати ирсоли масал» ё «тамсил» гуфта мешавад. Ирсоли масал ё тамсил он аст, ки иборати назм ё насрро ба ҷумлае, ки масал ё шабеҳи масал ва шомили матлаби ҳакимона аст, биороянд ва ин санъат ҳама ҷо мӯҷиби ороиш ва тақвияти бунияи сухан мешавад. Ва гоҳ бошад овардани як масал дар назм ва наср ва хитоба ва суханронӣ, асараш дар парваронидани мақсуд ва ҷалби таваҷҷӯҳи шунаванда, беш аз чандин байти манзум ва чанд саҳифаи мақола ва рисола бошад [14-299].

Баъдҳо ин шеваи шеърсароӣ ва ба коргирии ин санъат тавассути шоирони зиёде мавриди пайравӣ қарор гирифт, аз ҷумла шоири номдори эронӣ Ҳофизи Шерозӣ, ки худ мутаассир аз сабки Саноӣ аст, дар байте ин зарбулмасалро чунин овардааст:

Ҳарчанд к-озмудам, аз вай набуд судам,
Ман ҷараб ал муҷарраб, ҳалат биҳӣ нидоме (9, 848).

Ҳамон тавр ки мебинем, ин байти шеър ҳам аз лиҳози вазн ва ҳам аз лиҳози интихоби калимаҳо, бо байти мавриди баҳси мо мутобиқат дорад, зеро Ҳофизи Шерозӣ шеъри муламмаи худро аз оғоз то поён бо илҳом аз ин ғазали Саноӣ сурудааст ва байти аввали худро чунин оварда:

Аз хуни дил навиштам наздики дӯст нома,
Иннӣ раайту даҳран мин ҳичрикал қиёма.

Ки худ ҳикоят аз истиқболи Ҳофиз аз шеъри Саноӣ аст. Дар байти панҷ:

Гуфтам видоъ н-ойӣ в-андар барам нагирӣ,
Қолат туриду васли сирран вало карома.

Ба назар меояд ин байт мебоист қабл аз байти чорум қарор гирад, зеро аз лиҳози мавзӯӣ бо байти сеюм дар иртибот аст ва метавон гуфт, ки идомаи он аст, чун дар байти сеюм шоир мавзӯи сафарро матраҳ карда буд ва «видоъгӯйӣ» ва «худоҳофизӣ»-и мавҷуд дар байти мавриди баҳси мо (байти панҷум) мебоист дар идомаи баҳси сафар ва пас аз он иттифоқ биафтад ва ҳатто вафодорӣ ва ё бевафоии матраҳшуда дар байти чорум маъмулан, пас аз «видоъ»-и яке аз ду тарафи мақулаи ишқ ба исбот мерасад, зеро мизони шиддат ва коҳиши ишқ ва алоқа байни ошиқ ва маъшуқ ба ҳангоми фироқ ва дурӣ мушаххас мегардад. Дар ин байт ошиқ, ки ҳанӯз ба дараҷаи ишқ нарасидааст, аз маъшуқи худ мехоҳад, ки барои видоъ ва худоҳофизӣ биёяд ва ӯро дар оғӯш бикашад. Аммо маъшуқ мегӯяд, ки ту мехоҳӣ фақат дар пинҳонӣ, ки ин гуна ишқу алоқа ҳеҷ гуна каромате надорад, ба висолам бирасӣ! Дар сурате ки ишқи воқеӣ он аст, ки мебоист пас аз тайи давраи пинҳонӣ ва роздорӣ, ошкор шавад, ҳамчунон ки ман бо ашкҳои резон ва ошкори худ (байти дуюм) ишқи худро ошкор сохтам.

Дар баёни ишқу муҳаббат гуфтаанд: «Роҳи ишқу муҳаббат, роҳе аст, ки бояд худро ба кул машғули маҳбуб кунӣ ва ҷону дилу танро дар роҳи ӯ базл кунӣ ва дар сирру ҷаҳр (ошкоро) мувофиқати ӯ талаб кунӣ» [13,482]. Дар мисраи дуюми ин байт таркиби «васлӣ» як таркиби изофаи арабии арабӣ ба шумор меояд. Дар байти шашум:

Гуфто бигир зулфам, гуфтам маломат ояд,
Қолат аласта тадри алишқу валмалома.

Маъшуқ ба умеди ёрирасонӣ ба ошиқи мубтало ба ӯ мегӯяд, ки барои расидан ба ишқ ва висолам мебоист ба ман паноҳ бубарӣ (бигир зулфам) ва ошиқ, ки ҳамчунон маротиби ишқро дарк накарда аз тарси маломат ва сарзаниш қадам ба пеш намегузорад ва маъшуқ ба ӯ мегӯяд: «Магар намедонӣ ишқ ва маломат бо ҳам тавъам ҳастанд», зеро гуфтаанд: «ал-маломату равзатул ошиқин ва нузҳатул муҳибин ва роҳатул муштоқин ва сурурул муриддин», яъне маломат боғи ошиқон аст ва тафарруҷгоҳи дӯстон ва осоиши муштоқон ва шодии муридон аст [13,495].

Аз далоили дигари якҷо будан ва ҳамроҳ будани ишқ ва маломат истифодаи шоир аз пайвандаки «ва» байни ду калимаи «ал-ишқ вал-малома» аст, зеро ин пайвандак аз лиҳози қавоиди забони арабӣ маътуф* ва маътуф-ун-алайҳ‡-ро аз назари ҳукм ва эъроб ё ба иборати дигар аз лиҳози лафз ва маънӣ ҳамсон ва ҳампоя месозад [6,454]. Дар мисраи аввали ин байт таркиби «зулфам» як таркиби изофии арабӣ – форсӣ аст. Дар мисраи дуюми ин байт ҳамзаи истифҳом* мавҷуд бар сари феъли ноқиси «ласта», ки аз феълҳои ноқиси инкории арабӣ ба шумор меояд, як истифҳоми инкорӣ эҷод карда, ки маъмулан посухи истифҳоми инкории мусбат мебошад [6,10], яъне посух «оре, медонам».

Натиҷа, дар ин ғазал ҳеҷ гуна таркиби васфӣ, махсусан аз форсӣ ё арабӣ дида намешавад. Аммо дар хусуси таркибҳои изофӣ танҳо як таркиби форсӣ, яъне «нигорам» дар байти аввал ва як таркиби арабӣ – форсии «зулфам» дар байти охир ва панҷ таркиби арабии арабӣ, яъне ду таркиби «фуодӣ» ва «ҳичрака» дар байти аввал ва ду таркиби «думӯъуайнӣ» дар байти дуюм ва як таркиби «васлӣ» дар байти панҷум мушоҳида мешавад. Ҳамчунин ҳамаи калимаҳои қофия (ал-қиём, ал-алома, ал-салома, ан-надома, ал-карома, ал-малома) аз навъи исми ҷомиди арабӣ ба ҳисоб меоянд.

*Дар наҳви арабӣ исми қабл аз в-ро маътуфуналайҳ ва исми баъд аз онро маътуф гӯянд.

Дар байти аввал санъати суолу ҷавоб наомада, балки дар ҳар ду мисраъ ҷумлаҳои хабарӣ мебошанд. Дар абёти сеюм ва шашум тартиби суолу ҷавоб риоят нашуда, яъне ба ҷои овардани феъли «гуфтам» шоир дар оғози байт аз калимаи «гуфто» истифода кардааст, ҳамчунин дар охири феъли «гуфт», ки гузаштаи сеюм шахси муфради ғоиб аст «о» изофа карааст. Ин шева низ ҷузъи сабкҳои қадими нигориш аст [8,335]. Ҳамчунон ки дар шарҳи абёт гузашт, дар байтҳои сеюм ва чаҳорум ва панҷум, тартиби мавзӯи абёт риоят нашудааст. Дар ин ғазал шоир аз бархи саноеъ, ҳамчун суолу ҷавоб, тамсил ва маҷоз истифода кардааст.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Баҳор М. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ. 3 ҷилд.- Теҳрон, 1381 ҳ.ш.
2. Грамматикаи забони ҳозираи тоҷик. Ҷ.2.-Душанбе: Дониш,1986.
3. Звегинцев В. Очерки по истории языкознании. Изд-во Моск-го универ-та. М., 1967.
4. Мотаххари М. Хадамоти мутақобилаи ислом ва Эрон.- Душанбе, 2007.
5 تاريخ بيهقي تأليف ابوالفضل محمدحسين بيهقي دبيربكوشش دكترخليل خطيب *رهبرانتشارات* مهتاب ايران تهران 1376هجري شمسي
6 دستورزبان فارسي 2تأليف دكترحسن انوري ودكترحسن احمدي كيوي انتشارات فاطمي ايران تهران 1385هجري شمسي
7 ديوان حافظ به تصحيح برويزناتل خانلري انتشارات خوارزمي ايران تهران 1362هجري شمسي
8 ديوان سنائي غزنوي به سعي واهتمام مدرس رضوي انتشارات سنائي ايران تهران 1385هجري شمسي
9 سبك شناسي تأليف محمدتقي بهارجلد اوّل انتشارات اميركبيرايران تهران1375هجري شمسي
10 شرح مثنوي معنوي دفتراوّل كريم زماني انتشارات اطلاعات ايران تهران 1387هجري شمسي
11 فرهنك مأثورات متون عرفاني تأليف دكترباقرصدري نيا انتشارات سخن ايران تهران 1388هجري شمسي
12 فنون بلاغت وصناعات ادبي تأليف استادجلال الدين همايي انتشارات توس ايران تهران 1361هجري شمسي
13- مبادي العربية تأليف رشيد الشرتوني جلد4 انتشارات دارالعلم ايران قم 1371 هجري شمسي
14- معاني وبيان 2تأليف دكترسيروس شميساانتشارات دانشكاه بيام نورايران تهران1384هجري شمسي
15- موسوعة النحووالصرف والإعراب تأليف دكترامیل بديع يعقوب انتشارات دارالعلم للملايين لبنان بيروت 2006 ميلادي

ИЗАФЕТНЫЕ СЛОВОСОЧЕТАНИЯ В ГАЗЕЛЯХ «МУЛАММАЪ» САНОИ ГАЗНАВИ

В данной статье делается попытка на примере газелей известного таджикско-персидского поэта Санои Газнави подвергнуть исследованию изафетные словосочетания на арабском и персидском языках.

Ключевые слова: газели, Санои Газнави, поэт.

IZAFETNYE OF THE PHRASE IN ГАЗЕЛЯХ «МУЛАММАЪ» SANAI GAZNAVI

This analytical article, is on the genitive phrases and the *Molama' Sonnet* —that is a kind of poetry whose first hemistich is Farsi and second hemistich is Arabic— and is written by Jasem Asadian Falahieh, a PhD candidate in Persian Language, at the Department of Farsi Language, in the Faculty of Oriental Studies, in Tajikistan National University.

Key words: gazelles, Sanoi Gaznavi, poet.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Джосим Асадиён Фаллохия***-соискатель ТНУ

НИГАРИШЕ ДАР ТАЪРИХИ ЗАБОН ВА ГӮЙИШИ ОБОДИИ ТАШК

Фаронак Рамезонӣ
Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ, Донишгоҳи озоди исломии Марвдашт, Эрон

Гӯйиш ба шаклҳои аз як забон гуфта мешавад, ки илова бар талаффуз дар интихоби вожагон ва қавоиди дастурӣ низ бо ҳам гуногун бошанд.

Гӯйишҳои маҳаллӣ пуштивонае барои забон ва адабиёти расмии кишвар ҳастанд ва чӣ басо интиқоли вожаҳои маҳаллӣ ба фарҳанги расмии ҷомеъа ниёзмандиҳои ҷадидро ба беҳтарин равиш посӯх гӯянд ва дастгоҳҳои ҳамчун фарҳангистонҳоро аз манъи вожаҳои ҷадид бениёз созад.

Фарҳанги забони форсӣ тавре, бояд омода шавад, ки ҳамаи вожаҳои маҳаллӣ ва омиёнаи дурафтодатарин ҷойҳои Эрон аз растаниҳо, парандагон, моҳиён ва дигар ҷонварон ва афзорҳое, ки дар пешаҳои гуногун вижаи ҳар фарду бум ба кор аст, дар он гирд омада бошад. Дар ин миён гӯйишҳо ва лаҳҷаҳое пиромуни ҳар забон

кормандтарин абзор дар баррасӣ ва зинда нигоҳдоштани забон ва фарҳанг аст, ки ба далели вижагии озодандешӣ ва нигоҳи ғайрирасмӣ камтар дасти хуши дигаргунӣ мешаванд.

Лаҳҷаҳое, ки имрӯза дар рустоҳо ва шаҳрҳои кӯчаки дурафтода мавриди гуфтугӯст, бештар бозмондаи забонҳои бостонӣ ва миллии мост ва барои баррасиҳои забоншиносӣ арзанда ва пурарҷ аст.

Дар бораи «гӯйиши Ободаташк» то кунун пажӯҳиши илмии дархӯр таваҷҷуҳе сурат нагирифта аст ва ин дар шароите аст, ки дигаргунӣ дар ҳама абъоди он ба чашм мехӯрад. Агарчӣ «пирон» танҳо бозмондагони ҳифзи ин мерос ҳанӯз бори масъулияти интиқоли онро ба дӯш мекашанд, насли ҷадид бо беъэтиноии ба суръат онро фаромӯш мекунанд ва ин ҳушдорӣ аст, ки огоҳон ва алоқамандони забоншиносӣ илмеро ба ёрӣ фаро мехонанд.

Ободаташк минтақае аст дар шарқи Шероз ва дар Остони Форс қарор дорад. Ин минтақа дар ҳудуди 10 000 нафар ҷамъият дорад ва шуғли аслии онҳо кишоварзӣ аст. Гӯйиши ғолиб дар ин минтақа, гӯйиши Лурӣ, аст, ки аз гурӯҳи забонҳои эронии ҷанубии ғарбӣ ба шумор меравад.

Гӯйиши Лурӣ ҳар чанд дар лаҳҷаи форсии мардумони Ободаташк асар гузоштааст, аммо имрӯза фақат каму беш афроди солхӯрда ва камсавод ба ин гӯйиш гуфтугӯ мекунанд ва авомили бисёре аз қабили шеваҳои зистан, пешрафти улум, муҳоҷиратҳо ва пайдоиши падидаҳои ҷадид ва иртиботҳои фарҳангӣ боиси фаромӯшӣ дар ба кор бурдани ин вожгон (гӯйиши Лурӣ) нақши муҳимеро ифо менамояд.

Дар ин ҷустор, кӯшиш шудааст, то таърих ва ҷуғрофиёи минтақаи номбурда мавриди баррасӣ ва пажӯҳиш қарор гирад.

Гӯйишшиносӣ яке аз шохаҳои муътабари дониши забоншиносӣ аст, ки ҳамаи масоили марбут ба гӯйишҳо ва қавоиди ҳоким бар онро мавриди баррасӣ қарор медиҳад бо чӣ қавоиде, ки фақат ҷанбаи забоншиносӣ дорад ва чӣ қавоиде марбут ба дастуру сарфу, наҳви гӯйишҳо.

Дар ин мақола саъй шудааст то ҳадди тавон ва кунҷковона ва бо ангеза ва алоқаи фаровон ба баррасии таърихчаи гӯйиши Ободаташк ва ҳамчунин ба мавқеияти ҷуғрофиёӣ ва таърихию фарҳангии ин минтақа бипардозем.

Бахши Ободаташк ҷузви Остони Форс ва дар шарқи шаҳри Шероз ба мухтасоти 53 дарҷа ва 25 дақиқа то 54 дараҷа ва 15 дақиқа, тӯли шарқӣ ва 29 дараҷа ва 18 дақиқа то 29 дақиқа ва 55 дақиқа арзи шимолӣ байни шаҳристонҳои Обода, Марвдашт, Шероз, Истиҳбон ва ҳамчунин бахши марказӣ маҳдуд аст.

Бахши Ободаташк тавассути иртифоот аз қисмати шимолу шарқ ва дарёчаҳои Ташк ва Бахтагон аз қисмати ғарбу ҷануб маҳдуд гардидааст ва яке аз се бахши Шаҳристони Найрез (бахшҳои Ободаташки марказӣ ва пушти кӯҳ) буда, ки дар қисмати ғарби Шаҳристони Найрез қарор гирифтааст.

Тибқи нақша паҳнабандии иқлими Эрон минтақаи мавриди мутолиа дар маҷмӯъ, дорои зимистонҳои ба нисбат сард ва тобистонҳои гарм ва хушк аст.

Бар асоси омори дарёфтӣ аз маркази Беҳдошти дармонии Ободаташк, ин шаҳр дар соли 1385 дар ҳудуди 10 000 нафар ҷамъият доштааст.

Вожаи «Обода» аз решаи паҳлавӣ «Apatak» ба маънии ҷойи обод гирифта шуда аст. Мегӯянд: «Ҳар ҷо об аст, ободонӣ ҳам аст», зеро дар ин макон оби фаровоне вуҷуд дошта ва ба ҳамин муносибат «Обода» номида шудааст. Ва чун дар канори рустое ба номи «Ташк» воқеъ гардидааст, онро Ободаташк хондаанд, ки бахше аз вилояти панҷгонаи Порс аст.

Чун дар ибтидо гӯё фарде ба номи «Абдурраҳмон» боиси ободии аввалияи он шуда, нахуст то муддатҳо ба он «деҳаи Абдурраҳмон» гуфта мешудааст ва баъдҳо тағйири ном кардааст.

«Ободаташк» пешинаи таърихи тӯлонӣ дорад ва дар замони Ҳукумати Ҳахоманишиён ин минтақа ба унвони яке аз роҳҳои иртиботӣ байни шаҳри Истахр [Тахти Ҷамшед] маркази ҳукумат ва шаҳри Найрез [маркази тавлиди силоҳи он силсила] маҳсуб гардидааст.

Шуғли аҳолӣ: зироат, боғдорӣ, домдорӣ ва аз саноеи дастии он қолинбофӣ аст.

Дар «Форснома»-и Ибни Балхӣ, ки дар ҳудуди қуруни шашуми ҳиҷрӣ – қамарӣ навишта шудааст, дар мавриди Обода чунин баён медорад: - «Обода, шаҳраке аст бо қалъаи устувор, ҳавои муътадил ва оби он аз Файзрӯди кур» аст. Ва наздики он дарёст (манзур дарёчаи Найрез) ва ангур бисёр хезад ва наздики вилояти Ҳасвия ва обод аст. [3, 129].

Дар китоби «Ҳудуд-ул -олам» омадааст: «Обода аз шаҳракҳое аст кам мардум ва бо кишту барзи бисёр ва бо неъмат аст» [6, 135].

Ҳамдуллоҳ Муставфӣ менависад: «Обода шаҳри кӯчак аст, бо қалъаи устувор ва ҳавои муътадил дорад ва обаш аз Файзи руди Кур аст. Ва дар он ҷо ғалла ва ангур бисёр бувад ва мавзеи бешумор аз тавобеи он ҷост» [5, 180].

Дар луғатномаи Деҳхудо омадааст: «Обода се маҳал(л) аст дар Форс: 1. Обода Иқлид ва онро ба муносибати яке аз рустоҳои он ки Иқлид ном дорад (манзур Шаҳристони Иқлид аст) Обода Иқлид хонанд, то аз Ободаташк мумтоз бошад; 2. Обода Зартушти Найрез, ки яке аз чаҳор маҳаллаи қадимии Шаҳристони Найрез аст; 3. Ободаташк бахше аз вилояти панҷгонаи Форс аст ва онро ба муносибати яке аз рустоҳои он ки Ташк ном дорад «Ободаташк» хондаанд, то аз «Обода Иқлид» мумтоз бошад ва фосилаи он то Найрез камтар аз бист фарсанг аст» [2, 30].

Мазҳаби мардуми Ободаташк шиаи дувоздаҳ эмомӣ аст. Илова бар он мазҳаб ба бовариҳои аз қабили: таъсири ситорагон дар сарнавишти одамӣ, мавқеи ғуруби офтоб набояд хокистар аз хона берун барад, зеро наҳс аст; ва ё ин ки агар мурғе дар ҳоли хобидан болҳои худро ба рӯи замин паҳн кунад, меҳмон ё мусофире аз роҳ мерасад, мавқеи чидани пашми мӯи гӯспандон ибораи «буруни зиёд»-ро бар забон ҷорӣ кардан, эътиқод ба атса (сабр) ва хоб ва ин ки зани тоза зоидаро то 40 рӯз набояд танҳо бимонад ва ё дар ғайри ин сурат бояд зери сари ӯ қайчӣ гузоранд, чун муътақидон, ки «ол» («чин») меояд ва ба ӯ ва бачааш осиб мерасонад; ва ё ҳангоме, ки маҳсули кишоварзии худро дарав мекунанд, агар шахсе бар онҳо ворид шавад, бояд бигӯяд, ки «маҳсул зиёд».

Ашоир ва тира ва тоифаҳои дар Ободаташк зиндагӣ мекунанд аз ҷумлаи «Или Қароӣ», ки забони онҳо туркӣ аст, «тоифаи чаҳорроҳӣ» ва «тоифаи Лашанӣ» зиндагӣ мекунанд.

Или Лашанӣ ба шохаҳои мухталиф (бо зоҳири дувоздаҳгона), ки бо пасванди хоси Лурӣ (ванд) мушаххас мешаванд, дар ин минтақа сокин ҳастанд.

Тоифаи Лашанӣ шохае аз қавми порси ва яке аз тоифаҳои Лурӣ аст, ки хостгоҳи он шаҳри «Дуруд» дар Хуррамобод аст ва аз тираҳои қавми «зандия» ҳастанд, ки ҳамроҳи «Каримхони Занд» ба Форс роҳ ёфтаанд ва дар бахшҳои мухталифи Остони Форс чун Ободаташк, Хафраки Улиё, Қурбол ва ғайра сокин шудаанд. Тоифаи Лашанӣ ба тираҳои мухталиф: Абдуллоҳванд, Наҷибванд, Ирванд, Илёсванд, Хафрванд, Яздонванд, Аливанд, Баҳманванд, Муродванд, Хирхираванд, Кӯшкӣ, авлоди Мироқо ва ғайра тақсим шудаанд, ки бо ҳам нисбати хешовандӣ ва издивоҷӣ доранд. Тоифаи Лашанӣ солҳост, ки дар Ободаташк зиндагӣ мекунанд ва ба кишоварзӣ ва дигар пешаҳо мепардозанд ва имрӯза шӯъбае аз ин тоифа дар руди Ҳинд (наздики Техрон) ва ҳамчунин теъдоде аз онон дар Каллочӯб (Исломободи ғарб) зиндагӣ ба сар мебаранд.

Гӯиши Лурӣ ҳарчанд дар лаҳҷаи Форсии мардумони Ободаташк асар гузошта аст, аммо имрӯза фақат каму беш афроди солхӯрда ва камсавод бо ин гӯйиш гуфтугӯ мекунанд.

Аз ҷумла авомиле, ки дар фаромӯшӣ ба кор бурдани ин вожагон нақши муҳимеро ифо мекунад шеваҳои зистан, матрук мондани порае аз пешаҳо ва зуҳурпешаҳои тоза ва васоили ҷадид, пешрафти улум, муҳоҷиратҳо, мусофиратҳо, пайдоиши падидаҳои ҷадид ва иртиботи фарҳангӣ бо дигар ҷавомеъ аст. Ва бояд имрӯза бо талоши рӯзафзуни хеш вожагону ибораҳоро, ки ҳаммонанди ганҷинаи маънавии мондагон гаронбаҳост дар сабту забт ва нигаҳдории онҳо кӯшиш намоем.

Забони форсии имрӯз, идомаи забони форсии дарӣ аст. Форсии дарӣ идомаи таърихии забони форсии миёнаи Сосонӣ аст, ки бо вомгирӣ аз забонҳои дигари давраи миёна, бавижа суғдӣ ба забони қудратманд ва соҳиби осори адабии гуногун табдил шуд ва ба чунон ҳуввияти вожагонӣ даст ёфт, ки ба забони расмии Эрони қадим табдил гардад.

Забони форсии миёнаи сосонӣ идомаи форсии бостон аст, ки дар асри Ҳахоманишиён забони мардуми Остони Форс будааст. Ҳамин забон яке аз шохаҳои забонҳои ҳиндӣ ва эронӣ ва аз гурӯҳи забонҳои ҳиндуаврупоӣ аст.

Хулоса, бар асоси мутолиоти забоншиносӣ, забони Лурӣ (гӯйиши мардуми Ободаташк аз он забон гирифта шуда) ҷузви забонҳои ҳиндуаврупоӣ ба шумор меравад. Забонҳои ҳиндуаврупоӣ ба ду гурӯҳи ҳиндуэронӣ ва аврупоӣ тақсим мешаванд. Забони Лурӣ дар гурӯҳи забонҳои ҳиндуэронӣ қарор мегирад, ки ин забонҳо ба навбати худ ба ду гурӯҳи ҳиндӣ ва эронӣ тақсим мешаванд. Забонҳои эронӣ шомили: забонҳои эронии шарқӣ ва забонҳои эронии ғарбӣ мебошанд, ки забонҳои эронии шарқӣ дар манотиқи Осиёи Миёна аз ҷумла: - Афғонистон ва навоҳии муҷовир ва забонҳои эронии шарқӣ дар Эрон ва баъзеи дигар манотиқ роиҷ ҳастанд. Забонҳои Эрони ғарбӣ низ ба ду гурӯҳ – шимоли ғарбӣ ва ҷанубӣ, ғарбӣ тақсим мешаванд, ки «забони Лурӣ» дар гурӯҳи забонҳои ҷанубӣ ғарбӣ, қарор мегирад.

Дар байни забонҳои ҷануби ғарбии эронӣ (форсӣ, Лурӣ, Кумозорӣ, тотӣ, Давонӣ), забони Лурӣ наздиктарин робитаро ба забони Форсӣ дорад, ки ҳардуи онҳо дунболаи порсии миёна ҳастанд ва баъзе муътақиданд, ки ин забон дар гузаштаи начандон дур аз форсӣ гирифта шудааст.

Дар тӯли таърих, пайваста авомили бисёре сабаби таъсиргузорӣ ва таъсирпазирии забонҳои гуногуни дунё бар якдигар будаанд. Гузашта аз робитаи танготанги шохаҳои забони ҳинду аврупоӣ ва иштирокоти фаровони онҳо камтар забоне пайдо мешавад, ки аз гуфтаи пешин ҷудо бошанд. Авомиле, ки ин робитаро эҷод кардаанд бисёранд, аз ҷумла: тохту тозҳо, кишваркушоиҳо, муҳоҷиратҳо, доду сутудҳо, саёҳат, тиҷорат ва ғайраҳо.

Дар поёни мақола барои намуна ба теъдоде аз вожагони авестоӣ ва баробариҳои ҳаммонанду ҳамхонаводаи он дар забони Лурӣ ва гӯйиш Ободаташк ироа мешаванд:

لری و گویش آباده طشک	فونتیک	معننی	اوستایی	فونتیک	معنی
اَرد	*ord*	دستور	اوروات	*urvata*	دستور
اَخه	*axe*	لفظی برای ترساندن بچه	اَغه	*aya*	زشت- پلیدی
اشکفت	*ešaft*	غار	اشکَتَ	*išata*	کوه-غار
اُهوی	*ahoy*	گاه برای ندا و قید تنبیه	اَهیا	*āhyā*	ای،هی
ای	*i*	این	یی	*i*	این
ایسه	*ise*	اکنون	اید	*iza*	اینک
بخته	*bexte*	الک شده	بَختَ	*baxta*	الک شده
بی	*bi*	بود	بی	*bi*	بوده
پسه	*pase*	پشت	پَسنَ	*pasna*	پس، پشت سر
پخشه	*pxše*	پشه، مگس	مخشی	*maxši*	پشه، مگس
پیز	*piz*	گوشت پا	پیزو	*Pizū*	پی، رگ
داش	*dāš*	داشت	داش	*dāš*	داشت
گیس	*gis*	مو	گئیسو	*gaesū*	زلف، گیسو
مَجمَه	*majma*	سینی بزرگ مسی	موجما	*mojama*	سینی بزرگ مسی
هیمه	*hime*	هیزم	اَیسمَ	*aisma*	هیزم
میش	*miš*	گوسفند ماده	مئشَ	*maeša*	میش
نیزه	*nize*	صدای ناشی از ضعف	نَئزَ	*naeza*	سستی، شوخی گفتار
نیس	*nis*	ناپدید	نسَ	*nas*	ناپدید

شدن			شدن		
برگشتن	*vareta*	وَرتَ	برگشتن	*vargašte*	ورگشته

Аз вижагиҳои дастурии гӯйиши Ободаташк, ки дар забони Лурӣ ҳам вуҷуд дорад ва ҳаммонанд аст: калимоти ду ҳарфӣ, ки ҳарфи охири онҳо «б» бошад, дар ин гӯйиш ба «вов» табдил мешавад, монандӣ:

[*tow* -تو] ، تب [*low* -لو] لب [*šow*شو] شب

Калимоти форсӣ, ки поёнашон (алиф ва мим) аст «алиф»-и онҳо ҳазф мешавад:

[lune-لونه] لانه [*šūne* شونه] شانه [ ] , [*dūne*-دونه] دانه

Дар калимоте, ки поёни онҳо «ане» аст, алиф ҳазф мешавад ва ба ҷои он «вов», ки намояндаи замма будан иштибоъ бошад, меояд:

[*pegym*-پیغ] پیغام [ ] , [*šum*-شوم] شام [ ] ، [*jum*- جوم] جام

Яке дигар аз нуктаҳои мавриди таваҷҷуҳ дар ин гӯйиш шумори (муфрад ва ҷамъ) аст.

Муфрад бидуни нишона аст ва аломати ҷамъ «алиф» (мухафафи «ҳо»), ки ҳам барои ҷондорон ва ҷамодот ва ҷамъ бастани аъзои бадан ба кор меравад.

- دستا - دستها؛ دخترا - دخترها ، درختا –درختها

Дасто – дастҳо, духтаро – духтарҳо, дарахто – дарахтҳо.

Масдар. Нишонаҳои масдари забони форсӣ дар гӯйиши Ободаташк ҳаммонанди гӯиши Лурӣ ба гунаи дигар талаффуз мешаванд, ки бо қадри диққат, ташобеҳ ва тафовути онҳо эҳсос мешавад.

Алиф – масдарҳое, ки дар форсӣ худ ба «стан» хатм мешаванд, дар ин гӯйиш нишонаи масдарии онҳо ба «се - se» табдил мешаванд, монанди:

دانستن-دونیسه، توانستن- تونیسه، خواستن- خوسه

донистан – дунисе, тавонистан – тавонисе, хостан – хосе.

Бе – нишонаҳои масдарии «дан» (н) ва «тан» бо ҳазфи ҳарфи «н» + «е» барои ҳазфи моқабли «н» талаффуз мешавад, монанди:

بردن- بورده؛ گفتن – گفته، خوردن –خورده (هرده) کشتن – کشته

бурдан – бурде, куштан – куште, хӯрдан – хӯрде, (ҳарде), гуфтан – гуфте.

П- нишонаи масдарии «надан» ба «na» ne талаффуз мешавад, монанди:

فکندن-ونه، کندن- کنه، ماندن- مونه

фикандан – ванна, кандан – канне, мондан – муне, вови маҷҳули ö.

Вови маҷҳули Ӧ: - вови маҷҳул аз ҳуруфи мусавват аст, ки дар форсии қадим вуҷуд дошта, аммо имрӯза матрук шудааст.

– Дар ин гӯйиш ҳаммонанди гӯйиши Лурӣ низ вови маҷҳул аз мусавватҳои пуристифода аст, ки нақши асосӣ дар шаклгирии кулли гӯйиш дорад ва дар абдолҳо ҳарфҳои «б» ва «ф» ғолибан ба ин мусавват табдил мешаванд, монанди:

کبک, [*kö*k- کوک]کبک

– Кӣк (кök) – кабк (парандаи кӯҳӣ).

-درفش , [*derösˇ*] دروش

– Диравш (derös) – дерафш (абзори сартези оҳанин).

– Савз (*sözˇ*) сабз – ранги сабз.

-سبز [*sözˇ*] سوز

– шаб (*sözˇ*) – шаб

– сокин О:

– Дар ин гӯйиш, гоҳ ҳуруфи сокин бавижа дар поёни вожгон ҳазф мешаванд, монанди:

دزد [*dez*] دز *ses*] سست

Сис (*ses*) – сес, диз (*dez*) – дузд.

А Д А Б И Ё Т

1. Амонуллоҳи Баҳорванд. Искандар Қавми Лур.- Ношир: Огоҳи Теҳрон, 1370.
2. Деххудо Алӣ Акбар. -Луғатнома, ҷилди 1.- саҳ.30.
3. Ибни Балхӣ. Форснома. Тавзеҳ ва таҳияи Мансур Растагорӣ Фасоӣ.- Теҳрон, 1368.
4. Изод Паноҳи Ҳомид. Фарҳанги Лурӣ. Интишорот: Огоҳ, чопи дувум.- Теҳрон, 1363.

[5.] Муставфӣ Қазвинӣ. Ҳамдуллоҳ, Нузҳат-ул – қулуб, ҳавоишӣ ва таълиқот. Муҳаммад Дабир Сиёқӣ, Таҳурӣ.- Теҳрон,- 1336.
[6.] Ношинос. Ҳудуд–ул – олам мин ал – машриқ ило мағриб. Тасҳиҳ: Манучеҳри Сутуда Таҳурӣ.- Теҳрон, 1362.
[7.] Нотил Хонларӣ Парвиз. Дастури таърихи забони форсӣ. - Интишорот Тӯс, чопи саввум, 1373.
[8.] Оранский И.М. Забонҳои Эронӣ, тарчумаи Али Ашрафи Соддикӣ.- Теҳрон: Интишороти Сухан 1378.
[9.] Сутуда Ғуломризо, Марҷаъшиносӣ ва равиши таҳқиқ дар адабиёти форсӣ. Созмони мутолиа ва тадвини кутуби улуми инсонии донишгоҳ (самт), чопи дувоздаҳум.- Теҳрон, 1386.
[10.] Тарҳи ҳоди шаҳри Ободаташк (шаҳрдории Ободаташк), 1385.
[11.] Фараҳванӣ Баҳром. Фарҳанги паҳлавӣ (форсӣ - паҳлавӣ).- Интишороти донишгоҳи Теҳрон, 1376.
[12.] Ёвариён Акбар. Вожаномаи Лурӣ.- Интишорот: Афлок, чопи аввал, 1385.

ИССЛЕДОВАНИЯ ОБ ИСТОРИИ ПЕРСИДСКОГО ЯЗЫКА И ГОВОР ОБОДА ТАШК

В данной статье речь идет о разговорной речи Ободаташк персидского языка. Ободаташк- это местность, которая расположена в провинции Фарс. Население данной провинции составляет 10 000 тысяч человек и их основним родом занятий является сельскохозяйственная отрасль. Разговорная речь населения данной провинции происходит из Лурского диалекта, котораый входит в восточно-западную группу иранских языков. Разговорная речь Лури хотя и является основой разговорной речи Ободаташк, тем не менее, на этом диалекте разговаривают старое поколение и неграмотная часть населения.

Также в статье приводятся некоторые авестийские слова, соответствующие лурийскому языку и разговорной речи Ободаташк.

Ключевые слова: Ободаташк, разговорная речь Ободаташк, Восточно - западных иранских языков, Лурский язык, географическая местность Ободаташк.

BRIEF REVIEW ABOUT OF HISTORY OF LANGUAGE AND DIALECT OF ABADE TASHK

Abadeh tashk is a village located in the east of shiraz and is in Fars province.It's population is about 10/000, and its people's main occupation is agriculture. This area's dominant dialect is lori which is one of the dialects of south west of Iran. Although Lori, as a dialect, has affected people's Farsi accent of those who live in the village of Abadeh tashk today Just old uneducated more or less use this dialect. Different Factors such as style of living development of science, immigration, the occurance of new phenomenon, and cultural relationship play a great role in caving the words of this dialect to be forgotten or to be used less offen. the present research aims at in vest gating the history of the dialect of Abadeh tashk and the historical and geographic location condition of the mentioned area.

Key words: Obodatashk, informal conversation Obodatashk, East - the western Iranian languages, Lursky language, the geographical district Obodatashk.

ёфтани ганҷу сарват, балки ҷиҳати бори миннати нокасон аз муҳтоҷӣ накашидан …» [4,2,3]. Ё ин ки дар ҷойи дигар нависанда чунин менигорад: «Ишораи писар падарро **ба гирдоби андеша фурӯтар** бурд. Ӯ **хомӯшу саркашол** бо нӯги ангушт нармии гӯш молиду молид ва ба худ иқрор карда, баъзан ба одамон некӣ бикунӣ ҳам, **дар бало мемонӣ** … Тоифае барои манфиат **гӯшти ҳамдигар мехӯранд**, ҳамеша чорчашма интизоранд, ки вай ҳариф пешпо хӯраду афтад, то по дар гулӯяш монанд» [4,2-3].

Бояд зикр кард, ки тамоми симоҳои қиссаи номбурда дорои арзиши тарбиявӣ ҳастанд. Аз хондани қисса кас ба хулосае меояд, ки дар зиндагӣ ба бемулоҳизагӣ, дар муомила ба беандешагӣ ва ба беэҳтиётӣ набояд роҳ дод. Забони содаву равони мардумиро нависанда дар қисса бамаврид ва муассир корбурд намудааст. Вожаҳои зебои мардумӣ, таъбирҳои хушоянд ва ибораҳои рехтаи ифодакунандаи матлаб ва муҳтавои қисса хонандаро ба андешарониҳои дақиқ ва дуруст роҳнамо месозад: кӯдак ба ҳукми ниҳол аст, бачамарди ҳамакора, хоксорию ҳунармандӣ, хушзеҳн, чусту чолок, дидадарову хушзабон, хидмати шуморо кардан, дуои неки шуморо гирифтан, доруву дармони беҳтар, маънидорона ба ҳам менигаристанд, решаву кундаша донистан (ба маънии аҳлу авлодашро шинохтан), аробаи зиндагиро беосеб кашидан ва ғайра аз ҷумлаи онҳоянд.

Нависандагон тавассути воситаҳои муҳими тасвири бадеӣ мақсад, андешаву мазмунро мӯҷазу муассир ифода мекунанд. Воситаҳои тасвири бадеӣ дар адабиёт иборат аз санъатҳои бадеие мебошанд, ки аз онҳо шоирону нависандагон ба хотири тасвир ва офариниши симоҳо истифода мекунанд.

Аз ин ҷиҳат, нависанда дар қисса санъатҳои бадеиро низ ба мавқеъ корбурд намудааст, ки қобили таваҷҷуҳ аст: ...**чашмони мисли оина шаффофи набера** (ташбеҳ) пеши назар меомаду **нигоҳи гарму пурумедаш** (истиора) ва ё ғаму алам дар кундаалов гӯё болу пар баровардаанаш [6,3].

Акнун писарак **монанди гул** (ташбеҳи кушода) дар канорашон парвариш ёфта, **ғамбарори бобову бибӣ шуд** (маҷоз) (с.13).

Ва дунёи равшан дар назараш торикистон, **ҳавлӣ холиву хомӯш, балки мазористон** (истиора, ташбеҳ) шуд (с.12).

Шоҳид аз даричаи нимроғ ба ҳавлии обзадаву рӯфта ва бо тубакҳои гулҳои рангоранг ороёфта ворид шуд ва пой кӯфта овоз рӯшан кард (тавсиф) (с.22).

Саттор Турсун дар асарҳояш зоҳири воқеаву ҳодисаҳоро канор гузошта, ба жарфҳои онҳо фурӯ меравад ва дар ҳамбастагӣ бо ин фарозу фуруди рӯҳи инсонро бозгӯву тафсир мекунад» [5,3]. Комилан, тамоми офаридаҳои нависанда аз лиҳози мавзӯъ, муҳтавою банду басти бадеӣ ва корбурди воситаҳои забонӣ қобили таваҷҷуҳ мебошанд. Қиссаи «Ҳасрат» офаридаи солҳои охир дар фаъолияти эҷодии нависанда, дар корбурди вижагиҳои бадею мардумӣ ва таъбиру ибораҳои тоза ҷолибанд. Хусусан, нависанда дар тасвиргароӣ ва нигориши муҳит маҳорати хешро ба намоиш гузоштааст. Чунинанд он нигоришоти нависанда: ба пардаи тӯрбофи дари кушода дам ба дам панҷаи бодаки серун печида, домани онро маҳин меҷунбонад, гоҳо ба қаду бараш низ беозор чанг мезанад, ҳавои ҷонбахш, зодгоҳаш дар ҷигари кӯҳистон, доман-доман ситора чинад, хаёлманд овоз мебарорад, дугонаҳои аз азал ҷамолакӣ то ба имрӯз роздону ҳолдон, ҳамон бодаки серун ба пардаи дари кушода сабук печида, аз роғи таки он дам ба дам сар мехалонад, навояш дилпазир, оби ҷӯйбор ба як маром ҷорист, мекӯшанд пойбарҷо гарданд, аз ҳолу мадор нараванд, устухонашон ба заҳмати пайгир шах шудааст, ҷавоби ҷавҳардор ва ғайра.

Саттор Турсун тамоми ибораҳо ва таъбиру тасвирро дар мавридҳои муносиб корбурд менамояд, ки мавзӯю муҳтавои асарро боз ҳам рангин ва мӯъҷаз мегардонад.

Маҳорати нависандагӣ дар офаридаҳои Карокатуллоҳи Мирзо низ равшан ҳувайдо аст. Зеро заминаи воқеият дар асарҳои Карокатуллоҳи Мирзо бақувват аст. Ба андешаи адабиётшинос Аълохон Афсаҳзод “мутолиаи асарҳои адиб фикреро пеш меоранд, ки ӯ бо қазову қадар боварӣ дорад ва ин ақидаи матини нависанда мӯҷиби он шудааст, ки дар асарҳои ӯ схематизм, тасвирҳои қолабии хасакӣ, низоъҳои сохта ва саргузаштҳои бофта роҳ наёбанд, қисмати қаҳрамонҳояш чун меҳваре намудор гардад, ки атрофи он роҷеъ ба одамият, инсофу диёнат, раҳму шафқат ва амсоли инҳо фикрронӣ кунад” [1,103].

Ин нуктаро қайд кардан зарур аст, ки забони офаридаҳои Кароматуллоҳи Мирзо аз лиҳози вожаҳои дилнишину зебо, таъбирҳои хушгил, ибораҳои устувори мардумӣ ҷолиб мебошанд. Масалан, қиссаи "Нишони зиндагӣ"[3,12-75] аз сужаи воқеӣ иборат аст, ки дар он забони суфтаву равон, шеваи одии мардумӣ ва таъбиру ибораҳои пандомез таваҷҷуҳи хонандаро ҷалб менамояд. Комилан дар забон ва шеваи баёни қисса аз таъбир ва ибораҳои мардумӣ зиёд корбурд шудааст. Масалан, **аз соҳил ба дуриҳо шино кардан** (*ба маънои дар андешаи оянда будан*), **халосгар кофтан** (*ба маънои пуштибон ё ин ки дастёр*), **сараш ба девор хӯрда ё ин ки сар ба девор задан** (*ба маънои ноумед шудан*), **гапро бозорӣ накардан** (*яъне паҳн накардани воқеа*), **худро ба обу оташ задан, оташ ба решаи худи ӯ афтодан, ақлро дуздидан, иғво андохтан, кампирҳои бачча** (*ба маънои сергап*), **назараш аббро қалам мекард** (*ба маънои назарбаландӣ*), **оламалавмон будан** (*ба маънои низоъ барангехтан*), **соҳибдарак надоштан** (*ба маънои касе надоштан*), **латтаашон ба об зад** (*ба маънои ба мақсад расидан*), **одамони "селоварда"** (*ба маънои одамони омада*), **ҷонашон тангӣ кардан** (яъне *норозӣ будан*), **иҷоб кардан** (*шояд саҳв бошад, бояд иҷов бошад, ки дар лаҳҷаи мардумӣ ба маънои "никоҳ кардан" корбурд мешавад*), **ба тухми муаллим қаҳт наомадан** (*ба маънои бисёрии муаллимон*), **дар хархаша будан, фукҳо тоб хӯрдагӣ** (*ба маънои хафа ё ки ногап будан*), **мантурманӣ** (*ба маънои магрурӣ*), **вазнин шудан** ва ғ.

Ҳамчунин дар қисса баъзе калимаҳои номафҳум вомехӯранд: "Ба бачаи амаки Кабир – Исфандиёр ҳам ***номбад кардани*** аст Соҳибаро падар" (с.13). Калимаи "***номбад***" шояд "***бадном***" бошад. Ё ин ки дар ҷумлаи "Торик мешавад, - нигоҳаш ба сӯи офтоб шуд, ки нурҳояш сари теппаҳо ***андармон*** гашта буданд". Калимаи "***андармон***" ба маънои "дармондан" аст, вале агар таваҷҷуҳ намоем, нури офтоб сари теппаҳо "***афтода***" беҳтар буд. Забон ва шеваи баёни қисса аслан образнок ва бо бадеияти хоси адабӣ нигошта шудааст. Аз ҷумла, якчанд ҷумлаҳои қиссаро барои намуна мисол меоварем:

Қаламаш бо ғазаб рӯи дафтар медавид (с.39).

Хубаш, ки дигар **мӯятонро накашед**, сар паст кунед, гӯш андозед (с.38).

Аз афташ, бо неши туфлиҳояш аз зери мизи Ниёзов **доира навохтанӣ** (с.41).

Яъне мудири маориф назди ман кӣ? **Патаку пайтоба, қарздор**? (с. 46) ва ғ.

Дар эҷоди нависандагони замони истиқлол, офаридаҳои ҷавонони навқалам низ корбурди таъбирҳо ва каломи хоси асари бадеӣ ба назар мерасад. Вале дар қиссаҳои бархе ин аз нависандагон, ба монанди Шералӣ Мӯсо, Мирзонасриддин, Ҳанифаи Муҳаммадохир маъниофаринӣ, таносуби калом ва вожаҳои шевагӣ, таъбирҳои тозаэҷод то андозае камтар мушоҳида мешавад. Забони асарҳои нависандагони номбурда бештар нақли одист, ки бо як маром ва гоҳе дар печидагии воқеа бо бадеияти камтар зуҳур ёфтааст.

Айни замон дар маҷаллаи "Садои Шарқ" роману қисса ва ҳикояву тарҷумаҳои бадеӣ хеле зиёд нашр мегарданд, ки дар баробари он адабиётшиносону суханшиносон нисбат ба забон, тарзи баён ва сабки онҳо фикру ақоиди хешро иброз медоранд. Ҳамчунин, дар рӯзномаи "Адабиёт ва санъат" ин иқдом пайваста ба кор бурда мешавад, ки ин таълифоти судманд бо назардошти муҳтавою тафовутҳои ҷолиб, мағзу мазмуни асари адабӣ бозёфтҳои эҷодии нависандагон тасҳеҳи равшан ва бамаврид оварда мешавад. Аз ҷумла, дар маҷлиси садорати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон перомуни масъалаи "Забони асарҳои адибони ҷавон" нависандаи маъруф Саттор Турсун нисбат ба таълифоти солҳои охир ин нуктаро қайд кардааст: "Дар бисёр қиссаву ҳикояҳо ва ҳатто романҳо на фақат забон ва тарзи баён нуқси зиёд доранд, балки мантиқу маънӣ ҳам то дараҷае харобанд, ки хонанда ағлаб намефаҳмад сухан аз кадом боб аст, адиб чӣ гуфтан мехоҳад" [6,11].

Ҳунар ва истеъдоди нависанда дар забон ва корбурди он, тобишҳои маъноии нигориш ва офаридани маъниҳои нави пуробуранг зуҳур меёбад. Истиқлолият ба нависанда озодии сухан ва имконоти рушди фаъолияти эҷодиро бахшид, ки имрӯз аҳли илму адаб аз он фаровон истифода мебаранд.

Адиби ҷавон Сайидаҳмади Зардон забон ва шеваи баёни ба худ хосро доро мебошад. Дар қиссаи "Даври ҳафт табақаи замин" [2,6-44] тарзи нигориш ва сабки баён аз дигар нависандагони навақалам ба куллӣ тафовут дорад. Нависанда тамоми маҳорати хешро дар эҷоди қиссаи номбурда, вожа ва ибораю таъбири пуробуранг

хеле зиёд ва моҳирона истифода кардааст. Инак, бархе аз ин нигоришҳои Сайидаҳмади Зардонро аз назар мегузаронем.

Биёед ин сафсаттаро ба кампири афсонагӯ ҳавола бикунему аз худ бипурсем, ки мо қаблан **сари кадом андешаро сила мекардем**? (с.7).

Ана ҳамун бузургон бузургии ҷанобони дуздро он гуна офаридаанд, ки гӯё худ аз рӯзи бунёди оламу одам дар асл дуздонро **алифбои қартабозӣ омӯхта бошанд** (с.7).

Бошем ё на, сайёра ҳамин тур саргардон хоҳад буд ва дигарон низ мисли **боди вазон меоянду мевазанд** ва **як меларзонанду ноаён мераванд** (с.7).

Аз китоби фарсудаи торих далели дигари **ваъдахилофии хирадмандонро варақгардон хоҳам кард** (с.9).

Бархе аз вижагиҳою ибораороиҳо ва таъбирҳои қисса чунинад: сағераи сур ба осмони ҳафтум дакка занонд, ваъдаи худро мисли латтакуҳна ба ахлотқуттӣ ҳаво дод, бебасар, фили маҳмудӣ, андешаҳои тақдирсоз, қасри пурмавҷ, хирадмандони шикамқарор, байни абрӯ кӯргирех андохта, далели фавқ, кишварҳои серпул, ҷаҳони фатарот, зери пойи филосои ду гетӣ, деҳқонони хокпош, мо аз як патакрешаем, пайти муносиб, гули бозор пажмурда шудан, палаки хирадмандон, аҷинашамоли ғазаб, дамолаҳза, палағдаи хирадмандони корҷӯ, базлагӯиҳои осмонкар, биёбони дилҳои шумо, лашкарони ғасбгар, қаламфарсои хаёлӣ, шомона хӯрдан, ваҳдат гул кардан, заҳру зардобвор, қадам мезад, ол-ол неву олуи гапро гӯем, ғанабҳои саридастӣ, доманашро намебахшад, сипандуд андохтан, нури ҷонсӯзи офтоб, танҳохӯрда, сӯзандузд, кафшер намудан, манфиатбор, ҷони бекованд, сағираи раҳмаки дурӯза, беҳуда суханашро дар оташ ҳаво намедиҳад ва ғ.

Санъатҳои бадеие, ки нависанда дар қисса фаровон истифода намудааст, иборат аз ташбеҳ, тавсиф, истиора, талмеҳ, тазод ва ғайра мебошанд. Аз ҷумла: Бошем ё на, сайёра ҳамин тур саргардон хоҳад буд ва дигарон низ **мисли боди вазон меоянду мевазанд ва як меларзонанду ноаён мераванд** (ташбеҳ, истиора) (с. 7).

Ун ҷанобони нестандарҷаҳон сақичро аз даҳону кафшро аз пой чунин мерабуданд, ки **даҳон мисли калуши дувоздаҳ воз мемонад** (ташбеҳ) (с.8).

Мисли хирси ҷангалӣ беозор бихобанд ва дар фасли баҳор **монанди Тарзану Мауглӣ** шох ба шохи дарахт маймунҳоро сӯз дода гарданд (ташбеҳ, талмеҳ, киноя) (с.8).

Номзад ба мақоми раисии ҷангали як ноҳияи нестдархарита, яъне ҷаноби хирадманд, ба ном поки каду ва кӯчаҳои лабрези пашму пуҷоқи харбуза савганд хӯрдааст ... (киноя) (с.8).

Дигарбора гирди лабони ӯ табассуми малеҳ сайр варзид ва боз гиребони курта дошту гуфт: “Худовандо, худат бузургӣ, донистайӣ, ба кӣ кӣ диҳию ба чӣ чӣ, вагарна ҳоло дар ҷойи чормағз каду мебуд, сари банда ду пора мегашт” (тавсиф) (с.9).

...дузд мисли ангушти шашуми одамест, ки ҳамеша мехоҳад онро аз дигарон пинҳон кунад (ташбеҳ) (с.10).

Ҳич амале беҷавоб нахоҳад монд, чаро ки бисёр ҳангом дуди кабоб боиси тӯфони оташ мегардад (киноя) (с.10).

Шумо ҳам, хирадмандони азиз, мисли дарвозаи дари хонаи деҳқони хокпош во кунед чашми худро ва дақиқ бингаред, ки бо ҷурми гуноҳе Одаму Ҳавворо аз биҳишт берун кардаанд ва дигарон аз нутфаи онҳо пайдо шуда (ташбеҳ, талмеҳ, киноя) (с.12).

Чунонки мушоҳида шуд, забон ва шеваи баёни Сайидаҳмади Зардон бо бадеияти махсус таҳрезӣ шудааст. Бояд гуфт, ки муҳаққиқону донишмандон дар атрофи услуби баён низ изҳори ақида намудаанд. Аз ҷумла, аз назари Х. Шарифов, хосияти услубӣ ба ду поя асос мегирад: ҳунари эҷодкор ва истеъдоди фитрии ӯ, ки дар фаъолияти даркшудаи эҷодӣ зоҳир мешавад. Аз ҷониби дигар чунин гузориши масъала то ҷое бо консепсияи маъруфи “услуб-инсон аст” муносиб меояд. Ба иловаи ин кӯшиши ба вуҷуд овардани услуби фардӣ бо ҷараёни худогоҳии нависанда ва эътирофи арзиши шахсияти ҳуд тавъам ба амал меояд [7,69; 200, 69].

Ҳамин тавр, дар забон ва шеваи баёни қиссаҳои нависандагони давраи истиқлол рамзҳо, маъниҳои таҳтонӣ, ишораҳои боҳадаф нуҳуфтаанд, аз онҳо ҷилваҳои нави сухан, ҳадафҳои тозаи мусанниф дарк карда мешавад ва чунин баён, албатта, ба тафаккури хонанда, маънавиёти вай таъсири мусбат ва амиқ хоҳад расонд.

А Д А Б И Ё Т

[1.] Афсаҳзод А. Чеҳраи эҷодии нависанда // Садои Шарқ, 1994. -№3-4.-С.103.
[2.] Зардон С. Даври ҳафт табақаи замин // Садои Шарқ, 2007.- №10, 6- 44с.
[3.] Карокатуллоҳи Мирзо. Нишони зиндагӣ // Садои Шарқ, 1991.- №8.- 12-75с.
[4.] Самад А. Майдони савдо // Садои Шарқ, 2009.- №12.- С.2-3.
[5.] Турсун С. Ҳасрат // Садои Шарқ, 2006.- №11.- С.3.
[6.] Турсун С. Забон сурати тафаккур аст // Адабиёт ва санъат. 23 июни соли 2011.- №25 (1586).- С.11-12.
[7.] Шарифов Х. Назарияи наср. (дар адаби форсии асрҳои 4-9 ҳичрӣ)- Душанбе: Пайванд, 2004.- С.69.

ЯЗЫК И МАНЕРЫ ИЗЛОЖЕНИЯ В ПОВЕСТЯХ ЭПОХИ НЕЗАВИСИМОСТИ ТАДЖИКИСТАНА

Автор в данной статье отмечает, что в период независимости повесть в таджикской литературе заняла ведущее место. Тема повести этого периода охватывает различные аспекты социальной жизни общества.

В статье рассматриваются методы описания, наречия, оборот речи в повестях эпохи независимости Таджикистана на примере творчества современных повествователей.

Ключевые слова: повесть**,** изображение, описание, наречие, оборот речи.

LANGUAGE AND STATEMENT AN ADVERB IN THE STORIES OF EPOCHINDEPENDENCE OF TAJIKISTAN

The author in given clause marks, that during independence the story in the tadjik literature has borrowed (occupied) a conducting place. The theme of the story of this period covers various aspects of social life of a society.

In clause the revolution of speech in the stories of epoch of independence of Tajikistan on an example creativity of the modern storytellers is examined methods of the description, adverb.

Key words: the story, image, description, adverb, revolution of speech.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Хуршеда Хашимова-*** соискатель Институт языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. А. Рудаки АН РТ

ВОСИТАҲОИ АЛОҚА ДАР ҶУМЛАИ ЗАБОНҲОИ ФОРСИИ БОСТОН ВА АВЕСТОӢ

Ф.Х. Шарипова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Забон чун як амри табиии мушаххас дар ҷомеаи башар таҳаввул ва такомул меёбад ва ин амр ғалат ва хато шумурда намешавад, зеро вай рӯйдоди ногузири замонӣ аст. Забони тоҷикӣ (форсӣ) дар тӯли таърихи худ чанд навбат таҳаввулоти куллиро аз сар гузаронидааст ва ин таҳаввулот боис шуда, ки забони форсии бостон, ки забони таркибӣ (флективӣ) буд, тадриҷан ба забони таҳлилӣ (аналитикӣ) табдил ёбад. Забони таркибӣ вазифаҳои зиёд ва хоси дастуриро ичро мекунад, ки онҳо иборатанд аз мавҷудияти морфемаҳо (асоси маъноӣ), мавҷудияти фузия[§] тағйирот дар реша бидуни меъёрҳои овоӣ, сарфи дастурии вожаҳо мутобиқи ҳолатҳо бо назардошти фонемаҳои махтуми вожаҳо, ҷинсият ва шумора.

Агар қадимтарин сурати мактубии забони форсӣ-тоҷикиро бо забони даврони навин муқоиса кунем, мебинем, ки сурати талаффузии вожаҳо тағийр ёфта, ба ҷойи бархе аз вожаҳо калимаҳои дигар роиҷ шудаанд ва бархеи дигарашон тағйири маъно кардаанд. Аз ҷиҳати сохти калима низ дар забон тағийроте рух додааст. Масалан, исм дар забони форсии бостон дар ҳашт ҳолати мухталиф сарф мешавад, шумора аз танҳо, дугона (мусанно), ҷамъ ва се ҷинс- мардона, занона ва миёна (хунсо) иборат буда, дар ҳашт ҳолат тағийр меёбад. Дар забони форсӣ-тоҷикии нав анҷомаҳои падежӣ, ҷинсият ва шумораи ҷамъи дугона аз байн рафтанд. Дар баробари тағийроти овоӣ ва сарфӣ қавоиди наҳвӣ ва равобити ҳамнишинӣ дар дастгоҳи ин забон аз даврaи бостон то даврaи нав таҳаввул ёфта, дигаргун шудааст.

[§] Фузия (fusio-лот. “гудохтан”) омили морфонологии мудохилаи тарафайни морфемаҳои ба ҳам робита дошта, ки дар натиҷаи он ҷудо намудани реша аз вандҳо мушкил мешавад

Забони форсии бостон аз оғози нигориш то садаҳои чорум ва савуми пеш аз мелод мавҷуд буд, ки матни сабтшудаи “Авесто” ва навиштаҳои Дориюш дар Бесутун дар солҳои 520-521 пеш аз мелод ба хатти мехӣ нахустин шоҳиди матнии ин забон мебошанд.

Забони форсии бостон ва авестоӣ, ки аз як нахустзабони эронии бостон ё ориёӣ падид омадаанд, забонҳои давраи бостони забони форсӣ маҳсуб меёбанд.

Дар асоси ёдгориҳои қадимӣ, аз ҷумла забони “Авесто” ва форсии бостон метавон заминаҳои дастурии ин ду забонро то ҳадде равшан кард. Аммо ин ду забон аз ҳам тафовути сохторӣ ва вожагонӣ доранд. Чунонки маълум аст, «форсии бостон дар асноди сиёсие ба кор рафтааст, ки дар замони ҳукумати шоҳаншоҳони ҳахоманишӣ ва бо фармони онҳо ба рӯи санг навишта шудаанд» [2.4,70]. Ин аснод ба хатти мехии ҳиҷоӣ навишта шудаанд ва онҳо «вижагиҳои овоӣ ва сарфии онро мепӯшонанд ва мушкилсоз аст» [2.4,70].

Забони авестоӣ бар мабнои китоби “Авесто” номгузорӣ шудааст. “Авесто” асари муҳимест, ки қадимтарин русуми эрониёнро ҳифз ва куҳантарин кеши эрониён-Ведҳоро дар Ҳинд арза кардааст [2.10]. Ойини зардуштӣ пеш аз ҳазор соли мелоди масеҳӣ равнақ гирифт ва ба сурати дини Куруш, Дориюш ва Хшоёршоҳ, подшоҳони Ҳахоманишӣ даромад, аммо пас аз ғасби Искандари Мақдунӣ нуфузи ин дин коста ва китобҳои муқаддаси он аз даст рафт ва саранҷом пас аз ривоҷи ислом дар Эрон аз равнақ монд.

Забони “Авесто” забони яке аз манотиқи Эрони шарқӣ будааст. Аз ин забон танҳо асари “Авесто”, китоби дини зардуштиён, ёдгор мондааст.

Навиштаҳои авестоӣ аз назари вижагиҳои забоншиносӣ ба ду гӯйиш тақсим мешаванд: гӯйиши куҳан (Гоҳон) ва гӯйиши мутааххир.

“Авесто” боқимондае аз адабиёти бузург мебошад ва он чи ки гирд оварда шудааст, ҳатто аз як дастхате, ки мутуни он комил бошад, нест. Он чӣ боқӣ мондааст, маъмулан чунин тақсим мешавад: Яснҳо, Яштҳо, Виспарад, Вандидод ё Видевдот, Хуртак Апастак (Авестои хурд) [2.1;2.6;2.10].

Форсии бостон гунае аз забоне ба хатти мехӣ дар сангнавиштаҳои шоҳони Ҳахоманишӣ (садаҳои 6-4 п.м.) аст, ки аз забонҳои ҷануби ғарбии Эрон маҳсуб меёбад. Дар сарзамини ҳукумати Ҳахоманишиҳо забони идорӣ ва давлатӣ забони оромӣ будааст. Ин забонро, ки осоре аз он дар катибаҳо бар ҷой монда, “забони подшоҳ” ва хатти мехиро “хатти салтанатӣ” мегӯянд, зеро ин забон корбурди рӯзмарра надоштааст.

Осори бозмондаи аз замони шоҳони Ҳахоманишӣ ғолибан якзабона (забони форсии бостон), баъзан дузабона (забони форсии бостон ва эломӣ ё бобулӣ), бештар сезабона (форсии бостон-эломӣ-бобулӣ) ва ба нудрат чаҳорзабона (бо иловаи забони мисрии бостон ба хатти иероглифӣ) мебошад. Ин осори нигориш ёфта, марбут ба Порс (тахти Ҷамшед, нақши Рустам, Посоргод), Элом (Кохи Шуш) ва Мод (Бесутун, кохи Ҳигматона) ҳастанд [2.4]. Муҳимтарин ва муфассалтарин аз манобеи форсии бостон сангнавиштаҳои мехии замони шоҳони Ҳахоманишӣ аз давраи Дориюши аввал ба баъд аст. Мутаасифона пайкараи комиле, ки тамоми навиштаи форсии бостонро дар бар бигирад, мавҷуд нест [2.3;2.4].

Дар забони авестоӣ ва форсии бостон, ки флексияи бой доранд, алоқаи байни калимаҳо аз рӯи хусусиятҳои морфологӣ муаққаррар мегарданд. Аз ин рӯ воситаи алоқаи калимаҳои ҷумлаи форсии бостонро, ки аз навъҳои алоқа дар ҷумлаи забони муосир тафовути куллӣ доранд, мавриди пажӯҳиш қарор додем.

Ҷумла дар форсии бостон бо ду роҳ сохта мешавад: 1. Бо роҳи истифодаи ҳолатҳо; 2. Бо роҳи истифодаи ҳолатҳо ва пешояндупасояндҳо.

Хосияти ҳар забон дар ҷузъиёти мутафовити он аз дигар забонҳост. Ҳамин сифатро забони форсии бостон низ дорад ва чунин вижагии онро Кент чунин қайд кардааст: «Наҳви форсии бостон дорои вижагиҳои маъдуде аст, ки онро аз забонҳои дигари хешованд мутафовит месозад» [2.2,275].

Ҷумла воҳиди бузургтарини забон аст, ки аз гурӯҳи калимаҳои тавассути робитаҳои грамматикӣ бо ҳам омада, иборат мебошад. Робитаҳои грамматикӣ бо маънои грамматикӣ дар форсии бостон тавассути ҳолатҳо аз роҳи анҷомаҳои ин

ҳолатҳо сурат мегиранд. Ҳолатҳо бо аломатҳои махсуси анҷомаҳо ва бо замимаи пешояндҳову пасояндҳо шакл мегиранд.

Забонҳои форсии бостон ва авестоӣ монанди дигар забонҳои ҳиндуаврупоӣ се ҷинс: мардона, занона ва миёна (хунсо), се шумора: танҳо (singғlaқ), дугона (dғal/ мусанно), ҷамъ (plғқal) ва ҳашт ҳолат (падеж): **ниҳодӣ** (nominative /именительный / фоилӣ), **роӣ** (accғsative/ винительный/ мафъулӣ), **боӣ** (instқғmental /местный/ мафъули маъа) бароӣ (dative/дательный /мафъулӣ лаҳ), изофӣ ё вобастагӣ (genitive/ отложительный), азӣ (aӣlative /родительный/ мафъули анҳу), **дарӣ** (locative/ инструментальный /мафъули фиҳи), **нидоӣ** (vocative/ звательный) дошт [2.1;2.2;2.5;2.6].

Алоқаи байни калимаҳо дар ҷумлаи форсии бостон аз рӯи сарфи калимаҳо бо ҳолатҳои зерин сурат мегирифт:

Дар ҳолати фоилӣ дар ҷумлаи форсии бостон «ба воситаи он маъниҳои муқаррарӣ ва вазифаҳои грамматикии фоил ва ҷузъи номии хабар дар ҷумла баён карда мешавад» [2.2,47].

1. **Ҳолати фоилӣ (nominative)** дар забонҳои форсии бостон дар корбурдҳои зер мушоҳида мешавад:

1) Ба унвони фоилӣ ё мубтадои як феъл, ки ба таври сареҳ ва ҳам ба таври зимн баён мешавад:

Θātiy **Dāқayavaғš** ҷšāyaθiya. «Гӯяд **Дориюш** шоҳ».**

Мқаоʂ **Ahūқō mazdå** spitamāi zaқθғštқāi. “Гуфт Аҳуромаздо ба Зардушт”(Авесто). ††

Дар ин ҷумлаҳо исмҳои **Dāқayavaғš ва Ahūқō mazdå** дар ҳолати фоилӣ қарор доранд.

2) Дар ҷумла ҳолати фоилӣ дар таркиби хабари номӣ омадааст:

I **maқtiya** magғš āhat. “**Мард**и муғ буд”.

Adam pāқsa ahmiy. Ман порсӣ ҳастам.

3) Ба унвони бадал‡‡ ё аъзои истисноии ҷумла барои як ҳолати фоилӣ:

Adam dāқayavaғš ҷšāyaθiya vazқaka. «Ман Дориш- шоҳи бузург».

4) Ба унвони як сохти умумӣ ҷойгузини ҳолати вобастагӣ ё мафъули бевосита:

Hya mām **aқtҷšaçā** ҷšāyaθiya akғnaғš. «Маро Ардашер шоҳ кард».

2. Исми форсии бостон дар **ҳолати нидоӣ** (instқғmental) дар баён ва хитоб мустақим ба кор меравад.

Maқtiyā «Эй мард!»

Mazdā ahғқā “Эй Маздо аҳуро!”

3. Ҳолати мафъули бевосита (**accғsative**) ё роӣ дар форсии бостон дар корбурдҳои зер ёфт мешавад:

1) Мафъули бо феъли мутааддӣ (гузаранда) барои баёни пуркунандаи бевосита:

Manā īājim aīaқatā. «**Маро** боҷ доданд».

Nəmahyāmaғi išūidyāmahī **Θwā** (Авесто). “Туро намоз ва сипос мегузорем”.

2) Ба унвони пуркунандаи бевосита пеш аз хабари ҷумла омадааст:

Aғқamazdā θғvām daғštā īiyā. «Аҳуромаздо дӯсти ту бод».

Vīspem ca maθқəm spəntəm yazamaide (Авесто). Ҳамаи каломи муқаддасро меситоем.

3) Ба унвони мафъули сареҳ пешоварандаи фоили як банди мафъулӣ:

Mātyamām ҷšnāsātiy tya adam naiy īaқdiya amiy «Мабодо мардум маро бишносанд, ки ман Бардиё нестам».

4) Ба унвони мафъули дугона:

Naiy škaғқim naiy tғnғvatam zūқa akғnavam «На ба заиф на ба тавоно зулм накардам».

5) Ба унвони хабар барои пуркунандаи бевоситаи хабар:

**. Намунаҳои матни катибаҳои форсии бостон аз китобҳои зерин оварда шудаанд: 1.Кент Р. Форсии бостон.-Техрон, 1384.-511с. 2.Саймиддинов Д. Форсии бостон.- Душанбе: “Пайванд”,2007.-190с.

††.Намунаҳои матни Авесто аз китоби зерин оварда шудаанд:Ройшелт Р.Раҳёфте ба гоҳони зардуштӣ ва матнҳои нававестоӣ.- Техрон: Қуқнус, 1386.-738с.

‡‡ .Исм ё сифат ё гурӯҳе аз онҳо, ки баъд аз исми дигар бидуни касраи изофа меояд ва яке аз хусусиятҳои онро баён мекунад ё шарҳ медиҳад.

Ḫya dāqayavaғm ҷšāyaθiyam akғnaғš. «Ки Дориюшро шоҳ кард».

Āaʒ him jaiδyaʒ (Авесто). Сипас ӯро хостор шуд. Him-шахси сеюми танҳо дар ҳолати роӣ.

6) Барои баёни муддат замон монанди зарфи daqgam:

Daqgam jīvā «Зиндагиат дароз бод».

7) Барои баёни замони номуайян:

Ҷšapavā қағсapativā ava akғnavayatā «Чи шаб чи рӯз ҳамон карда шуд».

8) Барои баёни тасреҳ, монанди nāmā:

Maqgғš nāmā dahyāғš «Сарзамини Марв ном».

4. Ҳолати вобастагӣ (genitive) ё изофа дар форсии бостон чунин корбурд дорад:

1)Мансубияти як исм ба исми дигар:

Manā īadaka «бандаи ман», **рғϑқа** ahғқahe «Эй фарзанди Аҳуро».

2) Фоилӣ:

hya Ағқamazdāhā fқamānā «фармони Аҳуромаздо», dvišvat-ām tīišvatam “хусумати душман”.

3) Мафъулӣ:

Ағқamazdātaiy jatā īiyā. “Аҳуромаздо нобудкунандаи ту бод”.

Dayā poғқғ spaҷštīm tīišyantam.“Қудрати дидани душманро ба мо ато кун”(Авесто).

4) Тавзеӣ (тақсим шудан), баёнкунандаи як камияти комил:

viyaҷnahya māhyā ҶIV қағсайиš θakatā āha «**14 рез** аз моҳи вехан гузашт».

5) Баёни мутаммими (комилкунанда) замонӣ: hamahyāyā θaqda «дар ҳамон як сол».

6) Барои бадал ба ҳолати вобастагӣ: **dāqayavahaғš** ҷšāyaθiyahyā «шоҳ Дориюш».

7) Ба унвони сохти баройӣ бо мафъули бавосита: kāqahyā naiy azdā aīava «барои мардум маълум нашуд». At fқavaҷšyā aϑ hə ғš ahyā vahištəm. “Ман аз беҳтаринҳо барои ин ҷаҳон сухан хоҳам гуфт” (Авесто).

8) Ба унвони сохти бароии ирҷоъ (фиристодан, руҷеъ):

Ḫya šiyātim adā maқtiyahyā «ки шодиро барои мардум офарид».

9) Ба маънии дарӣ: hamahya ayān… hamayā vā ҷšarō. “Дар ҳамон рӯз ё дар ҳамон шаб”(Авесто).

10) Корбурд бо ҳуруфи пешояндҳои -patiy,-anғ.

5. Ҳолати дарӣ (locative**)** дар форсии бостон чунин корбурд дорад:

1) Баёни макони номуайян бидуни ҳарфи пешоянд:

ҷšāyθiya pāқsaiy «шоҳ дар Порс».

Adam hūvjaiy ҷšāyaθiya ahmiy. “Ман дар Хузистон шоҳ ҳастам”.

Adam ҷšāyaθiya ahmiy īāīiқaғқ. “Ман дар Бобул шоҳ ҳастам”

Бо пешоянди дар: Ni **antaқə** ząm asmanəmča dқғjå maniθd hazdyāt. Дуруҷ дар миёни замину осмон дар миёни ду мену ҷой мегирад (Авесто).

2) Баёни макон бо ҳуруфи пешоянди yāta: aīaқa yātā īāīiқaғv «то Бобул ҳамл карданд».

3) Баёни тасреҳ(рушан):nāma «ба номи».

4) Баъзан ҳолати дарӣ ҳамроҳ бо hačā “аз” ҷойгузини ҳолати азӣ мешавад, то макони мабдаъро нишон диҳад: hačā īāīiқaғv «аз Бобул».

6. Ҳолати боӣ (instкғmental) дар корбурдҳои зерин дида мешавад:

1) Пешоянди «бо» барои ифодаи ҳамроҳӣ:

pasāva haғv vidaқana hadā kāқā ašiyava «пас аз он ки он Видарна бо сипоҳ равона шуд».

2) Нишони вижа ва робита: Patišam aқiyā āhat. Ба илова ориёӣ буд.

Барои мафҳуми тасниях бой дар “Авесто” меояд: zastaēiīya“бо ду даст”, ašiīya “бо ду чашм”.

3) Барои нишон додани пайванд ва иртибот raқi-ay «эҳтиром гузоштан» меояд:

Imā dahyāva tyanā manā dātā araқiyāya «Ин кишварҳое, ки ба қонуни ман эҳтиром гузоштаанд».

4) Ба танҳоӣ барои нишон додани қобилият ва баёни тасреҳ:

Vašnā aғқamazdāha adam^ ҷšāyaθiya amiy «Ба хости Аҳуромаздо ман шоҳ ҳастам».

5) Барои ишора ба макон: Vaqdanam anŕv ŕfq̄tŕvā «Шаҳре дар канори Фурот».

6) Бо hačā барои ишора ба макон: hačā sakaiīiš «аз сакоиҳо».

7) Бо ҳуруфи пешоянд: yāta cūšāyā “то шуш”.

8) Бо ҳуруфи пешоянди aīiy барои ифодаи самт, сӯй.

Adam fq̄āišayam dādaqšiš nāma pāqsa… **aīiy** avam. Ман порсие ба ном додаршишро ба сӯи ӯ фиристодам.

7. Ҳолати азӣ (aīlative) ба маънои аз ҷо бардоштан, дур кардан, нуқтаи оғоз, маншаъ ва дар форсии бостон ва “Авесто” дар корбурдҳои зер зоҳир мешавад:

1) Бо пешоянди hačā барои тасаввуроти «аз»-и гуногун.

Aaƫ fqašūsaƫ zaqaθŕštqa, aqədvi sūqa anāhita hača daθŕśaƫ mazdå. Эй Зардушт! Ардави сура Аноҳито аз сӯи офаридгори маздо барехезад (Авесто).

2) Бо yātā «то» барои баёни мақсад дар фосилаи маконӣ.

3) Pasāva adam kāqam pāqsam fq̄āišyam aīiy vištaspam **hača** qagāya. “Пас ман сипоҳро фиристодам ба **Виштосп аз Рага**”.

Гоҳе аз лиҳози маънӣ ҳолати азӣ вобаста ба ҳолати изофӣ аст. Дар ҷумлаи зер вожаи manaṅhō “андеша” ҳам ҳолати азӣ ва ҳам ҳолати изофиро ифода мекунад:

At yūš daēva akāt **manaṅhō** stā čiϑqəm. Акнун ту эй дев аз дудмони андешаи палидӣ (Авесто).

Дар як ҷумла метавонад якчанд ҳолати гуногун биёяд. Чунончи дар ҷумлаи зер ҳолати роӣ (шайъ) ва дарӣ (макон) омадаанд:

Viθiyā imā **stūnā** adam akŕnavam. “Дар кох ин сутунҳоро ман сохтам”.

8) **Ҳолати бароӣ(dative)** хоси забони авестоӣ аст. Дар ҷумлаи зер ҷонишини шахси якуми ҷамъ дар ҳолати бароӣ омадааст:

Tąm yazata yō ašava Zaqaθŕštqō Aiqyene vaējahi “Ӯро бисутуд Зардушти ашаван дар Эронвиҷ”(Авесто).

Ҳолати бароӣ бештар барои ифодаи пуркунандаи бавосита меояд:

kahmāi māϑwaqōždūm. “Ки барои ӯ маро офаридӣ”.

Дигар аз навъи алоқа дар ҷумлаи форсии бостон ба воситаи бандакҳо ва ё анҷомаҳои шахсу шумораи феълҳо сурат мегиранд. Дар алоқаи мувофиқат калимаҳо аз рӯи шахсу шумора ба ҳамдигар баробар меоянд.

Yazāi hŕkaiqim īaqezōvispō vahməm zaqanaēnəm. “Ман кӯҳи заррини дар ҳама ҷо сутудаи Ҳукарро меситоям”(Авесто)

Pasāva adam kāqam fq̄āišayam Īāīiqŕm. “Пас ман сипоҳро ба Бобул фиристодам”.

Дар ин ҷумлаҳо мувофиқати комили мубтадо ва хабар ба назар мерасад. Чунончи дар ҷумлаи аввал ба вазифаи мубтадо ҷонишини шахси якуми танҳои mē “ман” ҳолати бароӣ ва хабари yazāi “меситоям” феъли шахси якуми танҳо бо анҷомаи “i” омадааст. Дар ҷумлаи дувум adam-ҷонишини шахси якуми танҳои “ман” ҳолати Nom ва хабари fq̄āišayam аз fq̄āstā-“фиристодан” феъли шахси якуми танҳо мебошад. Гоҳе барои ифодаи шумораи дугона (тасния) суратҳои ҷамъ ба кор меравад. Дар ҷумлаи зер īāzava aŕqŕša таснияи фоилӣ ва aspō stavyhiš ҷамъи фоилӣ мебошад:

Īāzava aŕqŕša aspō stavyhiš. “Бозувони сапеде сатабртар аз поҳои асп”.

Кори пайвандакҳо, пешоянду пасояндҳо таъйини нақши калимот дар ҷумла ва эҷоди иртибот байни ин аҷзоъ аст [2.9].

Пайвандакҳо калимаҳо ва ҷумлаҳоро ба ҳам алоқаманд карда, дар ифодаи муносибатҳои гуногуни байни онҳо хизмат мерасонанд. Пайвандакҳои пайвасткунанда дар забони форсии бостон иборатанд аз ŕtā «ва», пайчаспҳои čā «ва, ҳам», vā«ё» ŕtā ва čā, ки вожаҳо ва фарокардҳои комилро ба якдигар марбут месозанд. Намуна:

Pita pŕϑqasča “падар ва писар”(Авесто)

Yō gaϑwam…jainti **vā** vayeiti **vā** ҷqaosyeiti **vā**. “Ки зане ҳарза хоҳад зад, хоҳад ронд ё хоҳад тарсонд”(Авесто).

Ŕta nmānəm **ŕta** visəm **ŕta** zantūm. “Ва хонавада ва хешованд ва тоифа”(Авесто).

Дар катибаҳои форсии бостон вожаи махсусе барои «аммо» вуҷуд надорад. Аммо ба ҳар ҳол ŕtā ба унвони хунсокунандаи ҳарфи нафй (инкор) пеш аз худ амал мекунад. Vā бо калима ҳамроҳ меояд [2.10].

Kāqa Pāqsa ŕtā Māda. “ Сипоҳи Порс ва Мод”.

Баъзан пайвандаки пайвасткунандаи ŕtā бо нахустин вожаи ҷумла ё фарокард ё иборати худ мечаспанд ŕtā-taiy yāvā taŕmā ahatiy «ва то ҳангоме ки туро тавоноӣ аст».

Пайвандаки **ča** ҳамеша ба вожаҳо пайванд мехӯрад ва “ҳангоме ки дар як фарозмон чанд порчае барои намоён кардан ва ба ҳам пайвастагӣ додани вожаҳои он дар дунболаи як-як вожаҳо ҷо мегирад, маънии вови атфро медиҳад ва низ барои ҷудо кардани вожаҳо аз ҳам дар дунболаи вожа ба кор меравад” [3.1,491]. Ба монанди:

Dahmahe ča n̨aqš ašaonō damąm- ča vaŋŕhīm āfqitīm fqaešīāmahī antaqə- ča zam antaqə-ča asmanəm. “Марди доно Ашав, офаридагони даҳмонро мехонем, андар замин ва андар осмон” (Авесто).

Барои алоқаи тобеъ пайвандакҳои yat/yā “ки”, yada “ҳангоме ки”, yavatā /yavat “модом ки, зимни он ки”, yaθa “ҳамон гуна, ки”, yazi /yadi /yad “агар” хидмат мерасонанд:

Yadā aešąm kaēnā jamaiti. “Ҳангоме ки кайфари онҳо фаро бирасад”(Авесто).

Yezi dim nōit yaožda θənte… “Агар ӯро маҷбур ба татҳир накунанд”(Авесто).

Пешояндҳо дар забони форсии бостон воситаи грамматикии алоқаи байни калимаҳо мешуданд. Саҳми пешояндҳо дар ташкили робита дар ҷумлаи форсии бостон кам нест. Пешояндҳои форсии бостон вобаста, ба маънои калима, гунаҳои мухталифи он корбаст мешаванд ва онҳо муносибати гуногуни наҳвиро ифода менамоянд. Ҳуруфи пешоянд ва ҳуруфи пасоянд дар форсии бостон бо забони авестоӣ шабоҳат доранд. Пешояндҳои забони авестоӣ ati, aθiy «ба», anŕv, aha-, aīiy «ба, ба сеи», ava-, ŕd-,ŕpā «таҳти», ŕpaqiy «болои», taqa «аз миёни», ni-nij, nipadiy «пас», pa-,haišiyā, patiy, patiš «зидди», paqa, paqā «сар то сар», paqiy «дар бораи», pasā, fqa-, yātā, qādiy, hačā «аз», hadā “бо”. Пешояндҳои мутуни катибаҳои форсии бостон аз инҳо иборатанд: ā “ба”, aīi “ба, ба сӯи, ба ҷониби, ба назди”, antaq “андар, дар”, anŕv “ба ҷои, бар асоси”, aθiy“ба”, hačā “аз” ва ғайра. Дар форсии бостон пасоянди –qādi ва пешоянди patiy дар вазифаи пасоянд истифода шудаанд.

Дар матни зер аз “Авесто” барои ифодаи пешоянди “ба” якчанд калимаи ифодакунандаи самт, сӯй омадаанд: **āiδi** “ба василаи”, paiti “ба сӯи”, ava jasa “ба наздик”.

Āiδi paiti ava jasa, aqedvī sŕqe Anāhite, hača avaʒīyō stəqəīyō aoi ząm Ahŕqaδātąm!

Эй Ардависура Аноҳита аз фарози ситорагон ба сӯи замини Аҳура офарида биштоб! (Авесто)

Дар осори катибаӣ пешояндҳои hadā “бо”, aīiy “ба сӯи” василаи робитаи калимаҳои мустақил шудаанд:

Pasāva hadā **kāqā** adam ašiyavam **aīiy** Sakām. “Пас бо сипоҳ ба сӯи сакоиҳо шудам”.

Дар форсии бостон қисме аз пешояндҳо бо ҳолатҳо дар робита қарор доранд. Чунончи, дар ин матн пешоянди hačā “аз” бо ҷонишини шахси якуми танҳо дар ҳолати азӣ ё Aīl. қарор доранд:

Pasāva hačāma ataqsa Ūvçiyā. “Пас Хузиҳо аз ман тарсиданд”.

Гоҳе пешоянд ва сурати ҳолат такрори ҳамон маънӣ аст: a pāҷtaqāt hača naēmāt “аз ноҳияи шимолӣ”. Дар ин ҷо пешоянди hača ва калимаҳои зикршуда маънои оғозин ё азиро ифода мекунанд. Баъзан алоқаи байни вожаҳо бо пешоянд сурат мегирад, бо вуҷуди он ки сурати ҳолат аҳамияти сонавӣ (дуюмдараҷа) дорад: hača ŕšasta hɔndva “аз шарқи Ҳиндустон” . Дар ифодаи зерин калимаҳо дар ҳолати бой қарор доранд ва маънои оғозинро пешоянди hača ифода кардааст. Дар ин ҷо қоидаи барои ҳолат хос, ки зери таъсири пешоянд монда, риоя нашудааст.

Забони форсии бостон аз рӯи осори ёдгор монда, яке аз печидатарин дастгоҳ буда, гуногунии сохтори наҳвӣ онро комилан ба сурати забони таркибӣ (флективӣ) ва душвор овардааст, ки инро дар мисоли ҷумлаҳои дарҷ гардида дидан мумкин аст. Дар ҳоле ки забони форсии нав яке аз содатарин ва таҳлилитарин (аналитикӣ) забонҳои хонаводаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ аст.

Яке аз воситаҳои алоқа, яъне анҷомаҳои ҳолатҳо дар забони форсии миёна ҳазф гардида, ҷойи онҳоро пешояндҳо ва пасояндҳо ишғол менамоянд. Аз ҳолатҳо дар забони тоҷикии муосир танҳо ҳолати фоилӣ ва мафъулӣ мондааст, ки он ҳам бошад ба василаи анҷомаҳо ифода нагардида, балки дар алоқаи грамматикии байни ҳиссаҳои нутқ мушаххас мешаванд. Пешояндҳои форсии бостон низ дар забони форсии миёна содатар гардида, як пешоянд дар ҳамнишинӣ бо калимаҳо тобишҳои маъноии гуногунро ифода мекунад. Гузаштани дастгоҳи флективии забони форсии бостон ба дастгоҳи аналитикии забони форсии миёна аз таҳаввулоти ҷиддии забони форсӣ дар ин давра дарак медиҳад.

А Д А Б И Ё Т

1. Авасто. Гузориш ва пажӯҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ.- Теҳрон, 1371.
2. Ройшелт Ҳ. Раҳёфте ба гоҳони зардуштӣ ва матнҳои нававестоӣ. Гузориши Ҷалили Дӯстхоҳ.- Теҳрон: Қуқнус,1386.-738с

2.Адабиёти илмӣ:

1. Гавирӣ С. Забон ва хати авестоӣ.- Теҳрон,1388.-214с.
2. Кент Р. Форсии бостон.-Теҳрон, 1384.-511с.
3. Основы иранского языкознания. Древнеиранские языки.- М.: Наука,1979.-386с.
4. Роҳнамои забонҳои эронӣ. Веростор Шмит Р. Ҷ. 1 ва 2.- Теҳрон,1386.
5. Саймиддинов Д. Форсии бостон.-Душанбе: Пайванд, 2007.-190с.
6. Соколов С.Н. Авестийский язык.М.,1961.-116с.
7. Разӣ Ҳ. Дастури забони авестоӣ.- Теҳрон: Фраваҳар,1367.-593с.
8. Разӣ Ҳ.Омӯзиши хати мехии форсии бостон.- Теҳрон, 1389.-247с.
9. Фаршедвард Х. Ҷумла ва таҳаввули он дар забони форсии бостон.-Теҳрон,1382.-556с.
10. Ҷексон.Дастури забони авестоӣ.Тарҷумаи Беҳзодӣ Р.-Теҳрон: Фарзин, 1376.- 496с.

3.Адабиёти ёрирасон:

1. Фарҳанги Эрони бостон. Пурдовуд И.-Теҳрон,1380.-371с.
2. Фарҳанги вожаҳои Авесто. Баҳромӣ Э.-Теҳрон,1369.-1663с

СПОСОБЫ СВЯЗЕЙ В ПРЕДЛОЖЕНИЯХ ДРЕВНЕПЕРСИДСКОГО ЯЗЫКА АВЕСТИЙКОГО ЯЗЫКОВ

В данной статье рассматриваются 8 падежей, предлоги, постпозиции и союзы, которые являются основными средствами связи слов в предложении древнеперсидского и авестийского языков. Приведены примеры с древними падежами и их значениями, предлогами и союзами.

Ключевые слова: древнеперсидский язык, авестийский язык, способы связей, падежи и их виды, предлоги.

WAYS OF COMMĺNICATIONS IN THE OFFEḰ OLD PEḰSIAN AND AVESTIAN LANGĺAGES

In the given aḱticle 8 cases, pḱepositions, postpositions and the conjŕnctions which aḱe the ïasic means of commŕnications of woḱds in the offeḱ old Peḱsian and langŕage aḱe consideḱed. Eљamples with ancient cases and theiḱ valŕes, pḱepositions and the conjŕnction aḱe pesented.

Key wods: old Peḱsian langŕage, Avestian langŕage, ways of commŕnications, cases and theiḱ kinds, pḱepositions.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Ф.Х. Шарипова-*** докторант Таджикского национального университета.

СЕМАНТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ДИПЛОМАТИЧЕСКОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ В «СИЁСАТНАМЕ» НАСИРУДДИН ТУСИ

Х. А. Саидов
Таджикский национальный университет

Семантический способ является одним из важнейших способов образования не только в дипломатической терминологии, но и во многих других отраслях науки. Значительное количество научных терминов во многих языках образуется путем изменения значений слов общелитературного языка и терминов, заимствованных из других отраслей науки.

Процесс терминологизации непростой. Он касается, прежде всего, семантических свойств терминологизируемых лексических единиц. Процесс терминологизации соприкасается с соотношением различных типов значений и понятийного аспекта, которыми различаются термины и общелитературные слова. Как известно, исследователи выделяют формальное и содержательное понятие [Караулов 1981], «наивное» и общее понятие [Новиков1982; Звегинцев1957; Апресян1974], «бытовое» и научное понятие [Стернин 1979, 52; Левковская 1962,149].

Общеупотребительное слово соотносится с «бытовым» понятием, т. е. обобщенным представлением о классе предметов, известных всем членам данного языкового сообщества. Термин в отличие от него соотносим с «научным» понятием, т. е. всем комплексом специальных знаний о предмете, которым располагает современная наука. «Бытовые», или «обиходные», понятия и понятия научные существенным образом отличаются друг от друга. Научные понятия базируются на сущности тех или иных явлений, постигаемой учеными путем упорного труда в результате многолетнего (иногда даже многовекового) изучения этих явлений с пользованием научного наследства предшествующих эпох с применением все усложняющихся с развитием человеческих знаний научных вспомогательных средств, научной аппаратуры. Исследователи еще в середине прошлого века установили, что «бытовые» понятия опираются лишь на практический человеческий опыт многих поколений, полученный от наблюдения этих явлений «невооруженным глазом», и чисто практического их использования; при этом постигается не внутренняя сущность этих явлений как таковых, но лишь их внешние черты и их роль в жизни человека» [Левковская 1962, 149].

В теоретическом осмыслении данного типа терминологизации существенны также устанавливаемые в семасиологии два типа номинации — первичная и вторичная. Под первичной номинацией понимается «соотнесение отражаемого в сознании фрагмента внеязыковой действительности и звуковой оболочки, впервые получающей функцию называния» [Языковая номинация 1977, 73]. Под вторичной номинацией понимается «использование уже имеющихся в языке номинативных средств в новой для них функции наречения» [Будагов 1974, 129]. Способ использования имеющихся в языке слов в качестве звуковой оболочки вновь созданного смысла широко распространен в языке. Исторически все непроизводные слова современных языков могут рассматриваться как вторичные номинации. В современном состоянии этот способ является основным средством формирования вариативности семантики слова и развития многозначности лексических единиц.

В то же время существуют определенные закономерности в реализации данного способа вторичной номинации он не может быть произвольным или случайным, так как слова, выбираемые для обозначения новой для них функции наименования, должны соответствовать не только по звуковой форме, но и обладать соответствующим внутренним содержанием. Выбор новой звуковой формы предполагает наличие определенного сходства или общих семантических характеристик исходного и нового наименования [Белявская 1987, 38].

В приводимых ниже примерах слова соотносятся с одним и тем же референтом, данные эквиваленты определенным образом различаются по денотатам, т. е. конкретным признакам, принятым в качестве основы наименования. В нашем случае это либо определение, либо дополнение к термину, то есть выраженное следующим

образом определение (прил.) + слово (сущ.) = термин выраженное в словосочетании: ***договор – аҳднома – treaty, соглашение – шартнома - agreement (двусторонний договор - аҳномаи дуҷониба – bilateral agreement); визит – боздид - visit (официальный визит – боздиди расмӣ – official visit);акт – санад – act (международные правовые акты – санадҳои ҳуқуқии байналмиллалӣ – international legal acts); заявление – баёния - statement (совместное заявление – баёнияи муштарак – joint statement); база – пойгоҳ - base (военная база - пойгоҳи ҳарбӣ – military base); нота – нота - note (дипломатическая нота – нотаи дипломатӣ – diplomatic note); иммунитет – дахлнопазирӣ - immunity (дипломатический иммунитет – даҳднопазирии дипломатӣ – diplomatic immunity); грамота - нома – paper (верительная грамота – эътимоднома - ccredntials); привилегии – имтиёзҳо – privileges (привилегии дипломатического представительства – имтиёзҳои намояндагии дипломатӣ – privileges of diplomatic representation); полномочия – салоҳият - power (представитель, наделенный всеми полномочиями – вакили салоҳияти пуррадодашуда – representative presented by full power)***.

Анализируя процесс именования новых материалов и товаров, «вновь созданных» именований, отмечает, что они относятся к специальным областям и напоминают имена собственные [Белявская 1987, 36].

Важным в процессе номинации является формирование функциональной значимости единицы языка, при которой отражаются не только важнейшие специфические свойства предмета, но и они получают определенную оценку, определяя его общность с другими предметами и явлениями. С другой стороны, процесс номинации предполагает формирование коммуникативной значимости единицы, при которой определяется круг тех ситуаций коммуникации, в которых данное слово может употребляться в процессе реальной коммуникации (официальная, неофициальная или нейтральная ситуации общения).

При семантическом способе образования дипломатической терминологии в русском и таджикском языках, наблюдаются следующие типы развития семантики слов:

а) терминологизация общелитературных (в том числе и общенародных) слов;

б) специализация значений общелитературного слова и словосочетания;

в) семантическое переосмысление издавна существующих в языке слов.

Проникая в сферу определенной науки для наименования назначенных понятий, слова общелитературного языка приобретают те свойства, которыми характеризуются термины, т.е. терминологизируются. Термины берутся из общелитературного языка в неизменном виде, при этом ничего структурно нового не возникает, а образуется лишь новое значение. В данном случае новое содержание вкладывается в старую форму, что отличает семантический способ терминообразования от других способов.

Общелитературные слова сопоставляемых языков составляют:

а) так называемая полифункциональная лексика, т.е. слова, которые одновременно являются принадлежностью и общего, и специального употребления. Это многие феномены таких направлений как война, мир, права, коммуникативные процессы быта, политика, географические понятия и т. д. *(агрессия, преступление, сосуществование, мирный договор, земля, река, внутреннее море, территория, законность, граница, интерес, народы, страна, государство* и т.п.). Различаются они в зависимости от сферы употребления степенью определенности значения и соответственно определением их в толковых словарях общелитературного языка и в специальных словарях;

б) слова, общеупотребительные, по происхождению, но ставшие терминами благодаря семантическому преобразованию *(лицо, глава, действие, сторона, посланник – шахс, сарвар, амал, тараф, фиристода – one (person), head, act, party, envoy* и др.). Это очень продуктивный на всем протяжении развития терминологии, так называемый семантический способ, основанный на метафорическом и других форм переноса значения слов.

Значительная потенциальность возможностей общеупотребительных лексем первого типа употребляеся в функции дипломатических терминов, обусловлена

двумя факторами: 1) спецификой их номинативной функции и 2) спецификой содержания бытового понятия, а именно — высокой степенью его абстрактности. Поскольку терминологизация лексем первого типа связана, прежде всего, с изменением сферы функционирования.

Процесс привлечения общеупотребительных лексем в терминологию сферы дипломатической науки связан с несколькими линиями, направленными на превращения общеупотребительного слова в научный термин, в качестве главных из которых выделяют: 1) изменения функций общеупотребительных слов или слов других сфер употребления с номинативной на дефинитивную; 2) углубления и научной конкретизации бытового понятия, обозначенного этой общеупотребительной лексемой; 3) путем увеличения информационного объема в дефиниции в отличие от толкования.

Отграничиваясь друг от друга, значения общелитературного слова и дипломатического термина вступают в определенные взаимоотношения. В семантической структуре общеупотребительного слова происходит расширение за счет прибавления нового для него функционального терминологического значения. Так, термины ***держава – абарқудрат - powerfull; записка –қайд(нома) - note; агрессия – aggression -- таҷовуз; Ҷанг – война - war; намояндагӣ – представительство - representation; робита – сношения - relation; фавқуллода – чрезвычайный - extraordinary; кафил (ҳомӣ) – гарант - garantee;*** и др. возникли в результате терминологизации общелитературных слов сопоставляемых языков.

Такие общеупотребительные слова в роли терминов отличаются сферой употребления и выполняемой функцией. Как терминам им отвечает дефиниция с более точными и конкретными параметрами содержания и соответствующих понятий. Терминологическое понятие, обозначенное такой лексической единицей, является более широким, а бытовое соответственно уже; дифференциация и углубление семантических структур этих единиц осуществляются на уровне сем в результате изменения сферы функционирования.

К терминам могут относиться также слова, диалектные и просторечные по происхождению. Термины-диалектизмы сохраняются в отраслевых терминологиях, связанных с территориально ограниченными объектами номинации.

Значительную часть названий составляют слова, заимствованные из других национальных языков, что является естественным процессом формирования терминологии дипломатической сферы в русском таджикском языках.

Метафорическое переосмысление является одним из важнейших источников обогащения терминологической системы любого языка, в том числе и дипломатической терминологии русского и таджикского языков.

Метафорические переосмысления основаны на различных видах сходства, реальных или воображаемых предметов, явлений, свойств, и могут обозначать различные географические объекты. В целом, как свидетельствует сопоставительный анализ, терминологизация общеупотребительных слов основывается на следующих типовых метафорических переосмыслениях:

- название по сходству внешних признаков**:** ***международный договор – аҳдномаи байналхалқӣ – international treaty; антикоминтерновский пакт – (муоҳидаи) пакти зиддикомминтернӣ - antikomintern pact; региональное соглашение - шартномаи минтақавӣ - regional agreement; военный нейтралитет – бетарафии ҳарбӣ – military neutrality; международные обычаи – одатҳои байналхалқӣ – international customs- фармошгарони байналхалқӣ*** и др.

- осмысление на основе фактора место возникновения международных феноменов и событий: ***Маастрихтский договор – аҳдномаи Маастрихт – treaty of Maastricht; Фултонская речь (W. Churchill) – нутқи Фултон – The Fulton speech; Мюнхенский заговор – созиши Мюнхен – The Munich plot; Мюнхенская речь(В.В. Путин) – нутқи Мюнхен – The Munich speech; Венский конгресс – конгресси Вена – Vienna congress;Карибский кризис – бӯҳрони Кариб – Caribbean crisis; Хельсинский пакт – муоҳидаи Хелсинкӣ – Helsinki pact; Киотский протокол – протоколи Киото – Kyoto protocol; Тегеранская встреча – вохӯриш Теҳрон – Teheran meeting*** и др.;

- сходство со спортивными качествами, каких либо международных или дипломатических явлений: ***пинг-понговая дипломатия – дипломатияи пинг-понги; притягивание канатов (переговоры) – бандкашӣ (дар музокира) - pulling the rope;***

- метафорическое осмысление выражений международных феноменов и явлений имеющих переносный смысл, косвенное значение: ***мягкая мощь – қудрати нарм – soft power; жесткая мощь – қудрати дурушт – hard power; мировой жандарм – жандарми дунявӣ - world gendarme.***

- по значимости или преобладанию признака определенного феномена: ***мирный договор – аҳдномаи сулҳ – peace treaty; конфликт латентный – муноқишаи латентӣ (пинҳонӣ) – latent conflict;***

- сходству структуры: ***акт – санад (международные правовые акты - санадҳои ҳуқуқии байналмиллалӣ – international lawful acts);***

- исходя из практики и действия в международных отношениях: ***акт агрессии – амали таҷовузгарона – act of aggression; угроза безопасности – таҳдид ба амният; неправомерное действие – амали зиддиҳуқуқӣ – illegal act;***

- номинация дипломатического (международного) события, явления, феномена путем соотнесения его признаков с именем лица, сыгравших существенную роль в их характеристике: ***нота Сталина – нотаи Сталин – Stalin's note; Доктрина Монро - доктринаи Монро – doctrine of Monro; манифест Дарийа – изҳороти Доро – Doro manifest; линия Дюранда – хати Дюранд – Durand line;*** **и др.**

- при именовании дипломатических объектов, явлений, событий широко используется метафорическое переосмысление путем соотнесения его с характерными чертами некоторых представителей животного мира, сравнения с признаками и свойствами: ***тянуть кота за хвост (переговоры) – кашидани гурба аз дум; верблюдова стойка – истоди шутур (переговоры); заячьи бега (увиливание от вопроса) – гурези заргӯш;***

При метонимическом переосмыслении также наблюдаются различные виды соотношения смежности. Некоторые виды метонимического переосмысления в дипломатической терминологии являются наиболее продуктивными видами переосмысления общеупотребительных слов и их терминологизации в сферу дипломатической терминологии.

Как показывает механизм перехода общеупотребительного слова в разряд термина посредством переноса значения с одного предмета на другой, который сопровождает слово при терминологизации, в семантической структуре терминологизируемого слова происходят различные изменения.

В лингвистической литературе выделяют следующие типы изменения значения: *расширение* значения, *сужение* значения и различного рода *сдвиги* значения [Звегинцев1957].

Под *расширением* значения понимают переход от частного значения к более общему. Например, у термина - существительного ***акт*** первоначальное значение расширилось: (‘***акт агрессии – амали ваҳшоният – act of agression***), оно стало использоваться также для обозначения других дипломатических понятий: ***правовой акт – санади ҳуқуқӣ – legal act (название документов) учредительный акт – санади муассисон;*** **и др. Сравните также:** ***конфликт – низоъ – conflict (дипломатический конфликт – низоъии дипломатӣ – diplomatic conflict – расхождение и противопоставленность позиций представителей государств): вооруженный конфликт – низоъи ҳарбӣ – armed conflict; приграничный конфликт – низоъи наздисарҳадӣ; конфликт интересов – низоъи манфиатҳо – conflict of interests;*** и др.

Сужение значения представляет собой переход от более общего значения к более частному. Одним из частных случаев сужения значения является специализация**,** которая заключается в том, что родовое название применяется к отдельной частной группе, представляющей в глазах говорящего соответствующий род.

При *смещении* или *сдвиге* значения изменение значения происходит по смежности (название содержащего, например, становится названием содержимого, название причины становится названием результата, название знака — названием обозначаемого и т. д. и обратно). Ср.: ***положение – ҳолат – provision: положение***

договора – муқаррароти шартнома – provision of an agreement. Сдвиг или смещение значения, в свою очередь, является случаем появления нового ЛСВ (лексико-семантическое выражение) слова при сохранении (в большинстве случаев) исходного ЛСВ.

Способы изменения значений при терминологизации разнообразны и в отдельных случаях индивидуальны. При этом при терминологизации в терминологизируемом слове могут реализоваться различные потенциальные значения общеупотребительного слова. Ср. ***Джентльменское соглашение – шартномаи наҷибона (мардонавор)*** – «договор, заключающийся в устной форме на доверии договаривающихся сторон»; - переосмысление, семантическое расширение значения слова *джентльмен: джентльмен* – не метонимическое переосмысление от значения определенной благородной когорты общества – аристократичного характера. Ср. Джентльменское - благородное, заслуживающее доверие, - «стиль и дух заключения договора, основанное на порядочности», т.е. сравнение с самыми благородными традициями, уподобление его носителю, синонимом к которому выступает *джентльмен.* Этот признак становится основным также в таджикском эквиваленте *наҷибона* – ***шартномаи наҷибона*** – соглашение, не подписываемое, а заключаемое в устной форме.

Так как параграф посвящен семантике дипломатических терминов русского и таджикского языка, в своем исследовании мы будем ограничиваться наиболее представительными терминами.

В семантическом плане наиболее разработанными в русском и таджикском языках являются термины выражающие структуру статус и делопроизводство в дипломатии.

Как известно стревки персоязычных народов, в том числе таджиков, прекрасно разбирались в ведении переговоров – баррасии масъалахои бурундавлати, искусству внешних отношений – санъати равобити хорича, заключение договоров – акди ахдномаҳо и др. и участвовали в дипломатических переговорах как истинные патриоты родины, защищая интересы родины.

Вазьмем к примеру термин Сафир – Посол - Ambassador. Принято считать, что этот термин изначально не имел свои исконные корни, а стал результатом прямого перевода - является деривационным термином.

Хотя немалое количество лексикографов давали в своих фархангах различные и зачастую убедительные толкования терминам **сафир (посол - ambassador)** и **фиристода (посланник - lagate)** но только не словарных статей в “Бурҳони қотеъ”, “Фарҳанги забони тохикӣ” и текста “Шахнаме” видно, что слово **фиристода** семантическая шире, обозначая совокупность всех дипломатических посланцев и выражая более обширное понятие.

Байт:

Фиристода бувад хар ки доно бувад,

Ба гуфтан далеру тавоно бувад. [“Шахнаме”, т. 5, с.338].

Послан должен быть тот, кто умён,

Смелым в речах и силён (воля).

В этих стихах заключены основные критерии отбора дипломатов:

1) ум, интеллект – доногӣ (доно)

2) речь – сухан (гуфтан)

3) смелость – ҷасорат (далерӣ)

4) сила - тавоноӣ

Термины, выражающие дипломатическое делопроизводство и ранговую иерархию, являются важнейшей частью дипломатической лексики “Шахнаме” содержат примерно 57 единиц. Из этого числа только персидско-таджиксие термины ***фиристода – посланец (посланник) и сафир (сафарбаркарда) – посол (посланный)*** относятся непосредственно к дипломатической тематике - ранг и статус.

Другой знаменитый писатель, министр (Великий Везир) Низомулмулк Туси в своей эпохе использовал следующие термины: ***байъат – договор - treaty, аҳду паймон кардан – заключать союзнические отношения – to make a aliance, итмоми барот – завершение документации – the ending of documentation***.

Так, например, касательно такой тематики как дипломатические приёмы и этикет (протокол) в «Сиёсатнаме» Низомулмулки Туси написано:

***«Бор додан** бар **фиристодагони** мамлакати дигар аз **бизоатнокии мамлакати** худ далел аст, ва инчунин далел бар **шукӯху хашамат хохад буд**. **Фиристодагон** нашояд бар **саравари** хеш арзи он кунанд, ки ӯ ин мамлакатро **бикушод**»[Девонакулов, Султонов, 1989, 78].*

В этом своем наставлении будущим правителям Низамулмулк говорит:

*«**Устраивать приёмы (дипломатические) послам** других государств, говорит (доказывает) о **состоятельности государства**, а еще говорит о **величии государства**. **Послы**, вероятно, не станут просить своего государя, чтобы он **захватил (аннексировал)** это государство.*

Таким образом, здесь приведены следующие термины:

По тематике протокол и этикет:

Бор додан – устраивать приём – to give a reception

Бизоатнокии мамлакат – состоятельность государства

Шукӯху ҳашамат(бузургӣ, иқтидор) – величие – power

По тематике право и действия:

Бикушод (аннексия) – захватить (аннексировать) – to annex

Таким образом если учесть, что книга «Сиёсатнома» («Сиёсатнаме») была написана в 1092 году, становится ясно, что большинство дипломатических терминов в таджикском языке не являются полностью деривационными, а имели быть из спокон веков в семантико-понятийном смысле. В результате этого становится ясно, что дипломатическая терминология как на таджикском языке, так во многих языках, в том числе и на русском, подверглись существенной унификации в лексико-семантическом и семантико-тематическом смысле, путем фонетической или же семантической деривации терминов.

Касательно семантики дипломатической терминологии русского языка, можно с уверенностью сказать, что хотя и на современном этапе очень широкий спектр дипломатической и международной деятельности ведется с использованием в основном заимствованных и деривированных терминов, русский язык никогда не был лишен собственной терминологии в лексическом и семантическом плане.

Доказательством тому являются исторические сведения о ведении международных и дипломатических отношений, с использованием специальной терминологии.

Так, например, управление и делопроизводство допетровской Руси отличалось тем, что в силу не достаточной развитости языка дипломатического делопроизводства (отсутствии утвердившейся терминологии), был связан с непрерывной корректировкой и разрабатыванием документов.

По этому поводу ученый, специалист Качалкин А. Н пишет:

«Русский документ, – плод коллективного творчества; прямые указания с середины XVI в. на необходимость коллективного составления ряда документов. Практика составления черновика с переписыванием на беловик как способ усовершенствования документа в содержательно-стилистическом и каллиграфическом отношениях» [Качалкин, 1988, 69].

Автор также подчеркивает важнейшие языковые особенности памятников делового письма XI – XIII вв**.** (***договоров, древнерусских грамот, «Русской правды»***), историю жанров допетровского документа в истории сложения и развития видов русского документа. Латентное состояние жанров. Упоминание в летописях видов документов с названиями ***ответ, завещание, заповедь, укрепление, докончание***. Появление первых самоназваний деловых и дипломатических текстов: ***устав, ряд, правда***.

Так же имеются эквиваленты современным дипломатическим терминам, дипломатические документы которые применялись в Древней Руси: ***крестное целование, целовальная запись, мирное докончание***. Как мы видим термины древнерусской дипломатии в семантическом плане не сильно отличаются от современных терминов, но в лексическом, морфологическом, фонетическом и орфографическом плане имеются определенные различия.

Языковыми свойствами допетровских документов XVI – XVII вв., являются характерные особенности и типические тенденции в терминообразовании названий документов. Зарождение у названий документов терминологической определенности. Роль ***уложений*** и ***уставов*** в их терминологическом утверждении. Опорные элементы для названий документов, фиксирующих устную речь и различные речевые действия. Названия документов как результат семантических изменений в слове. Метонимически сокращенные названия. Причины различных названий одного документа: разный объем содержания названий; совмещение в одном названии различных ключевых слов; разное значение текста для субъекта и объекта; функционирование документа в различных по времени канцеляриях.

Морфологическими признаками языка дипломатического делопроизводства является смысловая нагрузка и регулярность употребления конкретных частей речи. Ограниченное употребление в документах некоторых категорий слов и конструкций. Плеонастическое (с современной точки зрения) употребление имен и личных местоимений.

Синтаксическими особенностями дипломатического делопроизводства данной эпохи (допетровская) является семантическая компрессия фрагментов документа и включение этих элементов текста в синтаксические конструкции. Регулярное использование условных и императивных конструкций. Опущение подлежащего в сочетании с многосоюзием. Союзы при нанизывании придаточных на стержень сложноподчиненного предложения. Появление в XV – XV11 вв. в условных конструкциях новых союзов и соотносительных слов, расширение функций прежних союзов и союзных слов. Преобладание косвенного вопроса над прямым.

Стилистическими свойствами дипломатических текстов допетровской эпохи является редкое употребление в деловых текстах риторических фигур ради выявления и фиксации грамматических форм порядка слов. Правильный порядок слов – центр передачи мысли, основа документного текста во имя верного понятия о деле с точки зрения действующих лиц. Использование стилистических фигур с целью особой конкретизации действия или указания на равное значение отдельных фрагментов текста.

Дипломатическая терминология существенным образом развивалась в эпоху Петра I. Это связано с масштабным развитием Российской государственности в эту эпоху. Преобразование Московского государства в Российскую империю, реорганизация высшего центрального и местного аппаратов власти, кадровый состав коллежской канцелярии, его влияние на документооборот, совещательный порядок рассмотрения и решения дел, законодательное закрепление норм делопроизводства. Жесткое требование письменных форм, запреты ***устных указов («словесных указов»)***, обязательность ссылки на законодательство при докладах по делам, сочетание коллективной и личной ответственности при создании документа. Порядок слушания “интересных” и “приватных” дел, резолюция в виде готового ответа по затронутому в документе вопросу, пространные и краткие протоколы, «повседневные записки» с изложением содержания текущих дел, все это существенным образом изменило терминологию многих ветвей государственной деятельности, в том числе дипломатической, в семантическом и в лексическом плане.

Например, появились семантические разновидности устойчивых оборотов дипломатической и деловой речи: формулы мотивировки действия, исполнения, обещания, извещения, распоряжения, удостоверения, прошения.

В эпоху Петра I существенно изменилась семантическая составляющая дипломатической терминологии, так как именно в этот период началось создание новой делопроизводственной терминологии при бурном проникновении заимствований из живых европейских языков. Освоение западноевропейской терминологии.

Терминология дипломатии значительно усложнилась и в послепетровский период (XVIII) Были составлены специальные системы документирования: международные нормы на формуляр и лексический состав дипломатических документов. Расширение состава договорной документации: ***трактаты, конвенции, протоколы, инструменты***. Риторические приемы торжественного стиля договоров.

Коллегии иностранных дел с иностранными правительствами ***нотами, мемуарами, меморандумами***. Связь русских дипломатических представителей со своим правительством ***реляциями и депешами***. Именно в этот период появились семантико-стилистические отличия писем от удостоверительных дипломатических документов. ***Частные (партикулярные) письма*** для ***секретных сношений***: ***цидулы, цидулки, особливые письма***; их стилистическое своеобразие.

В первой половине XIX века, началось официальное воздействие на семантико-стилистические свойства документов – контроль за терминологией, рекомендации к исключению дублетов и неоправданных синонимов.

В конце XIX и начале XX века увеличились виды и разновидности дипломатических документов: ***вербальные ноты, ратификационные грамоты, верительные и отзывные грамоты, политические доклады, отчеты, всеподданнейшие доклады, конвенции, визы*** и другие подобные.

Таким образом, анализ хронологии дипломатического делопроизводства в России показывает, что в семантико-тематическом и в лексико-семантическом плане дипломатическая терминология русского языка значительным образом европеизировалась и существенным образом заимствовала английские и французские термины, тем самым отрываясь от собственно-русских дипломатических терминов.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Виноградов В.В. Введение // Покровский М.М. Избранные работы по языкознанию. – М., Изд-во Акад. наук СССР, 1959. – С. 3 – 18.
2. Виноградов В.В. Лексикология и лексикография. – М.: Наука, 1977. – 312 с.
3. *Вольф Е.М. К вопросу о классификаторах признаков // Филологические науки. 1982. № 2. – С. 32-38.*
4. Гак В. Г., Ройзенблит Е. Б.. Очерки по сопоставительному изучению французского и русского языков. – М.: Высшая школа, 1965.–243 с.
5. Гак В.Г. К проблеме семантической синтагматики.
6. Даниленко В.П. Терминологизация разных частей речи (термины-глаголы // Проблемы языка науки и техники. – М.: Наука, 1970.

СЕМАНТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ДИПЛОМАТИЧЕСКОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ В «СИЁСАТНАМЕ» НАСИРУДДИН ТУСИ

Данная статья посвящена проблеме функционирования терминология и ее специфические аспекты в изучении дипломатических терминов и терминологии в сопоставляемых языках. Данная работа может быть использована дипломатами, студентами и аспирантами филологического направления.

Ключевые слова: термин, исследование, проблема, международный, аспект, разносистемных языках, семантика, определение, употребления, дипломатия, номинация.

THE SEMANTIC ANALYSIS OF DIPLOMATIC TERMINOLOGY IN "SIYOSATNAME" NASIRUDDIN TUSI

Given article is devoted a problem of functioning terminology and its specific aspects in studying of diplomatic terms and terminology in compared languages. The given work can be used by diplomats, students and post-graduate students of a philological direction

Key words: the term, research, a problem, international, aspect, different languages, semantic, definition, the use, diplomacy, nomination.

СВЕДЕНИЕ ОБ АВТОРЕ: ***Х.А.Саидов***-заведующий общеуниверситетской кафедрой английского языка Таджикского национального университета, кандидат филологических наук, доцент. Телефон: **(918)-78-09-00.**

КОРБАСТИ ГИДРОНИМҲОИ МОВАРОУННАҲР ДАР «КИТОБ-УЛ-МАСОЛИК ВАЛ-МАМОЛИК» - И ИБНИ ҲАВҚАЛ

Д. Ҳомидов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мусаллам аст, ки осори зиёди таърихӣ, ҷуғрофӣ ва адабию бадеӣ дар хазинаи тамаддуни ҷаҳон маҳфузанд, ки аз онҳо роҷеъ ба таъриху ҷуғрофиё ва фарҳангу тамаддуни халқамон маълумоти ҷолиб пайдо намудан мумкин аст. Яке аз ин асарҳо «Китоб-ул-масолик вал-мамолик»-и ҷуғрофиядони араб Ибни Ҳавқал мебошад ва ӯ ин асарро соли 977-и масеҳӣ пас аз сафари мамлакатҳои Африкаи Шимолӣ, Марказӣ ва Гана, инчунин ба Испаниё, Итолиё, Эрон, Ҳиндустон ва Моварои Қавқоз намудааш ӯ бо унвони «Китоб-ул-масолик вал-мамолик» («Китоб оид ба роҳҳо ва мамлакатҳо») таълиф менамояд. Китоби мазкур бо номи китоби «Сурат-ул-арз» низ машҳур аст, ки мо бо ҳамин ном дар ин гузориши илмӣ номи асарро овардаем. Дар ин асар Ибни Ҳавқал ҳамчун яке аз нахустин ҷуғрофидонони араб мушоҳидаву мулоҳизаҳои худ ва маълумоти шоҳидонро мавриди таҳлилу баррасии хеш қарор додааст. Ин асар маълумоти муфассали ҷуғрофӣ ва мардумшиносии давлату кишварҳои Шарқи исломӣ, қисман қитъаи Аврупоро дар бар мегирад. Ӯ дар асарҳояш доир ба нимҷазираи Арабистон, халиҷи Форс, Испаниё, Миср, Сурия, Ироқ, Эрон, Мовароуннаҳр ва Моварои Қавқоз маълумоти муфассал додааст. Маълумоти Ибни Ҳавқал роҷеъ ба шаҳру навоҳии Мовароуннаҳр-Самарқанд, Бухоро, Чоч, Хуҷанд, Ӯш, Тирмиз, Қубодиён, Кеш, Чағониён, Ахсикат, Ҳулбук, Бунчикат, Фарғона, Хоразм, Истаравшан, Суғд, Бадахшон, Хатлон ва монанди инҳо дорои аҳамияти бузурги илмию таърихӣ мебошад.Муаллифи асар ба сифати мулҳақот ба асари худ 20 харитаи ҷуғрофии дорои тасвири ноҳияву кишварҳоро тартиб додааст.

Тавре маълум аст, дар фасли сездаҳуми ин асари ҷуғрофиёӣ муаллиф доир ба сарзамини Мовароуннаҳр, ҳудуди ҷуғрофии он, остону вилоёт ва мардуми ин сарзамин, забону расму оини эшон маълумоти ҷолибу диққатҷалбкунандаеро овардааст. Аз ҷумла, ӯ дар ин бобат чунин менигорад: «Мовароуннаҳр маҳдуд аст аз Машриқ ба Фомар (Помири кунунӣ–Ҳ.Д.) ва Рошт (Рашт ё Қаротегин-Ҳ.Д.) ва бахше аз ноҳияи Тароз, ки камонвор ба Воробу Сатканд, Суғду Самарқанд ва навоҳии Бухоро то Хоразм кашида шуда, ба дарёчаи Хоразм мунтаҳо мешавад. Ва аз Шимол ба сарзамини туркони харлахӣ, ки аз дуртарин нуқтаи сарзамини Фарғона то Тароз ба хати мустақим кашида шудааст. Хоразму Хуттал дар Мовароуннаҳр ҳастанд, зеро Хуттал миёни рӯди Вахшобу Харбоб (Ҷарёб) қарор дорад ва рӯди Ҷайҳун, Харбоб ва навоҳии поинтар аз он ҷузъи Мовароуннаҳранд ва Хоразм, ки маркази он аст, пушти рӯд аст ва ба шаҳрҳои Мовароуннаҳр наздиктар аз шаҳрҳои Хуросон мебошад ва ман ин суханро ба такрор гуфтаам» [130].[§§] Ё дар ҷойи дигар доир ба табиати ин сарзамин чунин меафзояд: «Мовароуннаҳр дар саросари дунё ба фарохии неъмату сафо ва хуррамӣ ва пурбаракат будан маъруф аст. Мардумони он

[§§] Ҳудуд-ул-олам, Ибни Ҳавқал Сурат-ул-арз, Муҳаммад Обиди Иршод. Ҷаҳорбоғи гулҳо. – Душанбе: Адиб, 2008. – С. 130. – Минбаъд танҳо саҳифаҳои ҳамин асар дар қавсайн оварда мешаванд.
мавзеи ҷуғрофии ба об алоқаманд-дарё, баҳр, ҳавз, кӯл, чашма, шаршара, шаршар, чоҳ ва амсоли инҳоро меомӯзад. Баъзан дар илми ономастика (номшиносӣ) баҳри ифодаи таълимот доир ба тадқиқу таҳқиқи гидронимия истилоҳи «гидронимика» корбаст мегардад, ки аз луғати юнонии hidra - об,onumiya-ном гирифта шудааст, ки маънояш илм дар бораи номи мавзеъҳои обӣ аст.

ба некӣ рағиб ва дорои ҳадафи муқаддасанд. Ба зердастону бандагон бахшиш мекунанд ва дорои шавкату муноҷоту қувват ва далериву бузургворӣ ва донишу салоҳанд ва афроди бисёр ва созу барг доранд. Аммо фарохии неъмати он чунон аст, ки дар ҳамаи ақолиме, ки дар ин китоб зикр шудааст, қаҳт рӯй медиҳад, вале Моваро-ун-наҳр ҳаргиз қаҳт намебинад. Ва агар гоҳе сармо ё гармо ё офате ба кишти он ҷо бирасад, аз навоҳии дигар ниёзмандиҳои мардуми он таъмин мешавад» [133-134]. Боз поинтар роҷеъ ба меҳмондории мардумони ин сарзамин мулоҳизаҳои ҷолиби диққатро менигорад: «Бисёр меҳмоннавозанд ва аз меҳмоне, ки шабона бад-онон ворид шавад, нохурсанд нестанд, балки аз вай пазироӣ мекунанд, бе он ки вайро бишносанд ё таваққуи подош дошта бошанд. Дар Мовароуннаҳр ҳар молику тавонгаре кӯшиш мекунад, ки қасри бузурге бисозад ва меҳмонсаройи бузург низ тартиб диҳад. Он гоҳ тамоми рӯзро дар андешаи таъмини ниёзмандиҳои меҳмон ба сар мебарад ва бо шавқи фаровон аз меҳмон пазироӣ мекунанд ва ҳангоме ки меҳмоне ба ноҳия ворид шавад, мардуми он ҷо дар пазироии ӯ ба якдигар пешӣ меҷӯянд ва дар ин бора ба низоъ бармехезанд» [135].

Мусаллам гашт, ки сарзамини Мовароуннаҳр аз нигоҳи дорои табиату манзараи дилкашу зебо доштан ва мардуми меҳмоннавозу саховатпеша будан таваҷҷуҳи оламиёнро аз даврони бостон ба худ ҷалб кардааст. Аз ин ҷиҳат, ба ин мавзеъ сафар кардан ва аз хислатҳои ҳамидаи инсонии мардуми ин сарзамин баҳрабардорӣ намудану онро таблиғу ташвиқ кардан аз дер боз ба ҳукми анъана даромадааст. Дар ин асари ҷуғрофиёии ҷуғрофидони араб Ибни Ҳавқал низ ҳамин ҷиҳатҳо бо далелу бурҳон оварда шудааст. Мо низ дар доираи ин гузориши илмӣ тасмим гирифтем, ки роҷеъ ба номи дарёву чашмаҳои сарзамини Тоҷикистон, ки ҷузъи асосӣ ва ҷудонашавандаи Мовароуннаҳри таърихӣ мебошад, дар асоси маводи асари мавриди баррасӣ қарор гирифта маълумоте чанд бидиҳем. Бояд гуфт, ки дар асар номи зиёди дарёву рӯд, чашмаву кӯл ва дигар мавзеъҳои ба об иртиботдоштаи сарзамини Тоҷикистон дида мешаванд, ки дар забоншиносӣ ин гурӯҳи номҳои ҷуғрофиро яке аз шохаи номшиносӣ (ономастика) топонимия ва ҷузъи таркибии он гидронимия мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Гидронимия, тавре зикраш рафт, ҷузъи таркибии топонимика маҳсуб ёфта, маҷмӯи номи мавзеи ҷуғрофии бо об иртиботдоштаро мавриди омӯзишу баррасӣ қарор медиҳад.

Гидронимҳо дорои хусусиятҳои зиёди забонӣ, таърихӣ ва ҷуғрофианд. Шумораи умумии номҳои ба об алоқаманд ва ё гидронимҳо (аз калимаи юнонии hidro-«об»), тавассути мавҷудияти шаклу муродифоти зиёд аз худи шумораи мавзеъҳои обӣ зиёдтаранд. Як дарё ва ё баҳр дар тӯли таърих метавонад чандин маротиба номи худро табдилу тағйир диҳад [ниг.:1,25]. Дар асари мавриди тадқиқ қароргирифта чунин номи дарёҳои Моваро-ун-наҳр, ба хусус Тоҷикистон ва самти ҷоришавию чӣ гуна барои обёрӣ нақш доранд, сабт ёфтаанд: Ба рӯди **Ҷайҳун** панҷ рӯд мерезад: нахустин **Боҳшуст**, ки миёни он рӯд ва рӯди дувум шаҳри **Форғар** ва миёни рӯди дувуму савум «Мунг» (Ховалинг ё Балҷувони имрӯза–Д.Ҳ.) ва «Ҳалорӯд» (Қурғонтеппаи ҳозира – Д.Ҳ.) қарор дорад [130][*1]. **Амударё** аз нигоҳи сохт мураккаб буда, аз ҷузъҳои аму//ому ва дарё иборат аст. Мувофиқи навиштаҳои муаллифони қадим аз номи деҳае гирифта шудааст, ки деҳаи мазкур дар канори ҳамин рӯди бузург воқеъ будааст. Маънои луғавии вожаи ому//аму деҳаест дар канори дарёи лаболаб, ки далел аз бисёр доштани оби дарё мебошад [2,68]. Номи қадимаи юнонии ин вожа дар сарчашмаҳои таърихӣ дар шакли Окс ва шакли арабиаш Ҷайҳун мебошад. **Ому** тоҷикӣ ва **аму** шакли ифодаи туркии **ому//омӯй//омул**-и тоҷикӣ аст. … пас аз убур аз рӯди **Қабо** ноҳияти Ӯш ва пас аз убур аз рӯди дувум рӯди **Урсат** ва пас аз убур аз рӯди савум **Хурушоб** қарор дорад. Ва шояд ин номи **Хурушоб** бино ба

қавли саҳеҳ **Ӯзканд** бошад [132]. Бояд гуфт, ки **Ӯзканд** яке аз шохобҳои дарёи **Сир** имрӯз маъруф аст. **Хишироб** - номи мавзеъ ва дарё дар дараи Яғноби ноҳияи Айнӣ. Аз ҷузъҳои **хиширт**-хунук, хушк ва **об**-дарё таркиб ёфтааст, ки маънояш оби дарёи хунук, сард аст. Риштаи аслии рӯди **Ҷайҳун** рӯди **Харбоб (Ҷариоб**) аст, ки аз билоди Вахон дар ҳудуди Бадахшон берун меояд ва дар ҳудуди Хутталу Вахш рӯдҳое бад-он мепайванданд ва рӯди бузурги мазкур ташкил мешавад. Аз ҷумлаи ин рӯдҳо рӯди **Вахашво** дар пушти **Харбоб** (Ҷариоб) аст, ки наҳри **Ҳулбук** номида мешавад ва пас аз он рӯди **Бурбон** ва савум рӯди **Форғар** ва чаҳорум рӯди **Андиҷороғ** ва панҷум рӯди **Вахшоб**, ки аз ҳама пуробтар аст, мебошад [144].**Сурхоб -**номи дарё дар мавзеи Рашт. Аз ҷузъҳои сурх-гулгун, қирмизранг, ба ранги хун ва **об**-дарё иборат аст. Маънои луғавии ин топоним бо ранги сатҳизамини соҳилҳои дарё вобаста аст, ки хоку гили он сурхранг буда, ба дарё ранги сурхчатоб бахшидааст. Номи дигари ин дарё Камароб аст (ниг: ба Камароб). Ғайр аз ин номи дигари ин дарё Раштруд аст, ки ҷузъи аввал мансуб ба номи мавзеи Рашт мебошад.

Хингоб-номи дарё дар минтақаи Раштзамин. Ин вожа аз нигоҳи сохт мураккаб буда, аз ҷузъҳои **хинг**-асп, аспи сафеду хокистаранг ва **об**-дарё таркиб ёфтааст. Ба ҳамин маъно ҷузъи хинг дар забони адабиёти классикӣ хеле фаровон корбаст гардида, дар гӯйиши маҳаллӣ ба маънои хира, тира корбаст мегардад [7,602]. Пас маънои луғавии дарёи Хингоб дарёе, ки обаш тира, хира буда, ба дарёи Вахш ҷоришаванда аст. Ин дарё дар қисмати ҷанубӣ-шарқии Тоҷикистон воқеъ гардида, аз пиряхҳои кӯҳии азимҷусса маншаъ мегирад.

Хуталоб-номи дарёи Ёхсу дар шаҳри Кӯлоб. Ин топоним дар айни ҳол шакли Кӯлобро гирифтааст. Аз нигоҳи сохт мураккаб буда, аз ҷузъҳои хутал+об таркиб ёфтааст ва ҳар ду ҷузъ тоҷикист. Ва миёнаи Банокату Тавункат ва рӯди Чочу рӯди Айлоқ навоҳии Ғурҷанд, Деҳкат, Тукат, Каҳсим воқеъ ҳастанд ва ҳама ду манзил то камтар аз як манзил аз ҳам фосила доранд [190].

Ҳамин тариқ, дар ин асари ҷуғрофӣ дар маҷмӯъ чунин гидронимҳо ё номи мавзеъҳое, ки марбути обанд, мавриди истифода қарор гирифтаанд: наҳри Суғд-номи қадима ва дигари Сир ё Сайҳун, ки дар вилояти таърихии Суғд ҷорӣ буд ва ин ном ҳоло шакли Норинро гирифта, яке аз шохобҳои асосии дарёи Сир маҳсуб меёбад; наҳри Шофирком ҳоло воқеъ аст дар ҳудуди ноҳияи Шофиркоми вилояти Бухоро ва як шохоби дарёи Зарафшон аст. Ин гидроним аз нигоҳи сохт калимаи содаи рехта мебошад ва таърихан дар шакли **шоҳпуркант** арзи ҳастӣ кардааст, яъне аз решаҳои **шоҳ**-сарвар, соҳиб, маъмур, идоракунандаи мамлакат, **пур**-фарзанд, писар ва **кант**-шаҳр, деҳ шакл гирифтааст, ки маънои луғавии ин гидроним шаҳре, ки писари шоҳ онро идора мекунад, мебошад. Ҳамчунин дар асар чунин гидронимҳо мавриди таҳлил қарор гирифтаанд: **рӯди Бухоро, наҳри Наҷори Худфар, наҳри Навканда, наҳри Барахша, наҳри Кашна, наҳри Рометана, наҳри Фароварзи Суфлӣ, наҳри Борвон, наҳри Фароварзи Авлиё, наҳри Хома.** Муаллифи асар дар ин бобат чунин меафзояд: «Ҳамаи ин наҳрҳо аз рӯди **Суғд** муншааб мешаванд ва бозмондаи рӯди Суғд дар наҳри **Зар** мерезад ва ҳамин наҳри Зар аст, ки рабази Бухороро обшор месозад»[156]. Оби чашмаи **Афшин** (оби гарми шифобахш), наҳри **Сориб** дар Ӯшрӯсана [174]. Имтидоди рӯдхонаи Чоч (Сайҳун) наздики ду-савумин Ҷайҳун аст [180]. Шаҳри Кеш ду наҳри бузург дорад: яке Гозарон (Қасорин), ки аз кӯҳи Сиём берун омада, дар ҷануби шаҳр ҷорӣ мешавад ва дигаре наҳри Асрӯд, ки аз рустои Кешрӯд берун омада, дар шимоли шаҳр ҷорӣ мешавад ва ин ду наҳр дар дарвозаи шаҳр ҷараён мекунанд. Рустоҳо низ наҳрҳое доранд, аз ҷумла наҳри Харрӯда дар ҷониби роҳи Самарқанд ва дар як фарсахии он. Дигар наҳри Хушкрӯд дар роҳи Балх ва дар як фарсахии шаҳр воқеъ аст. Ва бозмондаи ин обҳо ба рӯде мерезанд, ки ба сӯйи Насаф ҷараён доранд [171]. **Кешруд** аз нигоҳи сохт калимаи мураккаб буда, ҳар

ду ҷузъ мансуби забони тоҷикӣ аст. Ҷузъи **кеш // каш** ба маънои бағал, оғӯш, баландӣ далолат менамояд ва дар ин маврид баландӣ ба маънои кӯҳ мебошад, ки омадани обро аз кӯҳҳои баланд ифода менамояд. Калимаи мазкур дар забони мардуми ин сарзамин бо тағйироти шаклӣ дучор гардидааст. Яъне Кешрӯд> Кешдарё> Қашқадарё. Ҳоло ба ҷойи вожаи Кешрӯд Қашқадарё дар истеъмол аст ва ин топоним ифодагари ҳам номи дарё ва ҳам номи вилоят дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон аст [10,47]. **Кешруд -** номи қадимаи дарё ва вилояти Қашқадарёи ҳозира буда, Қашқадарёи кунунӣ шакли ӯзбекии Кешруд мебошад ва Кешруд вожаи тоҷикӣ буда, аз нигоҳи сохт мураккаб аст. Маънои луғавии ин вожа аз домани кӯҳ ҷорӣ ё равон гардидани дарё аст. **Вахш//Охшо//Оахшо**-номи дарё, водӣ, қаторкӯҳ, ноҳия, деҳа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар шакли Охшо, Оахшо номи олиҳаи обу обёрӣ дар тасавури Бохтариёни қадим мебошад. Яқин аст, ки аз калимаи «вахшу»-и порсии қадим баромадааст. Дар забони авастоӣ ва дар китоби «Авасто» **вахш** истилоҳе мебошад, ки маънои луғавиаш «сухани гуфташуда» аст, дар забони суғдӣ бо «логос»-и юнонӣ (мафҳум, сухан, гуфтор) ҳаммаъност. Дар забонҳои миёнаи эронӣ Вахш ба маънои «рӯҳ» истифода шуда, баъзан «оби ҷорӣ»-ро низ ифода мекардааст. Дар сарчашмаҳои ҳиндӣ калимаи «Вахшу» номи Амударёст, ки Юнониён онро бо калимаи ба он ҳамоҳанги **Оксус** ном мебурданд. Дар катибаи рӯи санге, ки дар осорхонаи Калкатта маҳфуз аст, вахш Худои яккаву ягона номида мешавад. Дарёи Вахш дар ҷануби ғарби Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеъ гардида, шохоби рости дарёи Аму мебошад. Дарозиаш 524 км (бо дарёи Сурхоб), масоҳати ҳавзааш 39100-км буда, қисми зиёди ҳавза дар ҳудуди силсилаи қаторкӯҳҳои Помиру Олой воқеъ аст. Дарёи Вахш аз якшавии дарёҳои Қизилсую Муғсу ба вуҷуд меояд, ки бо номи дарёи Сурхоб ба ғарб ҷорӣ мешавад, баъди ҳамроҳ шудани дарёи Хингоб (аз чап) дарёи Вахш ном мегирад ва ба ҷануби ғарб равон мегардад.**Сафедоб,** номи дарё дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ноҳияи Китоби вилояти Қашқадарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон мебошад. Ин топоним аз ҷузъҳои **сафед**-ранг ва **об**-дарё таркиб ёфта, ба маънои дарёе, ки обаш соф аст, далолат мекунад. Аз нигоҳи сохт мураккаб буда, ҳар ду ҷузъ мутааллиқи забони тоҷикӣ аст.**Сароб**-номи шохоби дарёи Сурхоб. Ин гидроним аз ҷузъҳои **сар**-оғоз, ибтидо ва **об**-дарё иборат аст, ки маънояш оғози дарё мебошад. Антоними ин топоним Поёноб аст. **Сайроб,** номҳои мавзеъ ва дарёча дар ноҳияи Бойсуни вилояти Сурхандарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон аст. Аз ҷузъҳои **сайр**-гардиш, гашту гузор, ҳаракат ва **об**-дарё ба ҳара- кат меояд, мебошад. Муҳити ҷуғрофии ин мавзеъ ба номи мавзеъ мувофиқ аст ва дар ин деҳа тоҷикон зиндагӣ доранд. Номи мавзеъ мансуби забони тоҷикӣ аст. Ҷузъи **сайр** арабӣ буда, бо илова шудани **об** калимаи тоҷикӣ сохта шудааст. **Сиёҳоб,** номи мавзеъ ва номи шохаи дарёи Кешрӯд дар ноҳияи Китоби вилояти Қашқадарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон аст. Ин топоним аз ҷузъҳои **сиёҳ**-ранг ва **об**-дарё ташаккул ёфта, ба маънои дарёе, ки обаш тира, хира аст, маънидод мешавад. Аз нигоҳи сохт мураккаб буда, мутааллиқи забони тоҷикӣ аст [1,112]. **Яғноб,** номи мавзеъ, дара ва шохоби дарёи Зарафшон дар ноҳияи Айнии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Калимаи мазкур аз нигоҳи сохт мураккаб буда, аз ҷузъҳои **яғд**-и суғдӣ ба маънои васеъ ва **нов**-дара таркиб ёфтааст, ки ба маънои дараи васеъ далолат мекунад. Ин шарҳи вожа ба муҳити ҷуғрофии Яғноб мувофиқат мекунад [5, 28]. **Осруд**-чун гидроним вожаи хеле қадимаи забони тоҷикӣ мебошад ва дар қадим ба маънои «олиҳаи об» Худо, фариштаи обро дошт. Зеро ҷузъи **ос** бо калимаҳои **Ёхсу//йохс** умумият доранд ва дар замони қадим рӯд маънои об, дарёеро медод [1,110]. Ғайр аз ин ҷузъи **ос** дар забонамон ба маънои сафедӣ низ меояд ва аз ин ҷузъ вожаи осиё созмон ёфтааст. Маънои дигари луғавии калимаи **Осрӯд//Асрӯд** дарёе мебошад, ки аз назди осиё мегузарад. Ҳамин сафедиро ба инобат гирифта дертар ин номи дарё гунаи туркӣ пайдо намуд ва Осрӯд ба Оқсув табдил

ёфт. Дар айни замон низ ин дарё ба ҳамин ном ёд мешавад. Ба номи **Оқсув//Оқсу** дар минтақаи Осиёи Миёна дарёву кӯлҳои бисёре ёд мешаванд. Таърихан ин вожа ба қавли топонимшинос Ҷ. Алимӣ, вожаи туркӣ набуда, дар забонамон тибқи навиштаҳои асари хаттии чинӣ дар давраи қадим дар шаклҳои **Уху,Ху-Ху-Шу, Бу-ху, По-тсу,фо-сту** зикр гардидаанд, ки бо номҳои мазкур муқоисашаванда буда, аз як решаи умумиэронӣ сарчашма гирифта, маънои «олиҳаи об» (Худо, фариштаи обҳо)-ро дорад. Дар китоби муқаддаси «Авасто», яшти 5 ба олиҳаи обҳо (Ардвсиура, Аноҳита) бахшида шудааст ва «Ардвсиура» Яшт ё «Обон-яшт» ном дорад. Олиҳаи обҳо дар Яшти мазкур ба ду сурат ба шакли рӯди бузурге, ки сарчашмаи ҳамаи обҳо ва баҳрҳои дунё аст ва сипас тасвири худи олиҳа (зани зебое) омадааст [1, 48].

Ҳамин тавр, аз нигоштаи фишурда маълум мегардад, ки дар асари гаронмояи «Китоб-ул-масолик вал-мамолик»-и Ибни Ҳавқал роҷеъ ба гидронимҳои мавзеъҳои Мовароуннаҳр маълумоти аҷибу дақиқ ва муфид зикр гардидааст, ки ин маълумоти муаллифи асар оварда аз чанд ҷиҳат ҷолиби диққатанд. Аввалан, маълумоти овардаи ӯ роҷеъ ба номҳои мавзеъҳои таърихии ба гидронимҳо мансуб буда, барои харитасозону номшиносон чун сарчашмаи боэътимод хидмат хоҳад кард. Сониян, ин маълумотро муаррихону ҷуғрофиёдонон ҷиҳати муайян кардани ҳудуди таърихии номҳои ҷуғрофӣ истифода хоҳанд намуд.Савум, ин номҳои ҷуғрофии марбути мавзеъҳои об аз нигоҳи мансубият беш- тар мутааллиқи забонҳои эронӣ, ба хусус суғдӣ, бохтарӣ, хоразмӣ ва тоҷикиву забонҳои помирӣ буда, ин номҳо гувоҳи онанд, ки халқу қавмҳои эронӣ дар ин сарзамин бумӣ мебошанд, яъне аз азал иқомату зиндагӣ доранд ва он идаое, ки гӯё халқи тоҷик аз халқҳои омада бошанд, ғайри воқеианд.

А Д А Б И Ё Т

1. Алимӣ Ҷ. Ташаккул ва таҳаввули топонимияи минтақаи Кӯлоб.-Душанбе, 1995.-198 с.
2. Девонақулов А. Асрори номҳои кишвар.-Душанбе: Ирфон,1989.- С. 4 – 25.
3. Лившис В.А. Согдийские слова в таджикском языке.-Душанбе,1967. - 68 с.
4. Олимҷони Муҳаммадҷон.Баррасиҳо дар номшиносии тоҷик.-Душанбе, 2004.-68 с.
5. Офаридаев Н. Ойконимияи вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон.-Душанбе, 2001.-125 с.
6. Тӯраев Б.Забон-рукни тоат.-Душанбе,2004.-С.36
7. Фарҳанги забони тоҷикӣ. –М. СЭ,1969.-Ҷ.1.-908 с.
8. Фарҳанги забони тоҷикӣ. –М.СЭ,1969.-Ҷ.2.-910 с.
9. Хромов А. Л.Очерки по топонимике и микротопонимике Таджикистана.-Душанбе,1978.- С.39.
10. Ҳомидов Д. Топонимияи водии Кешруд .-Душанбе,2002.-104 с.
11. Ҳомидов Д.Сарнавишти вожаҳо.-Душанбе, 2008.- 146 с.
12. Ҳомидов Д. Корбасти гидронимҳо дар асари “Таърихи ҳумоюн” – и Гулшанӣ// Паёми ДМТ, № 7, 2010.- С. 44 - 46.
13. Ҳудуд-ул-олам, Ибни Ҳавқал Суратуларз, Муҳаммад Обиди Иршод Ҷаҳорбоғи гулҳо. – Душанбе: Адиб, 2008. – С. 130.

ГИДРОНИМЫ ТАДЖИКИСТАНА В «КИТОБ-УЛ-МАСОЛИК ВАЛ-МАМОЛИК» ИБНИ ХАВКАЛА

В данной статье исследованы гидронимы Таджикистана в произведении «Китоб-ул-масолик вал-мамолик» Ибни Хавкала и автор рассматривает с лингвистической и исторической точки зрения географические названия, связанные с водой. Особое внимание автора статьи направлено на тринадцатый раздел данного географического произведения, в котором отражен край Мавераннахра, его владения и территория, язык и культура его народа.

Ключевые слова: гидронимы, ономастика, ручей, река, родник, Мавераннахр, Таджикистан, названия местностей, состав лексики, названия морей, озера, гидронимия, топонимия, географическое произведение, границы, основная часть, структуры.

TAJIKISTAN’S HYDRONIMS IN “SURAT-UL-ARZ” OF IBNI HAVQAL

This article is considered Tajikistan’s hydronims in “Surat-ul-arz” of Ibni Havqal and the author analyses by the point of view of linguistic and historic science the place-name, which carries water. Special emphasis of the author’s article

devoted in the thirteenth part of this geographical work, which reflects Mavorounahr's land, its possession and territory, its language and tradition of its people.

Key words: hydronim, onomastica, brook, river, spring, Mavorounahr, Tajikistan, the name of places, the found of vocabulary, the name of seas, lakes, hydronimia, toponymy, geographical work, boundary, the main part, structure.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Д.Р.Хомидов*** - кандидат филологических наук, доцент кафедры истории языка и типологии факультета таджикской филологии ТНУ. Телефон: **918 -19-23 -80.**

МАВҚЕИ ИСТЕЪМОЛИ КАЛИМАҲОИ ИҚТИБОСИИ АРАБӢ ДАР ҲИКОЯҲОИ АБДУЛҲАМИД САМАД

Н.С. Саидов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар забони адабии тоҷик калимаю ифодаҳои арабӣ аз он ҷиҳат фаровон аст, ки ҳамчун ҳодисаи объективии таърихӣ муносибатҳои иҷтимоӣ ва илмию мадании халқҳои тоҷику араб дар тӯли зиёда аз ҳазор сол роҳандозӣ шуда буданд. Чунон ки таърих гувоҳ асту муҳаққиқон низ дар ин ақидаанд, муносибатҳо байни мардуми араб ва ориёнажод ба қаъри садсолаҳои пешазисломӣ рафта мерасад, аммо иқтибосшавии калимаҳо ба забони дарӣ пас аз зуҳури ислом ва истилои арабҳо сурати тамоман дигар гирифт [4,40].

Калимаҳои иқтибосии арабӣ дар асрҳои XIII-XVI ба миқдори 70-80% афзудаанд. Ин миқдор дар забони тоҷикии ибдитои асри XX 60-70%-ро ташкил медод. Баъди ислоҳоту назорати пайвастае, ки дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ нисбат ба чунин калимаҳо ҷорӣ гардид, миқдори онҳо як андоза паст рафтааст. Бо вуҷуди он имрӯз ҳам дар услубҳои гуногуни нутқи мо тақрибан 40-50% калимаҳои мустаъмалро калимаҳои арабӣ ташкил медиҳанд [6, 101].

Иқтибосоти арабии ҳикояҳои Абдулҳамид Самадро ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

а) Калимаҳои арабие, ки ба забони тоҷикӣ мутобиқ гаштаанд ва хусусияти умумиистеъмолӣ касб кардаанд. Ин гурӯҳи калимаҳои иқтибосӣ ба ҳар як тоҷикзабон маълуманд ва баъзан онҳоро маҳсули забони худ медонанд, монанди *китоб, одоб, мактаб, оила, соат, суҳбат, ақл, фаҳм, вақт, таом, қонун, манзил* ва ғ.

Қонуни мазористон ҳамин: дорову нодор дар ин қаламрав як аст («Т» Тал., с.140). ***Мактаб*** дар назди хона, маълимҳои нағз, ***китобу*** дафтар бофир, хӯрока, сару либос фураймон…(«КД» Кд., с.22). Дили Мурод аз ***суҳбати*** озодонаву намакини деҳотиён об хӯрд («БСП» Мурф., с.131). Ҳар чиз тобеъ ба ***вақт*** аст, мегӯянд. ***Вақту соатат,*** ки буд шуд, ришгаи умрат худ аз худ меканад («КД» Кд., с.82).

Аммо баъзе калимаҳои арабӣ дар забони тоҷикӣ тобишҳои нави маъноӣ гирифта, аз маънои аслии худ хеле дур рафтаанд. Калимаи "***аҷуза***" дар забони арабӣ ба маънои 1) пир, 2) а) пирамард, б) пиразан истифода мегардад ва ҳамчунин сермаъност.

Дар матни "***Аҷузаи*** *худро гуфтам: – Аввали шаб ту воқифи вай бош ва баъд аз он маро бедор кун ва ту дар хоб шав*", калимаи "***аҷуза***" ба маънои "***зан***", "***ҳамсар***" омадааст. Имрӯз ***аҷуза*** – ***аҷуз*** – ***аҷузкампир*** дар гуфтугӯ ба маънои "***афсунгар***, ***ҷодугар***" истеъмол мегардад [4, 49]. А. Самад калимаи мазкурро дар қиссаи "Косаи давр" дар нутқи персонаж истифода намудааст:

Шояд баъзе ***аҷузаҳои*** шайтонбашара, ки ба гуфте, оби сарнишебро бо макру афсуну риёкорӣ ба боло мегардонанд, ин ақидаро ба вуҷуд оварда бошанд («КД» Кд., с.36). – Оши ин ***аҷузаи*** бадбахт бо ягонтаи мо напухт, – андешаманд мегуфтанд онҳо («КД» Кд., с.80). Сифати ***шайтонбашара, бадбахт*** дар тақвияти фикр гуфта шудааст.

Калимаи ***муъҷиза*** ҳамчун истилоҳи динӣ ва ё талқиноти динӣ ба маънои кори аз одат берун, ки эъҷози пайғамбарон аст ва дигарон аз кардани он оҷизанд; кори ҳайратовар, кори аҷиб, кори шигифтовар [8, 881] дониста мешавад. Вале ин вожа дар

матни зерин на он қадар маънои барҷаста дорад: Охир, ӯ дар қаду баст ва хату холи худ ягон ***муъҷизаро*** намедид (Зодр., с.287).

Калимаҳои арабиасос бо нишонаҳои савтӣ, сарфӣ ва маъноии худ фарқ мекунанд. Аз нишонаҳои сарфӣ шаклҳои ҷамъбандии вожаҳои арабиро метавон мисол овард, ки як қатор калимаҳои дар забони тоҷикӣ мустаъмал дар шакли ҷамъи солим бо аломати -от (-ёт) мавриди истифода қарор мегиранд: мулоқот, муҳобот, адабиёт, нашриёт ва ғ.

Ҳангоми супурдани паймони ***мулоқот*** шеваи чашми ӯ макру ҳила надошт-ку. («Т» Сарл., с.25). – ***Муҳобот*** накун, ака, ин хел тарсу набудӣ-ку, – занак рӯйи сандалӣ дастархон кушод…(«БСП» А.б., с.108).

б) Калимаҳои арабие, ки хусусияти адабӣ-китобӣ доранд ва дар тасвири табиат, ҳолат, ва шуғли иштирокчиёни ҳикояҳо истифода шудаанд:

Насими мулоим аз тарафи кӯҳсор вазида, бӯйи атромези гиёҳҳо ва ***накҳати махмуркунандаи*** заминро ба ***машом*** мезад. («БСП» Г.навр., с.179). Бодхӯраке дар ***васати*** осмони лоҷувардӣ қанотакзанон ***муаллақ*** истода, – зиракона ба ҳар як ҷонзоти рӯйи замин, шояд ба писарак ҳам менигарад («КД» Шоҳр., с.300). Нигоҳи Мурод аввал ба гулдон ва гулҳои ҳархелаву ботаровати ***равоқи*** *тиреза* андармон гашт, сипас ба берун афтид («БСП»Мурф., с.124).

Дар мисоли дуюм бо сифати арабии “***муаллақ”*** ва феъли тоҷикии “***истодан”*** феъли таркибӣ сохта шудааст. Нависанда дар матнҳои дигар “***муаллақ задан, муаллақ мондан***”-ро низ ба кор бурдааст:– Куҷо? – тарафи овоз менигарад Гулшан ва дасташро дар ҳаво барои салом ***муаллақ монда*** меғурунгад: – Хонат пури гандум, маст барин гап мезанӣ… («БСП» П.шик. с.254). Рӯзи дигар Талаб аз ин ҳам бештар ҷон коҳонд: маймунвор ҷастухез кард, даҳ карат ***муаллақ зад*** («БСП» Ак.ош., с.151).

Маънои калимаи **муаллақ –** овезон, овехташуда; **муаллақ задан** чаппаю роста шудан, сарпоину поболо шудан; **муаллақ истодан** дар ҳаво овезон истодан; **муаллақ мондан** овезон мондан [8, 824].

Дар тасвири ҳолатҳои рӯҳию равонӣ, вазъи ботинӣ ва андешаронии қаҳрамону персонажҳо калимаҳои арабии *маҳзун, мадҳуш, мағшуш, мубҳам*, *эҳтирос;* характери персонажҳои манфӣ – *фосиқ, ҳарис;* калимаҳои ифодакунандаи вазифа ва касбу кори одамон – *муғаннӣ, мутриб, табох,* дар забони ҳикояҳо корбаст шудаанд:

Нигоҳи пурмеҳри ***маҳзунаш*** ба рӯйи коҳида ва ***заҳири*** ӯ ҳусни тозае мебахшид («БСП» С-саф., с.209). Касе як коса оби хунук оварда, ба рӯйи ***мадҳуш*** пошид. Сарвмоҳ ба худ омад ва гиряолуд лаб ба гуфтор кушод («БСП» С-саф., с.209). Ҳоло ҳам фикру хаёлҳои ***мубҳам*** ӯро домангир шуда, дилашро фишурданд («БСП» Қарз, с.182). Кампир, ки бо ***эҳтирос*** гап мезад, ба пиракияш чашм давонд («КД» Кд., с.30). – Кӯдака чанд маротиба хӯрок дода буд? – ногоҳ пурсид кампири Чаман ва Ситораро аз олами хаёлҳои ***мағшуш*** ба худ овард («БСП»Сб. мед., с.161); Бало ба паси ҳамааш, лекин ***фосиқ*** аз паи бадном кардани Гулбону афтод («КД» Кд., с.130). Онҳое, ки ба курсӣ ё рӯйи катҳо нишастаанд, гӯшашон пур аз навои шӯрангези ***муғанниёну*** замзамаи ҳофизон, … ҳаловат мебурданд («Т» Ар.ид.б., с.88). ***Табохҳо*** дегу табоқро монда, ҷон дар кафи даст як сӯ гурехтанд, тамошогарони зиёфатхӯр ҷонҳавлӣ пароканда шуданд («КД» Кд., с.118).

в) Калимаҳои арабие, ки ҳамчун лексикаи динӣ дар нутқи одамони алоҳида: намояндагони дин, одамони калонсол ва муътақид истифода шудааст.

Нависандагон таҷассумгар ва ноқили рӯйдодҳои муҳими давру замони худ: авзои сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва розу ниёзи мардум барои наслҳои минбаъда маҳсуб мешаванд. Дар замони Ҳукумати Шӯравӣ ва сиёсати пешгирифтаи он, ки динро “афъюни халқ” мешумурданд, истифодаи калимаю ифодаҳои арабии оҳанги динӣ дошта, талқиноти динӣ ва амсоли ин ғайриимкон буд.

Дар асарҳои бадеии дар солҳои ҳукмронии Иттифоқи Шӯравӣ таълифшуда одатан вожаҳои хусусияти динӣ дошта дар нутқи персонажу қаҳрамонҳои манфӣ, намояндагони дин, хоинони давлат ва гоҳо дар нутқи шахсони калонсол истифода шудаанд. Дар асарҳои гуногуни А.Самад, аз ҷумла 7 повесту қисса ва зиёда аз 70 ҳикояи мутолиагардида, ки то ва баъди замони шӯравӣ ба табъ расидаанд, ҳамагӣ 27 адад калимаю ифодаҳои динӣ мушоҳида шуд.

Нависанда барои кушода додани рафтори ботакаббури мулло, фош кардани фарқияти гуфтор аз кирдори онҳо, бо инкишофи илми тиб аз даст додани мавқеи пешинаи онҳо аз луғати динӣ истифода бурдааст:

Аз ин гап магар дили ***мулло*** Ёқуб об хӯрд, ки ***тасбеҳашро*** байни кафаш ҷамъ оварда, ба он се маротиба куфу суф намуда, ба рӯву дидаҳояш молид ва бо тааммули хоса онро ба шонадон ниҳода, сипас нимхез шуда, бо нӯги ангуштон бузургворона бо усто салом карду пурсид:

– Ягон кӯдакат бетоб шуд, усто?

– Не, ҳама нағз.

– Боз ман хавотир шудам... Гумон кардам, ки *тӯмору таштоб* ё *дудӣ* лозим шудаст.

– Духтурҳо ки ҳастанд, шуморо ташвиш намедиҳем, бобои мулло, – луқма партофт Мирзошариф ва ба хира шудани табъи мулло Ёқуб эътибор надод... («БСП» П.шик. с.258). – Ана ҳамин Файёз худаша *одами* ***мӯъмину мусулмон*** меҳисобад, панҷ вақт ***намоз*** мехонад, баъзеҳоро мазаммат мекунад, ки беинсофанд. Лекин ин сағира ки ба кулфат уфтод, худаш ба рӯяш пӯсти хук кашид («КД» Кд., с.91).

Абдулҳамид Самад дар эпизодҳои ҳаҷвӣ, қасам хӯрдан ва гуфтори тамасхуромези персонажу қаҳрамонҳо низ калимаҳои мансуб ба дин ва талқиноти диниро корбаст намудааст:

– Наханд ***бандаи осӣ.*** Ин бадбахтии гӯшношунид аст, – кампирак чашмони намнокашро бо лаби рӯймол поккунон бо овози ларзон гуфт:

– Умрам охир шуд, поям ба лаби гӯр расиду хурӯс зоидани занака акнун шунидам. ***Худоё тавба***. Ин **балои охирзамон** аст. Ақаллан чӯча ҳам не, хурӯс.

– Гапа нафаҳмида чаро мотам мегирӣ, оча? Писар зоидааст, писар! Ҳама писарҳояшонро шербача, хурӯс мегӯянд-ку (“ПШ” Кп.пис.,с.116).

Мулло магар ҳушу ёдаш побанди дигар ҷой буд, ки ғайри одат саросема хам шуда “***бисмиллоҳ***” гуфта пиёларо дошт ва акнун қоматашро бардоштанӣ буд, ки ангуштонаш мисли одами фалаҷ ба ларза омаданд. Ӯ аз ин магар ба даҳшат афтод, ки пиёла аз чангаш раҳо шуда, ... афтода, се пора гашт ва чояш ба чор тарафи дастархон пош хӯрд. “***Лоҳавла вало қуввата***” гӯён мулло аз ҷояш ҷаҳид ва ба чойкаш теғи нигоҳашро афканд (П.шик.,с.45). ***Биллоҳ***, аз бешавҳарӣ мурам ҳам як рӯз бо ин хел мард зиндагӣ намекунам («БСП» К/ӣ, с.268). Рафиқи Будёний шофаша аз ғилоф бароради ба аспаш савор шавад, ***валлоҳ*** як душман зинда наменонад («БСП»Аб., с.98). – Агар ту барин тану тӯш медоштам, ***биллои азим ҳазрати Азроилро*** ғуломи ҳалқабаргӯш мекардам («М» Паҳл., с.81).

Ҳамзамон як зумра калимаҳои арабии ифодакунандаи фароиз ва воҷиботи динӣ*: дуо, намоз, рӯза, саҷда, қибла, зиёрат, маҳс, салла, тасбеҳ;* маросими азодорӣ: *ҷаноза, кафан, таъзия* ва талқиноти динӣ: *маҳшар, ҷаннат, дӯзах, қиёмат, васвасаи шайтон, тавба, муъмин, мусулмон, куфр, астағфируллоҳ, наузанбиллоҳ, мустаҷоб шудани дуо, убол* дар лафзи мӯйсафедону пиразанҳо ва сухани муаллиф бе обуранги ҳиссии манфӣ ва оҳанги танаффуру киноямез истеъмол гардидааст:

– О ту як одами ***бенамозу рӯза*** кай он ҷойҳоро дидай? Дар бораи хонаи худову ҳабибони ӯ, баъд гузаргоҳи азизон ин хел гапҳои ***куфр*** набоф, ки забонат месӯзад, – коҳишомез гуфт мӯйсафеди ношинос («КД» Кд., с.87). Омин! – гӯён ба рӯй масҳ кашида, ***ба қибла саҷда меовард*** («КД» Кд., с.66). Аз ҷойҳои дур одамон саркашолу пурандӯҳ ба ***ҷаноза*** меомаданду ба хонаҳои азодор даромада, ***таъзия*** *баён мекарданд* («БСП»Аб., с.113). Мӯйсафед лаҳзае нафас рост кард ва бо фаши ***саллааш*** аракҳои рӯяшро поккунон бо гӯшаи чашм аз паси шохсорон сӯи Азиз нигарист… («М» Ҳазл, с.164). Кампири Чаман бафурсат даст шуст ва бо панҷаҳои тараш ба рӯяш ***маҳс кашида***, аранге овоз бароварду… («БСП»Сб. мед., с.162). Мӯйсафедон бо навбат тобутҳоро кушода, чизи кафанпечеро бо эҳтиёт рӯи даст гирифта, ба номи соҳибаш бо эҳтиром ба лаҳад мениҳоданду пичирос мезаданд: «Ором бихоб, писарам, ҷоят ***ҷаннат*** шавад. Дидорҳо дар ***қиёмат***…»(«БСП»Аб., с.113). ***Дуои*** модар бисёр қимат аст, ***мустаҷоб*** мешавад, ба муродат мерасӣ («КД» КосД., с.74). Эҳа, рӯзи ***маҳшареро*** диданд он ҷо. Гӯё аз осмон одам борида буд («БСП»Аб., с.98). ***Тавба***, ***қиёмат қоим*** шуд-е (Кд., с.23). – Эҳа, дар хоби шабаш мебинад ғизои гӯштдорро. ***Астағфируллоҳ***, дуруғ гуфтам. Гоҳ-гоҳ дар хайру худоӣ гӯшта мечашанд, мебинанд («Т» Ар.ид.б.,

с.94). ...Гуфт, ки ҷину аҷина, парӣ, ҳатто Худо ҳам нест. Ё ***наузанбиллоҳ***! – кампир гиребонашро дошт («БСП»Сб. мед., с.160). Ниҳоят ӯ, ба гуфти худаш, ***васвасаи шайтонро*** аз дилаш дур кард ва бо гӯшаи рӯймол чашмони обгирифтаашро поккунон аранге овоз бароварда («БСП» Зодр., с.275).

Дар забони тоҷикӣ баъзе иқтибосоти арабӣ мавҷуданд, ки ҳарчанд характери динӣ дошта бошанд ҳам (*убол, макрӯҳ, зиёрат, табаррук*), аммо дар суҳбатҳои муқаррарӣ, бо оҳанги муътадил ва варианти тоҷикишуда ифода ёфтаанд. Масалан, калимаи арабии **вабол** – *гуноҳ* бо тағйироти фонетикӣ дар забони тоҷикӣ шакли **убол** ва тобишҳои нави маъноӣ гирифтааст (1.гуноҳ: **савобу убол**. 2.бечора; хору зоргашта; **уболи** *касе* ҳайфи касе; вой бар ҳоли касе; **уболи** *касе ё чизе* **гирифтан** гирифтори гуноҳу азоб шудан – 8, 375)

Убол мешавад-е. Қолабаш мондааст, мисли гаҳворачунбонак худашро дошта наметавонаду … («БСП» Аб., с.102). «Шарафи духтар мисли шир пок аст, – мегӯяд модар, – бо андаке беэҳтиётӣ ***макрӯҳ*** мешавад…» («БСП» Зодр., с.273). ...Не, худи Анвар омад. Ба неву нестонаш (напазируфтани кампири Гулшан – *С.Н.*) нигоҳ накарда аз дасташ дошта хонааш бурд. “Ту одами ***табаррукӣ.*** Ба домоду арӯс як фотиҳа диҳӣ, сарам ба осмон мерасад” –гуфт (П.шик. с.25).

Бо вуҷуди он ки матнҳои гуногуни ҳикояҳо гувоҳи таъсиррасонӣ ва муносибати муқовиматомези сиёсати Ҳокимияти Шӯравиро нисбати дин ва эътиқоди мардум ба дин инъикос менамоянд, дар романи “Гардиши девбод” (2007, 247с) нависанда зиёдаравӣ, поймол кардани ҳуқуқҳои озодии виҷдон, расонидани зарари маънавӣ ба мардуми таҳҷоӣ аз тарафи шахсони алоҳида, камбудии онҳо ва ғайраро дар солҳои аввали барқарорсозии Иттиҳоди Шӯравӣ ба риштаи тасвир кашидааст. Парастиши Офаридгор, боварӣ ва эътиқоди мардуми кӯҳистон, суханони ҳикматомези шахсони тақводор бо калимаю ифодаҳои арабӣ, ки ҷузъе аз дину имони онҳост ифодаи барҷаста ёфтааст. Дар асари мазкур нависанда тавонистааст афкору эҳсосоти қаҳрамону персонажҳо, мавқеи истифодабарии вожаҳои арабию динӣ, устухонбандӣ ва ҷараёни ҳодисаву воқеаҳоро ба таври лозим ва хонданибоб ба қалам диҳад.

Ҳамин тариқ, дар забони ҳикояҳои Абдулҳамид Самад бештар луғатҳои арабии умумиистеъмол истифода гардидаанд. Инчунин як қисми луғатҳои арабӣ дар забони ҳикояҳо характери китобӣ доранд. Дар матни ҳикояҳо калимаҳои душворфаҳми арабӣ мушоҳида нагардиданд, ки ин нишони суфтагию равонии эҷодиёти нависандаи мумтоз ба ҳисоб меравад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулқодиров А. Забон ва услуби назми М. Турсунзода, – Душанбе: Дониш, 1988.
2. Камолиддинов Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим. – Душанбе: Ирфон, 1967.
3. Камолиддинов Б. Сухан аз баҳри дигарон гӯянд, – Душанбе: Интернюс Тоҷикистон, 2001.
4. Ҷумъаев М. Хусусиятҳои лексикию семантикии “Нафаҳот-ул-унс”-и А.Ҷомӣ”, – Душанбе: Эҷод, 2009.
5. Маъсумӣ Н. “Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик” – Душанбе: «Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикии Сафорати ҶИЭ», 2011.
6. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик.- Ҷ.I – Душанбе: Деваштич, 2007.
7. Бақозода Ҷ. «А. Самад ва инкишофи ҳикоя», – Душанбе: Эҷод, 2007.
8. Фарҳанги забони тоҷикӣ.- Ҷ. I, Ҷ. II, - М.: Советская энциклопедия, 1969.

УПОТРЕБЛЕНИЕ ЗАИМСТВОВАННЫХ АРАБСКИХ СЛОВ В РАССКАЗАХ АБДУЛХАМИДА САМАДА

В данной статье анализируются выбор и употребление заимствованных арабских слов, религиозных понятий с точки зрения их лексико-семантичиских особенностей. В зависимости от применения заимствованных арабских слов в языке рассказов они разделены на группы и показан особый стиль писателя. Также исследуется употребление заимствованых арабских слов в зависимости их стилистических и текстовых позиций.

Ключевые слова: слово, заимствования арабских слов, выбор и употребление слов, словарный состав, оттенки значений слов, религиозные термины, слова производные из арабских корней.

USING THE BORROWING ARABIC WORDS IN TALES ABDULHAMID SAMAD

In given article are analysed choice and using the borrowing arabic words, religious notion with standpoint their lexical-semantic particularities. Depending on using arabic borrowing words in language tales they are divided into groups and is shown special style of the writer. In the same way researched using the borrowing arabic words in dependencies their stylistic and text position.

Key words: word, the borrowing arabic words, choice and using the words, vocabulary composition, tone of importances of the words, religious terms, word derived from arabic cortex.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:*Н.С.Саидов* – аспирант Таджикского национального университета

ПОНЯТИЕ О ПРЕЦЕДЕНТНЫХ ТЕКСТАХ

Л.Т. Рузиева
Таджикский национальный университет

Теория прецедентности - это одно из самых развивающихся направлений современной лингвистики. Среди наиболее активных источников прецедентности в современной массовой коммуникации необходимо выделить такие, как «Литература»,“Театр и кино”, “Война”,” Политика”. К числу востребованных относятся такие сферы: “Музыка", “Экономика“, “Спорт“, “Реклама “.

Теория прецедентности впервые была предложена и теоретически обоснована Ю.Н. Карауловым. К числу прецедентных Ю.Н. Караулов относит "готовые, интеллектуально-эмоциональные блоки, значимые для той или иной личности в познавательном и эмоциональном отношении, хорошо известные в обществе и постоянно используемые в коммуникации".

Ю.Н. Караулов прецедентными назвал тексты, “значимые для личности в познавательном и эмоциональном отношении, имеющие сверхличностный характер, т.е. хорошо известные и широкому окружению данной личности, обращение к которым возобновляется неоднократно в дискурсе данной языковой личности…Прецедентные тексты можно было бы назвать хрестоматийными в том смысле, что если даже они не входят в программу общеобразовательной школы, если даже их там не изучали, то всё равно все говорящие так или иначе знают о них, - прочитав ли их сами или хотя бы понаслышке. Знание прецедентных текстов есть показатель принадлежности к данной эпохе и её культуре, тогда как их незнание, наоборот, есть предпосылка отторженности от соответствующей культуры”. А также, рассматривая способы и цели введения прецедентных текстов в дискурс, Ю.Н. Караулов выделяет несколько типов: номинативный (знак, вводящий прецедентный текст, указывает на какое-то характерное свойство, типовую примету); референтный (включение имен выдающихся людей в целях обогащения идейно-проблемного содержания произведения, наращивания его духовного заряда, увеличения воздейственной эстетической и этической мощи); цитирование.

Способы существования и обращения прецедентных текстов в обществе довольно однообразны, и их всего три:

1) натуральный способ, при котором текст в первозданном виде доходит до читателя или слушателя как прямой объект восприятия, понимания, переживания, рефлексии;

2) вторичный способ, предполагающий или трансформацию словесного текста в другой вид искусства (спектакль, оперу, балет, скульптуру, живопись, кино и т.д.), - или размышления по поводу исходного текста, представленные в статьях, рецензиях, исследованиях;

3) семиотический, точнее лингвосемиотический, способ, при котором обращение к прецедентному тексту происходит намёком, отсылкой,

признаком, и тем самым в процесс коммуникации включается либо весь текст, либо соотносимые с ситуацией общения или более крупным жизненным событием отдельные его фрагменты.

Ю.Н. Караулов дал настолько широкое определение данных текстов, что в число этих феноменов оказалось возможным включить самые разнообразные единицы - лексемы, фразеологизмы, предложения, а также невербальные единицы: произведения архитектуры, живописи, музыки - это тоже своего рода “тексты“, а их названия, например, *Храм Василия Блаженного*, картина “*Запорожцы пишут письмо турецкому султану"* и др., составляют значительную часть национального фонда прецедентных знаков. Нельзя связывать тексты только с художественной литературой. Во-первых, потому что они существуют до неё - в виде мифов, преданий, устно-поэтических произведений, а во-вторых, и в наше время в числе прецедентных, наряду с художественными, фигурируют и библейские тексты, и виды устной народной словесности (притча, анекдот, сказка и т.п.), и публицистические произведения историко-философского и политического звучания. Хрестоматийность и общеизвестность обусловливает свойство прецедентных текстов: реинтерпретируемость (перешагивают рамки словесного искусства, где исконно возникли, воплощаются в других видах искусств, становясь тем самым фактом культуры и получая интерпретацию у новых и новых поколений).

Говоря о прецедентности, мы различаем следующие понятия:

Прецедентный текст, который понимается как законченный и самодостаточный продукт речемыслительной деятельности; (поли) предикативная единица; сложный знак, сумма значений компонентов которого не равна его смыслу… К числу прецедентных текстов принадлежат произведения художественной литературы (например, "*Евгений Онегин", "Война и мир*", "*Кровь и пот*"), тексты песен, рекламы, анекдотов, политические публицистические тексты и т.д. Названия некоторых широко известных текстов могут использоваться метафорически. Например, Одиссея-это образное обозначение длительного и опасного путешествия.

Прецедентное имя, которое понимается как индивидуальное имя, связанное или с широко известным текстом, как правило, относящимся к прецедентным (например, *Садриддин Айни, Ходжа Насреддин*), или с прецедентной ситуацией (например, *Зоя Космодемьянская*, *Наташа Ростова*), широко известной носителям языка и выступающей как прецедентная. Прецедентные имена - важная часть национальной языковой картины мира, они задают национальную систему ценностей и антиценностей, которая в той или иной мере регулирует поведение представителей общества, объединяя “своих “ и противопоставляя им “чужих“. Прецедентное имя - лингвокультурологическая единица, обладающая экспрессивной, символической, коннотативной функциями, она способна передавать культурную информацию.

Прецедентное высказывание, которое понимается как репродуцируемый продукт речемыслительной деятельности; законченная и самодостаточная единица, которая может быть или не быть предикативной; сложный знак, сумма значений которого не равна его смыслу; к числу прецедентных высказываний принадлежат цитаты из текстов различного характера (например, *Не спится, няня! Кто виноват? Что делать? Ждем-с!)*, а также пословицы (например, *Тише едешь - дальше будешь*).

Прецедентная ситуация, которая понимается как "некая "эталонная" ситуация, связанная с набором определенных коннотаций, дифференциальные признаки которых входят в когнитивную базу (например, *свадьба, Навруз, Новый год, именины*).

Итак, прецедентные тексты носят хрестоматийный характер, составляют общекультурный фонд языка.

Л И Т Е Р А Т У Р А

[1.] Ворожцова О.А. Прецедентные имена в российской и американской печати. - 2006.
[2.] Гудков Д.Б. Прецедентные имена в языковом сознании и дискурсе. - М., 1999.
[3.] Евтюгина, А.А. Прецедентные тексты в поэзии. - Екатеринбург, 1995.
[4.] Красных В.В., Гудков Д.Б., Захаренко И.В., Багаева Д.В. Когнитивная база и прецедентные феномены в системе других единиц и в коммуникации. - М., 1997.

ПОНЯТИЕ О ПРЕЦЕДЕНТНЫХ ТЕКСТАХ

Теория прецедентности - это одно из самых развивающихся направлений современной лингвистики. Среди наиболее активных источников прецедентности в современной массовой коммуникации необходимо выделить такие, как «Литература»,“Театр и кино”, “Война”,” Политика”. К числу востребованных относятся такие сферы: “Музыка", “Экономика“, “Спорт“, “Реклама “.

Ключевые слова: прецедентные тексты, теория прецедентности, лингвистика.

THE CONCEPT OF PRECEDENT TEXTS

Precedent texts can be described as paradigmatic in the sense that even if they are not included in school curricula, even if they were not studied, it is still all speak one way or another know about them - whether reading it themselves or at least by hearsay . Knowledge of precedent texts is an indicator of belonging to this era and its culture, while their ignorance, by contrast, is a prerequisite for rejection of the culture. So, the precedent texts are paradigmatic nature, constitute the general cultural foundation of the language.

Key words: Precedent texts, indicator of belonging, the language

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Л.Т. Рузиева***-докторант Таджикского национального университета

ИЗ ИСТОРИИ ЛЕКСИКО-ГРАММАТИЧЕСКИХ РАЗРЯДОВ ИМЕН ПРИЛАГАТЕЛЬНЫХ

Ш.Р. Хасанова
Таджикский национальный университет

Изучение вопроса о разрядах имен прилагательных имеет давнюю историю, попытки классифицировать слова, принадлежащие к этой части речи, предпринимались в лингвистике, начиная с XVIII века.

Уже в трудах М.В. Ломоносова, в частности в его «Российской грамматике», можно найти размышления о притяжательных прилагательных на *-ов, -ин*, активно употребляемых в XVIII веке.

Исходя из реального употребления прилагательных в языке, строил свою классификацию А.А. Барсов. В основу разграничения исследователь брал признак «уравнения», т.е. возможность прилагательного иметь форму сравнительной степени.

В «Исторической грамматике» Ф.И. Буслаева мы не найдем классификации прилагательных, хотя в одном из его высказываний встречается термин «относительные». Он отличается от современного и введен ученым, видимо, для того, чтобы показать связь между двумя типами словосочетаний, соотнесенных друг с другом.

В «Грамматике церковнославянского языка» А. Х. Востоков дает следующую классификацию прилагательных: «Прилагательные имена разделяются вообще на качественные, притяжательные, относительные, числительные, причастия». Знакомые всем нам определения... Однако, предложенная классификация далека от современной: в ней насчитывается пять групп прилагательных, при этом автор не указывает принцип разграничения слов. Вот, например, какое определение дается относительным прилагательным: «Относительные имена суть прилагательные, означающие зависимость от предмета, первообразнымъ словом выражаемого. Они по окончаниям своим разделяются на три отделения». Далее ученый рассматривает каждую группу прилагательных, так что становится ясно, что именно окончаниям уделяется большее внимание, именно они являются определяющим критерием в решении вопроса о разряде.

Известное деление имен прилагательных на «качественные», «относительные», «притяжательные» можно найти в трудах А.А. Шахматова. Исследователь, казалось бы, обращается к классификации предшественника, однако, его определения более четки и привычны, например: «Прилагательные качественные, означающие такие качества, свойства, которые являются качествами-свойствами, мыслимыми в сочетании времени и также в различении развития; морфологически такие прилагательные обнаруживаются, во-первых, тем, что они образуют нечленные формы при членениях, во-вторых, тем, что образуют при себе наречия, в-третьих, тем, что образуют степени сравнения, а также уменьшительные формы».

Как видим, известный лингвист впервые выделил три класса прилагательных: качественные, относительные и притяжательные, – сделал попытку сформулировать их признаки. Именно определения А. А. Шахматова берутся за основу современными исследователями, делящими прилагательные на лексико-грамматические разряды, именно на его работы ссылаются при распределении прилагательных по группам: качественные, относительные, притяжательные. Ученый приводит очень мало примеров, причем, рассматривая членные и нечленные формы, степени сравнения, исследователь ничего не говорит о качественных и относительных прилагательных, он делит имена прилагательные на грамматические группы, а с точки зрения семантики, по Шахматову, «прилагательное – это часть речи, которая включает в себя слова, определяющие существительные и являющиеся названиями свойств, качеств, отношений в них, в сочетании с названиями субстанций, причем под отношениями разумеются те, которые вытекают из существа, из природы самих субстанций». Таким образом, за всеми прилагательными исследователь закрепляет признак качества. И мы не можем сказать, к какому разряду ученый отнес бы слова *слепой* и *карий*, «качественные» с точки зрения современных исследователей, но не имеющие форм сравнительной степени или краткой формы, не сочетающиеся с наречиями. Кроме того, авторы современных грамматик и учебников не учитывают, что А.А. Шахматов, выделяя класс притяжательных прилагательных, не включает в него прилагательные на *-ий, -ский*, а, следуя традиции М. В. Ломоносова, рассматривает как притяжательные только прилагательные на *-ов, -ин*.

В «Русской грамматике» 1980 года четко противопоставлены друг другу две группы прилагательных: качественные и относительные (в то время как известный ученый В. В. Виноградов при некоторой противоречивости своего учения убедительно показал условность семантической границы между «качественными» и «относительными» прилагательными и привел многочисленные примеры стирания морфологических различий между данными группами слов). В состав «относительных» входят также местоимения, порядковые и притяжательные прилагательные. Читая «Русскую грамматику-80», нетрудно обнаружить противоречие. С одной стороны, РГ-80 утверждает, что «качественные прилагательные имеют два ряда форм – полные (атрибутивные) и краткие (предикативные)... они образуют формы сравнительной степени». С другой стороны, в том месте, где говорится о неустойчивости грамматической границы между так называемыми качественными и относительными прилагательными, можно прочесть: «Не все качественные прилагательные в силу особенностей лексической семантики или морфологической структуры обладают грамматическими признаками, перечисленными в § 1295».

Объяснение этому явлению обнаруживается в работе А. М. Пешковского «Русский синтаксис в научном освещении», где автор последовательно рассуждает о том, почему одни прилагательные могут образовывать формы степеней сравнения, а другие не могут: «У прилагательных качественная основа только способствует образованию степеней сравнения, но не обусловливает их категорически. Так, прилагательные *слепой, хромой, глухой* в их основном значении лишь с трудом образуют степени сравнения. И это потому, что сами качества-то представляются нам абсолютными, не могущими количественно изменяться... С другой стороны, предметная основа не препятствует образованию степеней сравнения, если отношение к предмету забывается, сознается слабо, а на первый план выступает в сознании значение качества».

К аналогичному выводу пришла и З.П. Данилова в статье «К вопросу о лексико-грамматических разрядах прилагательных»: «В области имен прилагательных решающую роль играет семантика слова, только она определяет возможность образовать от него

степени сравнения, краткую форму, наречие на *-о*, существительное со значением отвлеченного качества».

Итак, можно заключить, что:

1) попытки классифицировать имена прилагательные восходят еще к XVIII веку;

2) освещение вопроса о разрядах прилагательных до настоящего времени является противоречивым;

3) до сих пор не выявлено единых критериев классификации имен прилагательных, нет цельной картины по вопросу о разрядах прилагательных.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Буланин Л. Л. Трудные вопросы морфологии / Л. Л. Буланин. – М.: Просвещение, 1976 – 252 с.
2. Виноградов В. В. Русский язык / В. В. Виноградов. – М.: Просвещение, 1972 – 520 с.
3. Петерсон М. Н. Вопросы грамматического строя / М. Н. Петерсон. – М., Просвещение, 1955 – 220 с.
4. Русская грамматика. Т 1. М., 1980.
5. Пешковский А. М. Русский синтаксис в научном освещении / А. М. Пешковский. – М.: Эдиториал УРСС, 2001 - ISBN 5-94457-019-9.

ИЗ ИСТОРИИ ЛЕКСИКО-ГРАММАТИЧЕСКИХ РАЗРЯДОВ ИМЕН ПРИЛАГАТЕЛЬНЫХ

В статье проводится параллель принятых критериев лексико-грамматических разрядов прилагательных между лингвистами 18 и 19 веков.

Ключевые слова: лексико-грамматический, разряды прилагательных, классификация, грамматика, язык.

FROM THE HISTORY OF LEXICAL AND GRAMMATICAL CLASSES OF ADJECTIVES

Study of discharges of adjectives has a long history of attempts to classify words belonging to this part of the speech, taken in linguistics from the XVIII century.

Key words: lexical and grammatical, categories of adjectives, classification, grammar, language.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Ш.Р. Хасанова*** – аспирантка Таджикского национального университета.

ВИЖАГИҲОИ САВТИИ ЛАҲҶАИ ВАХИЁ

И. Умаров
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Забони шеваҳо сохти мураккаб доранд. Дар шеваҳо умумияти забонҳои гуногуншакл акс ёфтааст ва онҳо дорои сохтори хоси худ мебошад. Аз ин рӯ, дар соҳаи омӯзиш ва таҳқиқи шеваҳои забони тоҷикӣ чанде аз олимон ва забоншиносон тадқиқоти зиёдро ба анҷом расонидаанд. Аз ҷумла, соли 1952 китоби В.С. Расторгуева **«Очеркҳо оид ба шевашиносии тоҷик»** аз чоп баромад, ки дар он шеваҳои забони тоҷикӣ ба чор гурӯҳ: *гӯйишҳои шимолӣ, гӯйишҳои марказӣ, гӯйишҳои ҷанубӣ, гӯйишҳои ҷанубӣ – шарқӣ* тақсим шуда буданд.

Дар мақолаи худ мо асосан ба масъалаи вижагиҳои савтии лаҳҷаи Вахиё таваҷҷуҳ намудем, ки хеле ҷолибу таҳқиқшавандаанд.

Лаҳҷаи Вахиё ба гурӯҳи шеваҳои ҷанубу шарқии забони тоҷикӣ дохил мешавад. Ин лаҳҷа бо хусусиятҳои хеш аз дигар лаҳҷаҳои забонамон ба куллӣ фарқ дорад. Дар ин лаҳҷа ихтисор шудани баъзе садонокҳо ба тарзи номафҳум садо медиҳанд, ки фаҳмидани он ба намояндаи лаҳҷаи дигари забон душворӣ пеш меоварад. Масалан, агар дар забони адабии тоҷикӣ **«бидон», «бирав», «сурх», «омад», талаффуз карда шавад: «бидон» - «бъдун»,** (Эй баъча бъдъун, ки мън дар вақти баъчаъгим ъодами чақун бъдъм**) «бирав» - «бърав»** (Салимҷон бърав айхуънаъи акат як нун биёр ба меҳмонора, ки саросема мераванд, тез къ бъгивъ биё) **«сурх» - «сърх»** (Диъна ай руъи раҳ як ручкаи сърх ёфтъм барои навиштанъм) **«омад» - «ъумад» (Як ръуз пеш мън мактаб рафтъм дар синфи дъ дърумадъм хондъм)** вале дар ин гӯйиш садонокҳои ҳиҷои аввалу мобайн ихтисор шудаанд.

Ҳамон гуна ки маълум аст, мардуми деҳот, ки истифодабаран-дагони аслии лаҳҷа мебошанд аз давраи таваллуд то мактабхонӣ дар зеҳни онҳо на унсурҳои маъмулу маъруфи забони адабӣ, балки бештар унсурҳои маҳаллӣ, ки дар навбати худ ҳам бо хусусиятҳои фонетикию лексикӣ ва ҳам бо нишонаҳои морфологию синтаксисиашон аз забони адабӣ то як андоза фарқ мекунанд, ҷой мегиранд. Бинобар ин, барои намояндаи лаҳҷа, ки нутқи ӯ саршор аз унсурҳои лаҳҷавист, бори аввал дар мактаб бо меъёрҳои забони адабӣ рӯ ба рӯ меояд, махсусан ҳангоми омӯзиши қоидаҳои имло, як ҳолати фавқулодда рух медиҳад. Зеро имло ва қонуну қоидаҳои он дар асоси равобит ва муносибати ҳамешагии нутқи хаттӣ ва тарзи талаффузи адабӣ ташаккул меёбанд.

Вижагии савтии унсурҳои лаҳҷавӣ мисли дигар ҳодисаҳои забонӣ дар истеъмоли истифодабарандагонаш барвақт реша гирифта, дар як давраи муайян устувору мустаҳкам мегарданд. Аз ин рӯ, бартараф намудан ё иваз кардани онҳо бо муродифоти адабӣ корест басо мушкил. Ин муддао танҳо дар сурате ҳосил хоҳад шуд, ки муаллим ва ҳам худи хонанда як муддати мадид барои рафъи онҳо кӯшиши бисёре ба кор баранд. Агар муаллим масъалаи робитаи ҳамешагӣ ва қабули воҳидҳои алоҳидаро дар забони алоҳидаю лаҳҷаҳои маҳаллӣ дуруст ба ҳисоб гирифта, таълими меъёрҳои забони адабиро вобаста ба самти фаҳмишу дарки шогирдон ба роҳ монад, дарс бештар шавқовару пурмазмун гузашта, донишу малакаи хонандагон пурраю аниқ мегардад. Илова бар ин, захираи луғавии бачаҳо аз унсурҳои мутлақ ва маҳдуди нодаркори лаҳҷавӣ, ки лоиқи қабули умумӣ нестанд, тоза шуда, ҷойи онҳоро воситаҳои солиму оммафаҳми забони адабӣ пур менамоянд, вале чӣ тавре ки таҷрибаи зиндагӣ ва мушоҳидаи чандинсола (ҳангоми имтиҳони қабул, дарсҳои забони тоҷикӣ дар донишкадаю донишгоҳҳо) собит менамоянд, ин масъала дар раванди таълими забони модарӣ чандон ҷиддӣ ба эътибор гирифта намешаванд. Аз ҳамин сабаб, шогирдон дар талаффузу навиштани овозҳои алоҳида, ифодаи фикр, иборасозию ибораороӣ, ҷумласозию ҷумлабандӣ, дар мавқеи худ истифода кардани мавқеи созгори шоистаи луғавӣ, ки мақсади дарси забони адабӣ низ ҳамин аст, ба як қатор душвориҳо дучор меояд. Барои он ки ҳамин гуна ҳолати ногувор рӯй надиҳад ва забони хонандагон равону дилчасп, буррою пурмазмун ва маданияти суханронии онҳо баланд бошад, ба муаллими забону адабиёт лозим аст, ки ба ин масъала диққати даркорӣ дода, аввал мавриди истифодаи ҳар як овоз, калимаю маҳфум ва таркибу қолабҳои лаҳҷавиро дар истифодаи бачаҳо аниқ созад, сипас таълими забони адабиро алоқамандона ба қонуну қоидаҳои дохили лаҳҷаи худи онҳо ба роҳ монанд.

Дар нутқи истифодабарандагони лаҳҷа се навъи унсурҳо: фонетикӣ, лексикӣ ва грамматикӣ аз ҳама зиёд мушоҳида мешаванд. Агар ба дараҷаи истифодаи ин унсурҳои забон ҷиддӣ диққат диҳем, мебинем, ки дар гуфтугӯи ҳаррӯзаи истеъмолгарони лаҳҷаи Вахиё унсурҳои фонетикӣ нисбатан зиёд ва назаррастаранд.

Ҳамон гуна, ки дар боло ишора кардем, мо дар ин мақола ба вижагиҳои савтии масъала дахл карда, мухтасар оид ба истифодаи шаклҳои лаҳҷавии баъзе садонокҳо дар нутқ ва роҳҳои бартараф намудани онҳо таваҷҷуҳ намудем.

Дар муҳити хона бештари сокинони Тоҷикистон бо лаҳҷаи худ ҳарф мезананд ва кӯдакон низ бо ҳамон лаҳҷа муомила мекунанд. Ин ғаризаи табиист, зеро лаҳҷа ҳам ҳодисаи ҷамъиятист ва дар ҷомеа ташаккул меёбад. Вақте ки кӯдак бори аввал ба мактаб меравад, чанд муддат бо лаҳҷаи худ ҳарф мезанаду фикрашро баён мекунад.

Ихтисор шудани садонокҳо ба бачагон, ки намояндагони ин ё он лаҳҷа мебошанд, душвориҳои зиёд ба амал меоранд. Он гуна ки дар боло қайд шуд, дар лаҳҷаи Вахиё бештар садонокҳо ихтисор мешаванд, ба мисли**: гузашт, гъзашт** (То гъфтъмъш, ки бъқапъмъш, ки ай ов гъзашт?) **одамон, одамо** (Дар пеши магазин одамо ҷаъм шидан чъзе мехаран?) **сафед, съфед** (Гови мо гуъсала кардай съфедай?) **омад, ъумад** (Дина дадам ай Дъшанби ъумад барои мъна туфли овард?) **омадан, ъумадан** (Меъмуно хуънаи акаи Миҳриддин дъсти холӣ ъумадан?) **шунидем, шънавидем** (Чи гӯми шънавидем бъгард биъё?) **намедонам, намедунъм** (Эй бачаиҷӯ очат да хуънатунай надуъме?) **боми хона – бънги хун** (Бъра ай болои бънги хуънаи хъдъму ходаи чормағ така бъгивъ биёъ?) ва ғайра. Ин ҳодиса боиси он гардидааст, ки дар

лаҳҷаи Вахиё истеъмолкунандагон ҳамон тавре ки калимаҳоро талаффуз мекунанд, дар навишт ҳам чунин менависанд, ки ин ғалати имлоӣ мебошад.

Муҳимтарин хусусияти забони халқӣ ҳар чи пурратар дар забони адабӣ аксёфта бошад, сарватҳои забони адабӣ ва имкониятҳои он бештар хоҳад буд. Аз ҳамин сабаб нависандагони бузург ҳамеша бо диққати том забони халқро меомӯзанд. Устод Айнӣ, ки забони халқи худро нағз медонист, гуфта буд: **«Дар забони зиндаи халқи тоҷик чунон хазинаҳо ҳастанд, ки пур аз дурдонаҳои пурқимат мебошад. Вазифаи мо нависандагон ҳамон дурдонаҳоро ёфта, ба омма тухфа кардан аст» (1, 54).** Агар ҳар истифодабарандаи забони адабӣ вижагиҳои савтии лаҳҷаҳои алоҳидаро аз худ намуда онҳоро дар пайвастигӣ бо меъёрҳои забони адабӣ, ҳам дар талаффуз ва ҳам дар навишт корбурд намояд, ҳангоми суханрониву навиштан ба ғалатҳо роҳ намедиҳад.

Аз таҳқиқ ва омӯзиши хусусиятҳои савтии садонокҳои лаҳҷаи Вахиё ба чунин хулосае омадан мумкин аст, ки лаҳҷаи мазкур дорои хусусиятҳои зиёди хоси савтӣ мебошанд ва тадқиқоти ҳаматарафаро талаб менамоянд, ки онҳо барои илми шевашиносии тоҷикӣ ва ҳам барои ҳалли баъзе масоили ҳалталаби забони адабии тоҷикӣ дар муҳити ин лаҳҷа аз фоида холӣ нест.

А Д А Б И Ё Т

1.Айнӣ С. Оид ба вазъияти забоншиносии тоҷик// Шарқи Сурх. – Душанбе, 1952.№6. – С. 3-8.

2. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, Фонетика ва Морфология.Қ.1. – Душанбе , 1973. – 445 С.

3. Забони ҳозираи тоҷик. Лексика. – Душанбе, 1981. – 105 С.

4. Исмоилов Ш. Баъзе масъалаҳои таълимии забони тоҷикӣ дар мактаб. – Душанбе. Маориф, 1994. – 96 с.

5. Калонтаров Д.И. Луғати имлои забони адабии тоҷик. – Душанбе, 1973. – 334 С.

6.Мухаммадиев М. Очерк оид ба лексикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе, 1968. – 272 с.

7. Муҳаммадиев М., Талбакова Ҳ., Нурмуҳаммадов Ю. Лексикаи забони адабии тоҷик. – Душанбе, 1997.- 190 с.

8. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони адабии тоҷик. – Душанбе, 1982. – 103 С.

ФОНЕТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ДИАЛЕКТА ВАХИО

В данной статье рассматриваются диалектические вражения долины Вахио и роль диалектики в таджикском языке. Особое внимание уделено устному говору данной местности.

Ключевые слова: литературный язык, язык диалектов, структура, устный речь, местность, народ, обычаи, норма, обогащение.

PHONETIC FEATURES OF THE DIALECT OF VAKHIO

This article is considered the dialectical words of Vakhyo valley and role of dialect in Tajik language. The main question devoted to oral speech of this locality.

Key words: literary language, the language of dialect, structure, oral speech, locality, people, customs, norm, improvement.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***И.Умаров*** – соискатель Таджикского национального университета

БАРРАСИИ ЛИНГВОСТАТИСТИКИИ НОМҲОИ МАРДОНАИ ТОҶИКОНИ ШАҲРИ ХУҶАНД

Ш. Ҳайдаров

Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Дар номшиносии тоҷик оид ба масоили антропонимияи регионалӣ, яъне номҳои хоси сокинони шаҳру ноҳия ва шаҳраку ҷамоатҳои ҷумҳурӣ баъзе падидаи ҷустуҷӯйҳо ва таҳлилу баррасиҳо ба назар мерасад. Дар заминаи ин пажӯҳишҳо намунаи баъзе луғатҳои басомади антропонимияи тоҷикони мавзеъҳои гуногун низ тадвину мураттаб ва нашр шудааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки аз нимаи дуюми солҳои ҳафтодуми садаи гузашта пажӯҳишҳои лингвостатистикии номҳои хоси тоҷикон оғоз гардид. Дар ин давра номшинос Ш. Ҳайдаров мавзӯи тадқиқотии хешро ба ҷамъоварӣ ва пажӯҳиши антропонимияи тоҷикони шаҳраку ҷамоатҳои ноҳияи Ашти вилояти Суғд бахшида буд. Дар мақолаҳои «Фонди антропонимҳои ноҳияи Ашт» (1977), «Лингвогеографическое изучение дифференциальных признаков женских и мужских имён таджиков Ферганской долины» (на материале Аштского района) (1979), «Динамика антропонимии таджиков в XX в.» (1982) «Таҷрибаи мураттабсозии луғати басомади анропонимҳои регионалӣ» (1982), «Тадқиқи лингвостатистикии антропонимҳо ва тадвини луғатҳои басомади антропонимӣ»(1985), «Роли топонимҳо дар тадқиқи антропонимҳои регионалӣ» (1987), «Тадқиқи регионалии антропонимҳои тоҷикони вилояти Кӯлоб» (1988) ва чанде дигар масъалаҳои назариву амалии ин бахши номшиносиро ба қалам додааст. Ҳамзамон намунаи ду луғати басомади антропонимияи тоҷиконро мураттаб сохта, ки луғати аввал номҳои тоҷикони ноҳияи Аштро барои сад сол, яъне солҳои 1880-1980 фаро гирифтааст ва соли 1986 таҳти унвони «Луғати чандомади антропонимҳои тоҷикони райони Ашт» ба нашр расид. Ҳоло нашри дувуми он бо фарогирии номҳои то соли 2010 мусаммошуда омодаи чоп мебошад. Луғати дигари ин муаллиф намунаи луғати басомади муқоисавӣ аст, ки он номҳои дар як сол, яъне соли 1987 мусаммошудаи тоҷикони шаҳру ноҳия ва шаҳраку ҷамоатҳои вилояти Хатлонро дар бар гирифтааст. Луғат соли 2007 бахшида ба ҷашни 2700-солагии шаҳри Кӯлоб ба унвони «Луғати басомади номҳои тоҷикони вилояти Хатлон» ба нашр расид.

Дар сарсухани китоб муаллиф нигоштааст: «Ёдрас кардан ба маврид аст, ки фаро гирифтани тамоми номҳои мавҷудаи сокинони вилоят кори басо душвор буда, барои амалӣ гардидани он неруву гурӯҳҳои зиёди илмиву эҷодӣ лозим аст. Аз ин рӯ, рисолаи мазкур чун намунае ё порае аз олами пурғановати номҳои мардумист. Ин луғат барои муқаррар намудани сарвату хазинаи номҳои мустаъмали тоҷикони шаҳру ноҳияҳо ва ҷамоатҳои вилояти номбурда таҷрибаи нахустин ҳисоб меёбад. Умед аст, ки дар оянда ганҷинаву сарвати пурғановати номҳои бошандагони ҳар як деҳаву ноҳия ва шаҳру вилоятҳои мамлакат ва номҳои тоҷикони бурунмарзиро низ ба ҳамин усул гирд оварда, луғатҳои басомади онҳо мураттаб карда хоҳад шуд, то ки ҳудуди густаришу паҳншавӣ ва доираи истифодаи ҳар як ном дар қаламрави забонҳои ориёӣ возеҳу равшан гардад. Ин навъ корҳо минбаъд барои баррасиҳои илмии чанде аз соҳаҳои улуми иҷтимоӣ замина хоҳанд шуд. Ҳамзамон, баҳри омӯзиш ва тадқиқу баррасии сотсиологиву этнолингвистӣ, психолингвистиву лингвогеографӣ ва чанди дигар замина ва имкониятҳоро ба миён меоварад» [16, 3].

Пажӯҳиши лингвостатистикии антропонимҳо ва тадвини луғатҳои басомади номҳои сокинони мавзеъҳои гуногуни кишвар ва тоҷикони бурунмарзӣ аз чанд лиҳоз муҳим ва зарур аст. Пеш аз ҳама, онҳо барои пурра фароҳам овардани ганҷинаву хазинаи номҳои мустаъмали халқҳои гуногун имкон дода, барои муайян ва муқаррар намудани номҳои хоси лаҳҷаҳо ва ба меъёри муайян даромадани интихобу гузоштани номҳо ба навзодон ёрӣ хоҳад расонд. Ҳамчунин, онҳо ба тадқиқи лингвогеографию сотсиологӣ ва мардумшиносиву таърихии номҳо манбаи боэътимод қарор гирифта, барои ҳалли як қатор масъалаҳои норавшани таъриху фарҳанги халқҳои гуногун кӯмак хоҳад кард. Илова бар ин, барои мураттаб сохтани луғатҳои гуногунсоҳаи антропонимӣ, луғатҳои тафсирии номҳо, луғатҳои этимологӣ, имло ва луғатҳои регионаливу ҷомеи антропонимҳои халқҳои гуногун ҳамчун манбаъ ва маъхази пурбаҳо хизмат хоҳад намуд.

Номшинос М. Аюбова [1995, 1998, 1999] пажӯҳишҳояшро ба масоили антропонимияи тоҷикони ноҳияҳои Шаҳритусу Қубодиён бахшидааст. Дар ин соҳа баррасиҳои ҷолиб дорад, ки онҳо барои омӯзиши муқоисавии номҳои тоҷикони мавзеъҳои гуногуни мамлакат ва кишварҳои хориҷа арзишу аҳамияти хоса доранд. Чанде аз мақолаҳои донишманди шинохтаи тоҷик Д. Карамшоев [1984, 1985, 1988, 1991] ва забоншинос Т. Бахтибеков [1979, 1985] ба масоилу мавзӯъҳои гуногуни антропонимияи сокинони баъзе мавзеъҳои Бадахшон бахшида шудааст.

Антропонимияи бошандагони шаҳру ноҳияҳо ва ҷамоатҳои гуногуни Бадахшон хусусияту унсурҳои луғавӣ ва номии аҷиб дорад ва аз ин рӯ, омӯзишу пажӯҳиши муқоисавии онҳо натиҷаҳои хуби илмӣ ва амалӣ хоҳад дод.

Роҷеъ ба баъзе ҷиҳатҳои антропонимияи тоҷикони деҳаҳои саргаҳи водии Зарафшон донишманди мардумшинос Р.Р. Раҳимов дар ду мақолаи арзишманди хеш ибрози назар ва андешаҳои ҷолиб баён кардааст [1974, 1978].

Дар бораи масоили антропонимияи сокинони шаҳри бостонии Хуҷанд то кунун дар илми номшиносии тоҷик майле ва таваҷҷуҳе зоҳир нашудааст ва аз ин лиҳоз, ин бахши фарҳанги пуразиши мардумӣ аз диду назари пажӯҳишгарони улуми иҷтимоӣ дар канор мондааст. Ногуфта намонад, ки баъзе ному тахаллус ва лақабу насаби намояндагони аҳли илму адаби даврaҳои гуногуни ин шаҳр аз тарафи адабиётшиносону забоншиносон мавриди баҳсу андеша қарор гирифтааст. Аз ҷумла, мақолаи С. Абдуллоев «Маҳастӣ ё Моҳситӣ? [1985], А. Ҳасанов «Сарнавишти вожаи Маҳастӣ» [2006] дар бораи номи шоира Моҳси Хуҷандӣ ва мақолаи С. Асадуллоев «Шайх Муслиҳиддин ё Маслиҳатуддин? [1990] ва мақолаи ҷавобии беноми «Маслиҳатуддин не, Муслиҳиддин! [1990], ҳамчунин мақолаи дигари С.Асадуллоев «Ному лақабҳо ва кунияи Камоли Хуҷандӣ чӣ буд?» [1991]-ро метавон зикр кард. Номҳои мардонаи тоҷикони шаҳри Хуҷанд дар ин пажӯҳиш танҳо барои соли 1987, чун қатрае аз баҳр, аз нигоҳи миқдору дараҷаи истифода ва истеъмол ва ҳамчунин чанде аз ҷиҳатҳои таснифу тасвири рамзиёту мавзӯоти он дар муқоиса бо номҳои давраи мазкури шаҳру ноҳияҳои дигари ҷумҳурӣ мавриди таҳлил ва баррасии махсус қарор дода шудааст. Бошад, ки дар атрофи ин масоили номҳои одамон барои хонандагону ихлосмандон ва номгузорони хушзавқ маводи хондание пешкаш гардад.

Аз муоина ва таҳлили омории маводи гирдоварда аён гардид, ки соли 1987 дар шаҳри Хуҷанд барои 1948 нафар писарҳо 524 адад ном аз тарафи волидони номгузор пазируфта ва гузошта шудааст. Ҳамзамон барои 1679 нафар духтарҳо 377 адад номро мусаммо кардаанд. Аз ҷамъоварию мушоҳидаҳои тахассусӣ ва таҳлилу таҳқиқи номҳо равшан гардид, ки эҳсосу завқи баланди забондӯстӣ, фарҳангпазирӣ, донишдӯстиву зебоифаҳмӣ ва худогоҳиву хештаншиносии миллии мардуми шарифи ин диёр аст, ки як теъдод номҳои пазируфта ва гузоштаашон ифшогару эҳёгари хислатҳои хубу ҳамидаи инсонӣ, аз қабили мардонагӣ, далерӣ, қаҳрамонӣ, шуҷоатмандӣ, паҳлавонӣ, тавонмандӣ, родмардӣ, ватандӯстӣ, доноӣ, хирадмандӣ, накӯкорӣ, саховатмандӣ, зебоӣ, ҳалимӣ, меҳрубонӣ, латифӣ, ҳусну назокат, малоҳату латофат ва ғайра мебошанд.

Барои тақвияти андешаҳои иброзшуда лозим аст, ки намунаи чанде аз номҳое зикр гардад, ки аз лиҳози дараҷаи истеъмол ё худ басомадашон дар ҷойҳои намоён мавқеъ доранд. Аз ҷумла, дар соли 1987 дар шаҳри Хуҷанд аз ҷиҳати теъдод ҷойи аввалро номи Далер соҳиб гардидааст, ки барои 33 нафар писарҳо гузошта шудааст. Ҷойи дуввумро номи Алишер ишғол карда, ки барои 31 нафар мусаммо гардидааст. Ҷойи саввумро номи Наимҷон гирифта, ки барои 30 нафар пазируфта шудааст. Ҷойи чаҳорумро номи Бахтиёр сазовор шуда, ки барои 28 нафар гузошта шудааст. Ҷойи панҷум ба номҳои Акмал ва Ҳуршед насиб гардидааст, ки ҳар кадоми ин номҳо барои 27 нафарӣ мусаммо шудааст. Ҷойи шашум ба номи Фирдавс мувофиқат кардааст, ки барои 22 нафар додаанд. Ҷойи ҳафтумро номҳои Дилшоду Фаррух соҳиб гардидаанд ва ҳар кадомеро барои 21 нафарӣ гузоштаанд. Ҷойи ҳаштум барои номҳои Насимҷону Фарҳод ва Ҷамшед лоиқ дониста шудааст, ки ҳар кадоме 20 маротибагӣ мавриди истифода қарор гирифтааст. Номи Рустам дар ҷойи нӯҳум мавқеъ дорад, ки он барои 18 нафар дода шудааст. Ҷойи даҳумро номи Далерҷон ишғол кардааст, ки он барои 17 нафар дода шудааст. Ҳамин тавр, номҳои Мубинҷону Сухроб барои 16 нафарӣ, Муродҷон ба 15 нафар, Акмалҷону Баҳром, Илҳомҷону Толибҷон ва Умедҷон барои 14 нафарӣ, Нозимҷону Рустамҷон ва Шуҳрат барои 13 нафарӣ, номҳои Амирҷону Фахриддин ба 12 нафарӣ ва номҳои Абдуазизу Баҳодур, Илҳому Маъруфҷон, Равшану Шарифҷону Шуҳратҷон барои 11 нафарӣ гузошта шудаанд.

Агар ин ҷиҳати номгузориро дар ганҷинаву хазинаи номҳои тоҷикони шаҳру ноҳияи Панҷакент ва ноҳияҳои Ашту Айнӣ ба қиёс гирем, чунин манзара ба мушоҳида мерасад. Дар шаҳру ноҳияи Панҷакент дараҷаи истифодаву истеъмоли

номҳо, яъне басомади онҳо нисбати Хуҷанд шаш дараҷа камтар мебошад. Яъне, агар дараҷаи баланди басомади номҳо дар шаҳри Хуҷанд 33 маротиба бошад, дар шаҳру ноҳияи Панҷакент 27 бор аст. Дар шаҳру ноҳияи Панҷакент дар ҷойи аввал номи Парвиз, дар ҷойи дуввум номи Беҳрӯз-26, дар ҷойи саввум номи Далер-25, дар ҷойи чаҳорум Фирӯзу Ҷамшед, дар ҷойи панҷум номи Бахтиёр-19, дар ҷойи шашум номҳои Алишеру Диловар ва Фирдавсу Ҷовид-18, дар ҷойи ҳафтум номҳои Сӯхробу Фаридун-17, дар ҷойи ҳаштум номҳои Некрӯзу Хуршед-15, дар ҷойи нӯҳум номҳои Акмалу Манучеҳр ва Ҷонибек-14, дар ҷойи даҳум Беҳзоду Умедҷон ва Шерзоду Ҳусейн-13, дар ҷойи ёздаҳум номи Комрон-12, дар ҷойи дувоздаҳум номҳои Муродбеку Фарҳод, Фурқату Хушбахт, Шоҳруху Ҷаҳонгир-11 ба мушоҳида расид.

Ин манзара, яъне дараҷаи мустаъмалӣ ва басомади номҳо дар ганҷинаву хазинаи номҳои мардуми ноҳияҳои Ашту Айнӣ нисбати шаҳрҳои Хуҷанду Панҷакент камтар ба назар расид.

Дар ноҳияи Ашт барои соли 1987 дар мақоми аввал номи Диловар-18, дар мақоми дуввум номи Некрӯз-14, дар мақоми саввум номҳои Далеру Дилшод-13, дар мақоми чаҳорум номи Хушбахт ва дар мақоми панҷум номҳои Бахтиёру Беҳрӯз ва Искандару Фирдавс-10 мавқеъ доранд.

Дар ноҳияи Айнӣ ҷойи аввалро номи Бахтовар-15, ҷойи дуввумро номи Фаридун, ҷойи саввумро номи Фотеҳ ва ҷойи чаҳорумро номҳои Беҳрӯзу Далер, Диловару Пайрав ва Шамшоду Ҳасан сазовор мебошанд. Бояд ёдрас кард, ки дараҷаи истифода ва басомади номҳо дар ноҳияи Айнӣ нисбатан камтар будааст.

Барои натиҷа ва хулосаҳои амиқ ба даст овардан лозим ва зарур аст, ки ҳудуду сарҳади мавзеъҳои муқоисаро густариш ва фароху паҳно мебояд кард. Аз ин хотир номҳои серистеъмоли сокинони шаҳри Хуҷандро бо ганҷинаву хазинаи номҳои тоҷикони шаҳру ноҳияи Кӯлоби вилояти Хатлон муқоиса кардан мувофиқи матлаб дониста мешавад. Аз ҷумла, дар соли 1987 дар шаҳру ноҳияи Кӯлоб барои 2591 нафар писарҳо 714 адад ном мусаммо шудааст. Номҳои серистеъмоли соли мазкур Далер мебошад, ки барои 42 нафар интихоб ва гузошта шудааст. Аз лиҳози ҷой ва мақом дар ҷойи аввал маҳсуб меёбад. Номҳои Бахтиёру Хуршед дар ҷойи дуввум буда, ҳар кадоме 38 маротибагӣ истеъмол шудааст. Номи Алишер ҷойи саввумро ишғол менамояд, ки он ҳамагӣ 35 бор корбаст гардидааст. Номҳои дигар, мисли Рустам-33 бор, Ҷамшед-32, Хусрав-28, Ҷумъахон-27, Фарҳод-26, Дилшод-25, Баҳрому Манучеҳр-22 маротибагӣ, Умедҷону Фирдавс-21 бор мавриди истифода қарор гирифтаанд [16, 8].

Қиёси номҳои сокинони мавзеъҳои аз лиҳози масофа аз ҳамдигар дур ва паҳно далелҳои муҳим ва аҷибе хоҳанд дод. Аз муқоисаи номи Далер миёни тоҷикони аксари шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ равшан мегардад, ки дар пазируфтану номгузории писарҳо дар соли мавриди назар завқу шавқ, донишу маърифат ва рӯҳияву русуми мардуми чанд шаҳру ноҳияҳои аз ҳамдигар дар масофаи дур воқеъгардида дар як замону сол номи якхеларо яксону якранг ва баробар интихоб кардаанд. Муҷиб чӣ буда ва ин чӣ рамзест? Ба андешаи нигорандаи ин сатрҳо ҳама волидони номгузор орзуву ният ва таманно кардаанд, ки фарзандонашон бо ин ном ҳамчун шахси далеру тавоно, пурқуввату паҳлавон ва ҷасуру пуртавон ба камол бирасанд.

Бояд тазаккур кард, ки номи Далер дар чандин шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар соли 1987 ҷойи аввалро соҳиб гардидааст. Аз ҷумла, дар хазинаи номҳои тоҷикони шаҳри Душанбе номи Далер барои 132 нафар мусаммо шудааст ва аз лиҳози дараҷаву мақом дар ҷойи аввал мебошад. Ҳамчунин, дар ноҳияҳои Қубодиён (20), Темурмалик (13), ш. Кӯрғонтеппа (15) дар ҷойи аввал ва дар ноҳияҳои Ёвон (25), Панҷ (12), Шаҳритус ҷойи дуввумро ишғол кардааст.

Агар ба ганҷинаи номҳои тоҷикони шаҳру ноҳияҳои кишвар бо диду назари таҳқиқи оморӣ бингарем, чунин манзара ба мушоҳида мерасад. Масалан номи Ҷамшед дар ноҳияҳои Ҳамадонӣ-32 бор, Вахш-28, Қумсангир-21, Колхозобод-23, Ёвон-26, Данғара-28, Восеъ-32, Темурмалик-13, Шаҳртус-9 мусаммо шудааст ва аз лиҳози ҷой ва мақом дар ҷойи аввал аст. Ҳамин тавр, дар ноҳияҳои Ҷомӣ ва Муъминобод (20) номи Бахтиёр-23, дар мақоми аввал бошад, дар ноҳияи Айнӣ номи Бахтовар (15), дар Ашт Диловар (18), дар шаҳру ноҳияи Панҷакент номи Парвиз-27,

дар Фархор номи Аҳлиддин (46), дар Панҷ номи Қурбоналӣ-14 нисбат ба номҳои дигар дараҷаи истифода ва истеъмолашон хеле зиёд мебошад.

Дар шаҳри Хуҷанд ҷойи дуввумро номи Алишер соҳиб гардидааст, ки он барои 31 нафар писарҳо мусаммо шудааст. Дараҷаи истеъмол ва басомади номҳои мардона нисбати номҳои занона камтар аст. Мисол агар дараҷаи баланди басомади номҳои мардона дар соли мавриди пажӯҳиш 33 маротиба бошад, дараҷаи басомади номҳои занона ба 79 расидааст, яъне 46 дафъа фузунтар мебошад. Ин вазъиятро дар хазинаву ганҷинаи номҳои тоҷикони шаҳру ноҳияҳои Панҷакент (мардона 24 маротиба занона 43-), Ашт (мардона 18 бор ва занона 27), ноҳияи Айнӣ (мардона 15 бор ва занона 17) мушоҳида карда шуд.

Таҳлили оморӣ ва рақамҳо шоҳиди онанд, ки теъдоди номҳои дар истифодабудаи мардона нисбати номҳои занона афзунтар будааст. Агар барои соли 1987 дар шаҳри Хуҷанд барои 1943 нафар писарҳо 524 адад ном мавриди истифода қарор гирифта бошад, барои1679 нафар духтарҳо 377 адад ном гузошта шудааст. Агар ин рақамҳоро дар ганҷинаву хазинаи номҳои тоҷикони шаҳру ноҳияҳои дигари вилояти Суғд, аз ҷумла Панҷакенту Ашту Айнӣ қиёс кунем манзара чунин ба чашм мерасад. Барои соли мавриди назар дар шаҳру ноҳияи Панҷакент барои 2134 нафар писарҳо 904 адад ном ва барои 2137 нафар духтарҳо 664 адад ном, дар ноҳияи Ашт барои 988 нафар писарҳо 470 адад ном ва барои 1113 нафар духтарҳо 394 адад ном ва дар ноҳияи Айнӣ барои 1036 нафар писарҳо 710 адад ном ва барои 1083 нафар духтарҳо 616 адад ном мавриди истифодаи волидони номгузор будааст.

Муқоисаи ганҷинаву хазинаи номҳои тоҷикони пойтахти мамлакат шаҳри Душанбе бо шаҳрҳо ва ноҳияҳои гуногуни кишвар ва берун аз ин басо муҳим ва дорои арзишҳои илмӣ ва амалӣ мебошад. Зеро ба ҳамагон возеҳ аст, ки шаҳри Душанбе маркази илму тамаддун ва фарҳанги тоҷикон мебошад ва намояндагони илму адаб ва зиёиёни бедордилу донишмандони зиёде аз ҳар гӯшаву канори деҳу ноҳия ва шаҳру вилоятҳои мамлакат гирд овардаро муттаҳид намудааст. Яъне, ганҷинаи донишу хирад, ақлу заковат ва завқу шавқ, расму русум ва ойинҳои гуногуни тоҷикони мавзеъҳои зиёд дар фарҳангу маърифати номгузории шаҳри Душанбе хуб инъикос ёфтааст.

Аз таҳлилу баррасии лингвостатистикии номҳои тоҷикони шаҳри Душанбе аён гардид, ки дар соли 1987 барои 4122 нафар писарҳо 879 адад ном ва барои 3866 нафар духтарҳо 585 адад ном дар истифода будааст. Аз нигоҳи дараҷаи истеъмол ва басомад дар ганҷинаи номҳои тоҷикони ин шаҳр номҳои писарҳо (132 бор) нисбати номҳои духтарон (139 бор) камтар аст. Серистеъмолтарин номи писарҳо дар соли 1987 номи Далер аст, ки он 132 маротиба гузошта шудааст. Дар мақоми дуввум номи Хуршед ба қайд гирифта шуд, ки он барои 83 нафар номгузорӣ гардидааст. Ҷойи саввумро номҳои Дилшоду Рустам ишғол карда, ки 75 маротиба истеъмол шудааст. Ҳамин тавр, номҳои Алишер-73, Фирӯз-71, Фирдавс-70, Бахтиёр-67, Фаррух-64, Умед ва Фарҳод-63, Диловар-60, Беҳрӯз-63, Парвиз-57, Суҳроб-50, Азиз-42, Умедҷон-41, Манучеҳр-39, Баҳодур-37, Фаридун-35, Тоҳир-28, Илҳом ва Ҷаҳонгир-27, Аҳлиддин ва Шуҳрат-25, Зафару Искандар ва Хусрав-24, Суннатулло ва Темур-23, Фурқат ва Эраҷ-21, Акмал-20, Анвару Насим-18 ва ғайра [Ш.Ҳайдарӣ. Мақолаҳои номшиносӣ.-Перм: Форвард-С 2001.-с.113-114].

Як теъдод номҳои тоҷикони шаҳри Хуҷанд дараҷаи истифода ва истеъмолашон нисбатан камтар, яъне аз даҳ то панҷ маротибаро ташкил кардаанд. Масалан, теъдоди номҳои даҳ бор истеъмолгардида шаш адад мебошад: Абдурасул, Икромҷон, Комилҷон, Муъминҷон, Олимҷон ва Ҳусейн.

Миқдори номҳои нӯҳ маротиба мусаммошуда 11 адад аст: Аминҷон, Анварҷон, Баҳромҷон, Музаффар, Музаффарҷон, Муҳаммадҷон, Муҳиддинҷон, Равшанҷон, Раҳимҷон, Фарҳодҷон ва Ҳасан.

Номҳои ҳашт бор истифодашуда ҳабдаҳ ададро ташкил кардааст: Абдусамад, Амир, Анвар, Даврон, Давронҷон, Зафарҷон, Инъомҷон, Камолҷон, Мансурҷон, Маҳмудҷон, Муқимҷон, Парвиз, Саидҷон, Фурқат, Ҷаъфар, Шавкат ва Шероз.

Номҳое, ки ҳафт маротиба гузошта шудаанд, миқдоран кам ба назар расид: Абдураҳим, Аъзамҷон ва Манучеҳр.

Номҳои шаш бор истифодашуда 15 адад аст: Абдурауф, Абдураҳмон, Абдусалом, Абдуҷалил, Абдуҷамил, Ғайратҷон, Исломҷон, Мақсудҷон, Маҳкамҷон, Мубин, Сироҷиддин, Соҳибҷон, Суҳробҷон, Фаррухҷон, Хайрулло.

Номҳои панҷ маротиба мусаммошуда нисбатан зиёд, яъне 22 ададро ташкил кардааст: Абдуаҳад, Абдувалӣ, Абдуваҳҳоб, Абдумавлон, Абдумалик, Абдурашид, Азимҷон, Акмалхон, Акрамҷон, Алиҷон, Амонҷон, Ғуфрон, Зарифҷон, Неъматҷон, Орифҷон, Расулҷон, Садриддин, Солиҳҷон, Темур, Фаридун, Фирӯз ва Ҳалимҷон.

Номҳои аз чаҳор то як бор истифодашуда дар хазинаи номҳои тоҷикон ба гурӯҳи номҳои камистеъмол мутааллиқ дониста шудааст. Дар маводи гирдовардаи мо ин гурӯҳ номҳо ба таври зайл аст. Аз ҷумла, миқдори номҳои чаҳор маротиба истифода гардида 27 адад мебошад: Абдуғаффор, Абдулатиф, Абдусаттор, Абдуҳамид, Азизҷон, Акбарҷон, Бахтиёрҷон, Баҳодурҷон, Баҳриддин, Зокирҷон, Искандар, Маъруф, Мухторҷон, Мӯҳсинҷон, Набиҷон, Назирҷон, Насим, Олим, Салимҷон, Темурҷон, Толиб, Умед, Фурқатҷон, Ҳабибулло, Ҳакимҷон, Ҷаҳонгир ва Шокирҷон.

Номҳои се маротиба истифодашуда нисбатан зиёд буда, 43 ададро ташкил мекунанд: Абдувоҳид, Абдукарим, Абдулло, Абдуллоҷон, Абдуманнон, Абдумуталлиб, Абдуҳаким, Азиз, Азизхоҷа, Акрам, Амирхон, Аслиддин, Валиҷон, Дадоҷон, Зариф, Зафар, Зокир, Иброҳим, Исроилҷон, Камол, Каримҷон, Қобилҷон, Мамадҷон, Мирзошариф, Муинҷон, Мунир, Мухтор, Носирҷон. Нӯъмонҷон, Одилҷон, Пӯлодҷон, Раҳим, Рашид, Руслан, Самиҷон, Собирҷон, Содиқҷон, Султон, Тоҳир, Усмонҷон, Ҳотамҷон, Ҷумъабой ва Эҳсонҷон.

Номҳои ду маротиба истеъмолшуда аз ҷиҳати миқдор зиёд, яъне 75 адад аст. Номҳои як маротиба мусаммошуда дар ганҷинаи номҳои мардонаи соли мавриди назари шаҳри Хуҷанд хеле фузун мебошад. Дар ин сол 269 адад ном фақат як борӣ истифода гардидааст. Дар ганҷинаву хазинаи номҳои мардонаи шаҳри Хуҷанд мисли номҳои тоҷикони мавзеъҳои дигари ҷумҳурӣ ва берун аз он як миқдор анҷомаю пасвандгуна ва пешванду вожаҳои номсоз ба назар расид, ки дар охиру аввали номҳо корбаст шуда, номҳои гуногун сохтаанд. Дараҷаи истифода ва истеъмоли онҳо дар ганҷина ва хазинаи номҳои мардона яксон набуда, баъзеи онҳо сермаҳсул ва гурӯҳи дигарашон камистеъмол мебошанд.

Аз таҳлилу баррасии оморӣ аён гардид, ки аз ҷиҳати дараҷа, басомад ва мақом дар аввал пасвандгунаи –ҷон мавқеъ дорад, ки дар анҷоми 161 адад ном мавриди истифода қарор гирифтааст. Ин пасвандгуна дар номи 699 нафар ашхос ба назар расид. Дар мақоми дуюм –хоҷа //-хӯҷа мавқеъ дорад, ки он дар ҳиссаи охири 29 адад ном корбаст шудааст. Ҳамин тавр, анҷомаю ҷузъҳо ва пасвандгунаю вожаҳои номсози –хон дар анҷоми 28 адад ном, -дин дар охири 19 адад, -улло дар охири 13 адад ном, -бек дар охири 11 ном, -бой дар охири 9 ном истифода шудааст.

Агар ин масоили номҳои тоҷикони шаҳри Хуҷандро бо номҳои дар соли 1987 мусаммошудаи вилояти Хатлон муқоиса кунем чунин манзара ба чашм мерасад. Пасвандгунаи –ҷон дар анҷоми 287 адад ном истеъмол шудааст, ки аз лиҳози мақому дараҷа дар ҷойи аввал мебошад. Дар ҷойи дуюм пасвандгунаи –дин мавқеъ дорад, ки он дар охири 184 адад ном ба кор омадааст. Мақоми сеюмро вожаи номсози -шоҳ //-шо ишғол менамояд, ки он дар ҳиссаи охири 178 адад ном ба назар расид. Ҳамин тавр, ҷузъҳо ва вожаҳои номсози –улло // -илло, аллоҳ //-убло дар анҷоми 122 ном, -хон дар охири 118 ном, -бек//-бег дар анҷоми 111 ном, -алӣ дар охири 88 ном, -хоҷа //-хӯҷа дар анҷоми 83 ном ва ғайра истифода шудааст [16,16].

Бояд зикр кард, ки як теъдод вожаҳои номсоз дар ҳиссаи аввали номҳо сермаҳсул мебошанд. Вожаи Абду –нисбатан фаъол буда, дар аввали 52 адад ном ба назар расид, ки дар маҷмӯъ 166 нафар писарҳои дар соли 1987 мусаммошуда номашон бо калимаи мазкур шурӯъ мешавад. Сипас, вожаи Мирзо –дар ҳиссаи аввали 36 адад ном, Саид-дар аввали 13 адад ном корбаст шуда, ганҷинаву хазинаи номҳои мардонро фузун кардаанд.

Таҳлилу пажӯҳиши масоили рамзиёту мавзӯот, шарҳу маънидод ва сохту таркиби номҳо аз вазоифи муҳиму арзишманди илми номшиносӣ маҳсуб меёбад. Ҳамчунин, ҷамъоварии пурра ва мукаммали номҳои тоҷикони деҳаҳо ва ноҳияву шаҳрҳои мамлакат барои садаи гузашта ва номҳои муосирон яке аз вазифаҳои

таъхирнопазири намояндагони илмҳои забону адабиёт ва таъриху мардумшиносӣ ва хосатан номшиносии тоҷик бояд қарор бигирад. Бошад, ки ба ин васила ганҷинаву хазинаи арзишманду пурғановати номҳои тоҷикони мамлакат ва берун аз он муайян ва муқаррар гардад ва пажӯҳишҳои ҷиддии илмӣ ба миён ояд Ҳамзамон маърифату фарҳанги номгузинӣ ва номгузории ҳаммиллатони хираддӯсти мо ба низому танзим бирасад. Илми номшиносӣ бояд ба номгузории тоҷикон роҳнамоӣ кунад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуллоев С. Маҳастӣ ё Моҳситӣ? // Газетаи муаллимон, 1985.- 2 июл.
2. Аюбова М. Баъзе хусусиятҳои антропонимҳои тоҷикони навоҳии Шаҳритус ва Қубодиён вобаста ба инкишофи ҷамъият // Тезисы докладов молодых ученых. –Душанбе, 1995.- С.54-55.
3. Аюбова М. Баъзе хусусиятҳои антропонимияи тоҷикони навоҳии Шаҳритус ва Қубодиён // Сухану суханварӣ ва баъзе бозёфтҳои он: Маҷмӯаи мақолаҳои кафедраи хат ва матни форсӣ-тоҷикӣ. – Душанбе, 1998.- С.28-31.
4. Аюбова М. Номҳои сохта дар антопонимияи тоҷик (дар мисоли навоҳии Шаҳритусу Қубодиён) // Паёми Донишгоҳи миллӣ.-Душанбе.1999. -№1, бахши 2. – С.38-44.
5. Бахтибеков Т. К семантико-грамматическим особенностям шугнанской антропонимии // Иранское языкознание: ежегодник, 1981. –М., 1985. – С.68-88.
6. Карамшоев Д.Этносоциолингвистические аспекты личных имен при многоязычии (на материале памирских и таджикского языка) // XV Международный конгресс по ономастике. –Лейпциг, 1984.- С.219.
7. Карамшоев Д. Особенности памирских личных имен// Памироведение. –Душанбе, 1985.-Вып.2.- С.263-285.
8. Карамшоев Д. К истории формантов памирских имен // Совершенствование преподавания иностранных языков в высшей и средней школе: респ. конф.:тез. докладов.-Душанбе, 1991.Т.1. С.44-45.
9. Хайдаров Ш. Динамика антропонимии таджиков в XX в. (на материале Аштского района) // Республиканская научно-теоретическая конференция молодых ученых и специалистов Таджикской ССР: Секция филология и востоковедения. –Душанбе, Дониш, 1982. –С.45.
10. Хайдаров Ш. Дифференциальные признаки мужских и женских имен таджиков (на материале Аштского района) // Вопросы диалектологии и истории языка: материалы VII совещания по общим вопросам диалектологии и истории языка. –Душанбе, Дониш, 1984.-С.55-62.
11. Хайдаров Ш. Антропонимия таджиков северо-западной части Ферганской долины (на материале Аштского района):авто-реф. канд. дис.-Душанбе, 1991. -16с.
12. Ҳайдарӣ Ш. Ном ва тилло: Баррасии номҳои мардумии Ашт. –Шайдон, 2000. -73с.
13. Ҳайдарӣ Ш. Мақолаҳои номшиносӣ.-Перм: Форвард-С, 2001.-116с.
14. Ҳайдарӣ Ш. Баррасии муқоисавии номҳои пайрав (дар мисоли номҳои Тоҷикистон ва Афғонистон) // Мақолаҳои номшиносӣ. –Перм: Форвард-С, 2001, -С.87-92.
15. Ҳайдарӣ Ш.Номвожаҳо. Қариб 38000 номҳои халқҳои эронизабон. Перм: Форвард-С, 2003.-280с.
16. Ҳайдарӣ Ш. Луғати басомади номҳои тоҷикони вилояти Хатлон. –Душанбе: Ирфон, 2007. -473с.
17. Ҳайдарӣ Ш. Баъзе масъалаҳои омӯзиши лингвостатистикӣ ва лингвогеографии номҳои тоҷикони вилояти Хатлон // Ахбори АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2009.
18. Ҳайдаров Ш. Фонди антропонимҳои райони Ашт // Тезисы докалдов республиканской конференции молодых ученых: Секция языкознания и литературоведения. –Душанбе, 1977. –С.17.

ЛИНГВОСТАТИСТИЧЕСКОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ МУЖСКИХ ИМЕН ТАДЖИКОВ ГОРОДА ХУДЖАНДА

В статье впервые мужские имена таджиков города Худжанда за 1987г. исследованы лингвостатистическим и лингвогеографическим методом. Выяснилось, что в г. Худжанде для 1948 новорожденных мальчиков дано 524 имени и для 1679 девочек дано 377 имён. По частотности употребления имя Далер занимает первое место. Результатом лингвогеографического исследования выяснилось, что изоглосса или территория распространения имён в городах, районах и сельской местности разнообразны. Имя Далер также в именнике таджиков столицы Таджикистана г.Душанбе для исследуемого года дано 132 новорожденным мальчикам и по частотности занимает первое место. Это имя в городе Курган-тюбе и районах Кубодиёна и Темурмалика также популярнои и занимает первое место.

Ключевые слова: антропонимия, Худжанд, словарь, Алишер, Сарвар, Далер, Ашт, 1986, 1990, Зерафшан.

LINGVOSTATISTICHESKOYE RESEARCH OF MAN'S NAMES OF TAJIKS OF THE CITY OF KHOJEND

In 1987, for the first time by linguostatical and linguogeographical methods were investigated the names of Tagics liwing in Khujand city. The investigation showed thet for 1948 boys we used 524 names and for 1679 girls we used 377 names. If we take into consideration the friguency ob namings, the name Daler took the first plase, linguistic-geografical investigation gave us chance to summit (in compezasion) the names given in different towus and cities of the Republic. Ih the capital of the Republic-Dushanbeh 132 boys we named (in 1987) Daler and this name took the first place too. In other parts of the Republic as Kurgonteppa city, Kubodion and Temurmalic distriets auso the boys were mainly named by this name and it took the first rank.

Key words: antroponimiya, Khujand, slovar, Alisher, Sarvar, Daler, Asht, 1986, 1990, Zarafshon

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Ш. Хайдаров*** - соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.А. Рудаки АН РТ.Телефон: **92-754-66-65.**

ТАРКИБ ДАР ЗАБОНИ ФОРСӢ

Заҳро Аҳмади Калотеҳ Аҳмад
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Забоншиносон забонро дар чор қисмат дар назар доранд: фонетика, морфология, синтаксис ва маъношиносӣ. Дар ин мақола аз анвои таркиб сухан мегӯем. Бе он ки аз се қисмати дигар дохили баҳси морфология мешавем ва макони онро дар забон баррасӣ мекунем.

Дар морфология ба мутолиаи сохтмони дарунии вожаҳо ва фарояндҳои вожасозӣ мепардозанд. Морфология ба ду қисмати сарф кардани калимаҳо дар ҷумла ва калимасозӣ ё вожасозӣ қобили тақсим аст.

Таркиб вожаи мураккаб маъмулан тибқи таъриф аз ҳадди ақал ду вожа шудааст. Манзур аз вожа дар ин ҷо решаи мустақилмаъно аст. Мумкин аст вожаи мураккаб беш аз ду калима бошад, дар ин ҳолат таркиби ду калима дар як сохт, пояе барои сохти калимаи баъдӣ мешавад.

Дар китоби «Дастури панҷ устод», исми мураккаб ин гуна таъриф шудааст: «Исми мураккаб ё омехта он аст, ки аз ду калима ё бештар таркиб шуда бошад, монанди корхона, боғбон, меҳмонхона» [2, 40].

Аз он ҷо ки аносири мураккаб мумкин аст, сода, сохта, таркибӣ, наҳвӣ, реша ё вобаста бошанд, бо истифода аз истилоҳи вожа метавон гуфт вожаи мураккаб аз ду ё чанд реша сохта шуда ва фароянди таркиб дар ин кор дахолат доштааст, монанди «дилбанд», ки аз ду реша (яке решаи мустақил ва дигаре вобаста), «шабнам» аз ду вожаи озод ва «оташсӯзӣ», ки аз як вожаи мустақил ва як калимаи сохта ташкил шудааст [7, 91].

Анвои табақабандии вожаи мураккаб: Аввал, табақабандии вожаи мураккаб бар асоси ҳиссаи нутқи аҷзои сохторӣ, ки дар ин табақабандӣ вожаи мураккабро бо таваҷҷуҳ ба аҷзои созандаи он ба анвои мураккаби ғайрифеълӣ ва мураккаби феълӣ метавон тақсим кард [7, 93]. Монанди вожаи мураккаби ғайрифелӣ: дарди меъда, табъи рубъ; вожаи мураккаби феълӣ: раг задан, бодангез.

Дувум, табақабандии вожаи мураккаб бар асоси шеваи таркиб, ки бар асоси се меъёри сохтор, ҳиссаи нутқ ва равобити наҳвии маъноӣ миёни вожаҳои созандаи онҳо табақабандӣ мешаванд (4,الف). Барои намуна вожаи зиёнкор аз таркиби як сифат ва як исм сохта шудааст.

Бо таваҷҷуҳ ба мисоли зикршуда мумкин аст вожаи монанди: худрӯшӯй, ки аз се вожаи худ, рӯ, шӯй ташкил шударо дар назар бигирем ва ин пурсиш матраҳ шавад, ки оё вожаҳои аз ин навъ ҳам дар таърифи вожаи мураккаб қарор мегиранд ва аз ду вожа ташкил мешаванд? Посухро ин гуна метавон шарҳ дод, ки берунии ҳар фароянд метавонад ба дарунии фароянди баъдӣ табдил шавад ва фароянди вожасозӣ дар ин ҷо ба сурати пойгонӣ амал мекунад; дар калимаи худрӯшӯй сохтори исм «худрӯ» + решаи ҳол «шӯй» аст ва нукта ин ки дар сохтори исм + исм ҳатман исми сода нест [3,30]. Барои вожаҳои мураккаб ҳудуди чил сохтор шиносоӣ кардаанд (4, الف), ки

намунаҳои онҳо аз қарори зер аст: Исм + исм, исм + сифат, исм + асоси замони ҳозираи феъл, сифат + исм, сифат + асоси замони ҳозираи феъл, исм + асоси замони гузаштаи феъл. Медонем, ки вожаи мураккаб ҳама ҳиссаҳои нутқ (исм, сифат, зарф, феъл, пешоянду пасояндҳо ва пайвандакҳо)-ро шомил мешавад ва дар мақоми як воҳиди вожагонӣ ба як ҳиссаи нутқи дастурӣ тааллуқ дорад. Барои мисол: бодангез - сифат аст ва исҳоли хун - исм мебошад.

Фароянди таркиб шомили ду вожа аст, ки яке маънии дигареро, яъне маънии асоси калимаро тавсиф мекунад. Ба ин маънӣ, ки дар сохтмони калимаи мураккаб як сохтори дутоӣ вуҷуд дорад. Монанди: бачаафкан, зиёнкор.

Дар бархе забонҳо, инкишофи фароянди таркиб то ҳадди зиёде марбут ба шаффофияти маъноӣ ва робитаи маъноӣ миёни аҷзои ташкилдиҳандаи вожа мешавад.

Маънои калимаи мураккаб гоҳ шаффоф ё таркибпазир аст, яъне донистани маънои аҷзои созандаи калимаи мураккаб ба дарки маънои он калима кӯмак мекунад, монанди: таб-таби қубъ, дарди меъда, ки маънои так-таки аҷзои калимаи мураккаб маънои калимаро рӯшан мекунанд. Дар муқобил маънои баъзеи дигари калимаҳои мураккаб таркибнопазиранд ва наметавон бо такя бар маънои аҷзои созандаи калимаи мураккаб ба маънои кулли вожа пай бурд, монанди: гулговзабон, сабуксар ва… илова бар меъёри таркибпазирии маъноӣ, метавон аз робитаи маъноии пояҳои калимаи мураккаб бо якдигар истифода кард, онҳоро ба анвои дарунмарказ, бурунмарказ, мутавозин, дусӯя ё бадал тақсим кард [7, 95].

Вожаи мураккаби дарунмарказ, шомили як асоси калима аст, ки кулли сохтори он вожаи мураккаб зершумули асоси калима мебошад, монанди гулӯдард.

Дар вожаи бурунмарказ асоси калима дида намешавад ва як исм ё сифат мебошад ва нукта ин ки ҳиссаи нутқи дастурии вожаи мураккаб, ҳиссаи нутқи дастурии ҳеҷ як аз калимоти ташкилдиҳанда нест ва албатта, вуҷуди он вожаҳо дар ҷаҳони хориҷ ҳастанд [8,79], монанди шалғам, каждум.

Гурӯҳи хосе аз калимаҳои мураккаб шомили таркиботи дутоӣ ё мутавозин мешавад. Дар ин таркибот асоси калимаи маъноӣ дида намешавад ва робитаи маънои байни аҷзои созанда, робитаи ҳампоягӣ аст [8,81], монанди обу ҳаво, обқанд, шакароб.

Вожаи мураккаби бадалӣ шомили ду асоси калима мешавад, ки ҳамзамон ҳар як бар дигаре шумули маъноӣ дорад, кулли калимаи мураккаб ва так-таки аносури он ҳам ҳиссаи нутқ аст ва мушаххас нест кадом унсур ҳиссаи нутқи дастурии худро ба калимаи мураккаб додааст, дарди тиҳигоҳ, дарди мафосил.

Бад ин гуна роҳҳои гуногуни вожагузинӣ дар забони форсии дарӣ вуҷуд дорад ва ин худ қудратмандии онро барои баёни ҳар гуна мафҳум ва мавзӯе нишон медиҳад ва ҳатто ҳар истилоҳи илмӣ ва фаннии муосирро метавон бо истифода аз тавониши вожасозӣ ва вожагузинии забони форсии дарӣ ба осонӣ сохт.

Намунаҳои таркиб дар забони форсӣ

1. **Исм + исм:**

а) асоси калимаи поён: Бемориҳоро бозпас орад ва **<u>сардард</u>** орад (с.22)[***].

Аз бисёр хӯрдани шир торикии чашм ва **<u>шабкӯрӣ</u>** орад (с.127).

б) асоси калима оғоз: **<u>Исҳоли хун</u>** бисёртар бошад (с.22). Ҳавои тирра мардумро **<u>тангдил</u>** кунад (с.24).

в) мутавозин: Андар ҳавои **<u>гарму хушк</u>** табҳои **<u>тезу сӯзон</u>** бошад (с.26).

г) исми мураккаби ташбеҳӣ: Ҳар чи кайфиятҳои мардумро камтар аз он бигардонад, ки дорӯ ва камтар аз он ба андомҳо монанд шавад, ки ғизо онро **<u>ғизои давоӣ</u>** гӯянд (с.79). **<u>Давои ғизоӣ</u>** яъне ғизое, ки ба дорӯ монанд (с.79).

ғ) исм + пешоянду пасояндҳо + исм: Бемориҳои баҳорӣ исҳоли хун аст ва **<u>хун аз бинӣ омадан</u>** ва молихулиё…(с.29). Духтаронро падид омадани **<u>об андар шикам</u>** ва андар риҳим бисёр бошад(с.59).

[***] Мисолҳо аз китоби сеюми «Захираи Хоразмшоҳӣ»-и Исмоили Ҷурҷонӣ

д) бадалӣ: Баъзе аз ҷинси таъом ва шароб аст ва баъзе **даво доруи** дардситон аст (с.40). Духтархонум саргаштаву парешонхотир бозгашт.

2. **Сифати мураккаб:**

а) сифати ташбеҳӣ: Кӯдакони **садафдандон** аз хурдани ширинии зиёд бояд парҳез намоянд.

б) сифати аснодӣ: Агар касе аз зани дӯшиза оҷиз бошад, мурод ҳосил кунад (с79).

в) сифати фоилӣ: Мардумони масканҳои хушк бадхӯй ва мутаффакир ва ҷангҷӯй бошанд (с.56).

г) сифати дорандагӣ: Мардумони масканҳои хушк, **хушкандом** ва **дуруштпӯст** ва **хушкмизоҷ** бошанд (с.57).

3. **Исм + исм:** **Мазза-мазза** ва ғарғара кардани бештар омосҳои гармро, ки андар даҳон ва буни забон падид оядро суд дорад (с.100). Мо-ал-асал нимгарм **қатра-қатра** андар даҳони ӯ мечаконанд (с.140).

4. **Сохтори замири муштараки худ + исм:**

а) сифат: Он гиёҳ худрӯй аст.

б) исм: Ҳар чи пеш ояд аз шодӣ ва лаззат ва аз андӯҳ ва тарс **хештандорӣ** кунад (с.102).

5. **Сохтори исм + сифати мафъулӣ:**

а) сифати мураккаб: Бад-он ки қавоми тани мардум аз дил аст ва аз қуввати ҳайвонӣ, ки дар вай аст ва ин қувватест **асарпазиранда (с.90)**. Тухми мурғ **нимбиришта** бо шир омехта медиҳанд (с.194).

б) исми мураккаб: **Таом хӯрда** андар гармоба нашояд рафт (с.201).

6. **Сохтори замири муштарак + сифати мафъулӣ:** Меваи **худпухта** барои саломатии тан муфидтар аст.

7. Сохтори исм + сифати фоилӣ: (Устухудус) **зудоянда** аст ва **латифкунанда** аст уфунатҳоро боздорад (с.69).

Дар ин мақола баҳси таркибро мавриди таваҷҷуҳ қарор додем, ки яке аз сармояҳои забони форсӣ дар ҳавзаи вожасозӣ вуҷуди фарояндҳои гуногуне аст, ки аз он миён фароянди таркиб, бо таваҷҷуҳ ба улгӯҳое, ки аз Таботабоӣ баён шуда буд, аз густариши бисёре бархурдор аст. Бо истифода аз ин фароянд метавон вожаҳои печидае сохт, ки ҳисобашон чандин баробари вожаҳои мустақил аст ва ҳамон тавр ки дар ин навиштор ишора шуд, берунии ҳар фароянд метавонад ба дарунии ҳар фароянди дигар табдил шавад. Барои намуна аз сохтори дард + банд вожаи дардбанд сохта мешавад ва кулли ин вожа бо як решаи сарфии –ҳо ба дардбандҳо табдил мешавад. Ин вожа дар ҳеҷ фарҳанги луғате сабт нашуда ва ин баёнгари он аст, ки маъмулан суратҳои ҷамъ дар фарҳанги луғат навишта намешавад, зеро сурате аз калима ҳастанд. Вожаҳои мураккабро ба лиҳози ҳиссаи нутқе ачзои сохторӣ ба ду гурӯҳи феълӣ ва ғайрифеълӣ ва ба ҷиҳати робитаи маъноии асосҳо метавон ба вожаи мураккаби дарунмарказ, бурунмарказ, дутоӣ, мутавозин ва бадалӣ тақсим кард.

А Д А Б И Ё Т

1. Исмоили Ҷурҷонӣ. Захираи Хоразмшоҳӣ. Китоби сеюм.-Теҳрон: Интишороти Анҷумани осори миллӣ.-1352.- 480 с.
2. Панҷ Устод. Дастури забони форсӣ. –Теҳрон: Интишороти Ноҳид. - 1387. -279 с.
3. Таботабоӣ Алоуддин. Сарфи забони форсӣ. Маҷаллаи Бухоро, № 63.– 1386.- 100с.
4. Таботабоӣ Алоуддин. Таркиб дар забони форсӣ – 1 // Маҷаллаи фарҳангистон.- № 35. – 1387, الف.
5. Таботабоӣ Алоуддин. Таркиб дар забони форсӣ – 2 // Маҷаллаи фарҳангистон.-№ 36. 1387, ب .
6. Таботабоӣ Алоуддин. Таркиб дар забони форсӣ – 3 // Маҷаллаи фарҳангистон.- № 37. 1387,پ .
7. Шақоқӣ Видоъ. Мабонии сарф. –Теҳрон: Интишороти Самт.- 1386. -151 с.
8. Booij,G. The Grammer of word, an Introduction to Morphology,Oxford University Press. – 2007. -c.235

СОСТАВ И СТРОЕНИЕ ПЕРСИДСКОГО ЯЗЫКА

В данной статье подвергнуты рассмотрению и изучению состав и строение персидского языка. Приведены примеры из третьей книги «Захираи Хоразмшохи» Исмаила Джурджони.

Ключевые слова: персидский язык, состав, строение, сложные слова, словообразование, полнозначные слова

STRUCTURE AND STRUCTURE OF THE PERSIAN LANGUAGE

In this article will subject to consideration and studying structure and a structure of the Persian language. Examples from Ismail Dzhurdzhoni's third book "Zakhirai Horazmshokhi" are given.

Key words: Persian language, structure, structure, compound words, word-formation, meaning-bearing words

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Захро Ахмади Калотех Ахмад*** **-** соискатель ТНУ

ЛЕКСИКО-СЕМАНТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ПРОЦЕССА ТЕРМИНОЛОГИЗАЦИИ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ (НА ПРИМЕРЕ ТЕРМИНОСИСТЕМЫ МЕЖДУНАРОДНОГО ПРАВА)

Н.С. Назарова
Российско-Таджикский (славянский) университет

Юридическая терминология, разумеется, как и сама юридическая наука, на современном этапе общественно-политического и социального развития, на фоне расширения и углубления международных связей Республики Таджикистан как субъекта международного права, подверглась большому качественному скачку. И на сегодняшний день международное право представляет собой целую систему, состоящую из множества отраслей (более 25) [1,617], что, конечно же, включает собственную терминологию.

Отраслевая терминология в современном таджикском языке пока ещё остается далеко неисследованной, юридическая терминология тем более [5,4]. Исходя из этого, в данной работе мы ограничились сопоставлением и анализом терминологии международного права. Как нам кажется, эта отрасль права является наиболее общественно-значимым и широко функционирующим в современной международной жизни. Мы постараемся показать специфику семантических процессов, происходящих в английской и таджикской терминологии по данному профилю и покажем место и роль лексического переносного, словообразующего и терминообразующего значений отдельных лексических единиц и целых сочетаний, образующих термины.

В статье впервые проводится анализ международно-правовых терминов английского и таджикского языков в сопоставительно-типологическом плане, выявляются семантические особенности формирования и организации терминологии международного права как особого лексико-семантического объединения, устанавливаются иерархические отношения в системе терминологической лексики международного права и даётся её лексико-семантическая классификация.

Наблюдения над языковыми фактами таджикского и английского языков показывают, что в лексический состав терминов международного права обоих языков входят не только слова-термины, но и слова неспециальной, нетерминологической лексики, т.е. слова-нетермины. Поскольку лексический состав терминов международного права имеет сложную фреймовую структуру, то возможны критерии определения компонента-термина (Т) в отличие от компонента - нетермина (НТ).

Вслед за С.В.Хушеновой [4,58] в качестве компонента термина (Т) мы признаем такой элемент составного изафетного термина, который независимо от степени сохранения своего лексического значения внутри сложного терминологического фрейма, вне его обладает терминологическим значением и самостоятельно употребляется в этом значении в системе именно той терминологической лексики, к которой принадлежит и сам составной термин. Под компонентом-нетермином (НТ) понимается такой элемент составного изафетного термина, который независимо от степени лексической полноценности внутри терминологического фрейма, вне его или вовсе не обладает терминологическим значением (происходя, например, из лексики общелитературного языка, из имен собственных и т.д.), или обладает таковым, но в иной системе терминологии, куда не входит данный составной термин.

С точки зрения терминологичности составляющих компонентов двухчленные изафетные термины таджикского и английского языков образуют четыре группы (условно можно обозначать заглавными буквами): 1) Т-Т; 2) Т-НТ; 3) НТ-Т; и 4) НТ-НТ.

К **первой группе** относятся терминологические фреймы, состоящие из слов-терминов (Т-Т), где каждый компонент сохраняет прямое лексическое значение и может употребляться в своем терминологическом значении не только в составе данного терминологического фрейма. Грамматические отношения между компонентами подобного рода терминологического словосочетания также в основном сохраняется. Такие лексико-грамматические свойства составных элементов обусловливают тот факт, что терминологическое значение всего фрейма выводится из значений его компонентов. Например, а) термины дипломатического и консульского права: **корпуси дипломатӣ - diplomatic corps –дипломатический корпус, масъунияти дипломатӣ - diplomatic immunity – дипломатический иммунитет, имтиёзи дипломатӣ - diplomatic privilege – дипломатическая привилегия, ҳифзи дипломатӣ - diplomatic protection – дипломатическая защита; б)** термины права международных договоров: **ҳуқуқи шартномавӣ – treaty law – договорное право, ҳуқуқи урфӣ - customary law – обычное право, ҳуқуқи шартномаҳо - law of treaties – право договоров, қатъи шартнома - termination of treaty – прекращение договора, нисбияти шартномаҳо - relativity of treaties – соотносимость договоров, меъёри императивӣ - jus cogens – императивная норма;** в) термины права международных организаций: **Лигаи Миллатҳо - League of Nations – Лига Наций; Шӯрои Амният - Security Council – Совет Безопасности, Шӯрои пуштибонӣ - Trusteeship Council – Совет по опеке, ҳуқуқи вето - right of veto – право вето; г)** термины международного гуманитарного права: **ҳуқуқи ҷанг - law of war – право войны, эъломияи бетарафӣ - declaration of neutrality – декларация нейтралитета, асири ҳарбӣ - prisoner of war – военнопленный [3];** и т.д.

У **второй группы** составных терминов (фрейм Т-НТ) общее терминологическое значение в той или иной степени мотивируется самими компонентами фрейма, и, прежде всего первым компонентом – Т, который в значительной части таких единиц, как правило, употребляется в своем основном номинативном или производно-номинативном значении, и лексическая полнота его как слова-термина обычно сохраняется. Так, в терминологических фреймах **ҳуқуқи байналмилалӣ - international law – международное право, амнияти дастаҷамъӣ - collective security – коллективная безопасность, соҳибихтиёрии миллӣ - national sovereignty – национальный суверенитет, ҳуқуқи инсон - human rights – права человека, ҷанги шаҳрвандӣ - civil war – гражданская война, ҷанги одилона - just war - справедливая война, ҷинояти байналмилалӣ - international crime – международное преступление и т.п. словом –** термином (Т) является первый компонент, который обозначает родовое понятие и употребляется в своем номинативном значении. В составе терминов данной группы вторые компоненты (НТ) являются словами неспециальной лексики и выполняют функцию классифицирующих элементов. Следует отметить, что номинативное значение второго компонента (НТ) в составе термина остается почти без изменения.

В **третьей группе** составных терминов (фрейм НТ-Т) терминологическим значением обладает второй, классифицирующий компонент термина(Т), а первый - это слово из неспециальной лексики. В этой группе так же, как и предыдущей, имеются такие единицы, компонент НТ которых обладает в их составе прямым номинативным (или производно-номинативным) значением. В этом случае общее значение составного термина выводится из значений компонентов: **давомнокии давлат - continuity of state – континуитет государства, поймоли ҳуқуқ - abuse of rights – ущемление прав, болини баҳр – sea bed – морское дно, обҳои галаҷазирагӣ - archipelagic waters – архипелажные воды, хати соҳил – base line – береговая линия, тавозуни ҳокимиятҳо - balance of powers – баланс властей, тағйири шароит - change of circumstances – изменение обстоятельств, иҷрокунандаи вазифа - charge d'affaires – поверенный в делах, бархӯрди қонунҳо - collision of laws – коллизия законов, ноиби консул - vice consul – вице - консул, баргардонии ҷинояткорон - Extradition of criminals – экстрадиция преступников ит.д.**

Несмотря на мотивированность, т.е. выводимость значения целого из компонентов, эти единицы семантически монолитны и выражают одно понятие.

Однако в значительной части терминов фрейма НТ-Т первый их компонент (НТ) в составе устойчивого словосочетания претерпевает некоторые, хотя и незначительные, но все же заметные лексико-семантические изменения. В частности, под влиянием терминологического значения оборота в целом происходит конкретизация значения НТ. Так, в сочетании **обҳои галаҷазирағӣ - archipelagic waters – архипелажные воды** имеются в виду воды лежащие между островами архипелажного государства на таком расстоянии, чтобы приобретать статус архипелажных.

Переосмысление значения первого компонента фрейма НТ-Т может происходить на основе образного сравнения. Так, компонент НТ ***болин*** в термине ***болини баҳр*** означает не просто ***подушку,*** а часть морского пространства в международном морском праве. Иногда такое переосмысление значения первого компонента (НТ) может происходить на основе аналогии происходящих процессов и на основе прочих видов метафорического переноса. Так, в сочетании **поймоли ҳуқуқ - abuse of rights – ущемление прав** и **бархӯрди қонунҳо - collision of laws – коллизия законов** компоненты НТ ***поймол*** **и** ***бархӯрд*** означают не просто затаптывание прав и столкновение законов, а скорее нарушение прав человека и несовпадение международных и национальных правовых актов. Общее терминологическое значение перечисленных единиц характеризуется идеоматичностью, так как не выводится из простой суммы значений компонентов фрейма.

Следовательно, в третьей группе (фрейм НТ-Т), как и во второй (фрейм Т-НТ), терминологические единицы не одинаковы по степени семантической слитности. Несмотря на мотивированность в разной степени общего значения в этой группе имеются и составные термины идеоматического характера.

В **четвертой группе (**фрейм НТ-НТ**)** термины представляют собой соединение слов неспециальной лексики. При этом в одних случаях компоненты-нетермины реализуют свои номинативные значения, но, образуя составной термин, последние оказываются несвободными, так как специальное терминологическое значение приобретает вся единица целиком, и в терминизации участвуют в равной мере оба компонента: **эътирофи давлат –recognition of state – признание государства - ҳуқуқи инсон - human rights- права человека, ҳукми арбитраж - arbitration sentence – решение арбитража, пойгаи аслиҳа - armament race – гонка вооружений, тавозуни ҳокимиятҳо - balance of powers – равновесие властей, тағйири шароит - change of circumstances – изменение обстоятельств, мероси инсоният - heritage of mankind – наследие человечества** и др. В названных составных терминах компоненты НТ сохраняют свое номинативное **значение.**

В других случаях в результате терминизации всего словосочетания лексическое значение одного или обоих компонентов значительно преображается, так что общее значение термина не соответствует буквальному пониманию компонентов. К примеру, **болини баҳр - sea bed- морское дно, қаъри уқёнус - ocean floor - дно океана, ноҳияи баҳр – sea area – морской район** являются терминами международного морского права. Входящий в состав первого термина слово «болин» означает в свободном употреблении «подушка» и не соотносится с понятием, выражаемым составным термином. Также в словосочетании «морской район» слово «район» не является административной единицей, а означает дно морей и океанов и его недра за пределами национальной юрисдикции [2].

В результате такого тесного сплетения слов с измененными в составе термина значениями образуется лексически неделимое целое, общее значение которого, как правило, не выводится из простой суммы значений слов-компонентов. Главной функцией таких единиц является называние, терминологическое определение. Поэтому в большинстве случаев в современном таджикском и английском (да и в русском) языках образность их не ощущается говорящим.

Во фрейме НТ-НТ степень семантической слитности компонентов в составе термина наиболее высокая. Большая часть терминов четвертой группы обладает идиоматичностью.

В таджикском и английском языках кроме парных фреймов составных изафетных терминов имеются и многочленные (преимущественно трехчленные) фреймы составных изафетных терминов. Чаще всего они представляют собой

сочетание простого термина(или слова-«нетермина» с каким-либо из описанных типов парных составных терминов. Условно можно было бы обозначить эти трехчленные термины следующими фреймами: 1)Т-НТ-НТ; 2)Т-Т-НТ; 3)Т-НТ-Т; 4)НТ-Т-Т; 5) НТ-НТ-Т; 6)Т-Т-НТ; 7)НТ-Т-НТ. Например, Оинномаи Милали Муттаҳид - United Nations Charter – Устав Объединенных Наций; Созмони Милали Муттаҳид- United Nations Organisation – Орнанизация Объединенных Наций; Созмони Байналмилалии Тандурустӣ - World Health Organization – Всемирная Организация Здравоохранения; Донишкадаи ҳуқуқи байналмилалӣ - International Law Institute – Институт международного права; Низои мусаллаҳонаи байналмилалӣ - International Armed Conflict- Международный вооруженный конфликт; Тарафҳои Олии Ахдкунанда - High Contracting Parties – Высокие Договаривающиеся Стороны; Ҳуқуқи байналмилалии баҳрҳо - International Law of the Sea – Международное морское право; Ҳуқуқи байналмилалии умумӣ - Public International Law – Международное публичное право; Суди ҳакамии доимӣ - Permanent Court of Arbitration – Постоянный арбитражный суд; Ҳалли осоиштаи баҳсҳо - Pacific Settlement of Disputes – Мирное разрешение споров.

Приведенными примерами далеко не исчерпываются всевозможные случаи соединения компонентов в многочленных составных терминах. Возможны и исходно трехчленные единицы, не являющиеся результатом сочетания одного из типов парных конструкций с простым термином.

Таким образом, проведенный выше анализ показывает, что все типы составных терминов представляют собой фразеологические единицы различной степени семантической слитности. Определенная часть составных терминов, в частности та, где общее значение выводимо из значений компонентов, близка к свободным словосочетаниям. Но терминологичность делает их одним из видов устойчивых сочетаний.

Термины каждой из рассмотренных фреймов делятся в основном на два вида: а) неидиоматические терминологические единицы (общее значение их выводится из значений компонентов); б) идиоматические терминологические единицы (общее значение не выводится из простой суммы значений компонентов). Абсолютного размежевания фразеологических и терминологических единиц быть не может, ибо общие языковые процессы, в частности фразеологизация, функционирует и в сфере терминологии.

Л И Т Е Р А Т У Р А

[1.] Капустина А.Я. Международное право: учебник/ под общей ред. – М.; Гардарики, 2008. – 617 с.

[2.] Колосов Ю.М. и Кривчикова Э.С.. Том 3. – М.: Изд-во Московского независимого института международного права, 1997. – С.323.

[3.] Раджабов С.А. Фарҳанги ҳуқуқи байналмилалӣ. – Душанбе: Дониш, 2012. – 368 с.

[4.] Хушенова С.В. Изафетные фразеологические единицы таджикского языка. – Душанбе: Дониш, 1971. – 190 с.

[5.] Шокиров Т.С. Формирование и развитие юридических терминов таджикского языка. Автореф. дисс. доктора филологических наук. – Душанбе, 2011. – 46 с.

ЛЕКСИКО-СЕМАНТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ПРОЦЕССА ТЕРМИНОЛОГИЗАЦИИ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ (НА ПРИМЕРЕ ТЕРМИНОСИСТЕМЫ МЕЖДУНАРОДНОГО ПРАВА)

В статье впервые проводится анализ международно-правовых терминов английского и таджикского языков в сопоставительно-типологическом плане, выявляются семантические особенности формирования и организации терминологии международного права как особого лексико-семантического объединения, устанавливаются иерархические отношения в системе терминологической лексики международного права и даётся её лексико-семантическая классификация.

Ключевые слова: терминология, сопоставительно-типологический анализ, терминологизация, формирование и организация терминологии, терминосистема международного права, иерархические отношения, лексико-семантическая классификация.

THE LEXICAL-SEMANTIC FEATURES OF TERMINOLOGIZATION PROCESS IN THE TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES (INSTANCE OF INTERNATIONAL LAW SYSTEM TERMINOLOGY)

The article for the first time analyses terminology of international law in the Tajik and English languages on the comparative and typological levels, figures out the semantic futures of international law terminology formation and organization as a special lexical-semantic amalgamation, establishes hierarchal relations in the system of international law terminology and gives its lexical-semantic classification.

Key words: terminology, terminologization, comparative and typological analysis, formation and organization of terminology, system of international law terminology, hierarchal relations, lexical-semantic classification.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Н.С.Назарова***–аспирантка Российско-Таджикского (славянского) университета.Телефон:**919308437**;E-mail: **radjabovanigina@yahoo.com**

КАЛИМАСОЗИИ ИСМ БО ЁРИИ ПАСВАНДҲО ДАР ЗАБОНИ НАСРИ КЛАССИКИИ «БАДОЕЪ-УЛ-ВАҚОЕЪ»- ЗАЙНИДДИНИ ВОСИФӢ

А. Бобохонов
Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав

Исм ҳиссаи калонтаринии нуқт ба шумор рафта ашё ва ашёҳои предметонидашударо ифода менамояд. Исм ҳамчун ҳиссаи нутқ номи чизҳои мушаххас (санг, об, замин, дарахт, девор), шахс (одам, падар, духтар, мард), ҷонварон (гӯсфанд, моҳӣ, гург, паланг), ҳодисаву воқеа (борон, шӯриш, инқилоб), инчунин, номҳои амалу аломат ва мафҳумҳои маъной (хониш, нағзӣ, дониш, заковат), ва ғайраҳоро мефаҳмонад.

Дар таҳқиқу таҳлили исм олимони забоншиноси тоҷику рус ба монанди Саидризо Ализода, С. Айнӣ, Н. Маъсумӣ, Ш. Рустамов, Р. Ғаффоров, Д. Тоҷиев, Ҳ. Каримов, Семёнов Андреев, Зарубин Э. Бертелс, Фрейман Болдерев, Капранов, Росторгуева ва дигарон муваффақиятҳои зиёди илмии назаррас пайдо намудаанд [1,3].

Сохти грамматикаи забони тоҷикӣ ба таърихи он ва тағйироту такомули меъёрҳои он алоқаманд аст. Бинобар ин, таърихи омӯзиши забони тоҷикиро ба ду давраи калон: то инқилоби октябр ва баъди инқилоб тақсим намудаанд.

Дар давраи аввал забони адабиёти классикии форсу тоҷик, пеш аз ҳама назм мавриди тадқиқ қарор мегирад. Дар ин давра ақидаҳои забоншиносӣ бо роҳу воситаҳои гуногун ифода шудаанд. Баъзеи ин ақидаҳо дар тазкираҳо, мақолаҳои доир ба услубиёт ва назмшиносӣ дарҷ шудаанд.

Масалан, дар «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» чунин қайди ҷолиби таваҷҷуҳ ба назар мерасад: узви предметҳои ҷондорро бо - *ҳо* ҷамъ мебанданд (лойҳо, сарҳо, дастҳо), агар ишора ба узви шахс кунанд, бо пасванди - *он* ҷоиз аст: сарон, гарданон...

Дар «Бурҳони қотеъ» ҳангоми шарҳи пасвандҳои - со, - сор, -гон, - гоҳ, - истон, - қар, - лох, - вар;. - вор, - ва ғайраҳо маълумотҳои луғавӣ - грамматикӣ дода шудааст. Ба воситаи аффиксатсия калимасозии исм забони насри классикии «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддини Восифӣ сермаҳсул мебошад.

Пасванди - гор дар забони ҳозираи тоҷик каммаҳсул буда, ба воситаи он аз исму асосҳои феъл исмҳои шахс сохта мешаванд, аз исмҳои маънӣ исми нав сохта мешавад ва шахсро аз рӯи амалиёту машғулияташ мефаҳмонад - хизматгор, мададгор, ситамгор: Қозизода гумон кард, ки ин мард бояд ошпаз, ё ҳезумкаш ва ё ягон хизматгори оддии Мавлоно Ҷомӣ бошад [2,41].

Пасванди - гоҳ, сермаҳсул мебошад: А). Исмҳои ҷою макон месозад: Ҳазрати Махдумӣ донанд, ки дар кафшгоҳ нишастаанд [2,42].

Дар ҳамин маҷлис, дар остонаи боргоҳ ду кас паҳлуи якдигар рост истода буданд (саҳ. 245). Вақте ки мо аз дарвозаи он бино қадам ба дарун ниҳодем, соҳибони хона ва меҳмонон шамъҳо дар даст ба пешвози мо давиданд ва моро бурда ба пешгоҳи он маҷлиси олӣ ҷо доданд [2,146].

Пасванди - вар дар исмсозӣ каммаҳсултар буда, аз исмҳои маънӣ исми нав месозад, ки шахсро аз рӯи хислату қобилият мефаҳмонад: Подшоҳ аз ширингуфторӣ ва сухановарии Бобои Маҳмуд хурсанд ва хандон шуда фармуд... [2,150].

Пасванди - и (- ги) дар исмсозӣ сермаҳсул мебошад.

1. Аз исм конкретии ҷинс исми шахе месозад: Гулханӣ пушт ба дарахт дода меистод [2,27].

Б) Аз сифат исмҳои ифодакунандаи муносибатҳои шахсро месозад: Мо бо рафиқони сафарӣ аз боғоти навсабзидаи Самарқанд, аз зери дарахтони мевадори навшукуфта гузашта ба дашту саҳроҳо даромадем [2,202]. Зебу оростагӣ ва зинату пиростагии он шаҳр ба дараҷае буд, ки биҳишти анбарсиришт аз шарми ӯ дар пардаи ҳаё ҷамоли худро пинҳон карда, рӯй ба касе наменамуд [2,202].

В) Ҷои зисти шахсро далолат мекунад: Дар ин рӯзҳо Мавлоно Найми Нишопурӣ ба дарбори мо расид... Мавлоно Султоналии Машҳадӣ (аз Машҳад) буда, ин куллиётро ба ғояти неку навиштааст [2,203]. Восифӣ мегӯяд: аз Хоҷаисмоили Ҳисорӣ нақл мекунад ... [2,262].

Г) Шавқу шуғли шахсро нисбат ба касе ё чизе: Дар ин миён маро шавқи китобхонӣ дар дил пайдо шуд [2,258].

Д) Хислату характери шахсро: - Эй Мавлоно Бурҳон, агар беодобӣ ва густохӣ намешуд, ман ин асоро, ки дар расм дар дасти Мир аст, гирифта бар сари ту мезадам [2,49].

Е) Ифодакунандаи мартаба, вазифа, касбу кор, савдогарӣ, коргарӣ, шоирӣ, олимӣ, вазирӣ ва ғайраҳо: Ҳақиқатан ҳам Маҷудуддин, ки дар мансаби вазирӣ истода ҳазлҳои беодобонаи ӯро ҳатто нисбат ба худаш ҳам бошад таҳсин мекард ва ба ӯ инъомҳои калон медод, ӯро ба дараҷаи авбошӣ расонда буд [2,54].

Категорияи шумора аломати барҷастаи грамматикиест, ки исм бо он аз дигар ҳиссаҳои нутқ фарқ мекунад. Шаклҳои танҳову ҷамъи исм ифодаи грамматикии ин категория мебошад. Вазифаи шаклсозиро дар забони тоҷикӣ пасвандҳои ҷамъбандии - ҳо ва - он иҷро менамоянд. Пасванди - ҳо хусусияти сермаҳсулӣ дошта, барои ҷамъбандии ҳама гуна исмҳо истифода мешавад:

Писаронашро талабида фармонро ба дасти онҳо дод [2,29].

Барои ифодаи ҷамъ инчунин пасвандҳои арабии - от, - ёт бо пасвандҳои - ҳо, - он дар як мазмун қарор мегиранд: - Эй хоҷазода, ман марди деҳқонам ва хокпош, зироате мекунам ва ҳосилоти вайро ба фуқаро ва мискинон сарф менамоям. Баъд аз замоне боварчиён (ошпазон) дастархонҳо паҳн карданд [2,30]. Восифӣ мегӯяд: Хоҷа Абулфазл фақирро чиҳил рӯз дар фарох нигоҳ доштанд, чунон хизматҳо, такаллуфҳо ва меҳмониҳо карданд, ки подшоҳонро он гуна меҳмонӣ муяссар намешуд [2,32].

Ҳангоми чида шуда омадани исмҳо ду ҳолати ҷамъбандӣ мушоҳида мешавад:

1) Пасванди ҷамъбандиро исми чидаи охирин мегирад. Пасванди ҷамъбандӣ бо исми охирин омада бошад, ба ҳамаи исмҳои чида мансубият дорад. Дар забони адабии тоҷик ин тавр воқеъ шудани исмҳо бештар дар исмҳои чидае дучор мешавад, ки ба якдигар бо пайвандаки -у алоқаманд шудаанд. Маълум аст, ки исмҳои чидаи бо пасванди ҷамъбандӣ аз ҳам бо интонатсияи махсус (оҳангнокии махсус) ҷудо мешаванд.

2. Ба ҳар як исми чида пасванди ҷамъбандӣ низ омада метавонад. Дар ин маврид исмҳои чида як навъ таъкид меёбанд [8,79]. Қаннодони (ҳаловагарони) нодиркор шарбатҳо, маъҷунҳо, очорҳои гуногун ва ширинихо қандин ва мевагии бисёре тайёр карданд [2,52]. Олиҳои гуногун ва ҳалвои аҷибу ғариб ихтироъ карда мепазам, ки повурчиён (ошпазон) дар ҳайрат меафтанд [2,56]. Ӯ чунон ошҳои болаззат пухт, ки аҳли маҷлис он гуна таомҳои болаззатро ҳеҷ нахӯрда буданд [2,57]. Султон фармуд, ки ҳавзи Боғизоронро хушконианд, даруни ҳавз майдони гӯштӣ муқаррар шуд, тамошобинон ба гирдогирди ҳавз гирд шуданд, султон, шоҳзодагон ва амалдорони бузург ба чортоқҳо нишастанд [2,70].

Пасванди - он се вариант дорад: - гон, - ён, ва - вон. Мавқеи васлшавии онҳо низ ба тартиби овозии калимаҳо вобаста аст. Агар исм бо ҳамсадо тамом шавад, бештар пасванди - он истифода мешавад: қиморбозон, мурғбозон... Агар бо садоноки-а тамом шавад, бештар пасванди ҷамъбандии - гон қабул мекунанд: хоҷагон, рафтагон, омадагон, нишастагон ва ғайраҳо.

Агар исм бо садоноки - и ва - о тамом шавад, аксар бо пасванди - ён ҷамъ баста мешавад: Баъд аз замоне боварчиён (ошпазҳо) дастархонҳо паҳн карданд [2,30].
Дар боробари ин ҳолатҳои хуб хеле чизҳои бадро ҳам аз ин воқеаҳо фаҳмидан мумкин аст: ҷангҳои ваҳшиёнаи ятимон (олуфтагон) ва паҳлавонон бо ҳам ва то куштани якдигар тайёр будани онҳо аз ҳолатҳои бад ҳисоб меёбад [2,76].

Аломати грамматикии шумораи ҷамъи исм бо пасвандҳои ҷамъи арабӣ, ки ба забони тоҷикӣ дохил шудааст, ба воситаи пасвандҳои - от, - ёт, - ин ва шакли ҷамъи шикаста бо ёрии флексияи дохилӣ ба амал меояд: ашхос (шахс), атфол (тифл), ахборот, ҳаводисот, ҳозирин, мусофирин ва ғайраҳо: - Эй хоҷазода, ман марди деҳқонам ва хокпош зироате мекунам ва ҳосилоти вайро ба фукаро ва мискинон сарф менамоям [2,31]. Мо бо рафиқони сафари аз боғоти навсабзидаи Самарқанд, аз зери дарахтони мевазори навшукуфта гузашта ба дашту саҳроҳо даромадем [2,202]. Шайх Ҳусайн он рӯз дар он ҷо дар ҳузури уламо дарсе гуфт, ки беихтиёр ҳамаи уламои бузургвор маҷбур шуданд, ки ӯро таҳсин ва офарин гуфта, ба вай гардани таслим пеш оранд... [2,287].

Барои ифодаи муносибатҳои субъективона пасвандҳои - ча, -ак ва вариантҳои онҳо истифода мешаванд. Ба воситаи ин пасвандҳо тобишҳои маъноии хурдӣ, навозиш, наҳзанӣ, нописандӣ, хурдӣ, навозиш, хурдию пастзанӣ ва хурдию нописандӣ ифода мешаванд:

А) Ба маънои хурдӣ: Дар пешайвони он иморат ҳавзчае буд... [2,52].

Б) Ба маънои хислати фурӯтании шахс: Аммо Ҷомӣ дар тобистон ва зимистон ҷомаи оддии пахтадор мепӯшид ва бар сар тоқияи Убайдӣ (як хел каллапӯши сафед, ки пештар дар Самарқанд мудӯхтанд) ниҳода, бар вай ду - се печ дасторчаи хурде мепечонд [2,41]. Дар вақте, ки Қозизода ба ҳавлии Ҷомӣ омад, ӯ дар долони дарвозаи вай поҳояшро овезон карда ба болои суфача нишаст ва дар он ҷо касе дигар набуд [2,41].

Хулоса, калимасозӣ бо роҳи пасвандҳо воситаи асосии бойшавии таркиби луғавии забони тоҷикӣ мебошад. Усул ва қолабҳои калимасозӣ мунтазам такмил ва инкишоф меёбанд. Аз ин рӯ, дар забони насри классикии «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддини Восифӣ пасвандҳои зиёди исмсоз ба чашм мерасанд, ки тобишҳои зиёди маъноии луғавӣ сохтаанд ва исмҳоро сермаъною пурмазмун намудаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ С. Масъалаҳои забони тоҷики. Куллиёт, ҷилди 2.- Душанбе, 1977.
2. Айнӣ С. Хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддини Восифӣ. Иборат аз ду ҷилд.- Душанбе, 1981.
3. Ахмадов У. Аффиксҳои муштараквазифа ва мавқеи онҳо дар таълими забони модарӣ //Мактаби советӣ.-1960.- № 9.
4. Бозидов Н. Муқаддимаи забоншиносӣ.-Душанбе: Маориф.-1977.
5. Маъсумӣ Н. Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат.-Душанбе: Ирфон.- 1966.
6. Ниёзи Ш. Оид ба ҳиссаҳои номии нутқ дар забони тоҷикӣ - Ахбороти шуъбаи фанҳои ҷамъиятӣ.- 1954.- №5.
7. Ниёзӣ Ш. Исм ва сифат дар забони тоҷикӣ. Сталинобод, нашри Академияи фаннҳои РСС Тоҷикистон.
8. Рустамов Ш. Исм.- Душанбе: Дониш.- 1981.
9. Рустамов Ш. Тансифоти ҳиссаҳои нутқ, ва мавқеи исм, Душанбе, 1972.
10. Забони адабии ҳозираи тоҷик –Душанбе: Маориф,1986.
11. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик.- Ҷилди 1.- Душанбе: Дониш, 1985.

ОБРАЗОВАНИЕ СУЩЕСТВИТЕЛЬНЫХ С ПОМОЩЬЮ СУФФИКСОВ В ПРОИЗВЕДЕНИИ «БАДЕОЪУЛВАҚОЕЪ» ЗАЙНИДДИНА ВОСИФИ

В данной статье автор рассматривает образование существительных с помощью суффиксов в произведении «Бадеоъулвакоеъ» Зайниддина Восифи.

Ключевые слова: имя существительное, произведение «Бадеоъулвакоеъ» Зайниддина Восифи, словообразование, образование существительных, суффиксы.

FORMATION OF NOUNS BY MEANS OF SUFFIXES IN ZAYNIDDIN'S WORK

"BADEOJULVA_OYE" IN ZAYNIDDIN VOSIFI

In this article the author considers formation of nouns by means of suffixes in Zayniddin Vosifi's work "Badeojulvakoye".

Key words: noun, Zayniddin Vosifi's work "Badeojulvakoye", word-formation, formation of nouns, suffixes.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***А. Бобохонов***- преподаватель КТГУ им. Н.Хусрава.

БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ИСТИЛОҲОТИ ХЕШУТАБОРӢ ДАР ЛАҲҶАИ МУЪМИНОБОД

Ҷаббор Саидов
Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав

Истилоҳоти хешутаборӣ як қисми муҳими таркиби луғавии лаҳҷаи Муъминободро ташкил медиҳанд. Аз омӯзиши асарҳои олимон бармеояд, ки дар лаҳҷашиносии тоҷик истилоҳоти хешутаборӣ ба таври бояду шояд омӯхта нашуда, татқиқоти яклухту арзишманде низ дар ин самт то ба имрӯз анҷом наёфтааст. Танҳо ҳангоми омӯзиши ин ё он лаҳҷаю шева татқиқотчиён дар бораи истилоҳоти хешутаборӣ ба тариқи фишурда маълумот додаанду халос. Аз ин бармеояд, ки омӯзиш ва тадқиқи истилоҳи ин бахши муҳим дар лаҳҷашиносии тоҷик хеле қафо мондааст. Ҳол он ки калима ва истилоҳоти ин соҳа дар лаҳҷаҳои маҳаллӣ хеле зиёданд ва ҳар яке хусусияти ба худ хосро соҳиб мебошанд. Бояд гуфт, ки дар байни мардум «хеши наздик, хеши дур» барин ибораҳо маъмул аст. Вобаста ба ин, лаҳҷашинос – этнограф А.В. Десницкая ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар асари худ «Вопросы изучения родства индоевропейских языков» истилоҳоти хешутабориро ба ду гурӯҳ ҷудо намудааст:

1.Истилоҳоти марбут ба хешони ҳамхун.

2.Истилоҳоти марбут ба хешони ғайриҳамхун [1, 52].

Дар воқеъ, мо низ ин гурӯҳбандиро пайгирӣ намуда, дар иртибот бо он истилоҳоти хешутабории лаҳҷаи Муъминободро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунем:

1. Истилоҳоти марбут ба хешони ҳамхун: **бобо** (падари падар, падари модар), **мома** (модари падар, модари модар), **ата/ота** (падар), **оча** (модар), **додар** (бародари хурдӣ), **ака** (бародари калонӣ), **хоар//хоҳар** (хоҳари хурдӣ), **апа** (хоҳари калон), **дъхтари нахустин** (духтари аввалини падару модар), **дъхтари майдакӣ** (духтари хурдӣ), **дъхтари кенҷагӣ//кенҷакӣ** (духтари охирини падару модар), **писари нахустин** (писари аввалини оила), **амма** (хоҳари падар), **амакӣ** (бародари падар), **хола** (хоҳари модар), **тағоӣ** (бародари модар), **хорзо** (ҷиян), **бияр** (бародарзода, писари бародар), **амакбачча, бачаи амакӣ** (писари амак), **баччаи амма** (писари амма), **баччаи таға//тағоӣ** (писари тағо), **баччаи хола**, **холабачча (**писари хола), **додарзода**, **баччаи додар** (писари бародар), **баччаи ака** (писари бародари калонӣ), **хоарзода** (духтари бародар, апа, хоҳар), **хоҳарзода//хорзо, баччаи хоҳар** (фарзанди хоҳар), **хоҳардъхтар//дъхтари хоҳар** (духтари хоҳар), **аммакбача// бачаи амма** (писари амма), **дъхтари амакӣ** (духтари амак), **набера//наwера** (набера), **абера** (фарзанди набера), **чабера** (фарзанди абера), **кабера** (фарзанди чабера), **куни коса** (фарзанди чабера) ва ғайра.

Вожаи **бияр** дар лаҳҷаи Муъминобод маънии «бародари хурдӣ»-ро ифода мекунад, лекин ин воҳиди луғавӣ дар ин лаҳҷа серистеъмол нест. Ҳамчунин ин вожа дар дигар лаҳҷаҳои ҷанубӣ дар шаклҳои **бийор, бъяр, бяр** омада, маънои болоро мефаҳмонад. Аз ин бармеояд, ки ин калима шояд аз лаҳҷаҳои дигари ҷанубӣ гузашта бошад.

2. Истилоҳои марбут ба хешони ғайриҳамхун: **хъштоман//хъштуман** (модаршӯ, модарарӯс), **хъсър** (падарарӯс, падаршӯ), **зан, шу** (шавҳар), **сънор** (келин), **дъмод** (домод), **хъсърбурда** (бародари арӯс ё домод), **язна** (домод, шавҳари хоҳар, апа, хола. Ин вожа дар «Ғиёс-ул-луғот» ба маънои **шавҳари хоҳар** тавзеҳ дода шудааст [3, 412], **йана** (хоҳари шавҳар), **қайсънгъл** (хоҳари зан), **эwар** (бародари шавҳар), **бачаи эwар** (бародарзодаи шавҳар, писари бародари шавҳар), **дъхтари эwар** (духтари бародари шавҳар), **моиндар** (модарандар. Дар «Ғиёс-ул-луғот» ин калима чунин шарҳ дода

шудааст: **зани падар, ки модари ғайри ҳақиқии ин кас бошад** [3, 218], **пияндар** (падарандар), **писандар** (писари ӯгай), **дъхтандар** (духтари ӯгай), **боҷа** (шавҳарони хоҳарон), **бохчон//бохчун** (занони як шавҳар), **қинғола** (шавҳари арӯс, духтари қадрас, болиғ), **қинғол** (шавҳари арӯс), **очахон//очахун** (модархонд), **атахон//отахун** (падархонд), **бачахон//бачахун** (писархнонд), **дъхтархон//дъхтархун** (духтархонд), **янга** (зани бародар, амакӣ, тағоӣ. Ин калима дар «Ғиёс-ул-луғот» **зани бародар ва зани ам; ва ба маънии кадбону; ва ба маънии машшота низ омада** (аз «Латоиф») [3, 415] ва ҳоказо.

Аз силсилаи калимаҳои боло вожаи **зан** ҳамчун модар ва ҳамсари мард қобили таваҷҷуҳ аст. З. Зайниддинова дар бораи истилоҳоти ифодакунандаи мафҳуми **зан** дар шеваи ҷанубӣ маълумот додааст [2, 162-170]. Аммо бояд гуфт, ки зан, модар ва ҳамсар дар лаҳҷаи Муъминобод бо воҳидҳои луғавии гуногун ифода карда мешаванд. Дар оила зан бунёдгузори оила, насл, ҳомӣ ва тарбиятгари фарзандон мебошад. Аз рӯи анъанаи шариати ислом номи занро гирифтани шавҳар дар гузашта мамнӯъ буд. Аз ҳамин хотир, нисбат ба зан вожаҳои гуногун мавриди истифода қарор доштанд, ки имрӯз низ як қисмати ин калимаҳо дар лаҳҷа боқӣ мондаанд. Ҳамчун воҳидҳои луғавии **awрат, awратина, занак, қънғол**, **ахта //адъхта** (шакли кӯтоҳшудаи духтар), **кайбону, бewa, бапича, кампир, очаш** ва ғайра.

Маълум аст, ки ҳангоми омадани духтар ба хонаи шавҳар ҳамаи аъзоёни оила, хешону наздикон бо хитобаи **арӯс** ба вай мурочиат мекунанд: **Йаг пиёла чой-ъм къ, арӯс** (М). **Арӯс дъхтари хуб-ай (К.ч).** Баъди соҳиби фарзанд шуданаш ӯро бо номи писар ё духтараш ном гирифтан маъмул аст: **очаи Зебогул, очаи Дилшод, очаи Дawлат, очаи Зарнигор** ва монанди инҳо: **Очаи Дилшода бъгу хамири нун къна (М). Очаи Зебогъл-а ай лawи шъғ файрод къ, ки занакои қъшлоқ омадан (Ш).**

Бояд гуфт, ки ин тарзи ифода дар ҳамаи лаҳҷаҳои тоҷикӣ сермаҳсул мебошад.

Истилоҳи **қинғол//қинғола** ба маънои зан – ҳамсар дар лаҳҷа он қадар фаъол нест: **Қинғол-та бъги-wъ хонаи мо биё (М). Ай мӣ сewи хубонӣ бъги қинғолта бъте (М.м).**

Вожаи **қинғол//қинғола** дар лаҳҷаи Ёвон маънои **келин, арӯс**ро ифода мекунад [13, 52].

Дар лаҳҷаи Ҳисор калимаи **қинғола**, ки баромадаш аз забони туркӣ аст, маънои **духтари қадрас**ро ифода мекунад [12, 52].

Воҳидҳои луғавии **ахта//адъхта, занак, кампир, очаш** нисбат ба ҳамсар чун мухотаб истифода мешаванд: **Адъхта, къҷо шъдӣ (С), Адъхта**, **хона-ра ру-wъ чин бъкън (М). Ахта ма-ра шармъында мекънӣ (К.ч). Owи тъҳорат-ма бъте, занак (Ч.д). Йаг пиёла owъм биёр, ки ташнаги-ра сухт-ъм, кампир (К). Очаш кор-а мон-ъ кудака бъгӣ (М).**

Вале истеъмоли ин гурӯҳи вожаҳо дар лаҳҷаи Муъминобод васеъ нест. Онҳо бештар дар забони мардони миёнсол ва мӯйсафедон гардиш мехӯранд.

Вожаи **кайбону** ифодакунандаи маънои **зани дар пухтупаз ҳунарманду чолоку чаққон** буда, дар лаҳҷа мавқеи устувори истеъмолӣ дорад: **Зани раҳматии Гълъҳмад кайбонуи хуб бъд (К). Холмо кайбонуи хуб-ай (Ш). Кайбонӯ амиқа мешawa (Х).**

Воҳидҳои умумиистеъмолии **кампир** ва **бewa** низ ифодакунандаи маънои ҳамсар мебошанд ва дар лаҳҷа мавқеи васеи истеъмолӣ доранд. Калимаи **кампир** дар Муъминобод ба маънои «зан-ҳамсар» фаъол буда, бештар дар забони ашхоси миёнасол, куҳансол ва мӯйсафедон дучор мешавад.

Зери истилоҳи **бewa** одатан маънии «зани бешавҳар» фаҳмида мешавад. Вале дар баъзе мавридҳо ҳангоми ба эҳсосот роҳ додан ва ё ҷангу ҷанҷол зани шавҳардорро низ **бewa** мегӯянд, ки ин тобиши услубӣ-маъноии он мебошад. **Э бewa иқа ғайбат накъ, ки миём хър-ъ пуч-ът мекънъм (М).**

Калимаи **бапича** ифодагари маънои «зани пешкор, маслиҳатгар, баобрӯй» аст. **Ай ми занаки бапича бъпърсен (Ғ.о). Ами занаки бапича ай удаи ҳамаи кори хона мебъроя (М).**

Келин ҳангоми мурочиат бо хушдоман ва хусур воҳидҳои луғавии **хола**, **амма** ва **таға**ро истифода мебарад. Занҳо бошанд, дар мурочиат ба ҳамсари худ калимаҳои **аташ//оташ** (падараш), **мардак**ро ба кор мебаранд: **Оташ, wега бarwахт бъё (М).**

Мардак дъсто-ра ow бъгӣ, ки awқота мекашъм (К). Биё, оташ, иқа ҳезъм-ъм бъшка, нун-ма пазъм (Х).

Инчунин бо мақсади эҳтиром дар муроҷиат ба дигарон калимаҳои **мома, хола, апа, амма, оча, ака, таға//тағоӣ, бобо**, **амакӣ//амак** дар ҳамаи лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ истифода мешаванд ва бештар бо таркибҳои **момаи Шарофат, апаи Савлат, тағаи Барот, бобои Шариф, амакии Саттор, холаи Иронбӣ** ва ғайра меоянд: **Момаи Холмо, биё хонаи мо бърем (М). Ай пеши хуна аспсъwор акаи Карим гъзашт (Х). Бачам, бърам аму холаи Ниёл-а хабар бъгиръм (К).**

Бояд гуфт, ки дар минтақаи Кӯлоб ва умуман қисмати ҷанубии Тоҷикистон барои абадӣ гардонидани номи падару модар фарзандро ба номи онҳо номгузорӣ кардан маъмул аст ва дар вақти муроҷиат ба онҳо волидон номи онҳоро нагирифта, **«ата//ота», «атаҷон//отаҷун», «очаҷон»** ном мебаранд. **Атаҷон, ow-ъм биёр (М). Дар отам сатқа (Т.қ). Очама гапи сахт назанен, зиқ мешам (Х).**

Дар баробари ин дар минтақаи Кӯлоб ва дигар минтақаҳои ҷанубӣ анъана аст, ки духтари охирин таваллудшудаи падару модарро **Кенҷагул //Кенҷамоҳ**, номи писари охирин таваллудшудаи падару модарро **Пирмурод //Пирмаҳмад //Пирмуҳаммад, Кенча //Кенҷабой** ва писаре, ки пас аз вафоти падар таваллуд шудааст, **Ғоибназар** ном мегузоранд.

Хулас, калима ва истилоҳои хешутаборӣ дар лаҳҷаи Муъминобод мисли дигар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ аст, ки барои пойдор нигоҳ доштани насл, авлод ва қавм мавқеи басо муҳим доранд. Аз ҳамин хотир, ҳаматарафа омӯхтан ва паҳлуҳои ҳаматарафаи ин истилоҳотро ба риштаи тадқиқ кашидану пешкаши умум гардонидан, фикр мекунем, аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

А Д А Б И Ё Т

1. Есницкая А.В. Вопросы изучения родства индоевропейских языков. - М, 1955.- С. Д52.
2. «зан» дар шеваҳои ҷанубӣ//Забоншиносии тоҷик.- Душанбе: Дониш, 1976.- С.162-170.
3. Ғиёсиддин Муҳаммад. Ғиёс-ул-луғот, ҷ.2- Душанбе: Адиб, 1988.- 416 с.
4. Исмоилов Ш. Лексика Каротегинского говора. Автореф. на соиск. канд. фил. наук. –Душанбе, 1982.- 24 с.
5. Муҳаммадиева Ҳ. Қайдҳо дар бораи баъзе хусусиятҳои лексикаи нонвой//Забоншиносии тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1980.- С. 60-66.
6. Маҳмудов М., Бердиев Б. «Луғати мухтасари лаҳҷаҳои Бухоро».- Душанбе: Дониш, 1989.- 278 с.
7. Набиева Г. В. Инкишофи лексикаи сару либос//Забоншиносии тоҷик. –Душанбе: Дониш, 1980.- С. 45
8. Неменова Р.Л., Ҷӯраев Ғ. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ», ҷ 1. (фонетика, лексика). – Душанбе: Дониш, 1980, 328 с.
9. Неменова Р.Л. Кулябские говоры таджикского языка (северная группа). – Сталинобод, 1956.- 190 с.
10. Рауфов Х.С. «Фарҳанги ҷаҳонгир-ҳамчун сарчашмаи лексикографияи тоҷику форс». – Душанбе: Дониш, 1973.- 191 с.
11. Фарҳанги забони тоҷикӣ, ҷ.1. –М., 1969.- 951 с.
12. Фарҳанги забони тоҷикӣ, ҷ.2. – М., 1969.- 951 с.
13. Ҷалолов О. Гурӯҳи шеваҳои тоҷикони райони Ёвон.-Душанбе: Дониш, 1976.- 152 с.

Ихтисораҳо: М.- Муъминобод; К.ч.- Кӯлчашма; Ш.- Шаҳрак; М.м.- Момандиён;С.- Сармайдон; К.- Кундошаҳр; Х.- Хосабоӣ; Ч.д.- Чилдухтарон; Ғ.о.- Ғофилобод; Т.қ.- Тутқаву.

НЕКОТОРЫЕ СТИЛИСТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ТЕРМИНОВ РОДСТВА В ГОВОРЕ МУМИНАБАДА

Слова и термины родства в говоре Муминабада как и другие говоры таджикского языка имеют очень важное значение для сохранения богатства языка, родства и преемственности поколений. В данном исследовании автор уделяет очень важное значение его всестороннему изучению и исследованию.

Ключевые слова: термины родства, язык, говор Муминабада, сохранение богатства языка.

SOME STYLISTIC FEATURES OF TERMS OF RELATIONSHIP IN MUMINABAD'S DIALECT

Words and relationship terms in Muminabad's dialect as well as are important other dialects of the Tajik language very much for preservation of wealth of language, relationship and continuity of generations. In this research the author gives very much importance it to comprehensive study and research.

Key words: relationship terms, language, Muminabad's dialect, preservation of wealth of language.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Дж.Саидов*** – преподаватель КТГУ им.Носира Хусрава

ГУНОГУНИИ ЛАҲҶАҲО ВА ГЎЙИШ ДАР ЗАБОНИ ГЕЛАКӢ
(*гунаҳои забони роиҷ дар устони Гелон)*

Муҳаммад Исмоил Шафеъпури Фуманӣ
Пажӯҳишгоҳи улуми инсонии АИ ҶТ

Гунаҳои забони роиҷ дар Остони Гелон. Мардуми гелакӣ ба забони лаҳҷаҳои мухталиф сухан мегӯянд, ки реша дар забонҳои Эрони бостон дорад. Дар байни лаҳҷаҳои мухталиф забони гелакӣ аз назари фонетикӣ (баёни савт ва ово) ва сарфи афъол ихтилофи ҷузъӣ дида мешавад, ки ношӣ аз таҳаввули тадриҷӣ ва вижагии фарҳангии иқлимии ҳар минтақа аст [1,1407]. Гӯйишҳои забони гелакиро метавон чанд бахш кард. 1 –лаҳҷаи бияҳпасӣ (гӯйиши ҷилганишинони Бохтари Сафедрӯд). 2-лаҳҷаи бияҳпасӣ (гӯйиши ҷилгаҳнишинони Ховари Сафедрӯд). Дар манбаъҳо мавҷуд ба лаҳҷаи дигарӣ ба номи лаҳҷаи говмешбонҳо ишора шудааст, ки имрӯза дар лаҳҷаҳои дигар (гӯйиши бияҳпеш) таҳлил рафта ва мансух шудааст [2].

Забоншинос Нодири Ҷаҳонгирӣ дар бораи тақсимбандии гунаҳои забонии забони гелакӣ менависад: Забони Дайламӣ аз кӯҳҳои Толиш то кӯҳҳои Симнон густурдааст. Ин забон манотиқе чун Саровон, Рашт, манотиқи Дайламон ва Ишкивар. Рӯдбори Аламут, Рӯдбори Шаҳристон, Рӯдбори Қасрон, Толиқон, Бӯмиёни Карач ва атрофи он, кӯҳҳои Симнон, Совуҷабулоғ, Аморлу, Хургом ва бисёре дигар аз манотиқи девори Албурзро дар бар мегирад. Вай гунаҳои забони роиҷ дар Остони Гелонро ба се бахш тақсим намудааст. 1-гунаҳои гелакӣ, 2-гунаҳои ғайригелкӣ аз гурӯҳи забонҳои каронаи Хазар, 3-гунаи туркии озарӣ (ғайриэронӣ).

1. Гелакӣ худ се гуна асос дорад. а) **Гунаи гелакии** Лоҳиҷон (бияҳпеш). Дар минтақае маҳдуд аз шимол ба дарёи Хазар, аз ҷануб ба баландиҳои Сиёҳкул, аз ғарб ба Остона ва Ҳасанкиёда то марзҳои кӯчи Исфаҳон ва аз шарқ ба лоҳиҷон, Лангрӯд, ки ба тадриҷ ба гӯйиши мозандаронӣ меомезад. Гунаи гелакии Рашт) (бияҳпас), ки дар Рашт, Хумом, Бандари Анзалӣ, Фуман ва Шифт ба он сухан мегӯянд. в). Гунаи голишӣ, ки мардуми навоҳии кӯҳистонии лоҳиҷон ба он сухан мегӯянд.

2. **Гунаҳои ғайригелакӣ** аз гурӯҳи забонҳои каронаи Хазар. а) Толишӣ: дар Толиш, Дулоб, Мосил, Шондирман ва Асолим ба он гуфтугӯ мешавад. б) Толишӣ аз дигар гунаҳои забонии каронаи Хазар аст, ки дар чанд ободӣ аз бахши Рӯдбори Зайтун ба он сухан мегӯянд. в). Кирмонӣ. Аз гунаҳои курдист, ки дар Фороб ва Кирмон, Аморлу ба он гуфтугӯ мешавад.

3. **Туркии озарӣ.** Гунаи забони ғайри эронӣ, минтақаи Осторо роиҷ аст. Дар бандари Анзалӣ ва Таволиш низ сухангӯёне дорад [3].

Гуногунии гӯйишӣ дар Гелон: гуногунии гӯйишҳо аз лиҳози адои вожагон (савт ва ово) дар Гелон ба ҳадде аст, ки гоҳ дар як шаҳр беш аз 90 лаҳҷа аз як гӯйишро, ки худ ба гӯйиши ҷудогона мемонад, сабт кардаанд. Танҳо аз рустоҳои Савмеасарои Гелон 95 гӯйиш гирдоварӣ шудааст. Вуҷуди рустоҳои бисёр зиёд дар як шаҳр, хушии обу ҳаво ва парокандагии русто дар гуногунии гӯйишҳо бисёр муассир афтодааст. Ба

тавре ки танҳо 400 намунаи гӯйиш дар Фуман, Шафт, Бандари Анзалӣ ва Савмеасаро вуҷуд дорад [4]. Мутассифона, шароити ҷадиди зиндагӣ, муҳоҷиратҳо, ҷазби гардишгарон аз шаҳрҳои дигар ва кишварҳои ҳамсоя, гароиши мардуми Гелон ба забони меъёр (забони форсӣ) ва ғайра. Ин гӯйишҳоро дар маърази нобудӣ қарор додааст. Аз ин ҷиҳат имрӯз танҳо як лаҳҷаи (ё чанд лаҳҷа) овоӣ аз гӯйишҳо боқӣ монда ва сохтҳову вожаҳои забони меъёр низ бо лаҳҷа адо мешавад. Омӯзиши забони форсӣ ба кӯдакони Гелонӣ аз авомили дигаре аст, ки метавонад ба гӯйишҳои гелакӣ забони форсӣ осеб бирасонад [5]. Агарчи ин муъзил (мушкил, душворфаҳм) дар рустоҳо камрангтар ва ҳар чи ба шаҳрҳо наздиктар мешавем; пуррангтар аст. То кунун 497 намунаи гӯйиши дар Остони Гелон шиносоӣ шуда ва бо такмили мутолиот ва намунагирӣ шояд омори шигифтоваре аз он ба даст ояд. Дар шаҳристони Толаш мутолиоте, ки байни солҳои 82 ва 83 анҷом шуда 280 намунаи гӯйиш гирдоварӣ шудааст, ки шомили 63 намуна гӯйише аз Осторо 76 намуна аз Мосоли 78 намуна аз Ризвоншаҳр мебошад. Ин гуногунӣ дар минтақаи гуногун дорои фарқиятҳое низ мебошад. Шубҳае нест, ки вуҷуди манотиқи дарёӣ, кӯҳистонӣ, ҷилгаӣ ва ҳатто нимахушк, ки худ тазодҳои аҷибе ба вуҷуд овардааст [4].

Гӯйишҳои гелонӣ: забонҳои умдаи Гелон дар чанд шохаи гелакӣ, дайламӣ, туркӣ, тотӣ тақсим мешаванд, ки мутааллиқ ба 5 минтақаи муҳими гӯйишӣ ва шинохташуда дар Гелон аст ва чӣ аз лиҳози оинӣ ва чӣ гӯйишӣ ва рафтори пайвастагиҳои бештаре бо ҳам доранд ва шабоҳатҳои ахлоқии ин панҷ минтақа бо ҳам қобили тамоиз аст. Инчунин аз лиҳози чеҳра ва шамоили бисёр бо ҳам фарқият доранд ва аз лиҳози нажодӣ низ қобили баррасианд. Ҳол ба баррасии гӯйишҳои ҳар як аз ин манотиқ мепардозем:

1. **Минтақаи марказӣ:** гӯйиши аслӣ ин минтақаи гелакӣ аст. Бархе ақида доранд, ки гӯйиш бахши марказӣ, яъне Анзалӣ, кулли Савмеаасаро ва қисматҳое аз Рашт ва Фуманоти гӯйиш дуруст ва аслии гелакӣ аст. Дар ҳоле ки ин нукта наметавонад дуруст бошад, зеро ки Марказияти Рашт ва Анзалӣ ва иртиботи фаровони он бо нуқоти дигари кишвар, илова бар ин ки аносири забонҳои форсӣ, туркӣ, русӣ ва ғайраро вориди забони гелакӣ карда, гӯйишварҳои зиёдеро низ дар худ ҷазб карда ва аз тарафе ба гӯйишҳои муҳоҷир аз кӯҳистон монанди дайламӣ, лурӣ, ва курдӣ ва ҳатто гӯйишҳои канорӣ боҷ додааст. Ҳамчунин маркази сиёсии Рашт ва Анзалӣ боиси нуфузи калимаҳои форсӣ дар он низ шудааст. Ба унвони мисол: дар ҳоле ки дар ҳама ҷо гӯйишварони гелакӣ замири «му» ё «му»-ро ба кор мегиранд. Гӯйишварони Рашт ва нуқоте аз Анзалӣ, Фуманот ва Савмаасаро аз замири (ҷонишини) «ман» истифода менамоянд.

2. **Гӯйишҳои навори соҳилӣ (шарқи Гелон).** Ин минтақа, ки дар замони Сафавия ҷузъи Гелон (бияҳпеш) бо марказияти Лоҳиҷон маҳсуб мешуд. Аз лиҳози гуногунии гӯйишӣ ва тафовут бо гӯйишҳои марказӣ, қобили таваҷҷуҳ аст. Гузашта аз ин ки дар манотиқи бузурге чун Лоҳиҷон, Лангруд, Рӯдсар, Чобуксар, Остона, Киёшаҳр ва Дайламон гӯйишҳои меҳварӣ вуҷуд дорад, ки мардуми ин шаҳрҳо бо ин гӯйишҳои меъёри он шаҳр ва минтақа шинохта мешаванд, аммо дар ҳар шаҳр низ манотиқе ҳастанд, ки гӯйишҳои мардуми он бо гӯйиши меъёр тафовути асосӣ дорад. Таҳқиқот дар рустоҳои ин минтақа нишон медиҳад, ки беш аз рустои ҳар шаҳр, гӯйиш вуҷуд дорад. Ба гунае, ки дар як русто чанд минтақа бо гӯйишварҳои ҷудогона дида мешавад. Дар шаҳри Лангруд гӯйише вуҷуд дорад, ки бо Лоҳиҷон дорои тафовути асосӣ аст, аммо дар манотиқи мухталифи Лангруд лаҳҷаи анзалӣ маҳаллаи Алиободӣ, Ҷода Чамхолаӣ қобили зикранд. Аммо вақте ба самти рустоҳое меравем ин гуногунӣ бештар аст. «Чофӣ» лаҳҷаи мардуми Чоф дар ин минтақа ба далели вуҷуди муҳоҷирине аз минтақае ба номи Обканори Анзалӣ бо ҳамаи шарқи Гелон тафовути асосӣ дорад. Иштиғол ва зиндагии Обканори Анзалӣ ва Чофи Лангруд аз

лиҳози навъи зиндагии иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ шабоҳатҳои зиёде ба ҳам дорад. Дар Лангруд, ки яке аз шаҳрҳои таърихии Гелон буд ва дар даврони Сафавия ба кори киштисозӣ низ маъруф буда, гӯйишҳои дигаре, ба хусус дар рустоҳои он қобили зикр аст. Лаҳҷа ё гӯйишҳои кумлаӣ, шалмонӣ, чофӣ, амлашӣ, курдӣ, куманӣ, утоқварӣ, саҳархезӣ, боркӯсароӣ, гилсафедӣ, голишкаломӣ, таппаӣ, чамхолаӣ, родоркумаӣ, тозаободӣ курандаӣ, сароҷорӣ ва ғайра қобили зикранд. Лангруд илова бар ин монанди: Лоҳиҷон, Остона, Рӯдсар ва шаҳрҳои дигари Мозандарон то Бобул дар масири кӯҳистонӣ қарор дорад. Рустоҳои зиёде дар доманаҳои кӯҳистон то умқи чандин километри кӯҳистон вуҷуд дорад, ки гӯйишҳои он дар ҷирга гӯйишҳои кӯҳистонӣ **толишӣ** ва ё **дайламӣ** қарор мегиранд ва шомили деҳистонҳо ва манотиқи вобаста ба Лангрӯд ҳам мешавад. Мардуми минтақа ин гӯйишҳоро толишӣ мегӯянд, вале инҳо бахше аз минтақаи кӯҳистон ва лаҳҷа ва гӯйишҳои дайламӣ аст, ки аз Толиш то Бобул дар Мозандарон пайваста аст ва ҳатто шомили бахшҳое аз Аламути Қазвин низ мешавад. Дайламиҳои Лангруд, ки маъмулан манотиқи саъб-ул-убуриро тай карда ва барои таҷоруб ба Лангруд меоянд, дорои пӯшишҳое ҳастанд, ки нишон аз адами русухи мазоҳири ҷадиди фарҳанг пӯшишии Гелон мебошад. Яке аз номҳои ошнои ин ақвом, Куманиҳои Лангруд ҳастанд, ки имрӯза ба сӯи шаҳри Лангруд низ сарозер шудаанд. Амалаш тақрибан яке аз шаҳрҳое аст, ки каме дар дохили кӯҳ густариш ёфта ва чизе шабеҳи Дайламони Сиёҳкӯл Лоҳиҷон аст, аммо аз саъб-ул-убурии он хабаре нест. Нигоҳе ба лаҳҷа ё гӯйишҳои кӯҳистонӣ ошкор месозад, ки то чӣ ҳад ин гӯйишҳо метавонад роҳкушои забоншиносон дар шинохти забонҳои эронӣ ба хусус забонҳои бостон, яъне форсии бостон ва паҳлавӣ ва ғайра бошад. Дастури забони форсии бостон бисёр шабеҳи забонҳои гелакӣ аст ва метавонад дар кашфи нукоти душвори он ёрирасон бошад.

2. **Гӯйишҳои кӯҳистонӣ (дайламӣ):** Забони мардуми Кӯҳистон ҷануби Гелонӣ дайламӣ аст, ки номҳои мухталифе дорад: а). кулли густурдаи ин забон дар замонҳои гузашта **дарвозаи Дайлам** номида мешуд, ки аз кӯҳи Дурфак то кӯҳҳои Бобулро дарбар мегирифт ва дар истилоҳи кунунӣ ба ин сарзамин – ки ғолибан кӯҳистонӣ аст, **Дайламистон** гуфта мешавад. **Тотӣ**, ки дар замони кунунӣ ба ин ном хонда мешавад. **Модӣ:** профессор Эҳсонёри Ёршотир ин забонро ба номи бостонии он, яъне модӣ мехонад. Забони дайламӣ аз шимол то Саровони **Рашт,** аз ҷануб то **Аламути Қазвин**, **аз шарқ то Дайламони Сиёкӯли Лоҳиҷон, Хургом** ва **кӯҳҳои ғарби Мозандарон** ва аз ғарб то **кӯҳҳои Толиш** густурда аст. забони дайламӣ дар манотиқи дайламон, ашкурот ба иллати муровидоти чандин қарн қабл бо манотиқи ҷилгаӣ ва гелакнишин, лаҳҷаи гелакӣ ба худ гирифтааст ва ҳамин масъала дар манотиқи дайламнишини Мозандарон низ ба чашм мехӯрад. 4. **Минтақаи Толиш ва атрофи он:** Толиш бо масоҳате ҳудуди 2373 км мураббаъ, ки дар шимоли ғарби Гелон қарор дорад ва як чаҳорум хоки Гелонро ташкил медиҳад. Ин минтақа, ки номи худро аз **қавми толиш** гирифта ба истиноди шавоҳид ва мадорик бозмондаи ақвоми Кодуси Бостон ва аз ҳамсоягони дерини қавми гил мебошад. Танаввуъ гӯишӣ ва забонӣ дар ин минтақа низ зиёд аст. Гӯйиши ғолиб дар ин минтақа ва шаҳри Толиш, толишӣ аст, ки бисёр фарқият бо гӯйиши меъёри гелакӣ мебошад ва бештар дорои вижагиҳои як забон аст, зеро ки гӯйишварҳои дигари Гелон бо сахтӣ шояд битавонанд онро мутаваҷҷеҳ шаванд. Ин гӯйиш шабоҳатҳое ҳам бо гӯйиши дайламӣ ва гӯйишҳои кӯҳистонӣ ва мардуми голишӣ забон дорад. Гӯйиш роиҷи дигар ин минтақаи Гелакӣ аст, ки тақрибан тамомии аҳолӣ бо он ошно ҳастанд. Туркӣ низ яке аз гӯйишҳои роиҷи ин минтақа аст. Наздик ба Осторо ва Ардабил ва муҳоҷирати туркзабонҳо ба ин минтақа яке аз авомили танаввуи гӯйишҳо ва ривоҷи ин забон аст. Дар давраи Сафавия ва низ қабл аз он дар замони **Оқуюнлуҳо** бисёрӣ аз мухолифони озаризабон ба ин минтақаи ҷангалӣ паноҳанда мешуданд ва ба ҳамин далел, таркиби ҷамъиятӣ ин минтақаи бисёре гуногун аст. Дар замони ҷудоии бахшҳои аз хоки Эрон дар

замони Қоҷория низ бисёре аз мардуме, ки намехостанд аз оғӯши моми ватан дур бимонанд, ин минтақаро баргузиданд. 5. **Минтақаи муҳоҷирнишин. Рӯдбор, Лушон ва Манҷил:** Ин мантиқа, ки дар вурудии Гелон қарор дорад, тақрибан хушктар аз бақияи Гелон аст ва тақрибан аз ҷангалҳои сарсабз, соир нуқоти Гелон хабаре нест, ба ҳамин далел одоб ва русуми мардум ва наҳваи зиндагии онон бо нуқоти марказӣ ва соҳилӣ тафовут дорад, дар ҳоле, ки ин минтақаи кӯҳистонӣ аст ва аз назари вижагиҳои забонӣ дунболаи забонҳои кӯҳистонӣ ва дайламӣ аст. Мардуми ин минтақа таркибе аз гелакҳо, толишҳо, дайламиҳо, курдҳо ва лурҳо буда, аммо ҳамаи мардум бо забони гелакӣ ошно ҳастанд. Курдҳо ва лурҳо муҳоҷиранд, аммо ҳар чи ба самти кӯҳистон ва рустоҳои атроф ва доманаҳо ва умқи кӯҳҳо пеш меравем мардум ва аҳолии он йеилоқӣ зиндагӣ мекунанд, ки ба онҳо **йеилоқӣ** хитоб мекунанд. Йеилоқиҳои ин минтақа шабоҳати зиёде аз лиҳози гӯйиш бо ҳамватанҳои худ, дар Албурзи соҳилӣ доранд. Нуктаи муҳим ин аст, ки ҳар чи ба самти дохили Гелон пеш меравем ва ба дашт наздиктар мешавем. Забони гелакӣ гӯйишварҳои бештаре дорад. Дар худи Рӯдбори Гелон аксари гӯйишварҳо гелак ҳастанд, дар ҳоле ин нисбат вақте ба самти Маҷил ва Лушон меравем, камтар мешавад. Гӯйишҳои мардуми Рӯдбор ба **Тотӣ** низ маъруф аст. Ҳамон гуна ки гӯйиши **карамонҷӣ** хоси курдҳои Амморлӯ мебошад [6].

А Д А Б И Ё Т

1. Бахшизоди Маҳмудии Гелакон, Ҷаъфар. Дастури забони Гелакӣ. -Ношир Тоатӣ. Чопи аввал. Рашт, 1407.
2. Асотириён Горник. Забони Димилӣ.- Донишномаи Иронико, 2000.
3. Ҷаҳонгирӣ Нодир. Гӯйиши гелакии Лоҷиҳиҷон. Вожанома ва пораи вижагиҳои овоӣ ва сохти вожаӣ. Ҷилди аввал. -Ношир: Донишгоҳи мутолиоти хориҷӣ. Токио, 1401.
4. Пураҳмади Ҷакточӣ Муҳаммадтақӣ. Гелоннома, маҷмӯаи мақолоти гелоншиносӣ. -Ношир, Тоатӣ.- Рашт, 1387.
5. Малакии Зиёварӣ Саидҳамза. Муқоисаи гӯишҳои маҳаллии ғарби Гелон бо шаҳри Рашт. Поённомаи коршиносии Аршад. Пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ ва мутлиоти фарҳангӣ.- Теҳрон, 1389.
6. Ҳусайнии Абрешамӣ Саидмуҳаммад. Тағйири гунаи сабкии забон дар мавқеиятҳои мухталифи иҷтимоӣ. Поённомаи коршиносии Аршад. Донишкадаи адабиёт ва улуми инсонии донишгоҳи Фирдавсӣ. -Машҳад, 1405.

РАЗНООБРАЗНОСТЬ ГОВОРОВ И НАРЕЧИЙ В ЯЗЫКЕ ГЕЛАКИ

(языковые различия в провинции Гелон)

В данной статье автором подвергнуты рассмотрению и изучению языковые различия и говоры в языке гелаки провинции Гелон Исламской Республики Иран.

Ключевые слова: язык, диалект, говор, провинция Гелон, язык гелаки, языковые различия.

RAZNOOBRAZNOST OF DIALECTS AND ADVERBS IN GELAK'S LANGUAGE

(Language distinctions in Gelon's province)

In this article the author subjected to consideration and studying language distinctions and dialects in language gelak's to Gelon's province of the Islamic Republic Iran.

Key words: language, dialect, dialect, Gelon's province, language gelak's, language distinctions.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Мухаммад Исмоил Шафъепур Фумани*** – соискатель АН РТ

А Д А Б И Ё Т Ш И Н О С Ӣ

БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ СИЁСӢ ВА ИҶТИМОӢ ДАР МАСНАВИИ «СИЛСИЛАТ-УЗ-ЗАҲАБ» - И ҶОМӢ

М. Низомов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ дар баробари мақоми баланду шоистаи адабӣ ва ирфонӣ аз нуфузи баланде дар доираҳои сиёсии замони худ бархурдор буд. Иртиботи Ҷомӣ бо дарбори ҳокимони вақт заминаи амиқи мазҳабӣ ва тариқатӣ дорад. То ҷое ки маълум аст, дар назди арбоби шариат подшоҳ сояи Худо шинохта шудааст ва дар ин маврид Ҷомӣ мегӯяд:

Тоҷдорони маснади тамкин,
Ҷумла зула-л-лаҳанд фи-л-арзин.
Лек зулли мутобиқи комил,
Нест ҷуз шоҳи муфзили одил (1,74).

Ба андешаи Мавлоно Ҷомӣ низ тоҷдорон ҳамагӣ сояи Худо дар рӯйи заминанд, аммо сояи комилан мувофиқ шоҳи бофазлу одил мебошад. Аз ҳамин ҷост, ки Мавлоно Ҷомӣ дар кулли осораш, ҳангоме ки ба масоили сиёсӣ дахл мекунад, ба тарғиби адлу дод ва фазлу карами шоҳон пардохта, шоҳони золиму ҷоҳилро накӯҳиш кардааст.

Аз мавқеи тариқати нақшбандия ва пирони он дар замони Ҷомӣ робита бо дарбор амали солеҳ ва василаи хуби расидан ба мақсудҳои динию дунявӣ хонда шудааст. Аз бузургтарин чеҳраҳои ирфонии замони Абдурраҳмони Ҷомӣ Хоҷа Убайдуллоҳи Аҳрор дар дарбори Темуриён нуфузи баланд дошт ва бар ин ақида буд, ки «салтанат низ мартабаи рафеъ аст, қариб ба мартабаи нубувват. Баъд аз нубувват ҳеҷ мартабае ашроф аз салтанат нест...» [2,66].

Мавлоно Ҷомӣ низ дар номае, ки ба Шайх Наҷмуддини Заргари Ироқӣ навиштааст, таъкид мекунад: «Қурби подшоҳ, чунончи бар ҳушмандони равшандил зоҳир аст, беҳтарин василаест дар таҳкими муродати динию дунявӣ ва таҳкими саодати сувариву маънавӣ» [3,87].

Ба истиноди Лорӣ ва Бохарзӣ Хоҷа Аҳрор аз мулоқоти нахустин бо Ҷомӣ ӯро ба қурбати подшоҳ ва робита бо дарбор ташвиқ кардааст. Ва Ҷомӣ аввалан ба дарбори Абӯсаид ва баъдан Султон Ҳусайни Бойқаро робитаи устуворе пайдо кард, ки дар ин миён иродати Мир Алишери Навоӣ бо Ҷомӣ ин алоқаро мустаҳкам кард, то ҳадде ки ба қавли Ҳиравӣ «Пас аз он ки Ҷомӣ аз сафари Ҳиҷоз баргашт, ҳамроҳ бо Султон Ҳусайни Мирзо ва Амир Алишери Навоӣ мусалласи ҳукуматеро бозофарид, ки дар зулъи он дар дарбор қарор доштанд ва як зулъаш дар миёнаи хонақоҳу мадраса…» [4,71]. Ҳамчунин, Ҷомӣ бо салотини туркманони Оққуюнлу ва Қароқуюнлу, султони Туркияи Усмонӣ (Султон Муҳаммади Фотеҳ) ва давлатмандони Ҳинд (Маликуттоҷҷор) робитаи қавӣ дошт.

Ин нишондиҳандаи он аст, ки Ҷомӣ тадричан ба як шахси сиёсӣ ё худ сиёсатмадор мубаддал мегардад. Аз ин мавқеъ ва нуфузу обрӯ, албатта, Ҷомӣ ба нафъи мардум, аҳли илму адабу ҳунар истифода мебурд ва аз ҳоли раият салотинро сари вақт огоҳ месохт.

Назари сиёсию иҷтимоии Ҷомӣ дар ин мавқеъ, ки дошт, аз ибтидо яксон набуд. Дар ин мавриди дафтари аввали «Силсилат-уз-заҳаб» бо қисматҳои дигари достон тафовут дорад. Ҷомӣ аз ибтидои маснавӣ шурӯъ карда, нуктаи назари хешро роҷеъ ба шахсияти шоҳ, адлу адолат, зулм ва оқибати он, табақаҳои иҷтимоии мардум баён намудааст.

Чунончи, дар ин бахш дар баробари он ки шоҳро тибқи ақидаи маъмул сояи Худо дар рӯи замин мехонад, ӯро ба шубон монанд кардааст, ки барои ҳимояи мардум (рама) аз гург (яъне золим) саъй намояд:

Шоҳ бошад шубону халқ рама,
Рамаву гурги он рама залама.
Баҳри он аст ҳою ҳуи шубон,

То биёбад рама зи гург амон.
Чун шубон созгори гург бувад,
Рамаро офате бузург бувад.
Лутф бо гург кори бехирад аст,
Марҳамат бар рама ба ҷои худ аст (1, 74).

Ҷомӣ бо истифода аз мавқеъе, ки дошт, пайваста ба шоҳони замон насиҳат мегуфт ва онҳоро ба адлу дод, нигаҳбонии раият, риояти инсоф, ғамхории аҳли илму адаб раҳнамун месохт. Ҷомӣ аз мавқеи шариат ба шоҳ хитоб менамояд:

Чист, донӣ, ба зери чархи асир,
Ҳикмат андар вуҷуди шоҳу амир.
То бувад пушт бепаноҳонро,
То диҳад дод додхоҳонро.
Адлро пешвои худ созад,
Корҳоро ба адл пардозад (1,75).

Шоир ҳар тавсияе, ки дар боби сиёсату адолат пешниҳод менамояд, онро аз мавқеи шаръ эрод менамояд:

Чист адл, он ки бигзарӣ зи фузул,
Накунӣ аз тариқи шаръ удул.
Шаръро насби айни худ созӣ,
Чашм бар ғайри он напардозӣ.
Аввал онро ба шаръ созӣ рост,
Он гаҳ орӣ ба ҷой бе каму кост (1,76).

Дар мавриди табақаҳои иҷтимоии аҳолӣ Ҷомӣ бештар назари шикоятӣ дорад. Ин махсусан дар дафтари аввал бештар равшан аст. Ба андешаи Наҷиб Моили Ҳиравӣ «ба он гуна ки осори Ҷомӣ ҳикоят дорад, ӯ дар миёнсолӣ ва ҳам то овони куҳансолӣ дақиқан дар симои мунтақиде иҷтимоӣ зоҳир шуда ва бисёре аз кажтобиҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсиро мавриди нақду таъриз қарор додааст. Дафтари аввали «Силсилат-уз-заҳаб» чун санади муътабар дар таърихи иҷтимоии асри Темуриён маҳсуб мешавад, ки то кунун муосирони мо аз арзишҳои интиқодии он комилан ғафлат кардаанд» [4,89].

Ба истиноди Бохарзӣ интиқодӣ будани асари мазкур мавриди писанди мардум қарор гирифта, ин асарро «маснавие дар нафйу исбот» мехондаанд. Шогирдаш Абдулвосеи Низомӣ аз ин интиқодҳо изҳори тарс намуда, ба Ҷомӣ инро гӯшзад мекунад. Ҷомӣ дар ҷавоб гуфтааст: «Мо қалам дар тариқ ба тасреҳи он наниҳодаем. Агар касе ба тасаввури бевачҳ ва андешаи носавоб рақами тахсиси он осор бар саҳифаи ҳоли худ кашида, нафси нафиси худро аз осеби таъризи он сиёнат накунад, мо фақирони бебизоатро дар он чӣ ихтиёр» [2, 142-142].

Дар ин бахш Ҷомӣ мардумро ба ду гурӯҳ- хос ва ом ҷудо кардааст. Хос мардуми таҳсилдида буда, дар рӯзгори худ аз сирати сазовор бархурдор набудаанд:

Гирди хона китобҳои сара,
Аз харе ҳамчу хишт карда хара.
Сӯйи ҳар хишт аз ӯ чу рӯ карда,
Дари файзе ба рух бароварда.
Қасри шаръи набиву ҳукми нубо,
Ҷуз ба он хиштҳо накарда бино.
З-он ба маҷлис забон чу бикшояд,
Суханаш ҷумла қолабӣ ояд (1, 235).

Дар ҳоле ки хавос дар чунин ҳол бошанд, пас авом ба назари Ҷомӣ аз онҳо ҳоли бадтар доранд ва ғайр аз хӯрдану хуфтан кори дигар надоранд:

Омро худ зи шом то ба саҳар,
Нест ҷуз хобу хӯр кори дигар.
Суханат дахлу харҷ хонаду бас,
Шаҳвати батну фарҷ ронаду бас (1, 237).

Ба ҳамин тариқ, Ҷомӣ интиқоди шадиде бар тоҷирону ҳунармандон, сӯфиёну рӯҳониён ва ҳатто шоирон гирифтааст. Дафтари сеюми маснавӣ ба масъалаҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ ихтисос ёфтааст ва худи Ҷомӣ онро «Маъдалатнома» хондааст. Дар ин бахш низ шоир назари хешро роҷеъ ба шоҳу шоҳигарӣ, адлу дод, танқиди зулму

золимон, фазилати ҷуду карам, муносибати шоҳ бо аркони давлат ва раият баён намудааст.

Хулоса, Ҷомӣ ба сифати сиёсатмадор ва адибест, ки метавон ӯро намунаи комили тафаккур ва тамаддуни асри XV маҳсуб донист. Он чӣ аз донишу адаб ва фарҳангу сиёсат дар асри XV дар як шахс метавонад гирд ояд, дар ӯ гирд омадааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Маснавии «Ҳафт авранг». Ҷилди аввал. Бо муқаддимаи Аълохон Афсаҳзод.- Теҳрон: Мероси мактуб, 1378.
2. Абдулғафури Лорӣ. Такмилаи «Нафаҳот-ул-унс».- Кобул, 1343.
3. Алиасғари Ҳикмат. Ҷомӣ.-Теҳрон, 1363.
1. Наҷиб Моили Ҳиравӣ. Шайх Абдурраҳмон Шайх Абдурраҳмони Ҷомӣ.- Теҳрон: Тарҳи нав, 1377.- 341с.

НЕКОТОРЫЕ ПОЛИТИЧЕСКИЕ И СОЦИАЛЬНЫЕ ПРОБЛЕМЫ В ПРОИЗВЕДЕНИИ «СИЛСИЛАТ-УЗ-ЗАХАБ» ДЖАМИ

Мавлоно Абдуррахман Джами как яркий представитель своего времени считается одним из великих мыслителей и литераторов XV века. В данной статье автором на основе произведения «Силсилат-уз-захаб» Абдуррахмана Джами подвергнуты рассмотрению и изучению его политические и социальные воззрения. В данном произведении великий поэт и мыслитель рассуждает о существующих политических и социальных проблемах своего времени и подвергает резкой критике купцов, ремесленников, суфиев, религиозных деятелей и указывает на бедственное положение простого народа.

Ключевые слова: Мавлоно Абдуррахман Джами, произведение «Силсилат-уз-захаб», политические и социальные воззрения, политические и социальные проблемы.

SOME POLITICAL AND SOCIAL PROBLEMS IN DZHAMI'S WORK "SILSILAT-OUSE-ZAKHAB"

Mavlono Abdurrahman Dzhami as the bright representative of the time is considered one of great thinkers and writers of the XV century. In this article the author on the basis of work "Silsilat-uz-zakhab" of Abdurrahman Dzhami subjected to consideration and studying its political and social views. In this work the great poet and the thinker argues on existing political and social problems of the time and subjects to sharp criticism of merchants, handicraftsmen, суфиев, religious figures and points to a distress of the simple people.

Key words: Mavlono Abdurrahman Dzhami, work "Silsilat-uz-zakhab", political and social views, political and social problems.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Мухриддин Низомов*** **-** кандидат филологических наук, доцент кафедры истории таджикской литературы Таджикского национального университета.

ТАСВИРИ ЗАДУХӮРДҲОИ МАЗҲАБӢ ДАР ҲИКОЯҲОИ СУДҲА АРОРА

Зубайда Пакаева
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Кишвари бузурги Ҳинд аз замонҳои қадим бо бузургони илм, фарҳанг ва адабиёти хеш машҳури олам гаштааст. Таърих гувоҳ ҳаст, ки бисёр саромадони адабиёти ин миллат дар ҷаҳони беканори илму маърифат, машҳур гаштаанд. Асарҳои Робиндранатҳ Тҳакур, Рач Мулк Ананд, Премчанд, Яшпал ва дигар чунин адибон китобҳои дӯстдоштаи мо тоҷикон гардидаанд. Чандин намояндагони барҷастаи шеъри оламгири Аҷам маҳз дар Ҳиндустони афсонавӣ умр ба сар бурдаанд. Амир Хусрави Деҳлавӣ, Ҳасани Деҳлавӣ, Бедил, Зебуннисо зодагони ин кишвари бузург ҳастанд.

Баробари чунин адибони шинохташуда, ба монанди: Амракант, Рачендра Ядав, Камлешвар, Рамеш Упадҳяй, Шекҳар Ҷошӣ, Нирмал Варма, Абдул Бисмиллоҳ, Манну Бҳандарӣ, Мридула Гарг, Мамта Калия, Парбҳу Ҷошӣ, ки дар солҳои 50-60 уми асри XX адабиёти ҳиндро бо эҷодиёти худ хеле ғанӣ кардаанд, Судҳа Арора ҳам

яке аз саромадони нави Ҳинд ба ҳисоб рафта ба осори гаронбаҳои худ маъруфи олам гаштааст.

Судҳа Арора бо ҳикояҳои замонавии худ, дар таърихи адабиёти муосири Ҳиндустон мақоми хосеро соҳиб шудааст.

Адиба кӯшиш намудааст, ки дар асарҳояш пешравии ҷамъиятро дар фаъолият, эҳсос ва фаҳмидану баҳо додани шахси ҷудогона нишон диҳад.

Ҳикояҳои Судҳа Арора пурмазмуну таъсирбахш мебошанд ва тез ба дили хонандаҳо роҳ ёфта мухлиси зиёде пайдо кардаанд. Онҳо мавзӯъҳои гуногуни ҳаёти мардуми ҳиндро дар бар мегиранд. Адиба ҳанӯз дар аввалин ҳикояҳояш образҳои қаҳрамонони реалиро офарида, ҳаёти ҳақиқиро тасвир намудааст. Дар асарҳои Судҳа Арора бештар образи занҳо барҷастатар баромадаанд, ки намунаи инро мо дар ҳикояҳои «Шумораи утоқи 135» [2,207], «Зиндагии соли сездаҳум», «Рӯзи охирини зиндагии Суҷата Танеҷа», «Хатти охирини Анпуран Мандал», «Ҳамоне, ки будӣ ҳамон мемонӣ», «Ними ободӣ», «Истакони хокин» бараъло мушоҳида мекунем.

Яке аз ҳикояҳои беҳтарини Судҳа Арора ин «Рӯзи ҷумъаи хунин» «Калла шукрвар» Ҳикояи «Рӯзи ҷумъаи хунин» аз дигар ҳикояҳои нависанда ба куллӣ фарқ мекунад. Ин ҳикоя дар бораи масъалаҳои доғи рӯз, ки ҳар рӯз дар тамоми рӯйи олам рӯй медиҳад, яъне мавзӯи терроризм таълиф гардидааст. Дар ин ҳикоя қаҳрамонҳои асосӣ аз пайравони ду дин гирифта шуданд, ки яке зани хӯҷаин ва ронандаи ӯ марди мусалмон Мирач. Дар ин ҳикоя Судҳа Арора дар бораи ҳодисаи террористии мудҳише, ки дар таърихи 12 марти соли 1993 рӯйдода, ки дар натиҷа бисёр одамон кушта ва қисми зиёди онҳо маҷрӯҳ мешаванд, нақл мекунад. Ин ҳикоя бо тарзи муқаррарӣ шурӯъ мешавад. Ҳикоя аз номи шахси сеюми номаълум оғоз мешавад. Муаллиф оғозёбии субҳи Мумбайро чунин ба қалам медиҳад: – «Он саҳар ҳам ба монанди дигар субҳҳои Мумбай буд. Мавҷҳои ороми соҳили рӯд ва осмони софи беғубори ин шаҳри зебо дили бинандаро таскин медод. Дарахтони ғарқи гул дар нури шуълаҳои офтоб пошида олиҳаи ҳуснро ба хотир меоварад. Ба мисли ҳар саҳар соати 6:30 дар вақти муқаррарӣ ширфурӯш бо шишаҳои ширҳояш дар назди дарвозаи хона рост истода буд. Боз баъди ду дақиқа маҷаллафурӯш омад» [2,206].

Барои муаллиф ин як лавҳаи хушрӯй ва дилангези табиати пурафсун намебошад, балки он муҳтавои ҳикоя, сохтори онро ташкил медиҳад, бори услубию маънавӣ дорад ва оҳанги лирики ҳикояро муайян мекунад.

Нависанда субҳи ором ва форами Мумбайро тасвир карда, хонандаро ба рӯзҳои муқаррарӣ ва орому осудаи ин шаҳр ошно месозад. Дар поёнтар хоҳем дид, ки дар «Рӯзи ҷумъаи хунин» воқеаҳо печида, сужет мураккаб ва чашмандози муаллиф васеъ буда, персонажҳои зиёд амал мекунанд. Аз нигоҳи сохт низ ҳикояи мазкур мураккаб ва печида аст. Ҳамаи ҷузъиёт пайи ҳам ба тафсил меоянд. Судҳа Арора аввал хонандаро бо зани хӯҷаин ва ронандаи ӯ Мирач шинос мекунад ва хонанда бошад, зуд эҳсос мекунад, ки қаҳрамонҳои асар инҳо ҳастанд:

«Дарвозаро кушодам, ки як одами чеҳрааш шинос рӯ ба рӯям истода буд. Ин шахсро ман якчанд маротиба дар куҷое дидаам, лекин намедонам дар куҷо. Ӯ ба ман салом дода гуфт: –«Ҷаноб пеш аз рафтанаш ба ман гуфт, ки шуморо ба шаҳр барам».- «Мирач, ин туӣ? Ман туро нашинохтам» [3,5].

Баъд аз шинос кардани ин ду қаҳрамони асосӣ Судҳа Арора хонандаро ба ҷой ва манзиле, ки Мирач он ҷо зиндагӣ мекунад, ошно месозад. Нависанда ҳар як қаҳрамони ҳикояро бо хонанда шинос месозад, то хонанда бифаҳмад, ки қаҳрамони ӯ чӣ хел инсон аст ва дар куҷо зиндагӣ мекунад:

«Мирач дар Бҳаратнагар сукунат дорад. Дар ноҳияе, ки ӯ зиндагӣ мекунад, пайравони динҳои мухталиф умр ба сар мебаранд. Онҳо аз солҳои пеш якҷоя зиндагӣ мекунанд ва ҷашнҳои мазҳабии якдигарро якҷоя таҷлил менамоянд. Дар таърихи 6 декабри соли 1992 дар назди ноҳияи Бҳаратнагар задухӯрд байни ҳиндуён ва мусалмонон рух дод, ки ба муносибати онҳо таъсири манфӣ расонид. Дар байни онҳо ҳеҷ гоҳ ин хел ҷанг ва низоъ нашуда буд. Эшон аз хонаҳои худ гурехта омада, дар хонаҳои бҳаратнагариҳо пинҳон шуданд. Дар ин байн онҳо аз қафои онҳо омада дар ноҳияи Бҳаратнагар ҷанги шадид ба амал омад. Тирпарронӣ карда, якчанд одамони бегуноҳи ин ноҳияро ба қатл расонданд. Ин зарар ба писари Мирач ҳам расид. Ӯ он вақт писари хурдсол буд ва аз ҷанг сахт тарсида, гунг мешавад. Ҳоло бачаи калон

шудааст, аммо гап намезанад» [3,6].

Судҳа Арора баъд аз тасвири ҷойи зисти зиндагии Мирач ба тасвири майдони харобазори шаҳри Мумбай, марги ҳамватанони бегуноҳи худ нолаву фарёди занону кӯдакон мепардозад. Муассиртарин фасли ҳикояи «Рӯзи ҷумъаи хунин» тасвири мурдаҳои хобрафтаи одамон бегуноҳ ва одамони маҷрӯҳгашта мебошанд. Хонанда ин лавҳаро, ки нуқтаи баланд ва авҷи сужети ҳикоя ба шумор меравад, бе изтиробу ҳаяҷон мутолиа карда наметавонад:

«Чароғак сурх шуд, мо истодем. Аз таркиши сахти моддаи тарканда замин чунон сахт ларзид, ки хаёл мекардӣ, ки дар пешат бо танкҳо тир мепаронанд. Дар кӯчаҳои васеи Мумбай аз чор тараф оташ аланга зада месӯхт ва аз оташи кӯчаҳо мошинҳо ва автобусҳо таркиданд, ки оҳанпораҳои онҳо ба осмон париданд. Ин воқеа камтар аз мо дуртар буд ва мо рӯ ба рӯйи он воқеаи мудҳиш будем. Ин ҳама воқеаҳои мудҳишро ба чашмони худ дидем. Дар кӯчаҳо хуни одамон ба монанди об ҷорӣ шуд. Аз осмон пораҳои одамон ба замин мерехтанд. Дар як дам кӯчаҳои зебо ва озодаи шаҳри Мумбай ба хунзор табдил ёфтанд. Одамони нимҷони дар кӯчаҳо монда аз тарс шах шуда буданд. Ин манзараи даҳшатнокро дида тамоми баданам ба ларза даромад. Аз паси пардаи мошин ба берун нигоҳ кардам, дар назарам чунин намуд, ки ягон филми америкоиро тамошо карда истодам» [3,6].

Маълум мешавад, ки аз ҷанг дар ҳама ҷо қалби инсону замин як хел меларзад, ба ҳар кас бо чеҳраи дигар менигарад. Дар айни замон инсонҳоро баҳри зиндагӣ ба мубориза ҳам даъват мекунад. Дар ин ҳикоя Судҳа Арора персонажҳои зиёдеро ба мисли дигар ҳикоёташ дохил накардааст. Дар ҳикоя ду қаҳрамони асосӣ иштирок доранд, яке Мирач ва зани хӯҷаин. Ҳатто дар асар номи зани хӯҷаин зикр нашудааст. Ҳикояро аз чунин қисматҳо сохта шудааст:

1. Тасвири субҳи ороми Мумбай;
2. Тасвири мукаммали маҳали зисти Мираҷи ронанда;
3. Омадани Мирач ба хонаи хӯҷаин;
4. Дар кӯча дучор шудани Мирач ва зани хӯҷаин бо воқеаҳои мудҳиши таркиш аз дасти душманони кишвар;
5. Бори дуюм рӯ ба рӯ шудани онҳо дар кӯчаҳои пур аз мурдаи шаҳрвандони Мумбай;
6. Ба хона баргаштани зани хӯҷаин;
7. Дар беморхона хун додани Мирач ба маҷрӯҳон;
8. Фавти ногаҳонии писари Мирач.

Хонанда аз оғози мутолиаи ҳикоя гумон мекард, ки ҳикоя хеле дилчасп ва ҷазоб аст, аммо вақте ки мебинад персонажҳои ҳикоя танҳо бо ҳодисаҳои мудҳиш рӯ ба рӯ мешаванд дили мутолиакунанда танг ва рӯҳаш ноорм мешавад, зеро ки аз субҳи саҳар баромадани онҳо ба шаҳр танҳо дар кӯчаҳо ба мурдаҳои хобрафта ва маҷрӯҳон рӯ ба рӯ мешаванд. Бар замми ин қадар бесарсомониҳо ҷавонони шаҳр бошанд ба вайрон ва тороҷ кардани шаҳр машғул ҳастанд, ки ба ин корҳои ношоиста даст задани онҳоро аз суст ва номустаҳкам будани кишвари Ҳиндро адиба тасвир кардааст: «Мошини мо дар як тангкӯча даромад. Аз дур мо дидем, ки як тӯда бачаҳои ҷавон тақрибан 20-22 сола дар дастҳояшон чӯбдаст ва оҳан ба он тангкӯча зада даромаданд. Иморати баландошёнаи он кӯча ба замин яксон шуда буд, бачаҳои ноболиғ бошанд ба ғорат ва тороҷ кардани мағозаҳо машғуланд» [3,7].

Вақте ки Мирач рафтори ноҷои ҷавононро дид, сахт ба ғазб омад, зеро ки инсони комил ҳеҷ гоҳ дар ин ҳолатҳои ногувор ба чунин корҳои ношоям даст намезанад. Дар он лаҳза ҳар як инсон шаҳри сӯхтаистода ва ҷасадҳои хобрафтаро дида, ҳама чизро фаромӯш мекунад. Аз ҳама чизи қимат дар он лаҳза зиндагӣ ва зинда монадни инсон аст. Мирач фикр мекард, ки аз ин хел даҳшат зани хӯҷаинро сиҳату саломат бурда расонад, зеро духтари хурдсоли ӯ дар хона танҳо аст. Ӯ ҳатто фикри худро намекунад.

Дар ҳикоя лавҳаҳои мушаххас тасвир мешавад, ки Мирач ва зани хӯҷаин гӯё байни худ дар одамгарию одамият як навъ мусобиқа доранд. Ҳамин одамият онҳоро ба ҳам пайвастааст дар маснади баланди инсонгарӣ гузоштааст. Зани хӯҷаин Мираҷро аз ҳад зиёд эҳтиром мекунад ва ҳамеша дар бораи писари бемори ӯ Алинаваз фикр мекунад, ки чӣ хел ӯро муолиҷа кунад.

Мирач бошад як марди ронандаи оддист, вале он рафтору инсонворе, ки нисбат ба он зани хӯҷаини худ дорад, ки аз рӯи кирдори некаш ҳис мекунад, ки аз хеши ҳамхуну наздиктар меҳрубонтар аст, ин бозёфт чун давлати калон шодиву хушбахтӣ меоварад. Аз ин лиҳоз зани хӯҷаин меандешад: «Ачаб инсони хуб будааст ин мард. Ғами худро намехӯрад танҳо фикру ҳушаш ба он аст, ки чӣ хел ӯро бурда ба пеши духтараш сиҳату саломат расонад».

Қаҳрамонони ҳикояи Судҳа Арора мисли қаҳрамонони таърихӣ Шераку Темурмалик корномае нишон додаанд, зеро аз чунин воқеа наҷот ёфтан кори саҳл набуд. Персонажҳои ҳикояи нависанда рӯҳан қавӣ ва устуворанд. Онҳо дар ҳақиқат қаҳрамонони далеру нотарс ҳастанд, зеро дар майдони ҷанге, ки онҳо буданд ягон кас сиҳату саломат наҷот ёфта натавонистанд.

Зани хӯҷаин ба фикр фурӯ рафта, фикру хаёлаш ба духтари хурдсолаш буд: «Якчанд дақиқа пеш мо ба марг чунон наздик будем, ки дар пеш моро чӣ интизор аст мумкин имрӯз рӯзи охирини зиндагии мо бошад. Дигар духтари хушрӯяк ва дастрӯякам маро намебинад. Ӯ ятим ва бепарастор мемонад» [3,8].

Ӯ ҳеҷ гоҳ бо чунин воқеаҳои нохуш ва манзараи шӯрангез дар умри худ рӯ ба рӯ нашуда буд. Танҳо чунин саргузаштҳоро аз падари худ шунида буд, лекин саргузаштҳои воқеие, ки падараш ба ӯ нақл мекард дар назари ӯ ҳикоя менамуд: «Падарам чунин ривоят карда буд, ки дар соли 1930 дар Лоҳур ҷанги шадид шуд, ки дар он рафиқҳо ва ҳамсояҳои беҳтарини онҳо кушта шуданд» [3.9]. Ӯ вақте ки чунин воқеаро бо чашми худ дид, баъд саргузашти нақлкардаи падараш ба ёдаш омад.

Дар ҳикоя образи лаҳзавӣ ва хотирнишин, ҳузунангези зане ҳаст, ки хонандаро бетараф намегузорад. Вақти мутолиа оби дида беист ҷорӣ мешавад: «Мо аз тангкӯча ба роҳи марказии шаҳр баромадем ҳамаи кӯчаҳо пур аз одамони маҷрӯҳ ва кормандони полис буданд. Аммо дар як кунҷи кӯча одамон ҷамъ буданд ва ба тамошои зани девона машғул буданд. Вақте ки мо пурсидем, ки чӣ ҳодиса рух додаст, чаро ҳама ба он зан нигоҳ доранд. Чунин посух гирифтем, ки вай зан писари 12-солаашро бо чашмони худаш дидааст, ки чӣ хел таркидааст»[3,208]. Модари бечора тоқати ғами фарзанди худро надошта девона шудааст. Мирач, вақте ки аз саргузашти ин зан хабардор шуд, оҳи сарде кашиду аз чашмонаш беист оби дидааш ҷорӣ шуд.

Нависанда нохушиҳои ин ҳикояро банд ба банд сохта ва тасвир кардааст, ки кас гумон мекунад, ки адиба бевосита дар ин воқеаҳо иштирок кардааст. Қаҳрамонҳои ҳикояи адиба дар асл қаҳрамони реалӣ ва далер ҳастанд, зеро аз субҳи саҳар баромада баробар бо чандин воқеаҳои нохуш рӯ ба рӯ мешаванд, лекин онҳо серсабру пуртоқат ҳастанд. Онҳо баъди якчанд лаҳза боз бо чунин маҷрӯҳ рӯ ба рӯ шудаанд: «Бо марде рӯ ба рӯ шудам, ки шиму куртааш ғарқи хун шуда буд. Аз ду тарафи ӯ кормандони пулис дошта ёрдам медоданд. Ҷароҳии ӯ чунон вазнин буд, ки базӯр нафас мегирифт» [3,10].

Усули нигориши нависанда ба мавзӯю масъалаҳои доғи рӯз, муҳит, замону макони воқеаҳо сахт алоқаманд аст. Зеро Судха Арора бештар ба мавзӯъ ва ҳодисаҳои ғайричашмдошт, нотакрор майл дорад ва дар ҳолатҳои ногаҳонӣ ва душвор қаҳрамони ӯ аз ҳар паҳлӯ ва рафтору амали ғайричашмдошт тасвир мешавад. Азбаски биниши лирикӣ бештар аз ҳама дар жанри хурд муассир истифода меёбад, қариб дар аксари ҳикояҳо ҷанбаи лирикӣ нағз эҳсос мешавад.

Барои он, ки масоили зиндагӣ тавассути тафакури бадеӣ, тахайюли нависанда ба ҳодисаи адабӣ табдил ёбад, бояд бо андешаю таассурот эҳсосоти нависанда алоқаи ногусастанӣ дошта бошад ва ё ба он ҳазм шавад. Зеро ҳунар омезиши ҷаҳонбинӣ, таҷрибаи ҳаётӣ ва маънавии нависанда воқеаи мушаххас ва зарури муносибатҳои инсонӣ, бо мавзӯи интихобшуда мебошад. Агар мавзӯи муҳим ва доғи рӯз бо андешаву эҳсосоти ботинӣ омезиш наёфта, ё муаллиф онро аз сар нагузаронида ва ё ба фаҳму дарки он нарасида бошад, воқеаи дар асари бадеӣ тасвиршуда бо вуҷуди муҳим буданаш ба факту моли адабиёт табдил нахоҳад ёфт. Дар ин сурат на муҳим будани мавзӯъ, на дониши фаровон, на истеъдоди фитрӣ ба нависанда кӯмак нахоҳанд кард.

Маҳз ҳамин масъалаи асосии эҷоди асари бадеӣ дар офаридаҳои Судҳа Арора риоя мегардад. Эҳсос мешавад, ки то мавзӯъ, воқеаҳо, образҳо дар хаёли ӯ ҳазм

шуда, пухта нарасад, рӯи қоғаз намеорад. Нависанда ба таҷрибаи ҳаётӣ ва маънавии шахсӣ такя намуда, ҳикояҳои аз лиҳози шаклу мундариҷа ҷолиб офаридааст. Ва ба ин васила диди хоси инсоншиносӣ ва ҳунари асили ӯ аз як ҳикоя то ҳикояи дигар равшан гардида, ин чиз бозёфту дастовардҳои эҷодӣ, ҷустуҷӯҳои минбаъдаи эҷодии ӯро аён сохт. Судҳа Арора дар ҳар як ҳикоя, на танҳо донишу идроки аз зиндагии рӯзмарра ва муносибати инсонҳо ғун карда, балки ғановати маънавию ақлонии худро ба хонанда ба ҳам мебинад.

Судҳа Арора чун ба масоили ҳаётӣ аз наздик ошно шуд, ҳикояаш ба хусусияти нав тобиши нав, табият ва самимият пайдо кард. Ҳикояҳо бо нияти эҷодӣ ва мақсад муайян таълиф шуда, дорои асолати бадеию жанрӣ мебошанд. Аз ин лиҳоз наисанда Мридула Гарга менависад: «Диди аниқу мушаххаси нависанда ба рӯйдодҳои печидаи зиндагӣ ва табиати мураккаби инсон бармало аст. Тасвири равшану возеҳ ва пурғунҷоиш ва маънии асосӣ ва бори ғоявии ҳикоя аз дохил бармеояд. Диққати Судҳа Арора ба рӯҳия ва маънавиёти инсон равона шудааст. Ба инсоне, ки зоҳиран аз дигарон фарқи казои надорад: донишҷӯ, модару бибӣ, падару модар ва ғайра» [1,13].

Фарҷоми ҳикоя ҳам ғамангез ба охир мерасад, зеро қаҳрамони марказии ҳикоя Мираҷ писари ягона ва танҳояшро аз даст медиҳад.

Нависанда чунин ақида дорад, ки агар тамом мардуми гуногунмазҳаби Ҳиндустон дӯстона дасти ҳам гирифта зиндагӣ пеша намоянд, мамлакати биҳиштосотаре мисли Ҳиндустон пайдо нахоҳад гардид.

Аз аввалин сатрҳои ҳикоя равшан мешавад, ки мақсади муаллиф аз иншои ҳикояи «Рӯзи ҷумъаи хунин» тавассути образи ҳузнангези Мираҷ, дар айни замон хеле ҳам дилсофу меҳрубон аст. Ӯ мусалмон аст, лекин ронандаи марди мансабдори ҳинду аст. Ӯ нисбати ӯ ва оилаи вай ягон бадбиние надоард. Нишон додани зиндагии пурмашаққати халқи Ҳиндустон ва даҳшати ҷангҳои мазҳабӣ аст.

Ҳадаф ва ба манфиати кӣ будани ин низои бемаъниро адиба ин тавр баён кардааст: «Дар ин ҷо одамони гуногунмазҳаб зиндагӣ мекунанд. Ҷангу кашмакашиҳо ҳамеша аз ҳамин шаҳри Мумбай сар мешаванд. Ҳоло дар ин шаҳр зиндагӣ кардан номумкин аст. Ҷангро мардуми бегона меандозанду мо халқи бегуноҳ талаф меёбанд. Одамони оддӣ ва бегуноҳ аз ду тараф талаф шуда истодаанд. Одамони хориҷӣ бошанд кайфу сафо доранд» [1,82].

Ба ақидаи муаллиф оғози ҳамаи ин бадбахтиҳо ва рӯй додани чунин кашмакашҳои зараровар, нақши одамони хориҷӣ мебошанд.

Нависанда натанҳо аз бесарусомониҳои замони худ шикоят менамояд, балки роҳи халос шуданро аз ин навмедӣ ҷустуҷӯ менамояд. Ӯ дар ин бенизомиҳо ҳукуматдоронро сахт танқид кардаст, ки пайи ҳалли он кӯшиш ба харҷ намедиҳанд:

«Шунидед, 150 нафар кушта шуданд, чӣ қадар ҷойҳои зебо вайрон шудаанд ин гуноҳи кист бародар? Ин гуноҳи ҳукумати мост. Мо ҷоҳил ҳастем. Ҳукумат дар ин ҷо бетараф аст. Дар муқобили чунин ҷаҳолатгароиҳо бемаъсулиятии ҳукуматдорони мо ба ин харобазор омада расидем. Мумбай шаҳри калон ва зебо аст. Ҳоло онро ба харобазор табдил доданд. Дар кӯчаҳои Мумбай ҳатто роҳ гаштан хатарнок аст» [1,84].

Бояд қайд намуд, ки осори Судҳа Арора аз тасвирҳои рангоранги бадеӣ хеле бой аст. Қисми зиёди осори ӯ дар инъикос намудани масъалаҳои доғи рӯз – яъне ихтилофи мазҳабӣ бахшида шудааст. Ба монанди ин ҳикоя боз ҳикояе бо номи «Ҷанкӣ» навиштааст. Ин ҳикоя дар бораи духтраке аст, ки Ҷанкӣ ном дорад. Ӯ дар қишлоқи дурдасте зиндагӣ мекунад. Ӯ ҳам аз кашмакашҳои мазҳабӣ ба дараҷае рӯҳафтода шуда, ҳатто ҷисман гунг мешавад. Ӯро дар қишлоқ кӯдакон бисёр азият медиҳанд. Рӯзе духтари ҳамсояи онҳо Каруна, ки дар шаҳри Мумбай зиндагӣ мекунад, ин аҳволи ӯро дида, Ҷанкиро гирифта ба Мумбай меорад. Дар ин муддат чанд вақт дар хонаи Каруна Ҷанкӣ оромона зиндагӣ мекунад. Ӯ рӯзе барои овардани чизе ба тарафи дигар шаҳр бо ҳамроҳии духтари ҳамсоя меравад. Дар ҳамон вақт ҷанг дар байни мусалмонҳо ва ҳиндуҳо оғоз мешавад. Ӯ дар байни ҷанг мемонад. Баъди чанд рӯз ӯро аз ин кашмакашҳо раҳо медиҳанд. Бечораи духтарак ҳам осеби ҷисмонӣ ва рӯҳӣ мегирад.

Нависанда пас аз ин ҳаяҷонҳои ботинӣ хонандаро ба саргузашти Ҷанкӣ ошно

мекунад. Интихоби қаҳрамони ҳикоя ҳам ба персонажи асосии ҳикоя сахт пайвастагӣ дорад. Саргузашти Ҷанкӣ, рафтору кирдори ӯ шавқовар тасвир ёфтааст. Муаллиф таҷрибаи хуби зиндагӣ дорад ва ҳар лаҳзаи ҳаёти қаҳрамони асари худро моҳирона ба қалам медиҳад. Инро дар мисоли зерин бармало дидан мумкин аст:

«Бо чеҳраи кушод ҳамаи корҳои хонаро ёд гирифт ва забонаш ҳам оҳиста-оҳиста кушода шуд, ӯ ба гап задан шурӯъ кард. Аввалин суханҳои ӯ: – «Ин чист? Ин барои чӣ ин хел аст?» Оташи газро дида, пурсид: - «Чаро оташ кабуд аст?» [4,105]

Муаллиф пайваста симои духтарак Ҷанкиро тавассути воқеаҳои бо ҳам пайваста ба хонанда мекушояд. Хислатҳои ӯро бо рафтору кирдори фарзандонаш Абишек муқобил мегузорад: – «Ту намебинӣ, Ҷанкиро нигоҳ кун, як духтарест, ки на мактаб хондааст, на савод дорад, лекин ӯ чӣ қадар шавқу ҳавас дорад, мепурсад, ки дар рӯзномаҳо чӣ навишта шудааст?» [4,105]

Судҳа Арора тамоми воқеаҳои иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва тарбиявиро дар атрофи симои Ҷанкӣ ҷолиб ва хотирмон, табиӣ ва боварибахш тасвир мекунад. Қаҳрамони ҳикояи ӯ – Ҷанкӣ некхоҳ аст, дар интиҳо вай мехоҳад ба амаки Ҳусейн, ки набераш бемор аст, ёрӣ расонад, ба шаҳр меравад. Дар ҳамин вақт ҷанг байни мусалмонону ҳиндуҳо оғоз мешавад. Ба хона барнагаштани Ҷанкӣ, Каруна ва шавҳараш Дивакарро ба ташвиш меорад. Муаллиф аз номи шахси якум ҳодисаро нақл мекунад ва ҳикоя ҳам аз лаҳзаи пурташвиш, ҳаяҷоновар сар мешавад. Банду басти ҳикоя хеле моҳирона аст. Маҳз ҳамин сохтор, ки ба назари хонанда табиӣ ва воқеӣ менамояд, мақсади муаллифро равшан мекунад. Сохтори ҳикояи «Ҷанкӣ» аз чунин қисматҳо иборат аст:

1. Дар майдони ҷанг мондани Ҷанкӣ ва ба хона барнагаштани ӯ.
2. Ташвиши Каруна ва шавҳараш Дивакар, ки ба сари Ҷанкӣ ҳодисаи нохуш наояд.
3. Ибтидои саргузашти ҳузнангези Ҷанкӣ ва аз деҳа ӯро ба шаҳри Мумбай бурдани Каруна.
4. Зиндагии Ҷанкӣ дар хонаи Каруна ва хислату рафторҳои ӯ.
5. Ба шаҳр барои чизе рафтанаш, то ки ба писари бемори Ҳусейн ёрӣ расонад.
6. Дар майдон ҷанг байни мусалмонону ҳиндуҳо мондани Ҷанкӣ.
7. Ба ҷустуҷӯи Ҷанкӣ ва дигар шахсони ба хона барнагашта рӯзи дигар ба ба пулисхона рафтани одамон.
8. Дар дохили мошини пулис Каруна ва Дивакар Ҷанкиро мебинанд.

Чуноне ки мебинем, ҳикоя аз ҳашт қисми бо ҳам пайваста иборат аст. Қисми ҳаштум ба назар нотамом менамояд:

– «Дар охир пулис пушти мошинашро кушода пурсид:

- Номат?
- Ҷанкӣ.
- Номи падарат?
- Анвар.
- Чӣ гуфт?
- Ҳа, номи аслиаш Ҷулекҳа аст, – гуфт Каруна, – мо инро аз Ҷаланпур овардем, номашро дигар кардем…
- Ту ҳамроҳ надоштӣ? – пурсид Дивакар.
- Не.
- Чӣ вақти маро мегирӣ, ҷаноб! Яке Ҷанкӣ мегӯяд, дигараш бошад, ким-чизи дигар мегӯяд. Номашро нағз намедонед, боз омадед, ки шикоят кунед!

Пулис ӯро дарун тела дода гуфт:

- Шумо дар берун истед.
- Шумо гӯш кунед, – ҷаноби Малкантӣ пеш рафта, ҳамаи саргузаштро ба пулис нақл кард.

Онҳо ҳамаи одамонро ҷавоб дода, гуфтанд, ки то пагоҳ ному насаби дастгиршудагонро мепурсем, шумо рӯзи дигар омада фарзандҳоятонро мегиред. Вақте ки онҳо аз идораи пулис баргаштанд, диданд, ки чор тарафи деҳаро паррандаҳо иҳота кардаанд. Ҳамон рӯз овоза шуд, ки қариб сӣ нафар одам дар он деҳа фавтидааст. Бисёр мурдаҳо рӯйҳояшон канда ва даҳшатнок буданд» [4,106]. Аз фарҷоми ҳикоя ва ишораҳои қисми якуми он равшан мешавад, ки мақсади муаллиф

аз иншои ҳикояи «Ҷанкӣ» тавассути образи ҳузнангези духтараки маҷрӯҳ, нотавон ва дар айни замон хеле ҳам зираку меҳрубон нишон додани зиндагии пурмашаққати халқи оддии Ҳиндустон ва даҳшату фоҷиаи ҷангҳои мазҳабӣ аст.

Судҳа Арора ин матлабро бо интихоби қолаби муайяне изҳор кардааст. Сохтори ҳикояи мазкур, хусусан асосаш нав нест, аммо сабку услуби нависанда, ки аз ҷараёнҳои ҷадиди адабии Ҳиндустон маншаъ мегирад, ба ҳикоя лаҳзаҳо ва персонажҳои бисёре, аз ҷумла Малканӣ, амаки Ҳусейн, амаки Ҷулекҳа, Торча, Тричанд, Панкаҷ ва ғайраро ба бор овардааст. Ин услуби тасвир мухолифи таърифи классикии ҳикоя ё ин ки новелла аст.

Чунин зиддиятҳое, ки дар миёни мазҳабҳои диннии дар сарзамини Ҳинд мавҷуд буда, дар қитъаҳои дигари олам низ дида мешаванд. Дар муқоиса бо воқеаҳои дигар сарзаминҳо, ба хулоса омадан мумкин аст, ки сабаби асосии ҳама гуна ихтилофот, ҳамон тавре ки дар боло ишора гардид, ин пеш аз ҳама бесаводӣ, бефарҳангии ҳамон миллатҳо мебошад.

Аз ҷониби дигар зиддиятҳои ҳамешагии ду мазҳаб – ин албатта ба қашшоқӣ ва бенавоии мардум оварда расонидааст. Ашхоси бегонаи манфиатдор, дар мисоли низоъбарангезони хоричӣ, бо пардохти маблағи ночиз, метавонанд садҳо, ҳазорҳо одамонини қашшоқ ва бесаводи мазҳабҳои гуногунро дар муқобили ҳамдигар қарор диҳанд.

Осори Судҳа Арора инъикоскунандаи воқеаҳое мебошанд, ки бофта не, балки ба амал омадаанд. Ва адиба тавонистааст, ки ҳамаи масъалаҳои доғи рӯз чи кӯҳна ва чӣ навро дар ҳикояҳояш зикр намояд, то хонанда огоҳ шавад, ки дар асри ХХ ба ҷомеа бояд бо диди нав, нигоҳи нав, маърифати баланд, ақли расо муроҷиат намуд, на бо нишондоди зархаридони хоричӣ, ки вайронии Ватанро хоҳонанд.

Осори адиба орзуҳои нек аст ва мо эҳсос менамоем, ки ӯ чи қадар дар орзуи ҳар чӣ зудтар бофарҳанг дидани миллати хеш аст.

Ҳадаф аз навиштани ин ҳикоя муқобили ҳама задухурдҳои мазҳабӣ, ки боиси бадбахтиҳои садҳо одамони бегуноҳи ин кишвар шудаанд, мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. «Аурат ки каҳанӣ». (Ҳикояи зан), №-3- Мумбай, марти, 2008.- С. 13
2. Судҳа Арора «Зиндагӣ мекунӣ дар он ҷо».- Деҳлӣ, 2007.- С.207 (ба забони ҳиндӣ).
3. Судҳа Арора. Калла шукрвар (Рӯзи ҷумъаи хунин).- Мумбайи, 2003.- С. 5
4. Судҳа Арора. Раҳоги тум ваҳӣ (Ҳамоне, ки будӣ ҳамон мемонӣ). -Деҳлӣ, 2007.- С.105.

РЕЛИГИОЗНЫЕ КОНФЛИКТЫ В РАССКАЗАХ СУДХА АРОРА

В данной статье рассматриваются религиозные конфликты, которые стали причиной бедствия всего общества. Цель статьи- пропаганда против всех религиозных конфликтов.

Ключевые слова: религиозный, образ, роль, жизнь, свобода, счастье, трудности, борьба, истина.

RELIGIOUS CONFLICTS IN THE STORIES OF SUDHA ARORA

This article discusses the religious conflicts that have caused distress of society. The Purpose of the article is propaganda against the people of all religious conflict.

Key words: woman, image, role, life, freedom, happiness, difficulties, fighting, true.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Пакаева Зубайда*** – аспирантка Таджикского национального университета

НАҚШИ МОДАРИ ҲОТАМИ ТОЙ ДАР ҲАЁТИ Ӯ ВА ТАЪСИРИ ОН БАР НАСЛҲОИ ИМРӮЗА

Дунё Қаландарова
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Ба номи Холиқи калому қалам! Пеш аз ҳама мехостам ишора кунам, ки ҷаҳонишавӣ раванди таърихиест, ки ҳамаи падидаҳо ва арзишҳои фаъоли ҷаҳонро бо ҳам наздик мекунад. Ва онҳоро ҷаҳонӣ месозад. Ҳар миллате

агар мехоҳад, ки дину фарҳангу забонаш шинохта шуда бошад, то ҳифз ва нигаҳдорӣ шавад бояд андешаи тавлидӣ дошта бошад. То ба ҷаҳон ва ҷаҳониён тавонад чизеро арза кунад. Агар имрӯз мо низ аз назари иқтисод, сиёсат ва технология қавӣ бошему тавонем тавонотару қавитар аз дигарон тавлид кунем, метавонем андеша ва фарҳанги худро ҷаҳонӣ созем.

Ба ин мақсад мо танҳо тавассути тарбияи ақли солим хоҳем расид. Охир маҳз тарбияи солим ҷомеаи солимро ба вуҷуд меорад.Вале муҳити ботини зисти мо имрӯз ҳарчанд, ки дар бораш суханони воло мегӯем, мисраъҳои зерро мемонад.

Дили кас ба кас насӯзад ба муҳити мо ба ҳадде,
Ки ғизол бачаашро ба паланг мефурӯшад!
Муддатест кас надида гуҳаре ба қулзуми мо,
Ки садаф ҳар он чӣ дорад, ба наҳанг мефурӯшад.
(Розиқи Фонӣ)

Хеле аз илмҳо ҳастанд, ки инсонро аз ҷиҳате мавриди омӯзиш ва баҳс қарор медиҳанд, мисли биология (физиология), тиб, ҷомеашиносӣ, равоншиносӣ ва монанди инҳо. Ҳадаф аз ин баҳсҳо шинохти инсон аст, ба таври ҷузъӣ ва куллӣ. Яъне таҳқиқ дар вуҷуди инсон ва шинохти он неруҳо ва он кашишҳое, ки дар ин вуҷуд нуҳуфтаанд, дар ин вуҷуд як ҷаҳон асрор нуҳуфтааст ва инсонро ҳамеша ба сӯи баландиҳои камол мекашонанд. Аммо масъалаи муҳим ин аст, ки таҳқиқ на дар вуҷуди дигарон, балки ҳар касе бояд таҳқиқро дар вуҷуди хеш анҷом диҳад. Аз ин ҷост, ки гуфтаанд, барои инсон масъалаи дигаре вуҷуд надорад, магар масъалае муҳимтар ва боарзиштар аз шинохти худи ӯ.

Як иқтибос аз китоби «Сафири Хуршед» аз **Мансури Ҳаллоҷ** мегӯяд: «Ин ҷавҳари кайҳонӣ –Офаридгор- аз худи худ нуре ҷудо намуд ва он чиро, ки заминиён «ҷаҳони офариниш» мегӯянд, офарид. Ва Ӯ пайваста ин ҷаҳони офаринишро нигаҳбон ва идоракунанда аст ва низ рушди ин ҳастӣ дар тамоми зинаҳои ҳастӣ, дар тамоми зинаҳои беохири камолот вобаста ба ӯст».

Яъне Худованд дӯст дошт, ки худро бишносад ва бо зоти мутаолии худ ба суҳбат пардозад. Бинобар ин, оламро аз зоти яктои худ берун овард ба таҷаллӣ. Вале ин ҳама олами вуҷуд тоқати суҳбати Худовандро накарданд, ба ибораи Қуръонӣ «бори амонати Худовандро натавонистанд бикашанд.

Он гоҳ назар кард дар азал ва биовард сурате, ки он сурати ӯст ва зоти Ӯ, … яъне аз ҷамъи сифоти хеш сурате биофарид… ва ин сурат ҳамон тасвири комили зоти Худост, ки амонати Худовандро пазируфт» ва ин Одам аст, Инсон аст. Ҳамоне, ки Худованд аз тариқи ӯ ба тамоми олами вуҷуд менигарад ва бо он дар гуфтугӯ мешавад. Ана ин вуҷуди покро меарзад, ки шиносем ва эҳтиромаш гузорем.

Аммо магар мо бе кумаки дигарон худро, он кашишҳоеро, ки дар вуҷуди худ ҷой додаем, баҳо дода метавонем?

-Ҳаргиз, ки на, зеро ҳар ки моро масъули тадқиқ қарор бидиҳад, ӯро ғаразнок мепиндорем. Мо ба чашми якдигар хок мепошем, дар шинохти якдигар якдигарро гул мезанем.

Пас, ки зиндагии мо имрӯз шабеҳ ба мисраъҳои болоро дорад. Дар ин мақола мо тасмим гирифтам, то ба заковати иродати модар муроҷиат намоям, зеро ӯ аст офарандаи мо, довару мушоҳидагари ҳоли мо. Муаррификунандаи мо ӯ мебошад, ки моро ҳамон тавре ки ҳастем, баҳо медиҳад. Дар ҳастии мо ӯ аст маслиҳатгари беминнат.

Мехоҳам барои тавзеҳи ин мавзӯъ аз ҳаёти Ҳотами Той ва нақши модари ӯ истифода кунам.

Таърихи **ин чехраи абадзиндаи адабиёти арабу аҷам ба Ҳотами Той** ба ҳамаи мо маълум аст. Аз Рӯдакӣ сар карда тамоми шоирони номӣ Ҳотамро дар шеърҳояшон ҳамчун (футуватманд) ҷавонмарди бокарам ва сахӣ тасвир намудаанд. Футуват решаи ҳама некиҳост.

Ҷавонмардии Ҳотам амали хайр аст. Амалест фақат амал на ҳарф. Ҳар амале, ки аз тарафи Ҳотам ба вуқӯъ мепайвандад маҳз ба тарғиби афкору омоли ҳайратафзои ойини ҷавонмардӣ сурат мегирад.

Дар ҳаракатҳои ҷаззобонаи Ҳотам ин амри қотеъ ба хотири дӯстдории ҳамхелон ва бидуни андешаи подоши амал рух додаст.

Дар ҳаёти Ҳотам махсусан нақши модари Ҳотам хеле ҷолибу андарзбахш аст. Ин ҳолатро дар ҳикояе, ки баъд аз вафоти Ҳотам аҳли қабилаи Той хостанд, ки бародари ӯро ба ҷои Ҳотам бигуморанд, дида мешавад. Модар бо ҷиддият ва қатъият номзадии писари хурдиашро ба ҷонишинии Ҳотам рад мекунад. Нақши модаре, ки дар ин ҳикоя баён мегардад, нақши танҳо як модари одӣ нест, балки модарест, ки дар баробари модари мушфиқ будану дӯст доштани фарзанд дар роҳи пешакардаи ӯ ҳаммаром аст. Аз ин рӯ ҳарчанд ки фарзанди дигарашро аҳли қабила ба ҷои Ҳотам нишонда бошанд ҳам, ӯ рад мекунаду далел меорад: «Андешае, ки дар боби бародари Ҳотам бигзоред, ки аз ӯ таваққуи ҳотамият натавон кард, зеро Ҳотам баъд аз валодат шир аз пистони ман нагирифт, то вақте ки кӯдаки бегонаро шир додам ва ин писар як пистон дар даҳон дошту дигари дар даст буд, то кӯдакони дигар набинанду аз он шир нахӯранд. Аз чунин касе ҳотамӣ кай ояд?! Ин писарро ба сурат ба Ҳотам мушобиҳате тамом аст ва ба маънӣ бо ӯ мухолифате тамом аст.

Гавҳари пок бибояд, ки шавад қобили файз,
В-арна ҳар санги сияҳ лаъли Бадахшон нашавад.

Дар гуфтори модар ҷиҳати фардӣ ва фитрии саховати Ҳотам ошкоро маълум аст. Яъне то дар замири инсон зарраҳои тобони ойини ҷавонмардӣ, фитрӣ нанҳуфта бошад, ӯ дар ин ҷода мукаммалу мушаххас намегардад. Аз ин рӯ бародари ҳамхуну ҳамшири Ҳотам, ки мехост ҳотамвор саховат кунад, чун дар ҷавҳари улвияш ин хосияти ахлоқӣ мавҷуд нест, натавонист, ки аз санҷиши модари хеш берун ояд.

Як усули тарбияти равонӣ имрӯз дар мо маълуму машҳур гардидааст, ки кӯдак ё ҷавон ҳар як амали хуберо анҷом бидиҳад, мунтазири подош мешавад, он амалро барои насия, қарз ичро мекунад. Ҳатто ба ятиме, бечорае кумак кунад, ботинан аз Парвардигори худ подош нигарон аст. Вале дар кирдори Ҳотам ин амри қотеъ ба хотири дӯстдории ҳамхелон ва бидуни андешаи подоши амал рух додааст.

Овардаанд, ки чун бисоти умри Ҳотам ба охир расид, ҳоли мардуми қабила, ки аз эҳсони Ҳотам бенасиб монданд, душвор гардид. Ҳотам, ки дасти саховаташ бекарон буд, чандин маротиб файзу баракати илоҳияш бештар буд. Зеро Парвардигор, ки бори минати касеро бо худ намекашонад. Ҳар ки ба номи Ӯ сахо кунад, ҷои дасти холӣ шудаи ӯро чандин маротиба зиёдтар пур кунад. Саховат танҳо хайри чизе нест. Масалан саховати меҳрубонӣ: ҳар қадар ба мардуми ниёзманд лутфу меҳрубонӣ намоем, ҳамон қадар қалби мо аз ин неъмат ғанӣ мегардад. Чун мардуми қабила аз ин баракат бенасиб монданд, дар таҳлука афтоданд, зеро медонистанд, ки ин ҳама аз баракати эҳсони Ҳотам буд.

Машҳур аст, ки акобири қабила ба суханони модар эътибор надода бародари Ҳотамро сардори қабила интихоб намуданд. Дар қасри Ҳотам, ки чиҳил равзана мавҷуд буд Ҳотам дар сарири иқтидор нишаста ва рӯзе, ки аз зери ҳар равзана овози (соил) ниёзманде баланд шавад, ӯ дар домонаш чизе бахшидӣ.

Чун бародари Ҳотам ба ҷои вай нишаст, модараш дар либоси (соилон) бечораи ниёзманде ба зери як равзана омада, дари суол кушод ва бародари Ҳотам ба ӯ чизе бахшид. Пиразан баргашт ва аз равзанаи дигар ворид шуд ва забони хоҳиш бикшод ва бозаш бо чизаке навозишаш бахшид. Бори сеюм аз равзанаи дигар ворид шуд, бародари Ҳотам боз чизаке бахшишаш намуд. Навбати чаҳорум чун аз равзанае пайдо шуд ва лаб ба хоҳише вокарданӣ буд, бародари Ҳотамро тоқаташ ба тоқ расида буд, шурида гуфт: «Эй гадои шӯхчашм, шарм надорӣ, ки дари суол то ин ҳол менамоӣ? Ин чӣ ҳирс аст, ки аз се навбат аз ман (тафақут ситонидӣ) лутфу навозиш талаб кардӣ. Ин қадар дари талабу бенавоӣ мезанӣ?!

Модари Ҳотам, ниқоб аз рӯй бардошта, гуфт: «Эй писар ту шарм намедорӣ, ки ба ҷои Ҳотам менишинӣ ва даъвои саховат меномоӣ, ҳол он ки ман як навбат ба ҷиҳати имтиҳон ба ҳайати гадоён баромада, дар зери ҳар чиҳил равзана аз ӯ чизе талабида будам. Ҳар навбат маро диду аз навбати пештар бештар чизе бахшид ва мутлақан гирехе бар абрӯ назад ҳар бор чеҳракушодатар аз аввалӣ менамуд. Ту бошӣ дар чаҳор маротиба ба танг омадӣ ва маро шӯхчашму ҳарис ва мубрам хондӣ. Бархез, ки ин ҷои ту нест! Аз ту Ҳотамӣ барнаояд!

Яъне то дар замири инсон зарраҳои тобони ойини ҷавонмардӣ, фитрӣ нуҳуфта набошад, ӯ дар ин ҷода мукаммалу мушаххас намегардад. Аз ин рӯ, бародари ҳамхуну ҳамшири Ҳотам, ки мехост ҳотамвор саховат кунад, чун дар ҷавҳари улвияш

ин хосияти ахлоқӣ мавҷуд набуд, натавонист, ки аз санҷиши модари хеш берун ояд. Ровиёни ашъор қисса кунанд, ки аз таъсири носаррагии ботини бародари Ҳотам мулк аз файзу баракат боз монд. Чуноне ки пирон гуфтаанд «Агар чашми сарвар серу қаноатманд набошад, мулк бефайзу баракат мегардад.

Адолат кун, ки дар адл он чӣ як соат ба даст ояд,
Муяссар нест дар ҳафтод сол аҳли ибодатро. (Соиб)

Модарони имрӯз дар нисбати характеру хислати фарзандони худ мушоҳидакор ҳастанд, вале агар фарзандашон айбе кунанд, ҳатман дидаву дониста айби ӯро мепӯшонанд. Ҳатто ҳангоми ба мактаб ва ё боғча бурдани фарзандашон хислатҳои бадӣ онҳоро пинҳон медоранд.

Ба ақидаи педагогони машҳури рус ҳеҷ мумкин нест, ки бача ягон хислати хуб надошта бошад (албатта, гап сари хонандаи душвортарбия меравад) Вазифаи педагог он аст, ки ҳамон нуқтаро дар вуҷуди ӯ кофта ёфта кашф кунад ва тарбият намояд, то ин ки тамоми вуҷуди ӯро фаро гирад. Агар дар ин ҷода модар ба устод ҳамкорӣ накунад ва кумак нанамояд, то он муддате, ки устод бачаро дар байни 20-30 нафар мушоҳида менамояд ва ба тарбия оғоз менамояд, аллакай хело дер мешавад.

Дар масъалаи мансаб бошад, имрӯз бештари модарони азизи мо шабу рӯз дуо мегӯянд, намозхон мешаванд, ба назди муллову фолбин ва ҷодугарон мераванд, луқмаи охиринашонро харҷ менамоянд, то фарзандашон ба вазифае (мансабе) ноил гарданд. Новобаста ба он ки лаёқати корӣ, донишу малака, масъулияти кор доранд ё на. Пас аз белаёқатӣ ба ҷои кумак бо ҳамкорону мардум, мераванд дунболи хусумату бадкирдорӣ.

Маҳз ақли солим ҷомеаи солимро ба вуҷуд меоварад, тавассути илму дониш, мактабу маориф, ҷидду ҷаҳд ва фидокорӣ дар ин заминаҳо метавонанд миллат ва кишварро ба тамаддуну тараққӣ боз ҳам наздиктар бисозанд ва сабаби сарбаландию ифтихормандона зистани сокинони он бигардад. Аз сӯи дигар, худи гароиш ба илму дониш ва мактабу маориф, ки одамият, ифтихори боландагӣ, ворастагӣ, сарфарозӣ эҷод менамояд, як навъ зебоӣ аст, ки аз шеъру нақди андешагаро берун меояд ва онро бояд накӯ шинохт.

А Д А Б И Ё Т

1. Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Рисолаи Ҳотамия.- Душанбе: Адиб.-1991.
2. **Ш**айх Рӯзбеҳони Буқлии Шерозӣ. Шарҳи шатҳиёт.-Теҳрон, 1995.- С.45.
3. Розиқи Фонӣ. Гулшани адаб. - Душанбе: Ирфон.- 1996.

РОЛЬ МАТЕРИ ХОТАМА ТОЙА В ЕГО ЖИЗНИ И ЕЕ ВЛИЯНИЕ НА СЕГОДНЯШНЕЕ ПОКОЛЕНИЕ

Молодежь является будущим нации, формирование сегодняшней культуры и будущего страны зависит от них. Поэтому их воспитание считается важным культурным и социально-политическим вопросом. В данной статье, я хотела бы обратиться к мудрости матери, так как только она может бороться с такими нашими пороками как богохульство, высокомерие, злоба, жадность, завистливость и властолюбие. Для обсуждения этой темы я воспользовалась бесценными источниками, оставшимися нам от наших предков.

Ключевые слова: мать, нация, воспитание, глобализация, молодежь, предки.

ROLE OF MOTHER OF HOTAM TOAY DURING HIS LIVES AND ITS INFLUENCE ON TODAY'S GENERATION

As young people are the future of nation, formation of today’s culture and future of the country depends on them. Therefore, their upbringing is an important cultural and socio-political issue. In this article, I would like to refer to Mother’s Wisdom, as she is the only one who can eliminate the evil in us – blasphemy, arrogance, anger, misery, jealousy and lust for power.To discuss this topic I refer to the invaluable sources of our forefathers.

Key words: mother, nation, upbringing, globalization, young people, forefathers.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Дунё Каландарова*** **–**преподаватель ТГПУ им.Садриддина Айни

ТАВҚЕОТИ АНӮШЕРВОНИ ОДИЛ ДАР “ШОҲНОМА”-И ФИРДАВСӢ

З. Изатова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар байни осори хаттии қадимаи халқҳои эронӣ, бахусус осори паҳлавӣ, тавқеоти шоҳони Сосонӣ ҳамчун яке аз риштаҳои насри адабиву ҳунарӣ ва ахлоқӣ арзиши махсусро соҳиб мебошанд. Ҳамин амр буд, ки онҳо дар садаҳои нахустини исломӣ ба забони арабӣ тарҷума шуда, дар адабиёт мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтаанд. Дар асри Х, ки замони ташаккулу таҳаввули адабиёти навини классикии форсу тоҷик аст, тавқеоти мазкур ҷузъи асарҳои алоҳида, аз қабили «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ гардида, умри дубора пайдо карданд.

Байни тавқеот – дастурамалҳои подшоҳон ва асарҳои пандуахлоқӣ, ба мисли андарзномаву васоё ва уҳуду хитобаҳои тоҷгузорӣ чӣ муносибати маъноие метавонад бошад, ҷойи таҳлилу таҳқиқ аст. Тибқи тадқиқоти муҳаққиқон А. Кристенсен [1], Ч. Фушекур [2], М. Муҳаммадӣ [3], А. Тафаззулӣ [4], Х. Мутлақ [5], Н. Зоҳидов [6] ва дигарон маълум мегардад, ки воқеан миёни онҳо муносибате будааст ва Абулқосими Фирдавсӣ низ дар боби “Подшоҳии Кисрои Нӯшинравон” достонеро бо унвони “Гуфтор андар тавқеи Нӯшинравон” [7] беҳуда ихтисос надодааст.

Муҳаққиқон ҳангоми таҳқиқи тавқеоти шоҳони Сосонӣ, бахусус тавқеоти Хусрави Анӯшервон аз истифода шудани онҳо дар “Шоҳнома” ёд намуда, баъзан иҷмолан фикри худро баён ҳам кардаанд. Вале хулосаи ин ибрози назар ҳамин аст, ки Фирдавсӣ дар тадвини “Шоҳнома” аз маъхазу манобеъ ва сарчашмаҳои таърихӣ истифода намудаву ба онҳо содиқ мондааст. Аз ин нуқтаи назар, гузориши масъала, то ҷое ки имкон дорад, назари амиқтарро талаб мекунад.

Аз муҳаққиқони тоҷик, агар хато нашавад, бори аввал устод А.Мирзоев дар “Биноӣ” ном асараш бобероро бо унвони “Таълимоти Биноӣ ва муносибати он бо афкори гузаштагон” [8,339] ихтисос дода, идомаи суннати андарзофаринии адабиёти бостонии халқҳои эронӣ, бахусус замони Сосониёнро дар асрҳои Х-ХV ба тариқи сайри таърихӣ аз назар гузарондааст. Ӯ тақвият ва тавсиа ёфтани ин суннатро ба бедории фикрӣ ва ташаккули халқияти тоҷик дар асри Х алоқаманд дониста, моҳияти онро дар “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ ин тавр қаламдод намудааст:

“Мисоли намоёни дигари дар асри Х мавриди диққат қарор гирифтани осори пеш аз ислом дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ”, дар қатори сарчашмаҳои таърихӣ ва афсонавии пешазисломӣ истифода бурда шудани як миқдор осори ахлоқист. Фирдавсӣ бо роҳҳои гуногун – ба тариқи мукотибот, ахбор, сияр, хитобаҳои тоҷгузорӣ, васиятномаи ҳукмронони қадими афсонавӣ ва таърихӣ, пандномаҳои ҷудогона ва ғайра – хеле масъалаҳои тарбиявию ахлоқии давраи зикршударо дар “Шоҳнома” дарҷ кардааст” [8,344-345].

Тавқеоти шоҳони Сосонӣ аз ҳамин гуна осори ахлоқӣ буда, Фирдавсӣ барои баёни мақсадҳои хеш бевосита аз маъхази асл – тавқеоти Хусрав истифода намудааст. Вале ин ҷо бо мақсади равшан кардани асли матлаб лозим меояд, ки аввал дар хусуси тавқеот ҳамчун намунаи осори ахлоқӣ мухтасар тавоққуф карда шавад. Ба қавли муҳаққиқон дар дарбори Сосониён чунин расм будааст, ки ҳар рукъае ба шоҳ навишта мешудааст, чи дар умури кишвар ва чи дар тазаллум аз ҳуком ё ғайри он, яке аз дабирон, ки зоҳиран эронидабира буда, ба дастури подшоҳ ҷавоби онро ба таври иҷмол ва бо ибороти мухтасар дар зайли он рукъа менавиштанд ва пас аз имзои шоҳ онро ба дабирхона мефиристодаанд, то ба сурати аҳком ва мурсалоти расмӣ дароваранд. Роҷеъ ба фармонҳо ва номаҳое ҳам, ки мустақиман аз тарафи подшоҳ ба ҳокимон ё подшоҳони дигар навишта мешудааст, ҳамин ташрифот иҷро мегардидааст. Ин дастурамалҳоро, ки бештар бо ҷумлаҳои кӯтоҳ ва ибороти муъҷаз ба иҷро расонда мешудаанд, дар арабӣ ба номи “тавқеъ” ва дабиреро, ки мутасаддии он будааст, “соҳиб-ут-тавқеъ” мегуфтаанд [3,329].

Ҳамчунин дар дарбори Сосониён дафтари махсусе барои тавқеот вуҷуд доштааст ва ҳар тавқееро, ки аз тарафи шоҳ содир мешудааст, дар он сабт мекардаанд ва дар охири ҳар моҳ онро ҷамъ намуда, пас аз локу муҳр кардан дар хазинаи шоҳӣ нигоҳ медоштаанд. Тахмин кардан мумкин аст, ки бо ин роҳ

маҷмӯаҳое дар забони паҳлавӣ ба вуҷуд омада, сипас чун мавриди ниёз ва матлуби дабирону аҳли адаб мегардидаанд, кам-кам байни эшон шуҳрат ёфта ва батадриҷ осори дигаре ҳам дар ин замина ривоёт шуда ва бар ҳаҷми онҳо афзудааст [3,330].

Аҳмади Тафаззулӣ ақида дорад, ки муодили тавқеъ калимаи “дастина” мебошад ва муодили паҳлавии онро “дастинг” медонад. Муҳаққиқи мазкур дар такя ба ахбори Ибни Қутайбаи Динаварӣ дар “Уюн-ул-ахбор” менависад:

“Нӯшинравон ба дабири худ дастур дода буд, ки дар фармонҳое, ки барои интисоби афрод ба маносибе содир мешуд, ба андозаи чаҳор сатр ҷо холӣ бигзорад, то шоҳ бо хати хеш дар он ҷо тавқеъ бинависад ва чун дабир фармонро меовард, вай ба хати хеш ин тавқеъро менавишт: “Бар ниёкон ба меҳрубонӣ ҳукумат кун ва дар идораи авоми мардум майл ва алоқаро бо тарс даромез ва бар фурӯмоягон бо афкандани тарс дар дилҳояшон фармонравоӣ кун”. Муҳаққиқ илова мекунад, ки “ин суханонро бояд аз навъи андарзҳои сиёсию иҷтимоӣ шумурд, ки ҳадаф аз онҳо роҳнамуди идории умури мамлакат буда ва баъзе аз онҳо ба сурати амсоли соир даромадааст”[4,240].

Назари Муҳаммади Муҳаммадӣ ба тавқеот ҳамчун насри адабиву ҳунарӣ амиқтар рафтааст. Ба андешаи ӯ “тавқеот ҳам яке аз осори ҳунарӣ ва адабии забони паҳлавӣ ба шумор мерафта, зеро ин тавқеот аз забони подшоҳ ва аз қалами бузургтарин дабири дарбор иншо мешуда ва ночор дар таҳзиби алфоз ва инсиҷоми маонӣ зебоии ҷумалоти он саъйи вофӣ мабзул медоштаанд. Ва ба ҳамин ҷиҳат ғолибан ин қитъаот ба шакли матолиби олии ахлоқӣ ва ибороти ҳикматомез ҷилвагар мешудааст” [3,330]. Муҳаққиқи тоҷик Н. Зоҳидов низ бар ҳамин ақида буда, менависад, ки тавқеот маъмулан ҷумлаҳои кӯтоҳи ҳикматомезе ҳастанд, ки дар фармонҳову маншуроти шоҳон ва дар аризаву мактубҳои мухталиф ба тариқи посух ва ё дастур навишта мешудаанд [6,236].

Бо сабаби ҳамин амр “тавқеот”, бо он ки аслан як дастури идорӣ будаанд, аз лиҳози адабӣ ва ахлоқӣ низ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифта, ботадриҷ тақвият ёфта, дар адабиёти паҳлавӣ ҷойи худро соҳиб гардиданд.

Мутаассифона, тавқеоти подшоҳони Сосонӣ на ба забони паҳлавӣ ва на ба забони арабӣ то ба замони мо пурра омада нарасидаанд. Ба ҳар ҳол дар кутуби таърих ва адаби арабию форсӣ ҷо-ҷо ба ин гуна тавқеот ба сурати пароканда бармехӯрем.Тибқи назари Аҳмади Тафаззулӣ аз Ардашер, Нарсӣ, Баҳроми Гӯр, Ҳурмуз писари Анӯшервон, Хусрави Парвиз, Қубод писари Хусрави Парвиз (Шерӯя) тавқеоти алоҳидае дастрас гардидааст [4,240-241]. Вале аз ҳама Хусрави Анӯшервон тавқеоти зиёд гуфтааст ва гумон меравад, ки тавқеоти ӯ шуҳрати зиёде доштаанд. Зеро шоирони форсизабони карнҳои Х–Х1, ба мисли Унсурӣ, Носири Хисрав, Амир Муиззӣ, Унсурулмаолии Кайковус ва дигарон ба хондан ва донистани тавқеоти Анӯшервон ифтихор кардаанд [4,244].

Дар замони Шоҳ Аббоси дуюм (садаи ҳабдаҳум) бо номи “Дастурномаи Кисравӣ” тавқеоти Анӯшервонро дар ҳаҷми 173 тавқеъ ҷамъ овардаанд. Китоби мазкурро Муҳаммад Ҷалолуддин Таботабоии Заворӣ тадвин намуда, Ҳусайни Нахҷувонӣ соли 1334 онро дар Табрез ба нашр расондааст [2,47].

“Гуфтор андар тавқеоти Нӯшинравон” дар бахши “Подшоҳии Кисрои Нӯшинравон” ба мисли аксари достонҳои ин бахши “Шоҳнома” хусусияти пандуахлоқӣ дошта, шоир дар такя ба маъхази мустақим, мутобиқи тавқеот – фармонҳои шоҳ Кисрои Нӯшинравон аз усулҳои ботадбирона фармонравоӣ намудани ӯ ба хонанда хабар медиҳад.

Дар достон 38 тавқеи шоҳ истифода бурда шудааст ва ин миқдор аз шумораи мавҷуда ба тахмине мебарад, ки шоир онҳоро бо майли худ, дар муқоисаву муқобила бо мазмуни андарзномаҳо, бахусус рисолот дар ойини кишвардорӣ ва баҳрабардорӣ аз онҳо, ҳамзамон намудор сохтани шахсияти Анӯшервон, интихоб намудааст.

Тавре ки аз оғози достон бармеояд, яке аз аҳкоми идории Сосониён, ки бунёди чунин идораро ба Анӯшервон нисбат додаанд, гумоштани хабаргузорони махфӣ дар саросари кишвар будааст. Онҳо аъмоли кормандонро зери назар мегирифтанд ва аз авзои раият ба подшоҳ мустақиман иттилоъ медодаанд. Ба ин тартиб, қудрати марказии ҳокимият дар ҷараёни фаъолият қарор мегирифтааст ва бо ирсоли фармонҳои муайян дар ҳар маврид кишвар мустақиман идора мешудааст:

Чунин буд то гоҳи Нӯшинравон,
Ҳам ӯ буд шоҳу ҳам ӯ паҳлавон.
Ҳам ӯ буд ҷангиву мӯбад ҳам ӯ.
Ҳам ӯ ҳирбад буд, сипаҳбад ҳам ӯ.
Ба ҳар ҷой корогаҳон доштӣ,
Ҷаҳонро ба дастур нагзоштӣ.
Зи бисёру андак зи кори ҷаҳон,
Баду нек аз ӯ кас накардӣ ниҳон (7,377).

Тавқеоти Анӯшервон ба тариқи суолу ҷавоб гуфта шудааст. Бо тартиб ҳар бор корманде бо пурсише ба назди шоҳ меояд ва дар ҷавоби суоли худ аз подшоҳ посухе назарӣ ё амалӣ мегирад. Хабаргузорон пурсишҳои худро перомуни баёни аъмоли хуби шоҳ, натоиҷи онҳо ё дар заминаҳои ахлоқию сиёсӣ ва ё мазҳабӣ пурсон мешаванд. Аз ҷумла, ҳангоми хитоб ба шоҳ хабаргузорон ӯро бо унвони "шаҳриёри баланд", "шоҳи бартарманиш", "ба рою ба дониш беҳтар", "бо хирад ҷуфт", "бахшандаву порсо", "шоҳи яздонпараст", "шоҳи бофарру ҳуш", "шоҳи фаррухнажод", "шоҳи кеҳтарнавоз", "шоҳи замин" ном мебаранд. Яъне ба сифати маҳак ва меъёри ҷавоб сират, хислат ва мартабаи худи шоҳ қарор дода шудаанд.

Дар тавқеот аксари хабаргузорони шоҳ бо номи мӯбад, ки унвони рӯҳониёну пешвоён ва ҳакимону донишмандони дини зардуштӣ мебошад, ёд шудаанд. Инҳо суолҳои худро аз нигоҳи халалдор гаштани ахлоқи афроди ҷудогона, ки намояндагони табақоти гуногуни ҷомеа мебошанд ва ё аз доираи низоми муқарраргардида берун рафтани кордорону коргузорон, ки дар вазоифи гуногуни давлатӣ муваззаф будаанд, пурсон гашта, дар бобати ислоҳи нуқсон дастуру фармони шоҳро тақозо доранд. Шоҳ Анӯшервон, ки дар як маврид худро аз мӯбадони мазҳабӣ медонад дар такя бар хираду андеша ва ҳушу донишу рой дастурҳои хешро баён медорад.

Дар тавқеоти Анӯшервон аз нигоҳи мавзӯъ суолу пурсишҳо бо тартиби муайян наомадаанд. Онҳо аз шахси дардманди бар асари ин вазъ гуноҳ содирнамуда, сипаҳбади бунаи худро партофта, қисмати асирони хурдсол ва фарзанди ноқобиле, ки андӯхтаи падарро беҳуда бар замин мерезад, сар карда, то ба шахсияти худи шоҳ дахл доранд. Вале ҳангоми мутолиаи он мавқеъ ва моҳияти ҳар як пурсиш ва тавқеъ ё фармони шоҳ маълум гардида, дар зеҳни хонанда тартиби худро пайдо мекунад. Аз ҷумла, пеш аз ҳама, шоҳ ба вазифаи мӯбади хабаргузор перомуни пешниҳоди Гушаспи дабир шахсеро муносиб медонад, ки аз ранҷи хеш напарҳезад, марди ҷаҳондида бошаду соҳиби ганҷ ва тадбиргари рои дарвеш:

Дигар мӯбаде гуфт, к-"эй шаҳриёр,
Чунин буд фармон ба як рӯзгор,
Ки марде гузинад зи фаррухнажод,
Ки бар подшоҳӣ бигардад ба дод.
Расонад бад-ин боргоҳ огаҳӣ,
Зи бисёру андак бадӣ, гар беҳӣ.
Гушасп он сарафроз марди дабир
Сазад гар бувад додро дастгир".
Чунин дод посух, ки "ӯро зи оз,
Камар бар миён аст дур аз ниёз.
Касеро гузинед, к-аз ранҷи хеш,
Напарҳезаду бошадаш ганҷи хеш
Ҷаҳондида марде дурушту дуруст,
Ки ӯ рои дарвеш созад нахуст"! (7,381)

Хабаргузори дигар ба шоҳ иттилоъ медиҳад, ки мӯбади мӯбадон муддати панҷ рӯз аст, ки дар хизмати дарбор нест. Шоҳ:

Бигуфто: "Бад-ин нест озори ман,
К-ӯ ҳаст машғул дар кори ман" (7,389).

Мӯбади дигар аз шоҳ пурсон мешавад, ки чаро парастори дерина Меҳрак аз марҳамату илтифоти шоҳ дур монд ва "рӯзиш андак шуду рӯй зард". Ҷавоби шоҳ чунин аст:

Чунин дод посух, ки “ӯ шуд дурушт,
Бар он кардаи хеш бинҳод пушт.
Биёмад ба даргоҳ биншаст маст,
Ҳамеша ҷуз аз май надорад ба даст” (7,383).

Фармони шоҳ дар мавриди ҷазои паҳлавони сипоҳ, ки дар Марв аз ҳисоби дигарон дирами фаровон гирд карду боиси пароканда гаштани мардони сипоҳ аз он марз гаштааст, боз ҳам сахттар аст:

...Ситамгорро зинда бар дор кун,
Ду пояш забар, сар нагунсор кун.
Бад-он то кас аз паҳлавонони мо,
Напечад дилу ҷон зи паймони мо.
Чаро бояд аз хуни дарвеш ганҷ,
Ки ӯ шод бошаду тану ҷон ба ранҷ (7,385).

Фармони Анӯшервон дар хусуси сипаҳбаде, ки бунаи худро партофта, дар ҷангал муддате хобида, онро беназорат мондааст, чунин аст:

Ба тавқеъ посух чунин дод боз,
Ки “ҳастем аз лашкарӣ бениёз.
Куҷо посбонӣ кунад бар сипоҳ,
Зи бад хештанро надорад нигоҳ” (7,378).

Фармони шоҳ дар ҳаққи Баҳман, ки аз хирад дур гаштааст ва Қарохони солор, ки аз мардуми Балхи Бомӣ ба ранҷ сесад ҳазор дирам бигустурдаасту ба хазина супоридааст, одилона содир мегардад. Баҳман аз вазифа бартараф карда шудаю андози аз Балхи Бомӣ ҷамъоварда ба соҳибонашон баргардонда мешавад. Дар баробари ин амали Мардуйро, ки аз ганҷи шоҳӣ ба дарвешон сесад ҳазор дирамро арзонӣ доштааст, муносиби мақсад медонад:

Чунин гуфт, к-“он ҳам ба дармони мост,
Ба арзониён чиз бахшӣ, сазост” (7,386).

Як миқдори суолу пурсишҳо ба асирони дар ҷангҳо асирафтода дахл доранд. Фармону дастури шоҳ дар ҳаққи асирони хурдсоли румӣ, ки бо калонсолон ба асирӣ гирифтор шудаанд, басо одилона аст:

Ба тавқеъ гуфт: “Он чи ҳастанд хурд,
Зи дасти асирон набояд шумурд.
Сӯи модароншон фиристем боз,
Ба дил шоду аз хоста бениёз” (7,378).

Дастури шоҳ дар бобати асирони калонсол, ки аз хешу табори мояваронанд ва ин мояварон онҳоро бо хунбаҳо харидоранд, чунин аст:

Агар боз харранд, - гуфт аз ҳарос,
Ба ҳар номдоре яке бода кос,
Фурӯшеду афзун маҷӯед низ,
Ки мо бениёзем аз эшон ба чиз.
Ба шамшер хоҳем аз эшон гуҳар,
Ҳамон бардаву бадраи симу зарр (7,378-379).

Қисми дигари саволу пурсишҳо марбут ба афроди алоҳидаи ҷомеа мебошанд, ки вазъи ҷомеаи замони Анӯшервон ва сиёсати раиятдории ӯро бозгӯ мекунанд. Хабар мерасонанд, ки миқдори молу сарват ва ганҷи мояваре аз ганҷи шоҳ афзунӣ ёфтааст. Шоҳ инро натиҷаи ҳукмронии ботадбиронаи худ медонад ва ҳамчун “нигаҳбони ганҷу равони моявар” ваъда медиҳад, ки онро боз ҳам афзун хоҳам кард:

Чунин посух овард, к-“оре, равост,
Ки ин афсари подшоҳӣ марост
Нигаҳбони ганҷу равонаш манам,
Бикӯшам, ки онро ба афзун кунам”(7,378).

Тибқи маълумоти хабаргузорон аз мояварони шаҳр бозаргонеро, аз овози баланди мастон ва чангу рубоб то нимаи шаб хобаш намебурдааст. Шоҳ инро нуқсони ахлоқ намедонад ва мегӯяд:

Чунин дод посух, к-“аз ин нест ранҷ,
Ҷуз эшон ҳар он кас, ки дорад ганҷ.
Ҳама ҳамчунон шоду хуррам зиед,

Беозор бошеду беғам зиед” (7,379).

Хабаргузори дигар ҳамин иллатро бори дигар ба шоҳ мерасонад, ки шабонгаҳ шумораи мастони чи тавонгару чи мардуми зердаст зиёд гаштааст. Дастури шоҳ ба мисли пештара як аст:

Чунин дод посух, ки “андар ҷаҳон,
Ба мо шод бодо, кеҳону меҳон!” (7,386)

Ҳамчунин ба шоҳ хабар мерасонанд, ки марде ҳар бомдод ба даргоҳи шоҳ барои додрасӣ меояд, вале озори ӯ маълум нест. Анӯшервон аллакай аз ин воқеа огоҳ аст ва қайд мекунад, ки мардест аз Ҳиҷоз. Дуздон молашро рабудаанд. Арзиши моли рабудааш аз хазинаи шоҳӣ ҷуброн карда шудааст. Сабаби ҳар бомдод ба дарбор омаданаш бошад, аз баҳри он аст, ки:

Ман аз баҳри ин дорам ӯро бадар,
Ки дузде биёяд, шиносад магар (7,390).

Аз баъзе суолу пурсишҳо ҳамчунин аён мегардад, ки муносибати Анӯшервон бо пайравони дигар ойину мазҳабҳо одилона аст. Маҳз дар замони ӯ ба пайравони дину ойинҳои дигар барои озодии ибодату риояи қоидаҳои диниашон иҷозат дода шуда буд. Аз ин нуқтаи назар Анӯшервон дар ҷавоб ба суоле, ки чаро шоҳ ҳангоми ҷанг бо Қайсари Рум танҳо ҷанговарони эрониро сафарбар мекунад, ҷавоб медиҳад, ки “он душманӣ табиисту пархоши оҳарманӣ ”. Дар ҷавоб ба хабаргузори дигар, ки ҷуҳудону тарсоёни дохили кишварро дурӯяву пайрав ба кеши аҳриман медонад, мегӯяд:

Чунин дод посух, ки “шоҳи сутург,
Абе зинҳорӣ набошад бузург” (7,386).

Яъне шоҳ наметавонад аз қавли додааш дар хусуси таъмини амнияти дигар пайравони мазҳабу ойинҳо баргардаду ваъдахилофӣ намояд.

Тавре ки мебинем, дар тавқеот суолу пурсиш ва дастурҳои додаи Анӯшервон дар ҳар мавзӯъ ва ҳар боб, ба мисли қазовати рафтор ва кирдори сипоҳиёну сарони лашкар, мӯбадону коргузорон, бахшиши гуноҳ ва ҷазо додани гунаҳкорон, ҳимояи ятимону оилаҳои бесаробонмонда ва асирон, посдории хотираи гузаштагону ниёгон, муносибати нек бо пайравони дигар ойину мазҳаб ва кишварҳои ҳамсоя ва амсоли инҳо, ки онҳоро дар се бахш: таҳзиби ахлоқ, сиёсати мудун ва тадбири манзил гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст, матраҳ гардидаанд.

Ин се бахш ба аъмолу рафтори башар марбутанд ва бар таҷрибаи ҳаёти таърихии ҷомеа асос ёфта, унсурҳои ҳикмати амалиро ташкил медиҳанд. Риояи тартибу низоми онҳо бошад, шарти асосии сиҳативу осоиши ҷомеа ва нигоҳ доштани суботу пойдории давлату ҳокимият ба ҳисоб мераванд.

Қисмати дигари суолу ҷавобҳои тавқеъот ба шахсияти худи Анӯшервон дахл доранд. Фирдавсӣ ҳар як дастуру фармони ӯро мутобиқ ба вазифае, ки ӯ ҳамчун сарвари мамлакат, ба ҳайси роҳнамо ва мураббии ахлоқиву маънавии мардум ба уҳда дорад, асоснок менамояд.

Дар ин маврид суолу пурсишҳои хабаргузорон акнун на бо мақсади гирифтани дастуру супориш ва фармонҳои шоҳ, балки барои огоҳӣ ёфтан аз табъу авзои Нӯшинравон, фикру андешаҳо ва назари ӯ доир ба масоили хосу оми ҳаётӣ ва ҳатто бо нияти гирифтани панд пешниҳод гардидаанд.

Чунин ба назар мерасад, ки шоир сифатҳои мусбии Анӯшервонро ҳамчун сарвари давлат аз сифатҳои шахсии ӯ ҳамчун инсон ҷудо намедонад. Ботадриҷ аён мегардад, ки маҳз сифатҳои шахсии Анӯшервон барои бомувафаққият раиятдорию кишвардорӣ намудани ӯ ҳамчун шоҳ замина ва асос шудаанд.

Пурсишҳое аз қабили гиламандии солори холигарон аз беиштиҳоии шоҳ, бе посбон баромадани шоҳ аз дарбор, зи бахшиши фаровони ӯ тиҳӣ мондани ганҷ, пайваста аз гузаштагон ёдоварӣ намудани ӯ, бо мурури замон аз андоза ботаҳаммул гардидани шоҳ ва амсоли инҳо шахсияти Анӯшервонро ҳамчун инсон бозгӯ мекунанд.

Анӯшервон ба ҳар яке аз ин пурсишҳо ҷавобҳои хирадмандонае медиҳад, ки аз таҷрибаи рӯзгор ҳосил гаштаанд ё худ ҳосил намудааст.

Дар мавриди гиламандии солори холигарон:

Чунин дод посух, ки “аз беш х(в)ард,

Магар орзӯ боз гардад ба дард” (7,382).

Дар бобати бе посбонон ба байни издиҳом баромаданаш бошад:

Чунин дод посух, ки “доду хирад,
Тани подшоро ҳаме парварад.
Агар додгар чанд бекас бувад,
Варо ростӣ посбон бас бувад” (7,382).

Доир ба дастфарохии хеш ва бе ганҷ гаштани хазина:

Чунин дод посух, ки “дасти фарох
Ҳаме мардро нав кунад баргу шох.
Ҷаҳондор чун гашт яздонпараст,
Бар ӯ баркушояд ҷаҳон ҳар чи ҳаст.
Ҷаҳон танг дидем бар тангхӯй,
Маро озу зуфтӣ накард орзӯй” (7,387).

Оид ба хӯрдагирии шоҳи Яман, ки гӯё Нӯшинравон пайваста аз мурдагон ёд мекунад:

Чунин дод посух, ки “аз мурда ёд
Кунад ҳар кӣ дорад хирад бо нажод,
Ҳар он кас, ки аз мурдагон дил бишуст,
Набошад ҳамон дӯстӣ з-он дуруст” (7,379).

Ва дар бобати ботаҳаммул гардидани Нӯшинравон:

Чунин дод посух: “Або бихрадон
Ҳамонему ҳам низ бо мӯбадон.
Чу овози оҳарман ояд ба гӯш,
Намонад ба дил рою бо мағз ҳуш” (7,388).

Мазмуни порчаи зерин маълум, ки маънои маҷозӣ дорад. Гумон меравад, ки он бевосита ба ҳаводиси ҳаёти шахсии худи Анӯшервон дахл дорад ва мазмуни достони “Бемор шудани Нӯшинравон ва фитна барпо задани Нӯшзод”-ро, ки асоси таърихӣ дорад, ба ёд меорад.

Дигар гуфт: “Бози ту эй шаҳриёр,
Уқобе гирифтаст рӯзи шикор”.
Чунин гуфт, к-“Ӯро бикӯбед пушт,
Ки бо меҳтари худ чаро шуд дурушт?!
Биёвез ӯро зи дори баланд,
Бад-он то бад-ӯ бозгардад газанд!
Кас аз кеҳтарон низ дар корзор
Фузунӣ наҷӯяд бари шаҳриёр” (7,380).

Дар достони мазкур Анӯшервон тамоми чораҳоро роҳандозӣ мекунад, то ки писари саркашу исёнгараш аз кушта шудан эмин монад. Вале дар пурсишу посухи зерин ӯ бо мурури замон дигар гаштааст:

Дигар гуфт, к-“эй шоҳи бартарманиш,
Ки дурӣ зи пайғораву сарзаниш,
Диле доштӣ пештар пур зи шарм,
Чаро шуд бад-ин сон беозарму гарм?”
Чунин дод посух, ки “дандон набуд,
Макидан ҷуз аз шир дармон набуд,
Чу дандон баромад, биболид пушт,
Ҳаме гӯшт ҷӯям чу гаштам дурушт” (7,380).

Ботадриҷ мундариҷаи пурсишҳои хабаргузорон васеъ мегардад ва онҳо ба моҳияти тахту тоҷи Нӯшинравон ва мавқеи ӯ дар ҷомеа ба ҳайси роҳбар дахолат мекунанд. Нӯшинравон дар ин бахши пурсишҳо ҳукмронии худро бо хости Яздон (Бигуфто: “Сипосам бад-ин аз Худой, -Ки чунон бувад чиз, к-ӯрост рой”-7,390), онро аз роҳи ҳушу дониш (“Ҳушу донишу рой дастури мост, - Замин ганҷу андеша ганҷури мост”-7,380) ва дину шоҳиро тибқи суннати аҷдодӣ як (“Бувад дину шоҳӣ чу тан бо равон, -Бад-ин ҳар дувон пой дорад ҷаҳон”) медонад.

Ниҳоят мавқеи ӯ дар ҷомеа чунин ҷамъбаст гардидааст:

Яке гуфт, к-“эй шоҳи хуррамниҳон,
Сухан рондӣ чанд пеши ҷаҳон.

Яке он ки гуфтӣ замона манам,
Баду неки ӯро баҳона манам.
Касе, к-ӯ кунад офарин бар ҷаҳон,
Ба мо бозгардад дурудаш ниҳон”.
Чунин дод посух, ки “оре равост,
Ки тоҷи замона сари подшост.
Ҷаҳон чун тану шаҳриёрон саранд,
Азеро чунон бар сарон афсаранд”(7,389).

Вале манзури Фирдавсӣ аз “Гуфтор андар тавқеоти Нӯшинравон” танҳо аз овардани ахбори хабаргузорон ва фармону дастурҳои Анӯшервон иборат нест.

Тавре ки муҳаққиқон пай бурдаанд, хати сайри ахлоқии Анӯшервон дар достонҳои ба ӯ бахшида гузар аз фазилати додгарӣ ва расидан ба фазилати хирадмандӣ аст [9,12].Аз ин нуқтаи назар Фирдавсӣ ин мақсадро бо роҳи ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ дар мисоли муносибати шоҳ – ҳоким бо шахс – фарди ҷомеа, ки дар замони Анӯшервон хусусияти қавитареро гирифта, буданд, ба тариқи мушаххас нишон медиҳад.

Дар “Шоҳнома”, - чунон ки муҳаққиқ Х.Шарифов қайд мекунад, - сохти ҷомеа аз подшоҳ, муқарработи ӯ дар сурати сарони лашкару мазҳаб ва халқ иборат аст. Болотар аз ҳамаи ин ду қувваи фавқ-ут-табиа – худоҳои некиву бадӣ (Ҳурмузду Аҳриман) меистанд. Азбаски Худо новобаста аз дарки ҳақиқати худ бояд тасдиқ карда шавад, он гоҳ дар ҷомеа подшоҳ ва шахс боқӣ мемонанд. Дар натиҷа, подшоҳ – ҳокими мутлақ ва фармонравои молу ҷони мардум ба ҳисоб рафта, тақдири афроди ҷомеаро дар даст мегирад. Дар асар мувофиқ омадани рою тадбири шоҳ бо хосту ниёзҳои афроди ҷомеа асосӣ дониста мешавад ва сарвару пешво ва пешбарандаи ҷамъият шахсе ба ҳисоб меравад, ки рафтору муносибат ва муомилаи вай бо авзои омма мухолиф набошад [10,44-45].

Фирдавсӣ чунин сарварро, ки то андозае асоси таърихӣ дорад, дар сурати Нӯшинравон дарёфтааст. Аз ин рӯ, шоир кӯшиш намудааст, ки ба воситаи ӯ шоҳи ормонии худ: худотарсу яздонпараст, бо рою тадбир, соҳиби фарри эзидӣ, бо адлу дод ва ниҳоят хирадмандро дар муносибат бо намояндагони табақаҳои гуногуни ҷомеа ва ҳалли мушкилоти онҳо тасвир намояд. Дар ин маврид шоир аз тавқеоти шоҳи мазкур басо моҳирона истифода намуда, ба мақсади худ ноил гаштааст.

Аз байтҳои охири тавқеоти Анӯшервон чунин ба назар мерасад, ки шоир дар танзими он заҳмати зиёде ба харҷ додааст, вале аз он қаноатманд нест. Бар ин маънӣ, ки:

Гузаштам зи тавқеи Нӯшинравон,
Ҷаҳон пиру андешаи мо ҷавон.
Маро табъ нашкуфт, агар тез гашт,
Ба пирӣ чунин оташомез гашт.
Ҳаме гуфтам ин номаро чанд гоҳ,
Ниҳон буд зи кайвону хуршеду моҳ (7,390).

Гумон меравад, ки ин норизоии шоир аз худ, бо сабаби пайгирӣ аз манбаи тавқеот ва содиқ мондан ба он, ба миён омадааст, гарчи дар пурсишу посухҳои ба шахсияти Нӯшинравон дахлдошта эҷодкории Фирдавсӣ ба хубӣ эҳсос карда мешавад.Зимнан бояд таъкид намуд, ки маҳз бо ҳамин сабаб, тавре ки Холиқии Мутлақ пай бурдааст, шоир бо унвони “Пурсиши мӯбад аз Нӯшинравон ва посухи ӯ” ривояти дигаре эҷод намуда, қаноатмандии худро ҳосил намудааст. Тафовути онҳо дар ин аст, ки дар ривояти пешин пурсишҳоро ашхоси гуногун ва ношинос мекунанд ва посухи шоҳ дар бархе маворид бо “ба тавқеъ (гуфт)” оғоз мегардад. Дар ҳоле ки дар ин ривояти баъдӣ пурсишҳоро, гарчи хусусияти ривояти қаблиро соҳибанд, танҳо як мӯбад аз шоҳ мекунад ва дар посухи шоҳ лафзи “тавқеъ” ба кор нарафта аст [5,32].

Ҷолиби диққат он аст, ки тавқеот бо байтҳое басо қавӣ дар ситоиши Султон Маҳмуд ба итмом мерасад:

Чу тоҷи сухан номи Маҳмуд гашт,
Ситоиш ба офоқ мавҷуд гашт.
Замона ба номи вай обод бод,

Сипеҳр аз сари тоҷи вай шод бод!
Зи минбар чу Маҳмуд гӯяд хитоб,
Ба дини Муҳаммад гирояд салиб.
Ҷаҳон бистуд аз бутпарастони Ҳинд,
Ба теғе, ки дорад чу вашӣ паринд (7,390-391).

Аз баррасии “Гуфтор андар тавқеи Нӯшинравон” ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки тавқеоти шоҳи сосонӣ воқеан ҳам як навъи дастуроти идорӣ буда, дар онҳо масъалаҳои гуногуни ҳалталаби ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва ахлоқии ҷомеаи замони давлатдории Сосониён инъикос ёфтааст ва дар ҳалли онҳо содир намудани фармони шоҳ – сарвари давлат роли калон доштааст. Аз ин нуқтаи назар, ду унсури ба тавқеот хос, - яке он ки масъалаи мушаххас пешниҳодшуда, аз ҷониби шоҳ чӣ гуна ҳал карда мешавад ва дигаре – он бо кадом сабку алфоз ифода меёбад, арзиши махсусе пайдо мекунанд. Дар натиҷа тавқеот ба тарзи табиӣ, на танҳо моҳияти дастури идорию ахлоқӣ пайдо мекунанд, балки соҳиби ҷанбаи ҳунарию адабӣ ва ахлоқиро соҳиб мегарданд.

Ҳаким Фирдавсӣ, ки “Шоҳнома”-ро ба сифати ҳамосаи миллии мардумони эронӣ эҷод намудааст, онро бар асоси ахбори куҳани асотирию таърихӣ, достонию афсонавӣ ва амсоли ин қарор дода, дар баробари ин аз уҳуду васоё, хитобаҳои тоҷгузорӣ ва тавқеоти шоҳон низ ба тарзи васеъ истифода бурда, суннати андарзофаринии гузаштагонро идома додааст.

Шоир ба василаи “Гуфтор андар тавқеи Нӯшинравон”, ки шоҳи одилу раиятпарвар тасвир ёфтааст ва мақсад низ аз ҳамин иборат мебошад, ӯро бори дигар, ба василаи фармонҳояш чунин шоҳ нишон бидиҳад ва дар як маврид диққати ҳокими давр – Султон Маҳмуди Ғазнавиро ба равиши давлатдории Анӯшервон ҷалб намуда, ба тавқеот умри боқӣ мебахшад.

А Д А Б И Ё Т

1. Кристенсен А. Эрон дар замони Сосониён. Тарҷумаи Рашиди Ёсимӣ. -Теҳрон, 1336.
2. Фушекур Ш. Ахлоқиёт (мафоҳими ахлоқӣ дар адабиёти форсӣ аз садаи савум то садаи ҳафтуми ҳиҷрӣ). Тарҷумаи Муҳаммадалӣ Амир Муиззӣ, Абдулҳамиди Рӯҳбахшон. -Теҳрон, 1377.
3. Муҳаммадӣ М. Фарҳанги Эрон пеш аз Ислом ва осори он дар тамаддуни исломӣ ва адабиёти арабӣ. – Теҳрон: Интишороти Тӯс, 1374.
4. Тафаззулӣ А. Таърихи адабиёти Эрон пеш аз ислом. – Теҳрон: Сухан, 1376.
5. Холиқии Мутлақ. Аз “Шоҳнома” то “Худойнома”. (Ҷусторе дар бораи маъхази мустақим ва ғайримустақими “Шоҳнома”). Баргирифта аз сайти www.noufe.com
6. Зоҳидов Н. Насри арабизабони форсу тоҷик дар асрҳои VIII – IX. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2004. – 402с.
7. Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома. Ҷ. 8. –Душанбе: Адиб, 1990. - 612 с.
8. Мирзоев А. Биноӣ. Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1957. – 492 с.
9. Фушекур Ш. Ахлоқи паҳлавонӣ ва ахлоқи расмӣ дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ. (Тарҷумаи Б.Нодирзод).// Эроннома. Соли 10.саҳ. 8-13.
10. Шарифов Х. Услуб ва камолоти сухан. – Душанбе: Ирфон, 1985.- 176 с.

ВОСПРОИЗВЕДЕНИЕ УКАЗОВ НУШИРВАНА В “ШАХНАМЕ” ФИРДОУСИ

Рассматривается творческое использование Фирдоуси решений сасанидского царя Нуширвана в поэме “Шахнаме”. На основе этих указов поэт изображает и раскрывает образ Нуширвана, как справедливого и мудрого правителя.

Ключевые слова: Фирдоуси, “Шахнаме”, Нуширван, указы.

REPRODUCTION OF DECREES OF NUSHIRVAN IN "SHAKHNAMA" ФИРДОУСИ

Creative use of Firdousi of decisions of sasanidsky tsar Nushirvan in the poem "Shakhnama" is considered. On the basis of these decrees the poet represents and opens an image Nushirvan, as fair and wise governor.

Key words: Фирдоуси, "Shakhnama", Nushirvan, decrees.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ*: 3. Изатова*- аспирантка Таджикского национального университета.

МУҲАММАДҶОН РАҲИМӢ ВА СУННАТИ ҒАЗАЛСАРОӢ

Абдурашид Хӯҷамқулов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муҳаммадҷон Раҳимӣ дар баробари С.Айнӣ, А. Лоҳутӣ, А.Ҳамдӣ, А. Мунзим, П. Сулаймонӣ яке аз давомдиҳандагони суннати ғазалсароӣ дар назми шӯравии тоҷик ба ҳисоб меравад. Баъди Лоҳутӣ жанри ғазал дар эҷодиёти Раҳимӣ ҷои муҳимро ишғол мекунад. Тавре худи ӯ ёдовар мешавад, «... гарчи ман ҳанӯз дар овони ҷавонӣ, ҳанӯз дар овони мактабхон буданам ғазалҳои Ҳофиз, Саъдӣ, Бедил ва рубоиёти Умари Хайём барин устодони суханро хонда мафтуни шеърсароӣ шуда будам, ҳамчун як ошиқи содиқ, ки аз пайи маъшуқае бошад, аз пайи шоирӣ афтода будам ва аз солҳои 1918 сар карда шеър машқ мекардам, вале то револютсияи Бухоро ғайр аз баъзе шеърчаҳои майда чизи дурусте ба майдон оварда натавониста будам. Ин маъшуқаи ман шоирӣ бошад, дили маро торафт ба тарафи худ мекашид ва маро шайдо мекард»[7,5].

Фаъолияти адабии М. Раҳимӣ бо ғазали «Тиллокамарон» (1919) оғоз ёфта бошад ҳам, шеърҳояш дар матбуот аз соли 1925 чоп шудаанд. Аз ҷумла, дар саҳифаҳои рӯзномаҳо ғазалҳои «Хитоби газета» (1927), «Дар табрики рӯзномаи «Тоҷикистони Сурх» (1928), «Дар васфи Помири мухтор» (1929) ва ғ.ба табъ расидаанд. Тадриҷан жанри ғазал дар эҷодиёти шоир мавқеи назаррасро соҳиб мешавад. Масалан, дар маҷмӯаи аввалини ашъори шоир «Шеърҳои интихобкардашуда» (1940), ки аз 114 шеър иборат аст, 64 ададро ғазал ташкил медиҳад. Ин гувоҳи он аст, ки жанри ғазал ҳанӯз аз даврaҳои аввали эҷодиёт таваҷҷуҳи адибро ба худ ҷалб кардааст.

М. Раҳимӣ шоири суннатгарой буд, аммо эҷодиёташ аз тозакориҳои даврони нав,образҳои тоза, қолабшиканиҳо дар канор набуд ва аз ҷониби дигар «нигоришҳои навоваронаи ифротиро» намеписандид, ба қавли А. Набавӣ «дар шаклу сурати баёни фикру эҳсосоташ ба танқиду сарзанишҳо ва гоҳо дӯғу диранги доираҳои расмӣ нигоҳ накарда, ҳамеша дар муқовимат бо нигоришҳои навоваронаи ифротӣ буд ва ҳама умр ба сабку равиши суннатии худ, ба анъанаҳои шеъри ҳазорсолаи форсӣ- тоҷикӣ содиқ монд. Бинобар он, мо бояд ӯро мисли ҳар як эҷодкори асил, ба сифати баёнгару муҳофизи фарҳанги миллӣ шиносем ва қадрдонӣ кунем» [6]

Эҷодиёти М.Раҳимӣ на танҳо аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа бой аст, балки он аз ҷиҳати шакл ва махсусан жанрҳои адабӣ низ хеле гуногунранг аст. Бесабаб нест, ки Аслиасғари Шеърдӯст ӯро яке аз пештозони ғазали муосир донистааст: «Ғазал дар Тоҷикистон бо талоши шоирони пешкисвате (пешоҳанге) чун С. Айнӣ, П. Сулаймонӣ, М. Раҳимӣ, А. Деҳотӣ марҳилаи тозаеро оғоз кард. Ин шоиронро метавон пештозони ғазали муосири он сарзамин (Тоҷикистон- А.Х.) донист. Аз миёни пешкисватон Муҳаммадҷон Раҳимиро метавон аз тавонотарин шоири ғазалсаро ба ҳисоб овард. Ғазали Раҳимӣ на дар кунҷи хилвати муътоди (оддии) ғазали классик меафтад ва на дар миёни чаҳордевори шеъри сиёсӣ - иҷтимоӣ маҳсур мешавад, балки дар ҷустуҷӯи завоёи тоза забону хаёл ба ҷониби офоқи дигар болу пар мекушояд» [18,133-134].

Аз рӯи маҷмӯаҳои то имрӯз чопшуда ва матбуоти даврии дастрас миқдори ғазалҳои Раҳимӣ 175 ададро ташкил медиҳанд. Ҳаҷми ғазалҳои шоир аз ҷиҳати шумораи байт чунин аст:

Адади байт	5	6	7	8	9	10	11	12	13	14	15	16	17	18
Теъдоди ғазал	2	11	19	22	21	16	17	16	5	11	6	4	4	5
Адади байт	19	20	21	22	23	24	25	26	27	29	30	46	52	
Теъдоди ғазал	2	1	1	2	2	1	1	1	1	1	1	1	1	

Рақамҳо гувоҳи онанд, ки асосан ғазалҳои Раҳимӣ аз 6 то 12 байтро ташкил медиҳанд. Ин нукта ҷолиби диққат аст, ки ғазалҳои аз 12 байт зиёд навиштаи адиб торафт кам шудан мегирад. Ин гуна ғазалҳо ба муносибате ва ё зарурияте навишта

шудаанд.

Шоир беҳтарин ашъори лирикии худро дар даврони Ҷанги Бузурги Ватанӣ навиштааст. Онҳо ҳам аз ҷиҳати мазмун ва ҳам аз лиҳози шакл диққатҷалбкунандаанд. Барои мисол, дар шеъри «Ошиқи рӯи ту» ҳиссиёти ботинии ҷанговаре, ки дар майдони ҷанг аст, дар қолаби ғазали классикӣ хушгувора садо медиҳад:

Эй санам, бишнав аз он к-ӯ **ошиқи рӯи ту** буд,
Маҳрами розу нигаҳбони **сари кӯи ту** буд.
Ёди он аҳде, ки бастему ба **оини вафо**,
Гарданамро **тавқи ишқ** аз **турраи мӯи** ту буд… [10,224].

Ин ҷо рӯҳияи даъвати ҷанговарона бо ҳиссиёти нозук омезиш ёфтааст. Ибораҳо, образҳо классикӣ, амсоли *эй санам, маҳрами роз, сари кӯй, тавқи ишқ, турраи мӯй, қадди дилҷӯй, ёди абрӯ, чашми ҷоду, ваъдаи дидор ва г.* Яъне образҳои классикӣ барои ифодаи ҳиссиёту эҳсосоти муборизони Ватан истифода шудаанд. Ҳамин гуна омезиш ёфтани ҳиссиёти нозуки ишқӣ ва даъвати ҷанговарона, истифодаи моҳиронаи образҳо ва таъбирҳои классикӣ дар ғазали дигари шоир «Номаи ошиқ» равшан ба назар мерасад:

Ҷон маро дар ҳалқаи гесӯ табоҳ афтодааст,
Дил ба ҷодухонаи чашми сиёҳ афтодааст.
Офтоб акси рухат бардошт чун рассоми рӯз,
Дар фронтам ин ки бар рӯи силоҳ афтодааст [10,223].

Дар ғазали мазкур таъсири ғазали зерини Ҳилолӣ, ки ду байташ оварда мешавад, эҳсос мегардад:

Акси он лабҳои майгун дар шароб афтодааст,
Ҳайрате дорам, ки чун оташ дар об афтодааст.
Зоҳир аст аз ҳалқаҳои зулфу моҳи оразат,
Дар миёни соя он ҷо офтоб афтодааст [14,44].

Аз ҷиҳати хушоҳангӣ ҳарду ғазал ҳамрадифанд, образҳо, ибораҳо классикиянд, аммо дар ғазали Ҳилолӣ ишқи абстракт ва дар ғазали Раҳимӣ ишқи конкрети сарбози дар ҷабҳабуда тасвир ёфтааст. Истифодаи баъзе калима, таъбир ва ибораҳои ғазали Ҳилолӣ шеъри Раҳимиро пурқуввату гӯшнавоз намудаанд. Мисраи «Дар фронтам ин ки бар рӯи силоҳ афтодааст» ба ғазали Раҳимӣ рӯҳи замони ҷангӣ додааст.

Бояд қайд кард, ки мавзӯи ишқ дар эҷодиёти М.Раҳимӣ сол то сол вусъат ёфта, амиқтар гардидааст. Ин ишқ ишқест, ки аз муносибатҳои нави ҷамъиятии одамон, ҳиссиёти гарму ҷӯшони қадрдонӣ ва қадршиносии инсони нав – одами ҷамъияти нав, фаъолияти ҷамъиятии он, аз хулқу атвори ҳамидаи ӯ сар мезанад.

Ба ақидаи адабиётшинос А. Абдуманнонов «лирикаи ишқии Раҳимӣ аз нашъаи лирикаи ишқии классикии тоҷик, омезиши нозуки образҳои анъанавӣ ва нав, ифодаҳои рангин ва маъниҳои бикр саршор аст» [1,234]. Ғазалҳои Раҳимӣ умуман, аксари ғазалҳои ишқии ӯ хусусан, дар масъалаҳои образу тасвир ва фасоҳату салосат дар осори шоир назар ба дигар навъҳои шеъри ӯ дорои хусусиятҳои хос мебошанд. Интихоби вазнҳои мавзун, санъатҳои бадеӣ, қофия ва радифҳои мувофиқ, аз як тараф, равонӣ, хушоҳангӣ, оммафаҳмӣ, услубу тарзи баёни вижа ва корбасти вожаҳо бо оҳанги тараннумшаванда, аз ҷониби дигар, боиси он гардидааст, ки ғазалиёташ дар мусиқии муосири тоҷик мақоми шоистеаро касб намояд. Оҳангсозони маъруфи тоҷик Ф. Шаҳобов, Ш. Соҳибов, З. Шаҳидӣ, Ф. Баҳор ва дигарон ба ғазалҳои «Салом, эй дилбар» (1928), «Ошиқ шудам» (1930), «Оҳ, як бӯса!» (1938), «Даргирад» (1938), «Номаи ошиқ»(1942), «Ошиқи рӯи ту» (1943), «Шиканҷи зулф» (1943), «Эй гул, эй гул» (1948), «Оинаи дил» (1950), «Эй маҳ, ту шухӣ!» (1958) ва ғ. оҳангҳои марғуб офаридаанд, ки онҳоро ҳунармандони маъруфи кишвар А.Ҷӯраев, А.Бобоқулов, Т.Фозилова, Б.Ниёзов, Ҷ.Муродов, Ш. Муллоҷонова ичро менамоянд.

Қофия дар ғазалиёти шоир. Дар адабиёти классикии тоҷику форс хусусиятҳои жанрӣ, махсусан қофиябандии ғазал хеле устувор буда, ба тағйирот кам дучор омадааст. Дар назми тоинқилобӣ ғазал асосан сохти ягонаи қофиябандӣ **аа, ба, ва...** дошт. Дар ашъори шоирони гузашта ғазалҳое ҳам вомехӯранд, ки тамоми мисраъҳои онҳо ҳамқофияанд. Чунончи, ғазали Саъдӣ бо тарзи аа, аа, аа, … қофия дорад [16,54].

М.Раҳимӣ дар масъалаи қофияи ғазал асосан давомдиҳандаи анъанаи классикон буда, тағйироту дигаргунии ҷиддие дохил накардааст. Аз 175 ғазали шоир 169-тоаш бо тарзи қофиябандии анъанавӣ ба қолиб даромадааст. Бо вуҷуди ин дар қофияи баъзе ғазалҳои ӯ каму беш дигаргуниҳо вомехӯрад, ки аз назар гузаронидани онҳо аз аҳамият холӣ нест.

Дар ғазалҳои М.Раҳимӣ «Марг ба марг, хун ба хун!» (1941), «Ҳуҷум, байрақи Ленин!» (1941), «Октябр фотеҳ аст» (1941), «Фашизм нест карда мешавад» (1941), «Сухан тоҷи офтоб аст» (1950) мисраи якум аз қофия (ба мисли қитъа) озод аст, ки чунин тағйирот танҳо ба эҷодиёти ӯ хос аст. Ба гумони мо, ин ҳодиса маҳз бо талаби мавзӯъ рух додааст. Чор ғазали аввал дар солҳои аввали Ҷанги Бузурги Ватанӣ иншо гардида, оҳанги пурқуввати публитсистӣ ва сафарбаркунандагӣ доранд ва дар ашъори давраи ҷангии адиб мавқеи муҳимро ишғол менамоянд. Шоир халқи Шӯравиро баҳри интиқом барои Ватан даъват мекунад:

Ҳуҷум, эй кӯшуни давлати муаззами Ленин,
Ки халқи Ғарби ситамдида бахтиёр надорад!…
Шиори мост кунун: «Марг ба марг, хун ба хун!»
Ки интиқом аз ин зӯртар шиор надорад! [10,15]

Аз порчаи боло аён аст, ки мисраи аввал аз қофияю радиф озод аст. Шоир бо мақсади хеле тезу тунд ифода намудани матлаб садри ғазалро аз калимаи аз ҳама зарурии он рӯзҳо – «ҳуҷум» сар карда, онро бо мафҳуми давлат алоқаманд намудааст. Шоир дидаю дониста дар аруз ба ҷои қофияю радиф зикр кардани номи Ленинро авлотар донистааст. Бо вуҷуди он ки мисраи якум аз қофия озод аст, шоир бо як маҳорати ба худ хос онро бо мисраи дуюм пайваста тавонистааст. Бинобар ин, ҳусни матлаъ зарари ҷиддӣ надидааст. Айнан ҳамин ҳолатро дар ғазали «Ҳуҷум, байрақи Ленин!» низ мушоҳида мекунем. Бинобар ин, ба хулосае омадан мумкин аст, ки М.Раҳимӣ ҳамчун донандаи нозуктарин қонуну қоидаҳои назми классикӣ, аз ҷумла ғазал, тавонистааст имконияти ин жанри анъанавиро то андозае барои ифодаи мавзӯъҳои муҳими замони нав васеътар кунад.

М. Раҳимӣ дар мавзӯъҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ ҳам ғазалҳои пурмазмуну баландсанъат гуфта тавонистааст. Дар шеърҳои ба васфи Октябр эҷод намудаи худ М. Раҳимӣ давомдиҳандаи анъанаҳои беҳтарини адабиёти классикӣ буданашро нишон додааст. Аксари шеърҳои номбурдаи шоир дар шакли ғазал навишта шудаанд ва бояд таъкид кард, ки Раҳимӣ бо риоя намудани қонуниятҳои анъанавии ғазал мавзӯъҳои муҳими замонавӣ, аз ҷумла васфи Октябрро хеле барҷаста ифода карда тавонист, ки онҳо аз истеъдод ва маҳорати баланди шоирии ӯ шаҳодат медиҳад. Ғазалҳои «Дилам» ва «Октябри тавоно» намунаи хуби ин қабил шеърҳои Раҳимӣ шуда метавонанд:

Эй ба ҳусни оламафрӯзи ту шайдо шуд дилам,
Дар ҳавоят буду чун хуршед пайдо шуд дилам.
Дар фазои меҳри ту сайри ҳақиқат мекунад,
З-он баланд аз ахтари авҷи Сурайё шуд дилам…
Октябр, эй машъали равшангари роҳи наҷот,
Бо ту равшан, бо ҷӯшон, мавҷи дарё шуд дилам.[9,30]

Равшан аст, ки шоир меҳру муҳаббати бузурги худро ба Октябр ба воситаи калимаю ибораҳои маъмул: *ҳусни оламафрӯз, шайдо, хуршед, меҳр, ҳақиқат, ахтар, сурайё, машъал*, *равшангар*, *наҷот*, *равшан*, *ҷӯшон*, *мавҷи дарё* ва *дил* ба таври барҷаста ифода намуда, онҳоро барои ифодаи мақсад устокорона тобеъ карда натавонистааст. Алалхусус, дар байти охир маъною мазмун ва ғояи пурқувват муҷассам гардидааст.

«Ҳамаи қувва дар ҳаёт аст»- ро (1961) яке аз ғазалҳои беҳтарини адиб шуморидан мумкин аст, зеро он аз ҷиҳати услубу бадеият ва ҳақиқатан шоирона ифода кардани маънии бикр, эҷодкорона давом додани суннатҳои назми классикӣ хеле баланд аст. М. Раҳимӣ дар ду мисраъ чӣ қадар фикри амиқро бо чӣ санъаткорие ғунҷоиш дода тавонистааст:

Шоир шино кунад ба муҳит ҳамчу Разм- нав,
В-ар на чунон зи паҳлуи пиле пиёда аст! [11,38]

Радиф дар ғазалиёти шоир. Радиф дар ғазалиёти шоир мақоми хоса дорад. Тавре муҳаққиқ Алиасғари Шеърдӯст менигорад «радиф ба эҷоди ваҳдати шакл дар шеър

бештар аз қофия кумак мекунад ва миёни мисраъҳо иртиботи маҳкаме барқарор мекунад ва ҳаракати амудии хаёлро ёрӣ мерасонад» [18,233]. Бесабаб нест, ки шеъри мураддаф бештар хушоянд аст ва ҳамин ҳолат дар ғазалҳои Раҳимӣ ба таври рӯшан ҳувайдост.Муҳаммадҷон Раҳимӣ дар ғазали зер радифро моҳирона кор фармудааст:

Дишаб ба кунҷе омадам, дунё чароғон рӯ ба рӯ,
То субҳ суҳбат доштам бо моҳи хубон рӯ ба рӯ.
Бардоштам ҷоми ақиқ, аз лаългул кардам газак,
Дар ҷом оташ доштам, сад шӯъла хандон рӯ ба рӯ. [9,204]

Воқеан дар ин шеър зеботарин тасвир дар бархӯрд бо радиф шакл гирифтааст. Муқоиса нишон медиҳад, ки Раҳимӣ ба ғазали мураддаф таваҷҷуҳи бештар доштааст.Чунончи аз 175 адад ғазалиёти ӯ 103 адад мураддаф ва 72 адад муқаффо аст. Аз 103 ғазали мураддаф 81 адад дорои радиф аз 1 калима, 19 адад дорои радиф аз 2 калима, 3 ғазал дорои радиф аз 3 ва 1 ғазал дорои радиф аз 4 калима аст.

Муҳаммадҷон Раҳимӣ дар баробари **феълҳои мустақил** *(мешавад, афканд, ҳастӣ, нест, бинем, гирифт, ҳастем, омад, даргирад, меравад, надорад, рафт, шинад, афтодааст, монад, мезанад, шикаст)*, **феълҳои ёридиҳанда** *(мекунад, кунад, буд, шудам, бувад, шавад, шуд,кардаӣ, кард, доштӣ, набошад, мешавад, намешавад)*, **феълҳои фармоишӣ** *(бин, кун, бикун, гир)*, **феълҳои таркибӣ** *(ҷавоб деҳ, дорад шиканҷ, мешавад ҷорӣ, нагашту нагардад, дошт дар чаман, рӯ ба рӯ, шуда дил наздик аст)*, **исм ва дигар ҳиссаҳои номии нутқ** *(Чехов, Тоҷикистон, ҷаҳон, дил, оташ, гул, май, фирӯз, азизам, табассум, чашм, сурх, танбалӣ, шикаста, баҳорон)*- ро чун радиф кор фармуда, ғазалҳояшро равону хушоҳанг кардааст.

Инчунин аз миқдори умумии ғазалиёти шоир 69 адад бо тахаллус ва 106 адад бе тахаллус мебошад. Зимнан ёдовар мешавем, ки шоир бо ду тахаллус- «Раҳимзода» ва «Раҳимӣ» ғазал сурудааст. Ғазалҳои «Хитоб ба бедории тоҷик» (1927), «Дар табрики рӯзномаи «Тоҷикистони Сурх» (1928), «Дар васфи Помири мухтор» (1929), «Об агар садпора гардад боз бо ҳам ошно» (1929) бо тахаллуси «Раҳимзода» чоп шудаанд, ғазалҳои боқимонда тахаллуси «Раҳимӣ»- ро доранд.

Дар ашъори М.Раҳимӣ санъатҳои бадеӣ беш аз шоирони дигари асри гузашта мавқеъ доранд. Шоир барои образнокии баён, ифодаи диққатҷалбкунандаи ғоя, нишонрас ва хотирнишин гардидани мазмуну мундариҷаи шеър ва ягонагии шаклу мазмуни он дар шеърҳояш аз ташбеҳ, истиора, муболиға, киноя, маҷоз, тазод, таҷнис, саҷъ, талмеҳ дигар санъатҳои маънавию лафзӣ бо камоли маҳорат истифода бурдааст.

Ташбеҳ. Ташбеҳ яке аз шартҳои асосии сухани бадеӣ буда, дар эҷодиёти М.Раҳимӣ аз тамоми дигар намудҳои санъатҳои бадеӣ бештар вомехӯрад.

Дар ашъори ӯ ҷои асосиро ташбеҳоти нав, ки зодаи табъи баланди шоиранд, ишғол менамоянд. Дар шеъри «Эй инқилоб» М.Раҳимӣ ба устод Айнӣ пайравӣ карда, инқилобро ба тӯфон ташбеҳ додааст:

Намудӣ ҳамла беҳад зӯр чун тӯфон, туӣ фотеҳ,
Шикастӣ қалъаҳои зулму занҷири ситам охир [9,25].

Дар шеъри «Хитоби газета» М.Раҳимӣ қаламро ба силоҳ монанд кардааст, ки ташбеҳ ҳам ҳисшаванда баромадааст ва ҳам мантиқан дуруст мебошад:

Қаламам гоҳ синон мебошад,-
Зидди аъдост, аён мебошад! [9,34]

Ташбеҳ дар асарҳои ӯ ба ҳолату авзои қаҳрамон сахт алоқаманд аст. Масалан, дар шеъри «Рафиқ колхозчӣ» шоир ба воситаи ин санъат вазъияту ҳолати синфҳои иртиҷоиро табиӣ нишон дода тавонистааст:

Буржуа чун мори оташдида ҳар сӯ метапад,
Кори ӯ иғвогарию фитнаву ғавғо бувад [9,67].

М.Раҳимӣ анъанаи классиконро идома дода, ғазалҳое офаридааст, ки тамоми байтҳои онҳо ба санъати ташбеҳ асос ёфтаанд. Ғазалҳои «Лолаи сурх», «Навоз, эй рӯзгорон» аз ҳамин қабиланд. Мисол аз ғазали «Лолаи сурх»:

Кам нишин, эй нозанин, моҳи таи чодир барин,
Дар назарҳо нурпошӣ кун, маҳи зоҳир барин.
Бар кушо, эй духтари тоҷик, рухи гулфомро,
Берун ой аз абр шамси равшани фохир барин [9,184].

Бояд қайд кард, ки М.Раҳимӣ аз ҳама бештар ташбеҳи равшанро истифода бурда бошад ҳам, дар эҷодиёти ӯ навъҳои дигари ташбеҳ – пӯшида, таркибӣ, баргашта, мураккаб ва ғайра низ ба назар мерасанд.

Истиора. Дар эҷодиёти шоир ҳар ду навъи истиора – равшан ва пӯшида вомехӯранд. Чи хеле Т.Зеҳнӣ қайд кардааст, «истиора аз ташбеҳ дида дар ифода кардани мақсад ба таври мӯъҷаз ва латиф хизмат мекунад» [3, 72]. Дар шеъри «Ба духтарони тоҷик» М.Раҳимӣ ин санъатро хуб кор фармудааст:

Он ахтаре, ки оқилаву бофаросат аст,
То кай миёни пардаи шомӣ бувад ниҳон [9, 57].

Шоир духтари тоҷикро ахтар номида, истиораи дилнишин офаридааст, ки мазмунаш ҳам равшан аст.

Дар байти

Ситорае зи миён ҷасту моҳи Эрон шуд,
Бале, на моҳ, бале ховари дурахшон шуд [9, 84].

«ситора», «моҳ» ва «ховари дурахшон» ба маънои аслии худ наомада, балки ба шоири забардаст Фирдавсӣ далолат мекунанд.

Дар эҷодиёти М.Раҳимӣ бисёр истиораҳои нави дилчаспе вомехӯранд, ки барои ифодаи мақсад хеле хуб хизмат кардаанд. Чунончи, дар шеъри «На афсона» симҳои баркро истиора карда, онро «ришташои ҳаёт» номидааст, ки истиораи тару тоза ва баланд аст:

Ришташои ҳаёт тафсон шуд
Рӯи шаҳру деҳот рахшон шуд [9, 125].

Ё ин ки дар шеъри «Ёдгори Гастелло» истиораи дилкаше вомехӯрад, ки ба тавассути он маънӣ ба тарзи шоиста ифода гардидааст:

Монанди барқ то ба сари гургҳо занад,
Парвоз кард уқобу аз ин ошёна рафт [10, 14].

«Гургҳо» киноя аз фашистон буда, «уқоб» ба Гастеллои қаҳрамон далолат мекунад.

Дар шеъри «Номаи ошиқ» шоир оби дидаро ба «ёқут» иваз карда, истиораи дилчасп сохтааст:

Ман нагирям аз ҷудоӣ, гиря кори мард нест,
Як ду ёқутест, гулро бар кулоҳ афтодааст [10, 223].

Баъзан аз истиора сӯистеъмол кардани шоир ҳам ба назар мерасад. Дар шеърҳои шоир баъзан истиораҳои пӯшидаи мавҳуму торик низ вомехӯранд, ки боиси душворфаҳмии як қатор шеърҳои ӯ гардидаанд.

Тазод. Ба қавли Т.Зеҳнӣ тазод яке аз пуртаъсиртарин воситаҳои тасвири бадеӣ буда, сифат, хислатҳои ду кас ва ё ду чизро ба таври муқоиса ба ҳам муқобил гузоштан аст [3, 82]. М.Раҳимӣ аз даврaҳои аввали фаъолияти эҷодиаш сар карда, тазодро дар ашъораш ба таври васеъ кор фармудааст. Ин санъат дар эҷодиёти шоир бисёр вақт ба тарзи нав зуҳур кардааст. Чунончи, дар шеъри «Шод бош» санъати тазод барои ифодаи мақсаду орзуҳои неки шоир мувофиқат кардааст. М.Раҳимӣ соли 1923 бо роҳи хизмати ҳарбӣ ба Душанбе – деҳаи хурду назарногир омада, дар он нишонаҳои аввалини ҳаёти навро дида, бо дили пур гуфтааст:

Шод бош, эй дил, ки *хористон гулистон* мешавад,
В-аз насимаш субҳгоҳон *анбарафшон* мешавад.
Бар *гули* худ мавҷи хуни пойлучон дошт *хор*,
З-оташи мо, *хорҳо*, дидӣ *гулафшон* мешавад.
Ин Ватан зиндони мазлумони беимдод буд, -
Ин дигар *зиндон* не, як *гулшанистон* мешавад [9, 26].

Шоир ба воситаи истифодаи мафҳумҳои зидди якдигар мундариҷаи ғазалро ба тарзи таъсирбахш ифода карда тавонистааст. Умуман ин ғазали шоир ба санъати тазод асос ёфта, қариб дар тамоми байтҳои он ин санъат риоя карда шудааст. Ҳамчун нишонаи маҳорати шоир ин чизро ҳам таъкид кардан ба мавриd аст, ки ӯ дар ҳар як байти ғазал яке аз мафҳумҳои зидро (*гулистон, гулафшон, чарогон, гулшанистон*) ба таркиби қофия дохил кардааст. Шоир ин мафҳумҳоро дидаю дониста ба муқобили мафҳумҳои *хористон, хорҳо, зулмот, зиндон* оварда, ба ин

восита амалӣ гаштани орзую умедҳои худ – ғалаба кардани ҳаёти навро такроран таъкид намудааст.

Дар эҷодиёти М.Раҳимӣ як навъи дигари тазод ба назар мерасад. Шоир дар чанд мисраъ калимаҳо, мафҳумҳо ва чизҳои ба ҳам муқобилро тарзе истифода мебарад, ки онҳо ба ду гурӯҳ ҷудо шуда, гурӯҳи дуюм аз якум афзалият доранд. Чунончи, дар ғазали «Насиҳате ба фарзанд» (1941).

Чу *абр* бар сарат ояд, ба азми *тӯфон* хез,
Чу *бод* ронадат оташ, варо ба *дарё* гир.
Чу *зулмат* оядат аз дар, чу *субҳ* гир ба неру,
Чу *сел* оядат аз бар, варо ба *хоро* гир [10, 24].

Муқобилгузории мафҳумҳои ҳаётӣ, тарзи баёни содаю мафҳум ва равшан, истифодаи образҳои маълуми фолклорӣ, ки дар ин порча мушоҳида мешаванд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки М.Раҳимӣ на фақат имкониятҳои назми классикиро хуб медонад, инчунин хусусиятҳои беҳтарини назми халқиро низ аз худ намудааст ва аз онҳо дар таҷрибаи эҷодии худ эҷодкорона истифода бурда тавонистааст. Ба гумони мо, ин навъи тазод дар натиҷаи омӯзиши эҷодкоронаи фолклор пайдо шудааст, зеро чунин тарзи муқобилгузорӣ дар назми халқӣ ҳам вомехӯрад[13, 371].

Ҳамин тариқ, М.Раҳимӣ аз санъати тазод бо камоли маҳорат истифода бурда тавонистааст, ки ин аз истеъдоду маҳорати баланди шоирии ӯ гувоҳӣ медиҳад. Ин анъана дар дасти шоир чун воситаи таъсирбахши тасвир барои возеҳу равшан, диққатҷалбкунанда ифода гардидани ғояи асарҳояш истифода шудааст. Санъати тазод дар даврaҳои гуногуни эҷодиёти М.Раҳимӣ дучор шавад ҳам, он дар ашъори солҳои 20-40-ум сурудаи шоир бештар ва мавқеи калонтареро доро мебошад, ки сабаби инро аз воқеияти конкретии он солҳо ва мавзӯъҳои муҳими дастзадаи шоир бояд ҷуст.

Тавсиф. М.Раҳимӣ аз ин санъати маънавӣ ба таври васеъ истифода бурдааст. Пеш аз ҳама бояд қайд кард, ки баъзе тавсифҳои М.Раҳимӣ аз тавсифҳои шоирони классикӣ қариб ҳеҷ фарқе намекунанд. Чунончи:

Эй сухандӯст, шакарлаб, санами симбарам,
Дили ман сӯи ту хоҳад, ки бувад номабарам [10,245].

Дар баробари ин, ашъори М.Раҳимӣ аз тавсифҳои тару тоза саршор аст. Тавсиф дар чунин шеърҳои шоир чун воситаи муҳими тасвири бадеӣ хизмат кардааст.

Тавсиф дар маркази яке аз беҳтарин шеърҳои дар васфи зан гуфтаи М.Раҳимӣ «Рафиқи ҳаёт» меистад. Дар ин шеър фикру ақида, мақсаду мароми шоир дар бораи зан, мавқеъ ва роли ӯ дар зиндагӣ ва ҷамъият маҳз ба воситаи тавсифу ташбеҳ ифода гардидаанд. Шоир дар васфи зан бо як самимияту дилгармӣ сухан ронда, ӯро барҳақ «иззати инсон», «оташи сухан», «баҳори саҳна», «гули хона», «моҳи анҷуман», «ҳукмрони муҳаббат», «диловари Ватан», «сафои ақл», «парастори ишқ» меномад:

Зан ишқу иззати инсону оташи сухан аст,
Баҳори саҳна, гули хона, моҳи анҷуман аст.
Дар оила шарафи марду ҳукмрони муҳаббат,
Рафиқи бахту дилороми некбин – зан аст.
Агар ба тӯй барояд, чу машъали базм аст,
Агар ба разм дарояд, диловари Ватан аст.
Агар бипурсӣ зи ман: «Чист зан?» Тавонам гуфт:
«Сафои ақл, парастори ишқ, ҷони ман аст» [10, 231].

Ҳамин гуна тавсифҳои тару тозаро аз ғазалҳои гуногунмавзӯи М.Раҳимӣ дарёфтан душвор нест. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки шоир ин санъати анъанавиро чун воситаи муҳимми ифодаи афкору андешаи шоиронааш истифода бурда, онро мазмунан бою ғанӣ гардонидааст.

Муболиға. Шоир бо мақсади пуртаъсир ифода намудани фикр аз санъати муболиға фаровон истифода кардааст:

Омад он вақте, зи нав пӯшид махмал кӯҳсор,
Санг ҳатто сабз шуд, гул баст, соф аз занг шуд.[9,100]
«Нашъаи баҳор» (1935)
Ошиқ чу нола кард, замин мекафад, вале
Парво намекунӣ, чӣ аломат?... Ҷавоб деҳ. [9,199].

«Ҷавоб деҳ» (1938)

Таҷнис. Дар ғазалиёти М.Раҳимӣ навъҳои гуногуни таҷниси лафзӣ, таҷниси том, таҷниси зоид, таҷниси ноқис, таҷниси мураккаб ва ғайра дида мешаванд. Аз ҷумла дар ғазали «Май ба май»- и шоир таҷниси том вуҷуд дорад:

Ман *май* ба дӯстии советӣ ба ҷон хӯрам,
Гӯям зи панди Саъдиву аз инқилоби *Май.*
Нӯшам ба достони зафарҳои дӯстӣ,
Заррин шавад чу субҳи *май* аз вай китоби *Май*
Нӯшем *май,* равем ба гулгашт зери нур,
Шустаст роҳи шаҳр ба шир моҳтоби *Май* [10, 226].

Дар ҳарсе байт таҷниси том дида мешавад, яъне «май»- ҳои аввал ба маънои *шароб, бода* омадаанд, «май»-ҳои охири мисраъҳо маънои иди Май ва моҳи майро доранд.

Дар ғазали дигари шоир «Моҳи нимрӯй» санъати таҷниси том бо камоли маҳорат истифода шуда, аз истеъдоди баланди офарандааш гувоҳӣ медиҳад:

Моҳ ними рӯ кушояд, ними рӯ пӯшад ба моҳ,
Назди *моҳи* мо, фалакро бенаво, гуфтем мо...
Дида андар пардаҳои *дида* тасвири туро
Ҷои ту дар д*ид*а беҳтар, ҷони мо, гуфтем мо [10, 242].

Дар мисраи аввал калимаи *«моҳ»*-и дар садр омада ба маънои *моҳтоб, «моҳ»*-и арӯз омада ба маънои *як қисм аз дувоздаҳ қисми сол* омада таҷниси томро ташкил додаанд. *«Моҳ»*-и сеюм бошад, ба маънои маъшуқа омадааст. Дар байти дуюм таҷнис дар калимаи *«дида»* маҳфуз аст. *«Дида»*-и аввал сифати феълии замони гузаштаи «дидан» аст, дафъаи дуюм ва сеюм ин калима ба маънои чашм омада, дар якҷоягӣ таҷниси томро ба вуҷуд овардаанд.

Саҷъ. Истеъмоли бамавқеи саҷъро дар ғазали «Эй гул, эй гул», ки чун суруди дилангез машҳур аст, мушоҳида мекунем. Шоир аз тамошои рақси зебои духтари тоҷик илҳом гирифта, дар васфи ӯ суруде эҷод кардааст, ки дар он ҳунармандӣ ва санъати баланди раққосадухтар хеле табиӣ ифода ёфтааст. М.Раҳимӣ дар баробари ташбеҳу истиора ва таҷнису таносуби калом аз санъати саҷъ устокорона истифода бурда, ба ин восита, аз як тараф, симои қаҳрамони лирикиро боз ҳам барҷастатар ифода карда бошад, аз тарафи дигар, ғазалро равону хушоҳанг намудааст ва таъсири ҳиссии онро афзудааст:

Ба таннозӣ, ба зарби *соз,* болафшон шудӣ бо *ноз,*
Шамол ин гуна ҷунбонад ниҳоли гул ба боғ, эй гул.
Хумор аз чашми ту *наргис,* баҳор аз рӯи ту *маҷлис,*
Ту дар санъат чароғи *ҳисс* намудӣ табъчоғ, эй гул [10, 234].

Дар байти якум калимаҳои *соз* ва *ноз* саҷъ шуда омада бошанд, дар байти дуюм калимаҳои *наргис, маҷлис* ва *ҳисс* саҷъи байтро ташкил додаанд.

М.Раҳимӣ, ки маҳорату истеъдоди баланд, донишу ҷаҳонбинии ҳаматарафа дошта, хусусиятҳои нозуки назм ва забонро ба хубӣ медонист, ин санъати нозукро бо муваффақият истифода карда тавонистааст. Барои то андозае аён гаштани маҳорати баланди шоир дар сохтани саҷъи байт боз аз ғазалҳои ӯ як ду мисол меорем:

Шароб аз чашмашон *махмур*, китоб аз меҳрашон *пурнур,*
Гул аз рӯшон шуда *машҳур*, гулоб аз мӯяшон бӯё. [8,401]

«Тӯҳфаи зебо»

Айни *сурур* аст ин баҳор, ҳам ғарқи *нур* аст ин баҳор,
Айни *ҳузур* аст ин баҳор, ку лоиқ иншое дигар?! [10,194]

«Табрики фасли гул»

Назира. Ба қавли Х. Шарифов ва У. Тоиров «шарти асосии назира,бо вуҷуди умумияти мавзӯъ оҳанги гуфтор, тозагии маънӣ мебошад. Агар шеъри назира ба мақоми истиқлол ва навии сухан нарасад, тақлид аст» [15,281]. Назираҳои ба қасидаи «Шикоят аз пирӣ»-и устод Рӯдакӣ[12,76], ғазали «Соқӣ, ҳадиси сарву гулу лола меравад»- и Ҳофиз [17,155], ғазали «Тоҷикистон шуд мунаввар то ту гаштӣ бениқоб»- и А. Лоҳутӣ [5,200] ва ғазали «Иди Май»-и Ҳ. Юсуфӣ [19,38] таълиф намудаи М. Раҳимӣ исботи ин гуфтаҳои муҳаққиқон шуда метавонанд.

Ҳамин тариқ, Муҳаммадҷон Раҳимӣ дар баробари С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ суннати ғазалсароиро дар адабиёти шӯравии тоҷик ба тарзи шоиста идома дода, бо эҷоди як қатор ғазалҳои пурмазмуну баландсанъати лирикӣ ва иҷтимоӣ-сиёсӣ дар такмилу инкишофи он саҳми хешро гузоштааст. Шоир дар давоми фаъолияти зиёда аз 40 солаи эҷодияш ба ин жанр мунтазам рӯ оварда, аз як тараф, доираи мавзӯъ ва мундариҷаи онро то андозае васеъ карда, дар мавзӯъҳои муҳими замонаш ғазалҳои пурмазмуни иҷтимоӣ-сиёсӣ таълиф намудааст, аз тарафи дигар имконоти ин жанрро ҳамаҷониба омӯхта, ба поэтикаи он низ баъзе тағйиротҳо ворид сохтааст.

М. Раҳимӣ барои ба таври дилнишин ифода гардидани мазмуну мундариҷа, образнокии баён, мӯъҷаз ва муассир баён кардани матлаб, ягонагии комили шаклу мазмуни ғазалҳояш ба вазн, қофия, радиф, ҳусни матлаъ ва мақтаи онҳо диққат дода, аз санъатҳои маънавию лафзии ташбеҳ, истиора, тазод, тавсиф, такрор, таҷнис, саҷъ, саҷъи байт ба таври васеъ истифода кардааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуманнонов А. М.Раҳимӣ // Энсиклопедияи советии тоҷик. – Душанбе, 1986, ҷ.6. – 640 с.
2. Асозода Х. Адабиёти тоҷик дар садаи XX. Муҳтавои дарсҳои назарӣ барои донишкадаи филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Ҷилди сеюм. – Душанбе: Маориф. 1999. - 448 с.
3. Зеҳнӣ Т. Санъати сухан. – Душанбе: Ирфон. 1978. – 328 с.
4. Лоҳутӣ А. Куллиёт. Иборат аз 6 ҷилд, ҷ.1. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон. 1960. – 254 с.
5. Лоҳутӣ А. Куллиёт. Иборат аз 6 ҷилд, ҷ.2– Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон. 1961. - 444 с.
6. Набавӣ А. Шоири содиқ ба суннатҳо // Адабиёт ва санъат. 2001.-29 июн.
7. Раҳимӣ М. Шеърҳои интихобкардашуда. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1940 – 192 с.
8. Раҳимӣ М. Сабоҳи сухан. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963. – 660с.
9. Раҳимӣ М. Ашъори мунтахаб. Иборат аз 3 ҷилд, ҷ.1. – Душанбе: Ирфон, 1978.- 272с.
10. Раҳимӣ М. Ашъори мунтахаб. Иборат аз 3 ҷилд, ҷ.2. – Душанбе: Ирфон, 1980 - 296с.
11. Раҳимӣ М. Ашъори мунтахаб. Иборат аз 3 ҷилд, ҷ.3. – Душанбе: Ирфон,1982.- 304 с.
12. Рӯдакӣ. Ашъор. – Душанбе: Адиб. 2007. – 416 с.
13. Фолклори тоҷик. Тартибдиҳандагон Турсунзода М., Болдырев А. Н. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон. 1957. – 454 с.
14. Ҳилолӣ, Бадриддин. Ғазалиёт. – Душанбе: Ирфон. 1970. - 252 с.
15. Шарифов Х., Тоиров У. Назмшиносӣ.- Душанбе: Ҳумо,2005.- 384 с.
16. Шерозӣ, Саъдӣ. Мунтахаби ғазалиёт.–Душанбе: Ирфон. 1977.– 448 с
17. Шерозӣ, Ҳофиз. Гулчини девони Ҳофиз. Мураттиб ва муаллифи муқаддима Мирзо Муллоаҳмад.- Душанбе: Деваштич. 2006. - 256с.
18. Шеърдӯст, Алиасғар. Чашмадози шеъри имрӯзи тоҷик. – Душанбе: Адиб. 1997. – 272 с.
19. Юсуфӣ Ҳ. Сатрҳои нотамом. Маҷмӯаи шеърҳо. – Душанбе: Адиб. 1987. – 336 с.

МУХАММЕДЖАН РАХИМИ И ТРАДИЦИЯ ГАЗЕЛИ

М. Рахими, продолжая традиции газели, заложенные такими мастерами художественного слова, как С.Айни, А.Лахути и творчески осмысливая пройденный ими путь, внес весомый вклад в дальнейшее развитие и совершенствование этого лирического жанра. Изучение и исследование газелей М.Рахими позволило автору этой статьи прийти к выводу, что развивая и совершенствуя, с одной стороны, содержательно-тематический диапазон газели, Рахими, с другой стороны, проявил новаторские подходы к обновлению композиционно-жанровых особенностей этого жанра. К тому же было выявлено, что данный жанр в творчестве М. Рахими является одним из приоритетных, к которому на протяжении всей своей творческой жизни поэт обращался постоянно, о чем свидетельствует его количественное превосходство.

Одной из важных особенностей газели М.Рахими является разнообразие употребляемых им средств художественного изображения, мелодичных стихотворных размеров, богатство и насыщенность рифмами, и редифами, и благозвучность слов и словосочетаний. Лирические газели М.Рахими пользуются широкой популярностью среди читателей и многие из них переложены на музыку известными таджикскими композиторами.

Ключевые слова: газель, традиция, новаторство, рифма, редиф, средства художественного изображения, тахаллус (псевдоним), искусство пролога и эпилога.

MUHAMMADJON RAHIMI AND THE TRADITION OF WRITING GHAZALS

Muhammadjon Rahimi as S. Ainy, A. Lohuty continuing the tradition of writing of writing ghazals in the Tajik Soviet literature and creatively giving a meaning at traversed path by then made his great contribution in impoving and develoing of this lyrical genre. He wrote a number of meaningful lyrical, Social and political ghazals. Careful studying and research of M. Rahimy's ghazals? The author came to conclusion that during40 years of his works the poet paid a special attention of this gehnre, on the one hand, improving, developing and enlarged its subject and table of contents, he wrote meaningful social and political ghazals on important themes of his time. On the other hand, he studied the possibilities of all view points of this genre, he also made some changes to its poetics.

The autor gives concrete gives concrete examples that M. Rahimy paid much attention in order to express pleasant subject and contents, figure of speec, to express effective of aim. He also paid attention in complete unity of form and comments of his ghazals in measure, rhume, order, art of prologue. M. Rahimy also widely used from moral and likening arts, metaphor, opposition, description, repetition, play on words (pun).

Key words: ghazals, tradition, innovation, rhyme, order, moral and likening arts, pseudonym (pen-name), art of prologue, art of epilogue.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***А. Худжамкулов*** - соискатель кафедры теории и новой персидско - таджикской литературы факультета таджикской филологии Таджикского национального университета.

МАВҚЕИ МАСНАВӢ ДАР ЭҶОДИЁТИ САЛИМИ ХАТЛОНӢ ДАР МИСОЛИ ДОСТОНИ «ШАҲБОЛ»

С. Қосимов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Анъанаи достоннависӣ дар адабиёти классикии форсу тоҷик басе бой ва густурда буда, пай дар пай ҳам аз нигоҳи жанр ва ҳам аз лиҳози мавзӯъ такмил ёфт ва дар адабиёти даврои нави тоҷик як қатор хусусиятҳои тозаро дар бар намуд. Адабиётшинос Х.Отахонова фарқи асосии достонҳои дар замони Шӯравӣ таълифгардидаро дар он медонад, ки: «Диққати муаллифони онҳоро, пеш аз ҳама, фаъолияти оммаи васеи халқ, халқе, ки ба тағйир додани дунё камар бастааст, дигар шудани маънавиёти он, ташаккули шуури сотсиалистӣ ба худ ҷалб мекунад. кӯшиши ба муҳимтарин воқеаҳои замон ҳамовоз шудан, моҳияти онҳоро ба идроки оммаи васеъ расонидан ба хусусияти сюжет ва конфликт бетаъсир намонд» [4,238].

Дар ҳақиқат достоннависӣ дар адабиёти даврои шӯравии тоҷик ривоҷи тоза гирифт ва аз устодон Айнӣ ва Лоҳутӣ сар карда, аксари шоирон, чун Пайрав Сулаймонӣ, Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Абдусалом Деҳотӣ, Боқӣ Раҳимзода, Суҳайлӣ Ҷавҳаризода, Аминҷон Шукӯҳӣ, Ғаффор Мирзо, Муъмин Қаноат, Гулрухсор достонҳои бисёри хурду калон эҷод намудаанд. Дар байни шоироне, ки эҷодиёти худро аз солҳои 60-уми асри ХХ ва баъд оғоз намудаанд, Муъмин Қаноат дар достонсароӣ ба муваффақияти бештаре соҳиб гардидааст, зеро ҳар кадоме аз достонҳои адиб (аз «Мавҷҳои Днепр»- 1964 то «Масъуднома» - 2006) ёздаҳ достон эҷод намудааст) маҳсули ҷустуҷӯ ва меҳнати зиёди эҷодӣ мебошанд. М. Қаноат оид ба интихоби вазни достони «Суруши Сталинград» чунин гуфтааст: «Дар натиҷаи ҷустуҷӯҳо дарёфтам, ки ҳар маънӣ ва мазмун, ҳар ҳодиса ва ҳолат зеру буми худро дорад, зарбу оҳанги худро дорад, лизо ҳар пора дар даруни достон метавонад ва бояд вазни худро дошта бошад… «Арӯзи нав»-ро аввал дар чанд шеъри худ озмудам ва дидам, ки писанд афтод, баъд ҳамин усулро дар «Суруши Сталинград» ба кор бурдам» [5, 237].

Ин аст, ки аксари шоирони достонсарои даврони истиқлол аз достонҳои устод пайгирӣ намудаанд. Салими Хатлонӣ низ аз қабили он шоироне мебошад, ки ин иқдомро бо пайгирӣ аз устод Муъмин Қаноат оҳиста-оҳиста дар истеъдоди хеш камол бахшидааст. Дар ҳар як маҷмӯаи тозаэҷодаш кӯшиш ба харҷ медиҳад, то порча аз достонеро вориди он созад ва эҷодиёти худро бо рангу ғановати маънавӣ пешкаши ташнагони каломи бадеъ гардонад. Ҳангоми мутолиаи ашъори шоир ба назар мерасад, ки кӯшишҳои ӯ дар эҷоди ин навъи асари бадеӣ барабас нарафта,

балки тавонистаст шоирони дигари замонашро ба иншои ин жанри суннатии форсу тоҷик талқин созад.

Аввалин кӯшишҳои Салими Хатлонӣ дар роҳи офаридани асарҳои нисбатан калонҳаҷм эҷоди манзумаи «Пораи нон» мебошад, ки соли 1984 эҷод гардида, баъди 10 сол ба табъ расидааст. Шоир ин асарро манзума гуфтааст, шояд барои он бошад, ки дар он як масъала – қадру қимати нон дар зиндагӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, он тавассути инъикоси вазъи нофарҷоми образи Гулнораи ғамдида ҳаллу фасл мегардад. Ба гуфти профессор Х.Мирзозода, «манзума – ҳар асаре, ки бо назм навишта шуда бошад. Асарҳои начандон калони манзумро, ки дорои сужети нестанд, низ манзума меноманд» [2,61].

Ба ҳар ҳол шоири нисбат ба кори эҷодӣ серталаб дар ин андешаи дуруст буд, асари «Пораи нон» аз ҷиҳати мавзӯъ ва муҳтаво ба дараҷаи достон нарасидааст. Асари «Пораи нон» дар шакли маснавӣ (аа,бб,вв…) ва дар баҳри рамали мусаддаси маҳзуф ё мақсур (фоилотун, фоилотун, фоилун ё фоилон эҷод гардида, ба як лаҳзаи басо ҳузнангези мардуми кӯҳистони тоҷик – солҳои гуруснагӣ бахшида шудааст.

Солҳои 80-уми садаи ХХ дар Иттиҳоди Шӯравӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон ахлоқи ҷомеа яке аз масъалаҳои доғи рӯз буд. Махсусан ҷавонон, ки душвориҳои зиндагии айёми гуруснагӣ ва ҷанги Олмонро аз сар нагузаронида буданд, ба қадри серию пурӣ намерасиданд. Салим образи Гулнораро, ки аз гуруснагӣ ду ҷигарбандашро аз даст медиҳад, басо пурсӯзу гудоз офарида, асарро чунин ҷамъбаст мекунад:

Ба аламҳо модари озурдаҷон,
Бо хаёли гушнагии кӯдакон…
Донаҳо пошид бо армони дил,
Донаҳо корид бо фармони дил.
То ба рӯи даҳр дигар кӯдакон,
Хӯрда заҳри ғам, нагӯянд: «Оча, нон!»
То бидонад мардуми дунё ба ҷон,
Қадри нону қадри нону қадри нон! (5,97)

Достони «Шоҳбол» низ дар вазну қолаб, мавзӯъ ва тасвирҳои достони суннатии классикӣ эҷод гардидааст. Ин ҳолатро, алалхусус, аз оғози достон, ки ситоиши Худовандро фаро гирифтаааст, баръало эҳсос кардан мумкин аст. Васфу мадҳу ситоиши Худованд, ки офаридгори олам ва ҷонбахши инсоният аст, муваффақона ба тасвир омадааст:

Худованди роду ҷаҳонофарин,
Фурӯзонфари маснади рою дин.
Атокардаи хилқати хосу ом,
Сафобахши нерӯи ҳарфу калом! (5,416)

Оғоз шудани достон бо чунин суханони озоду зикр аз Парвадигори оламиён худ нишони он аст, ки асар дорои таълимоти ҳам ахлоқиву маърифатӣ ва ҳам таҷассумгари дирӯзу имрӯзу фардои одам ва бақои олам мебошад. Дар оғози достон шоир тамоми ҳастии олам, таваллуди беҳтарин холиқи инсон, олами дарандагону парандагон, замину осмон, офтобу моҳ, умуман ҳама ҷузъиёти мавҷуди дунёро аз Худованд пойдор дидааст, ки ин сабки тасвир бештар хоси адабиёти классикӣ ва адибони орифмашраби аҳди сабки хуросонӣ мебошад:

Сурӯш аз ту ҷӯянд пайғамбарон,
Зи ту хулқи Одам, ту ҳам бар он.
Баландахтари авҷ, гардуннавард,
Бақо аз ту дорад, бақо гарму сард.
Набудӣ агар офтоби саҳар,
Набудӣ ҳаме зиндагиро самар… (5,416)

Профессор Х.Шарифов эҳёи равиши мазҳабии шоири тоҷикро аз шарофати истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дониста, менависад: «Пас аз суқути якатозии мафкураи коммунистӣ ва ривоҷи озодандешӣ дар шеъру адаби тоҷик равиши мазҳабӣ ба ҷараёни эҳё ва таҷаддуд рӯй оварда… Имрӯз аз ҷумлаи ҷавонон як гурӯҳи шоирон тарбият ёфтаанд, ки шеъри мазҳабии огоҳона ва бо риояти қонунҳои ҳунарии суханварӣ мегӯянд» [6,88].

Дар эҷоди достони мазкур тамоми қоидаҳои мансуб ба ин навъи ҳамосаро, аз қабили вазн, қофия, банду баст, шакл, умуман ҳама он хусусиятҳоеро, ки мутобиқи матлаб ва хоси бадеияти ин навъи адабӣ мебошад, риоя намудааст.

Дар шакли маснавӣ ва дар баҳри мутақориб (фаӯлун, фаӯлун, фаӯлун, фаал ё фаӯл) эҷод гардидани «Шаҳбол» низ гувоҳи дорои рӯҳияи миллӣ ва ҷанбаи ҳамосавии достон мебошад, зеро ба гуфти адабиётшиноси тоҷик Р.Мусулмониён «ҳам донишмандони сершумори асримиёнагӣ ва ҳам шарқшиносони аврупоӣ (чунончи, Ремпис, Ян Рипка) боварии куллӣ доранд, ки маснавӣ ба адабиёти асрҳои миёна аз адабиёти давраи қадим омадааст, яъне он шакли шеърии хоссаи тоҷику форс мебошад» (3,169). Мавзӯи марказии достон Ватан ва ватандорӣ мебошад:

Фароҳам шавад аз чунону чунин,
Яке достон, ояти доду кин.
На аз ҷумла шоҳони шавкаттабор,
Зи мардони меҳан, ба фарҳангу ор.
Зи кундовароне, ки ори Ватан,
Гирифтанд бар эътибори Ватан (5).

Шаҳбол паҳлавоне аз парвардагони халқ буд, ки ҳангоми истилои арабҳо дар ҳудуди Осиёи Миёна ва ниҳоят дар хоки Хатлонзамин мардумро ба мубориза хезонда, худ бошад дар ҳама набардҳо дар сафи пеш, ҳамчун намунаи «размафзор» бо иродаи қавӣ истодагарӣ намуда, паҳлавонони арабро ба муҳорибаи танбатан даъват мекард. Шоир чунин рамзи нотакрорро ба риштаи назм кашида, бо шукргузорӣ аз абармардоне, чун шоҳони қадимаи ин сарзамин ба монанди Фирӯзшоҳу Хушнавоз ва Ғотифару Шоҳимардон ёдоварӣ мекунад ва мегӯяд:

Яке қисса дар қисса хоҳам фузуд,
Ба номи намояндаи ҳасту буд.
Зи мардони парвардаи рӯзгор,
Зи номоварони табору диёр.
Ҳам аз ҳиммати марди огаҳназар,
Зи фархундаи давр, равшанбасар.
Зи Шаҳболу аз хилқати роди ӯ
Зи пайванди авлоду бунлоди ӯ (5, 422).

Дар диёри Хатлонзамин, қаламрави Хулбук, ки яке аз шаҳрҳои қадимаи ин сарзамин мебошад, Шаҳбол бо ҷамъи родмардони далеру ватандӯст зиндагӣ менамуданд, ки овозаи далерию паҳлавонии ӯ ба мулки Арабу Руму Мисру Чин расида буд. Ин тасвир ба чунин тарз саҳфаорои достон гардидааст:

Ҳамон шӯҳраи шаҳру офоқ буд,
Ки бар диданаш халқ муштоқ буд.
Зи марде, ки бо номаи безавол,
Будӣ маснадаш Ҳулбаку Тахти Зол,
Зи овозааш хаста Руму Араб,
Ҳам аз ҳайбаташ турк андар аҷаб! (5,422)

Баъди ситоиши Шаҳбол достон бо қиссаи ҳуҷуми лашкари аъроб давом меёбад, ки шабе ғофилниҳон аз оби Омӯй убур намуда, ба хоки Фархор шабохун мезанад ва аҳолии муқими ин хиттаро аз қабили зану мард ва кӯдаку пирони барҷомонда, умуман, ҳар касе ки пеш мебаромад, аз дами ханҷару тири пайкон мегузаронданд. Асиронро ба банди ҷафо кашида, дороии мардум ва ҳар каси ба банду дом овардаро ғанимат мебурданд:

Зи Омӯй бигзашт заврақкашон,
Рабуда зи Фархор бас маҳвашон.
Ба ҳар сӯи майдон гурезогурез,
Зи хашми аҷал, ваҳшати теғи тез.
Ба хун мекашид ҷумлаи халқро,
Бадал менамуд бар кафан далқро (5, 423).

Вақте ки Шаҳбол аз ҷангҷо (майдони набард) бори нахуст ғолиб баргашт, халқ ӯро ба маснад менишонанд ва дар амри ин вазъ шоир менигорад, ки қаҳрамон баробари ба тахт нишастан, ба сипаҳсолори аҷнабӣ нома мефиристад ва дар он

сарлашкари арабро ба муросо даъват намуда, қайд мекунад, ки аз бечорагон рехтани хуни ноҳақ касро ба сазои Парвардигор мувоҷеҳ мегардонад:

Ба ҳар сатр тадбири сулҳ офарид,
Ки аз сулҳ осоиш ояд падид.
Ба ранги сиёҳу ба ҳарфи дурушт,
Набишту сари нома кард мушт (5, 429).

Нигорандаи ин нома ҳушдор медиҳад, ки «Аз он чӣ Парвардигори олам манъ кардааст, сар печидан нашояд ва пеш аз оне ки ба ин кор даст мезанед, андеша намоед, ки ба хуни ноҳақ резондан ҷазои Ҳақ муайян шудааст». Дар нома таъбири сулҳ меорад, аммо номарасоне, ки аз фиристодагони ӯст, симои диловарест, ки мебояд ба хотири ин осоиш иқдом намояд. Мақсади асосии нигоштани ин нома тасвири бадеии офаридани сулҳ буда дар он бо таъкид исрор менамояд:

Нахуст он, ки андешаи сулҳ кун!
На аз ҷаҳл ҷӯ, пешаи сулҳ кун!
Зи бечорагон хуни ноҳақ марез!
Ситеза чу бар кас физояд ситез! (5,430)

Тасвири бадеӣ чунин сурат гирифтааст, ки Шаҳбол номаро ба лашкаргоҳи араб мефиристад, вале сарлашкари араб ба ин нома назари нек зоҳир намекунад:

Наафрӯхт не чашми гавҳаршинос,
На бар гӯш пазируфт ҳарфи сипос.
На бар нома овард чашми нигоҳ,
На аз сулҳ медод майлаш гувоҳ…(5,431)

Дар ин маврид шоир масъулияти ровӣ буданро низ ба зима дорад, ки воқеаи аз сулҳ сарпечӣ кардани сарлашкари араб батафсил нақл мекунад, аммо муроди ӯ таъкиди ҷаҳли сарлашкари араби таҷовузкор аст, ки ҷангро аз сулҳ авлотар медонад:

Чу бар сулҳ андеша додаш диранг,
Биафсурд ин номаро, гуфт «Ҷанг» (5).

Манзараи дигари тасвир интихоби саманд аз ҷониби Шаҳбол аст, ки ба тасвири ба даст овардани Рустам аспро дар «Шоҳнома» ба ёд меорад. «Рахши Рустам дар ин бузургкитоб («Шоҳнома» – Қ.С.), - менависанд Ҳ.Муродиён ва Х.Қурбонзода, – тарзе тасвир шудааст, ки гумон мекунед, пеши назари ҳакими тӯсӣ як ҷононаи ҷон ё қудрату имон истодааст ва ӯ наметавонад риштаи суханро аз тасвири асп кашида, ба мавзӯи дигар бигзарад»

Тасвири саманди Шаҳбол низ басе ҷолиб ва хотирмон аст:

Ду чашмаш ду зарина, гулгуна ёл,
Шукӯҳи хиромаш ҳама безавол.
Барии гарданаш ёли овехта,
Нигаҳ зираку пову сумм рехта.
Чу мӯ дар хати шона ороста дум,
Чи хоро ба хоро ҳамхӯрд сумм (5,433)

Саманд дар тасвири Салим моҳияти рамзӣ низ дорад ва манзури шоир бешак сурату симои аспҳои машҳури ба зот хатлӣ мебошад ва ин тасвир дар адабиёти классикии тоҷик хело зиёд ба мушоҳида мерасад. Агар Шаҳбол аз як тараф сувари далериву шуҷоат бошад, аз нигоҳи дигар тасвири симои як нафар шахсияти таърихӣ ба шумор меравад, ки мутобиқи сарчашмаҳо барои осоишу амният як гӯшаи диёри ориёӣ мубориза бурда, шӯҳрати мардуми адолатҷӯ ва роду сарбаландро ҳифз намудааст. Дар ҳар маврид даъвати Шаҳбол ҳамеша ба хотири ҷиҳод ба сӯи ростиву адолат нигаронида шудааст, чунон ки мегӯяд дар ин моваро манзур танҳо ҳифозати Ватан ва муқаддасоти он мебошад:

Чу овард аз номаи иттиҳод,
Садо кард бо даъвати Ҳақ: «Ҷиҳод!»
Зи пои адӯ пок бояд Ватан,
Адӯро сар аз пой бояд задан.
Ба ҳаққи ҷалоли Ватан, саф ба пеш!
Ба пайкору хун мард бояд ҳамеш! (5,445)

Шаҳбол дар саросари асар нишонаи далерӣ ва рамзи ғолибияту некӯкорӣ буда, ҳамеша ороияи саҳни майдон ва шоистаи васф аст. Ин мард, вақте ки Ватан дар хатар аст, ғайр аз ҳимояи он дигар шуғл ва андешае надорад ва барои дар байни мардум парвариш додани эҳсосоти бадбинӣ ва кинаву адоват ба аҷнабиёни истилогар аз қувваи сухани муассир низ истифода мекунад ва мардум низ ӯро чун пешво ва ҳидоятгар парастиш мекунанд:

Чу омад сарафроз Шаҳболи род,
Ба номи Ватан гуфта буд ин ҷиҳод.
Ба сарвақти майдон биёрост ҷамъ,
Ба он ҷамъ худ нури маҳфил чу шамъ.
Сухан аз ватан гуфт в-аз сирри мард,
Зи пайкору асрори рӯзи набард (5,448).

Аз таърих маълум аст, ки муборизаи хатлониён ба муқобили урдуи истилогари аъроб бо сардории лашкаркаши ҷаррору хуношом Асад ибни Абдуллоҳ соли 725 сурат гирифтааст ва шикаст додани лашкаре, ки дар натиҷаи тасарруфи ғорати пай дар пай хеле пурқувват гардида буд, ниҳоят мушкил буд. Бо вуҷуди ин, эҳсоси баланди ватанхоҳӣ, муттафиқии аҳолӣ ва хирадмандию чорагарии роҳбарону саркардагони Хатлонзамин боис гардид, ки ба лашкари душман зарбаи корӣ зананд. Ба гуфти аллома Бобоҷон Ғафуров: «Арабҳо дар муҳорибаи Хатлон чунон сахт шикаст хӯрда буданд, ки дар муддати бештар аз даҳ сол ишғол кардани онро ҳатто дар гӯшаи хотир ҳам намеовардand».

Салими Хатлонӣ барои дар либоси бадеӣ ба таври боварибахш нишон додани ин ҳақиқати воқеӣ образи Шаҳболро дар муносибату ҳамкорӣ ба ёрону ёваронаш офаридааст. Аз ин ҷиҳат, тасвири марди ҷавлахӣ ҷолиб аст. Ба Шаҳбол лозим меояд, ки чӣ миқдору дар кадом ҳолат будани омодагии ҷанги лашкари арабро фаҳмад ва аз ин рӯ ба вай ҷосуси фидоӣ лозим меояд. Ҳангоми машварат раият ба Шаҳбол пешниҳод намуданд, ки айёрмарди ҷавлахие, ки ҳама фарзанду оилааш аз тарафи душман ба қатл расонида шудааст, омода аст, то ин амалро ба ҷо биёрад. Шаҳбол ин далермардро нахуст меозмояд ва дар ниҳоди ӯ ҳисси мардӣ, ҷасорату тавонмандии халқи ватандӯсти Хатлони бостонро дида, ба гуфтаҳои ҷавлахӣ эътимод ҳосил мекунад.

Раво диду пазируфт амри ситод,
Писандид аз ҳарфи Шаҳболи род.
Бад-ин хок зодам зи модар ба пок,
Бад-ин хок хобам ба рӯзе, чӣ бок?... (5,4480)

Касди ҷосус шабу рӯз роҳ паймудан, ба лашкаргоҳи арабҳо расидан ва ҳиллаи аз роҳ боздоштани адӯи халқ буд.

Ниҳоят ҷавлахӣ ба лашкаргоҳ наздик шуд ва ба хулосае омад, ки панҷаҳо ва гӯшҳои худро бурад. Ӯ ин корро аз рӯи ҷавонмардӣ ва шуҷоат анҷом дода, сари роҳи лашкари араб бо зориву нола нишаст ва оқибат ба орзуи худ комгорӣ ёфт. Чу лашкари араб ӯро ба ин ҳол диданд, фиреб хӯрда, дунболи ӯ ба доми бало мубтало гардиданд.

Шоир бо ривоятпардозӣ ба қиссаи хеш тақвият мебахшад ва бо комгорӣ аз ин ҳиллаи ҷавлахӣ Шаҳбол лашкари арабро ба дом меандозад ва онҳоро асир гирифта, дар ин ҷанг ғолиб мегардад. Ин лаҳза моҳияти асосии тавсифи эҷодкорро равшантар менамояд. Тасвири симои ҷавлахӣ боз як симои ҳамосии достонро ба хонанда ошно мегардонад, ки ин шаҳодати ифтихори мардуми тоҷик аз родмардони арсаи набард мебошад.

Дигар симоҳои барҷастае, ки образи Шаҳболро тақвият медиҳад, бо номи Шаҳром дар ин достон ёд мегардад, ки ҳамчунон намунаи ҷасорату матонат ва ватанхоҳиву мамлакатдорӣ мебошад:

Зи Хатлониён, он яке номдор,
Ҷавоневу варзидаи корзор.
Будаш ном Шаҳрому бозӯ матин,
Ки шоистаи аҳсану офарин.

Шаҳром рамзи ҷавонони ғаюру далер буда, вале камтаҷрибаву зудбовар мебошад. Ӯ дар набард мисли шери жаён ва уқоби тезчангол аст, ки аз зарби гурзаш

нолаи адӯ ба ҳафт осмон асар намуда, ҷаҳон дар нигоҳаш тира мешавад. Чун душман аз набарди рӯ ба рӯ шикаст мехӯрад, ҳилларо пеша мекунад ва дар роҳи омади Шаҳром чоҳ меканад. Паҳлавон аз ҳиллаи шабонаи душман бехабар ҳангоми саҳар, вақти ба набардгоҳ омадан бо аспаш ба чоҳи жарф фурӯ меравад ва аз зинда ба дасти душман афтодан маргро авло дониста, синаашро теғ мезанад.

Марги Шаҳроми гурзафкан далерони ватан бо сарварии Шаҳболро водор мекунад, ки онҳо боиттифоқ барои ҳар вақаб хоки Ватан ҷонбозӣ намоянд. Мундариҷаи достонро савганди дар сари қабри Шаҳром ёд кардаи Шаҳбол тақвият медиҳад:

«Бубояст дар роҳи ҳақ сар ниҳод,
Ҳақиқат бабор оварад Иттиҳод.
Бубояд гузаштан зи худ бедареғ,
Ба поси Ватан аз сари дору теғ.
Қасам ба равони ту, эй марди род,
Қасам бар тавони ту, эй марди род.
Ки то ҷон бувад, ҷон ба қурбони ту,
Қи қурбони сад мо шуд ин ҷони ту.
Ба поси Ватан ҷоннисор омадӣ,
Бубояд, ҳарфи рӯзи ниқор омадӣ» (5,467-468).

Баъд аз ин ҳама ҷангҳо ва ғолибияту мағлубиятҳои тарафайн дар ниҳоят мардуми сарзамини Хатлон бо сарварии Шаҳболшоҳ дар ин муборизаҳо пирӯзӣ меёбанд ва дар ин мулки бостонӣ муваққат ҳам бошад, даври амну осоишро истиқбол менамоянд. Шоир меафзояд, ки ин сулҳи бадастоварда аз матонати родмардону далерон буд:

Басе ҷанг бигзашту омад навид,
Зи паймони сулҳу зи пайғоми ид.
Басе шӯр бигзашту бас изтироб,
Бадал шуд ба шодӣ басе аз азоб.
Садо дод дар хитта табли зафар,
Басе халқ осуда шуд аз хатар! (5,495)

Нависандаи маъруф Абдулҳамиди Самад дар сарсухани китоби «Шаҳбол» овардааст, ки: «Шоири ҳунарманд Салими Хатлонӣ дар достони нави худ «Шаҳбол» кору пайкори шоҳ Сабали номвар ва ҷасорату диловарии хатлониёнро дар набардҳои мудҳиши зидди аъроби бераҳму тороҷгар, ҳамчунин дар ин замина хиёнат, нобакорӣ, шӯҳратхоҳӣ, ҳасудию саҳлангории соҳибқудратони он даврaро ба риштаи тасвир кашидааст» [5,4].

Дар ҳақиқат дар боби «Набахшад бори хиёнат касон» шахсе тасвир шудааст, ки боиси манфиат шуда, роҳи хиёнатро пеша мекунад ва адӯро ниҳонӣ раҳнамоӣ карда, сӯи лашкар панаҳ мебарад ва, хушбахтона, ба мақсад нарасида, худ ҷон аз даст медиҳад. Бояд гуфт, ки хиёнаткорӣ падидаи номатлубест, ки аксаран ҳангоми ҳуҷуми аҷнабиён рух медиҳад ва боиси бар бод рафтани талошҳои ватанхоҳонаи мардони шуҷоъ мегардад, ки ин ҳолатро, масалан, устод Айнӣ низ дар асари «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» мавриди тасвир қарор додааст. Темурмалик ва ҳамроҳонаш баҳри муҳофизати шаҳри Хуҷанд то ҷон дар рамақ доранд, меҷанганд, вале як гурӯҳи манфиатпараст ба душман созиш карда, шаҳрро пешкаш менамоянд: «Дар натиҷа ин гурӯҳи ватанфурӯш бе он ки ба аҳолии шаҳр хабар диҳанд, вакилони худро бо пешкашҳои лоиқ ба пеши сарлашкари муғул фиристода, дарвозаҳоро ба рӯи чингизиён бо дасти худ кушоданд» [5,186].

Оқибати ҳама ин ҷангу ҷидолҳо ва ниҳояти амну осоиш, ки ба базми арӯсии Шаҳбол ва ҷашнгирии иди фаррухпайи Наврӯз мақтаъ меёбад, сайқалгари достон буда, тасвири зебоеро ба бор овардааст. Аз ҳама гӯшаҳои диёр мардум ба муборакбод меомаданд:

Садои «Муборак! Муборак!» расид,
Зи Кӯлобу Фархору Норак расид.
Зи Ғарму зи Рӯшону Шуғнон расид,
Зи ҳар деҳу шаҳри Хуросон расид.
Ба Ҳулбак расиданд хуррам ба ҳол,

Шукӯҳандаҳиммат ба базми висол (5, 460).

Дар достон тасвири чеҳраҳо ва манзараҳои гуногуне болои кор омадаанд, ки аз ҳар ҷиҳат шоистаи таҳсин мебошанд. Ба амре, ки тасвири «девона», «саг» ва истиқболи ҷашнҳои мардумӣ, чунон ки афзудем, монанди Сада ва Наврӯз хеле ҷолиб ва хонандабоб расидаанд.

Яке аз мавзӯъҳои марказии достонро образи «девона» ташкил додааст, ки дар ҳама вазъ ифодагари тадбир ва андешаи одам ба салоҳияти кор мебошад ва таъбирҳоеро, ки пешомадҳои ҳаводисро бар ҳаёти инсон ба бор меоранд, шарҳ додан мехоҳад. Ба маънии дигар, шарҳи ҳоли девона тасвири манзараи зиндагии одам аст, ки сурати ҳастиро таҷассум менамояд. Ин манзара ҳама ҳолати саргузашти ӯро дар шакли бо саг зиндагӣ кардан, ки рамзи вафодорист, инъикос сохтааст. Ӯ бо хулқи ҳамҷинсони худ наметавонад созиш намояд ва хулқи хешро намунаи омӯзиш ва ибрати халқ медонад:

Маҷӯ сӯрати ман бад-ин жандадалқ
Бувад хулқи ман ибратомӯзи халқ (5,459).

Дар мавриди ҳамин манзари тасаввур аст, ки девона аз диди шоир инъикоси бадеӣ меёбад ва дар асар ба кирдори «фалаки бадхӯ» меситезад, ки шояд ҳоли ӯ, бо он ки девона аст, офарандаи раҳму шафқат бар ақлу ҳуши одамият гардад ва бар эътибори инсон афзояд:

Фалак! Эй фалак! Не, ки ту доварӣ,
Тамошогаҳ инат! Тамошогарӣ!
Маро меситезиву дорӣ назар,
Ки чун мерасад аз манат шӯру шар…
Зи афъоли ман фоли ман нест ин,
Ки додӣ маро бозии ақл… бин!
Ба ин бозӣ маймуни нозам туро,
Ту хушҳолу ман менавозам туро,
Ту механдӣ бар ҳоли ҳайрони ман,
Ҳамин мерасад бар ту аз ҷони ман (5,460).

Шоир бо моҳирона ифода намудани ифода ва ибораҳои шифоҳӣ, ҳусни сароҳати сухани хешро меафзояд ва чунон ки дар қиссаи ин девона мегӯяд, ба гӯш хеле фораму гуворо мерасад:

Агар гуфтаи халқ бошад гувост,
Ки девона дар даҳр ёри Худост.
Ба девона кирдор бахшиданист,
Набахшанд бар оқилон, к-ин данист.
Ки девона аз ақл бошад ба дур,
Диле оқилонро бубояд сабур (5,442).

Вале девона дар сару савдо ва сурати ҳоли худ бо он назару манзаре, ки тасвири достон дорад, ҳоли фароғату фараҳ намеҷӯяд ва ҳамзамон ҳолати мавҷуди рӯҳониву ҷисмонии ӯ ба ақали мурувватпеша созгор меафтад.

Салими Хатлонӣ дар мавриди офариниши чунин тасвирҳо хеле мумтоз аст, ки рамзу бадеияти хоса осори ӯро бисёр ҷаззобу дилнишин гардонидааст. Дар тасвири симои девона чунин мегӯяд:

Набурда фараҳ мӯяш аз теғ гоҳ,
Ба по нохунаш сӯда аз санги роҳ.
Сафедии рӯяш зи чиркӣ сиёҳ,
Шакарчасп мӯяш чу ширингиёҳ,
Фурӯ рафта то сина риш аз манаҳ,
Патакзарди тосида, намхӯрда каҳ.
Кафида кафи ҳарду по то буҷул,
Чу бар чеҳри кас нақши теғи муғул (5,503).

Дар достони «Шаҳбол» тасвири русуму оинҳои мардуми тоҷик хеле моҳирона ба қалам дода шудаанд. Барои мисол метавон лаҳзаи ҷашни домодию арусии қаҳрамони асарро мавриди баҳрабардорӣ қарор дод, ки бадеияти ин лаҳзаи тасвир ба дили хонанда ба зудӣ роҳ меёбад:

Садо кард: «Инак ду тан дода дил.

Биёвар далели муҳаббат, вакил!
Биёвард дар косае он вакил
Сафеде чу ширу зи оташ далел!
Сафедӣ ҳамон дошт, дар коса шир.
Ба боло – ш нону далели мунир.
Биёварду пайваст пири меҳон,
Ду танро ба ҳукми шаҳодат ба ҷон (5).

Дар ин маврид аст, ки Шаҳбол аз Наврӯз амри дидан мекунад, дар асл тасвири ҷашнҳои мардумӣ чу Наврӯзу Меҳргон мақоми хосе доранд. Чунон ки шоир меафзояд:

Садо кард чун наъраи карраной,
Ниҳоданд мардум сари дашт пой.
Бад-ин ҳафт манзар, бад-ин ҳафт ташт,
Чу шуд ҳафт гулхан фурӯзон ба дашт…
Фиганданд пас ҷомаи Меҳргон,
Зи Наврӯз карда ба бар парниён,
Ҳама чеҳра тобон, ба майдон шуданд,
Ба Наврӯз чун майса навгон шуданд.
Ба Наврӯзи пирӯзи Соми ялон,
Ба Наврӯзи Кайхусрави Ориён.
Намуданд ҳар гӯша испанд дуд,
Рабуданд ранҷи зиён аз вуҷуд.
Кулолону оҳангару заргарон,
Ниҳоданд аз ганҷи худ дар миён (5,499).

Баъди ба мурод расидан дар мулк боз паёпай ҷашнҳо фаро расиданд, ки онро мардуми ориётабор муҳтарам дошта, аз кӯшишу заҳмати Шаҳбол дар ин амр шукргузорӣ мекунанд ва ӯро ба ҷашни Наврӯз даъват менамоянд:

Чу Шаҳбол аз базми Наврӯз дид,
Ҷаҳонро ба ҷон пандомӯз дид.

Ба ҳамин маънӣ достони «Шаҳбол» моломоли образҳо ва ифодаҳои гуногуни адабӣ буда, шоирро дар иншои асар муваффақ ва комгор гардондааст. Шоир дар хотима басо ҳунармандона мундариҷаи достонро ба замони Тоҷикистони соҳибистиқлол пайванд медиҳад ва роҳи расидан ба бахту саодати ҷомеаро, чихеле ки дар замони Шаҳбол буд, дар иттиҳоди миллӣ медонад.

А Д А Б И Ё Т

1. Зеҳнӣ Турақул. Санъати сухан. -Душанбе: Маориф, 1992.-328с.
2. Мирзозода Х. Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ. Душанбе: Маориф,1990.- 269с.
3. Мусулмонқулов Р. Назарияи адабиёт. -Душанбе: Маориф, 1990.- 334с.
4. Отахонова Х. Таҳаввули Жанри достон дар назми муосири тоҷик. -Душанбе: Дониш,1983.-277с.
5. Салими Хаилонӣ. Мунтахаби ашъор. -Ҷ.1. –Душанбе:Эҷод-2005, 416с.
6. Шарифов Х. Савти ачам. Душанбе,2002.-208с.
7. Шарифов Х., Тоиров У.Назмшиносӣ.-Душанбе: Ҳумо, 2005.-384с.
8. Шеърдӯст, Алӣасғар. Чашмандози шеъри имрӯзи тоҷик.- Душанбе: Адиб, 1997.-272с.

МЕСТО МАСНАВИ В ТВОРЧЕСТВЕ САЛИМА ХАТЛОНИ НА ПРИМЕРЕ ПОЭМЫ «ШАХБОЛ»

В данной статье изучается поэма «Шахбол» поэта Салима Хатлони. В поэме «Шахбол» представлены события времен захвата арабами Средней Азии, то есть нынешнего Таджикистана. В статье дан сравнительный анализ исторических событий с реальной жизнью народа, а именно в пределах Хатлонской области.

Ключевые слова: Салим Хатлони, поэма «Шахбол», маснави, сравнительный анализ исторических событий, Хатлонская область.

PLACE MASNAVI IN CREATIVITY OF SALEM BY HATLONI ON THE POEM "SHAKHBOL" EXAMPLE

In the present paper epic poem “Shahbol” of the poet S.Khatloni is studied. At the poem presented facts of Central Asia’s capture by Arab people, i.e. territory of the present Tajikistan. Comparative analysis of history facts with real people life, notably within the Khatlon district are conducted.

Key words: Salim Khatloni, poem “Shahbol”, analysis of history facts, Khatlon district.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ*: С.С. Косимов* – соискатель Таджикского национального университета

ТАСВИРИ ШАХСИЯТИ КАЙХУСРАВ ДАР ОСОРИ ХАТТИИ ДАВРАИ ИСЛОМӢ

Рустам Наботов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Устураи Кайхусрав дар асарҳои ҳамосию таърихии давраи исломӣ низ хеле густаришу таҳаввул ёфт, зеро дар Мовароуннаҳру Хуросон ва Эрон аз охирҳои асри IX сар карда, ки оғози эҳёи тамаддуни форсизабонон маҳсуб мешавад, мувофиқи тақозои нави шароити таърихӣ ва бавижа вобаста ба ташкили давлати мутамаркази феодалӣ ва худогоҳии мардуми форсу тоҷик, тамоми ифтихороти тоисломии ин мардум аз ҷумла, асотиру нақлу ривоёти бостонӣ, аз тарафи бисёр таърихнигорон ва нависандагони осори ҳамосӣ ба ду забон – арабӣ ва форсӣ (дарӣ) мавриди таҳрир ва истифодаи васеъ қарор мегиранд. Дар қатори ҳамин гуна асотир ва нақлу ривоёти қадимӣ устураи Кайхусрав низ бори дигар бо ҷилоҳои гуногун ба риштаи таҳрир кашида мешавад. Вале ин устураи басо куҳан бо нақши муҳит ва идеалогияи давр дар шакли муфассалу мунтазам, аниқтараш дар шакли қиссаву достонҳо бо рангу бӯйу мухаёлоти тоза бозтобӣ мекунад. Ин ҷо пас савол пайдо мешавад; 1. Дар давраи исломӣ дар кадом асарҳои таърихӣ ва ба чӣ равише шахсияти Кайхусрав мунъакис шудааст ва таносуби онҳо бо достони «Кайхусрав»-и Фирдавсӣ чӣ гунаанд? 2. Интиқоли образи Кайхусрав дар асарҳои бадеии давраи исломӣ чӣ гуна дарҷ ва таҳаввулеро муртакиб шудааст?

Барои ҷавоб гуфтан ба ин суолот ва ҳалли онҳо мо он осореро, ки дар бораи шахсият ё подшоҳии вай маълумот медиҳанд, бо навбат, тибқи замони таълифи онҳо мавриди баррасӣ қарор медиҳем ва сари ҳар яке аз ин осор ба таври мушаххас мулоҳиза хоҳем ронд.

Аз таърихнигорони давраи исломӣ нахуст Абӯҳанифаи Диновариро (ваф. 895) мебинем, ки худ эронинажод аст ва дар асари ҷомеи ба асотир ва таърихи Эронзамин бахшидааш – «Ал-ахбор- ат-тивал» қиссаи Кайхусравро вобаста ба қазияи ба сари падару модараш – Сиёвуш ва Фарангис омада, нақл менамояд. Диноварӣ суханро дар бораи Кайхусрав аз лаҳзае оғоз мекунад, ки пас аз кушта шудани Сиёвуш, Афросиёб ба куштани зани ӯ, яъне духтари худаш Фарангис дастур медиҳад. Диноварӣ менависад: «Духтари подшоҳ ҳамсари Сиёвуш буд ва аз ӯ фарзанде дар шикам дошт. Подшоҳи турк хост шиками духтари худро бидарад ва ҷанинро ҳам аз миён бибарад, Бароён (Пирони Виса)[†††], ки вазири ӯ буд савгандаш дод, ки духтару фарзандашро накушад, ки муртакиби ҷурме нашудаанд. Шоҳ бо ӯ гуфт, духтарро пеши худ нигаҳ дор ва чун фарзандашро зоид, фарзандро бикуш. Духтар дар хонаи вазир буд ва писарбачае зоид, ки ҳамон Кайхусрав аст, ки пас аз Кайковус подшоҳ шуд. Вазир писаракро пас аз зоидашуданаш аз шаҳр берун бурд ва барои ӯ дар пардаҳои кӯҳнишин доя гирифт ва Кайхусрав назди онон рушд кард, вазир ба подшоҳи туркон гуфт, ки духтаре зоид, ки ӯро куштам ва шоҳ аз ӯ пазируфт» [6, 37].

Диноварӣ пас аз овардани суханони боло зери сарлавҳаи «Кайхусрав» чӣ гуна ба тахти подшоҳӣ такя задани Кайхсравро мухтасар қисса мекунад, ки аз дигар

[1] Ин исм дар дигар сарчашмаҳо дучор намешавад. Бино ба гузориши Табарӣ ин шахс Фирон ва Фирдавсӣ Пирон буда, сипаҳсолори Афросиёб аст, ки Кайхусраву модараш – Фарангисро аз марг наҷот медиҳад.

сарчашмаҳои давраи исломӣ куллан фарқ дорад ва он ба таври зайл аст: «Мардуми Форс ҳангоме ки Кайковус ситамгару саркашӣ ва ҷасорат нисбат ба Худоро ошкор сохт ӯро носитуда донистанд ва дар бораи халъи ӯ аз подшоҳӣ ройзанӣ карданд. Ва ин хабар ошкор шуд ва ба модари Кайхусрав расид ва дар он ҳангом Кайхусрав ҳафтсола буд, модараш фиристодае назди мардуми Форс фиристод ва хабари кушта шудани Сиёвуш ва достони Кайхусравро ба иттилои эшон расонид. Эрониён марде аз бузургон ва гузидагони худ бо номи Зав[‡‡‡] баргузиданд ва ӯро назди Бароёни (Пирон) вазир фиристоданд то писарро биоварад ва ӯ назди вай рафт ва ӯро огоҳ сохт, ки эрониён чӣ тасмим доранд. Рӯзҳо худро пинҳон месохт ва шабҳо ҳаракат мекард то канори Ҷайҳун, ки ҳамон рудхонаи Балх ба сӯи Хоразм аст, расид, ки бо аспи худ шинокунон аз он гузашт ва писарро бо худ овард ва ӯро ба пойтахт расонд. Кайковусро халъ карданд ва он писарро Кайхусрав номиданд ва бар тахт нишонданд ва фармонбардораш шуданд ва ӯ фармон дод падари бузургворашро зиндонӣ карданд ва то ҳангоми марг дар зиндон буд» [6, 38].

Чунон ки мушоҳида шуд, маълумоти зиндонӣ кардани Кайковус аз тарафи Кайхусрав пас аз ба тахти подшоҳӣ нишастан, танҳо дар ҳамин матни Диноварӣ вомехӯрад. Вале дар мавриди аз итоати Кайковус рафтани чандин кишвар ва аз боварии мардум берун шудани ӯ дар дигар маъхазҳои давраи исломӣ низ маълумот дарҷ аст.

Диноварӣ ҳамчунин подшоҳии Африқисро дар Яман ба давраи фармонравоии Кайхусрав дар Эронзамин медонад, ки пас аз Африқис писараш Завҷишон ба сари қудрат меояд ва ба лашкаркашии худ сарзаминҳои қавмҳои дигарро зери тасарруфи худ меоварад ва пас аз дармонда сохтани қавми Ҷаддис барои ҷанг ба муқобили Кайхусрав тасмим мегирад, ки Диноварӣ ин қазияро чунин шарҳ медиҳад: «Завҷишон ба ҷанги қабилаи Ҷаддис омад ва ононро дармонда сохт ва он гоҳ ба манзури ҷанг бо Кайхусрав оҳанги Ироқ кард. Кайхусрав ба муқобили ӯ омад ва ҷанг даргирифт ва Завҷишон кушта шуду сипоҳаш пароканда гардид» [6, 38-39-40-41].

Диноварӣ ҳатто бо ишора ба давраи подшоҳии Фанди Зав писари Завҷишон ва Довуд (а) дар Яман ҳам менависад, ки «дар он рӯзгор подшоҳи эрониён Кайхусрав писари Сиёвуш будааст» [6, 38-39-40-41].

Аммо дар нақли Диноварӣ чизи аз ҳама шигифтовар қиссаест доир ба анҷом пазируфтани подшоҳии Кайхусрав, ки ба он гуна дар ягон маъхази давраи исломӣ дарҷ нашудааст. Диноварӣ устураи Кайхусравро бо устураҳои бани Исроил омезиш дода, онҳоро якҷо ривоят мекунад ва ба қавли ӯ суқути салтанату марги Кайхусрав аз бими қудрати Салимон писари Довуд (а) будааст, ки айнан овардани матни мазкурро мо ин ҷо ҷоиз медонем. Диноварӣ менависад: «Дар оғози подшоҳии Балқис Довуд (а) даргузашт ва Салимон (писари Довуд а.) подшоҳӣ ва мамлакати ӯро ба ирс бурд ва ин умур ҳама ба рӯзгори ҳукумати Кайхусрав писари Сиёвуш буд. Ва чун Салимон подшоҳ шуд Кайхусрав бо хонадону ганҷинаҳои худ аз сарзамини Шом нахуст ба Ироқ ва сипас ба Хуросон кӯч баст ва дар Балх иқомат кард. Ва Кайхусрав худ қиблаи Балхро сохта буд. Салимон ҳам омад ва муқими Ироқ шуд. Ва чун хабари омадани Салимон ба Ироқ ва азамати подшоҳию қудрати ӯ ба иттилои Кайхусрав расид, сахт тарсид ва андӯҳгин шуд ва афсурдаву бемор шуд ва чизе нагузашт, ки даргузашт» [6, 43].

Пас аз Диноварӣ дувумин касе, ки дар бораи Кайхусрав маълумот додааст, Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ (839–923) мебошад. Ӯ дар асари маъруфаш «Таърих ар–русул ва–л–мулук» («Таърихи пайғамбарон ва подшоҳон») дар қатори бисёр асотир ва нақлу ривоёти қадимӣ достони Кайхусравро низ ба забони арабӣ ба риштаи таҳрир кашидааст. Бояд зикр намуд, ки манбаи асосии таълифоти Табарӣ дар бахши асотир, аз ҷумла устураи Кайхусрав ва таърихи шоҳони афсонавию таърихии Эронзамин, китоби «Худойнома» (тарҷумаи арабиаш), инчунин дигар осори паҳлавии ба арабӣ тарҷумашуда будаанд. Табарӣ қиссаи

[2] Дар матни Диноварӣ «Зав» ҳамон Гев писари Гударз аст, ки Табарӣ ӯро «Бай» ва Фирдавсӣ бо номи «Гев» зикр намудаанд.

Кайхуспавро аз аввал, яъне аз вақти зоида шудани ӯ то набардҳои хунини миёни Эрону Тӯрон, кушта шудани Афросиёб ва тарки подшоҳӣ кардани Кайхуспав дар ҳаҷми ёздаҳ саҳифа зикр намудааст. Азбаски ривояти Кайхуспав дар нақли ин муаррих тағйире дорад ин ҷо мо фарқи онро аз достони «Кайхуспав»-и «Шоҳнома»-и Фирдасӣ баён мекунем.

Бо вуҷуди оне ки дар бархе ҷойҳо ривоёти Табарӣ бо «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ монандӣ дорад, вале байни ривоёти Табарӣ ва «Шоҳнома» дар мавриди достони Кайхуспав ихтилофоте ба чашм мехӯранд, ки шояд сабабаш дар маъхазҳои мавриди истифодаи онҳо бошад. Зеро дар ривояти Табарӣ аз сохтакориҳои Кайхуспав бо маслиҳати Пирон дар назди Афросиёб барои кушта нашуданаш сухане нест. Ҳамчунин Табарӣ аз Ҳум ва нақши ӯ дар дастгирии Афросиёб чизе намегӯяд. Дар ин мавриД дар матни Табарӣ фақат омадааст, ки Афросиёб аз вилояте ба вилояти дигар гурехта то ба Озарбойҷон расид ва дар биркае маъруф ба чоҳи Хосиф (эҳтимолан тасҳиф jājast муарраби čēčast [23, 108]) пинҳон шуд [21, 431].

Ба ҷуз ин, дар мавриди номи паҳлавонон ҳам ривоёти Табарӣ аз дигар манбаъҳои давраи исломии марбут ба Кайхуспав фарқ мекунад. Масалан, Табарӣ Пирон сарҳанги Афросиёбро, ки Фарангисро ҳангоми обистан будан аз марг наҷот медиҳад «Фирон», модари Кайхуспав – Фарангисро «Висфофрид» (Фирдавсӣ «Фарангис» [24, 16], Саолабӣ «Касифрӣ» [19: 135] зикр кардаанд.) ва Гев писари Гударзро, ки пас аз ҷустуҷӯ ва ранҷи зиёд Кайхуспавро аз Тӯрон ба Эрон меорад, бо номи «Бай» ва Фарибурзро «Барзофра» ном мебарад [21, 422-423-425]. Агар номи «Кайшаросф» дар ривоёти Табарӣ, ба гунаи «Карсувин» дар Балъамӣ [3, 367] ва «Кайшувосб» дар гузориши Ибни Балхӣ [8: 47] тасҳиф аз номи «Гарсеваз» бошад, ривоёти Табарӣ дар бораи фарҷоми кори Гарсеваз низ мутафовит бо ривоёти «Шоҳнома» аст, ки бар асоси матни худи Табарӣ (ҳамчунин Балъамию Ибни Балхӣ) [3, 367; 8: 47] ҳангоме ки Кайхуспав Афросиёбро кушт «Кайшаросф» («Карсувин/Кайшувосб») ба сӯйи диёри туркон рафт ва бар мулки бародар тасаллут ёфт [10, 605-615; 21, 432].

Ҳамзаи Исфаҳонӣ (тав. 892) муаррихи дигари асри миёнагӣ дар «Торихи сунии мулукул-арз-вал-анбиё» Кайхуспавро ба манзилаи як пайғамбари мурсал муаррифӣ намуда, навиштааст: «Форсҳо чунин иддао доранд, ки Кайхуспав пайғамбар буд ва зикр кардаанд, ки пайғамбарии вай дар шаҳри Балх нозил шуд. Ва дар ахбори онҳо (Форсҳо) чунин омадааст, ки ба Кайхуспав хабар медаҳанд, ки дар миёни Исфаҳону Форс кӯҳи сурхе бо номи Кӯшид аст ва дар он ҷо аждаҳое ҳаст. Ва Кайхуспав ҷониби он кӯҳ рафта мардумро дар он ҷамъ кард ва худ ба домани кӯҳ рафта, аждаҳоро пайдо карда кушту дар як канори кӯҳ оташе афрӯхт, ки бо номи оташи Кӯшид машҳур аст» [9, 31-31].

Аммо муаррихи маъруф Абубакр Муҳаммад ибни Ҷаъфари Наршахӣ (899-959) дар «Таърихи Бухоро» (таълифаш 943-944) қиссаи Кайхуспавро хеле кӯтоҳ шарҳ медиҳад. Наршахӣ дар фасли «Зикри Бухоро ва ҷойҳое, ки музоф аст ба вай» аз чанд деҳаи қадимаи Бухоро ёд намуда, зимни зикри деҳаи Ромитан, ки аз ҷониби Афросиёб обод шудааст, вобаста ба моҷарои ба сари Сиёвуш омада аз тарафи Афросиёб навиштааст: «Сиёвушро писаре бо номи Кайхуспав буд, ки бо лашкари бузург ба талаби хуни падар ба ин вилоят (яъне Бухоро) омад. Афросиёб деҳи Ромитинро ҳисор кард ва Кайхуспав ду сол бо лашкари хеш бар гирди ҳисор биншаст. Ва дар муқобили ӯ деҳе бино кард ва онро Ромиш ном ниҳод (Ромиш барои хушии ӯ ном ниҳоданд), ки ҳанӯз ин деҳа ободон аст. Баъд аз ду сол Кайхуспав Афросиёбро дастгир кард ва кушт» [16, 44].

Дар идома Наршахӣ бино кардани оташгоҳеро дар деҳаи Ромиш аз ҷониби Кайхуспав зикр менамояд, ки «муғон чунин гӯянд, ки он оташхона қадимтар аз оташхонаҳои Бухорост» [16, 44]. Аз ин суханони Наршахӣ чунин бармеояд, ки устураи Кайхуспав дар миёни мардуми Бухоро чун дигар манотиқи Эрони бостон хеле пештар арзи вуҷуд карда будааст.

Қиссаву ривоёти мухтасари марбут ба Кайхуспав дар таълифоти Масъудӣ (ваф. 958) низ дарҷ шудаанд. Ӯ дар «Муруҷ аз-заҳаб» бархе воқеаҳои вобаста ба қиссаи Кайхуспавро ба ҳамон китоби «Сакисарон» ишора менамояд, ки ин воқеаҳо дар он ҷо муфассал баён шуда будаанд. Аммо Масъудӣ дар китоби худ аз Кайхуспав

бисёр сухан намегӯяд. Ӯ танҳо дар вақти обистан будани Фарангис, пас аз Кайковус ба Кайхусрав расидани подшоҳӣ ва бо сабаби фарзанд надоштани Кайхусрав ба Лӯҳросп супоридани салтанат аз ҷониби ӯ, ба шахсияти Кайхусрав ишора кардааст [12, 222]. Аз ин навиштори Масъудӣ маълумоти тоза марбути ривоёти Кайхусрав фарзанд надоштани ӯ аст, ки ин ишора ба ҷуз «Авасто» [7, 500-501] дар дигар осори хаттии пешазисломӣ ва давраи исломӣ ба чашм намехӯрад. Масъудӣ дар китоби дигараш «Ат-танбеҳ вал-ишроф» низ дар боби табақаи сеюми Эрон, ки Каёнин мебошанд, бо номи «азизон» ёд карда, подшоҳии Кайхусравро 60 сол муайян мекунад [13, 85].

Аммо ривоёти Саолибӣ (961–1038) вобаста ба достони Кайхусрав ба василаи «Ғурар ахбори мулук–ул–фурс ва сияруҳим» («Таърихи шоҳони Эрон ва шарҳи ҳоли онҳо», таълифаш байни солҳои 1018-1022) ёд шудааст, ки он тақрибан шабеҳ ба достони Кайхусрави «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ аст. Саолибӣ низ дар бораи Кайхусрав аз вақти зодан то охири подшоҳияш ба таври муфассал маълумот додааст [19, 140-158]. Аз ин маълумоти Саолибӣ пай бурдан мумкин аст, ки маъхази истифодаи ӯ адабиёти зиёди давраи паҳлавӣ, бахусус «Худойнома» будааст. Зеро чӣ тавре дар бола ишора шуд, маълумоте, ки Саолибӣ дар бораи Каёниён ва бавижа дар бораи Кайхусрав медиҳад, ба ривоёти «Шоҳнома» хеле наздик аст. Аммо ривоёти Саолибӣ бо фарқ аз гузориши Фирдавсӣ дар бораи Кайхусрав се нуктаи муҳим дорад. Нахуст ин ки дар ривоёти Саолибӣ мухолифати бузургони Эрон бавижа нӯзариён бо сарварии Тӯс барои таъйини ҷойнишини Ковус ва рафтани Кайхусрав ва Фарибурз ба Ардабил барои фатҳи дижи Баҳман ва исботи истиҳқоқи худ барои шаҳриёрии Эрон ишора нашудааст [19, 143-144-145]. Дуюм ин ки марбут ба Фурӯд – фарзанди Сиёвуш аз зани аввалаш Ҷарира ва кушта шудани вай аз ҷониби лашкари эрониён бо фармони сарҳанг Тӯс маълумот намедиҳад [19,140-158]. Сеюм ин ки дар фарҷоми кори Кайхусрав сухани Саолибӣ ба матни «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ мухолиф аст. Саолибӣ фақат овардааст, ки Кайхусрав пас аз он ки Лӯҳроспро ҷойнишини худ кард, бо фармондеҳону вижагон падруд гуфта, саргардон ба роҳ афтоду гирди ҷаҳон гардид ва аз он пас дигар касе аз ӯ нишоне наёфт [19, 153-155].

Аммо чизи муҳиме, ки дар маълумоти Саолибӣ марбут ба шахсияти Кайхусрав ба чашм мехӯрад ва он ба ҷуз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар дигар маъхазҳо дида намешавад, ин панду андарзи Кайхусрав пеш аз вопасин падрудаш аст, ки онро Саолибӣ зери сарлавҳаи «Нуктаҳои барҷаста аз вопасин суханони Кайхусрав ба Лӯҳросп» дар ҳаҷми се саҳифа дарҷ намудааст [19,156-158]. Ин панду андарзҳо, чунон ки аз матн маълум мегардад, дар хитоб ба сарону номдорони Эрон ва подшоҳи минбаъдаи он Лӯҳросп аст, ки барои боз ҳам ободон нигоҳ доштани марзу бум, иҷрои раҳбарии раъйияти мардумону лашкариён ва асиронро дар худ мунъакис менамояд.

Аз мутолиаи матни Саолибӣ марбут ба Кайхусрав чунин бар меояд, ки вай бевосита ба маъхазҳои паҳлавӣ бавижа «Худойнома» (ки баъдан дар шакли «Шоҳномаҳо» даромадааст) дастрасӣ дошта ва ба гумони банда онро аз паҳлавӣ ё аз тарҷумаи арабиаш ба форсӣ дар шакли як таърихнома тарҷума намудааст.

Бояд махсус таъкид намуд, ки инъикоси муфассали достони Кайхусравро ба забони форсӣ бори нахуст дар тарҷумаи «Таърих»-и Таъбарӣ дучор меоем. Ин асар, чунон ки маълум аст, тақрибан пас аз панҷоҳ соли таълифаш бо фармудаи подшоҳи сомонӣ Абӯсолеҳ Мансур ибни Нӯҳ (солҳои ҳукумрониаш 961-976) аз тарафи вазири бофазли ӯ Абӯалӣ Муҳаммади Балъамӣ (ваф. 974) дар соли 963 аз арабӣ ба форсӣ бо ихтисорот ва иловаҳо тарҷума карда мешавад. Балъамӣ қиссаи Кайхусравро дар зимни «Ҳадиси ахбори мулуки Аҷам дар аҳди Сулаймон алайҳи–с–салом» тақрибан дар ҳамон шакле, ки дар нусхаи асли китоб (яъне «Табарӣ») вуҷуд дошт, тарҷума кардааст. Ихтилофоти миёни ривоёти Балъамӣ аз Табарӣ ин аст, ки ӯ аз модари Кайхусрав – духтари Афросиёб ном намебарад ва танҳо менависад, ки: «Афросиёб Сиёвушро накӯ ҳамедошт ва духтари худро бад–ӯ дод» [3, 359]. Ривояти Балъамӣ дар мавриди номҳои қаҳрамонон низ ихтилоф дорад. Номбурда аз Гев писари Гударз ном намебарад, балки рисолати ӯро бар дӯши падараш, яъне Гударз вогузор мекунад ва сарҳанги Афросиёб Пиронро «Фирӯз», Фарибурз – бародари Сиёвушро «Завора» ном мебарад [3, 360-361].

Оид ба инъикоси устураи Кайхусрав дар «Шоҳнома»-ҳои мансуру манзуми эҷодшуда, то замони Фирдавсӣ мутаассифона чизе гуфта наметавонем, зеро аз ин «Шоҳномаҳо»-ҳо, яъне «Шоҳнома»-ҳои Масъуди Марвазӣ, Абулмуъайяди Балхӣ, Абӯмансурӣ ва Абӯалии Балхӣ (ин муаллифро танҳо Абӯрайҳони Берунӣ дар «Осор–ул–бақия» ном мебарад [4, 124]) фақат муқаддима ва порчаҳои хеле ночизе дар нақлу иқтибоси дигар муаллифон расидаанд. Вале аз осори як қатор муаллифони баъдина, ки аз «Шоҳнома»-ҳои мазкур истифода кардаанд, бармеояд, ки достони Кайхусрав дар чанде аз ин асарҳо инъикос ёфтааст. Масалан бино ба маълумоти «Таърихи Сиистон» дар «Шоҳнома»-и Абулмуайяди Балхӣ низ аз хусуси Кайхусрав сухан рафта будааст [22, 43-49].

Инъикоси қиссаи Кайхусрав дар «Шоҳномаи Абӯмансурӣ», ки соли 957, яъне шаш сол пеш аз тарҷумаи «Таърихи Табарӣ» (соли 963) бо супориши ҳокими Хуросон Абӯмансур Муҳаммад ибни Абдураззоқи Тӯсӣ аз тарафи чаҳор нафар донишмандони зардуштии паҳлавишинос зери роҳбарии ҳокими мазкур Абӯмансур ал–Муаммарӣ дар Тӯс ба риштаи таҳрир кашида шудааст, ки бино ба бархе санаду далелҳои равшан хеле муфассал будааст. Далели устувор бар ин он аст, ки «Шоҳномаи Абӯмансурӣ», назар ба таҳқиқи ховаршиносону шоҳномапажӯҳоне аз қабили Зотанберг [17,188], Забеҳуллоҳи Сафо [20,78], М. Н. Усмонов [17, 181-189], Муҳамадамини Риёҳӣ [18, 91–94], Ҷалоли Холиқии Мутлақ [25,7] аз манбаъҳои асосӣ ва муҳими ҳам «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва низ «Ғурар»-и Саолибӣ мебошад. Бинобар ин, аз рӯи он ки достони Кайхусрав ҳам дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва ҳам дар асари Саолибӣ мавқеи бағоят муҳимеро ишғол менамояд, ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар «Шоҳномаи Абӯмансурӣ» қиссаи Кайхусрав ба сурати мукаммал ба қалами таҳриру таълиф кашида шуда будааст.

Дар осори парокандаи шоирони асри Х номи Кайхусрав танҳо дар як байти Абулҳасан Алӣ ибни Муҳаммад Мунҷики Тирмизӣ дучор гардид:

Бо чунин шавқ кучо меравию мақсад чист?
Гуфтамаш: Бар дари Кайхусрави хуршедлиқо [2, 412].

Бояд махсус таъкид намуд, ки инъикоси барҷастаи устураи Кайхусрав дар шакли як достони муфассалу муназзаму мукаммал ба василаи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ сурат мегирад ва мо доир ба ин масъала дар мақолаҳе дигар ба таври ҷудогона мулоҳиза хоҳем намуд.

Шахсияти Кайхусрав дар ривоёти исломӣ ончунон аҳамият дорад, ки гуфтаанд, рӯзи шашуми фарвардин, ки Наврӯзи бузург ном дошт, Кайхусрав дар ин рӯз бар ҳаво уруҷ кард. Маҳз ҳамин нуктаро дар осори Абӯрайҳони Берунӣ (тав. 973) ба василаи «Осор-ул-боқия» (таълифаш бар соли 1000) ба таври зайл мехонем: «Дар ин рӯз эрониён ғусл мекунанд. Ва сабаби он ин аст, ки чун Кайхусрав аз ҷанг бо Афросиёб баргашт, дар ин рӯз ба ноҳияи Сова гузашт ва ба кӯҳе, ки ба Сова мушарраф аст, боло рафт. Ва танҳо худи ӯ бидуни ҳеҷ як аз лашкариён ба чашмае ворид шуд ва фариштаро дид ва ҳамоно мадҳуш шуд. Вале ин кор бо расидани Бежан писари Гавдарз рӯбарӯ шуд ва қадре аз оби чашма ба рӯи Кайхусрав рехт. Вайро ба санге такя дод ва гуфт: «Эй подшоҳ, маяндеш». Ва қариаи Лаинро он ҷо сохт ва номи онро «Маяндеш» гузориданд ва кам–кам таҳриф ёфту «Андеш» шуд. Ва расми ғусл кардану шӯстушӯй ба ин об ва дигар обҳои чашмаҳо боқӣ ва пойдор монд аз роҳи табаррук. Ва аҳли Омул дар ин рӯз ба дарёи Хазар мераванд ва тамоми рӯз оббозӣ мекунанд» [4, 240-241].

Ба ҷуз ин, Абурайҳони Берунӣ дар ҷойи дигари ҳамин асар марбут ба Кайхусраву падараш – Сиёвуш таъкид мекунад, ки ба ворид шудани онҳо дар Хоразм таърих гузоштаанд ва ин ба ишораи А. Девонақулов аз он дарак медиҳад, ки «Абурайҳони Берунӣ ҳамчун як нафар зодаи сарзамини Хоразм, тарбиятгирифтаи сулолаест», ки гузаштагони онро олим чунин баён мекунад: «Бо ворид шудани Сиёвуш писари Кайковус ва салтанати Кайхусрав ва хонадони ӯ дар Хоразм таърих гузоштанд. Ва ин воқеа наваду ду сол пас аз сохтани Хоразм буд. Сипас хоразмиён аз раъйҳои эрониён дар таърих, ки ба ҳар як зодагони Кайхусрав, ки ба «Хоразмшоҳ» маъруф мешуданд, пайравӣ карданд, то он ки Офриғ, ки аз нажоди Кайхусрав буд, ба шоҳӣ расид» [4, 6-55].

Пас, аз ин ҷо маълум мегардад, ки баромади устураи Кайхусрав ба воқеаи ба сари падараш Сиёвуш омада, вобастагии қавӣ дорад ва макони баромади ин устура (яъне устураи Сиёвуш) ҳамон тавре ки Шодӣ Асроров дар рисолаи худ бо номи «Симои Сиёвуш дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ» бо далелҳои зиёд мегӯяд: «Дар миёни хоразмиёну суғдиён устураи қадимии муштарак будааст» [1, 17-18]. Аммо чи навъе, ки аз маъхазҳои аҳди қадим ва давраи исломӣ маълум мегардад, устураи Кайхусрав на танҳо барои як минтақа, балки он чун устураи Кайковус барои ҳама манотиқи Эрони бостон устураи қадимии муштарак аст.

Абӯалии Маскувайӣ (ваф. 1031) низ дар «Таҷоруб-ул-умам» дар зимни саргузашти Фаридун ва подшҳии ӯ, менависад, ки «вай (яъне Кайхусрав - Р. Н.) нахустин касе буд, ки «кай» хонда шуд» ва вожаи «кай» ба қавли ӯ «ҳоки аз танзӣ (покӣ - Р. Н.) ва рӯҳоният аст ва ҳамчунин «Кай-Хусрав» ба маънии касе аст, ки муназзаҳ (пок - Р. Н.) шуда ва ба олами рӯҳоният муттасил шудааст» [14, 11]. Аммо Маскувайӣ ба монанди Табарию Балъамӣ дар бораи подшоҳии Кайхусрав муфассалтар дар ҳаҷми панҷ саҳифа маълумот медиҳад, ин маълумоти ӯ танҳо бо зикр кардани номи Гев бо «Беб», Бежан бо «Безан», Гарсеваз бо «Кайшавосп» тафовут дораду бас [14, 72-75-77].

Гузашта аз ин, Абӯсайид Абдулҳай ибни Заҳҳок ибни Маҳмуд Гардезӣ дар «Зайн-ул-ахбор» (таълифи 1053) аз Кайхусрав ва подшоҳии ӯ зикр намудааст. Пас аз мутолиаи гузориши Гардезӣ марбут ба Кайхусрав мушаххас мегардад, ки номбурда, ин қиссаро бо ихтисороти зиёд тибқи ривоёти «Таърихи Табарӣ» нақл намудааст. Аммо Гардезӣ дар матн ба фарқ аз Табарӣ Рустамро ба ҷойи Гударз зикр мекунад ва менависад, ки дар ин ҳама кор Рустам бо ӯ (яъне Кайхусрав) буд [5, 47-48-49].

Боястӣ зикр намуд, ки муаллифи «Муҷмал–ут–таворих вал–қасас» (таълифи соли 1127, муаллифаш номаълум) низ қиссаи Кайхусравро такя бо «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ нақл мекунад, ки маълумоти тозае марбут ба достони Кайхусрав ва шахсияти ӯ надорад. Аз мутолиаи ин асар маълум мегардад, ки муаллифи он ба яке аз нусхаҳои «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дастрасӣ дошттааст. Зеро ин муаллиф подшоҳии Кайхусравро бо он воқеаҳое, ки дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ зикр шудаанд, ба наср навишта, дар асараш аз набардҳои Рустам, қиссаи Комусу Аквандев ва ҳодисаи ба сари Бежан омадаро низ муфассал қисса кардааст [15, 48-50].

Хондани ин қисса ба дурустӣ банду баст ва сужети достони Кайхусрави «Шоҳнома»-и Фирдавсиро ба хотир меорад. Танҳо чизе ки дар ин асар хотири моро ҷалб мекунад ин аст, ки муаллиф дар оғози қиссаи Кайхусрав менависад: «подшоҳии Кайхусрав шаст сол буд ва дигар ривоёт ҳаштод сол гӯянд» [15, 48] ва дар охири ин қисса ҳамон кӯҳи сурхе бо номи «Кӯшид» [15, 50] -ро, ки Ҳамзаи Исфаҳонӣ ба он ишора намудааст, муаллиф зикр менамояд. Ҳаштод сол гуфтани подшоҳии Кайхусравро тибқи «дигар ривоётҳо» аз ҷониби муаллифи ин асар боз ҳамон нақшаи «Осор-ул-бақия»-и Беруниро ба хотир меорад, ки номбурда онро аз як китоби Ҳамзаи Исфаҳонӣ мисол овардааст ва тибқи ин нақша подшоҳии Кайхусрав 80 сол муайян шудааст [4, 131]. Аммо пас аз ин нақша Берунӣ аз китоби Ҳамзаи Исфаҳонӣ нақшаи дигареро аз «Нусхаи Муъбад» мисол меорад, ки дар он ҷо подшоҳии Кайхусрав шаст сол аст [4,132]. Ва бояд ин нуктаро ҳам гуфт, ки дар тамоми маъхазҳои пешазисломӣ ва давраи исломӣ подшоҳии Кайхусрав шаст сол муқаррар шудааст.

Чунон ки дар боло ишора шуд, дар «Таърихи Сиистон» ҳам (таълифи асри XI, муаллифаш номаълум) дар бораи шахсияти Кайхусрав ишора шудааст. Муаллифи ин асар дар ду маврид аз шахсият ва корнамоиҳои Кайхусрав ёд мекунад: Якум зимни корнамоиҳои Рустам дар айёми подшоҳони Каёнӣ ишора намудааст, ки он дар ҳаҷми як ҷумла дарҷ меёбад: «…То боз ки бо Кайхусрав бирафт ва ҳарбҳо кард, то як роҳ ки Афросиёбро ба даст овард ва бикушт[§§§]» [22, 53]. Дуюм, дар ҳикояи марбут ба сабаби бунёд ёфтани «Оташкадаи Каркӯй», ки муаллиф онро аз қавли

[§§§] Яъне, Кайхусрав Афросиёбро бикӯшт. Ба андешеи Меҳрдоди Баҳор дар матни аслии «Таърихи Сиистон» пас аз ин ҷумла бо хати зишт ин байт навишта шудааст:

Ҳар ки рӯй аз хатти фармонам битобад чун қалам,
Сар бибозад ҳамчунон дар гарданаш бошад гуноҳ [22, 53].

«Гаршоспнома»-и Абулмуайяд нақл менамояд [22, 75–76] ва хулосаи ин ҳикоя низ ҳамон сабаби бунёд намудани оташкадаи Озаргушасп ва сафарҳои Кайхусравро дар таъқиби Афросиёби ҷодугар бо ҳамроҳии Рустам мунъакис мекунад, ки дар маъхазҳои дар боло дарҷёфта, воқеаҳои ба ин масъала вобастаро муфассал нишон додем.

Дар «Форснома»-и Ибни Балхӣ (таълифи охири асри XI ва аввали асри XII) бошад, зикри Кайхусрав дар ду маврид омадааст. Нахуст, Ибни Балхӣ дар мавриди насбаи Кайхусрав менависад, ки: «Подшоҳии Кайхусрав ибни Сиёвуш ибни Кайковус шаст сол аст. Насаби ӯ ҳамон аст, ки ёд карда омад. Кайхусрав ибни Сиёвуш ибни Кайковус ибни Канобиа ибни Кайқубод» [8,14]. Дуюм, Ибни Балхӣ давраи подшоҳии Кайхусравро дар чаҳор саҳифа дар қатори подшоҳони дигари Каёнӣ муфассал қаламдод мекунад, ки ин қиссаи ӯ вобастагии хеле наздик ба матни Табарӣ ва Балъамӣ дорад, ки дар боло зикр намудем [8, 44-47]. Танҳо дар ду маврид Ибни Балхӣ суханро изофа мекунад, ки ин дар мавриди ба тахти Туркистон нишастани «Кайшивосф» (Гарсеваз) аст, ки мегӯяд, чун ба подшоҳӣ расид «аз ҳадди хеш пой берун наниҳод ва чун ӯ канора шуд, писараш Харзосф ибни Кайшивосф ба подшоҳии Туркистон нишаст ва ҳар подшоҳе Туркистонро буд баъд аз он аз нажоди Харзосф будааст» [8, 447]. Ва дар мавриди дигар Ибни Балхӣ бо таваҷҷӯҳ ба ғолибияти Кайхусрав бар болои Афросиёб ӯро пайғамбар хондааст ва сабаби аслии ғолибияташро ҳам аз ҳамин ҷиҳат муаррифӣ намудааст. Ӯ менависад, ки: «Порсиён чунин гуфтаанд, ки Кайхусрав пайғамбаре буд ва зафар ёфтани вай бар Афросиёб аз қуввати пайғамбарӣ буд, вагарна Афросиёб бо чандон лашкар ва одату макру ҳилат кӣ фатҳ тавонистӣ кард» [8, 47].

Шоёни зикр аст, ки қиссаи Кайхусрав дар таърихномаҳои баъдина низ бо тағйироти каму зиёд ва мутафовити муаллифон аз қабили «Таърихи комил»-и Ибни Асир (тав.1234), «Таърих»-и Ибни Халдун (1333-1406), «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд (1425-1498), «Таърихи гузида»-и Ҳамдуллоҳи Муставфӣ низ ёд шудааст.

Устураи Кайхусрав диққати бисёре аз шоирону нависандагони давраи исломиро ба худ ҷалб намудааст, ки аксари онҳо дар ашъори худ марбут ба шахсият ва подшоҳии вай ишораҳо доранд. Ба хусус Саъдии Шерозӣ дар «Гулистон» ва Низомулмулк дар «Сиёсатнома» низ аз айёми подшоҳии Кайхусрав ҳикоятҳо кардаанд.

Дар адабиёти давраи исломӣ ҷанбаи рӯҳонияти Кайхусрав низ аз ҷониби бархе шоирону нависандагони ориф қаламдод шудааст. Ба ҷуз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ки тамоми ҷузъиётҳои зиндагии Кайхусравро, манзур паҳлавониву подшоҳӣ ва рӯҳонияти ӯро такя бо мадраку маъхазҳо ба таври муфассалу муназзам бозгӯ мекунад, дигар шоирону нависандагони индавраина танҳо рӯҳонияти ӯро ба равиши сӯфигии дину мазҳаби митроӣ ва ё хуршедӣ медонанд, ки маҳз ҳамин ҷанбаи зиндагии ӯ ба комёбиҳо дар подшоҳиву паҳлавонӣ мусоидат намудааст. Ба таври мисол Шайхи Ишроқ – Шаҳобуддин Яҳёи Сӯҳравардӣ саргузашти шахсияти Кайхусравро дар осори худ бо номи «Алвоҳи амодӣ» то ҳудуде мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, ба чунин хулоса меояд, ки «Кайхусрав на фақат ба унвони як фармонравои одилу пирӯзманд, балки ҳамчунин ба манзилаи як ҳакими ишроқӣ дарвоқеъ намояндаи боризи ҳукумати маънавии Эрони бостон мебошад» [26: 90–99].

Масъалаи дигаре, ки таваҷҷӯҳи адибони орифро ба худ ҷалб намудааст, ин «Ҷоми ҷаҳонбин» ё «Ҷоми гетинамо»-и Кайхусрав аст, ки он барои Фирдавсӣ як шайъи воқеӣ ва хориҷӣ аст, вале барои Суҳравардӣ маънои рамзӣ дорад. Ин ҷом аз назари Сӯҳравардӣ, дар ҳақиқат ҳамон чизе ҳаст, ки аз лиҳози ирфонӣ «Дил» номида мешавад ва ҳудуди ним аср пеш аз Сӯҳравардӣ Аҳмади Ғаззолӣ дар «Савонеҳ» ба кор бурдааст. Ва пас аз Сӯҳравардӣ шоироне чун Аттор, Ироқӣ, Шабистарӣ, Ҳофизи Шерозӣ ва дигарон низ ба ҳамин маънӣ ба кор бурдаанд.

Маҳз ҳамин бахши зиндагии Кайхусрав аст, ки худи Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, орифи хеле комёб дар марҳилаҳои тасаввуфи давраи исломӣ Кайхусравро бо Кайқубод якҷо дар рубоие бо ишора ба нозукиҳои шахсияти тасаввуфӣ, сӯфии ҳақиқӣ қаламдод намудааст:

Ҳуш бош, ки хушниҳод бошад сӯфӣ,
Аз ботини хеш шод бошад сӯфӣ.

Сӯфӣ соф аст, ғам бар ӯ наншинад,
Кайхусраву Кайқубод бошад сӯфӣ [11, 275].

Пас, аз мутолиаи қиссаву ривоёти марбут ба шахсияти Кайхусрав дар маъхазҳои дар боло зикршуда, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки барои пурратар ва ошкортар намудани чеҳра ё шахсияти Кайхусрав бояд дар заминаи «кеши меҳр» ва ё дини хуршедӣ, ки дар «Шоҳнома» аз давраи Каюмарс то давраи Кайхусрав давом менамояд ва тибқи маълумоти пажӯҳандагон, ки Кайхусрав охирин намояндаи он мебошад, боз ҳам пажӯҳишҳои густарда лозим аст, ки ба мисли Кайхусрав чеҳра ва шахсияти митроии дигар намояндагони он ба монанди Фаридуну Кайқубод ва ғайра ба таври равшан ошкор гардад.

А Д А Б И Ё Т

1. **Асроров Шодӣ.** Симои Сиёвуш дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 2005. – 216 саҳ.
2. **Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ.** («Ахтарони адаб» Ҷ. 2). Таҳияи матн ва луғату тавзеҳот аз Худоӣ Шарифов ва Абдушукур Абдусатторов**.** — Душанбе: Адиб, 2007. – 480 саҳ.
3. **Балъамӣ, Абӯалӣ Муҳаммад. Таърихи Табарӣ.** Бо муқаддима ва тавзеҳоти Муҳаммадҷон Умаров ва Файзулло Бобоев. – Ҷ. 1. – Теҳрон: Нашриёти Байналмилалии АЛҲУДО, 1380/2001. – 817 саҳ.
4. **Берунӣ, Абӯрайҳон.** Осор-ул-боқия. – Душанбе: Ирфон, 1990. – 432 саҳ.
5. **Гардезӣ, Абӯсайид Абдулҳай ибни Заҳҳок ибни Маҳмуд.** Зайн–ул–ахбор. Таҳқиқи Абдулҳай Хабибӣ. – Теҳрон: Дунёи Китоб, 1363. – 665 саҳ.
6. **Диноварӣ, Абӯҳанифа Аҳмад ибни Довуд.** Ал–ахбор аттивал. Тарҷумаи Маҳмуд Маҳдавии Домғонӣ. – Теҳрон: Нашри Най. Чопи чаҳорум, 1371. – 488 саҳ.
7. **Дӯстхоҳ, Ҷалил.** Авасто. Кӯҳантарин сурудаҳо ва матнҳои эронӣ, (гузориш ва пажӯҳиш). – Теҳрон: Марворид, 1370.
8. **Ибни Балхӣ. Форснома.** Басъӣ ва бо эҳтимому тасҳеҳи Гой Листронҷ ва Роналдин Николсон. Асотир. – Теҳрон: 1386. – 148 саҳ.
9. **Исфаҳонӣ, Ҳамза ибни Ҳасан.** Таърихи суннии мулукул–арз ва–л–анбиё. – Бейрут: Маншурот дор мактабат–ул–ҳаёт, 1961: – 183 саҳ.
10. **Мавлоӣ, Чингиз.** Кайхусрав. Фирдавсӣ ва шоҳномасароӣ (баргузидаи мақолот). Фарҳангистони забон ва адаби форсӣ. – Теҳрон, 1390. – 1202 саҳ.
11. **Мавлоно, Ҷалолиддини Балхии Румӣ.** Рубоиёт. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 308 саҳ.
12. **Масъудӣ, Абулҳасан Алӣ ибни ал-Ҳусайн.** Муруҷ–уз–заҳаб ва маодин–ул–ҷавоҳир. Тарҷумаи Абӯлқосими Поянда. – Ҷ. 1. – Теҳрон: Интишороти илмӣ–фарҳангӣ,. Чопи панҷум. 1374. – 785 саҳ.
13. **Масъудӣ, Абулҳасан Алӣ ибни ал-Ҳусайн.** Ат–танбеҳ вал–ишроф. Тарҷумаи Абулқосим Поянда. Ҷ. 2. – Теҳрон: Интишороти илмӣ–фарҳангӣ, 1365. – ... саҳ.
14. **Маскувайӣ, Абӯалии Алрозӣ.** Таҷориб–ул–умам. Тарҷумаи Абулқосим Эмомӣ ва Алӣ Нақии Мунзавӣ . – Ҷ. 1. – Теҳрон: Нашри Суруш–Тӯс. Чопи аввал, 1369–1376. – 544 саҳ.
15. **Муҷмал–ул–таворих ва–л–қасас.** Ба тасҳеҳи Маликушшуарои Баҳор. – Теҳрон: 1318. – 673 саҳ.
16. **Наршахӣ, Абӯбакр Муҳаммад ибни Ҷаъфар.** Таърихи Бухоро. – Душанбе: Пайванд, 2012 – 736 саҳ.
17. **Османов М. Н.** Своды иранского героического эпоса («Худай-наме» и «Шахнаме») как источники «Шахнаме» Фирдоувси // Уч. Института востоковедения АН СССР. Т. XX. – Москва, 1985.
18. **Риёҳӣ, Муҳаммадамин.** Фирдавсӣ (зиндагӣ, андеша ва шеъри ӯ). Ба алифбои кирилии тоҷикӣ баргардони Дорои Дӯст. – Душанбе: Шӯҷоиён, 2010. – 338 с.
19. **Саолибӣ, Абӯмансур Абдулмалик ибни Муҳаммад ибни Исмоил.** Таърихи Саолибӣ. **(«**Ғурар ахбори мулук–ул–фурс ва сияруҳим»). Тарҷумаи Муҳаммади Фазоилӣ бо муқаддимаи Муҷтабо Минуӣ. – Порис: Зитембург, 9000 м. ва ё Теҳрон: Нашри Нуқра, 1368 ш. – 520 саҳ.
20. **Сафо, Забеҳуллоҳ.** Ҳамосасароӣ дар Эрон (Аз қадимтарин аҳди таърихӣ то қарни чаҳордаҳуми ҳичрӣ). Чопи чаҳорум. – Теҳрон: Фирдавсӣ, 1374. – 680 саҳ.
21. **Табарӣ, Абӯъҷафар Муҳаммад ибни Ҷарир.** Таърихи Табарӣ. («Таърих ар-расул вал-мулук»). Тарҷумаи Абулқосими Поянда.– Теҳрон: Асотир. Чопи панҷум, 1375. – 790 саҳ.
22. **Таърихи Систон.** Дар ҳудуди солҳои 445-525. Бо тасҳеҳи Муҳаммадтақии Баҳор. – Теҳрон: Мӯин, 1381. – 436 саҳ.
23. **Tafazzoli, A.,** ČēČast, *Enceclojpaedia iranica* V, New York, 1992.
24. **Фирдавсӣ, Абулқосим.** Шоҳнома. – Ҷ. 3. («Ахтарони адаб». Ҷ. 5.). – Душанбе: Адиб, 2008. – 480. саҳ.
25. **Холиқӣ, Ҷалоли Мутлақ.** Аз «Шоҳнома» то «Худойнома» (Ҷусторе дар бораи маъхази мустақим ва ғайримустақими «Шоҳнома»). – 2009, Торнамои http://www.noufe.com

26. **Ҷаводӣ, Насруллоҳ.** Рӯҳонияти Кайхусрав дар «Шоҳнома» ва дар суннати ишроқӣ. Номаи Эрон. Ҷ. 5. (Маҷмӯи мақолаҳо, сурудаҳо ва матолиби эроншиносӣ). – Теҳрон: 1390. – 1159 саҳ.

ОПИСАНИЕ ОБРАЗА КАЙХУСРАВА В ПИСЬМЕННОЙ ЛИТЕРАТУРЕ ИСЛАМСКОГО ПЕРИОДА

В статье тщетельно расматривается эвалюция мифичекого героя по имени Кайхусрав в основных средневекових исламских исторических хрониках IX–XI вв. Также анализируются литературные праизведения классического периода из позиции становления символических эпизодов, связанныех с именем данного образа.

Ключевые слова: Кайхусрав, мифология, героический эпос, исламский период письменной культуры, исторические хроники, духовность.

THE DESCRIPTION OF THE SIGHT OF KAIKHUSRAV IN THE WRITTEN FORM OF ISLAMIC PERIOD LITERATURE

In the given article, has given information about the evolution of mithologic heroes by the name of Kaykhusrav in the base of middle century islomic history chronology IX–XII centuries. Also is analysed the classical literature from the position of the becoming of symbolic episodes connected with the name this sight.

Key words: Kayhusrav, mythology, the heroic epic, the Islamic period of written culture, historical chronicales, spirituality.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ*: Р. Наботов-* аспирант Таджикского национального университета

АЗ ТАЪРИХИ ПАЖӮҲИШИ “ШОҲНОМА”-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ ДАР ТОҶИКИСТОНИ ШӮРАВӢ

Гулмо Шозиёева
Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Омӯзиши масъалаҳои гуногуни адабиёти тоҷик, ки маводи асосии он осори бузургон ва адибони классик ба мисли Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Сино, Хайём, Низомӣ, Саъдӣ, Ҷ. Балхӣ, Н. Хусрав, Ҳофиз, Ҷомӣ, ва дигарон мебошанд, аҳамияти беандоза доранд. Бо тадқиқи рӯзгору осори онҳо дуруст омӯхтани дараҷаи истифода ва мазмуну маънои асарҳои онҳо дар давру замонҳои мухталиф манзараи илмӣ-бадеиро инъикос мекунад.

Адабиёти ҳар як халқу миллат дорои чеҳраҳои барҷаста ва асарҳои нотакрор ҳастанд, ки ҷойгоҳи умумибашарӣ ва умумифарҳангиро доранд. Чунин симоҳо ва дастовардҳоро ҳар як шахс аз они хеш ҳисобидан мехоҳад.

Яке аз чунин симоҳои барҷаста ва беназир Абулқосим Фирдавсӣ ва асари безаволи вай “Шоҳнома” мебошад, ки дар осмони адабиёти ҷаҳон нурпошӣ мекунад.

Шоҳнома асари манзуми азим ва пурғановат аст, ки аз ҷиҳати дар баргирии ҳаводисҳои таърихӣ бузургтарин ҳамосаи миллӣ ба ҳисоб меравад.

“Шоҳнома” асари эпикӣ буда, аз он даврaҳо дар байни халқҳои Шарқу Ғарб густурда буда, боз бо таҳқиқу пажӯҳишҳои нав ба нав доман густурдааст. Достонҳои “Шоҳнома” ҳазорсолаҳост, ки диққати қаламкашон ва суханварони бузургро ба худ ҷалб намудааст.

Арзишу ҷавҳари “Шоҳнома”-ро ҳам олимони Шарқ ва ҳам Ғарб аз аввали зуҳури он муайян карда буданд. Ба ин маънӣ муаррихи бузурги тоҷик Б. Ғафуров чунин навиштааст: “Шоҳнома”-и Ҳаким Фирдавсӣ аз ҷиҳати бадеии худ дар радифи барҷастатарин асарҳои ҳамосии адабиёти ҷаҳон қарор гирифтааст” [6, 517].

Масъалае, ки мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст, муайян намудани дараҷаи таҳқиқ ва пажӯҳиши “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ аз солҳои нахустини ҷашни ҳазораи Ҳаким Фирдавсӣ дар Иттифоқи Шӯравӣ ва Тоҷикистон дар соли 1934 мебошад. Дар мақола шинохти Ҳаким Фирдавсӣ ва ҷойгоҳи “Шоҳнома”-и бузурги ӯ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Бори аввал дар адабиётшиносии давраи шӯравӣ тоҷик таҳқиқу омӯзиши Ҳаким Фирдавсӣ ва “Шоҳнома”-и безаволи ӯ аз нигоҳи донишмандони Иттифоқи Шӯравӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар илми адабиётшиносии тоҷик аз солҳои бистуми асри сипаришуда пажӯҳишҳои нахустини адабиётшиносон ба вижа Садриддин Айнӣ, Назрулло Бектош ва Абдурауфи Фитрат доир ба “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ шурӯъ шуд, ки дар ин роҳ баъд ҷустуҷӯҳои як идда пажӯҳишгарони тоҷик чашмрас аст. Соли 1934 Анҷумани якуми нависандагони Иттифоқи Шӯравӣ гузаронида шуд ва дар он адабиётшиносон ва нависандагон, ба вижа, тоҷикон – С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, Ш. Шотемур, Алӣ Хуш ва дигарон иштирок намуданд. Мақолаҳои аввалин оид ба омӯзиши таҳлили “Шоҳнома” дар навиштаҳои С. Айнӣ “Дар бораи Фирдавсӣ ва “Шоҳнома”-и ӯ” ва А. Фитрат “Фирдавсӣ” рӯи чоп омаданд. Мақолаву рисолаҳои Абулқосим Лоҳутӣ ва дигарон дар пажӯҳишу таҳлили паҳлӯҳои гуногуни “Шоҳнома” саҳми арзанда доранд. Рисола дар асоси маводи Анҷумани нахустини нависандагони шӯравии соли 1934, яъне давраи бузургдошти ҳазораи Фирдавсӣ таҳти бунёдгузории Сталин таълиф шудааст.

Анҷумани якуми нависандагони тоҷик дар Тоҷикистони Шӯравӣ аз тарафи Абулқосим Лоҳутӣ 8 май кушода шуд ва дар он ҳашт масъала мавриди муҳокима қарор гирифт ва ҳалли худро ҳам ёфтанд. Масъалаи асосии ин ҳамоиш ҳазорсолагии Ҳаким Фирдавсӣ буд, ки минбаъд ҳам дар адабиёти шӯравии тоҷик ва ҳам дар адабиёти пасошӯравӣ тоҷик замина гузошт [8, 1].

Устод Садриддин Айнӣ дар Анҷумани якуми нависандагони тоҷик яке аз аввалинҳо ба ҳисоб рафта, аз хотираҳояш чунин менависад: “Дар моҳи августи соли 1934 дар Москва анҷумани якуми нависандагони шӯравӣ умумииттифоқӣ барпо шуданӣ буд. Ман ҳам барои иштирок кардан ба он анҷуман ба сифати яке аз вакилони нависандагони Тоҷикистон ба роҳ баромадам… 17 август дар Маскав дар хонаи Союзҳо анҷумани якуми нависандагони Иттифоқи Шӯравӣ кушода шуд ва бо чандин суханрониҳои зиёди олимон ба поён расид” [4, 11-14].

Аввалин пажӯҳишҳо дар Тоҷикистон доир ба “Шоҳнома” ва Фирдавсӣ чи хеле, ки андаке пештар ишора шуд, дар солҳои 30-уми асри сипаришуда аз тарафи устод Садриддин Айнӣ ва Абдурауфи Фитрат сурат гирифтаанд.

Устод Садриддин Айнӣ бори нахуст дар арафаи Анҷуман мақолае бо номи “Дар бораи Фирдавсӣ ва “Шоҳнома”-и ӯ” таълиф намуд, ки он асосан доир ба рӯзгори Фирдавсӣ ва чӣ гуна таълиф шудани “Шоҳнома” бахшида шудааст. Худи устод дар мақола ишора кардааст: “Барои тадқиқи аҳволи Фирдавсӣ ва чӣ гуна навишта шудани “Шоҳнома”- и ӯ танҳо донистани забон ва адабиёти форсӣ ва истифодабарии арзишҳою манбаъҳо кифоя намекунанд. Пажӯҳишгар ба мисли Садриддин Айнӣ таълифи асарро ба забони ноби форсӣ-тоҷикӣ дониста, дорои забони зебо аст. Каломи ин шоири бозаковат дорои фасоҳату балоғат ва назокат мебошад. Дар ин замина бояд афкори дигар олимон ба забони онҳо шарт ва зарур аст. Ман бошам аз донистани забонҳои аврупоӣ дурам, ҳатто забони русиро ҳам намедонам. Ман фақат як мақоларо дар бораи Фирдавсӣ ва “Шоҳнома”-и ӯ ба гардан гирифтам” [1, 9-11].

Баъдтар ҳамон сол, яъне соли 1934 мақолаи зикршудаи устод С. Айнӣ дар шакли китоб ба забони форсӣ ва хатти сирилик, ки он давра роиҷ буд, чоп шуд. “Ин кори ҷиддӣ ва илмӣ ба ҳисоб меравад.”-қайд кардааст Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ [12, 2].

Устод С. Айнӣ суханони мунаққиди садаи XIX Зиёпошои Усмониро аз туркӣ тарҷума карда меорад: “Фирдавсӣ барои ба вуҷуд овардани “Шоҳнома” 30 сол ранҷ кашид. Дар ҳақиқат як асари номурданӣ ба вуҷуд овард. Тулӯи офтобро дар 120 ҷой 120 ранг тасвир кард, ки яке бар дигаре монанд нест…” [3, 103].

Пӯшида нест, ки “Шоҳнома” дар кори эҷодии устод Садриддин Айнӣ таъсири бузург гузошт ва вай минбаъд асарҳои оламшумули насрӣ навишт. Устод Садриддин Айнӣ чунин зикр мекунад: “Бо вуҷуди ин, “Шоҳнома” танҳо силсилае аз достонҳо нест, балки ганҷи гаронбаҳоест саршор аз ҳикмату фалсафа, ахлоқ, иттилооти таърихӣ, забоншиносӣ, расму русуми мардум, давлатдорӣ ва ғайра аст. “Шоҳнома” сар то по маноқиби шоҳони Эрон буд. “Шоҳнома” ҳамаи бузургӣ, ҳамаи шарафро ба сулолаи шоҳони Эрон махсус мекард.”

Устод Садриддин Айнӣ гузашта аз ин доир ба забони тозаву равон ва назокати сухани “Шоҳнома” чунин навиштааст: “Забони “Шоҳнома” соддатарин ва

софтарини забонҳои классикони Эрон аст. Ин забон ҳарчанд тамом беарабӣ набошад ҳам, бо вуҷуди ин ки дар замони истилои араб бар Аҷам навишта шудааст, ба дараҷае, ки беарабӣ гуфтан тавон, камарабист. Бештари ин арабиҳои дар ин китоби бузург кор фармудашуда ҳам, монанди ҳадя, аҳсан, ғам, навбат, арабиҳои дар даруни форсӣ ҳазмшуда ё ин, ки монанди малак, фалак, қазо, қадар исмҳои ба ҳар форсизабон фаҳмо мебошад” [2, 37-43].

Пас аз устод Садриддин Айнӣ, Абдуррауф Фитрат низ доир ба ин мавзӯъ мақолае зери унвони “Фирдавсӣ” навишт. Мақолаи ӯ ифодагари рӯзгори Фирдавсӣ ва “Шоҳнома”-и ӯ аст. Аз дастовардҳои мақолаи Фитрат ин аст, ки таъсири ҳаракати шуубияро ба пайдоиши “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ таъкид ва моҳияти онро кушодааст, инчунин аз “Худойнома” низ ба мо маълумот додааст. Фитрат “Шоҳнома”-ро низ аз шаст ҳазор байт иборат дониста, аз давраи асотирӣ то таърихӣ (яъне аз Ардашери Бобакон то истилои арабҳо), ки баарзиштарин бахши он аст, пажӯҳиш кардааст. Ба ғайр аз ин Фитрат ба мавзӯъҳои адолату шуҷоат, ҳуввияти миллӣ ва давлатдорӣ дар “Шоҳнома” диққати вижа додааст. “Шоҳнома” сар то сар дар бораи шаъну шавкат ва ҷангу қаҳрамониҳои феодал – аристократони Эрон аст. Яке аз мавзӯъҳое, ки Фитрат дар “Шоҳнома” таҳқиқ кардааст, ишқ мебошад. Ӯ доир ба ин мавзӯъ чунин андеша дорад: “Фирдавсӣ намехоҳад, ки қаҳрамонони худро шабу рӯз дар майдони ҷанг нигоҳ дорад, онҳоро ба боғҳо гардиш мебарад, ба базмҳо медарорад ва ба ишқбозиҳо мекашонад” [8, 40-54]. Дар ҳақиқат ҳам агар “Шоҳнома”-ро варақ занем гаҳе ба ҷанг рӯ ба рӯ мешавему гаҳе ба ишқ, масалан, ошиқ шудани Ҷамшед ба духтари шоҳи Зобул, ошиқ шудани Зол ба Рудоба, достони Хусраву Ширин ва ғайраҳо. Фитрат собит месозад, ки ишқ дар ин пораҳо монанди ишқе, ки дар асарҳои Низомӣ ва Ҳофиз ва дигарон тасвир шудааст, нест. Дар ин асар ишқ реалӣ ва қаҳрамонона аст.[6] Ишқ дар “Шоҳнома” аз ҳамин ҷиҳат хеле монанд аст ба ритсарони асрҳои миёнаи Аврупо. Маҷлисҳои ошиқона дар “Шоҳнома” бемотам аст [15, 40-54].

Б. Ғафуров яке аз олимони тоҷик роҷеъ ба бузургии “Шоҳнома”-и безаволи дунё чунин андешаронӣ кардаст: “Шоҳнома” –и Ҳаким Фирдавсӣ аз ҷиҳати арзиши бадеии худ дар радифи барҷастатарин асарҳои ҳамосии адабиёти ҷаҳон қарор гирифтааст” [7, 517].

Аз ҷумла, адабиётшиносони барҷастаи рус ва шӯравӣ Брагинский И.С, Бертелс Е.Э, Беленитский А.М., Дяконов М.М., Болдирев А.Н, Усмонов М.Н, Стариков А.А.; ва пажӯҳишгарони тоҷик С. Айнӣ, А. Фитрат, С. Улуғзода ва дигарон доир ба паҳлӯҳои гуногуни “Шоҳнома” пажӯҳишҳои судмандеро анҷом додаанд.

Аз шоирони замони шӯравӣ Абулқосим Лоҳутӣ ба “Шоҳнома”-и Ҳаким Фирдавсӣ таваҷҷӯҳи хосае зоҳир намуда, достони “Тоҷ ва байрақ”-ро дар вазни “Шоҳнома” эҷод намудааст. Дар достонҳои “Мардистон”, “Паҳлавони оштӣ”, либреттои “Коваи оҳангар”-и ӯ, ки дар замони ҷанг эҷод шудаанд, таъсири Фирдавсӣ басо бузург аст [9, 124].

Дар достони “Тоҷ ва байрақ” тасвироти фирдавсиёна фаровонанд. Ҳатто тасвирҳои зебои романтикӣ, ки дар “Шоҳнома” ба сифати сарахбори ҳар лавҳа ва достон хидмат кардаанд, дар асари Лоҳутӣ ва оҳангҳои инқилобӣ доранд. Худи устод Лоҳутӣ инро чунин ба қалам медиҳад: “Ҳоло ман дар болои достони наве “Тоҷ ва байрақ” кор мекунам. Ман ин достонро бо хотиррасон кардани воқеаи зерин аз “Шоҳнома” шурӯъ мекунам” [9, 238].

Яке аз шахсони намоёни адабиётшиносии тоҷик Раҳим Ҳошим ба ҳисоб меравад, ки дар Анҷумани якуми нависандагон иштирок кард ва хеле ҷавон буд, ҳатто дар охири Анҷуман порчае аз “Шоҳнома”-и Ҳаким Фирдавсӣ дар ҳаҷви Султон Маҳмудро ба чоп расонд [12, 1].

Вай, аз ҷумла, чунин навиштааст: “Пас аз бисёр низоъҳои сиёсӣ номи Фирдавсӣ аз дилҳо зудуда нашудаст, баъд аз ҳазор сол, яъне даҳ аср ва имрӯз тамоми инсоният ӯро бо эҳтиром ёд мекунанд.” Имрӯзҳо дар Кумитаи Иҷроияи Марказии Умумииттифоқ дар таҳти раёсати рафиқ Ҷенукидзе барои гузаронидани ҷашни Фирдавсӣ комиссияе ташкил карда шуда ва ба ин кор аҳамияти хеле бузург медиҳад, дар ин соҳа тайёрии ҷиддӣ дида мешавад. Ин ҷашн ба ҷуз дар Иттифоқи Шӯравӣ дар Тоҷикистон таҳти раёсати Ш. Шотемур ташкил гардид. Аввалин коре, ки дар

Анҷуман ба роҳмонда шуд ин ба хатти сирилик гардондани “Шоҳнома” аз хатти форсӣ ва бо луғати калимаҳои камистеъмол чоп кардан аст [14, 2].

Устод Раҳим Ҳошим гузашта аз ин боз чунин менависад: “дар Анҷуман ҳайати понздаҳнафараи нависандагони Тоҷикистон бо сардории устод Айнӣ иштирок кард, ки аз ҷумла нависандаи ин сатрҳо ҳам ифтихори вакилӣ дар он ҷамъомади бузурги таърихиро дошт

Пажӯҳиш ва омӯзиши Фирдавсӣ ва “Шоҳнома”-ӯ на танҳо дар адабиёт, балки дар драмматургияи миллии тоҷик низ дар солҳои 30-40-ум ва пас аз он рушд ёфт. Аввалин маротиба Абдушукур Пирмуҳаммадзода бо ҳамроҳии драматург Ғ. Абдулло аз рӯи “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ асари саҳнавии “Рустам ва Сӯҳроб”-ро ба вуҷуд меовард [5, 34-37].

Соли 1940 бо ҳамроҳии драматурги шӯравӣ В. Волкенштейн ин асарро аз сари нав таҳрир менамояд. Худи ҳамон сол Театри академии драмавии ба номи Лоҳутӣ онро ба саҳна мегузорад ва соли 1941 дар вақти Даҳаи адабиёт ва санъати тоҷик ба тамошобинони Москва намоиш дода мешавад [11, 19]. Баъдтар, дар асоси “Шоҳнома”-и безавол соли 1969 студияи “Тоҷикфилм” аз рӯи достонҳои “Шоҳнома” ду номгӯ филм баровард шуд. Филми аввал, ки дар навбати худ аз ду қисм иборат буд. “Корномаҳои Рустам” ва филми дуввум “Рустам ва Сӯҳроб” номида мешавад. Ҳарду филмро Б. Кимёгаров ба навор гирифт. Ҳар ду филм ҳам як мавзӯъ, як фикру маъниро талқин мекунанд: ақлу хирад ва хайр бояд аз болои ҷанг, адоват, хунрезӣ, харобӣ, зулм ва бадӣ-шарр ғолиб ояд; сулҳ, амният, саодат, ободӣ дар дасти худи одамон аст. Нависандаи бузурги тоҷик Сотим Улуғзода ва бостоншинос Б.А. Литвинский маслиҳатгари ҳайати филмбардорон таъин гардиданд [13, 159]. Филмҳо бо ҳунари актёрӣ бой ва ҷолиби диққат ба ҳисоб мераванд. Нақши Рустамро актёри асетин Бимбулат Ватаев бозӣ кардааст. Ҷуссаи бузурги паҳлавонона, сифатҳои мардонагӣ, бародарӣ, накӯкории Рустамро актёр ба ҳадди қаноатмандӣ таҷассум карда тавонистааст. Зуҳуроти инсониву паҳлавонии Рустам дар филм ба назар мерасад. Рустам рамзи ақлу хирад аст. Дар ҳар ду филм актёр хеле заҳмат кашидааст [10, 8-9].

Дар филми “Рустам ва Сӯҳроб” нақши Сӯҳробро Ҳошим Гадоев иҷро кардааст. Ҳошим Гадоев ин нақшро ба дараҷаи баланд бозӣ кардааст. Вай марди ҷавон ва зебоест, ки дили ҳассос дораду ба Гурдофарид ошиқ шудаст. Нақши Гурдофаридро бошад, ҳунарманди халқии Тоҷикистон Сайрам Исоева бозидаст. Нақши Таҳминаро ҳунарманди халқии Тоҷикистон Светлана Норбоева бозидаст.

Дар офариниши филмҳо бастакори ҷавон Давлат Худоназаров ҳамкорӣ кардааст. Сифатҳои бадеӣ ва ғояҳои сулҳпарварӣ, озодидӯстӣ ва инсондӯстии филмҳоро ба назар гирифта, охири ҳамон офарандагони филмҳо ба мукофоти Рӯдакӣ мушарраф шуданд. Режиссёр Б. Кимёгаров, бастакор Д. Худоназаров, ҳунарпешагон М. Воҳидов, Ҳ. Гадоев ва Б. Ватаев бо ҷоизаи Рӯдакӣ шарафманд гардиданд [10, 8-9].

Чи тавре ки қайд намудем, Ҳаким Фирдавсӣ дар “Шоҳнома”-и худ беҳтарин фазилати инсонӣ, яъне хирадро бо воситаҳои илму дониш, инсондӯстию муҳаббат, ватандорию ҳуввияти миллӣ, ростиву растагорӣ мадҳу ситоиш намуда, инсонро аз ҷаҳолату нодонӣ, фиребхӯрию дуздӣ, ҳарисӣ ва бемаърифатӣ парҳез медорад.

Доир ба ҳаёт ва эҷодиёти Фирдавсӣ ва достонҳои асари безавол “Шоҳнома” аз аввалин пажӯҳишҳо корҳои зиёди илмӣ-тадқиқотӣ навишта шудааст, аммо то ҳол ба таҳлилу рисолати таърихии онҳо пажӯҳишҳои ҷиддӣ анҷом дода нашудааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ С. Дар бораи Фирдавсӣ ва “Шоҳнома”-и ӯ.- Душанбе, 1963.
2. Айнӣ С. Куллиёт иборат аз 15 ҷилд, ҷилди 11.- Душанбе.- 1963.
3. Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик.-М., 1926.
4. Айнӣ С. Симои фаромӯшношуданӣ. Шарқи Сурх. №6, 1946.
5. БАС, 1935, №7-8.
6. Ғафуров Б. Тоҷикон.-Душанбе: Ирфон, 1983-кит.1.
7. Ғафуров Б. Тоҷикон.-Душанбе: Ирфон, 1985.
8. Коммунист Таджикистана, 20 апреля 1934г.

9. Лоҳутӣ А. Куллиёт. Иборат аз 7 ҷилд, Ҷилди 6, Душанбе: Ирфон, 1975.
10. Машъал, 1975, №4.
11. Нависандагони Тоҷикистон //Душанбе: Ирфон, 1971. – 111с.
12. Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ. Бияфкандам аз назм кохе баланд (ба форсӣ). (Ҷумҳурии Исломӣ, чаҳоршанбе 24 тир, соли 1377-20 рабеъулаввали соли 1413, шумораи 553
13. Садои Шарқ, 1969, №3.
14. Тоҷикистони Сурх, 1934, 10 июл.
15. Фитрат А. Фирдавсӣ, Шӯриши Восеъ.- Душанбе, 1992.

ИЗ ИСТОРИИ ИЗУЧЕНИЯ “ШАХНАМЭ” ФИРДОУСИ В ТАДЖИКИСТАНЕ СОВЕТСКОГО ПЕРИОДА

Статья посвящена вопросу изучения и исследования великого творения Абулькасыма Фирдоуси “Шахнамэ”. Автор статьи подчёркивает, что исследование “Шахнамэ” началось в 20-х годах прошлого столетия в Советском Союзе. Некоторые вопросы изучения затронул Первый съезд писателей Советского Союза, посвященный тысячелетию Абулькасыма Фирдоуси в 1934 году. В ней участвовали великие учёные и писатели Таджикистана: Садриддин Айни, Фитрат, Абулькасым Лахути, Рахим Хошим и др. В статье отмечается, что далее за весь Советский период Таджикистана “Шахнамэ” исследовалась литературоведами и поэтами, писателями и учёными по многочисленным вопросам.

Ключевые слова: национальная культура, учёные, конференция, литература, исследование, научный, поэт, писатель.

FROM THE HISTORY OF RESEARCH OF “SHAHNAME” BY FIRDOUSI IN TAJIKISTAN IN SOVIET PERIOD

The article is about the studying and research of “Shahname” of Firdousi. “Shahname” (The story about tsars) is the only book in poems, which was written by Abulqasim Firdousi in X century. The first time the research of “Shahname begins in 1920 of the last century, in Soviet Union. Then in 1934 was the celebration of “Shahname” in the International Seminar in Moscow. In this Seminar participated many scientists and poets from all over the world. Also our Tajik scientists as, Sadriddin Aini, Fitrat, Abulqasim Lohuti, Rahim Hoshim and others participated in this Seminar. They wrote the research works about Firdousi and “Shahname”.

Key words: national culture, scientists, Conference, literature, researches, scientific, poet, writer.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Гулмо Шозиёева*** - соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.А.Рудаки АН РТ

АБЁТИ АРАБӢ ДАР «МАСНАВИИ МАЪНАВӢ»

Зиёев Субҳиддин
Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Ҷалолуддини Балхӣ аз зумраи беҳтарин нобиғаҳои адабиёти классикии форс-тоҷик ба шумор рафта, бо афкори ирфонӣ ва фалсафию иҷтимоии худ на танҳо ба тамаддуни мамолики Шарқ, балки ба тамаддуни ҷаҳонӣ нақши азиме гузоштааст.

«Маснавии маънавӣ», «Девони кабир» ё «Куллиёти Шамси Табрезӣ», «Маҷолиси саъба», «Фиҳӣ мо фиҳӣ» ва «Мактубот» бо қалами ин марди суханвар навишта шудаанд.

Дар бораи осори пурмуҳтавои Мавлоно як зумра корҳои илмиву тадқиқотӣ ба анҷом расидаанд ва алалхусус ба муносибати 800–солагии зодрӯзи ӯ, дар Тоҷикистон осории зиёде ба табъ расид. Аз қарни XII - мелодӣ то имрӯз садҳо китоб дар шарҳу таҳқиқи «Маснавии маънавӣ» навишта шудаанд. Дар асри XX мактабҳои нерӯманди илмӣ арзи вуҷуд кардаанд, ки кори онҳо баррасию таҳлили «Маснавии маънавӣ» буд. Аз солҳои 50 қарни XX милодӣ то ба имрӯз дар Тоҷикистон зиёда аз 350 мақола дар рӯзномаҳову маҷаллот ва зиёда аз 13 китоби хурду бузурги илмӣ ба забони тоҷикӣ ва русӣ ба нашр расидааст. Донишмандони номваре чун Рейналд Николсон, Бадеъуззамон Фурӯзонфар, Абдулҳусайн Зарринкӯб, Шиблии Нӯъмонӣ, Анамери Шиммел, Фритиз Майер, Ҳелмут Риттер, Абдулкарими Суруш, Муҳаммадтақии Ҷаъфарӣ, Абдулбоқии Гулпинорлӣ ва боз даҳҳо фозилони дигар умри худро дар

роҳи шинохти осори Мавлоно ба харҷ додаанд. Николсон бо ҳама бузургӣ дар пешгоҳи муаллифи ин китоб ба зонуи аҷз нишастааст. Устод Зарринкӯб фармудааст, ки оё мешавад «баҳрро дар кӯза ҷой диҳӣ», Анамери Шиммел мавлавишиноси тавоно, профессори донишгоҳи Ҳарвард бо «Шукӯҳи Шамс» дил ба дилдори лоязолӣ бибохт ва осори Мавлавиро мисбоҳи ин роҳ шинохт. Ба ҳамаи онҳое, ки бо осори Мавлоно ошноӣ доранд, возеҳу равшан аст, ки шарҳҳои зиёде нисбат ба «Маснавии маънавӣ» навишта шудааст, ки охирин шарҳҳои бисёр хуби Николсон, Фурӯзонфар, Сайид Ҷаъфари Шаҳидӣ, Карими Замонӣ, Абдулбоқии Гулпинорлӣ, Муҳаммадтақии Ҷаъфарӣ, ба табъ расидааст. Шарҳи устод Сайид Ҷаъфари Шаҳидӣ дар даҳ ҷилд ва шарҳи устод Карими Замонӣ дар ҳафт ҷилд аз ҷумлаи беҳтарин шарҳҳо ба «Маснавии маънавӣ» мебошанд. «Маснавии маънавӣ» тобеи усулҳои достоннависӣ ва маснависароии адабиёти шарқӣ нест, ин асар бештар тобеи аслҳои қуръонӣ ва балоғату фасоҳати каломи илоҳӣ мебошад. Мавлоно дар вақти таълифи ин асари безаволаш бештар такя ба Қуръони карим кардааст. Ин қуръондонии Мавлоно ва дар фазои тафаккури қуръонӣ рӯзгор ба сар бурдан ва ҳам забони арабиро балад будани ӯро нишон медиҳад.

Мақсади асосии ин мақола муайян кардани он аст, ки Мавлоно то чӣ андоза забони арабиро дар осори худ истифода кардааст. Пӯшида нест, ки Мавлоно «Маснавии маънавӣ»–и худро саршор аз оёти Қуръони маҷид ва аҳодиси набавӣ намудааст. Беҳуда нест, ки донишмандон ва муҳаққиқони эҷодиёти Мавлоно ин асари ӯро дар олами ислом баъди Қуръони маҷид ба унвони китоби дуюм донистаанд. Дар байти зерин бошад, китоби мазкурро «Қуръони забони паҳлавӣ» хондаанд:

«Маснавии маънавӣ»-и Мавлавӣ,
Ҳаст қуръони забони паҳлавӣ.

Муаллифи китоби «Маъхаз-ул-маъонӣ аз оёти қуръонӣ» Ҳоҷӣ Ҳусайн Мӯсозода муайян кардаанд, ки дар 1594 байти «Маснавии маънавӣ» сареҳан 654 оёти қуръонӣ тазаккур ёфтааст [1].

Аммо аз рӯи навиштаи Низомиддин Зоҳидов: «Бино бар шумори аҳли таҳқиқ дар «Маснавии маънавӣ» 804 оёти қуръонӣ ва 531 ҳадиси набавӣ мавриди истифода қарор гирифта «Қуръоне ба лафзи паҳлавӣ» будани онро ба субут расонидаанд» [2].

Олими шарқшинос Уилям К. Читтик истифодаи оёт дар «Маснавии маънавӣ»-ро 760 иқтибос дониста ва аҳодиси набавиро 703 иқтибос, ки дар 745 маврид истифода шудааст, пешниҳод кардааст.

Таҳқиқоти илмӣ исбот намудааст, ки Мавлоно дар Маснавӣ, ки дарбаргирандаи 25562 байт аст, аз 104 сураи Қуръони карим истифода бурдааст. Усули истифодабарии эшон ин тавр набуд, ки масалан сураи «Воқеа» 96 оят бошад, он ҳамаро истифода баранд. Балки иттихози Мавлоно характери интихобӣ дошт. Агар сураи аввали Қуръони карим «ал-Фотиҳа» иборат аз ҳафт оят бошад, Мавлоно танҳо оятҳои 4-5-6 уми ин сураро иттихоз намудааст. Маънию моҳияти ин се ояти мутазаккира, ки ифодагари маъонии асосии Қурони карим аст, аз ҳамин сабаб Мавлоно онро ба ришгаи назм кашидааст. Сураи «Бақара» дар бар гирандаи 286 оят мебошад, вале дар «Маснавии маънавӣ» 57 ояти ин сура мавриди истифода қарор гирифтааст. Аз рӯи таҳқиқот Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ танҳо аз 10 сураи Қуръони карим дар рафти таълифи «Маснавии маънавӣ» умуман истифода накардааст, ки ин сураҳо:

сураи 46-ум «аш-Шуаро»
сураи 77-ум «вал-Мурсалот»
сураи 82-юм «ал-Инфитор»
сураи 97-ум «ал-Қадр»
сураи 98-ум «ал-Байинаҳ»
сураи 100-ум «ал-Ъодиёт»
сураи 104-ум «ал-Ҳумаза»
сураи 106-ум «Қурайш»
сураи 107-ум «ал-Моъун»
сураи 114-ум «ан-Нос»

мебошанд.

Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ дар асараш рамзу истиораро хеле зиёд ва моҳирона истифода кардааст. Ӯ дар баъзе ҳолат аз як ояти қуръонӣ 18 байт навиштааст, ки хонанда ҳарчи бештар маънии қавли худовандро дарк намояд. Оёти қуръонӣ дар «Маснавии маънавӣ» гоҳ чун иқтибос оварда, гоҳ чун талмеҳ онро тобиши забони форсӣ додааст ва дар дигар маврид ба маънии оят ишора кардааст.

Мавлоно ояти 201-уми сураи дувуми Қуръони каримро ба риштаи назм кашида чунин мегӯяд:

Отино фи дори дунёно ҳасан,
Отино фи дори уқбоно ҳасан [3].

Дар Қуръони карим ояти фавқуззикр чунин омадааст: «Раббано, отино фиддунё ҳасанатан ва фил охирати ҳасанатан ва қино азобаннор», ки тарҷумаи он бо забони тоҷикӣ: «Эй парвардигори мо, некиҳои дунё ва некиҳои охиратро бар мо бидеҳ, ва моро аз азоби дӯзах нигоҳ бидор»[4]

Агар ба маънии оят назар афканем, дармеёбем, ки ба гуфтаи пайғомбари ислом, Муҳаммад (с) «Ин оят беҳтарин дуо барои бандагони Худо» аст. Худованд дар ин оят ба бандагонаш мегӯяд, ки некиҳои дунё ва охиратро аз ман талаб кунед ва аз оташи дӯзах парҳезгор бошед.

Мавлоно ояти 104-уми сураи «Моида»-ро иттихоз намуда, онро ба риштаи назм даровардааст:

Моида аз осмон шуд оида,
Чунки гуфт: «анзил ъалайно моида».

Ояти қуръонии ин абёт: «Раббано, анзил ъалайно моидатан минас-самоӣ….. », яъне «Эй парвардигори мо, фуруд ор барои мо хоне (дастархоне) аз осмон», ки ин гувоҳии қиссаи қуръонӣ мебошад, ки вақте қавми саркаш Исо алайҳиссаломро напазируфтанд ва аз ӯ мӯъҷиза талаб карданд, Исо алайҳиссалом аз Худованд талаби дастархон кард.

Шоир ва донишманди эронӣ Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ мегӯяд: «Аз лиҳози оғозу анҷом ва доштани назми хосае, ки берун аз ҳама низомҳои таснифӣ аст ва ҳамчунин услуби арзу матолиб ва роҳу русуми тамсил «Маснавии маънавӣ» ба китобҳои муқаддас шабоҳат дорад»[5].

Дар сураи «Анкабут» ояти 45 Худованд чунин мефармояд: «Иннас салота танҳо анил фаҳшои вал мункари валазикруллоҳи акбару валлоҳу яъламу мо таснаъуна». Инҷо мебинем, ки ҳазрати Мавлоно ин ояти каримаро дар «Маснавии маънавӣ» бо чи зебоие ба қолаби шеър оростааст:

Ҷӯшишу афзунии зар дар закот,
Исмат аз фаҳшову мункар дар салот [6].
(Дафтари шаш, байти 3584)

Мавлоно барои ороишии назми ин оят аз санъатҳоии талмеҳ ва рамзу ишора хуб истифода кардааст. Тарҷумаи ин оят бо забони тоҷикӣ: «Ҳар оина намоз шуморо аз корҳои зишт ва нораво боз медорад». Закот дар ислом яке аз рукнҳои фарзияи панҷгона ба ҳисоб рафта, аз рӯи гуфтаи пайғомбари ислом Муҳаммад (с) ҳар ки 20 мисқол зар дошта бошад, бояд ним мисқол тиллоро закот бидиҳад. Мавлоно, ки дар тӯли сафарҳои ба мамолики араб кардааш махсусан дар сафари ба Димишқ кардааш, ки бо дастгирии яке аз дӯстони содиқи падараш Бурҳониддин Муҳаққиқи Тирмизӣ барои таҳсили улум буд, дар муддати чанд сол аз сӯфиёни маъруфи он даврон Муҳиддини Арабӣ ва Бурҳониддин Муҳаққиқи Тирмизӣ усули тариқати сӯфиёнаро азбар намуд. Ҷалолуддини Балхӣ дар тӯли чанд соли таҳсилаш дар Димишқ асосан аз китобҳои «Эҳё-ул-улуми вад-дин»-и Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ, «Ҳидоят»-и шарифи Бурҳониддин Марғинонӣ осори орифонаи Шайх Аттори Нишопурӣ истифода кардааст. Мавлоно, ки аз улуми динӣ хуб бохабар буд, тавонист, ки оёти қуръониро моҳирона ба риштаи назм кашад.

Мавлоно дар дафтари севуми «Маснавии маънавӣ» байти 3870 як ояти Қуръонро, ки мисраи дувуми он бо қисмати ояти нуҳуми сураи «Аҳзоб» оро дода шудааст, чунин қаламдод кардааст:

Рахти ақлаб бо ту асту оқилӣ,
К-аз «чунудан лам таравҳо» ғофилӣ [7].
(*Дафтари се, байти 3873*)

Худованд мегӯяд:«Ё айюҳаллазина оману узкуру неъматаллоҳи алайкум из ҷоаткум ҷунудун фаарсално алайҳим риҳан ва ҷунудан лам таравҳо»

Яъне:«Эй онҳое, ки имон овардед ба ёд ored! Он гоҳ, ки лашкариёне назди шумо омаданд, мо тӯфон ва лашкаре, ки намедидед, бар болои онҳо фиристодем» (Сураи «Азҳоб» ояти 9)

Ин ҷо боз мегардем ба ҳамон қиссаҳои қуръонӣ, ки далели муъҷизаҳои илоҳӣ ҳастанд. Ва низ ин абёт ва оят дар бораи ҳодисаи «Ҷанги Хандақ» мебошад. «Ин ҷо сухан аз ҳарбу зарби мушрикони Макка бо лашкари ислом меравад, ки бо сардори паёмбари гиромиқадр дар Мадина қарор доштанд. Ин бархурд дар таърих бо номи «ҷанги хандақ» машҳур аст, ки дар ин ҷанг Муҳаммад алайҳиссалом қабл аз муҳориба бо маслиҳати саҳобаи киром Салмони форсӣ дар атрофи Мадина хандақ кофта убури куффорро ба Мадина ғайри имкон гардонданд. Бо се ҳазор аскар ва кумаки асокири илоҳӣ дар ин ҷанг дастболо шуданд» [8].

Мавлоно дар байти дигари худ ояти қуръониро чунин ба риштаи назм дароварда мегӯяд:

Ин замон пайдо шуда бар ин гуруҳ,
«Явма табяззу ва тасвадду вуҷуҳ» [9].
(*Дафтари як, байти 3525*)

Шакли комили ояти қуръонии ин абёт дар сураи «Оли Имрон» ояти 106-ум дар Қуръони карим чунин омадааст:

«Явма табяззу вуҷуҳу ва тасвадду вуҷуҳу фааммоллазина исваддат вуҷуҳуҳум акафартум баъда иймоникум фазуқулазоба бимо кунтум такфурун» (Сураи «Оли Имрон» ояти 106) Тарҷумааш: «Рӯзе, ки чеҳраҳо сафед ва чеҳраҳо сиёҳ мешаванд, ба сиёҳрӯён: «Оё баъд аз имон овардан кофир шудед? Пас дар баробари он куфрварзидан азобро бичашед».

Ин ҷо дар мисраи аввал Мавлоно бо забони модариаш байтро навишта барои ҳам маънои каломи илоҳӣ ва ҳам барои қофияву радифи абёташ дар мисраи дувум ояти қуръониро бо забони арабӣ овардааст, ки мурод аз «табяззу»-«сафедрӯён» яъне ростагорон ва аз «тасвадду»-«сиёҳрӯён», яъне гунаҳгор мебошад. «Ин замон», ки дар оғози мисраи авал омадааст, ишора аст ба рӯзи ҷазо. Ҳамон рӯзе аст, ки барои кори хайркардагон сазо ва барои кори шарр кардагон ҷазо дода мешавад.

Дар байти дигар Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ ояти қуръониро чунин меорад:

Гуфт Ҳақ, ки каж маҷунбон гӯшу дум,
«Янфаъанна-с-содиқина сидқуҳум» [9]
(*Дафтари се, байти 740*)

Ояти қуръонии ин байт чуни наст: «… қола Аллоҳу ҳозо явму янфаъус-содиқина сидқуҳум…» (Сураи Моида ояти 119)

Тарҷумааш: «Худованд фармуд: «Имрӯз рӯзест, ки ростии ростгӯён судашон медиҳад»

Мавлоно аз *санъати ишора* истифода карда каломи раббониро барои бандагонаш чунон мерасонад, ки инсон дар дунё бояд ростиву садоқатро аз даст надиҳад ва аз кизбу дуруғ канора ҷӯяд.

Рав бари султону кору бор бин,
Ҳисси тақри таҳтаҳал анҳор бин
(*Дафтари як, байти 2730*)

«… ҷаннотун тақри мин таҳтиҳал анҳору…»

Ин байт аз сураҳои «Оли Имрон» (3)/15, 136, 198; «Моида» (5)/119; «Ҳадид» (57)/12; «Буруҷ» (85)/11 гирифта шуда маъхази асосии оят дар байти Мавлоно омадааст, чи тавре ки дар боло гуфта шуд, иттихози Мавлоно характери интихобӣ дошта, инҷо мебинем, ки ӯ дар ин мисраи байти худ мағзи оятро ҷой додаст, ки дар Қуръони карим ин оят дар ҳамаи сураҳое, ки зикр шуд, дар алоҳидагӣ як оят набуда, балки қисмати асосии оят аст, ки Мавлоно онро иттихоз намудааст. Тарҷумааш: «… биҳиштҳое, ки дар онҳо ҷӯйҳо равон аст…», ки ин дар Қуръони карим бисёр корбурд шуда ҳамон биҳиштро дар назар дорад. Ин биҳишт ҷойгоҳи аҳли имон ва тақвову яқин аст, ки дар ҳама аҳвол мутеи амри Худо ва расул будаанд ва тариқи сидқу сафоро нек паймудаанд [10].

Тавре ки мебинем, Мавлоно аз аҳодис хеле моҳирона истифода кардааст ва маълум мешавад, ки ӯ забони арабиро хеле хуб медонистааст. Омӯзиши забону адаби араб, Қуръону аҳодис, сафарҳои зиёд ба мамолики араб ва таълим дар мадориси он ҷойҳо ва расидани насаби ӯ аз тарафи аҷдоди падарӣ Ҷалолуддин Муҳаммад ба халифаи аввали пайғомбари Ислом расули акрам саллаллоҳу ъалайҳи ва салам Абубакри Сиддиқ разиаллоҳу ъанҳу аз омилҳои хуб донистани забони арабӣ ва оёту аҳодис мебошанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Ҳоҷӣ Ҳусайн Мӯсозода. «Маъхаз-ул-маъонӣ аз оёти қуръонӣ», Хуҷанд, нашриёти «Нури маърифат», 2004.- с. 9
2. Зоҳидов Н. Шинохти Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ аз равзанаи пиндорҳои ҷаҳони муосир// «Офтоби маърифат». Мураттиб ва муҳаррир Алии Муҳаммадии Хуросонӣ – Душанбе: Пайванд, 2007,-С.106
3. Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ. Маснавии маънавӣ (Бар асоси матни Р. Николсон ва муқобила бо нусхаҳои дигар). Таҳияву тадвини матн аз Алии Муҳаммадии Хуросонӣ ва Бадриддин Ализода,-Теҳрон: Нашри замон, 2001.- С.181.
4. «Қуръони карим», сураи «Бақара», ояти 201, нашриёти «Доруссалом».- С. 31.
5. Маҷаллаи «Фарҳанг», № 1, 1991.
6. Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ, Маснавии маънавӣ, дафтари шаш.-С.648.
7. Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ. Маснавии маънавӣ.-С314.
8. Муҳаммад Алии Собунӣ, «Сафват-ут-тафосир», ҷилди 2, интишороти Маккаи Мукаррама. - С.513.
9. Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ. Маснавии маънавӣ.-С. 105.
10. Дуктур Алӣ Ризо Мирзомуҳаммад. «Қуръон дар маснавӣ», ҷилди ду-дафтари аввал.- С.363.

АРАБСКАЯ ПОЭЗИЯ В «МАСНАВИИ МАЪНАВИ»

В данной статье проанализирована арабская поэзия в «Маснавии маънави» и способ их использования Мавлоно Джалолуддином Балхи. Большую часть его арабской поэзии составляли аяты и хадисы, и по этой причине в данном исследовании исползованы очень широко аяты из Корана и хадисы Пророка.

Ключевые слова:Мавлоно Джалолуддин Балхи, «Маснавии маънави», арабские четверостишия, аяты из Корана.

ARAB POEZII "MASNAVI-MA'NAVI"

This article analyzed the Arab poezii "Masnavi-Ma'navi" and how Mavlono Dzhaloluddin Balkhi used data from the literature. Most of his Arabic poetry sostovlyaet ayati and Hadith, for this reason, in this study to be using ayati from the Koran and the Hadith of the Prophet.

Key words: Dzhaloluddin Balkhi, "Masnavi-Ma'navi", Arab poezii, ayati from the Koran.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Зиёев Субхиддин*** – аспирант Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.А. Рудаки АН РТ, Телефон**:(+992)-92-704-09-08 (Rakesh-23@mail.ru)**

СУВАРИ ХАЁЛ ДАР АШЪОРИ БОЗОР СОБИР

Адиба Азизова

Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Шоири тасвиргарои тоҷик, Бозор Собир, бо салиқаи шинохти мантиқ ва ҳунари хуби истифодабарӣ аз санъатҳои бадеӣ муваффақ гаштааст, ки ба ашъори хеш ҷозиба бахшад ва ба шеър пираҳани нав пӯшонад. Ин мавқеъгирӣ дар осори ӯ барҷой аст ва асоси мантиқӣ ҳам дорад, чунон ки дар ин маврид метавонем бар гуфтаҳои Шамси Қайси Розӣ далел гирем: «Аммо адавоти (лавозимоти) шеър калимоти саҳеҳу алфози азбу (фораму) ибороти балеғу маъонии латиф аст, ки чун дар қолаби авзони мақбул резанд ва дар силки абёти матбӯъ кашанд, онро шеъри нек хонанд. Ва тамоми санъат ба истикмоли (такмили) олоту адавоти он даст надиҳад ва камоли шахс бе саломати аъзо ва абъози (порае аз ҳар чиз) он сурат набандад» [1,19]

ва ашъори Бозор Собир маҳз аз ин олот бархӯрдор аст, ки дар зимни таҳлил метавонем ба комёбиҳои ӯ мувоҷеҳ бошем.

Вижагиҳои тасвир дар эҷодиёти шоир мақоми шоистаро касб кардааст ва ӯ ба воситаи тасвир шеъри худро муассиртар ва зеботар пешкаши хонанда мекунад. Зеро забони тасвирӣ ҳамеша рӯҳнавоз аст ва аз тариқи ба кор бурдани чунин услуб мақсади гӯянда ба ҳадаф нишонрастар ва ба гӯш гуворотар менишинад. Чунон ки адабиётшинос Юрий Бобоев вобаста ба мавзӯъ муътақид аст: «Забони бадеӣ, ки забони тасвирӣ аст, хоси санъату адабиёти бадеӣ мебошад ва ба сифатҳои махсус соҳибӣ дорад. Забони бадеӣ воситаи асосии бавуҷудоварандаи образҳои бадеӣ дониста шудааст. Забони бадеӣ мазмуни бадеии ҳаёт ва мақсаду нияти санъаткорро ҷамъбаст менамояд» [2,95].

Ба ҳамин маънӣ чунин мавқеъ гирифтани назари мантиқии офариниш ва тасвиргароиро бо истифода аз сунъҳои мухталифи адабӣ, хоҳ дар зимни офариниши рамзу тамсилу ташбеҳ ва ё дигар санъатҳои маъмули бадеӣ бошад, дар мутуни интиқодӣ ва таҳқиқотии адабиётшиносӣ ба фаровонӣ дучор меоем, ки ҳар кадоми бо моҳияти таҳлилии хеш ба паҳлуи номакшуфи ин ё он фикри шоир рӯшанӣ меандозад ва дар айн сири маънавии ин ё он асарро муайян месозад. Ба асос, дар мавриди чунин тасвирҳои шоирона ва санъатҳои бадеӣ, хоса санъати маънавӣ, чунин насиҳати Кайковус дар «Қобуснома» хеле дар мавқеъ афтодааст, ки мегӯяд: «Ба вазну қофияи тиҳӣ қаноат макун, бе саноату таркибе шеър магӯй, ки шеъри рост нохуш бувад. Бо санъату ҳаракат бояд, ки бувад андар шеър ва андар захма ва андар савт, то мардумро хуш ояд ва ё саноате ба расми шуаро чун муҷонис ва мутобиқ ва мутазод ва муташокил ва муташобеҳ ва мустаор ва муқаррар ва мураддаф ва муздавоҷ ва мувозана ва музмар ва мусалсал ва мусаҷҷаъ ва мулавван ва муставӣ ва мувашшаҳ ва мувассал ва муқаттаъ ва мухаллаъ ва мусаммат ва мустаҳил ва зулқофиятан ва рачаз ва мақлуб ва монанди ин» [3,130].

Ин ҷо сухан аз сувари хаёл дар ашъори Бозор Собир меравад, месазад бубинем, ки дар офариниш ва ороиши шакли тахайюли хеш ба чӣ муваффақу комгор шудааст ва далел ин аст, ки дар мисоли зерин шоир ба тавассути ҳиссаи ёридиҳандаи монандии «чун» аз ташбеҳи равшан истифода бурда ва тасвире бо бадеияти хос офаридааст:

Дар навдаи тути модар овезон,
Чун халтаи чака, халтаи маҳтоб.
Дар кундаи тути модар овезон,
Чун халтаи моҳ халтаи ҷурғот (4,3).

Чунонки бармеояд, Бозор Собир манзараи ҳақиқии рӯзгори як хонаводаи деҳотиро, ки худ дар он ба сар бурдааст, ба тасвир мегирад ва дар офариниши он муваффақ аст. Дар овезаи шохаҳои тут аз инзиво «халтаи моҳ»-ро чун халтаи «чака»-и модар ба мушоҳида мегирад ва дар моварои назару андешаи як эҷодкор тасвире зебо меофарад. Ӯ пайваста дар ҷустуҷӯи сухани тоза роҳ пеш мегирад ва малоҳату балоғати фанни шеърро хуб медонад, аз ин лиҳоз ба ӯ даст додааст, ки шеъри хуби тасвирӣ биофарад ва далел ин, ки мегӯяд:

Дар пушти бому девор
Чашмаш ба ҳар тараф чор
Меларзад ин сафедор,
Дарақ-дарақ саропо
Варақ-варақ саропо,
Меларзад устахонӣ,
Рашки занона дорад (5,85).

Шоир дар ҳолати рашки зан ва ларзидани сафедор монандӣ мебинад ва тасвир дар ин ҷо ҳамзамон аҳволи рӯҳии занро бо аносири табиат дар як мизон мегузорад. Дар ин шеър ташбеҳ на танҳо аз як нигоҳ бархурдор аст, балки аз диданиҳои наву зебое ба қолаби шеър рехтааст, ки эзоҳаш чунин аст:

Дарахти сафедор аслан чун девори ҳавлӣ мебошад, ки бо вазидани боди сабук ҳам баргҳояш ба алвонҷ меоянд ва ҳамин ларзишро шоир ба ниҳояти ҳунармандӣ тавонистааст, ки дар шӯру исёни занона бубинад.

Дар ин шеър шоир аз ташбеҳи измор истифода мебарад, зеро ӯ зоҳиран мекӯшад, ки мақсадаш на тасвири сафедор, балки ҳолати рашки зан бошад, ҳол он, ки дар замир ташбеҳро мавриди ҳадаф қарор гирифтааст.

Ҷои дигар менависад:

Ман хотираҳои кӯҳнаамро аз сар
Монанди либоси кӯҳнаам карда бадар,
Покиза дар оби чашмҳоям шуста,
Дар тори хаёл мекашам тозаву тар (5,199).

Дар ин рубоӣ бошад, санъати истиораи изофӣ ба кор бурда шудааст:

Аз дасти шамол бӯи гул меояд,
Бӯи гули хори Сари Пул меояд.
Яъне, ки ба пул гузашта аз об шамол,
Гул чида шамол омадаст аз сари ёл (5,213).

Вижагиҳои тасвир дар осори Бозор Собир ин аст, ки шоир натанҳо манзараҳои дилфиреби табиат, балки ба хазинаи қиматбаҳои халқ, яъне ба гӯишҳо, ба тарзи воқеии зиндагии деҳотиён аз диди шоирона менигарад ва ба расму одатҳои мардуми музофот таваҷҷӯҳи зиёде дорад:

Аз дилхунукиҳои ӯ ях баст сар то пои ман,
Тумори гармиам надод аз мӯи ӯ муллои ман…(4,50).

Дар ҳамин китоб, ҷое дигар овардааст:

Навбаҳор устоди марҳамбанд,
Бастааст аз махмалак марҳам.
Бар тароши тешаву захми табарҳо,
Пои маҷрӯҳи дарахтонро
Сад қабат печонда бо печак,
Ҳамчу як доругари ҳозиқ,
Ҳамчу як доругари бобоии тоҷик (4,27).

Бозор Собир моҳиятан шоири мардумист ва тамоми зиндагиву гирумони мардумро ба хубӣ дарк мекунад, монанди ин, ки тани табархӯрдаи «маҷрӯҳи дарахтон» ва «доругари ҳозиқ»-и онро дар сувари марҳамбанде чун «махмалак» ва «печак» дарёфтааст ва расидани «сапеда»-дамро чун шӯяндаи «деги гардун» бо «рег», яъне аз байн барандаи шаб қаламдод мекунад, бемуболиға тасвире зиндаву асоснок месозад. Дар мавриди тасвири он, ки бонувони кӯҳистонӣ дегашонро бо рег мешӯянд ва ҳар субҳ гов медӯшанд, ба дамидани субҳ ва рафтани шаб монанд мекунад. Дар шеъри охир бошад шоир нишон медиҳад, ки мардумони деҳот сабоҳро бо овози хурӯс пешвоз мегиранд ва тафовути онҳо аз шаҳриён дар он нест, ки ба соат нигоҳ намекунанд, балки нуктаеро Бозор Собир мушоҳида кардааст, ки дар деҳа одамон хамроҳи табиат бештар умр ба сар мебаранд ва ҳар чӣ табиист, аз назари ӯ зебову диданист:

Вақте ки сапеда деги гардунро
Чун модари ман ба рег мешӯяд,
Вақте ки сапеда гови гардунро
Чун модари ман пагоҳӣ медӯшад… (5,71).

Ё мегӯяд:

Дар вақти ҷанозаи шаби тор хурӯс,
Се мартаба қудқудус зад дар дами рӯз,
Хуршед ҷанозахон, ки буд дер намонд,
Бо мурғи саҳар ҷанозаи шабро хонд (5,207).

Ӯ шоирест, ки зебоиҳои рӯзгори деҳотро гуворо мебинад ва ҳар нафаси одаму олами мавҷуди ин моварои суннатиро ба эҳсоси амиқ, аз дили саршори муҳаббат ба қалами тасвир медиҳад:

Қишлоқаки ман бӯи чапотӣ дорад,
Ширинии ширинии тутӣ дорад.
Аз чӯби дарахти бед дар хар хона,
Гаҳвораи сабзи малакутӣ дорад (5,198).

Намунаҳои боло исботгари онанд, ки шоир ҳангоми воситаи баён хеҷ душворӣ намекашад, зеро шеъри ӯ ҳамеша ба зиндагии одии мардум тавъам аст. Барои мисол,

ошиқ ба хотири висол пеши мулло меравад, то вай ба корафтода тумор диҳаду баъди ин дили маъшуқа ба ҷониби ошиқ гарм мешавад. Ё ин ки дар кӯҳистон, вақте даст ё пои нафаре осеб мебинаду мешиканад, ӯро пеши пизишк неву назди табиби шикастабанд мебаранд. Ҳамин вазъро шоир дар ситоиши баҳор ва эҳёшавии табиат ба домани зиндагии ҳаррӯзаи мардум мекашад, чунон ки дар деҳот пухтани чапотӣ ва аз тут ширинӣ тайёр кардан ва дар ҳар хонае нигоҳ доштани гаҳвораро меситояд. Ин ҷо тасвири деҳа ва тарзи рӯзгори мардум хеле воқеӣ ва назаррас аст.

Бо мушоҳида аз диду таҳқиқи тасвиргароӣ Ҷамолиддин Саидзода дар бораи шеъри тасвирӣ ва мақоми Нодири Нодирпур, Сӯҳроби Сипеҳрӣ ва Бозор Собир аз ин назар афзудааст, ки: «Шеъри тасвирӣ имрӯз дар тамоми олам роиҷ аст ва гӯяндагони бузургу тарафдорони зиёд дорад. Дар ин шеваи шеъри форсӣ Нодири Нодирпур ва Сӯҳроби Сипеҳрӣ яди байзо доранд, аммо дар адабиёти тоҷик устод Бозор, ки шоире навовар, мубтакир, қолабшикан, соҳибмактаб аст, бунёдгузори шеъри нав ва ба вижа шеъри тасвирӣ маҳсуб меёбад» [8,7-8].

Мавриди зикр аст, ки таъсири шоирони овозадори Эрон, бавижа Нодири Нодирпур, Маҳдии Ахавони Солис ва Сӯҳроби Сипеҳрӣ дар ашъори Бозор Собир бағоят зиёд аст, аммо Бозор бо чунин бархурдориҳову бардоштҳои маънавӣ саҳифаи тасвири бадеии худро боз намудаву бо мақсад аз чунин офариниш назари тасвиргароии хешро ба намо гузоштааст. Барои намуна ду байти Нодирпурро бо байтҳои Бозор Собир, ки дар тасвиргарӣ ба ҳам монандӣ доранд, мисол меорем:

Шери дарё хуфта дар оғӯши найзорон ҳанӯз,
Беша бедор аст аз бонги сапедорон ҳанӯз.
Дасти шаб норанҷи сурхи осмонро чидааст,
Хуни ӯ ҷорист аз дандони кӯҳсорон ҳанӯз (7,281).

Аз Бозор:

Шағғоди ғуруб канда чоҳе бебун,
Афтода дар он Рустами хуршед нагун…
Абраш ҳама ёли Рахши ғарқида ба хун,
Теғаш ҳама тез теғаҳои гулгун (6,179).

Нодирпур бо тасвири зебову нотакрори худ дар ин байтҳо бо сухани одӣ чунин гуфтанист, ки дарё монанди шери хоби бешаест, аммо беша бар асари вазидани шамол бедор аст, чун ҷунбиши он дар баргҳои сапедор эҳсос мешавад. Ду мисраи баъдӣ аз ҷониби Нодирпур хеле тасвири зебо ёфтаанд, ки шоир ғуруби офтобро ба норанҷи сурх, теғаҳои кӯҳсоронро ба дандон, шафақро ба хун ва шабро ба одам ташбеҳ мекунад. Шигифтангезтарин тасвир дар ин байтҳо чидани норанҷи сурх бо дасти шаб маҳсуб меёбад.

Акнун ба тасвири Бозор Собир рӯй меорем. Дар байтҳои аввал Бозор Собир аз устураҳо, қаҳрамонҳои «Шоҳнома» корфармоӣ карда, ғурубро ба Шағғод, хуршедро ба Рустам, абрҳоро ба ёли Рахш, шафақро ба теғи гулгун ташбеҳ дода, ҳар шом манзараи рафтани офтобро ба кини Шағғод бар Рустам монанд кардааст. Зеботарин тасвир ёлҳои ғарқи хуни Рахш аст, ки шоири моҳир онро тавонистааст пайдо намояд.

Бозор аз таъсиргузорӣ ва хушбинӣ ба эҷодиёти Нодирпур борҳо таъкид мекунад:

Аз ёд нарафт мурғи шабкӯри ту,
Боғи туву боғбони ранҷури ту.
Дар навқаламиамон хуҷум мекардем,
Чун муру малах ба «Шеъри ангур»-и ту (5,181).

Ҷои дигар:

Дар маҷлиси шоирон падарсолоре,
Бо банда нишаста буд дар толоре.
Бар ҷойи нишастааш, ки акнун холист,
Ман хам шуда бӯса мезанам ҳар боре (5,194).

Бозор Собир ба Нодири Нодирпур чун ба як нафар устоду ҳидоятгари хеш эътиқод дошт, ки пас аз маргаш барои марқади ӯ чунин байтҳои тасвириро нигоштааст:

Хоби абадат ба шеър ошуфта кунем,
Санги лаҳадат ба бӯсаҳо суфта кунем.

Ҳарчанд, ки бе болину бистар хобӣ,
Дар сояи мижгони санавбар хобӣ (5,179).

Чунон ки дар боло зикр намудем, шоири дигари тасвиргарои Эрон Сӯҳроби Сипеҳрист ва ба шеъри тасвирии Тоҷикистон ӯ низ таъсиргузор аст. Суҳроб дар шеъри «Ва паёме дар роҳ» чунин хунари наққошӣ дорад:

Хоҳам омад пеши асбон, говон, алафи сабзи навозиш хоҳам рехт,
Модиёне ташна, сатли шабнамро хоҳам овард (10,160).

Бозор Собир ҳамин иқтибосро дар чорпораи худ бо ҳамон тасвир, аммо дар ҳолати дигар овардааст:

Аспи падарамро, ки ғамаш медодам,
Аз обу алаф каме камаш медодам.
Як бораки дигараш агар медидам,
Гулбаргу сатили шабнамаш медодам (9,29).

Дар ҷои дигар Суҳроб печидани гули нилуфарро ба гирди ҳамаи сутунҳо ба қолаби шеър мерезад:

Боми айвон фурӯ мерезад,
Ва соқаи нилуфар ба гирди ҳамаи сутунҳо мепечад.
Кадомин боди бепарво
Донаи ин нилуфарро ба сарзамини хоби ман овард?
(10,53).

Бозор бошад гули ошиқи печонро хамроҳ чун пайтобаи пои дарахтон мебинад:

Ин ишқ гули ошиқи печон будаст,
Пайтобаи почаи дарахтон будаст.
Дар почаки пайтоба качӣ маълум нест,
Зиштии ту низ нонамоён будаст (9,43).

Тафовути тасвири Бозор Собир аз Суҳроби Сипеҳрӣ дар он аст, ки боз ҳам шоири тоҷик ба далелҳои рӯшани зиндагии ҳаррӯза ва ҳолатҳои табиӣ, монандии набототу мавҷудот ба инсон ё баръаксро ба риштаи шеър мекашад. Бозор дар як амали одии фарди кӯҳистонӣ, ки пайтоба ба пои худ мебанданд бо шукуфтани ошиқи печон дар атрофи дарахт монандӣ мебинад. Тасвиргароӣ дар шеъри шоир ниҳоят фаровонанд ва Бозор Собир барои дарёфтани зебоӣ мушкилӣ намекашад, зеро ин ҳамаро дар заминаи дарку эҳсоси маънавии хеш обишхӯр додааст ва аз ин назари суварофарин маншаъ ҷустааст.

Бо ҳамин афзуданист, ки дар эҷодиёти Бозор Собир истифодаи санъатҳои бадеӣ нақши муҳим дорад ва тасвир барои эшон дар ҷои аввал меистад. Ҳамин аст, ки офаридаҳои шоир аз писандидатарин мисраъҳо ва мақбултарин байтҳо иборат буда, дар маҷмӯъ шеърҳои хотирмон ва ҳассосу рӯҳангез дорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Шамси Қайси Розӣ. Ал-мӯъҷам.- Душанбе: Адиб, 1991.- С. 353.
2. Юрий Бобоев. Муқаддимаи адабиётшиносӣ.- Душанбе:Ирфон, 1974.
3. Унсурмаолии Кайковус. Қобуснома. –Душанбе:Маориф, 1979.
4. Бозор Собир. Аз ватан вақте ки мерафтам…- Душанбе: Моҳномаи «Садои Шарқ», 1999.
5. Бозор Собир. Аз «Гули хор» то «Симхор».- Москва, 2003.
6. Бозор Собир. Шоиру шеъру агар ҳаст….- Душанбе: Адиб, 2006.
7. Раҷабалӣ Худоёр. Гулистони ғазал. Душанбе, Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон, 2009.
8. Ҷамолиддин Саидзода. Бозор Собир-тасвиргари моҳир, Душанбе, 2009.
9. Боргоҳи сухан, Москва, Интрансдорнаука, 2003.
10. Сӯҳроби Сипеҳрӣ, Ҳашт китоб, Душанбе, Деваштич, 2005.

РОМАНТИКА В ПОЭЗИИ БОЗОРА СОБИРА

Данная статья о мастерстве и таланте Бозора Собира, таджикского поэта-лирика. Автор показывает влияние поэзии Нодира Нодирпура и Сухроба Сипехри, знаменитых поэтов Ирана на творчество таджикского поэта Бозора Собира. Литературный образ в произведении поэта имеет огромное значение и его особенности заключаются в том, что он концентрируется на народные традиции.

Ключевые слова: Бозор Собир, мастерство и талант, Нодир Нодирпура, образ, Сухроб Сипехри.

THE ROMANCE IN BOZOR SABIR'S POETRY

The present article is about ability and talent of Bozor Sobir, Tajik lyric-poet.

The author shows the influence of poetry of Nodir Nodirpoor and Suhrob Sipehri, popular poets of Iran for creative work of Tajik poet B. Sobir. The literary image in the work of poet has an enormous meaning and his peculiarity concludes that he concentrates on national tradition.

Key words: Bozor Sobir, skill and talent, Nodir Nodirpur, image, Sukhrob Sipekhri.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Адиба Азизова*** – аспирантка Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. А.Рудаки АН РТ

ИҒРОҚ ДАР «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ

Ноҳид Маквандӣ
Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ, Донишгоҳи озоди исломии Эрон, воҳиди Карач

Қарни чаҳорум аз пурбаҳратарин давраҳои шеъри форсиву тоҷикӣ аст, ки аз назари тасвири ҳиссӣ ва танаввуи он бисёр қобили таваҷҷуҳ мебошад. Хаёли шоиронаи ин давра бунёде барои хаёлпардозиҳои шоирони давраҳои баъд шуда, ки бо дахл ва тасарруф дар суратҳои хаёли ин давра тасовире нав эҷод мешавад. Даврае, ки ағлаб бо тасвири тафсилӣ дар оғоз бештар тасвири ташбеҳӣ ва дар густариши тасвири истиорӣ дида мешавад, тасвир дар хидмати тасвир даромадааст ва ба нудрат шоир тасвирро васила қарор дода ва маъноро ҷустуҷӯ карда ва дар назар дорад.

Агарчи забон ва адабиёти форсӣ то замони сурудани «Шоҳнома» марҳуни заҳамоти шоирон ва нависандагони бисёр будааст, аммо наметавон нақши ҷодуйӣ ва ҷовидонаи Фирдавсиро дар пойдорӣ ва ҳаётбахшии забони дарӣ инкор намуд. Фирдавсӣ ғурури миллиро бармеангезад ва барои посдорӣ аз сарзамини аҳуроӣ, шӯри осмонӣ дар ҷони эрониён медамад, шӯре, ки ҳам забонро зинда медорад ва ҳам заминро. Пас барои нигоҳдошти ин забон ва замин худ бояд обзори тавонмандиро баргузинад.

Иғроқ аз пуркорбурдатарин суратҳои хаёл дар «Шоҳнома» аст, ки бо қавитарин тавони хаёлангезии Фирдавсӣ худнамоӣ мекунад ва шӯреро, ки шоир орзуманд аст, дар дили хонанда бармеангезонад, то битавонад ҳамаи боварҳои худро ба ӯ интиқол диҳад.

Устоди Тӯс ҳамон гуна, ки ҷойгоҳи корбурдии ташбеҳ, истиора, киноя ва маҷозро мешиносад ва ғиноро бо истиора ғанӣ месозад ва иғроқро бунёди хаёлангезии ҳамосаи худ мениҳад, дар намоиши пурфахри вожагони шукӯҳманд низ пой ба майдон мениҳад ва чунон тасвирҳои шеърӣ меофаринад, ки авҷи тахайюл падидор мешавад ва ҳунарӣ будани онро фузунӣ медиҳад. Фирдавсӣ бо тасвири шеърии худ бар таърих низ нақш мезанад ва назмро ранг мебахшад. Дар базму ғино он сон вожаҳо романд, ки одамӣ даме аз хотир мебарад, ки дар «Шоҳнома» замоне бо истиораи муболиғаомез ҳатто тулӯъи хуршед метавонад овардгоҳ шеду тирагӣ шавад. Он гоҳ ки рӯз чанг ба зулфи шаб меандозад ва бар вай ғолиб мешавад:

Чу аз кӯҳ бифрӯхт гетифирӯз, [2]
Ду зулфи шаби тира бигирифт рӯз. *4/1164/188*

Бархе иғроқро дурӯғ пиндоштаанд [3,130-138], аммо иғроқ на дурӯғ ва фиребкорӣ, балки арзиши афзуда бар калом ва шӯрангезии шоирона аст. Бояд ёдоварӣ кард, ки иғроқ ҳамеша ҷилодиҳандаи шеър нест, гоҳ чун зангор, равнақи шеърро мепӯшонад, иғроқи нобаҷо метавонад шеърро ба инҳитот бикашонад. Агар касе хаёли шоирона ва рӯҳи шоирона надошта бошад, бо вуруди санъатҳо ба шеъри худ иғроқҳои нодилнишин месозад. Иғроқ барои шукӯҳ бахшидан ба қаҳрамон ва иттифоқот ҷорӣ аст ва агар хуб парварида нашавад, ба шеър осеб расонида ва ӯро

бебаҳо мекунад. Фирдавсӣ барои ҳаяҷонбахш ва шӯру ҳоли асари худ ташбеҳу истиорaро бо иғроқ дармепечад:

Ба як дасти Рустам, ки тобанда ҳур
Гаҳи разм бо ӯ натобад ба зӯр. *2/111/69*

Дар ин истиораи киноӣ ва хаёлӣ Фирдавсӣ чунон иғроқомез бо Рустами Дастон қудрат мебахшад, ки тобандаи ҳур (хуршеди тобон), ки чун ҷанговаре муҷассам шудааст, низ қодир ба ҳамовардӣ бо ӯ набуда ва дар зӯрозмоӣ дар баробари ӯ мағлуб аст. Шоир иғроқро бо истиора ва тахайюли бисёр мепарваронад.

Фирдасӣ авомири табииро ҳамон андоза бо рӯҳи ҳамосии иғроқгун васф мекунад, ки саҳнаҳои набардро бо он ба ҷунбиши пурҳаёҳу вомедорад. Ба хубӣ мебинем, ки бисёре аз иғроқҳои Шоҳнома дар ҷомаи истиора падидор мешаванд:

На дарё падиду на ҳомун, на кӯҳ,
Замин омад аз пои аспон сутӯҳ. 2/757/117

Овардгоҳи Фирдавсӣ хориқуллода аст: аспони ин набард аз савороне фармон мегиранд, ки ононро чунон мешӯронанд, ки замин аз сумашон ба сутӯҳ меояд. Фаровонии сипоҳ ва сипоҳиён ҳама чизро фурӯ мепӯшонад ва дигар дарё ва ҳомун ва кӯҳ ба чашм намеояд, на дар дидор ва на дар азамат. Хонанда мепазирад, ки зарбу суми аспон метавонад заминро ба тоб созад ва фаровониашон ҳама чизро пинҳон кунад. Агар Фирдавсӣ ин гуна истиораро бо иғроқи ҳоким бар ҳамоса ба ёрӣ намегирифт, оё мумкин буд сурати хаёлии дигари размгоҳ ва азамати сипоҳро ба намоиш бигузорад? Ва ё ҳангоме ки бо корбурди анвои сурати хаёл ҷангҷӯйро дар васфи пурмуболиға тасвир мекунад:

Ту гуфтӣ яке бораи оҳан аст
В-агар кӯҳи Албурз дар ҷавшан аст. 4/184/127

Ҳумон бо иғроқ ва ташбеҳи ҷамъ дар баландӣ, танумандӣ ва устуворӣ як бор ба дижи оҳанин ва дигар бор истиораи киноӣ низ бар он афзуда шуда, ба кӯҳи Албурзе пӯшида дар ҷавшан монанд шудааст. Кӯҳи Албурз низ иғроқомез ва бо истиораи китобӣ чун сарбози зиреҳпӯш таҷассум шудааст. Иғроқ дар ҳаммонандии Ҳомун ба ҷинси оҳан ва ба бора ва кӯҳ, ки сунбул рамзи сахтиву сутургӣ ҳастанд, ҳама обзори барои бисёр бузург ҷилва додани Ҳомун аст:

Ба фармони ӯ кӯҳ Ҳомун кунам,
Биёбон зи душман чу Ҷайҳун кунам. 8/1712/420

Фирдавсӣ бо тахайюли қавӣ дар ташбеҳҳои иғроқомез олитарин иғроқҳои шеъри ҳамосиро арз мекунад ва робитае, ки аносири иғроқи ӯ бо ҳам доранд, бисёр маҳсус ва дар айни шигифтӣ, дар шеър ва тасвири ҳунармандонаи ӯ мумкин менамояд, барои ҳамин пазируфтанист, ки чун Хусрав бар гоҳ нишинад, ба фармони ӯ бо тохтутозу набард, Баҳром кӯҳро ҳамчу Ҳомун паст ва биёбонро аз хуни бисёри душманон ҳамчу Ҷайҳун кунад.

Яке Рахш дорад ба зер андарун,
Ту гуфтӣ равон шуд кӯҳи Бесутун. 4/1357/200

Дар шеъри ҳамосӣ ва иғроқӣ ҳама чиз ранги ҳамоса ва иғроқ мегирад. Барои паҳлавонон, ки ғайримаъмулӣ аст, наметавон асбоби маъмулии тасвир кард, пас аспе, ки Рустами пилтан савор мешавад, бояд сазовори ӯ буда ва ҳайбаташ чун шукӯҳи кӯҳи Бесутун сутург ва тааммулбарангез бошад. Шоир бо иттикко ба азамате, ки кӯҳи Бесутун дар зеҳни эронӣ дорад, Рахшро бо ташбеҳи иғроқӣ бад-ӯ монанд мекунад ва ҳайбати ин кӯҳ он гаҳ шигифтатар менамояд, ки равон ва дар ҳаракат аст.

Асоси ҳамоса бар иғроқ ниҳода шудааст, пас муболиға дар васф ва шарҳи иттифоқоти ҳамосӣ зарурӣ аст. Ин иғроқ ҳам дар синну соли паҳлавон намоён мешавад ва ҳам дар амалкард ва қудрати баданӣ, қаду қомат ва ҳатто дар дигаргуниҳои авомили табиӣ, яъне ҳама чиз дар «Шоҳнома» мамлӯ аз иғроқ ва хориқулодаҳост. Ҳам он паҳлавоне, ки гӯре баҳри хӯриш бар дарахт мекашад (6/ 318/237) ва ҳам ӯ, ки дар пиёлаи шаробаш киштӣ қодир дар ҳаракат аст (6/795/265). Агар чунин набошад, чӣ гуна метавон бовар кард, ки паҳлавон метавонад бар тамоми номуродиҳо ва сахтиҳо чира гардад:

Ба танҳо яке гӯр бирён кунӣ,
Ҳаворо ба шамшер гирён кунӣ. 2/ 77/175

Барои он ки шоир ба хонанда азамати паҳлавонашро бибоваронад, бояд ҳама чиз дар перомун ва вобаста ба ин паҳлавони аҷиб бошад, хӯрдан ва ошомидан ва ҳатто ҷилваи дирафши ин жандаи бемонанд. Дар миёни корзор ва дар он ҳуҷум ва шӯру ғавғо, ки мамлув (пур) аз анбуҳи сипоҳ ва савор ва абзори ҷангӣ аст, Рустам дирафше дорад, ки аз сутургӣ ба дарахте бар фарози теғи кӯҳ мемонад. Таҷассуми як дирафш дар ҳаду андозаи як дарахт, бедиранг сутургии ғайримаъмули дорандаи он, яъне Рустами Таҳамтанро тадоӣ мекунад. Паҳлавоне, ки дирафшаш ба андозаи як дарахт аст, худ бешак бояд бисёр хориқулода ва шигифт бошад. Фирдавсӣ дар ҳамоса иғроқи шоиронро ба унвони беҳтарин василаи тасвирсозӣ бармегузинад. Агарчи шеъри ӯ бо ташбеҳҳо ва истиораҳо ба вижа дар васфҳои отифӣ, ғиноӣ ва одӣ – зеботарин тасовирро эҷод мекунад. Аммо барои нишон додани сайри ҳамосии шеъри хеш, иғроқи шоиронаро беҳтарин навъи тасвирсозӣ мешиносад:

Дирафши Таҳамтан миёни гурӯҳ,
Ба сони дарахт аз бари теғи кӯҳ. 4/604/648

Дунёи воқеӣ ва ҳар он чӣ ба ошкорӣ ва равшанӣ дар он ҷой гирифтааст, бо зеҳни халлоқи Фирдавсӣ дармеомезад ва забони шевои ӯро халқ мекунад. Вай дар тасвирсозӣ дар ҳар гунае аз суратҳои хаёл, пуртавон ва густурдахаёл метозад ва чунон бо ашё, падидаҳо ва ҳисҳои жарф иртибот мегирад, ки бо амиқтарин таъсири каломӣ ва ҳиссӣ, зеҳн ва ҷони хонандаро бо худ ҳамсоз мекунад ва ба олитарин гуна бар ӯ таъсир мегузорад. Тасвирҳои «Шоҳнома» намоиши лаҳза ба лаҳзаи зиндагӣ аст. Равшану равон, пазируфтанӣ ва малмус, ҳатто вақте ки шоир дар иғроқе ҳунармандона бо зарофате таҳсинофарин хонандаро бе ҳеч эътирозе ба пазириши шигифтагиҳо вомедорад:

Танаш зӯрманд асту чандон сипоҳ,
Ки андар миён бодро баст роҳ. 5/18/237

Фирдавсии номдор бо иғроқ сипоҳи Маҳмудро чунон анбӯҳ ва дар ҳам фишурда ба тасвир мекашад, ки бод ҳам қодир нест, дар миёни он гузар кунад ва ё Рустами Дастон, ки дар зӯрмандӣ Ҳужабр ба андозааш намерасад ва чунон тануманду жанда аст, ки пой бар замин дорад ва сар бар абр месояд. Роҳ бар бод бастан киноя феълӣ аст, ки бори иғроқи байтро бар дӯш мекашад. Ва боз ҳам шоир аз махсусот барои иғроқи шеъри худ кӯмак мегирад. Малмус ва фаҳмиданӣ то хаёлаш дерёб нагардад ва ҳамоса бо қудрат ба пеш биравад:

Бад-он зӯр ҳаргиз набошад Ҳужабр,
Ду пояш ба хок андар ва сар ба абр. 2/79/67

Ҳангоме ки дар дастон Рустамро равонаи роҳ баҳри раҳойии Ковус мекунад, ӯро бо ситоиш ва иғроқ бармеангезад; Фирдавсӣ медонад, ки дар ин барангехтагии ҳамосӣ, дахолати умури интизоӣ на танҳо кӯмаке намерасонад, балки роҳи ҳаракати ҳамосаро сад мекунад, пас барои пеш рондани он аз ҳамаи қувваи табиӣ барои васфи худ кӯмак мегирад:

Агар ҷанги дарё кунӣ, хун шавад,
Аз овои ту кӯҳ Ҳомун шавад. 2/246/89

Рустам ҳамон андоза, ки дар набард шигифтангезу таҳсинофарин аст, ба ҳангоме ки Исфандиёр фармон медиҳад:

Бифармуд меҳтар, ки май оваред,
Ба ҷои майи пухта хом оваред. 6/793/265
Бубинам то Рустам акнун зи май,
Чӣ гӯяд чӣ орад зи Ковус кай. 6/794/265
Биёвард як ҷоми май майгусор,
Ки киштӣ бикардӣ бар ӯ баргузор. 6/795/265

Бар хони Исфандиёр низ тавони паҳлавонӣ дар хӯришро ба намоиш мегузорад ва бар ҷом густурдаи кишти сайри май мусаллат мешавад ва аз он гард бармеоварад:

Ба ёди шаҳаншоҳ Рустам бихӯрд,
Баровард аз он чашмаи зард гард. 6/796 /265

Ҳамроҳии иғроқ ва истиорае ба ин андоза нозук ва латиф бар ду байти охир бо киноя қавӣ ва ҳамосӣ, он поя аз ҳунарнамоӣ аст, ки фақат аз устоди Тӯс метавонист барояд. Ҷоми май як бор бо ташбеҳи ниҳон ва иғроқомез ба дарёе монанд шуда, ки дар он кишти мегузарад ва дигар бо истиораи ошкор, нарм ва равон чашмае

пиндошта шуда, ки замзамаи он шуниданӣ аст. Аммо ногоҳ киноя ҳамосӣ чун аз он чашма гард бармеоварад, ба якбора хонандаро ба дунёи ҳамосии «Шоҳнома» бозмегардонад.

Дар «Шоҳнома» илова бар киноясҳое, ки дар асоси ташбеҳ ҳастанд, иғроқҳои киноӣ вуҷуд дорад, ки бар асоси қайди замон ва маконанд, ки шоир ба воситаи онҳо ҳайратофариниро дар шеъри худ бештар мекунад. Дар байти зайл шоир бо киноя иғроқомез бо «сари ҳуру моҳ ба гард овардан» хостааст набарди бисёрро илқо кунад:

Чу ман бабр пӯшам ба рӯзи набард,
Сари ҳуру моҳ андар орам ба гард. 6/274-965

Ҳар нуқтае, ки бар ҳарфе омадааст, ҳаракати ҳамосиро овоз медиҳад. Фирдавсӣ кулли каломи худро он гоҳ ҳамосӣ менамояд, ки тамоми аҷзои гуфтори хешро чӣ хақ бошад ва чӣ феъл ва сифат, ё қайд дар тору пуди ҳамосӣ танида бошад. Хонанда саросар аз ҳаяҷони мутаолӣ бо хаёли шоир ба парвоз дармеояд ва ба осудагӣ ҷон ба ташбеҳ месупорад:

Чу овози Рустам шабе тираабр,
Бидарид дилу гӯши гуррони Хужабр. 4/217/16

Хонанда аз хотир мебарад, ки аз овози Рустам наметавонад миқёс ва мушаббаҳунбеҳӣ барои овоз ва садои абр бошад. Фирдавсӣ бо кумаки ҳамин афъол ва қуюд аст, ки ҷанбаҳои таҷридиро малмус ва ҳиссӣ мекунад.

Таъсиргузории иғроқи шеъри Фирдавсӣ дар миёни шоирони форсизабон бебадил буда ва касе тавони ҳамовардӣ бо вайро надорад. Фирдавсӣ бо тасовири иғроқомези худ шӯр ва ҳоле ба шеър мебахшад, ки гӯё ҳар дам кӯси ҷанг пурхурӯштар навохта мешавад.

Бизад ной Руину барбаст кӯс,
Биорост лашкар чу чашми хурӯс. 2/42/537

Иғроқе ки хаёлангезии он тавони шоиронаи ӯро фохирона боз менамояд ва бар хилофи гуфтори баъзе мунақидони ӯ назмгӯии сирфро сифати шоиста барои хеш намедонад.

Замин шуд зи наъли сутурон сутӯҳ ,
Ҳаме кӯҳ дарё шуду дашт кӯҳ,
Бикуштанд чандон зи Тӯрон сипоҳ,
Ки аз кушта шуд пушта то чархи моҳ.

Бо ташбеҳи балеғ размгоҳ бо иғроқ ҳаяҷон мегирад, барои он ки сипоҳи диловар ва ҷанганда намоён бишавад, бояд ғайримаъмул бошад, пас бо истиорае шоистае замин ба сони инсоне аз шиддати набард ва суми аспони ҷангҷӯён ба сутӯҳ меояд, кӯҳ аз фаровонии ҳаракати сипоҳиён чун дарё маввоҷ мешавад ва дашт аз бисёрии кушташои бар ҳам афтода ба сони кӯҳ ҳаҷим мегардад. Эрониён дар шикор кардани душманони тӯронӣ чунон туфандаанд ба моҳир, ки аз кушташои туронӣ пушташе азим ба вуҷуд омад, ки то чархи моҳ рафтааст. Хонанда медонад, ки на кӯҳ дарё мешавад, на пушта аз кушташо бар чарх мерасад, аммо тасовири шоирро бовар мекунад, то саҳмгинии набард ва шиддати ҷангро бипазирад.

Ҳамон гуна ки гуфта шуд, бештари иғроқҳои «Шоҳнома» дар пӯшиши истиора ба вуҷуд омадаанд ва истиораҳои муррашаҳ ва мутлақ бештар аз истиораҳои муҷаррада дида шудаанд.

Таваҷҷуҳ ба ҳаҷм ва шакли ҳандаса ва ба баёни дигар абъоди аносирӣ, ки тасвирсозанд, дар сутургии иғроқҳои «Шоҳнома» қобили таҳаммул ҳастанд. Шоир бо ёрӣ ҷустан аз ҳамин аносири сутург аст, ки вақти Ҳаҷирро ба васфи муболиғаомез аз Рустам вомедорад тамоми чашми хонандаро пур аз ҳаҷми тасвири худ мекунад:

Агар худ бубинӣ ту чанголи ӯй,
Чунон ҳайбату пайкару боли ӯй.
Бидонӣ, ки аз вай наёбад раҳо
На деву на шеру на нараждаҳо.
Ба захми сар гурзи сандон шикан,
Барорад димор аз дусад анҷуман.
Касеро ки Рустам бувад ҳамнабард,
Сарашро з-осмон андарояд ба гард.
Ҳамоварди ӯ бар замин пил нест,

Чу гард пай аспи ӯ нил нест.
Танаш зӯр дорад ба сар зӯрманд,
Сараш бартараст аз дарахти баланд.
Чу ӯ хашм гирад ба рӯзи набард,
Ба чангаш чӣ пилу чӣ шеру чӣ мард.

Иғроқ дар васфи паҳлавонон аз пуршумортарин иғроқҳои «Шоҳнома» аст ва чӣ касе бештар аз Рустам дар чашми Фирдавсӣ қобили ситоиши иғроқомез аст, Рустаме, ки бо дидораш яқин хоҳӣ ёфт, бо ин ёлу купол ҳеҷ кас аз дасту чанголи ӯ раҳоӣ нахоҳад ёфт. Дар тахайюли қудратманди Фирдавсӣ Рустам роҳ бар ҳама мебандад ва ҳамаро ба банди тавоноии хеш мекашад, чӣ шери қудратманди беша бошад, ки санбули шуҷоату нерӯи воқеӣ аст ва дар саросари шеъри форсӣ рамз барои ситоиши зурмандӣ аст ва чӣ нерӯҳои асотирӣ ва моваролӣ чун деву аждаҳо. Ӯ бар ҳама ғалаба мекунад. Қудрати шигифтангез, ки сари гурзи сандоншиканаш қодир аст дусад анҷуманро нобуд кунад, аҷиб он ки на танҳо пил наметавонад ҳамнабарди Рустам бошад, ки аспи ӯ Рахш низ шигифтангез аст ва дарёи Нил рамзи қудрат ва туфандагӣ бо ӯ қобили муқоиса нест. Ҳама чиз ва ҳама кас мағлуби ӯст. Ба ҳангоми хашм ҳеҷ инсон ва ҳайвоне тавони баробарӣ бо ӯро надорад. Ӯ ки бо он ҳайбату пайкари жандааш аз дарахт бартар аст. Шоир барои баёни азамат ва муболиға аз ҳама чизҳое кӯмак мегирад, ки рамзи бузургӣ, ҳила, шар ва қудрат аст.

Дар нигоҳи саршор аз ҷанбаҳои ҳунарӣ дар иғроқи ӯ гӯйи Сиёвуш он сон осмонро тай мекунад, ки гӯё сипеҳр гӯйро бармекашад:

Сиёвуш ба аспе дигар барнишаст,
Бияндохт он гӯйи Хусрав ба даст.
Аз он пас ба чавгон бар ӯ кор кард,
Чунон шуд, ки бо моҳ дидор кард.
Зи чавгони ӯ гӯй шуд нопадид,
Ту гуфтӣ сипеҳраш ҳаме баркашид. 3/87/41-1339

Сиёвуши паҳлавон агар дар набард таҳсинбарангез аст, дар варзишу тафреҳ низ хориқулода амал мекунанд, майдони чавгону гӯй дар ситраи ӯст. Зарбаи нирӯманди Сиёвуш бо ғулӯи шоирона гӯйро ба моҳ мерасонад ва сипеҳр дар ин баркашидан ӯро ёрӣ медиҳад. Боз ҳам ҳамаи авомили табиӣ дар хизмати паҳлавонон меоянд, то ӯ бидурахшад.

Фирдавсӣ ташбеҳҳо ва истиораҳоро зотан дорои вижагии иғроқ ҳастанд, бо бахшидани обуранги пурмуболиға бештар дар хидмати ҳамоса меоварад. Дар бархе аз анвои ташбеҳу иғроқ ҳунари шоир фузунтар худро менамоёнад ташбеҳҳои тафсилӣ, машрут ва балиғ муболиғаи васфи шоирро тавонотар нишон медиҳанд.

Гаҳи базм дар ёду дасти ман аст,
Дами оташ аз барнишасти ман аст. 6/136/12

Дар «Шоҳнома» васеътарин сувари хаёл иғроқи шоирона аст, иғроқи шоирона дорои ҳасоисе аст, ки бо дигар намунаҳои мушаббаҳи он дар шеъри ин рӯзгору замонҳои баъд низ қобили муқоиса нест. Дар иғроқҳои ӯ қабл аз ҳар чиз масъалаи тахайюлро ба қавитарин ваҷҳе метавон мушоҳида кард ва аз ин рӯй ҷанбаи ҳунарии он амрест маҳсус ва бар хилофи бисёре аз иғроқҳои муосирони ӯ ва ё гӯяндагони даврааҳои баъд, ки фақат навъи иддаост ва ин хусусият дар иғроқ шарти аслӣ аст, вагарна иғроқи ғайриҳунарӣ, ки кори ҳар дуруғгӯ аст ва ағлаби шоирон марз миёни гунаҳои мухталифро дарнаёфтаанд ва ҳар гуна иддаои дурӯғинро аз мақулаи иғроқ шумурдаанд ва аз ҳамин ҷост, ки бисёре аз ноқидон иғроқро аз миёни сувари хаёли шоирон написандидаанд…» [3, 448-449].

Таносубе, ки Фирдавсӣ дар ба коргирии маъно ва сувари хаёл дар канор ҳам муроот мекунад, муҷиби густариши тасвир шуда ва таъолии шеъри ӯро фароҳам меоварад, чунонки гуфта шудааст: «Дар каломи дерпойи озодмарди хуросонӣ тамоми ҳаракатҳо, муқовиматҳо, пирӯзиҳо, чавонмардиҳо, ком ва нокомиҳо ва дигар хусусиятҳои паҳлавонӣ бо муболиға рақам хӯрдаанд, то пурҳаяҷон ҷилва кунанд.

Арзиши ҳунарии ин сухан ағлаб замоне муазаф мегардад, ки ин унсури нерӯманди хаёлро ташбеҳ, истиора, маҷоз, киноя ва тазод таркиб карда ва ҷон ва ҳаракат ва ҳаёт ва азимат ва бекаронӣ ба тасвир мебахшад ва албатта, инчунин

иғроқи шоирона, мояи таолии баёни вай мебошад, баёне ҳамосӣ ҳосил аз зеҳни ваққод ва хаёландешу қалами саҳҳор ва шӯрофарин» [1, 205-221].

Фирдавсӣ бо ба коргирии ҳамаи унсури ҳастӣ аз кӯҳ ва дарё ва дашт то осмон ва хуршед ва ситорагон иғроқи ҳамосаи худро бо таваҷҷуҳи хос бо ҳаҷм ва шакли ҳандаса густариш медиҳад. Вусъати доманаи иғроқҳои «Шоҳнома» ҷунбише камназир ба шеъри Фирдавсӣ бахшидааст, то асаре дар шеър ва ҳамоса шуҳраи офоқ шавад, ки шуҳрататаш иғроқ набошад.

А Д А Б И Ё Т

[1.] Толибон Яхё. Омехтагии иғроқ бо шигадҳои баёнӣ дар шеъри Фирдавсӣ. Маҷаллаи Донишгоҳи адабиёт ва улуми инсонӣ, Донишгоҳи Теҳрон- тобистон ва пойиз. 1380.

[2.] Фирдавсӣ. Шоҳнома, Москва, 1965.

[3.] Шафеии Кадканӣ. Муҳаммад Ризо Сувари хаёл дар шеъри форсӣ, Теҳрон муассисаи интишороти Огоҳ, чопи саввум, 1366 ҳичрии шамсӣ.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ГИПЕРБОЛЫ В «ШАХНАМЕ» ФИРДОУСИ

"Шахнаме" - книга, которую с полным правом можно назвать вершиной поэтического воображения Фирдоуси - по многообразию содержащихся в ней аллегорий, удивительной красоты метафор, тонкому юмору, необыкновенной мощи художественных образов и выразительному языку персонажей. Размах авторской фантазии ни в коей мере не преуменьшает величия эпоса, и не уменьшает ощущения реальности происходящего. Фирдоуси очень талантливо использует сочетание сравнений, метафор, языковых средств и игры воображения для создания грандиозных эпических сцен. А преувеличение используется им как базовый прием для описания размаха происходящих в "Шахнаме" событий, как средство усиления ощущения единства и гармонии героев с окружающим миром, с той исторической обстановкой, в которой они показаны.

Ключевые слова: Шахнаме" Фирдоуси, художественные образы и выразительный язык персонажей, сочетание сравнений, метафора, языковые средства, грандиозные эпические сцены, величие поэмы.

HYPERBOLE USE IN " SHAHNAMEH " FIRDOUSI

Shahnameh is book which is full of imagination – all sorts of allegory and beautifully metaphors, measured, influent ironic and powerful figures of speech. Superfluity of imagination don't decreasing epics greatness and also don't disturbing exaggeration. Ferdosy knows very well how use situation of simile, metaphors, figures of speech and imagination, so he made exaggeration base of imagination of his epic. Exaggeration is original material in epic and Ferdosy used mix of simile, measured, exaggerating imagination and figures of speech to showing his work artistic and exiting. Exaggeration to explaining hero and making harmony by nature and war moments is most of exaggeration images of Shahnameh. Therefore superfluity of allegory, metaphors in Shahname not only makes it cheap or invaluable but surely makes it perfect and increasing imaginary and at the end of imagine exaggerations become to believable.

Key words: To «Shahnameh»" Firdousi, artistic images and expressive language of characters, combination of comparisons, metaphor, language means, grandiose epic scenes, greatness of the poem.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Нохид Макванди*** - соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. А.Рудаки АН РТ, Свободный исламский университет города Карадж.

ЯК САБАД ОБ
(нигоҳе ба зиндагӣ ва шеъри Сӯҳроби Сипеҳрӣ) *

Ҷовид Самадипур
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Субҳҳо модари ман, барои гули зард / Як сабад об мебурд,
Ман барои даҳони тамошо / Меваи коли илҳом мебурдам. «Ҳашт китоб» зикр

* Тамоми ирҷооти марбут ба «Ҳашт китоб» дорои мушахасоти зер мебошад, ки аз ин пас бо ихтисор фақат «Ҳашт китоб» зикр мешавад. Сипеҳри Сӯҳроб «Ҳашт китоб», Интишороти китобхонаи Таҳурӣ, чопи ҳабдаҳум, Теҳрон, 1376 ш.

мешавад. -С. 439

Имрӯза камтар таҳсилкардаеро меёбем, ки бархе аз шеърҳои Сипеҳриро ҳифз набошад, ё дасти кам андаке аз онҳоро нашунида бошад.

Зиндаёд Ҷалоли Оли Аҳмад дар бораи Нимо Юшиҷ навиштааст: «Намедонам худаш медонист ё на, ки агар ба шаҳр наёмада буд, Нимо нашуда буд».

Дар бораи Сипеҳрӣ низ метавон иборати мушобеҳ ва назири ин навишт: Агар вай аз Кошон ва кошонаи худ ба Теҳрон муҳоҷират намекард ва пас аз он, сафарҳои гуногун ба кишварҳои дигар ва ошноӣ бо адён ва фарҳангҳои милали гӯша ва канори ҷаҳон дар корномааш сабт намешуд, «Сипеҳрӣ» намешуд.

Зиндагинома: Сӯҳроби Сипеҳрӣ дар 15 меҳри 1307 шамсӣ дар Кошон чашм ба ҷаҳон мекушояд. Таҳсилоти ибтидоӣ ва мутавасситаро дар Кошон ва давраи дусолаи донишсарои муқадаммотиро дар Теҳрон пушти сар мегузорад. «Дар синни 18 солагӣ аввалин шеъраш ба номи «Бемор»-ро дар моҳномаи «Ҷаҳон» мунташир мекунад [2,134].

Истихдом дар идораи фарҳанг (омӯзишу парвариш) ба соли 1325 ва истеъфо ба соли 1327 рӯй медиҳад. Дар ҳамин сол дар Донишкадаи ҳунарҳои зебо, Донишгоҳи Теҳрон, ба таҳсил мепардозад ва дар ширкати нафт истихдом мешавад, ки фақат ҳашт моҳ ба тӯл меанҷомад.

Дар соли 1330 маҷмӯаи ашъорашро ба унвони «**Марги ранг**» мунташир месозад ва дар соли 1332 ба дарёфти лисонс, бо рутба ва нишони дараҷаи аввали илмӣ ноил мешавад. Дар ҳамин давра ба унвони тарроҳ дар Созмони ҳамкории беҳдошт ба кор мепардозад ва дар чанд намоишгоҳи наққошӣ дар Теҳрон ширкат мекунад, ҳамчунин китоби дигаре ба номи «**Зиндагии хобҳо**» ироа мекунад. Китобҳои баъдии ӯ иборатанд аз «Овори Офтоб», «Шарқи андӯҳ», «Ҳаҷми сабз», «Садои пои об», «Мусофир», «Мо ҳеҷ, мо нигоҳ».

Соли 1333 оғози ба кор дар идораи кулли ҳунарҳои зебо (фарҳангу ҳунар) дар бахши музейҳо ва ҳамчунин тадрис дар Ҳунаристони ҳунарҳои зебо рақам мехӯрад ва як сол баъд чопи тарҷумаҳои ашъори жопонӣ дар маҷаллаи «Сухан».

Кишварҳое, ки Сипеҳрӣ чӣ ба далели кор ва чӣ барои тафреҳ сафар мекунад иборатанд аз: Итолиё, Фаронса, Инглистон, Ҳинд, Бразилия, Покистон, Афғонистон, Олмон, Испониё, Ҳоланд, Утриш, Амрико, Юнон ва Миср.

Ӯ дар ин сафарҳо намоишгоҳи наққошӣ барпо мекунад ва дар ҷашнвораҳо ширкат мечӯяд.

Шеъри Сипеҳрӣ

1. Қолиби шеър: Сипеҳрӣ дар «Марги ранг» фақат панҷ шеър дар қолиби чаҳорпора ва ҳабдаҳ шеъри дигарро дар қолаби нимоӣ сурудааст. Дар «Зиндагии хобҳо» ҳеҷ шеъре дар қолаби чорпора насурудааст ва тамоми шеърҳои маҷмӯа дар қолиби сапед аст. Дар «Овори офтоб» фақат се шеър дар қолиби чорпора сурудааст. Аз «Шарқи андӯҳ» то охирин китоб, қолаби чорпора ҳазф мешавад. Ва қолиби сапед каму беш дар канори қолаби нимоӣ идома меёбад.

2.Ишороти динӣ ва асотирӣ: Дар шеъри Сипеҳрӣ ишороти динӣ ва асотирӣ фаровон аст. Тамоми ҳастӣ ҷилвае аз худост. Бархе аз ашъори ӯ моро ба ёди Қуръон меандозад:

Сари ҳар кӯҳ расуле дидаанд / Абри ин кор ба дӯш овардаанд.

Бодро нозил кардем, то кулоҳ аз сарашон бардорад (Ҳашт китоб, саҳ. 375 ва 376).

«Бахши охири «Сураи Тамошо»… ба навъи баён ва тарзи илқои маъонӣ дар Қуръон наздик аст» [8,57-58].

3. Мувофиқон ва мухолифон:

* Пазириши шеваи ҷадид ва раҳо шудан аз суннатҳое, ки бо он маънус шудаем, ҳамвора яке аз душвортарин мароҳили зиндагиро рақам мезанад. Сипеҳрӣ роҳи сахтеро дар пеш гирифт, ки мухолифони зиёде дошт ва мувофиқони андак. Инак назари бархе мувофиқон ва мухолифон: «Агарчӣ дар силсиламаротиби фарҳангӣ, Сипеҳрӣ ба марзи ҷадиди аз самимияти шеърӣ даст ёфтааст, вале аз назари мӯҳтавои шеърӣ, ӯро наметавон марди ин замона шинохт…» [2,291-292].

* «Сухроби Сипеҳрӣ шоири рӯзгор аст. Аз аҳолии имрӯз… ӯ аз иҷтимои худ фосила гирифт, вале аз он барканда нашуда буд» [3,186].

* «Такрори калимот дар шеъри Сипеҳрӣ бисёр рух медиҳад ва гоҳ такягоҳест барои таъкиди он чӣ дар назари ӯ аҳамият дорад…Забони ӯ равон ва наздик ба гуфтор аст. Аммо вусъат ва офаринандагӣ надорад».

* «Тасаввур мекунам, якемон аз марҳала парт будем, ё ман ё ӯ» [7,264].

Аз ҳамин теъдоди маҳдуди назарҳое, ки матраҳ шуд, дармеёбем, ки бархе, шеъри ӯро пазируфтаанд ва бархе дигар шеъри ӯро инкор кардаанд. Ин масъала ҳамвора дар мавриди шоирони бузург иттифоқ афтодааст.

4. Рамзи муваффақият:

Агар Нимо Юшиҷ, моро ба қуллаи шеъри форсӣ бурдааст, бешак Сипеҳрӣ моро дар бекарони сипеҳраш ба парвоз даровардааст.

Ростӣ чаро саранҷом, Сипеҳрӣ бар хилофи мухолифоне, ки дошт ва дорад, мақбулият ёфтааст?

«Рӯҳи шоирона ва латифи Сипеҳрӣ, ки барои ҳама чиз маънӣ ва мафҳуми хос мешиносад ва тахаюли тезпӯи вай, ки дар ҳамаи ашё борик мешавад ва аз онҳо тасвири зинда ва ҳассос ба даст медиҳад андешаҳо ва таҷрибаҳои фикрӣ ва отифии ӯро ба сурати дилпазир даровардааст…».

Аз ҷумла, авомиле, ки дар муваффақияти Сипеҳрӣ нақши асосӣ доштаанд, иборатанд аз: содагӣ ва самимият, халлоқият ва ибтикор. Баҳрамандӣ аз дониши густарда ва амиқ. Садоқат ва якрангӣ ва…

«Бубинед, ӯ чи гуна вожаҳои мутадовили маъмулиро дар созҳои хиёлангез шоирона гардонидааст: Оё вожаи мутадовилтар аз нардбон ҳаст? …Аммо вақте ҳамин вожа офтобро ба замин фурӯд меоварад, дигар вожаи мубтазал нест».

Вожаҳое аз ин даст дар шеъри Сипеҳрӣ фаровон ба кор рафтаанд.

5. Вожаҳои муҳовирағ

Ҷибҳои мо садои ҷик-ҷики субҳҳои кӯдакӣ медод. (Ҳашт китоб, саҳ. 367).

- Ман аноре мекунам дона, ба дил мегӯям / Хуб буд ин мардум, донаҳои дилашон пайдо буд. (Ҳамон, саҳ. 343).
- Лаби обе / Гиваҳоро кандам ва нишастам, поҳо дар об (Ҳамон, саҳ. 349-350).
- Дар самимияти сайёли фазо, хиш-хише мешунавӣ (Ҳамон, саҳ. 359).
- Модарам райҳон мечинад / Нону райҳону панир, осмони беабр, атласиҳои тар / Растагорӣ наздик: Лои гулҳои ҳаёт (Ҳамон, саҳ. 336).

Сипеҳрӣ парвое надорад, ки бо ба кор бурдани вожаҳои муҳовира аз арзиши шеъраш коста шавад ва комилан самимона ҳарфи дилашро мезанад. Чанд вожаи дигар дар ин ҳавза:

Ҳей задан (58), тунд бархостан (45), кафтар (280), вачаб (353), қотӣ (418).

Таъсирпазирӣ ва иқтибосҳои адабӣ:

1. Таъсирпазирӣ аз Бедил: Сипеҳрӣ бештарин таъсирро аз Бедили Деҳлавӣ пазируфтааст ва дар бархе таркибҳо ин таъсирпазирӣ комилан маҳсус аст «воқеъ ин, ки дар шикастани ҳанҷори маълуфи забон, Бедил муқтадои Суҳроби Сипеҳрист».

Сипеҳрӣ: шикасти ранг: («Ҳашт китоб», саҳ 55).

Бедил: Гарми навиди кист суруши шикасти ранг / К-аз хеш рафтаем ба дӯши шикасти ранг.

Сипеҳрӣ: марги ранг (Ҳамон, саҳ 55).

Бедил: Зи бас ҷӯши баҳори нокасӣ афсурд аҷзоям / Хазони ранг ҳам аз ман намеболад пари коҳе.

Сипеҳрӣ: Садои пои об (Ҳамон, саҳ 267).

Бедил: Боз дар гулшан зи хешам мебарад афсуни об / Дар назар тарзи Хироме дорам аз мазмуни об.

Ин шоири наққош, то ҳадде аз Мехдии Ахавони Солис таъсир пазируфтааст. Масалан вожаи **ҳечистон** дар шеъри Ахавон ин гуна ба кор рафтааст: Мо барои фатҳ сӯи пойтахти қарн меоем / То ки ҳечистони нуҳтуи фарохи ин ғуборолуди беғамро… / Нек бикшоем.

«Метавон эҳтимол дод, ки Сипеҳрӣ онро аз Ахавони Солис иқтибос кардааст» [9,17].

2. Таъсирпазирӣ аз Нимо: Ҳамон гуна, ки гуфта шуд, Сипеҳрӣ дар «Марги ранг» 17 шеърро дар қолаби нимоӣ сурудааст. Ин таъсирпазирӣ мунҳасир ба интихоби қолиб нест. Балки **«шеърҳои ин китоб аз назари баён таҳти таъсири Нимост,**

ҳатто фазои чанд шеъри ин китоб («Дар қири шаб», «Мурғи ғариб», «Зоғи сафед» ва «Ба мурғи пинҳон») ёдовари зоҳир ва намои шеърҳои чун «Мурғи ғам» ва «Ғуроб»-и Нимост» [4,45].

3. Таъсирпазирӣ аз Ҳофиз: Дар ҳақиқат на танҳо аз Нимо ва Бедил таъсир пазируфтааст, балки таъсирпазирии ӯ аз Ҳофиз то ҳадде аст, ки дар ин замина китоби мустақил ба риштаи таҳрир даромадааст (Ручӯъ к. Вакилӣ Шӯҳра, Ҳофиз-падар, Сипеҳрӣ-писар). Ба ин намуна диққат кунед.

Сипеҳрӣ: Бонге аз дур маро мехонад / Лек пойҳоям дар қири шаб аст.

Ҳофиз: Туро зи кунгураи арш мезананд нафир / Надонамат, ки дар ин домгаҳ чи уфтодаст.

4. Таъсирпазирӣ аз Фурӯғ:

Сипеҳрӣ: Субҳҳо вақте хуршед дармеояд, мутаваллид бишавем. (ҳамон, саҳ 298)

Фурӯғи Фаррухзод: Ва саҳаргоҳ аз як бӯса ба дунё хоҳад омад

Сипеҳрӣ: Дастҳоят, соқии сабзи паёмеро медод ба ман. (ҳамон, саҳ 334).

Фурӯғи Фаррухзод: Дастҳоямро дар боғча мекорам

Сипеҳрӣ: Ман садои вазиши моддаро мешунавам (ҳамон, саҳ .287).

Фурӯғи Фаррухзод: Гӯш кун вазиши зулматро мешунавӣ.

5. Таъсирпазирӣ аз Мавлоно:

Сипеҳрӣ: Нур ҳоҳам хурд / Дӯст хоҳам дошт (ҳамон, саҳ 341).

Мавлоно: Бирён нахӯрам, ки ҳам зиён аст / Ман нур хурам, ки қути ҷон аст.

6. Таъсирпазирӣ аз Хайём

Сипеҳрӣ: На ту мепоӣ на ман, дидаи тар бикшо, марг омад, дар бикшо (ҳамон, саҳ 234).

Хайём: Асрори азалро на ту дониву на ман / В –ин ҳарфи муаммо на ту хониву на ман.

7. Таъсирпазирӣ аз Манучеҳрӣ: Сипеҳрӣ: Даст аз домони шаб бардоштам / То биёвезам ба гесӯи саҳар (ҳамон, саҳ 15).

Манучеҳрӣ: Шаб гесӯ фурӯ ҳишта ба доман, Пилоси меъҷару Қирина гарзан.

Аз намунаҳои матраҳшуда ногуфта пайдост, ки Суҳроб то чӣ ҳад ба шоирони қадим ва муосир таваҷҷуҳ ва алоқа доштааст.

Интихоби ановини шеърии бесобиқа:

Сипеҳрӣ дар яке аз шеърҳояш (дар маҷмӯаи «Овори офтоб») бар хилофи маъмур, ҳеҷ унвоне интихоб накардааст ва дар сароғоз се нуқта қарор дода. Гоҳ ановине ба кор бурда, ки дар матн ба ҳеҷ ваҷҳ ба кор нарафтаанд ва зоҳиран иртиботи возеҳе бо пайкараи шеър ва мазмуни он надоранд. Аз ҷумла:

Торро (дар ин шеъри ҳаштсатрӣ се бор вожаи «тор» ба кор рафтааст, вале вожаи «торо» ҳаргиз!), Чанд, Шакпӯй, санг, обероҳ, Гузор, Соддаранг, таров, вид.

«Дуруст нафаҳмидам дар саҳфаи… таровро бар сари шеъри навишта ва видро бар сари шеърӣ дигар дар саҳфаи дигар, манзур аз ҷамъи ин ду, дуруст кардани калимаи таровид аст ё ду тилисми муҷаззо. Аз ин тилисмот дар саросари китоб ба чашм мехӯрад [6,179].

Гоҳ вожаҳое дар пешонии шеър қарор мегиранд, ки пеш аз ин чунин ифтихоре насибашон нашудааст! Монанди: «Ҳойӣ» (шояд бо аввалин мисроъ иртибот дошта бошад: Сарчашмаи рӯйиш**ҳойӣ,** дарёӣ), «Ва» (дар бахши поёнии ин шеъри 13 сатрӣ, ду бор ҷумлаҳо бо «ва» оғоз мешаванд), «Но», «То».

Фақат яке аз шеърҳои Сипеҳрӣ, унвони ғайрифорсӣ дорад, ба номи «Bodhi», ки дар маҷмӯаи шеъри «Шарқи андӯҳ» мебошад.

Натиҷаи ин мақола бар он аст, ки зимни муаррифии Суҳроби Сипеҳрӣ ба унвони як шоири ботаҷриба ва ҷаҳондида, шеърашро дар ҳадди тавон баррасӣ намояд, аз ҷумла: қолиби шеър, рамзи муваффақият таъсирпазирӣ ва иқтибосҳои адабӣ ҳамчунин ишороти динӣ ва асотирӣ.

Дар ин мақола чанд назаре мувофиқ ва мухолифтар шуда, ки ҳамин аз аҳамияти ин шоир ҳикоят мекунад.

Бар хилофи таъсирпазириҳо ва тақлидҳои адабӣ, дар ҳадди тақлиди сирф намонда ва талошҳои самимонааш натиҷабахш будааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Амирхони Парисо, Зиндагии Сӯҳроби Сипеҳрӣ. Ширкати Тавсеаи китобхонаҳои Эрон, чопи шашум, 1387 ш.-С.134.
2. Бароҳанӣ Ризо. Тилло дар мис. Ношир: Нависанда.- Ҷ.1. - 1371ш.-С.291-292.
3. Ба суроғи ман агар меоед (ба нақл аз Шоҳрухи Мискӯб).-С.186
4. Гулистон Лайлӣ. Суҳроби Сипеҳрӣ: шоир, наққош. Интишороти Амири Кабир.- Чопи панҷум. –Теҳрон, 1379 ш.-С.45.
5. Ғиёсӣ Муҳаммадтатӣ. Меъроҷи шақоиқ. Интишороти Марворид, чопи аввал, 1387ш.-С.46.
6. Козимия Ислом. Китоби моҳ. Мақолаи: Ёддоште бар «Овори офтоб» аз Сӯҳроби Сипеҳрӣ. Хурдоди 1341.-№1.-С. 179.
7. Сиёҳпӯш Ҳамид. Боғи танҳоӣ (ба нақл аз Шомлу). Испадоно, чопи аввал, Исфаҳон, 1372 ш. -С. 264.
8. Ҳусайни Солеҳ. Нилуфари хомӯш. Интишороти Нилуфар.- Чопи панҷум, 1379 ш. –С. 94.

КУВШИН ВОДЫ

(взгляд на жизнь и поэзию Сухроба Сипехри)

Сухроб Сипехри наряду с поэзией обращается также к изобразительному искусству. Он путешествовал в более 20 стран мира и участвовал в выставках по изобразительному искусству. Умер в возрасте 52 лет. В своей поэзии он сначала испытывает себя в формах чахорпора и нимои, позже он оставляет форму чахорпора и использует только форму сапед и нимои. В его стихах встречаются некоторые религиозные и мифические указания, что для некоторых осложняет их понимание.

Ключевые слова: Сипехри, путешествие, стихотворная форма, сложный глагол, состав, влияние и литературное заимствование, религиозные и мифические указания, диалоговые слова.

A JAR OF WATER

(a look at the life and poetry of Suhrob Sipehri)

Suhrob Sipehri along with poetry applies to the art. He traveled to more than 20 countries and participated in exhibitions on art. He died in his 52. At the beginning he tries himself in the forma of chahorpora and nimai, later he leaves the form of chahorpora and uses only the forms of saped and nimoi. In his verses one can encounter the religious and mythic points which makes for some difficult to understand them.

Key words: Sipehri, travel, verse form, complicated verb, component, influence and literary borrowing, religious and mythic points, dialogue words.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Джавад Самадипур*** **–**аспирант Таджикского национального университета

«МУЗАККИР-УЛ-АСҲОБ»-И МАЛЕҲОИ САМАРҚАНДӢ ДАР ТАЪРИХИ АДАБИЁТИ ФОРСӢ

Зайнаби Шеркаванд

Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Метавон қарни XVII-и мелодиро қарни тиллоии таълифоти китобҳои таърихӣ ва тазкиранигорӣ номид. Бисёре аз адибон ва аҳли фазли он рӯзгор ба таълифу танзими аҳволи шуаро ва урафову донишмандон пардохта, осори арзишманде ба мерос гузоштаанд, ки яке аз ин гуна таълифоти камназир «Музаккир-ул-асҳоб»-и Малеҳо мебошад.

«Музаккир-ул-асҳоб»-и Малеҳои Самарқандӣ, ки ба соли 1112 қ. дар шаҳри Самарқанд иншо шуда, асарест ҷомеъ, ки дар он ҳодисаҳои зиёду гуногуни сиёсӣ ва адабии асри XVII-и мелодӣ инъикос ёфтааст. Муаллифи тазкира дар асри худ чун шоир, нависанда ва адабиётшиноси нуктасанҷи тоҷик шуҳрат ёфтааст.

Мирзомуҳаммад Тоҳири Насрободӣ тазкиранависи эронӣ Малеҳоро аз наздик дида ва мақоми илмии ӯро ёдоварӣ кардааст[1].

Аҳамияти хоси ин асарро метавон аз манзари нақди адабӣ низ мавриди таваҷҷуҳ қарор дод, чунки ин китоб аз лиҳози нақди адабӣ ҷузви беҳтарин тазкираҳои мавҷуди забони форсӣ аст.

Тазкираи Малеҳо аз ҷумлаи манобеи адабӣ ва таърихӣ ба шумор меравад, ки хонандагон дар он ба шарҳи ҳол ва ҷараёни зиндагии беш аз 213- нафар адиб ва

шоири асри XVII ошно ва низ бо робитаҳои адабӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳр дар қарни XVII-и мелодӣ ошно мегарданд [2].

Устод Абдулғанӣ Мирзоев, яке аз пажӯҳишгарони соҳибназар дар заминаи тазкираи Малеҳо мебошад. Ин донишманди барҷастаи адабиёти тоҷик, як силсила мақолаҳои илмӣ дар заминаи ин тазкира навиштааст.

Тазкираи Малеҳо хеле зиёд дар баррасиҳои донишмандони чи риштаи таърих ва чи риштаи адабиёт мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст.

Муҳаққиқе, ки беш аз ҳама дар муаррифӣ ва шинохту баррасии «Музаккир-ул-асҳоб» бисёр кӯшидааст. Донишманди барҷастаи тоҷик Абдулғанӣ Мирзоев буд, ки натиҷаи пажӯҳиши худро ба сурати мақолаҳо дар маҷаллаи маъруфи он замон «Шарқи Сурх» дар солҳои 1940 то 1961 ба чоп расонд. Ӯ мақолаҳое ба забони русӣ ва англисӣ дар ҳамин мавзӯъ навишт ва илова бар он дар Кунгураҳои ҷаҳонӣ дар соли 1960 дар шаҳри Масква роҷеъ ба «Музаккир-ул-асҳоб» суханронӣ намудааст [3].

Адабиётшинос Садрӣ Саъдиев ҳам дар китоби «Адабиёти тоҷик дар асри XVII» дар соли 1985 ба муаррифии ин асар пардохт[4]. Малеҳо дар ин тазкира бештар шарҳи ҳоли шоирони Самарқанду Бухороро тавсиф намудааст, яъне шумораи шоироне, ки Малеҳо муаррифӣ намуда, бештар дар ин ду ҳавзаи муҳими адабиёт аст. Чун дар қарни XVII мелодӣ, ҳавзаҳои муҳими адабиёт шаҳрҳои Самарқанду Бухоро будааст.

Малеҳо ду бор ба Бухоро сафар кард ва фақат ба тавсияи шоирони маъруфи он ҷо пардохтааст. Аммо чун худаш Самарқандист ва ҳама шоирони он сарзаминро мешиносад, шумораи шоирони муаррифишудаи Самарқандӣ бештар аз Бухороист. Ин нукта худ далели иддаоест, ки Малеҳо ба сабаби ин ки шоирони ҳавзаи Самарқандро бештар мешиносад, касоне, ки ҳатто шеър хеле кам сурурда низ ба ҷамъи шуарои китоби худ афзудааст.

Малеҳо тартиби овардани шоиронро дар бахши ибтидои китоб бар асоси ҳарфи аввали тахаллуси онҳо ва ба сурати ҳуруфи ҳиҷоӣ овардааст ва худ дар аввали китоб ба ин муҳим ишора намудааст. Ин тартиб дар он замон, ки ихтилофи табақотӣ дар миёни ҷомеа вуҷуд дошт, худ нишондиҳандаи ин аст, ки Малеҳо табақоти мухталифи мардумро дар канори ҳам қарор додааст ва тафовуте байни инсонҳо аз назари сатҳи табақотӣ қоил набудааст [5]. Аммо дар бахши мулҳақоти охири китоб 37 шоирро, ки муаррифӣ намудааст, бар ин асоси ҳуруфи алифбо намебошад. Малеҳо дар овардани ашъори шуаро аз ашъори хубу нағзи онҳо баҳра ҷустааст ва ба таносуби тавсиф ва мақому дараҷаи он шоир дар шоирӣ аз ӯ як байт то 170 байтро зикр мекунад. Бинобар ин, аз овардани шумораи абёти шеъри шуаро метавон ба рутбаи шоирии онҳо пай бурд.

Он чи ки Малеҳоро ба унвони як адиби барҷаста ва соҳибном дар таърихи адабиёти форсӣ муаррифӣ мекунад, навиштани тазкираи маъруфи ӯ «Музаккир-ул-асҳоб» аст, ки илова бар арзиши таърихӣ ва фарҳангӣ арзиши адабии волое дорад ва намунаи зебои насри форсии Мовароуннаҳр дар қарни XI ҳ. XVII м. ба шумор меравад.

Малеҳо бо таваҷҷуҳ ба муаррифии шоирон дар тазкираи худ адабиёт, ғазалиёт, қасоид, дубайтие аз онҳоро низ овардааст. Малеҳо дар тазкираи худ бо истифодаи комил аз наздикии замон ва макон иттилооте аз зиндагонӣ, сират, шахсият, ахлоқиёти шоирони замони худро фароҳам овардааст, ки наметавон ба василаи дигар ба даст овард.

Нақди Малеҳо бар осори дигарон. Яке аз вижагиҳои тазкираи мавриди пажӯҳиш нақди муаллиф бар абёти баъзе аз гӯяндагон аст. Малеҳо натанҳо осори шуароро мутолиа кардааст, балки онҳоро маҳаке зада ва то ҳудуде аз назари адабӣ арзиши доварӣ кардааст.

Дар баъзе мавридҳо тазаккур додааст, ки гӯянда аз сабки кадом шоир мутаассир аст ва ё татаббӯъи девони чи шоиреро дорад. Ӯ ашъори бархе аз шоиронро нақд карда ва он чи ба назари ӯ дуруст буда, навиштааст.

Равиши Малеҳо дар муаррифии шоирон. Ҳар яке аз шоиронро ба миқдори рутба ва ба қадри мартаба ва шони он тавсиф намудааст ва ҳар фардро баста ба фазилату диққати назар аз рӯйи шинохти фаҳму дарки хеш, ки огоҳӣ дошта, ба баёни ҳоли он фард пардохтааст.

Афгор, Мавлоно Зоҳид Афгори Самарқандӣ. Ҳангоме ки аз Мавлоно Афгори Самарқандӣ суҳбат мекунад, ба донистани илмуляқини эшон ишора мекунад ва шуҳрати ӯро ба чиҳил чилла нишастан раво медорад ва аҳли ибодату эътикоф будани ӯро эътироф мекунад ва ӯро шоире медонад, ки ашъораш нағз ва аз ҳар мавзӯе саршор аст. Ӯ дар анвои шеър: қасидаҳои ғарро, қитъаҳои зебо, ғазалҳои намакин ва рубоиҳои саросари таҳсин дасти қавӣ дорад ва ӯро соҳиби девони ашъор бо тахаллусҳои гуногун тавсиф мекунад.

Малеҳо дар бораи мақоми шуаро низ назар карда ва ба унвони намуна мегӯяд, ки Мирзо Муқим Эҳсони Машҳадӣ аз куҳна шоирони Хуросон ва аз муосирони Мавлоно Соиб аст. Дар шарҳи ҳоли шоири фавқ менависад, ки ӯ покизасухан, ибораташ фаҳмида ва ҳикоёташ санҷида аст.

Дар мавриди шеъри Муҳаммад Аминбеки Нишопурӣ мегӯяд: Дар фанни шеър ва донишварӣ, нозукравӣ ва диққати сухан соҳибтарзи беназир ва бебадил аст.

Дар мавриди Хоҷа Фақири Расво Қаландар чунин оварда, ки дар иқлими таҷарруд ғанӣ аст ва аҳли маърифат аст. Ҳамчунин дар зикри шоири фавқ навишта: … каломи насраш намакин аст.

Вақте дар мавриди Ҳотами Бухорӣ суҳбат мекунад, ба зиндагонии риндонаи ӯ ишора дорад ва низ дар шарҳи аҳволи Мулло Ризои Бухорӣ низ менависад: Ӯ дар шеър ба тарзи қудамо мутамоил буда ва татаббуи ашъори сойир дорад.

Малеҳо дар тароҷуми шуарои ҳамаср шарҳи ҳоли эшонро мухтасар, вале каломи худро нисбат ба шароити муҳити зиндагии шоир муфассалтар овардаст. Дар интихоби ашъор низ завқу салиқаи хосе ба харҷ додааст.

Ин тазкираи гаронарзиш мавриди таваҷҷуҳи пажӯҳандагони Тоҷикистон қарор гирифтааст, вале дар Эрон ин асар комилан шинохта нашудааст.

Аҳамият ва вижагиҳои тазкира:

1. Тазкираи Малеҳо дар зинда нигоҳ доштани исми бисёре аз шоирон ва ашъори онон нақши муҳимеро ифо кардааст. Агар имрӯз китоби «Музаккир-ул-асҳоб» вуҷуд надошт, мо аз иддаи зиёде аз шуаро ва осори онон, ки зикрашон дар китобҳои дигар наёмадааст, балки маҳрум будем чун натанҳо девон ва осори манзуми бисёре аз онон имрӯз ба ҷо намонда, ҳатто исми аксарашон низ дар кутуб ва таъриху осори шуарои мутааххир зикр нашудааст.

2. Тазкира ашъори шуарои замони худро шомил аст ва бо муроҷиа ба ин тазкира хонанда метавонад иттилооти муфиде дар бораи сайри таҳаввули шеъри форсии қарни XVII дар ихтиёри мо қарор диҳад.

3. Дар шарҳи ҳоли шуарои зикршуда гӯшае аз одоб ва русуми он давра мушоҳида мешавад, ки баъзе нукоти мубҳами иҷтимоии он аҳдро рӯшан месозад.

4. Малеҳо дар зимни шарҳи ҳол ё нақли ашъори бархе аз шуаро дар бораи мақоми адабии онҳо ё аҳамияти баъзе аз намунаҳои шеърашон изҳори назар мекунад ва ин қабил ақидаҳо ва назариёт дар табйини пояи илмӣ ва адабии шуарои мазкур хеле кӯмак ва роҳнаомӣ мекунад.

5. Малеҳо соҳибзавқ буда ва мушаххас аст, ки сартосари девони баъзе аз шоиронро мутолиа карда ва намунаҳои шеъри хуби онҳоро дар тазкираи худ сабт намудааст. Бинобар ин, касоне, ки танҳо ашъори хуби шоиронро мехоҳанд, дигар эҳтиёҷ ба девони шуаро надоранд ва танҳо метавонанд, ба мутолиаи тазкираи мавриди таҳқиқ иктифо намоянд.

6. Малеҳо шарҳи аҳволи шоиронеро дар тазкираи худ оварда, ки шарҳи ҳоли аксари онҳоро наметавон аз кутуби дигар ба даст овард. Чун бархе аз онон ҷузви шуарои маъруфи он замон набуда ва бинобар ин, агар тазкираи ӯ имрӯз ба ҷо намонда буд, мо натанҳо аз ашъор ва шарҳи ҳоли бисёре аз онҳо, ки дар ин тазкира зикр шуда, маҳрум мешудем, балки ҳатто наметавонистем шарҳи ҳол ва намунаи осори нависандагони онҳоро ҳам аз ҷойи дигар ба даст оварем.

Номи Малеҳои Самарқандӣ бо тазкира ва тазкиранависӣ пайванди амиқ хӯрдааст. Ҳарчанд тазкираи Малеҳо дер шинохта шуд, аммо ба таври ҳатмӣ дар таърихи адабиёти форсӣ номи Малеҳои Самарқандӣ бо тазкира ва тазкиранигорӣ пайванди ногусастанӣ ёфтааст.

Дар садаҳои қабл ва баъд аз Малеҳо чандин девону тазкира барои намояндаҳои адабиёти форсӣ барҷой мондааст, аммо барои қарни XVII-и мелодӣ танҳо бо як

тазкира метавон авзои адабӣ ва таърихи адабии Мовароуннаҳрро намоён сохт. Ин худ аҳамияти тазкираро дар таърихи адабиёти форс-тоҷик нишон медиҳад. Аҳамияти тазкираи Малеҳо дар омӯхтани адабиёти қарни XVII тоҷик бениҳоят муҳим аст, зеро ин асар ягона сарчашмаи муҳими адабиёти ин давра аст.

Дар он давра тавре ки Малеҳо гуфтааст, бисёре аз шуаро девони шеър доштаанд, аммо мутаассифона, имрӯз ба ҷуз ду ё се девон, бақия аз байн рафтааст. Агар тазкираи Малеҳоро имрӯз рӯйи даст намедоштем, ҳатто номи бисёре аз шоирони форсизабон бо намунаи ашъорашон барои мо аз он рӯзгор қобили дастрас набуд. Аз ин рӯ, Малеҳо бо таълифи тазкирааш барои адабиёти форсии Мовароуннаҳр хидмати бузурги таърихӣ кардааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Насрободӣ, Мирзо Муҳаммад Тоҳир. Тазкираи Насрободӣ. Муҳсини Ноҷӣ Насрободӣ. Асотир. -Ҷ.1. -Ҷ.1. –Теҳрон, 1378.
2. Буванд, Шаҳриёри Алиасғар. Аҳамияти тазкираи Малеҳои Самарқандӣ дар қарни XVII м. с.24, 1390.
3. Мирзоев Абдулғанӣ. Маҷаллаи Ваҳид. Музаккир-ул-асҳоб ва адабиёти асри Сафавия. -Теҳрон, ч.5, №58, 1374.
4. Саъдиев Садрӣ. Адабиёти тоҷик дар асри XVII. -Душанбе, 1985 -с.77.
5. Малеҳои Самарқандӣ. Муҳаммад Бадеъ. Тазкираи «Музаккир-ул-асҳоб». Ба эҳтимоми Камолиддин Садриддинзода Айнӣ. Душанбе. Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон. -Ч.1. 1385.

ЗНАЧЕНИЕ «МУЗАККИР-УЛ-АСХОБ»- МАЛЕХО САМАРКАНДИ В ИСТОРИИ ПЕРСИДСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ

Летописное произведение «Музаккир-ул-асхоб» Малехо Самарканди имеет очень важное историческое и литературное значение, так как доносит до нас сведения о жизни и поэтическом наследии многих поэтов Самарканда и Бухары. В своем произведении Малехо Самарканди не только дает подробные сведения о жизни и поэтическом наследии своих поэтов-современников, но также подвергает анализу и критике их произведения. Также его произведение имеет важное значение в изучении истории таджикской литературы

Ключевые слова: Малехо Самарканди, поэты Самарканда и Бухары, летописное произведение «Музаккир-ул-асхоб», таджикская литература.

MUZAKKIR-UL-ASKHOB VALUE - MALEKHO SAMARKAND IN THE HISTORY PERSIAN LITERATURE

Annalistic work "Muzakkir-ul-askhob" of Malekho Samarkandi has very important historical and literary value as informs to us data on life and poetic heritage of many poets of Samarkand and Bukhara. In Malekho Samarkandi's work not only supplies detailed information about life and poetic heritage of the poets contemporaries, but also subjects to the analysis and criticism of their work. Also its work is important in studying of history of the Tajik literature

Key words: Malekho Samarkandi, poets of Samarkand and Bukhara, annalistic work "Muzakkir-ul-askhob", Tajik literature.

СВЕДЕНИЕ ОБ АВТОРЕ: ***Зайнаб Шеркаванд-*** соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. А.Рудаки АН РТ

ДАРУНМОЯИ «ФАР (Р)» ДАР «ШОҲНОМА» -И ФИРДАВСӢ

Ақили Замонӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Фар (ф-а-р-р) дар луғат ба маънои шон ва шавкат, шукӯҳ ва азамат маънӣ шудааст. Ба ин намунаҳо диққат кунед: [2]

Бар оини шоҳони пешин равем,
Ҳамон аз пайи фарраву дин равем.
(Фирдавсӣ)

З-он бару бозу зон дасту дилу фарраҳу бурз,
З-он ба ҷанг омадану кӯшиши бо шерри арин.
(Фаррухи Систонӣ)

Ва ё ин намуна аз Ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ:

Чу мардум аз фарри дин фурӯ монд,
Дунё надиҳаш зебу на фар.

Ҳамчунин фар бо талафузи (ф-а-р-р) дар забони паҳлавӣ (фарра) аст ва дар форсии бостон (фарраҳиё) ба маънии **бисёр, афзун** ва **зиёда** маънӣ шудааст. [2]

Фарраҳ ганди пирист, шурида ҳуш,
Бадандешу фарзандхӯр, шӯйкуш.
(Асадӣ)

Фарри фурӯғи эзадӣ ва ҳамон нури сотеъ аз нуруланбор аст, ки анбори муҷаррада, аз ҷумлаи нафси инсониро ба вуҷуд овардааст ва низ ишроқи он бар нафс сабаб мешавад, ки нафс дунёи ҳақиқии худро дарк кунад. Нафс низ аз асли хурра ва нури худовандӣ аст. [4]

Калимаи фар, ки гоҳ сурате аст, аз вожаи пур дар таркиботе ҳамчун **пурҳумой /фарраҳумо** мубайини навъи эътиқоди омиёна дар расидан ба авомил бартару мутаол аст. [3]

Дар тавҷеҳ ва таъбири устураҳои эрониён **пурҳумой** мазҳаби саодат буда, ҳамчунон ки **ҳумо/ҳумой** мурғи саодат ва бахту иқбол хонда мешудааст. Омаи мардуми Эрон муътақид буданд, ки сояи ин мурғи афсонавӣ бар сари ҳар касе, ки афтад, ӯро ба давлату иқбол ва ба хушбахтӣ раҳнамун месозад. Албатта, чунин эътиқоде дар таъбири хобҳо низ намоён аст, масалан касе агар дорои бол бошад ва ё парвоз кунад дар таъбири он муваффақияту комёбӣ ва тағйири куллӣ пешбинӣ мешавад ва бо вуҷуди муваффақиятҳои фаровон пас аз ин руъёҳо метавонад, русухи фарҳанг ва эътиқодотро дар замири нохудогоҳии мо, ба исбот бирасонад.

Дар бештари манотиқи Хуросон шаклҳои мухталифе аз ин таркиб ба шумор меравад. Монанди фарҳанг **думфарра**, **духумпара**, **сарфара** ва ғайра, ки дар ҳамаи маворид мурод, қаноти корез ва мазҳари об аст.

Фар муҷиби қудрат ва тавонмандӣ мешавад. Бадеҳӣ аст, ки иноят ва бахшиши Худованд ба бандагони вижаи худ, барои рафъи мушкилот, беҳрӯзӣ ва саодат аст. Қудратмандӣ ва тавонмандии шоҳ дар таҳаққуқи он аҳдоф метавонад, бисёр муҳим бошад. Қудратмандии подшоҳ гоҳе ба ҳаде мерасад, ки метавонад корҳои хориқулодаро низ анҷом диҳад ва инак ба зикри намунаҳои мураттаб ба мавзӯъ мепардозем.

Манучеҳр дар набард бо амуҳои худ (Салм ва Тур) барои хунхоҳии падараш Эраҷ мегӯяд, ки ба мадади фар чандон ба шумо амон нахоҳам дод. Ба як чашм дарҳам задан сари онҳоро аз ҳам ҷудо карда ва ба лашкариёнаш нишон диҳам:

Ба фарри Худованд хуршеду моҳ,
Ки чандон намонам варо дастгоҳ.
(Ҷ.1,1867)
Ки бар ҳам занад мижжа зеру забар,
Абетан ба лашкар намоямаш сар.
(Ҷ. 1, 1868)

Ӯ ба кӯмаки Фаридун ба Туронзамин юриш мебарад ва пирӯзӣ ба даст меоварад. Чунонки мегуяд:

Расидам ба фаррат ба Туронзамин,
Сипаҳ бар кашидему ҷӯстем кин.
(Ҷ.1, 1935)
Сипос аз ҷаҳондори пирӯзгар,
К-аз ӯ яст нерӯву фарру ҳунар.
(Ҷ.1, 2089)

Фар муҷиби расидани паём аз Худо мешавад. Подшоҳон робита ва воситаи Худо бо мардум ҳастанд. Ин маънӣ дар «Шоҳнома» ба вузӯҳ баён шудааст. Ҳамчунон дар замони подшоҳии Ҷамшед, ки ҳукумати қудратмандеро эҷод карда буд омадааст:

Чунин то баромад, барин солиён,
Ҳаме тохт аз шоҳ фарри каён.
(Ҷ.1, 415)
Ҷаҳон буд ба ором аз он шодком,
Зи Яздон бад-ӯ нав ба нав буд паём.
(Ҷ.1,416)

Фар муҷиби подшоҳӣ ва мӯбадӣ. Аз таърихи Эрони бостон ин гуна бар меояд, ки фар боиси подшоҳӣ мешавад. Аммо кам набудааст аз подшоҳоне, ки пешвои умури динии мардумро ба уҳда доштаанд ва ин мавзӯ аҷибу шигифтоваре нест, чаро ки касе мавриди иноятии Худо қарор гирифта ва дар раъси умур қарор мегирад ва бояд ҳидояткунандаи мардум дар раҳи ҳаракати худ ба сӯйи Худо бошад. Дар бисёре аз матолиб ва навиштаҳое, ки дар «Шоҳнома» аз шоҳон баён шуда, ин пешвои динӣ ба чашм мехӯрад, аммо фақат теъдоди андаке аз онҳо ба сироҳат худро мӯъбад ва пешвои динӣ муаррифӣ кардаанд. Яке аз онҳо Ҷамшед, ки ба хуршедфар марсум буд:

Ҷаҳонро фузуда бад-ӯ обурӯй,
Фурузон шуда, тахти шоҳи бад-ӯй.
(Ҷ.1, 363)
Манам гуфт бо фарри эзадӣ,
Ҳамам шаҳриёре, ҳамам мӯъбаде.
(Ҷ. 1, 364)

Фар муҷиби огаҳӣ бар замир ва рози афрод мешавад. Ин яке аз дигар вижагиҳои хориқулода будани подшоҳон аст. Чунонки вақте Кайхусрав савор бар аспи сиёҳи падараш шуд ва дар як лаҳза аз чашмҳо ниҳон шуд. Гев пиндошт, ки деве ба шакли аспи Сиёваш Кайхусравро рабуда ва … то ин ки Кайхусрав бозгашт ва аз тақрири дил ӯ сухан гуфт:

Бад-ӯ гуфт Гев, эй шаҳи сарфароз,
Сазад к-ошкоро бувад бар ту роз.
(Ҷ.3, 3139)
Бад-ин эзадӣ фарру бурзи каён,
Бар мӯй андарӣ бубинӣ миён.
(Ҷ.3140)

Фар муҷиби бароварда шудани дуо ва касби муваффақият мешавад. Тавсил ба фар ва ҳурмат он бароварда шудани дуо ба хостаи худ аз намунаҳои қобили зикр ва тафаккур дар «Шоҳнома» аст. Ҳамчунон, имрӯз низ барои бароварда шудани хостаҳо ва иҷобати онҳо ба инсонҳои пок ва муфлис мутавассил мешаванд ва онҳоро восита қарор медиҳанд, то Худованд ба ҳурмати шараф ва обурӯйи онҳо, хостаи бандаи худро қабул кунад.

Рустам дар набард бо Сухроб он фарзанди нокоми худ чун нотавон бимонд, аз Ковус мехоҳад, то барои муваффақияти ӯ дуо кунад:

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки бо фарри шоҳ,
Барояд ҳама комҳо, некхоҳ.
(Ҷ.2, 376)

Ё дар таъқиби Кайхусрав, ки бо ҳамроҳи модараш Фарангис ва Гев ба сӯйи Эрон мерафтанд, сипоҳи Афросиёб ба фармондиҳии Настиҳун ва Гулбод ба онҳо расида Гев ба танҳои иддаи зиёде аз онҳоро ба ҳалокат расонид. Гулбод ба Настиҳун гуфт, ки ин тавони Гев ба хотири Кайхусрав аст, ки бар ӯ назар дорад ва дар ҳаққи ӯ дуо кардааст.

Ба Настиҳун гурди Гулбод гуфт,
Ки ин кӯҳи хорост ба ёлу суфут

Бидон к-ин ҳама фарри Кайхусрав аст.
На аз захми куполи Геви гав аст.
(3195)
Надонам чи ояд бар ин буму бар,
Зи фармони Яздон, ки ёбад гузар?
(3196)

Фар муҷиби ибдоъ ва ихтироъ мешавад. Ба назари нигоранда фар аз олам ва ризояти худовандӣ аст. Пас аз илм дар дироят (ақлу дониш) ӯ нашъа мегирад. Пас боиси навоварӣ ва ихтироъ мешавад, то зиндагии пайравон ва диндориро ба сӯйи роҳатӣ ва камол савқ диҳад.

Ҳушанг дувумин подшоҳи пешдодӣ бо фарри каёнӣ оҳанро аз санги хоро ҷудо кард ва бо оҳангарӣ обзори кишоварзӣ сохт ва сипас бо ҳифри каналҳои об кишоварзиро омӯзиш дод.

Нахустин яке гавҳар омад ба чанг,
Ба дониш зи оҳан ҷудо кард санг.
Сармоя кард оҳани обгун,
К-аз он санги хоро кашидаш бурун.
Чу бишнохт оҳангарӣ пеша кард,
Куҷо зу башар арраву теша кард.
Чу ин карда шуд, чораи об сохт,
Зи дарё бароварду ҳомун навохт.
Ба ҷӯю ба рӯд обро роҳ кард,
Ба фарри каёнӣ ранҷ кӯтоҳ кард.

Хулоса, фарри эзадӣ нишонаи ҷамъ шудани тамоми ин хусусиёт ва сифоти инсонӣ аст, ки ӯро бо арз ва шохис мекунад ва аз ҳамгунони худ фаротар мебарад. Ин андешаи бузург дар посдорӣ аз Эронзамин чӣ аз хатари Афросиёбҳои туронӣ ва чӣ дар парваронидани Сиёвушҳои рӯҳонӣ ва чӣ дар пос доштани Кайхусарвони қудсӣ, ки гуё барои раҳоӣ ва нозиши Эрониён аз баидтарин тасаввурот ва хаёлоти туронӣ азми Эрон мекунанд ва пас аз нил бар ин муҳим роҳи осмонҳо ва суришиёнро дар пеш мегирад. Худро дар ҳифзи покӣ ва сафо мувофиқ медорад, ба ҳақиқат мепайвандад. Ӯ назаркардаи Худо ва маҳбуби дили инсонҳои озодандеш аст. Ӯ бо талош ва муҷоҳадат ба ин мақом расида ва ё дар ҳифзи он инояти худовандӣ бисёр дақиқ ва кушо аст. Чунонки ҳакими Тусӣ мегуяд:

Фаридуни фаррӯх фаришта набуд,
Зи мушку зи анбар сиришта набуд.
Ба доду диҳиш ёфт ин фарраҳӣ,
Ту доду диҳиш кун Фаридун туӣ.

А Д А Б И Ё Т

1. Баҳор Меҳрдод. Пажӯҳише дар асотири Эрон. -Теҳрон, 1357.
2. Деҳхудо Алиакбар. Луғатномаи Деҳхудо.- Теҳрон, 1325.
3. Носеҳ Муҳаммади Маҳдӣ. Баррасии мавонеъ ва авомили пешрафтҳои фарҳангӣ ва омӯзиши Систон, Балуҷистон ва Ҷануби Хуросон. Интишороти донишгоҳи Фирдавсӣ, Машҳад.- 1366. -с. 42.
4. Ҳонри Курбан. Арзи малакути колбуди инсонҳо дар рӯзи растохез аз Эрони маздоӣ то Эрони шиъӣ. - 1358.- с. 43.
5. Эътимод Муқаддам Аликулӣ. Фар дар Шоҳнома. Фарҳанг ва ҳунар, 1352.

СОДЕРЖАНИЕ СЛОВА «ФАР» (ВЕЛИКОЛЕПИЕ, СИЯНИЕ) В «ШАХНАМЕ» ФИРДОУСИ

В данной статье автор рассматривает использование слова «фар» (великолепие, сияние) в «Шахнаме» Фирдоуси, а также его содержание и значение.

Ключевые слова: слово «фарр», «Шахнаме» Фирдоуси, значение слова «фарр», словарь, использование.

THE MAINTENANCE OF THE WORD OF "HEADLIGHTS" (*MAGNIFICENCE, LIGHT*) IN "SHAKHNAMA" FIRDOUSI

In this article the author considers use of a word of "headlights" (magnificence, light) in "Shakhnama" Firdousi, and also its contents and value.

Key words: word of "headlights", "Shakhnama" of Firdousi, word meaning of "headlights", dictionary, use.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Акили Замони***-соискатель ТГПУ им.Садриддина Айни

ЧЕҲРАИ ТАЪРИХӢ ВА АДАБИИ ИСКАНДАР ДАР ОИНАИ ХАЁЛИ ҲАКИМ НИЗОМӢ

Саид Алиакбар Шариатифар
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳар эроние, ки ворид ба мадраса ва мактаб мешавад, пас аз муддати кӯтоҳ бо таърихи Эрон ошно мешавад. Дар таърих мехонад, нахустин ҳукумати қавие, ки дар Эрон ба вуҷуд омадааст, тавассути модҳо будааст ва бо заиф шудани онҳо, Ҳахоманишиён, ки аз порсиён буданд, ба қудрат расиданд ва бузургтарин ҳукумати Эрон дар тӯли таърихро ба вуҷуд оварданд, қисматҳои васеи аз Осиёву Аврупоро дар ихтиёр дошт. Ва дар идома мехонад, ки: барои ин давлат душмани хатарноке аз Юнон омад. Ин хатар аз ҷониби шахсе ба номи Искандар аз мардуми Мақдумия буд. Ӯ як низомии ҷоҳталаб буд, юнониҳоро барои ҳамла ба Эрон таҳрик кард.

Саранҷом ба Эрон ҳамла кард ва Дороюши сеюм, охирин подшоҳи Ҳахоманиширо шикаст дод, Дар ин ҳангом як фармони эронии шуҷоъ ба номи Ориюбарзин дар Форс бо ҳамароҳи ёронаш дар баробари Искандар истодагӣ кард ва идае аз юнониёнро аз байн бурд, аммо ба далели камии сипоҳиёнаш саранҷом дар саҳни набард кушта шуд.

Табиати ӯ аз ҳамин айём ба ин қаҳрамони шуҷои Эрон, ба унвони як эронии ватанпараст алоқаманд мешавад ва як душмане ва кина нисбат ба Искандар пайдо мекунад. Ҳамчунин ӯ аз ҳамин даврони ботадриҷ ба осори Ҳаким Низомӣ ошно мешавад ва мехонад, ки яке аз панҷ ганҷи ӯ «Искандарнома» аст ва сипас дар шеъри дигари шоирон, ки дар бораи Искандар омадааст, абёте дар васфи бузургӣ ва некуии Искандар мехонад ва шигифтзада мешавад, ки яъне чӣ?

Хулоса, ин ки барои ҳар эронӣ аз ҳамон даврони навҷавонӣ ва оғози таҳсилӣ ин савол вуҷуд дорад, ки агар Искандар чунон буда, чаро эрониён дар адабиёт аз ӯ сухан гуфта ва он ҳама ба ӯ баҳо додаанд ва ӯро то ҳадди як масъалаи иҷтимоӣ ва як Паёмбари илоҳӣ боло бурдаанд?

Чаро китобҳое аз назм ва наср ба номи «Искандарнома» дар васфи ҳамлаи ӯ ба Эрон ва аҳволи некӯ ва шигифтангезии ӯ навишта ё сурудаанд? Ва аз ҳама муҳимтар, чаро беш аз як сеюми сурудаҳои Ҳаким Низомӣ он шоирони камназир ва андешаманди бузург ва эрондӯст ба Искандар ихтисос ёфтааст.

Пеш аз пардохтан ба посухи ин пурсиш ёдоварии ин нукта муҳим аст, ки чеҳраи таърихӣ бо чеҳраи адабӣ ва мазҳабии Искандар назди мо эрониён, комилан бо ҳам мутафовут аст, лизо дар оғоз ба сурати хаёли кӯтоҳ, ҳақоиқи таърихиро баён мекунем, сипас ба чеҳраи дуввуми Искандар, ки ба сурати чеҳраи пок ва муқаддас аст, мепардозем ва баъд аз он далоил ва чигунагии ин таҳаввулро дар азҳони эрониён таҳлил мекунем.

Чеҳраи таърихии Искандар. Назар ба аҳамияти фаровони ҳамлаи Искандари Мақдунӣ ба Эрон то кунун китобҳо ва мақолот ва матолиби бешуморе навишта шудааст, ба тавре ки фақат ба қавли оғои Аҳмад Ҳомӣ, искандаршиноси амрикоӣ ҳисоб кардаанд, ки 1223 «Искандарнома» навишта шудааст [6,1].

Аммо мутаассифона аснод ва мадорики таърихии муҳим ва саҳеҳе аз манобеи куҳани Эрон боқӣ намондааст ва чанд ҷо, ки ба сурати ҷаставу гурехта дар мутуни паҳлавӣ аз ӯ ёд шуда, ӯро шум хондаанд ва он чи ҳаст, аз чанд муаррихи юнонӣ ва мақдунӣ аст, ки ихтилофоти зиёде бо ҳукм доранд ва таърихҳои имрӯзии мо низ бештар истинботҳо ва нақли қуллаҳоӣ аз онҳост.

Бар хилофи он ҷо дар «Искандарнома» омада, ҷанги Искандар ва Дороюш ва дархости боҷу хироҷ аз Искандар ва мунсариф кардан аз ин дархост набуд, балки ҳамла ба Эрон, пеш аз ба подшоҳи Искандар ва василаи падараш Филип барномарезӣ шуда буд ва ӯ сипоҳиёни варзидаеро ба номи Фолонуз барои ин амр таълим дод ва пас аз марги ногаҳонии ӯ Искандар ин ҳадафро дунбол кард. Он гуна ӯ рӯзе хитоб ба Искандар гуфта буд, ки «Мо мехоҳем бо қудрати низоми худ саросар шоҳаншоҳи Ҳахоманиширо зери пойи худ дароварем» [4,113].

Марҳум Ҳасан Парниён менависад: «Аввалин подшоҳе, ки Мақдуниро бузургмард намуд, Филип буд. Ин подшоҳ ташкилотеро ба Мақдунӣ дод ва қушуне бисёр сохт, ки саромади қушунҳои он замон шуд. Баъди Дували юнонӣ ҷанг карда, онҳоро тобеи худ карда, пас аз он дар садади таҳияи ҷанг бо Эрон гардид ва Юнонро бар хилофи майли ботини онҳо маҷбур намуд, ки ӯро ба сипаҳсолори кулли Юнон барои ҷанг бо Эрон интихоб намоянд. Вале мавқее, ки азими Эрон буд, кушта шуд» [5,334].

Искандар пас аз падар ба тахт нишаста дар садади Эрон хаёли ӯ баромад ва баъд аз ду сол озими Эрон гардид [5,109].

Ӯ дар се ҷанги бузург Гароникус, Исус ва Гугомел, Дороюши сеюмро шикаст дод ва баъд аз вуруд ба Персополис Искандар кушторе дар шаҳр роҳ андохт ва қасри шоҳони Ҳахоманишро оташ зад ва аҳолиро барда карда бифурӯхт… дар ин ҷо илова бар хазонаи яксаду бист талон ба тасаруфи Искандар омад [5].

Искандар пас аз он Сапирӯзӣ, ҳамчунин дар таъқиби Искандар буд. Вақте ки ба наздикии Домғони имрӯза расид, шунид, ки Басус волии Бохтар ба Барсантис волии Рухаҷ Дорюшро гирифтаанд. Искандар шитофт, то ба онҳо бирасад, аммо Басус ҳамин ки аз омадани Искандар матлаъ шуд, захми махлуқӣ зада, фирор кард ва Искандар вақте расид, ки Дороюш фавт карда буд. Искандар наъши ӯро бо ташрифот ва Посоргон бурда, дафн кард. Пас аз он ки Посоргон ба тасарруфи қувваи Искандар даромад, ба қатли омма Сикандар фармон дод [8,392].

Дар яке сурушҳои Суғд Искандар аҳолии Суғдро бо адади яксаду бист ҳазор аз дами шамшер гузаронд. Дар Ҳиндустон низ амали мушоба анҷом дод.

Бар хилофи он ҷо «Искандарнома» омада, ӯ яктопараст ва муваҳҳид набуда, балки ба илоҳиҳои юнонӣ шадидан муътақид буда, барои онҳо қурбонӣ ва назру ниёз мекарда ва дар пирӯзиҳо ҳадяҳо барои онон мефиристодааст [5,135].

Ҳамчунин бар хилофи «Искандарномаҳо» ӯ ба зиёрати Каъба нарафта, балки қасди тасарруфи Арабистонро дошта, вале марг ба ӯ муҳлат надодааст [5,135].

4. Барномаи Искандар дар фатҳи Эрон наҳвӣ буд, ки ин кишвар барои ҳамеша таҳти Юнон ва Мақдуния боқӣ бимонад ва ҳеҷ гоҳ дар пайи таҷдиди ҳаёт ва истиқлоли дубора набошад, ба ҳамин далел пас аз фатҳи Эрон (ду зани эронӣ гирифт, Истотиро-духтари Дороюш ва Равшанак- духтари Аксотис), баъдан амр кард, даҳ ҳазор мақдунӣ ва юнонӣ аз Эрониҳо зан бигиранд [5,138].

Дар «Таърихи иҷтимоии Эрон» омадааст: «Ҳаштод тан ва даҳ ҳазор сарбози юнониро ба издивоҷи душизагони Эрон водошт» [8,395].

Муртазо Равандӣ навиштааст: «Ҳадафи ҳамлаи Искандар ба Эрон, илова бар талофи ҳамлоти Ҳахоманишиён ба Мақдуния ва Юнон шуҳрати ҷаҳонгириро бояд маншаи ин ҷанги Мақдунӣ бо Эрон донист, тиллои зиёди хазонаи Эрон ва сарвати мамолики ғарбии он низ, албатта мавсур будааст» [5,10].

Искандар дар «Луғатнома» омадааст, ки «Таълимоти Аристотолиси асароти халалнопазир дар димоғи Искандар гузашт ва боис шуд, ки ӯ ҳадде барои ҷаҳонгириҳои худ қарор надиҳад. Ин буд, ки пас аз ҷанге ба ҷанге мепардохт ва билохира ҷоҳталабиро ба ҷое расонид, ки хост ӯро Худо бихонанд ва Колистанис муаррихи худро кушт, аз ин ҷиҳат ки ин доияи (мақсад) Искандарро истеҳзо мекард» (Луғатнома). Хулоса мутолиби ин ки ба қавли оғои Парниё «Дар боби шахсии Искандар, муаррихин ду ақида доранд, ки ин аст: Ҷавоне буд шуҷоъ, бофутувват, хушмаҳзар ва дорои ҳуш ва ҳофизаи фавқулода, валекин баъд аз тасхири Эрон худро бохт ва ҳоли подшоҳони шадид, булҳавасу худписани ишратпарастро ёфт. Бархе ба акси ин сафҳоти ахираро дар ӯ мункиранд ва баъзе аз ситамкориҳо ва корҳои беравия ӯро натиҷаи авзоъ ва аҳвол донистаанд, вале бетарафона бингаранд, тасдиқ хоҳанд кард, ки рафтори Куруши Бузург ва Дороюши аввал бо милали мағлуба дар

ҳамон муҳит ба маротиб беҳтар буда, чӣ ҳеҷ гоҳ шоҳони мазкур дар шаҳре куштор нанамуданд ва аҳолиро бандавор нафурӯхтанд ва қурбони инсонро барои ҳеҷ гуна мақсуде ҷоиз надонистаанд, то чӣ расад ба ин ки ҳазор нафарро барои роҳати рӯҳи сардорӣ қурбонӣ кунанд». Ин саҳл аст, Дороюш аввал ба қавли Ҷустан муаррихи румии қарни дуввуми мелодӣ, маъмур ба Қарточина фиристода, қурбонии инсонро қатиян манъ кард.

Шояд бемуносиб набошад, дар ҳамин ҷо ёдоварӣ кунем, ки алорағм ҳазорон шоҳиди мактуб, бархе аз муҳаққиқон, ба таври вуруди Искандари Мақдунӣ ба Эрон ва Ҳиндустонро мункир шудаанд. Аз ҷумла, оғои Аҳмад Ҳомӣ дар китобе мегӯяд: «Сафари ҷангии Искандар ба даруни Эрон ва Ҳиндустон бузургтарин дуруғи таърих аст». Ҳаракат, масофате, ки сипоҳиён рӯзона тай мекарданд, чи гунагии роҳҳо [6,22], ӯ ҳамчунин гуфтааст, ки пеш аз ӯ низ Забеҳи Беҳрӯз ва Аслони Ғаффорӣ бо баррасии «Искандарномаҳо» ба натоиҷи машобеҳӣ расидаанд.

Аммо иллати аслии нобуди тамаддуни дурахшони Ҳахоманишӣ ва Порсӣ ва оғози сирри қаҳқарони миллати Эрон ҳамроҳ бо шоҳиди фаровони дигар, муайиди суханони Сайид Ҳасан Сафавӣ аст, ки мегӯяд: «Бисту чаҳори қарни пеш Искандари Мақдунӣ писари Филиппи дуввум… бо сипоҳи фаровон ба кишвари Эрон ҳамла кард…ва давлати боазамати Ҳахоманиширо аз пой даровард ва ташкилоти муҳими Эрони Бостонро аз ҳам фурӯ рехт ва он тамаддун машъашаро маҳв ва нобуд намуд ва то муддатҳои султе ва нуфузи маънавии юнониро бар ин марз ва бумӣ муқаддас барқарор сохт».

Искандари Мақдунӣ- чеҳраҳои пок ва муқаддас. Чеҳраи таърихии Искандарро бисёр кӯтоҳ баён кардем, бо камоли шигифтӣ, ӯ дар адабиёти мо марди пок, муқаддас, ботадбир, шуҷоъ ва бошукӯҳ, Паёмбар ва Зулқарнайн, пуштибони дин ва яктопарастӣ, бахшанда ва хулоса чунон хоҳем дид, ҳеҷ сифати хубӣ ва хуб надорад, ки дар Искандар набошад. Аз далоили умда ин, ки чӣ гуна он Искандар ба ин Искандар табдил шудааст, метавонад мавриди зер бошад:

а) Мутаассифона ҳеҷ гуна манбаи асил ва муфассали эронӣ аз ҳамла ба Эрон боқӣ намонда буд ва ягона роҳи ошноӣ эрониён бо гузаштаи худ ва моҷарои Искандар дар қарини мутамадии манобеи юнонӣ будааст.

б) Юнониҳо муртабочеҳраи Искандарро ба накӯӣ таблиғ кардаанд, Салҷуқиёне, ки яксад сол ба таври мустақим бар Эрон ҳукм рондаанд, ҳеҷ гоҳ кори фарҳангиро фаромӯш накардаанд.

в) Таъсирпазирии китобдостоне, ки номи «Искандарнома» ба василаи юнониён дар масири ҷаъл шуд ва сипас ба паҳлавӣ даромад (эҳтимолан ба василаи масеҳиёни Эрон) ва сипас ба суриёнӣ ва баъд муҷаддадан ба форсӣ даромад.

Ба вижа, ки саргарми умдаи мардуми қадим аз роҳи ҳамин достон ва қиссаҳо будааст. Устод Пурдовуд дар «Фарҳанги Эрони Бостон» навиштааст: «Ин достон, ки мояи шигифти ҳар эронӣ аст, аз забони сурёнӣ ба мо расидааст. «Искандарнома»- и сурёнӣ, ки имрӯз дар даст аст, аз рӯйи «Искандарнома»-и паҳлавӣ аст ва «Искандарнома»-е, ки бадбахтона аз даст рафта, тарҷумае буд, аз «Искандарнома»-и юнонӣ, ки ҳанӯз мавҷуд аст».

Вай дар ҷойи дигар овардааст: «Матолиби ин китоб дар замони Батламус, ки пас аз марги Искандар дар масири салтанат ташкил дод… сарчашма гирифтааст. Ин матолиб, ки бештараш афсона ва достон аст, дар саддаи сеюми мелодӣ ба сурати китобе даромад ва ба Колистанис нисбат дода шуда ва акнун он китоб ба исми Колистонис дурӯғ хонда мешуд, ҳамин афсонаҳои шигифтангез аст, ки дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва «Хамса»-и Низомӣ роҳ ёфта ва дар он ҷо ин душмани деринаи Эрон ба некӣ ёд гардидааст».

г) Футуҳот ва фарогири осони Искандар, ки миқдори зиёде аз онҳо бидуни ҷанг ва хунрезӣ анҷом шуда буд, боис шуд, ки бисёре аз мардуми ҷаҳонро фарои табии ва илоҳӣ қаламдод намояд.

Чунон ки дар «Шарафнома» аз қавли вазири Ҳоқон хитоб ба Ҳоқон мехонем:

Чи пиндоштӣ кори бозӣ аст ин!
Ҳама нукта корсозӣ аст ин.
Бад-ин гуна кори худойӣ буд,

Хусумат худозмойӣ буд (388).

ғ) Ин умур ба ҳамроҳии рафтор нисбатан нарм ва ҳамроҳ бо мадорои Искандар бо мардуми манотиқ, ки бидуни ҷанг ва хунрезӣ таслими вай шуда буданд, боиси шунид, ки ӯ ба равоити Зулқарнайн дар «Қуръони карим», сураи Қаҳф низ ба тадриҷ шабоҳат пайдо кунад ва кам-кам ӯро Зулқарнайн ва Паёмбар низ қаламдод кунанд.

д) Шоир битвони нақши муфассирон чун Табарӣ, Балъамӣ ва Масъудиро баъд аз ислом дар тақдиси чеҳраи Искандар аз ҳама муҳимтар донист, онҳо ин боварро ёфтанд, ки Искандар ҳамон Зулқарнайн аст, ҷойи ӯро дар боварҳои умумӣ низ вусъат бахшиданд ва ин умумӣ ва ҷамъи ҳамроҳ ба он достонҳо ва қиссаҳо боис шуда, ки Искандар чеҳраҳои комилан дугонаро дар таърих ва адабиёт пайдо кунад.

Доктор Сафо муътақид аст, ки татбиқи Искандар бо Зулқарнайн ба василаи аъроб анҷом шуд ва сипас ба тамоми дунёи ислом роҳ ёфтааст.

ж) Ин ки эрониён шиносномаҳои эронӣ барои Искандар сохта ва ӯро писари Доро хондаанд (Жулбе, Ибни Асир, Табарӣ, Яъқубӣ, Масъудӣ ва «Шоҳнома»,ҷ.4) ба ҳар ҳол боис мешуд, ки аз бегонагии Искандар коста шуд ва ӯро ба навъи унсури худӣ ба ҳисоб оварданд.

з) Ҳарчанд, ки Искандар зарбаи асосӣ ба истиқлоли сиёсии Эрон зад, то ризояти хотири Эронро ба даст оварад ва гиряи Искандар бар марги Доро ва таиши ҷаноза бо шукӯҳи ӯ дар ҳоле ки худаш пеши ҷаноза ҳаракат мекард ва Дороро бо эҳтирому ташрифот ба хок супурд ва духтари ӯро ба занӣ гирифт.

к) Бисёре аз расм ва ташфиқоти Эронро пазируфт, либоси шоҳони Ҳахоманишӣ пӯшид ва фарқ миёни аносири Эрон ва Юнонӣ қойил нашуд, ки ин амр баёнгари сиёсат ва зиракии ӯ мебошад.

қ) Дар адабиёт гироиш ба хубиҳо ва умури писандида ва таблиғи онҳо барои ривоҷи бештари каромоти инсонӣ низ ба ёрии ин мавзӯъ омад ва ин чеҳраро некӯтар аз он чи буд, ҷилавгирӣ намуд ва ботадриҷ шахсияти адабии Искандар як равияи чеҳраи мусбат ва некӯ ба ҳисоб омад.

л) Удабои Эрон «Искандарнома»-и мансур ва манзум ба вуҷуд овардаанд ва дар ашъори хеш, ба фармон аз ӯ ёд кардаанд. Ба унвони намуна абёте чанд аз шоирони пеш аз Низомӣ ё ҳамасри вай нақл мегардид. Нахустин абёте, ки ин достон чи қадар дар миёни мардум машҳур ва шинохта шуда будааст:

Фасона гашту кӯҳна шуд, ҳадиси Искандар,
Сухани навро ҳаловате аст дигар
Ҳадиси он ки Сикандар куҷо расиду чӣ кард
Зи бас шунидан гаштааст халқро бар…
(Фаррухӣ. Девон, с. 44).

Он гоҳ сахову ҳиммат Афридун,
Он вақт ҷалолу рутубат Искандар
(Масъуди Саъд. Девон, с.189).

Нони Искандар хуриву хидмати Доро кунӣ,
Хики сим аз ҳирс пиндорӣ, ки оби зар гирифт
(Саноӣ. Девон, с.835).

Рӯз аз камини худ чу Сикандар кашид камон,
Бар хайли шаб ҳазимате дорад барафканад.
(Ҳоқонӣ. Девон, с. 234).

Бояд ёдоварӣ кунем, ки аз Искандар ва корҳои вай фақат дар «Девони Ҳоқонӣ» се бор ёд шудааст.

Далели назми «Искандарнома» аз ҷониби Низомӣ. Дар рӯзгор ва аҳволе, ки Низомии Ганҷавӣ даст ба сурудани «Искандарнома» зад, чеҳраи ӯ барои эрониён бисёр дилписанд буд. Мо авомилеро, ки боис шуда буд, чеҳраи Искандар матлуб ва мавриди тавоҷҷуҳ воқеъ шуд, баршуморидем ва абёте чанд, аз чанд шоири ҳаммуассир ё пеш аз рӯзгори Низомӣ, ки нишонаи навъи тавоҷҷуҳи ҳамоҳангӣ аст, ба унвони намуна оварем. Ин ки авомилеро, ки боиси интихоби Ҳаким Низомӣ дар назири «Искандарнома» шудааст, баррасӣ мекунем.

а) Низомӣ шоир, адиб ва достонсарост ва дар пайи ёфтани достони зебо ва дилписанд буда, ки онро ба назм кашид. Авомили даст ба даст ҳам дода ва хотири ӯро ба сӯйи ин достон савқ додаст. Ӯ дар собиқаи назми «Шарафнома» чунин

гуфтааст, ки шаб дар андешаҳои дур ва дароз сер мекардам ва дар андешаи ёфтани мавзӯи тозае барои эҷоди асари тоза будам, ки дар хоб дидам, ки:

Даромад ба ман хобе аз хушмағз,
Дар он хоб дидам яке боғи нағз.
К-аз он боғ рангинрутба чидам,
В-аз ӯ додаме ҳар киро дидам.

(Шарафнома, с. 28).

Саранҷом ба ин натиҷа мерасад, ки достони Искандарро ба назм кашид, чаро ки Искандар шахсияти ҷаҳонӣ буд ва ривоятҳои гуногун ва фаровон дар бораи ӯ вуҷуд дошт, ки бо вуҷуди ихтилофоти фаровон ба ҳар ҳол дар миёни миллатҳои мухталифи Эрон, араб, юнонӣ…машҳур буд ва ҳамагон кам ва беш аз он иттилоъ доштанд ва бавижа, ки саргармӣ амудаи мардуми он рӯзгорон аз роҳи ҳамин достонҳо будааст, онро мешинохтанд. Ӯ тавзеҳ медиҳад, ки:

Ниҳодам заҳри шеваи ҳангомае,
Магар дар сухан кунам номае.
Дар он ҳайрат ободбиёварон,
Задам қуръа бар намоварон.
Ҳар оина к-аз хомӯш тофтам,
Хиёли Сикандар дар ӯ ёфтам.

(Шарафнома, с. 54).

в) Ӯ достонҳои машҳур ва нотамоми эронӣ монанди «Хусрав ва Ширин», «Ҳафтпайкар» ё «Баҳромнома»-ро пеш аз ин ба назм кашида буд ва зоҳиран натавониста буд чеҳраҳои эронӣ ва муносиби достонсаройӣ биёбад. Нигоранда таъсир мекунад, танҳо ҳунарманд Низомӣ аст, ки бо халлоқият фавқулода, тавониста мисли «Ҳафтпайкар», ки ҳар чи гуфтанӣ дар бораи Баҳроми Гур будааст, Ҳакими тавонои Тус пеш аз ӯ ба назм кашида буд ва назме ба забардастии вижа, «Ҳафтдостон» ва афсонаи пароканда, ки ҳеҷ иртиботе бо Баҳроми Гӯр надошта, ба он часбонида ва аз ҳеҷ, ҳама чиз офарида ва яке аз шоҳкориҳои адабии забони форсиро эҷод кардааст, ин бор ҳам аз чеҳраи бегонаи манфур ба номи Искандари таърихӣ як чеҳраи пок ва муқаддас ва ормонӣ дар қолаби як шоҳкорӣ дигар ироа кунад, мазоф барои таъсирпазирӣ ва ошноӣ шоир бо равоёти масеҳиён ба хусус арманиҳо ва таъсирпазирии ӯ аз фарҳанг ва адабиёти арабӣ қобили инкор аст [1,52].

г) Ӯ достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-ро, ки асолати арабӣ дошта, алорағмӣ майли ботини аввалия, ҳунармандона ба назм кашида буд ва муваффақ дар он кор ва писанди хотире, ки он асар ба даст оварда буд, метавонист мушаввақи ӯ дар сурудани достони дигар бо асолате бегона бошад. Битавон иддао кард, ки Низомӣ хостааст бо сурудани достони Искандар, чеҳраи хушро низ дар ҷаҳон бештар матраҳ намояд.

ғ) Низомӣ дар пайи мавзӯе буд, ки майдони қаламзанӣ ва сухансароии он васеъ бошад ва Искандар бо чеҳраи гуногуне чун подшоҳӣ, Паёмбарӣ, ҳакимӣ ва моҷароҳои фаровон дар мавриди ҷаҳонгирӣ ва ҷаҳонгардӣ ва имконоти фаровоне, ки дар ихтиёр дошта, барои достонсароӣ муносиб аст. Ӯ худ гуфтааст:

Мабинӣ сарсар сӯйи шаҳриёр,
Ки ҳам теғзан буду ҳам тоҷдор.
Гурӯҳиш хонанд соҳибсарир
Вилоятситон, балки иқлим гир
Гурӯҳе зи покӣ ва динпарварӣ
Пазируфтандаш ба Пайғамбарӣ
Ман аз ҳар се дона, ки доно фишонд
Дар ӯ хат, баруманд хоҳам нишонд …

(Шарафнома, с. 54-55).

д) Низомӣ илова бар шоирӣ, ҳакими андешаманд ва бузург буда ва дар бораи ҷаҳони офариниш аз оғоз то интиҳо, ба вижа чигунагии пайдоиш ва идора шудани ҷаҳон, назариёте дошта ва хостаи онҳоро дар қолаби як асар мондагор забт намоянд ва достони Искандар гунҷоиши онро доштааст. Ба унвони мисол, Низомии Ганҷавӣ муфассал дар ҳузури Искандар ва ҳафт ҳакими бузурги юнонӣ Арасту, Суқрот, Балинос, Фарфурис, Ҳурмуз ва Волис, ки чанд қарн фосилан замоне дар бораи

Офариниш нахуст ва чигунагии эҷоди олам матраҳ кардааст ва аз қавли ҳар кадом аз онҳо, дидгоҳеро нақл карда ва як назарияи ҳаштумро низ ба унвони назарияи Низомӣ овардааст, ҳарчанд дар поён гуфтааст, ки вақти ин матолибро сурудам, ҳазар ба суроғам ва ба ман эътироз кард ва гуфт: Чаро ин андешаҳои дақиқ, ки ҳосили хидматнишиниҳои худат мебошад, ба дигарон мебандӣ ва аз қавли онон нақл мекунӣ?

Ҳамоно ки он Ҳотифи ҳазарном,
Ки хоро шикофост Хизри Аҳром
Димоғи маро бар сухан кард гарм
Сухан гуфт бо ман ба овози нарм
Ки чандин суханҳои хилватсигол
Ҳаволат макун бар забонҳои лол.

(Хираднома, с. 133).

Лизо мебинем, ки Низомӣ файласуфони бузурги куҳанро дар маҷлиси Искандар гирд меоварад, то ҳам андешаҳои ононро рӯ дар рӯйи ҳам қарор диҳад ва ҳам фармонравоӣ худро дӯстдори дониш ва муштоқи шунидан назирҳои мутафовут ва гоҳ мутазод нишон диҳад ва билохира ҷаҳонбинӣ ва андешаи худро арза кунад…(Таҳлили осори Низомӣ. С.144).

и) Баёни зиёнҳои бедодгарии подшоҳ ва фармонраво бадин маънӣ, ки Низомӣ дар «Искандарнома» нишон дода, ки агар Искандар аз Мақдуния ва Юнон ба Эрон омад, натиҷаи зулматҳои подшоҳи худӣ буд ва агар подшоҳи Эрон ризояти хотири мардумро фароҳам карда буд, ҳеҷ гоҳ Искандар ба худ иҷоза намедод, ки ба Эрон биёбад. Чунон ки вақте ӯ дар бораи ҳамла ба Эрон бо хирадмандон ва бузургон машварат кард, бад ӯ гуфтанд:

Бадандеши ту ҳаст бедодгар,
Бипечид раи зи бедод сар.
Чи бояд ҳаросиданат з-он касе
Ки дорад ҳам аз хонаи душман басе

(Шарафнома, с.166).

Ки лозимааш хушҳолии Эрон пас аз шунидани ҳамлаи Искандар ба Эрон мешавад.

Ҷаҳонро бад-и мазда наврӯзӣ буд,
Ки бидод Доро ҷаҳонсӯз буд
Аз ӯ буму кишвар ба якборагӣ,
Сутӯҳи омаданат ситамкорагӣ
Зи Доропарастӣ манаш коста,
Ба муҳри Сикандар биёроста.

(Шарафнома, с.170).

ӣ) Муаррифи як ҷомеаи ормонӣ: ин достон, заминаи онро дошта, ки Низомӣ битавонад дар лобалои он назарияи худро дар бораи як ҷомеаи ормонӣ ба ба назм дароварад. Сурате, ки дар «Иқболнома» Искандар ба унвони Пайғамбар барои даъват ба тавҳид ва яктопарастӣ, қисмати азими шаҳрҳои ҷаҳонро мегардад ва мардумро ба яктопарастӣ даъват мекунад, то ба шаҳре мерасад, ки хонаҳо девор надорад, дар хонаҳо ва дуконҳо боз аст, дуздӣ ва дурӯғ ва нопокӣ ҷой надорад… , вақте ки аз онҳо дар бораи ин фаровонии амният ва осоиш мепурсад, посух медиҳанд:

Гурӯҳи заифони динпарварем,
Саре аз ростӣ нагзарем
Дар каҷравӣ бар ҷаҳон бастаем
Зи дунё барин ростӣ растаем
Дуруғе нагӯем дар ҳеҷ боб
Ба шаби бозгуна набинем хоб
Надорад зи мо кас моли пеш
Ҳама рост тасмим дар мол хеш
Зи дигар касон мо надуздем чиз
Зи мо дигарон ҳам надузданд низ…

(Хираднома, с.226).

тоза Искандар ба ин шаҳр меояд ва мардумони онро бо он русум мебинад, ба худшиносӣ мерасад, он ҳам дар охирин рӯзҳои умр ва бо худ мегӯяд:

Фиристодани мо ба дарёву дашт
Бар он буд то бояд ин ҷо гузашт.
Магар сер гардам зи хӯидон
Даромӯзам оини ин бихрадон
Чу дид он чунон динпарварӣ
Накард аз бунёд пайғамбарӣ

(Хираднома, с.232).

й) Баёни вижагиҳои як фармонраво ва подшоҳи хуб, шоҳиди муҳимтарин ангезаи Низомӣ дар сурудани «Искандарнома», баёни вижагиҳои як подшоҳ ва фармонравои некӯ ва шоиста дар қолаби достони Искандар бошад, тавре ки ин байт ҳадафи Низомиро ба хубӣ нишон медиҳад:

Ҷаҳон боядат кори он шоҳ кун
Ҳамон кун, ки ӯ карду кутоҳ кун.

(Шарафнома, с.146).

Дар ин ҷо параҳое аз вижагиҳои як подшоҳи хуб, ки аз лобалои ин ду китоб баргузидаем ба унвони намуна зикр мешавад:

1. Фарогирии унвони улум ва фанун ва донишҳо равнақ бахшидан ба онҳо дар кишвар:

Искандар ба дониш рӯй овард ва кӯшид то донишҳо ва илмҳои мухталиф аз ҳама забонҳо ба юнонӣ тарҷума шуда ва ӯ биомӯзад:

Зи ромаш сӯйи дониш оварад рӯй,
Пажӯҳишгар кард бо раҳнамой.
Суханро нишон ҷаст бар раҳбарӣ
Зи юнонию паҳлавию дарӣ.

(Хираднома, с.38).

2. Баҳо додан ба донишварон ва ҳунармандону ҳунарпарварон:

Искандар расман эълом кард, ки бояд пойгоҳи ҳар касе ба андозаи дониш бошад воиз миёни ҳамаи мардум арҷумандтарини онҳо, донишмандону ҳунарваронанд:

Ишорат чунон шуд, зи тахти баланд
Ки донист наздики мо арҷуманд.
Начӯид касе бар касе бартарӣ,
Магар аз тариқи ҳунарпарварӣ.
Қарор он чунон шуд, ки наздики шоҳ,
Ба дониш буд мардро пойгоҳ .

Натиҷан баҳобахшӣ ба ҳунар ва дониш чунон шуд, ки дар Юнон ҳамагон ба дониш рӯй оварданд ва юнониён дар дониш аз дигар ҷаҳониён пеш афтоданд:

Зи фарҳанги он шоҳи донишписанд,
Шуд овози Юнон ба дониш баланд.

(Хираднома).

3. Парҳез аз офати қудратмандӣ ва ҷоҳталабӣ:

Аслан инсонҳо чун қудрат ва сурати ба даст ованд ва эҳсоси қудратмандӣ кунанд, такаббур ва худбинӣ бар онҳо ғалаба мекунад ва ба тадриҷ аз сифати олии инсонӣ фасла мегиранд. Аммо аз дидгоҳи Низомӣ Искандар роҳи пешгирии ин марзро ёфт ва худро ҳифз кард. Ӯ барои хуиши ибодатгоҳи паноҳи аз шоху барг сохт, ки ҳеҷ гуна фарш ва зеварӣ надошт ва дар он ҷо дар баробари Парвардигори бузург, кунеш ва ибодат мекард:

Ниҳонхонае доштӣ аз адим,
Бар ӯ ҳеҷ бандӣ на аз зарру сим

4. **Ҳамнишинӣ бо донишварон ва назархоҳӣ аз онон:**

Дар «Искандарнома» вазири аслии Искандар Арастуст ва дар ғоиби ӯ, Балинус аст ва ба ҷуз инҳо Суқрот ва Афлотуну Волис, Фарфариус ва Ҳурмуз низ ҳамнишинони Искандаранд ва бо ин ки ин ҳакимон мутааллиқ ба даврaҳои мухталиф будхона, пойи ононро дар тамоми масоил ва мушкилот ба миён кашида ва назари ононро ҷӯё мешавад ва мутобиқи он амал мекунад.

5. Ҳамагонро яксон шуморидан ва дар дастраси мардуми бечора ва ситамдида қарор доштан:

Зи кишвари Худоёну шоҳзодагон
Назари беш кардӣ ба афтодагон
(Шарафнома, с. 315).

Агар пиразан буд ва тифл хурад
Ки додхоҳӣ буду роҳ барад.
(Хираднома, с.39).

6. **Ҳамроҳ доштан гирехаҳои коргушо дар ҳама ҳол:**

Искандар ба ҳар куҷо, ки рафт, ҳамеша шаш гурӯҳро ба ҳамроҳ дошт ва дар мавқеи лозим аз машварат ё қудрати онон баҳра мегирифт: ҷангҷӯён, ҳакимон ҷодугарон, зоҳидон, пайконзабоновар ва паноҳҷӯйӣ ба паёмбарон.

Шунидам, ки ҳар ҷо ки рондӣ чу кӯҳ,
Набудӣ дараш холӣ аз шаш гурӯҳ.
Чу кори гурӯҳ пеш боз омадӣ
Ба мушкилкушодан ниёз омадӣ
(Хираднома, с.40).

7. **Парҳез аз ҷавр ва ситам:**

Гузораш чунин кард гӯёи дур
Ки авранги шоҳӣ нашуд ҷойи дур.
(Шарафнома, с.263).

Натиҷаи пажӯҳиш посух ба ду пурсиш муҳим аст, ки дар чакида тарҳ шуд. Хулосаи натиҷаи ба даст омада чунин аст: Бо вуҷуди ин ки бархе муҳаққиқон бо баррасии матолиби мундариҷа дар «Искандарнома», бархе аз ин навиштаҳо ё ба таври куллӣ вуруди Искандарро ба Эрон ва Ҳинд мункир шудаанд, аммо бо таваҷҷуҳ ба шавоҳид фаровони дигар бояд ҳамлаи ӯ ба ин сарзаминҳоро пазируфт ва аз он кард, ки чеҳраи ҳақиқии Искандар, ҳамон чеҳраи таърихии ӯст, шахси ҷоҳталаб, ҷаҳонҷӯйи бераҳм, интиқомҷӯ, саранҷом мадъи аллаҳиёт, ки ба сарзамини Эрон тохт ва кард , аммо ба таваҷҷӯҳ ба ин ки равобити Эрон мабсут ва саҳеҳи аз моҷароҳои таърихӣ ҳамлаи Искандар ба Эрон, боқӣ намонда буд. Эрониён батадриҷ чеҳрае, ки ба васила юнониён сохта ва таблиғ шуда буд, пазируфтаанд, асли ин амр чунин аст:

1. Истиқрори як садсола юнониён дар Эрон ва таблиғоти фаровони фарҳангӣ қабулондани фарҳанги Юнонӣ ба Эрониён ва мадоро кардани чанд гурӯҳи Ашкониён бо намодҳои фарҳанги юнонӣ ва ғайри бумӣ.

- Таъсирпазирии Эрониён аз Искандарнома»-и дуруғин, ки дар масир ба забони Юнонӣ навишта шуда буд ва сипас ба паҳлӯе баъд ба сурёнӣ ва аз сурёнӣ ба форсӣ даромадааст ва муташакил аз афсонае шигифтангез аз давронҳои мутафовут ва афроди мухталиф аст ва дар «Шоҳнома» ва «Искандарнома»-и Низомӣ ворид шудааст ва асил ба ҳисоб омадааст.

- Татбиқ додани Искандар ва Зулқарнайн, ки дар Қуръони карим омада буд ва Паёмбар ва Муқаддас шуморидани ӯ.

- Шиносномаи Эрон, ки барои Искандар сохта ва ӯро фарзанди Дороб шуморидаанд, аз бегонагии ӯ мекост.

2. Аммо далоили фаровоне боис шудааст, ки Низомӣ «Искандарнома»-ро ба назм даровард, ки бархе аз онҳо чунин аст:

- Замоне, ки Низомӣ «Искандарнома»-ро ба назм даровард, на танҳо чеҳраи номатлуб надошта, балки маҳбуб ва мавриди таваҷҷуҳ низ будааст.

- Ривоятҳои муфассал ва чеҳраҳои гуногуни аз қабили подшоҳӣ ва паёмбарӣ ва ҷаҳонгирӣ ва ҷаҳонгардӣ ва … дашти афзори муносиб буда, то шоир дар майдони васеи он, қалами хешро бар асби тахил биншонд ва ҷавлон диҳад.

Ӯ пеш он достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-ро, ки асолати арабӣ дошт, алорағми майли ботинӣ, ҳунармандона ба назм кашида буд ва ин таҷриба муваффақ метавонист маъшуқи ӯ барои сурудани достоне бошад, ки чеҳраи матраҳ ва ҷаҳонитар дошт.

Ва ниҳояти ин ки, мутаассифона, мо эрониён бароҳате бегонагонро мепазирем ва гоҳ бар худиҳо тарҷеҳ медиҳем ва аз онҳо қаҳрамон месозем, ба тавре ки қаҳрамонони бисёре аз маснуиҳои форсӣ , ҳатто дар матини ҳаммосӣ, юнониён,

румиён, туркон, муғулон ва аъробанд, аз Искандар гирифта, то Чингиз ва Темури Шоҳрухмирзо ва Муҳаммад Ҷалолиддин Хоразмшоҳӣ ва Амир Арслон ва шоҳони Лайлӣ ва Маҷнун.

Лизо аз онҷо тарсусӣ вориди фарҳанг омиёнаи форсӣ намудааст, ки дар он рӯҳ таслими нопазири ҷамъи эронӣ дида мешавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Аҳмад Нажод, Комил. Таҳлили осори Низомии Ганҷавӣ, чопи аввал, Интишороти илмӣ.- 1269.
2. Авларин, Викалин Искандари Мақдунӣ. Тарҷумаи Ҳасан Афшор. Нашри марказ.-1353
3. Баёнӣ, Ширин. Ҳашт мақола дар дар заминаи таърихи Эрон. Теҳрон. Интишороти Тус.- 1352.
4. Парвиз, Аббосӣ. Таърихи Эрон аз оғоз то инқирози Сосониён. -Теҳрон. Интишороти китобхонаи Хайём, 1354.
5. Перниё, ҲасанТаърихи Эрон аз оғоз то инқирози Сосониён. Теҳрон. Интишороти китобхонаи Хайём.
6. Ҳомӣ, Аҳмад. Сафари ҷангии Искандар ба даруни Эрон ва Ҳиндустон бузургтарин буруғи таърих аст». Теҳрон, чопи Доварпаноҳ.- 1354 шамсӣ.
7. Ҳоққонии Шервонӣ. Девони ашъори Зиёиддини Саҷодӣ. Теҳрон, Интишороти Зеввар.
8. Рованди Муртазоӣ. Таърихи иҷтимоии Эрон. Теҳрон: Амири Кабир, 1341.
9. Саноии ғазноӣ. Девони ашъор ба кӯшиши Мударис Разуии Теҳрон. Китобхонаи Ибни Сино.- 1341.
10. Сафоӣ. Саид Ҳасан. Искандар ва адабиёти Эрон ва шахсияти мазҳабии Искандар. -Теҳрон, Интишороти Амири Кабир, 1364.

ИСТОРИЧЕСКИЙ И ЛИТЕРАТУРНЫЙ ОБРАЗ АЛЕКСАНДРА МАКЕДОНСКОГО В РАЗМЫШЛЕНИЯХ ХАКИМА НИЗАМИ

В данной статье автором подвергнуто размышлению и изучению два образа Александра Македонского - исторический и литературный в произведении «Искандарнаме» великого поэта Хакима Низами.

Ключевые слова: Низами, «Искандарнаме», персидская литература, история, исторический образ.

HISTORICAL AND LITERARY IMAGE OF ALEXANDER THE GREAT IN HAKIM'S REFLECTIONS BOTTOMS

In this article the author subjected to reflection and studying two images of Alexander the Great - historical and literary in work "Iskandarnama" of great poet Hakeem Nizami.

Key words: Bottoms, "Iskandarnama", Persian literature, history, historical image.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Саид Алиакбар Шариатифар*** - соискатель ТНУ

ЗИНДАГӢ ВА ОСОРИ СУРУШИ ИСФАҲОНӢ

Афшин Муродӣ

Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Мирзомуҳаммад Алихон машҳур бо тахаллуси Сурӯш мулаққаб ба «Шамсулшуаро» фарзанди Қанбаралӣ аз мардуми рустои семаҳал ё седеҳаи маъруф ба Хузон, Фурӯшон, Варансфодирон, ки акнун Ҳумоюншаҳр номида мешавад [5,75] ва дар наздикии шаҳри Исфаҳон қарор дорад. Сурӯш дар ҳудуди соли 1228 ҳ. қ. дар ҳамон русто ба дунё омад. Лақаби Шамсулшуаро [9,5] дар соли 1270 қ. аз тарафи Носируддиншоҳ ба ӯ дода шуд. Тахаллуси Сурӯш пеш аз ӯ мутааллиқ ба Мирзомуҳаммади Боқир будааст, ки аз бузургони Исфаҳон буда, дар хати шикаста устоди моҳир ва яке аз шогирдони Дарвеш Абдулмаҷиди Хаттотӣ маҳсуб мешавад. Ӯ низ дар даврони худ бо номи Сурӯши Исфаҳонӣ шуҳрат дошт, лекин ному нишон ва девоне аз ӯ боқӣ нест.

Сурӯш аз деҳқонзодагони рустои Садда буд. Ниёгонаш мардуми фақир буданд, аммо худи Сурӯш насаби худро ба Наҷми Сонӣ, аз сардорони шоҳ Исмоили Сафавӣ медонист, ва ниёгони худро пешкори мулук мехонд ва ба ин интисоб ифтихор мекард. Ба қавли худи ӯ:

Агарчи худ наям эдун зи ҷумлаи аъён,

Вале, ниёи ман аз шумори аъён буд.
Маро ниёгон буданд пешкори мулук,
К-эшон гузоште бо лоҷаварди айвон буд [6,5].

Аз кӯдакӣ осори ҳушзаковат ва халоқияти шоирӣ аз худ нишон медод. Бо вуҷуди ин ки падараш ӯро ба мактаб нафиристод ва аз хат ва савод бебаҳра буд, шеърҳои некӯ месохт, ки муҷиби ҳайрат ва шигифти ҳамагон мегардид. Пас аз марги падар бародаронаш ӯро аз хонаи падарӣ берун карданд. Қабл аз он ки ба синни 15 солагӣ бирасад, ба шаҳр омад ва ба маҳзари Сайидмуҳаммад Боқири Шафақи Бедободӣ маъруф ба Сайиди Шафақӣ ва Сайиди Бедободӣ ба касби илму адаб роҳ ёфт. Ӯро дар яке аз мадориси маҳаллаи Бедобод, ки наздики манзили худи ӯ буд, сукунат дод ва барояш ҳуқуқи моҳона барқарор кард.

Ӯро ба таҳсили хат ва савод ташвиқ фармуд. Сурӯш дар оғози шоирӣ, ки ҳанӯз ба синни булуғ нарасида буд, «Муншӣ» тахаллус мекард. Пас аз он, ки ба Исфаҳон рафт дар дастгоҳи Сайид, тахаллуси худро ба «Сурӯш» мубадал сохт. Ӯ, табъи озодманиш, рӯйи хӯш ва хӯи мувофиқ дошт. Ба таносуби рӯҳи шоирӣ, сатҳи фаҳм ва фикраш бар табақоти дигар бартарӣ дошт.

Ба ҳамин сабаб аҳли завқ ба муошарашаш тамоюл доштанд, аммо ҳасудони бадандеш назди Сайид аз ӯ бадгӯӣ карданд ва Сайид фаҳмид, ки ҳасудон қасди фитна доштаанд. Сурӯш дар сояи ҳимояи Сайид кам-кам машҳур шуд ва дар миёни шоирони Исфаҳон маъруфият пайдо кард. Сипас овозаи шуҳрашаш аз Исфаҳон ба дигар шаҳрҳои Ирон расида, то ба дарбори шоҳзодагони Қоҷор роҳ ёфт ва назди умуми бузургони дарборӣ обрӯманд ва дар саросари Эрон саршинос гардид [1,70].

Сурӯш таҳсилоти амиқ надошт ва маълумоти ӯ дар ҳадди хондан ва навиштани форсӣ буд. Хати форсиро ҳам бисёр кунд ва бад менавишт [7,95].

Дар хизмати Сайиди Бедободӣ кори Сурӯш ба сомон буд ва ҳар қадар шуҳрати ӯ афзуда мешуд, оташи ҳасади душманон тезтар мешуд ва онҳо кӯшиш мекарданд то ин ки таввақуҳи Сайидро аз ӯ баргардонанд. Бинобар ин, ба ночор дар соли 1247 қ. бо андуҳ ва ҳасрати фаровон аз Исфаҳон сафар кард ва ба Теҳрон рафт.

Аввалин қасидаи ӯ боис шуд то шуҳрати Сурӯш ба дарбори Қоҷор кашида шавад. Дар соли 1248 дар фатҳи Сарахс, Амиробод ва Чинорон ба мадҳи Аббос Мирзо - ҷонишини шоҳ пардохт ва чаҳорсад туман бар ивази он подош гирифт.

Ибтидо муддати каме дар Теҳрон буд, сипас ба Табрез рафт ва чанде надим ва ҳамнишини Муҳсин Мирзо Султонӣ, ки аз наздикони Аббос Мирзо буд, гашт. То ин ки дар соли 1251 қ. Носируддиншоҳ дар мақоми валиаҳдӣ дар Озарбойҷон буд, Сурӯш ба василаи шоҳзодагон ба ӯ муаррифӣ шуд ва ба мақому манзалат расид ва аз наздикони дарбори ӯ гардид. То дар рикоби ӯ мавқеи тоҷгузорӣ бар тахти салтанат ба Теҳрон бозгашт [8,55]. Сурӯш дар даврони ҳаёти худ қисмате аз давраи салтанати Фатҳалишоҳ, тамоми даврони Муҳаммадшоҳ ва ҳудуди 21 сол аз подшоҳии Носируддиншоҳро дарк кард. Сурӯш аз оғози валиаҳдии Носируддиншоҳ дар дарбори ӯ шуҳрат дошт. Дар соли 1264 ба ҳангоми тоҷгузории Носируддиншоҳ қасидаи таҳниятро бо матлаи зер дар саломи ом ҳузури подшоҳ хонд:

Ба тахти шоҳӣ бинишаст, шоҳи некуиқбол,
Ҳуҷастатолеъу фархундарӯзу фаррухфол.

Ӯ дар Теҳрон бо камоли иззат ва шуҳрат ба мадҳи шоҳзодагон ва риҷоли давлат рӯзгор мегузошт ва дар дарбори Носирӣ, ба адабпарварӣ ва шоирнавозии ёдоварии даврони Ғазнавиён ва Салчуқиён буд, ҷойгоҳи вижа дошт ва аз тарафи шоҳи шеърдӯст ва суханшинос ба лақаби «Шамсушшуаро» ва дар маротиби девонӣ бо лақаби «Хонӣ», ки яке аз алқоби махсуси дарбор буд, муфтаххар гардид.

Дар ҷашнҳо ва идҳо қасида месуруд ва подош мегирифт. Шоҳ пай дар пай подошҳои ҳазор туманӣ медод. Маъруфтарин касоне, ки Сурӯш онҳоро ситоиш мекард аз Паёмбари акрам (с), имомон ва бузургони дин ва ҳамчунин дарбориён - Сайидмуҳаммад Боқири Бедободӣ, Аббос Мирзо, Маҳмадшоҳ, Носиршоҳ, Мирзотақихон Амир Кабир, Маҳди Улё модари Носируддиншоҳ иборат буданд.

Хусусиёти давра ва мақоми шоирии Сурӯш. Муқаддамоти наҳзати адабӣ, ки дар замони Зандия ба кӯшиши шуарои Исфаҳон аз қабили Муштоқ, Ошиқ, Табиби Исфаҳонӣ, Озари Бекдилӣ, Сабоҳии Бедгули Кошонӣ ва Ҳотифи Исфаҳонӣ фароҳам омада буд, натиҷааш ба асри Қоҷор расид. Шоҳони Қоҷор дар нигаҳдории ин

мероси арзишманд ғафлат накардаанд. Дарбори Носируддиншоҳ шукӯҳи шоҳонаро бо завқи шоирона бо ҳам омехт ва дар парвариши шоирони қасидасаро бисёр асаргузор буд. Дар канори қасида навъи ғазал бо муқаддамоти ошиқона мувофиқи иқтизои муҳити айш ва ишрат ва мутаносиб бо даврони осоиш ва шодкомӣ аст. Бинобар ин, шоирон бо ин ду қолаби шеър ба тақлид аз шоирони сабки хуросонӣ дар қолаби қасида ва сабки ирокӣ дар қолиби ғазал пардохтанд ва сабки бозгашти адабиро ба вуҷуд оварданд, ки дар миёни онҳо Сурӯши Исфаҳонӣ аз ҳама муваффақтар буд [2,20]. Қоони Шерозӣ, Шаҳоби Исфаҳонӣ, Сабоҳи Кошонӣ ва Сурӯши Исфаҳонӣ бузургтарин шоирони қасидасарои аҳди Қоҷорӣ ҳастанд.

Бузургтарин шоирони ғазалсарои аҳди Қоҷорӣ иборат аз: Нишоти Исфаҳонӣ, Висоли Шерозӣ, Ҳимои Шерозӣ, Фуруғи Бастомӣ ва Муҷмари Исфаҳонӣ буданд [6,16].

Чун мақоми «маликушшуаро» ва хондани қасидаи салом дар дарбори Носируддиншоҳ аз назари дараҷа ва пояи шеърӣ ва аз назари рутбаи дарборӣ ва манзалати ҳадяҳо, подошҳои гаронбаҳо аҳамияти бисёр дошт ва мақоми арзишманд буд. Ба ҳамин сабаб шоирон аз ҳар шаҳру диёр рӯ ба маркази ҳукумат ниҳода буданд ва барои расидан ба ин мартаба бисёр талош мекарданд. Чун аз маротиби шеършиносии подшоҳ огоҳ буданд, пайваста дар таҳкими ҳунар ва равнақи матои хеш дар назари харидорони нақод мекӯшиданд. Бинобар ин, бо таваҷҷуҳи нигоҳи дарбор ва рақобати шоирон бо якдигар бозори шеър ва шоирӣ гарм шуд ва аз гӯшаву канори зиёде зуҳур карданд.

Сурӯш яке аз устодони бузурги қасидасарои дарбори Қоҷор буд ва дар майдони рақобат аз ҳама сабқат гирифт, то ба хондани қасидаи салом дар дарбори Носир эҳтироми зиёде назди сиёсатмадорон ва шоҳзодагон касб намуд, ки соҳиби мақом ва эътибор ва дорои дирҳаму динор гардид. Дар рузномаҳо ва ҷароиди он рӯзгор қасидаи саломи ӯ мунташир мегардид [9,1]. **Осори Сурӯш**: маснавии «Равзат-ул-асрор» дар баҳри рамали муссадаси маҳзуфи мақсур дорои 1159 байт дар бораи шаҳодати Имом Ҳусайн [3].

- Таркиббанди шастбанд дар марсияи Ошуро, ки Суруш онро бо номи Носируддиншоҳ карда ва ба дуо барои ӯ ба поён бурдааст.

- маснавии «Урдубиҳишт» бар вазни «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар бораи саргузашти паёмбар (с) аст [4]. Чаҳор қисмати аз ашъори форсии китоби «Алифлей» аз Сурӯш аст, ки ба чоп расида ва порае аз ин ашъор тарҷумаи ашъори арабии асли китоб аст.

- Навиштани таърихи Қоҷор аз ибтидои таъсиси он давлат то замони Носируддиншоҳ ба шеваи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и Сабо, ки мутаасифона ин асар мавҷуд нест.

- «Шамс-ул- маноқиб» дар ҳудуди ду ҳазор байт аз қасидаҳои Сурӯш аст, дар ситоиши паёмбар (с) ва имомон, ки дар маҷмӯъ 69 қасида мешавад. Ҳамроҳ бо як ғазал, ҳафт девони қасоид, ғазалиёт ва қитаоти Сурӯш, ки бузургтарин ва муҳимтарин асари ӯст.

Сурӯш яке аз бузургтарин шоирони аҳди Қоҷорӣ буд, ки дар сабки шоирӣ пайрави устоде чун Фаррухӣ ва Амири Муъҷӣ буда, аз онҳо ба хубӣ тақлид кардааст ва дар ин фан чандон маҳорат ёфта буд, ки бо ҳамон фасоҳат ва балоғат қасидаҳои олӣ месохт [6].

Саранҷом дар синни 57 солагӣ соли 1285ҳ. дар Теҳрон аз олам гузашт. Ҷанозаи ӯро аз Теҳрон ба шаҳри Қум мунтақил карданд ва дар он ҷо ба хок супориданд.

А Д А Б И Ё Т

1. Мирзотоҳири Исфаҳонӣ. Ганҷи шоён. -Теҳрон. Дебочанигории Исфаҳонӣ, 1272қ. - С.70.
2. Сируси Шамиссо. Сабкшиносии назм. –Теҳрон: Фирдавс, 1374ш. - С.20.
3. Сурӯши Исфаҳонӣ. Равзат-ул асрор.- Тебрез, 1286 қ.
4. Сурӯши Исфаҳонӣ. Урдубиҳишт. Нусхаи хаттии мутаалиқ ба китобхонаи миллӣ.- Теҳрон, 1285.
5. Ҷалолиддини Ҳумоӣ. Шарҳи зиндагии Сурӯш //«Яғмо». -Теҳрон, - С.75
6. Ҷалолиддини Ҳумоӣ. Девони Сурӯши Исфаҳонӣ. Ҷилди 1. -Теҳрон,1340 ш.- С.2.
7. Ҳоҷи Мирзо Иброҳими Тусӣ мутахаллис ба Муштарӣ. Аз шогирдони Сурӯш, ки девони ӯро ҷамъоварӣ намуд.-1274. -С.95.

8. Фарҳод Мирзо. Китоби «Занбил». -Теҳрон ,1264.- С.55.
9. Шамс-ул-шуаро. Рӯзномаи «Миллат», шумораи ҷумъа соли 1286 қ. - С.5

ЖИЗНЬ И НАСЛЕДИЕ СУРУША ИСФАХАНИ

Мирзо Мухаммад Али-хан, ставший известным как Суруш Исфахани жил и творил в XIX веке. Он как поэт сочинял свои произведения в распространенных жанрах того времени: месневи, газель, касыда, кит'ъа, а также занимался переводами с арабской литературы. Наряду с другими своими современниками Суруши Исфахани считается основоположником нового литературного жанра известного как «бозгашт» («возврат»).

Ключевые слова: Суруши Исфахани, жанр, стихотворение, касыда, кит'ъа, месневи, «бозгашт».

RESEACHER OF INSTITUTE OF ORIENTAL STUDIES AND WRITTEN HERITAGE

Mirzo Muhammad Ali-khan known recognized, as Surushi Isfakhani had lived and created in XIX century. As poet his creatures envolves mostly to all genres like: Masnavi, Gazel, Qaside, Qit'a and he had also worked as a traslater from arabik literature. Among other poets of his time Surush Isfakhani known, as a founder of new literatural genre,like "bozgasht"(look to back).

Key words: Surushi Isfakhani, genre, poems, Qasida, Qit'a, masnavi,"bozgasht".

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Афшин Муроди***-соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. А.Рудаки АН РТ

ВАЗИФАҲОИ БАДЕИИ ОЁТИ ҚУРЪОНӢ ВА АҲОДИСИ НАБАВӢ ДАР «СИЛСИЛАТ-УЗ- ЗАҲАБ»-И МАВЛОНО ҶОМӢ

М. Низомов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, дар баробари шоири мутафаккир будан, олими мутабаҳҳирест, ки аз улуми шаръӣ: фиқҳ, тафсир ва ҳадис хуб баҳравар будааст. Ба иттифоқи аксари ҷомишиносон Мавлоно Ҷомӣ дар радифи чанд асари илмии адабию ирфонӣ таълифоти динӣ, аз қабили «Шавоҳид-ун-нубувват» (роҷеъ ба мафҳуми набӣ ва расул, ҳаёт ва тарзи зиндагии Расули акрам (с) ва хулафои рошидин), «Чиҳил ҳадис» ё «Тарҷумаи чиҳил ҳадис» (бо муқаддима ва чиҳил дубайтӣ), «Шарҳи ҳадиси Аберазин ал-Уқайлӣ»-ро навиштааст. Роҷеъ ба маносики ҳаҷ низ ду рисола таълиф кардааст. Ҳамчунин Давлатшоҳи Самарқандӣ, Алишери Навоӣ ва Абдулғафури Лорӣ аз «Тафсир» ё «Тафсирнома» ном асари Ҷомӣ ёдоварӣ кардаанд. Ин «Тафсир»-и Ҷомӣ нотамом буда, то ояти 37 сураи «Бақара»-ро дар бар мегирад. Донишмандони ҷомишинос –Алиасғари Ҳикмат, Аълохон Афсаҳзод, Наҷиб Моили Ҳиравӣ низ ба нотамомии ин асар таъкид кардаанд. Аз ишораҳои баъзе муаллифони сарчашмаҳо ва донишмандони асрҳои охир маълум мешавад, ки Ҷомӣ ин «Тафсир»-и худро дар солҳои охири ҳаёт шурӯъ намуда, онро ба анҷом расонида натавонистааст. Чунонки Давлатшоҳи Самарқандӣ дар ин бора менависад: «Дар охири ҳол, ки ҷаҳонро аз дабдабаи човуши султони ишқ пуршӯр гардонид, димоғаш аз бӯйи раёҳини гулзори ҳақоиқ ва маориф муаттару чашми ҷонаш аз нури малакут мунаввар гардид, беш завқ гуфт ва гӯи ғайр намонд ва қаламаш аз таҳрири ҳуруфи маҷозия ба тафсири оёти ҳақоиқ ҷорӣ гардид… » [3,485].

Ҳамчунин дар муқаддимаи «Фавоид-уз-зиёия», ки Мавлоно Ҷомӣ оид ба наҳви забони арабӣ навиштааст ва беш аз панҷ аср боз воситаи асосии таълими забони арабӣ дар мадрасаҳои исломии Осиёи Марказӣ, Эрон, Афғонистон будааст, Ҷомӣ калимаи тайибаро шарҳ додааст, ки дар баъзе китобҳо он чун рисолаи алоҳида номбар шудааст. Дар дафтари сеюми маснавии «Силсилат-уз-заҳаб» манзумае бо унвони «Эътиқоднома» ҷойгузин шудааст, ки онро Мавлоно Ҷомӣ бо хоҳиши яке аз фарзандони Хоҷа Убайдуллоҳи Аҳрор маъруф ба Хоҷа Аҳрори Валӣ навиштааст. Ин манзума асосҳои ақоиди исломиро бар пояи эътиқодоти мазҳаби аҳли суннат ва ҷамоат, хусусан мазҳаби ҳанафӣ дар бар мегирад. Худи Ҷомӣ дар ин бора мефармояд:

Дар баёни ақоиди ислом,
Кофӣ андар баёни ону тамом.
Он ақоид, ки забташ осон аст
В-андар он хосу ом яксон аст.
Ҳар кӣ ҳаст аҳли суннату диндор,
Бошад онро зи ҳифзи он ночор [6, 234].

Ин манзума ва осори дигари Мавлоно Ҷомӣ оид ба масоили шаръӣ аз иҳотаи комил ва табаҳҳури ӯ бар улуми динӣ гувоҳӣ медиҳад. Аз ҳамин ҷост, ки дар осори адабии ӯ низ таъсири маорифи динӣ ба сароҳат ошкор аст. Бахусус, дар осори манзуми шоир таҷаллии оёти қуръонию аҳодиси набавӣ хеле зиёд ба назар мерасад. Бо огоҳие, ки шоир аз маохизи динӣ дорад, оёту аҳодис бо маънавияти ӯ пайванди қавӣ доранд. Зеро онҳо дар зеҳну ҳуши шоир чунон ҷой гирифтаанд, ки бе огоҳӣ аз сарчашмаи асосӣ (яъне Қуръон ва ҳадис) қисмате аз мазомини қуръонӣ чун ҳақиқати бар забони шоир ҷоришуда қабул мегарданд.

Баҳси мо умдатан дар асоси дафтари аввали маснавии «Силсилат-уз-заҳаб» сурат мегирад, зеро маснавии мазкур бузургтарин достони «Ҳафт авранг» аст ва иҳотаи комили инъикоси оёту аҳодис дар ин асар тафсилоти бештарро талаб дорад. Дар ин дафтар беш аз 200 оят ва 20 ҳадис муайян карда шудааст, ки вобаста ба ҳадаф ва мавқеи шоир вазифаҳои гуногунро бар дӯш доранд. Ба назари ин ҷониб оёту аҳодис дар ин асари Ҷомӣ асосан се вазифи бадеиро иҷро менамоянд:

1.**Вазифи маърифатӣ**. Ин функсия ё вазифаи бадеӣ ба оёте дахл дорад, ки дар қисмати муқаддима ва зимни шарҳи оёти алоҳида аз ҷониби шоир иқтибос шудаанд. Махсусан дар муқаддимаи дафтарҳои маснавӣ ва баъзе абвобу фаслҳо истинод бар оёту аҳодис тавре сурат мегирад, ки он гӯё барои касони аз маорифи исломӣ бохабар гуфта шуда бошад. Маърифати исломӣ, ки асли имон аст, дар дараҷаи аввал шинохти Худоро дар бар мегирад. Аз ҳамин ҷост, ки дар ин навъи иқтибосот ё мазомини қуръонӣ сухани шоир бештар дар боби маърифати Худо ва пояҳои имондорист. Дар ин бахшҳо шоир, бо камтарин ишорате ба маъхази гуфтори худ муҳимтарин нуктаеро аз як ё якчанд ояти Қуръон зикр мекунад ва абёт бештар тарзи муламмаъро мегиранд.Чунончи:

Лиллаҳулҳамд қабли кулли калом,
Ба сифотилҷалолу валикром.
Ҳамди ӯ тоҷи тораки сухан аст,
Садри ҳар номаи наву куҳан аст.
Хома чун тоҷи нома орояд,
Дурратуттоҷ номи ӯ шояд (6, 61).

Мисраи аввал маъхуз аз оғози сураи фотиҳа ва чанд сураи дигари Қуръон аст, ки санои Худоро (ҳамду ситоиш Худоро) мефаҳмонад. Ин ситоишнома, ки Ҷомӣ бо такя ба Қуръон достони «Силсилат-уз-заҳаб» -ро шурӯъ менамояд, дар саросари Қуръони карим ҳаст ва шоир бо дарки ҳамин маънӣ ва маърифати баланди динӣ дар мисраи аввал танҳо таркиби «Лиллаҳ-ул-ҳамд»-ро овардааст ва таъкид кардааст, ки пеш аз оғози сухан ҳамди Худоро бояд гуфт. Мисраи дуюм низ маъхуз аз чанд ояти Қуръони карим, минҷумла ояти 87 сураи «ар-Раҳмон» аст, ки омадааст: «Таборакасму раббика зи-л-ҷалоли ва-л-икром (Фархунда бод номи парвардигори ту, Худованди шукӯҳ ва эҳтиром)» [4, 534]. Дар ин ҷо шоир сифоти Худоро бар пояи насси Қуръон баён мекунад, ки зинаи аввали маърифати динист.

Ва ё дар тафсири ояти 115 сураи Бақара «Фаайнамо туваллу фасамма ваҷҳ-ул-лоҳи (Пас ба ҳар сӯ, ки рӯй оваред, ҳамон ҷост рӯйи Худо)» шоир бо ишорат ба калимоти калидии оят мефармояд:

Аз нубо айнамо туваллу хон,
Сумма ваҷҳ-ул-лаҳаш мутаммим дон.
Яъне он сӯ, ки рӯйи қасд орӣ,
То ҳақи бандагиш бигзорӣ.
Ваҷҳи Ҳақ, к-он бувад ҳақиқати ӯ
Бошад он ҷо, ба сӯи ӯ кун рӯ.
Ҳеҷ ҷоро накард истисно,
Пас бувад айни Ҳақ аён ҳама ҷо (6,113).

Ин ҷо низ шоир бо ишороти кӯтоҳ огоҳӣ медиҳад, ки ҳама ҷо ваҷҳи Худост ва ба ҳар куҷо, ки рӯй оваред, Худо он ҷост, яъне Худо бар ҳамаи ҷаҳон муҳит аст ва иҳотаи комил дорад. Дар ин абёт далоили кофӣ барои маърифати Ҳақ оварда шудааст, ки сарчашмаи онҳо Қуръони карим аст. Дар ин бахш ба ҳар сурат шоир ба дасти хонанда сарриштаи маъхази худро медиҳад, зеро бо овардани бахше аз оёт хонанда ва ё пажӯҳанда аз пайи дарёфти манобеъ мешавад.

2. **Вазифаи таълимӣ**. Ин бахши оёти қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ ба хотири таълим ва омӯзиш дар асар омада, шоир барои осонфаҳмии мухотаб то ҳадде кӯшидааст, мазомини то андозае маълумро аз манобеи исломӣ дарҷ намояд. Ин бахши оёт ва ё мазомини қуръонӣ бештар дар манзумаи «Эътиқоднома», ки дар охири дафтари аввали маснавии «Силсилат-уз-заҳаб» омадааст, ба назар мерасад, ки мақсади шоир ҳам таълим аст. Азбаски дар таълим бештар роҳи осонтарин барои дарки масоил интихоб мешавад, дар ин бахш Мавлоно Ҷомӣ бештар бо овардани мазомини қуръонӣ иктифо намудааст. Чунончи:

Аввал Ӯ буду коинот набуд,
Ёфт з-Ӯ ҷумла коинот вуҷуд.
Охир Ӯ монаду намонад кас,
Кунҳи Ӯро ҷуз Ӯ надонад кас (6, 235).

Ин абёт маъхуз аз ояти 3 сураи Ҳадид аст, ки омадааст: «Ҳува-л-аввалу ва-л-охиру ва-з-зоҳиру ва-л-ботину ва ҳува бикулли шайъин ъалим (Ӯст оғозу анҷом ва пайдову ниҳон ва Ӯ ба ҳама чиз доност)» (6, 537).

Шоир мақсуди худро ба таври фишурда ва то ҳадде сода баён мекунад, ки барои дарки муроди муаллиф ишколе боқӣ наемонад. Ё дар байти дигар, ки ба дӯзах афтодани куффор ва ҷовидон дар он мондани онҳо ишорат шудааст:

Ҳар кӣ афтад ба дӯзах аз куффор,
Ҷовидон ҷои ӯ бувад дар нор (6, 245).

Ин байт мутазаммини ояти 39 сураи Бақара аст, ки Худованд мефармояд: «Вал-л-азина кафару ва каззабу биоётино улоика асҳобу-н-нори ҳум фиҳо холидун (Ва онон, ки куфр варзиданд ва такзиб карданд ояҳои Моро, эшон ёрони оташанд ва дар он ҷовидонанд)» [4, 7].

Дар ин байт низ ҳамон шеваи баён дида мешавад ва мақсуд хеле равшан аст: таълими усули ақоиди исломӣ ва фикр мекунам, шоир бо ин роҳ ба ҳадафи худ расидааст.

3. **Вазифаи тарбиявӣ**. Дар ин бахш вазифаи оёту аҳодис иршод ва тарбия аст. Шоир зимни баёни аркони ахлоқ ба оят ё ҳадисе ишорат намуда, ба ин восита аҳамияти як рукни ахлоқро бо таъкид ба Қуръон ва ҳадис таъйид мекунад. Чунончи, дар фасли «Дар баёни он ки шарти суҳбат он аст, ки ҳама асҳоб дар маърази он бошанд, ки чун дар якдигар айбе бубинанд, ба қавл ё феъл дафъи он кунанд» аз дафтари аввали маснавӣ шоир дар боби шароити суҳбат мулоҳиза ронда, таъкид мекунад, ки ёрон барои ошкор кардану аз байн бурдани айби якдигар ошкоро амал кунанд, вале агар чизеро пинҳон кунанд, рӯзе ошкор мешавад ва дӯстӣ ба душманӣ мубаддал мегардад:

Бинишинию риш паҳн кунӣ,
Бигушоӣ забон ба хушсуханӣ.
Ҳамаро роздори худ созӣ,
Рози дил бо ҳама бипардозӣ.

Бо ҳама хоҳ хоҷа, хоҳ фақир
Кунӣ омезише чу шаккару шир.
Чун барояд бар ин насақ якчанд,
Шавад аз ҳар тараф қавӣ пайванд,
Лек аз озмуни гуногун
Ояд аз парда ҳилаҳо берун.
Он ғаразҳо, ки будашон дар сир,
Гардад аз қавлу феълашон зоҳир.
Шавад аҳволи зоҳири эшон
Явма тублассароири эшон.
Чун ғаразҳо шавад туро равшан,

Дӯстонро ба ҷон шавӣ душман (6, 231).

Дар байти пеш аз охир ояти 9 сураиТориқ иқтибос шудааст, ки дар он Худованд мегӯяд: «Явма тублассароиру (Рӯзе, ки фош шавад розҳои дарун)» (4, 591). Шоир бо иқтибоси ин оят таъкид бар сухани ошкор ва фош кардани айби дӯстон менамояд, то ба сабаби пинҳонкорӣ рӯзе дӯстӣ аз байн наравад.

Дар фасли «Танбеҳулғофилин ва иқозуннимин» Мавлоно Ҷомӣ аз ҳаё сухан ба миён оварда, бо илҳом аз ҳадиси Расули акрам (с) мефармояд:

Чун ҳаё шуъбае аз имон аст,
Беҳаёӣ далели туғён аст (6, 199).

Ин байт мутазаммини ҳадиси набавӣ аст, ки дар ҳадиси 24 «Саҳеҳи ал-Бухорӣ» омадааст: «Ҳаё аз ҷумлаи имон аст». Маълум аст, ки дар зимни ин гуфтор Мавлоно Ҷомӣ барои дарки пурраи аҳамияти ҳаё такя ба Қуръону ҳадис доштааст.

Ҳамин тариқ, Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ дар дафтари аввали маснавии «Силсилат-уз-заҳаб» аз оёту аҳодиси зиёде истифода кардааст, ки ҳар яке вобаста ба мавқеъ ва муроди шоир вазифаи хоси бадеиро бар дӯш доранд. Мавзӯъ ва вазифаҳои оёту аҳодис дар асари мазкур гуногун аст ва вобаста ба мақсаду ҳадафи шоир метавонад бештар бошад. Аммо ба назари мо ҳамаи ҳадаф ва вазифаҳои бадеии оёту аҳодисро дар ин се нукта ҷамъбаст кардан мумкин аст.

А Д А Б И Ё Т

2. Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоил ал-Бухорӣ. Саҳеҳи ал-Бухорӣ. Аз арабӣ тарҷумаи М.Умаров ва Ф.Бобоев. Ҷилди 1.- Душанбе: Эр-граф, 2004.- 560с.

3. Алиасғари Ҳикмат. Ҷомӣ: мутазаммини таҳқиқот дар таърихи аҳвол ва осори манзуму мансури хотам-уш-шуаро Нуруддин Абдурраҳмони Ҷомӣ.-Теҳрон: Интишороти Тус, 1379.-407с.

4. Аълохон Афсаҳзод. Ҷомӣ- адиб ва мутафаккир.- Душанбе:Ирфон, 1989.- 384с.

5. Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазкират-уш-шуаро. Ба эҳтимом ва тасҳеҳи Эдворд Броун.- Теҳрон: Асотир, 1382.-621с.

6. Қуръони карим. Тарҷумаи марҳум Муҳаммад Козими Муиззӣ.- Теҳрон: Собирин, 1375.-610с.

7. Наҷиб Моили Ҳиравӣ. Шайх Абдурраҳмони Ҷомӣ.- Теҳрон: Тарҳи нав, 1377.-341с.

8. Нуруддин Абдурраҳмони Ҷомӣ. Маснавии «Ҳафт авранг». Ҷилди аввал. Муқаддима аз Аълохон Афсаҳзод. Зери назари «Дафтари нашри «Мероси мактуб»».- Теҳрон: Маркази мутолеоти эронӣ, 1378.- 912с.

ХУДОЖЕСТВЕННЫЕ ЗАДАЧИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ОТРЫВКОВ ИЗ КОРАНА И ХАДИСОВ ПРОРОКА В «СИЛСИЛАТ–УЗ - ЗАХАБ» -И МАВЛОНО ДЖАМИ

Мавлоно Абдуррахман Джами использовал очень много хадисов и отрывков из Корана в своем произведении «Силсилат-уз-захаб», каждый из которых был выбран и использован им к конкретному случаю и, исходя из желания самого автора, выполнял различные художественные задачи в зависимости от цели и задачи автора. Но по мнению автора, все эти задачи ведут к достижению просветительской, познавательной и воспитательной цели.

Ключевые слова: Абдуррахман Джами, произведение «Силсилат-уз-захаб», хадисы и отрывки из Корана, просветительской, познавательной и воспитательной цели.

ART PROBLEMS OF USE OF FRAGMENTS FROM THE KORAN AND HADISOV OF THE PROPHET TO «SILSILAT-OUSE - ZAKHAB» - AND MAVLONO DZHAMI

Mavlono Abdurrahman Dzhami used much хадисов and fragments from the Koran in the work "Silsilat-uz-zakhab", each of which was chosen and used by it to a concrete case and, proceeding from desire of the author, carried out various art tasks depending on the purpose and a task of the author. But according to the author, all these tasks conduct to achievement of the educational, informative and educational purpose.

Key words: Abdurrahman Dzhami, work "Silsilat-uz-zakhab", хадисы and fragments from the Koran, the educational, informative and educational purpose.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Мухриддин Низомов*** **-** кандидат филологических наук, доцент кафедры истории таджикской литературы Таджикского национального университета.

УСЛУБИ МАҚОМОТ ДАР «БӮСТОН»-И САЪДӢ

Сайид Абдуллоҳ Ҳусайнӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мақомот яке аз анвои адабии суннатӣ дар адаби арабӣ ва форсист. Ин навъи адабиро Бадеуззамони Ҳамадонӣ (фавт 398 ҳ.қ.) дар забони арабӣ ибдоъ кард ва Абулқосими Ҳарирӣ (фавт 516 ҳ.қ.) дар забони арабӣ ба камол расонд. Мақоманависӣ дар адаби араб дар қолаби осори мансур маҳсур намонд, балки бо таҳвил ва татвир гоҳе дар ҷомаи назм ҳам худнамоӣ кард. Дар адабиёти форсӣ ин навъи адабӣ мавриди иқтифо қарор гирифт.

Нависандагони форсӣ бо ҳифзи усули мақоманависии арабӣ ва аз лиҳози иқтизооти забони форсӣ дар ин шеваи суханпардозӣ тасарруфот ва навовариҳое ҳам раво доштаанд. Мақомоти Қозӣ Ҳамидаддини Балхӣ (фавт 559 ҳ.қ.) намунаи мақоманависии таъсир пазируфта аз адаби арабист. Саъдӣ дар навиштани «Гулистон», ки ба наср аст, аз услуби мақомот пайравӣ кард ва ба қавле, ки иддае аз соҳибназарон бар онанд, ӯ ҳатто бо навоварӣ ба тақлид аз мақомапардозони араб, ки аз рӯи тафаннун ё ба сурати мансур ба мақомасароӣ пардохтаанд, дар сурудани мақома ба назми форсӣ низ табъозмоӣ намуд.

Муддаои мо ин аст, ки Саъдӣ дар сурудани «Бӯстон» аз услуби мақомот пайравӣ кардааст. Албатта, дар ин масъала муроди мо ин нест, ки мақомаи манзуми Саъдӣ бо мақомот ба маънии роиҷ ва мусталеҳ дар ҳамаи усул ва фурӯъ тавоффуқи куллӣ дорад, чаро ки чунин тавофуқро ҳатто дар мақомоти форсии Қозӣ Ҳамидаддини Балхӣ, ки ба наср аст, намебинем.

Саъдӣ дар «Гулистон», ки муҳаққиқон дар услуби мақома будани он тардид надоранд, ба собиқа доштани намунаҳои мақоманависии форсӣ ҳамонанди Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ва низ Қозӣ Ҳамидӣ дар насри «Гулистон» илзомоти насри форсиро бештар аз Ҳамидӣ пос доштааст. Дар «Бӯстон» ва дар мавриди иддаое, ки талоше комилан ибтикорӣ буда, ӯ танҳо ба намунаҳои мақомоти манзуми арабӣ метавонистааст, назар дошта бошад, чун аз нависандагони форсӣ ҳеҷ намуна ва алгуе дар мақомаи манзум сироғ надорем.

Он чи қобили ёдоварист, ин аст ки «Ҳикояти сафари Ҳиндустон ва залолати бутпарастон» -ро доктор Тоҳо Нашо аз ин манзар ба «Бӯстон» нигариста, муътақид аст, ки Саъдӣ дар ин ҳикоят ҳадаф надошта яке аз вақоеи зиндагии худро баён кунад, балки ӯ бинобар услуби мақомапардозон ва ҳадди ақал бо шева ва услуби ду ҳикояти дарози мақомамонандаш дар «Гулистон» хостааст ба таҷрибаи ҷадиде даст бизанад. Ӯ ҳамонанди мақоманависон нахуст ба эҷоди достоне даст задааст ва қасдаш аз ин офариниши адабӣ дар дараҷаи аввал он буда, ки мехостааст барои хонандагонаш ҳикояте гиро ва саргармкунанда ва ҳатто пурҳаяҷон бинависад.

Агар муддаиёти Саъдиро дар ин ҳикоят бо завобити мақоманависӣ нақду баррасӣ накунем, аз назари муҳаққиқон асари Саъдӣ орӣ аз заъфҳо ва нақисаҳо ва танақузгӯйиҳое наметавонад бошад. Танақузе, ки аз назари муҳтаво аз шоир ва нависандае номдор чун Саъдӣ пазируфтанӣ нест.

Мақомот дар маънии истилоҳӣ достонҳое кӯтоҳ, мустақил ва пай дар паянд, ки дар онҳо нависанда аз забони ровӣ, шахси воҳидеро, ки дар воқеъ қаҳрамони ҳамаи достонҳост, дар ҳолати гуногун тасвир мекунад. Дар ин достонҳо ровӣ шоҳид ва ноқили моҷароҳои мутанаввеъ ва шигифтоварест, ки бар меҳвар ва мадори қаҳрамони достон мечархад. Ин қаҳрамон дар ҳар достоне ба шакли тозае худро нишон медиҳад, мардумро машғул мекунад. Ӯ дар поёни достон ғайб мезанад ва касе намефаҳмад, ки ин шахс кӣ буд ва саргузашташ ба куҷо анҷомид, то он ки дар достоне дигар ба шаклу сурате тоза дубора намоён мешавад. Дар ин навъи адабӣ нависанда пеш аз он ки ҳадафе аз дарунмояи навишта дошта бошад, ё он ки ба муҳтавои асар бияндешад, бештарин таваҷҷуҳаш маътуф ба ороёҳои лафзӣ ва шаклу сухан аст. Чунон ки муҳаққиқи мақома Алиризо Заковатӣ мегӯяд: «Аз мақомот ҷуз тамрин дар фанни иншо ва вуқуф бар мазоҳиби назму наср ва бархе ҳикаму таҷоруб фоидаи дигаре ҳосил намешавад». Ё бино ба таъйиди Ян Рипка: «Мақомот маҳсули санъатгариҳои бадеии олӣ ва густардаест, ки мешавад онро намунаи воқеии ҳунар

барои ҳунар донист». Аз манзари баъзе аз муҳаққиқон мақоманависӣ маншаи баъзе аз анвои адабии ҷадид дониста шудааст. Онон мақомаро ҳадди аълои достонҳои «Пайкорсак» донистаанд, ки дар қарни шонздаҳум дар Испониё суруда шуд. «Пайкорсак» муштақ аз вожаи испониёии «пайкор» ва ба маънии дағалбоз ва муҳил ва калакзан аст ва «пайкорсак» сифате буд барои романҳое, ки ба аъмоли пайкорҳо мепардохтанд. Қаҳрамони мақома ҳам дағалбоз ва муҳил аст. Ҳамчунин мақоманависиро метавон маншаи румонҳое чун «Робинзон Крузо»-и Даниэл Дэфо донист, ки ҳарчанд қаҳрамони он дағалбоз ва муҳил нест, аммо роман маҷмӯае аз ҳаводиси гуногун аст, ки барои як қаҳрамон иттифоқ афтодааст. Ба ҳар ҳол муаррихони таърихи адабиёти араб ҳеҷ кадом ба нақши мақоманависӣ ба таърихи романнависӣ ишора накардаанд, ҳол он ки ин нақш дар такомули роман худ ошкор аст.

Ба назар мерасад, ки Саъдӣ ҳам дар «Бӯстон» дасткам дар мавриди иддаое хостааст даст ба таҷрибае нав дар арсаи нависандагии форсӣ бизанад. Ҳикоёти Саъдӣ дар шаклу сурат мубтанӣ бар улгӯи мақомот ба маънии роиҷ аст, вале на ба лиҳози муҳтавоӣ. Чун «Бӯстон» китобе ахлоқист, аз мақомот ба маънии роиҷ ва мусталеҳ фосила мегирад. Ағлаби муҳаққиқон дар бораи дарунмояи «Бӯстон» назарее мутамойиз аз «Гулистон» доранд. Онҳо муътақиданд, ҳар андоза, ки аз назари муҳтавоӣ бар «Гулистон» хурдаҳо метавон гирифт, «Бӯстон» аз ин манзар бидуни айбу нуқс маҳсуб мешавад. Онон ҷаҳони писандҳо ва орзуҳои Саъдиро бозтоб ёфта дар «Бӯстон» медонанд. Чунонки Ғуломҳусайни Юсуфӣ менависад: «Ҷаҳони матлуб ва ормонии Саъдӣ дар «Бӯстон» беш аз дигар осори ӯ ҷилвагар аст. Ба иборати дигар, Саъдӣ мадинаи фозилаеро, ки меҷуста, дар «Бӯстон» тасвир кардааст. Дар ин китоби пурмағз аз дунёи воқеӣ, ки оганда аст аз зиштиву зебоӣ, торикиву рӯшноӣ ва бештар асири табоҳиву шақоват, камтар сухан меравад, балки ҷаҳони «Бӯстон» ҳама некист ва покӣ ва додгариву инсоният, яъне олам чунонки бояд бошад.Ҳикояти донишманд, агарчи ибдои Саъдист, вале таъсири ҳикоятеро ба ин маънӣ дар «Насиҳат-ул-мулук»-и Ғаззолӣ дар он метавон мушоҳида намуд. Вале ин ҷо барои мо муҳимтар аз ҳама умумиятест, ки миёни ҳикоёти мақомот ва ҳикояти мазкур ба назар мерасад.

Аввалан, маълум аст, ки дар мақома номи ҳар фасл маъхуз аз маконест ё ба маконест, ки достон дар он иттифоқ афтода. Масалан, мақомаи Мавсилия, мақомаи Ҳалабия ва ғайра. Дар ҳикояти мазкур аз «Бӯстон»-и Саъдӣ ҳам, дар ҳоле ки номе барои мақома наёмадааст ва ба унвони ҳикояти 5 ва 6 дар «Бӯстон» ба тасҳеҳи Хазоилӣ ва дар як ҳикояти воҳид ва мунсаҷими чопи Юсуфӣ ва куллиёти Саъдӣ, мусаҳҳаҳи Фурӯғӣ омадааст, албатта, унвони ҳикояти донишманд, агар баргузидани Саъдӣ бошад, бо мавзӯи мақома муносибати том дорад. Ҳамчунин мақомаи манзуми мавриди мутолиа дар «Бӯстон» чун як намуна аст, ки мухтассаи сабкӣ эҷод намекунад, вале дар мақомоти дигар такрор мешавад. Монанди мақомотҳои 1,2,3 ва ғайра.Маъмулан мақомот ба як наҳв шурӯъ мешавад. Монанди «маро дӯсте, ки…» (Мақомоти Ҳамидӣ), «рава ал-Ҳорис…» «Ҳака ал-Ҳорис…» (Мақомоти Ҳарирӣ). Дар «Бӯстон»-и Саъдӣ дар оғози достон мебинем, ки:

Фақеҳе, куҳанҷомае, тангдаст,
Дар айвони қозӣ ба саф барнишаст.

Ҳамчунин дар анҷоми мақома ровӣ ҳамеша қаҳрамони ривояти худро гум мекунад ва бо таъбироти «Маълуми ман нашуд, ки саранҷом ӯ куҷо буд?», «Маълуми ман нашуд, ки замона куҷош бурд», «Аз баъди он надонам чархаш куҷо кашид» ва амсоли онҳо ёдовар мешавад.

Умумияти дигари сабкӣ, ки миёни мақомот ва ҳикоёти «Бӯстон»-и Саъдӣ мушоҳида мешавад, ин аст, ки дар мақомот ровӣ шахси муайян аст. Масалан, дар мақомоти Бадеъуззамони Ҳамадонӣ ровӣ Исо ибни Ҳишом, дар Ҳарирӣ ровӣ Ҳорис ва дар «Бӯстон» ровӣ худи Саъдист.

Мавзӯи мақомаҳо гоҳ васфӣ, гоҳ каломиву фалсафӣ ва гоҳ тамсилӣ аст аз ҳаёти иҷтимоӣ ва гоҳ сурати панду андарз дорад. Дар баъзе маворид низ нависанда онро чун василае барои баёни мақосид ва аҳдофи адабӣ ва динии худ ба кор мегирад. Дар «Бӯстон»-и Саъдӣ дар боби тавозӯъ аз назари мазмун аз панду андарз холӣ нест. Қаҳрамони он чун дар мақома дар маҳфиле ба изҳори фазл мепардозад, ки фақеҳону

мутакаллимон ва муфассирон ҳузур доранд. Ба назар мерасад, ки қаҳрамони ҳикоят дар бораи мавзӯоти динӣ, фиқҳӣ ва усулӣ табаҳҳур доштааст, ки ба изҳори фазл дар мушкилоти аҳли маҳфил мепардозад ва онҳоро ба шигифтӣ ва тааҷҷуб вомедорад.

Қаҳрамони мақомот маъмулан шахсест хушмашраб, хушбаён ва бисёрсафар, ки аз шаҳре ба шаҳри дигар меравад ва ношинос мегардад, гоҳ дар мавқифи таълим меистад, гоҳ бар минбар менишинад. Дар ҳикоёти «Бӯстон»-и Саъдӣ чун қаҳрамони забоновари фасеҳу балеғ фаъолият мекунад. Ӯ ҳам ношинос аст, вале вақте маҷоли баён пайдо мекунад, дар илму дониш асбоби шигифтии уламо мешавад.

Қаҳрамонони мақомаҳо маъмулан ба сурати пире зоҳир мешавад. Қаҳрамони ҳикоёти «Бӯстон»-и Саъдӣ аз лиҳози синну сол зиёд аст, ки ба сурати пире тасвир мешаванд, вале дар поёни достон ба сурати ҷавоне дармеояд.

Достонҳои мақомот осори халлоқаӣ ҳастанд, ки нависандагони мақомот онҳоро офаридаанд, на он ки ҳикоятҳои роиҷ дар байни мардумро бо услуб ва баёни олӣ ба рӯи коғаз оварда бошанд. Ҳикояти манзуми Саъдӣ, яъне ҳикояти донишманд ҳам офаридаи Саъдист, агарчи ҳамон тавр ки пештар ишора кардем, эҳтимоли иқтибоси он аз осори Ғаззолӣ ҳам баъид наменамояд.

Чунонки аз қиёси муҳтаво ва услуби нигориши ҳикояти донишманд аз «Бӯстон»-и Саъдӣ бо мақомоти Ҳамидӣ, Ҳарирӣ ва Бадеуззамони Ҳамадонӣ бармеояд, дар ҳикояти Саъдӣ ағлаби вижагиҳои мақоманависӣ мушоҳида мешавад ва аз ин ҷо метавон гуфт, ки Саъдӣ нахустин офарандаи мақомаи манзуми форсӣ низ маҳсуб мегардад.

А Д А Б И Ё Т

1. Тоҳо Нашо. Адабиёти татбиқӣ. Тарҷумаи Заҳрои Касравӣ. – Теҳрон, 1380 ҳ.
2. Алиризо Заковатӣ. Бадеуззамони Ҳамадонӣ ва мақомотнависӣ. – Теҳрон, 1364 ҳ.
3. Рипка Ян. Таърихи адабиёти Эрон. Тарҷумаи Исо Шаҳобӣ. – Теҳрон, 1354 ҳ.
4. «Бӯстон»-и Саъдӣ. Ба тасҳеҳу тавзеҳи доктор Ғуломҳусайни Юсуфӣ. – Теҳрон, 1375 ҳ.
5. Муҳаммад Ғаззолӣ. Насиҳат-ул-мулук. – Теҳрон, 1367 ҳ.
6. Хатибӣ Ҳусайнӣ. Фани наср дар адаби форсӣ. – Теҳрон, 1366. – С.548.
7. Хатиби Ҳусайнӣ. Фани наср дар адаби форсӣ. – С.548

СТИЛЬ МАКОМА В «БУСТАНЕ» СААДИ

Статья посвящена анализу и исследованию стилистических особенностей жанра макома в «Бустане» Саади Шерози. На основе сравнительного анализа макомов Бади’аззамона Хамадани, Кади Хамидаддина и Абдулкасима Харирї определены общие стилистические особенности между «Бустаном» Саади и указанными произведениями.

Ключевые слова: «Бустан» Саади Шерози, стилистические особенности, жанр маком, сравнительный анализ макомов, общие стилистические особенности.

MAKAMA'S STYLE IN "BUSTAN" SAADI

Article is devoted to the analysis and research of stylistic features of a genre макамы in "Bustan" Saadi Shirozi. On the basis of the comparative analysis макамов Badi'azzamona Hamadani, Qadi Hamidaddina and Abdulkasima Harir the general stylistic features between "Bustan" Saadi and the specified works are defined.

Key words: "Bustan" Saadi Shirozi, stylistic features, a genre макам, comparative analysis, general stylistic features.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Сайид Абдуллах Хусайни***- соискатель ТНУ.

РАВОБИТИ АДАБӢ ВА ҶАРАЁНИ ИНКИШОФИ АДАБИЁТ

Гулистон Шарифова
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Пайвандҳои адабӣ аз нигоҳи нуфуз ба воситаи пурзӯри ҷаҳонбинӣ ва шакли мустақими он, маърифати таърихии халқҳо мубаддал гардидааст. Набзи сайёраи моро ҷараёни баҳамназдикшавии халқҳо ва миллатҳо ифода мекунанд. Азбаски худи ҷараёни зиндагӣ пурпечутоб аст, ҳодиса ва воқеаҳои иҷтимоӣ ва маданӣ низ бисёрпаҳлӯ ва гуногун мебошанд. Аз тарафи дигар худи оламе, ки дар он набзи сайёра дар тапидан асту ҷараёни зиндагӣ давом мекунад, доимо дар ҳаракату инкишоф мебошад.

Инсон, аз ҷумла нависанда байни ҳамин мадду ҷазри зиндагӣ ва олами мутаҳаррику инкишофёбанда умр ба сар мебарад ва «доираи фаъолияти хешро ба хотири бузургии олам» [1] ва амалӣ шудани беҳтарин идеалҳои олии башар бо мадду ҷазр ва ҳаракату инкишоф муайян месозад. Нависанда ҳеҷ гоҳ аз доираи ин ду ҳодиса берун буда наметавонад, зеро амвоҷи уқёнуси зиндагӣ ҳам нависанда ва ҳам қаҳрамони асари ӯро ба оғӯши хеш гирифта, дар ҷараёни ҳаракату инкишоф ва шӯриши мавҷҳои зиндагӣ обутоб медиҳад. Ин обутоб боиси мукаммалии донишу андеша ва парвози эҳсосу тапиши дили суханвар мегардад, зеро ҳодисаву воқеаҳо чун ҳиссачаҳои ҳаракату инкишоф ба дилу шуури эҷодкор роҳ ёфта, ба эҷоди вай муҳри банур мегузоранд.

Аксарияти мулоҳизаҳои мо низ дар ҳамин атроф сурат мегиранд, зеро ки гуногунии ҳодиса ва масъалаҳои равобити адабӣ аз тарзи нигориши ин ё он ҷода ба вуҷуд меоянд. Нависандае бевосита аз ҳузури ин ё он ҳодиса воқиф шуда, дар эҷодхонаи дилу шуур асар месозад. Адиби дигар он тарзи нигоришро аз ин асар меомӯзад ё бо он ошно мешавад. Ин омӯзиш ё худ ошноӣ бо мушоҳидаҳои ҳаётӣ пайваста асари дигареро ба миён меорад. Дар натиҷа, таҷрибаи эҷодӣ ва мушоҳидаҳои зиндагӣ бо ҳам омезиш шуда, муҳаққиқро огоҳ месозанд, ки ҳодиса ва воқеаҳо бе робитаи ҳамдигар ва бе таъсири ҳамдигар бавуҷуд намеоянд.

Адабиётшинос ба эҷоди нависанда ҳамчун объекти мушоҳидаву таҳқиқ назар афканда на танҳо бандубаст, силсилаи образҳо, хаёлоти бадеӣ ва мақсади муаллифро муайян мекунад, балки системаи робитаҳои адабӣ ва таъсири онҳоро аз нуқтаи назари инкишофи ҳодисаю воқеаҳо нишон медиҳад. Он гоҳ ба назари хонанда чунин мерасад, ки протсеси адабӣ аз маҷмӯаи ҳодиса ва масъалаҳои ба ҳам асаркунанда ва хеле наздик иборат будааст.

Офаридаҳои нависанда ва андешаҳои адабиётшинос гӯё ба ҳам омехта шуда, муосирон ва ояндагонро огоҳ месозанд, ки бе омӯзиши сабаб ва тарзи таъсири ҳодисаҳо сабаби инкишофи онҳоро муайян кардан мумкин нест. Файласуфон беш аз ҳама ба ин ҷиҳати масъала эътибори махсус дода, таъкид мекунанд, ки робитаҳо дар физика, фалсафа, кимиё, таърих ва адабиёт характери куллӣ ва объективӣ дошта, таъсиру инкишофи ҳодисаҳои табиат ва ҷамъиятро ифода менамоянд.

Пас маълум мешавад, ки робитаҳои адабӣ бо тамоми зуҳуроти хеш ҳодисаи қонунии рӯзгори адабии айёми мост. Он шаклҳои равобити адабӣ чӣ гунаанд ва дар кадом ҳолат зуҳур меёбанд? Ҷавоби ин суол моро то дараҷае бо асли мақсад наздик мекунад.

Адабиётшинос ҳангоми омӯзиш ва тадқиқи масъалаҳои мухталифи адабиёт пеш аз ҳама ба ҳодисаҳои дохилӣ ва берунии ҷараёни адабӣ дучор меояд. Ҳодисаҳои мазкур бо вуҷуди хусусиятҳои хоссаашон як умумияти пуркуввате доранд, ки он дар бобати муайян кардани шаклҳои равобити адабӣ ва зуҳурёбии онҳо кумаки ҷиддие мерасонанд. Мисоли зерин ин андешаҳои моро то дараҷае равшантар хоҳад кард.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мақолаи худ «Мероси Ҷалолиддини Балхӣ ва ҷаҳони муосир»[2] хеле хуб ва бамаврид қайд кардааст, ки «…Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ фарзанди замонаш буд ва дар таълимоти ӯ воқеияти ҳамин даврон, дақиқтараш, муҳит ва шароити хоси асрҳои миёна таъсири бузург дорад. Вале ҳамчун донишманди нобиға [3] ӯ ба мисли мутафаккирони дигари ҳамрадифи худ масъалаҳоеро низ баррасӣ ва ҳаллу васл намудааст, ки онҳо дар ҳар давру замон ҷой дошта, инсониятро ҳамчун мавзӯъҳои абадӣ ором намегузорад. Имрӯз мо бояд маҳз ҳамин ҷанбаҳои ҳаёт ва фаъолияти чунин абармардонро биёмӯзем ва дар амалияи ҳаррӯзаи иҷтимоию фарҳанги худ мавриди истифода қарор бидиҳем».

Оре, Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ дар тамоми гӯшаю канори Шарқу Ғарб бо назми оламгири худ маъруф гаштааст ва шеъру андешаҳои фалсафии ӯро дар тамоми олам бо завқи беандоза новобаста аз дину мазҳаб ва ҷаҳонбинии худ қироат мекунанд. Андешаҳои зиёди ирфонии Мавлоно то кунун ҳам аҳамияти худро гум накардаанд ва аксарияти он дархури ниёзмандӣ ва эҳтиёҷоти фикрию ахлоқии ҷаҳони муосир аст.

Осори орифи бузург имрӯз на танҳо дар Шарқ, балки дар Ғарб низ харидорони зиёде дорад ва маълумоти зиёде дар бораи ҳаёт, фаъолият ва шеъри оламгири ӯ пайваста нашр мешавад ё тавассути ҳазорон саҳифаҳои интернетӣ паҳн мегардад. Аз замони худи мутафаккир дар байни мардум румихонӣ (шамситабрезихонӣ) ҳамчун ҳофизхонӣ шуҳрат пайдо карда буд ва имрӯзҳо ҳам ин кор идома дорад. Ғазалҳои ширадори ӯро, ки бо забони ноби тоҷикӣ садо медиҳанд, чи овозхонони мардумӣ ва чи оҳангсозони касбӣ дар Тоҷикистон, Туркия, Афғонистон, Эрон, Ҳиндустон ва кишварҳои зиёди Аврупову Амрико месароянд ва мардум аз онҳо ҳаловат мебаранд.

Ҳамин тавр, таъсири мактаби ғазалсароии Ҳофиз низ ба шоирони баъдинаи тоҷику форс, як шакли дохилии алоқаи адабӣ мебошад. Таъсир ва нуфузи ғазалҳои вай ба адабиёти халқҳои туркзабон аз шаклҳои берунии ин ҳодиса аст. Ин шаклҳои таъсирро дар тамоми давраҳои адабиёти классикӣ ва муосири тоҷик низ кам ё беш дидан мумкин аст.

Ин протсесро адабиётшиносон ва олимон Е.Э.Бертелс, И.С.Брагинский, М.Н.Османов, А.Н.Болдирев дар мисоли адабиёти рус ва равобиту таъсири он ба адабиёти хориҷа ва халқҳои Шӯравии собиқ омӯхта, хидмати шоистае анҷом додаанд.

Таъсири адабиро аз равобити адабӣ ҷудо кардан мумкин нест. Ҷавҳари равобити адабиро ҳамон таъсири адабӣ ифода мекунад. Ин таъсир бо вуҷуди хусусиятҳои хосса доштанаш қариб дар тамоми шаклҳои равобити адабӣ дучор меояд. Аз ин рӯ аксари адабиётшиносони Шӯравии собиқ ба чунин хулоса омадаанд, ки асрори зиёди робитаҳои адабӣ маҳз ҳамон вақт ошкор мегарданд, ки таъсири адабӣ бо тамоми ҷузъиёт ва ҷилову тобишҳояш омӯхта шавад.

Таъсири адабӣ дар баробари шароити иҷтимоӣ ва таърихӣ ба истеъдоду маҳорати таъсиргиранда, ба талаботи маънавию эҷодии ӯ низ вобаста аст. «Таъсири адабӣ дар шакли таҷриба аз як адабиёт ба адабиёти дигар ҳамон вақт ворид мешавад, ки адабиёте дар заминаи худ қомат афрохта, ба қабули таҷрибаи нав омода бошад»[4]. Таъсири адиби бузург ба пайравони муосир ва бозоянда ҳамон вақт самарабахш хоҳад шуд, ки шароити таъсиргирӣ фароҳам омада бошад, ба ин таъсир эҳтиёҷ пайдо шуда ва замина ҳозир гардида бошад. Он гоҳ таъсир боиси ташаккулу камолоти қобилияти ботинии пайравон мегардад. Ба ин ҷиҳати масъала мунаққиди бузурги рус В.Г.Белинский ишораи дақиқу образноке кардааст: «таъсири шоири бузурге ба шоирони баъдина на дар он намудор мешавад, ки ашъори вай дар назми онҳо акс меёбад, балки аз он ҷиҳат сар мезанад, ки қувваҳои эҷодии худи онҳоро

бедор карда, ба ҳаракат медарорад, чунонки офтоб бо нурҳои худ заминро мунаввар сохта, қувваи худро ба он намегузаронад, балки қувваҳои мавҷудаи худи заминро бедор мекунад» [5].

Баъзан дар адабиётшиносӣ эътибор ва таъсирро омилҳои аз ҳам ҷудо ва ҳатто хилофи якдигар маънидод кардаанд. Дар ҳақиқат, гоҳо асар ё худ эҷодиёти нависандае дар мамлакате ва муҳите эътибори бузург пайдо кунад ҳам, дар ташаккул ва инкишофи эҷодиёти нависандае таъсир расонида наметавонад. Ва ё баръакс, он нависанда дар такомули симои эҷодии адибе ё як гурӯҳ адибон таъсир расонида бошад ҳам, эътибори бештаре пайдо карда наметавонад. Сабаб дар он аст, ки таъсири адибӣ ба муҳите ва доираи танге, ба нависанда ва шоир дахл дошта, эътибори адабӣ ба доираи нисбатан васеъ, яъне хонандагон марбут аст.

Бояд гуфт, ки ғазалиёти Ҳофиз дар доираҳои адабии туркигӯён (Хоразм, Хӯқанд, Шервон, Истанбул) ҳам эътибори баланд ва ҳам таъсири пурфайзе дошт. Бузургтарин суханварони туркигӯй Алишери Навоӣ ва Муҳаммади Фузулӣ ғазалҳои зиёди Ҳофизро тараннум карда, то дараҷае эътибор ва таъсири ӯро дар ташаккул ва инкишофи ғазали ӯзбек, турк, озарӣ ва ғайра таъкид ва ситоиш намудаанд.

Ҷойгоҳи пайвандҳои адабиро дар низоми маърифати таърихии халқҳо ва ҷомеа акад. В.М.Жирмунский ба ҳайси мушкилоти муҳими «таъсири байналхалқии адабӣ» [5] маънидод карда, вобаста ба чунин қазия ӯ санади инкишофи адабиётро дар партави таъсири мутақобили он пешниҳод мекунад. Гузашта аз ин, масъалаи таъсири мутақобилаи адабиётҳо ва пайвандҳои адабӣ чун ҷузъи муҳим ва махсусияти адабиёти миллии халқҳо омӯхта мешавад. Дар тавсияи чунин фаҳмиши нав, ки аз усулҳои типологии ҷараёни инкишофи адабиёт сар мезанад, масъалаҳои таҳқиқи махсусияти адабиётҳои миллӣ дар мисоли адабиёти тоҷику турк ба миён омадааст. Зарурати фаро гирифтани чунин масъала ва таҳқиқи паҳлуҳои таъсири мутақобилаи адабиёт аз омилҳое ба ҳам омадаанд, ки дар маҷмӯъ ҳалли бисёр мушкилиҳоро имрӯз ҷараёни ташаккули афкори ҷомеа, муносибат сари падидаҳои адабиву таърихӣ дар замони нав бозгӯ мекунад.

Муносибатҳои фарҳангии халқҳо ва миллатҳо дар даврони дигаргуниҳои бузурги иҷтимоӣ ва сиёсӣ ва воҳиди муштараки давлатӣ дар замони нав, дар шаклҳои гуногун моҳияти нав касб карданд. Дар тақвияти чунин қазия, ки падидаҳои нав ба нави адабӣ хусусан дар солҳои 70-80 дар соҳаи мушаххасоти таърихӣ ба ҳам сахт печида, яке дигареро пурра карда, шаклу навъҳои пайвандҳои адабиву таъсири мутақобилаи адабиётҳоро омезиш дода бошад, ташаккули адабиёти миллӣ чун як воҳиди муштараки фарҳангӣ мусоидат кардааст. Замони инқилобҳои иҷтимоӣ, ки ба вусъати асри ХХ иттифоқ афтод, адабиётро аз қайди инкишофи нисбии воҳиди фарҳангӣ ба яроқи нерӯманди мафкуравӣ мубаддал карда, онро дар мубориза барои ормонҳои ҷамъият дар шакли зуҳури мустақимаш ба кор бурд.

Дар ҷараёни инкишофи адабиёт маҳорати забондонӣ, ба ду-се забон асар офаридани нависанда мақоми махсусеро дорост. Азбаски дар ҷараёни адабӣ ба тарҷумаи бадеӣ эътибори бештар медиҳанд, сифати тарҷума ва принсипҳои тарҷумонӣ дар мо рангин ва мукаммалтар шуда истодааст. Бинобар ин омӯзиш, тадқиқ ва таҳлили таърихи тарҷума, назарияи он, маҳорати тарҷумон вазифаҳои муҳими адабиётшиносист. Омӯхтани робитаҳои адабӣ чӣ навъе ки устодон М.Шукуров, Ҳ.Аҳрорӣ, Э.Муллоқадов, Р.Ҳошим, Ҳ.Шодиқулов, З.Муллоҷонова, А.Нуралиев, В.Самад, А.Давронов, Ш.Мухтор дар навиштаҳои хеш борҳо зикр намудаанд, ба пайванди халқҳо, дӯстии самимии онҳо, ҳамдигаршиносӣ ва алоқаҳои иқтисодию сиёсии халқҳоямон мадад мерасонанд.

Бояд қайд кард, ки вусъат ёфтани алоқаҳои адабӣ аз муҳимтарин протсесҳое мебошанд, ки моҳияти аслии маданиятро муайян мекунанд. Маданият, дар натиҷаи

ривочу равнақ, ба ҳам наздик шудан ва ҳамдигарро бой кардани адабиёти халқҳои гуногун инкишоф меёбад. Дар айни замон дар байни халқҳои дунё алоқаву робита рӯз то рӯз афзуда, чи барои пешрафти маданияти мо ва чи барои инкишофи маданияти халқҳо нақши муҳим бозида истодааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Г.Менде. Мировая литература и философия. -М.,1969, стр.19.
2. Минбари халқ. - 31 март, 2007
3. М.Ардаудов. Психология литературного творчества.-М. 1970. С.592-595.
4. В.Г.Белинский.Собр.соч.том.- У.1956. с.563.
5. Жирмунский В.М. Сравнительное литературоведение. Восток и запад. М.наука.1979. 493с.

ЛИТЕРАТУРНЫЕ СВЯЗИ И ПРОЦЕСС РАЗВИТИЯ ЛИТЕРАТУРЫ

В данной статье автор рассматривает процесс развития литературы и затрагивает вопросы литературных взаимоотношений литератур, и то воздействие, которое они оказывают на творческое сознание людей.

Ключевые слова: литературные связи, литература, поэт, культура, таджикская литература, традиция, Восток, язык, творчество, перевод, гуманизм, патриотизм, художественная литература.

LITERARY COMMUNICATIONS AND LITERATURE DEVELOPMENT

In this article the author considers development of literature and mentions questions of literary relationship of literatures, and that influence which they render on creative consciousness of people.

Key words: literary communications, literature, poet, culture, Tajik literature, tradition, East, language, creativity, transfer, humanity, patriotism, fiction.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Гулистон Шарифова***-старший преподаватель Технологического университета Таджикистана

Ж У Р Н А Л И С Т И К А

МАСЪАЛАИ СУЛҲИ АФҒОНИСТОН ДАР МАТБУОТИ ХУСУСИИ ТОҶИК

М. Усмонов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар инъикоси масъалаи сулҳи Афғонистон матбуоти тоҷик фаъолона баромад мекунад. Хусусан, матбуоти ғайриҳукуматии тоҷик дар ин самт пеш рафтааст. Агарчӣ андешаҳо перомуни сулҳи Афғонистон дар саҳифаҳои матбуот якранг нестанд, аммо дар умум эҳсос мешавад, ки матбуоти мо ба масъалаи сулҳ ва ҳар мавзӯи дигари марбут ба Афғонистон аз зовияи миллӣ менигарад. Яъне, ки мо бо мардуми ин кишвар фарҳанги муштарак дорем ва дар Афғонистон тоҷикон фоизи зиёди аҳолиро ташкил медиҳанд. Матбуот мекӯшад, ки масъалаҳоро ба ҳамин алоқаманд карда, мушкили тоҷикони Афғонистонро ёдовар шуда, нависад

Аз навиштаҳои матбуоти хусусии тоҷик бармеояд, ки яке аз сабабҳои кашолёбии ҷанги Афғонистон Амрико ва муттафиқони ғарбии он аст. Дар ибтидои асри XXI ин кишвар ба баҳонаи он, ки ба мардуми ҷангзадаи Афғонистон сулҳ меорад, ба Афғонистон омад. Аммо на танҳо сулҳ наовард, балки сабабгори бештар вайрону валангор гардидани шаҳру деҳот гардид ва мардуми зиёде ҳам дар натиҷаи бомбаборонҳои низомиёни хориҷӣ ба ҳалокат расиданд. Ба навиштаи ҳафтаномаи хусусии “Нигоҳ” масъалаи 11-уми сентябр, ки дар соли 2001 яке аз сабабҳои таҷовузи Амрико ба Афғонистон гардид, баҳонае беш набуд: “Кишвари нимаобод харобтару валангортар шуд. Он қисмат аз хоки он, ки дар замони истилои Шӯравӣ тир ба сина нахурда буд, аз мушакборону бомбборонҳои ИМА ва муттаҳидонаш хуншор гардид. Даҳ сол ин мардумро зери борони тиру туфанг қарор доданд, бо баҳонаи он ки “Ал-қоида” ва пешвои он Бин Лодан ин ҷост. Вале на ӯ пайдо шуду на созмонаш” [1].

Бояд ёдовар шуд, ки дар соли 2001, вақте Аҳмадшоҳи Масъуд ба ҳалокат расонда шуд, баъд аз ду рӯз таърихи 11 сентябр дар Ню-Йорки Амрико биноҳои баландошёнаи маркази тиҷорати ҷаҳонӣ аз ҷониби террористон мавриди ҳамла қарор гирифтанд. Дар он роҳбарияти Амрико созмони террористии “Ал-қоида” ва пешвои он Бин Лодан, ки гӯё дар Афғонистон паноҳ бурда буд, гунаҳгор дониста бо нияти таъмини сулҳ ва мубориза бо терроризми байналхалқӣ ба Афғонистон ворид шуд. Аммо гузашти вақт нишон дод, ки сулҳи Афғонистон дуруғ ва он як таҷовузи навбатӣ ба сари ин кишвар буд. Ҳафтаномаи хусусии “Фараж” дар ин бора мақолаи профессор Иброҳим Усмоновро бо номи “Афғонистон: Баъди 43, бо умеди 44” ба нашр расондааст, ки дар он аз ҷумла гуфта мешавад: “Ҳеҷ гуна сулҳ дар ин раванд набуд. Ин танҳо зурӣ, таҷовуз, ишғол буд. Сулҳ дар байни тарафҳое мешавад, ки бо ҳам ҷангидаанд, дар ҳоли ҷанг, дар ҳоли низоъ буданд. Пас инро чи гуна сулҳ метавон гуфт? Сулҳ аслан ризоияти ҳадди ақал ду ҷониб аст. Кадом аст ҷонибҳое, ки дар он ҷо сулҳ карданд, чи аст ҳадафи ин сулҳ, мақсади дар ҳуҷҷатҳо бо зикри гузаштҳо ва бозёфтҳои тарафҳо. Барои ҳамин ҳам сулҳ ба Афғонистон то ҳол нарасид ва оромкунандагон маҷбуранд, иштирокашонро дар минтақа пурзӯртар кунанд...”[2].

Бино ба навиштаи матбуоти ғайриҳукуматӣ яке аз сабабҳои муваффақ нашудани сулҳоварон дар Афғонистон ин аст, ки онҳо дар гузашта ва имрӯз ба ин кишвар зарарҳое расондаанд, ки аз хотири мардуми афғон фаромӯш намешавад. Ва ба ёд овардани онҳо халқи афғонро бар зидди душманони аҷнабии худ бештар мешӯронад ва имкон намедиҳад, ки онҳо дастболо шаванд. Дар идомаи матлаби “Афғонистон: Баъди 43, бо умеди 44” ифодаи ин мавзӯъ ба таври зайл инъикос ёфтааст: “Воқеан дар таърихи 150 соли охир бисёриҳо хостанд, ки ба сулҳу пешрафти Афғонистон бо ҳузури худу силоҳашон ёрӣ расонанд ва дар сарахбори ин англисҳо буданд, ки дар Ҳиндустону Эрон ва Осиёи Миёнаву Афғонистон тартиби нав ба вуҷуд овардан мехостанд ва сазои онҳоро аз ҳама бештар Афғонистон додааст. Онҳо мардуми Афғонистонро дар ҷангҳои бисёрсолаи худ шикаст дода натавонистанд, аммо ба туфайли он, ки як қисми ҳудуди онро (Паштунистон) ба Покистон пайвастанд, якумрӣ дар назди мардуми Афғонистон шумрӯ шуданд. ... гумон мекунам, яке аз сабабҳои бемуваффақиятии сулҳсозии америкоиҳо дар

Афғонистон он ҳам ҳаст, ки артиши англис ҳамроҳашон ба ин кишвар даромад. Ҳар аскари англис ба назари халқи Афғонистон сарнавишти Паштунистонро ба ёд меорад" [3].

Ҳафтаномаи ғайриҳукуматии "Нигоҳ" халқи ҷасур будани мардуми афғонро афсона хонда менависад, ки сабабгори шикасти абарқудратҳо дар ин кишвар рақибони онҳоянд, ки мақсадашонро бо дасти халқи афғон амалӣ месозанд. Аз ҷумла ин нашрия менависад, ки: "Тайи беш аз 30 соли охир ин мардум (афғонҳо,-М.У) Шӯравӣ ва ҳоло НАТО – иттиҳоди низомии қудратмандтарини Аврупову Амрикову Осиёро шармандавор ва бо сари хам меронад. Ин як далел, аммо дурӯғи фиребо, ба зоҳир парии зебо, вале дар ботин морҳои Заҳҳок аст, ки мағзи мардуми ин кишварро хурдаасту мехӯрад. Мардуми Афғонистон ба ин афсонаҳо сахт фирефта шудаанд ё онҳоро мефиребанд. Дар асл бо дасти онҳо Амрикову Аврупо, Арабистону Эрон, Чину Покистон замоне Шӯравиро ронда буданду ҳоло Русияву Чину Эрон ва Покистон, Амрикову Аврупоро меронанд. Бо дасти афғонҳо рақибони Шӯравӣ Аврупои Шарқиву Осиёи Марказӣ ва Қафқозро аз шарри коммунизм раҳо карданд, ба ҷои Шӯравӣ худ вориди ин манотиқ шуданд, ҳоло фоидаи калон мебинанд. Имрӯз рақибон бо дасти мардуми Афғонистон Амрикову Аврупо, НАТО-и шикастнопазир, артиши қариб 40 кишварро шарманда карданд" [4].

Дар мавриди ин, ки рақибони кишварҳои истилогари Афғонистон бо дасти афғонҳо онҳоро мағлуб мекунанд, ҳафтаномаи "Миллат" бо ҳафтаномаи "Фараж" ҳамфикр аст. Масалан "Миллат" менависад: "Ҷанги нирӯҳои шӯравӣ дар хоки Афғонистон, қисмати таркибии барномаи РМИ (СРУ) мебошад, ки тавассути кӯшишҳои Картер интиҳои солҳои 1970-ум роҳандозӣ шуда буданд ва ҳамон замон тибқи ин барнома ба исломиёни афғонӣ Амрико кумак мекард, ки баъдан худи "Толибон" ва "Ал-қоида" дар асоси он ба вуҷуд омадаанд" [5].

Ҳамчунин ҳафтаномаи хусусии "Фараж" шикасти абарқудратҳоро дар Афғонистон ба ҷасорату далерии мардуми афғон марбут надониста, менависад, ки дарди Афғонистон бедаво аст. Аз ин сабаб ин кишвар ба сулҳ даст намеёбад: "... дар Афғонистон франсузҳову англисҳову русҳо шикаст хӯрданд. Замоне чунин буд. Шояд Амрикову НАТО ҳам ноком мешаванд. Аммо на барои он ки Афғонистон тасхирнопазир ва мардумаш саркаш ҳастанд, балки барои он ки мушкили ин сарзаминро, ҳар қадар ки даъво накунанд, ҳал карда наметавонанд" [6].

Қобили қайд аст, ки дар маводи нашрияҳо, ки ба масъалаи Афғонистон бахшида шудаанд, шикасту мағлубияти Амрико дар Афғонистон бештар таъкид меёбад. Матолиби мазкур аксаран мағлубияти Шӯравиро дар Афғонистон ёдовар шуда менависанд, ки акнун навбати шикаст ба Амрико ва НАТО расидааст. Инро бо мисолҳо исбот карда, масалан менависанд, ки "соли 2009-ро аллакай таҳлилгарони низомӣ соли марговар барои нерӯҳои эътилофи зиддитеррористӣ дар Афғонистон номидаанд. Аз оғоз то ин дам теъдоди кушташудагон ва бенишон гумшудагон дар ин артиши муштарак рӯ ба афзоиш аст. Дар талафоти сарбозон амрикоиҳо пешсафиро аз даст намедиҳанд".[7] Ва ё "тибқи иттилои расмӣ соли 2006 амрикоиҳо 191 нафарро дар ҷанг бо мухолифони давлати Афғонистон аз даст доданд. Соли 2007 ин рақам ба 232 ва соли гузашта (2008 -, М.У) ба 294 нафар расид" [8].

Аммо баръакси ин боз нашрияҳо масъаларо тарзе тобиш медиҳанд, ки гӯё агар Амрико ва НАТО аз Афғонистон берун шаванд, ҳоли кишварҳои минтақа бад хоҳад шуд ва будани онҳо ин амнияти кишварҳои ҳамсояи Афғонистон аст. Масалан "Нигоҳ" дар матлабе бо номи "НАТО меравад?! Ҳоли мо чӣ хоҳад шуд?" менависад: "Онҳо 10 сол ба ин сӯ дар ҳамсоягии моанд. Бо "Толибон" ва "Ал-қоида" меҷанганд. Дар давоми 10 сол ҳудуди 2550 сарбози худро аз даст доданд. Аз мардуми мулкӣ даҳҳо ҳазор нафар ва садҳо сарбози артиши Афғонистон ҳам кушта шуданд. Ҳисобашон гум! Танҳо ИМА барои "маъракаи Афғонистон" 450 миллиард доллар харҷ кард. 28 давлат бо 131 ҳазор сарбоз ва кумаки қариб 100 ҳазор сарбози ҳукумати Афғонистон натавонистанд "Толибон"-ро бишкананд. Гӯё коре нашуд ва расидем ба соли 2001?! Дар фазои Осиёи Миёна боз шамшери ҷиҳоди "Толибон" ва "Ал-қоида"-ву "Ҳаракати исломии Ӯзбакистон" боло мешавад. Ҳоли мо чӣ хоҳад шуд?" [9].

Ҳафтаномаи хусусии "Фараж" ҳам дар як матлабе масъаларо тарзе ба таҳлил кашидааст, ки гӯё Амрико ва НАТО дар Афғонистон танҳо пайи ободиянд, ҳеҷ дарди дигаре надоранд ва бояд ҳузури онҳо дар ин кишварро пазируфт, зеро масъулияти баландеро бар дӯш гирифтаанд. "Худо кунад, ки Амрикову НАТО ба даъвоҳои

демократизатсияву амнияти саросарӣ ва ободӣ дар Афғонистонашон даст ёбанд. Ин рисолати хеле шубҳаангез аст. Аммо ҳар касеро, ки ҳузури онҳо дар Афғонистон хуш нест, бояд як чиз маълум бошад: масъулиятеро, ки Амрикову НАТО дар Афғонистон доранд, ҳеҷ кишвари дигаре бар дӯш гирифта наметавонад. Ҳоло ҳузури онҳоро бояд эътироф ва эҳтиром кард" [10].

Аммо андешаи дигаре ҳам дар саҳифаҳои матбуот мавҷуд аст, ки анҷоми ҷангро дар Афғонистон роҳи расидан ба сулҳ намедонад. Хусусан, ҳафтавори "Миллат" суханронии як нафар собиқ низомии Афғонистонро аз як конфренсия дар мавриди сулҳи Афғонистон ба нашр расондааст, ки он андешаи болоро пурра мекунад: "Сулҳ хатми ҷанг нест ва ҷомеаи фоқиди ҷанг дар сулҳ қарор надорад. Дар сад соли пасин даҳаҳои гуногунро дар набуди ҷанг сипарӣ кардем, (дар Афғонистон, - М.У.) вале сулҳи воқеӣ надоштем" [11].

Бояд қайд кард, ки матбуоти тоҷикро нисбат ба ҳар масъалаи дигари марбут ба Афғонистон масъалаҳои миллӣ бештар ба худ мекашад. Зеро яке аз қадимтарин мардуми ин кишвар тоҷиконанд, ки дар озодии комили Афғонистон нақши бузург доранд [12]. Ва дар таърихи ҷангҳои Афғонистон ҳамеша далерона алайҳи душманони дохиливу хориҷӣ ҷангидаанд. Зиёда аз ин "Афғонистон ҳамон Хуросони Бузург ва Ориёнои кабир аст, ки фақат ду қарн қабл аз рӯзгори мо тағйири ном кард – мисдоқи қаламрави оли Сомон ё Бухорои шариф ва Хоразми шӯҳраи даҳр, ки бо табартақсими болшевикӣ аз ҳам пошид ва бо ҳукми доварони кӯртинати он рӯзгор ном иваз карданд. Оре, моро бо Афғонистон ҳамсоя ва ҳамҷавор гуфтан кам аст, зеро мо ҳамтаборем, ҳамканорем ..." [13]

Ҳамин тариқ аз маводи матбуоти мустақили тоҷик хулоса кардан мумкин аст, ки онҳо масъалаи сулҳи Афғонистонро аз чанд ҷиҳат инъикос менамояд:

1. Бо инъикоси масъалаи сулҳи Афғонистон матбуот таъкид ва исбот карданӣ мешавад, ки сулҳу оромӣ дар ин кишвар боиси рушди иқтисодӣ, амнияти Тоҷикистон ва давлатҳои ҳамсоя мегардад.
2. Матбуот масъалаи сулҳи Афғонистон ва кашолёбии ҷангро бозтоб намуда, сулҳи Тоҷикистонро намуна пешниҳод карданӣ мешавад.
3. Масъалаи сулҳи Афғонистонро тобиш дода матбуот фаҳмонданӣ мешавад, ки дарди ин кишвар табобатнашаванда аст ва мардуми ҷанговараш бозичаи дасти кишварҳои абарқудратанд.
4. Масъалаи сулҳи Афғонистонро инъикос намуда, матбуот бар ин назар аст, ки бояд хориҷиҳо аз ин кишвар ҳарчи зудтар берун раванд, зеро ҳузури онҳо бинобар сабабҳои таърихӣ ба мардуми афғон писанд нест ва боиси идома ёфтани ҷангу низоъ мегардад.
5. Матбуоти тоҷик менависад, ки абарқудратҳои минтақа аз ҳузури Амрико ва Ғарб дар Афғонистон нороҳат мешаванд ва бо ҳар роҳ барои муваффақ нашудани онҳо дар ин кишвар талош мекунанд, ки ин ҳам яке аз сабабҳои нарасидан ба сулҳ ва идома ёфтани низои Афғонистон аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Фирӯз Муҳаммад. Афғонистон дар пешорӯи таҳаввулот // Нигоҳ.- №14.- 23.06.2011.
2. Иброҳим Усмонов. Афғонистон:Баъди 43, бо умеди 44 // Фараж №04 29.01.2009.
3. Фахриддини Холбек. Афсонаҳои афғонӣ //Нигоҳ №16 06.07.2011.
4. Ҷумъахон Алимӣ. Толибон кистанд? // Миллат №17 28.04.2011.
5. Фахриддини Холбек. Обама, WELCOME! // Фараж №06 12.02.2009.
6. Фирӯз Муҳаммад. Фирори ИМА аз Афғонистон // Нигоҳ №24 03.09.2009.
7. Қиёми Саъд. НАТО меравад?! Ҳоли мо чӣ хоҳад шуд? // Нигоҳ.- №15 29.06.2011.
8. Фахриддини Холбек. Обама, WELCOME! // Фараж.- №06, 12.02.2009.
9. Миллат.- №28, 13.07.2011.
10. Иброҳим Усмонов. Афғонистон:Баъди 43, бо умеди 44 // Фараж №04.
11. 29.01.2009.
12. Мирзо Шукурзода. Размоварони Ҳиндукуш. –Душанбе: "Адиб", 2009.

ПРОБЛЕМА МИРА АФГАНИСТАНА В НЕПРАВИТЕЛЬСТВЕННОЙ ПЕЧАТИ ТАДЖИКИСТАНА

В статье рассматривается отражение мира Аафганистана в частных газетах Республики Таджикистан. Автор пориводит некоторые примеры освещения этого вопроса Афганистана в таджикских неправительственных газетах.

Ключевые слова: частные СМИ, Афганистан, Америка, НАТО, терроризм, талибы, 11 сентября, война, мир, Бен Ладен, Ал-каида.

THE PROBLEM OF PEACE IN AFGANISTAN AND PRIVATE NEWSPAPERS OF TAJIKISTAN

This article deals with the reflection of problem of peace in the Republic of Afghanistan in private newspapers of Tajikistan. The author gives some examples about “why Afghanistan haven’t got it’s peace yet after many wars” in the Tajik non-governmental newspapers.

Key words: private newspapers, Afganistan, USA, ISAF, terrorism, Taliban, 11 september, war, peace, Ben Laden, Al-kaida.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Махмуд Усмонов*** - аспирант кафедры международной журналистики факультета журналистики Таджикского национального университета.

ЖАНРОВАЯ ПАЛИТРА ПУБЛИКАЦИЙ ТАДЖИКСКИХ СМИ В ПЕРИОД 1990-2000гг.

Т.Г. Хасанова
Таджикский национальный университет

Происходившие в конце 20 века изменения в общественно-политической, социальной и духовной жизни таджикского общества не могли оставить без существенного пересмотра критериев, принятых до последнего времени в журналистской деятельности. Сегодня по-новому осмысляются слагаемые эффективности журналистских материалов СМИ, коренным образом изменились представления о жанровых особенностях творчества, возросли требования к правовой, этической и психологической культуре журналиста.

Несмотря на огромный поток информации, любой журналист обязан обладать высокой юридической культурой и строго соблюдать кодекс этики, как профессиональной, так и служебной. В Законе "О печати и других средствах массовой информации" и "О телевидении и радиовещании", четко прописаны все нормы и нюансы, соблюдение которых является неотъемлемой частью деятельности журналиста.

В исследованиях о роли СМИ во времена гражданского противостояния начала 90-х годов и межтаджикского переговорного процесса выявляется тот факт, что СМИ, освещавшие эти события, выдавали довольно объёмную информацию, временами, правда, не совсем достоверную. Это относится к публикациям оппозиционной и независимой прессы, в чьих изданиях начали часто появляться статьи-однодневки, без указания авторов или под вымышленными псевдонимами. Правительственная печать, все-таки придерживалась каких-то рамок, выдавала проверенную информацию, ссылаясь на официальные источники, в противном случае, не писала о каком-либо событии вообще.

Подача, форма, содержание - всё это в совокупности определяло жанр публикации. Но в наступивших условиях независимости и свободы слова - каждый журналист стал интерпретатором имевшейся у него информации. И эта новая классификация жанровых групп была довольно далека от своей классической версии. Таким образом, стали выявляться несколько жанровых групп:

1) оперативно-новостные - заметка во всех её разновидностях,
2) оперативно-исследовательские - интервью, репортажи, отчёты,
3) исследовательско-новостные - корреспонденция, комментарий, рецензия,
4) исследовательские - статья, письмо, обозрение,
5) исследовательско-образные (художественно-публицистические) - очерк, эссе, фельетон, памфлет.

В газете или журнале публикации информационных жанров могут сопровождаться иллюстрациями, играющими при этом подчинённую роль, которая одновременно усиливает впечатление. Например, в газете "Вечерний Душанбе" опубликован репортаж "По долгу памяти", в котором говорится о состоявшемся 12 февраля того года митинге памяти, посвящённом трагическим событиям февраля 1990г. К статье прилагаются снимки несчастных матерей в траурных одеждах, которые держат в руках фотографии

своих сыновей, погибших в те роковые дни. Или, к примеру, во многих печатных изданиях СМИ в статьях о подписании Общего соглашения о мире и национальном согласии появились снимки президента Э.Рахмонова и руководителя оппозиции С.А.Нури, которые, обменявшись рукопожатием, поздравляют друг друга с долгожданным миром. Если же в прессе передавались сводки боевых действий или каких-либо отдельных вооружённых столкновений в регионах республики о человеческих жертвах и разрушениях, то прилагавшиеся к ним фотографии с места событий, которые, несмотря на свою "чёрнобелость", достаточно красноречиво говорили о происходившем.

При такой документальной "наглядности" действительно создаётся "эффект присутствия", что довольно важно при освещении вооружённых конфликтов, в особенности гражданского противостояния, дабы читатель смог почувствовать весь трагизм данной ситуации и что война между людьми одной крови и земли - абсурдна.

Однако, в некоторых случаях, особенно это касается освещения вооружёных противостояний, аналогичных межтаджикскому конфликту, фотография может нести в себе не менее чудовищную неправду и дезинформацию, чем письменный текст. Но поколению конца 20 века была свойственна вера в безусловность и достоверность фото-кино-телевизионного изображения, таким образом, в глазах аудитории, будь то зритель или читатель, эффект документальности информации непоколебим.

Один из самых распространённых информационных жанров, который был использован в публикациях СМИ за период 1990-2000гг. - статья. Это наиболее ёмкая форма аналитического жанра, позволяющая обстоятельно, глубоко, научно обоснованно трактовать проблемы социальной действительности, осмысливать, делать обобщения и выводы, убеждать в своей правоте.

Необходимо отметить и тот факт, что вслед за грянувшими изменениями, "перестройкой" жизни во времена горбачевского плюрализма и, позже, независимости, аудитория проявляла довольно большой интерес к политической и общественной жизни государства, при этом, естественно, понимая, что всю "подноготную" им никто не расскажет. При каждом ведомстве, организации любого (правительственного, оппозиционного, независимого) направления, существовала своя пресс-служба, выдававшая необходимую, на взгляд руководства, информацию, которая была не совсем правдива и (или) искажена. В связи с "непрозрачностью" деятельности некоторых физических и юридических лиц, с желанием разобраться, понять и объяснить ситуацию, некоторые журналисты начинали своё собственное расследование. Такой жанр, как журналистское расследование, был и остаётся мало практикуемым в таджикских СМИ и существует ряд причин препятствующих развитию этого жанра, основными из которых являются зыбкая материальная база и недостаток опыта и инициативы у отечественных журналистов.

Своеобразный "бум" на публикации типа "журналистское расследование" отмечался после трагических событий февраля 1990 года, когда большое число журналистов пытались посредством написания статей восстановить, проследить, оценить, сопоставить, объяснить причину произошедшего.

Анализ материалов СМИ периода 1990-2000гг. доказывает, что информационные аналитические и художественно-публицистические жанры не отделены друг от друга жёсткими границами, то есть в публикации, подготовленной в каком-то конкретном жанре, авторы часто привлекают элементы и других жанровых форм. Освещение межтаджикского вооружённого противостояния ставило перед журналистами непростую задачу. Сложность этой задачи заключалась в том, что воевали не разные нации, не разные государства, а оружие друг на друга подняли братья. По своему характеру межтаджикский конфликт был затяжным и разрастающимся, и СМИ оставалось лишь вести летопись и хронику бесконечных противоречий. Нельзя сказать, что СМИ занимались лишь написанием хроники событий. По мнению некоторых экспертов, именно наличие различных направлений (правительственное, оппозиционное, независимое) СМИ, может быть, и стало причиной перехода политического противостояния к вооружённому конфликту.

Хотелось бы отметить, что помимо профессиональной журналистской культуры, существует культура психологическая, и таджикская журналистика того периода

недостаточно основательно, глубоко и корректно учитывала данные психологии журналистики.

В начале 90-х годов была налицо тенденция к явному преобладанию в СМИ негативной информации, особенно в этом преуспели оппозиционная и независимая печать, где соотношение пропорций в выдаче негативных материалов было равным. Своим "оптимизмом" отличалась правительственная пресса, акцентируя внимание читателя на позитивной информации.

С момента начала вооружённого противостояния обостряются и позиции изданий, более агрессивной становится их лексика, в публикациях делается акцент на эмоциональные моменты, таким образом, СМИ становятся своеобразной ареной политической борьбы.

Такой журналистский приём, как "потрясение страшной правдой", демонстрировал пагубное воздействие на психику читателя (зрителя) и мог повлечь за собой его неадекватные действия, чего, наверное, и добивались некоторые независимые и оппозиционные печатные СМИ. Ведь материалы СМИ в период начала гражданской войны и во время переговорного процесса отражали действительность односторонне как в жанровых, так и в идеологических аспектах, что в достаточной степени ограничивало возможности читателя ознакомиться с альтернативным мнением или увидеть оцениваемое явление в новом свете. Соответственно, материалы народного телевидения 1992 года и публикации "Чароги руз", "Адолат" периода 1992 и начала 1993 годов основывались именно на таком принципе. Односторонняя позиция выражалась в том, что подавляющее большинство публикаций выдавалось в информационно-аналитическом жанре, в его классическом определении. Целью данного жанра было оповестить, поставить в известность аудиторию, публикуя заметки, отчёты, интервью, на которые и делался основной акцент СМИ. Что же касается идеологической стороны освещения, то следует констатировать: для полной власти над массовым сознанием аудитории, СМИ какого-то определённого направления, в особенности оппозиционного и независимого, выдавали информацию, в которой выражалось полное отторжение точки зрения идеологического противника. СМИ, как правительства, так и оппозиции, не делали никаких уступок друг другу - такова была их принципиальная позиция.

В начале 90-х годов таджикские СМИ отличались наличием разнообразных жанров и развитием изложения разных мнений. Свобода слова и отсутствие определённой цензуры наложили своеобразный отпечаток на все публикации правительственных СМИ, которые несмотря на весь трагизм того периода, всё-таки развивались, пусть медленно, не всегда умело, но целеустремлённо и неотступно. Основными трудностями процесса в журналистике 1990-1997гг. являются недостаточное понимание сложности переходного периода или намеренное нагнетание обстановки в период вооруженного противостояния, использование различных лозунгов и призывов в изложении информации. Совокупность этих и ряда других причин также повлияли на развитие печатных и других СМИ нового Таджикистана, и это влияние выражалось в существенном торможении процесса мирного развития.

Искусство журналиста состоит в том, чтобы дать аудитории ответы на такие вопросы, как: "кто?, что?, где?, почему?, когда?" в предельно ограниченном газетном пространстве. С этой целью прибегают к помощи "опрокинутого треугольника" или "перевёрнутой пирамиде", где "основание пирамиды (треугольника)", которое и называется лид, ассоциируется с самым главным фактом или моментом какого-то события, для привлечения внимания читателя.

В публикациях оппозиционной и независимой прессы, которые в принципе поддерживали позиции друг друга, делался акцент на жёсткую форму подачи информации, опираясь при этом на эти так называемые "лиды". Чаще всего акцент делается на лид "одного элемента", когда в информации присутствует очень сильный элемент, который следует выделить (имя, итог, время) и на контрастный лид, где в начале сталкивается "вчера" и "сегодня", "старое" и "новое". Более реже - лид "одиночный выстрел", когда главная новость очень кратко и авторитетно обозначена, например: договор не будет подписан - это решено.

В ходе анализа публикаций прослеживается тот факт, что цели и особенности изложения были информационными - когда речи, события, факты передаются

последовательно и аналитическими - когда внимание аудитории концентрируется на конкретном аспекте, даётся оценка и комментарии случившегося.

Это явление, то есть совмещение этих двух жанров, можно увидеть в основном в материалах СМИ о межтаджикском переговорном процессе, где все его раунды, этапы и сопутствующие им события и комментарии фиксировались в печати, теле- и радиоэфире.

Многие эксперты и сами журналисты отмечают, что в общественно-политической печатной прессе исследуемого периода наблюдается значительное сокращение возможностей применения широкого жанрового спектра и, как следствие, стремление авторов к смешению, а порой созданию универсального жанра, которому присущи свойства разных жанровых форм. Сократились художественно-публицистические жанры, активнее начали использовать интервью и информацию. Появились новые формы. Таким образом, в ходу оказались не конкретные жанровые формы, а практически всё то, что выдавалось на страницах печатных изданий, попадало под такие определения, как "материал", "текст", "публикация". Иногда была непонятна сама структура материала. В жанрах какого-то одного типа начали появляться элементы других жанров. Например, мнение и позиция, свойственные характеристикам аналитического жанра, часто начали фигурировать и в жанре интервью, иногда в короткой заметке.

Во второй половине 90-х годов наметился заметный сдвиг в печатных СМИ республики в оперативном освещении событий. Материалы, выдаваемые прессой, носили более демократичный характер, в правильном понимании этого слова. Сравнительно плавная и более корректная подача информации объяснялась в какой-то степени и тем, что в республике было запрещено издание газет независимой и оппозиционной прессы, таких как "Чароги руз", "Сухан", "Хафтгандж", "Адолат" и других. Как было отмечено выше, именно в этих изданиях делался сознательный акцент на освещение негативных событий и явлений, при котором отмечалось нарастающее отрицательное влияние СМИ на состояние и поведение подавляющей части населения республики. Материалам этих газет были присущи раскованность публицистики и идеологическая одноцветность. Хотя в современной таджикской журналистике наблюдается плюрализм мнений, но материалы независимой прессы временами переходили все рамки дозволенного, выдавая искажённую, заведомо ложную информацию, статьи часто публиковались без указания авторов и источников информации; с другой стороны, они имели собственную правду, эта пресса проявляла смелость, давая возможность выражать мнение, говорить и обсуждать самые актуальные и злободневные на то время темы. Доминирование негативной информации в таких СМИ некоторые учёные связывают со смутой того времени, а не с сознательной политикой редакционных коллективов.

В ходе анализа стилистических особенностей материалов СМИ исследуемого периода, становится очевидным преобладание информационного и аналитического жанров, во всех их разновидностях. Использование этих жанров обусловлено тем, что читателю важно было разобраться в сложившейся ситуации, оценить, сделать выводы, и журналист посредством печати, предоставлял ему такую возможность. Не частое "полное" использование художественно-публицистического жанра объясняется особенностями того времени, и во многих публикациях лишь присутствовали его элементы, что в свою очередь способствовало формированию жанровых разновидностей.

В период 1994-1997гг., то есть во времена межтаджикских переговоров, наметился интерес читателя не только к оперативной информации (новостям), но и к глубокому анализу действительности, к её художественно-публицистическому осмыслению. Таким образом, становится очевидным, что именно для печатной прессы жанровая структура имела практическое значение, что в свою очередь повлекло за собой попытки её стандартизации. Но эта проблема на тот момент приобрела сугубо теоретическую окраску. Вопрос о том, к какому жанру - информационному, аналитическому или художественному - относился тот или иной материал конкретного автора, зависит, с одной стороны, от формы выражения и подачи материала, а с другой - от его читательского восприятия.

Для любого человека вооружённый конфликт - это трагедия. Но если говорить непосредственно о журналистах, для них по идее, - это просто событие, о котором должна знать общественность. Следует констатировать: любое противостояние создаёт синдром измены: каждый, кто распространяет информацию, не предоставленную людьми, контролирующими данную территорию, становится в их глазах предателем "общего

дела". Подобное явление наблюдалось в Таджикистане в период 1990 - 1997гг. Обстоятельства сложились так, что таджикские СМИ раскололись на два временных этапа - до подписания Общего Соглашения и после и на два непримиримых лагеря - правительственный и оппозиционный. Было множество кризисных моментов во взаимоотношениях СМИ различного направления, ведь средства массовой информации явились своеобразной ареной политической борьбы в тот сложный период. И именно осознание необратимости и безальтернативности мирного процесса, вывело СМИ Таджикистана на качественно новый уровень.

Неоспорим факт динамичного развития всех видов СМИ в условиях демократизации общества в новом Таджикистане. И современное общество, желая быть информированным обо всех происходящих событиях не только в пределах республики, в большей степени способствует такой активизации деятельности СМИ. Тезис о том, что СМИ претендуют на место четвертой власти в общей системе государственности, имеет право на существование, ведь по своей сути СМИ являются двигателем деятельности трёх признанных законных властей: законодательной, исполнительной и судебной. И также являясь, по словам профессора Прохорова Е.П., "институтом творческо-политическим", СМИ отражают сквозь призму динамику развития общественного сознания, тем самым демонстрируя, как и насколько далеко может зайти журналист в своих анализах и прогнозах. Сегодня невольно задумываешься, как по-разному могло и может действовать журналистское слово. Как осмотрительно, взвешенно должны были пользоваться им журналисты в той непростой обстановке. Ведь именно журналистика, как и литература, непосредственно связана со словом и обязанность журналиста - использовать это слово во благо.

ЖАНРОВАЯ ПАЛИТРА ПУБЛИКАЦИЙ ТАДЖИКСКИХ СМИ В ПЕРИОД 1990-2000 ГГ.

Настоящая статья представляет собой своеобразное изыскание в области печатной журналистики Таджикистана в период гражданской войны в республике и после неё. Определяются позиции основных печатных изданий и их жанровые предпочтения.

Ключевые слова: СМИ, публикация, жанры, временной этап, независимая печать, правительство, оппозиция, информация, официальные источники.

GENRE PALETTE OF PUBLICATIONS OF THE TADJIK MASS-MEDIA DURING THE PERIOD 1990-2000

The article represents original research in the field of printing journalism of Tajikistan in civil war in republic and after her. Positions of the basic printing editions and their genre preferences are defined.

Key words: Mass-media, the publication, genres, the time stage, the independent press, the government, opposition, the information, official sources.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Т.Г.Хасанова*** - асситент кафедры иностранных языков факультета журналистики Таджикского национального университета

ПӮШИШИ ХАБАРИИ РАДИОИ САДОИ АМРИКО БАР РӮИ ДИДГОҲИ МУХОТАБОН

Алиризо Талхобии Алишоҳ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи озоди исломии воҳиди Дамованд, Эрон

Баёни масъала. Аз ибтидои хилқат, огоҳӣ аз воқеаҳо ва рӯйдодҳои ҷадиде, ки перомуни одамӣ рух медиҳанд, ниёзи ҳамешагии ӯ будааст. Ин ниёз дар даврони мухталиф аз тариқи иртибототи ғайрикаломӣ ва каломӣ ба шаклҳои гуногун таъмин шудааст. Бо пайдоиши расонаҳои мактуб ва мутаоқиби он расонаҳои электроникӣ (радиову телевизион ва интернет) ашколи хабаррасонӣ дар муқоиса бо гузашта тафовут ёфта ва ҳассосият ва аҳамияти он бештар шудааст. Гарчи расонаҳо коркардҳои мухталифе доранд, аммо бахши хабар ниёзи маҳсустар ба ахбор дар муқоиса бо соири бахшҳо аҳамияти онро дучандон кардааст. Имрӯз бо таваҷҷуҳ ба афзоиши расонаҳо ва рақобат дар ҷазби мухотабини масъулони расонаҳо мекӯшанд,

то бо истифода аз технологияҳои пешрафтаи иртиботӣ қудрати худро ба тамоми ҷаҳон паҳн кунанд ва мухотабони бисёреро дар саросари дунё ба худ ҷалб кунанд ва онҳоро таҳти таъсири худ дарованд.

Кишварҳои пешрафта аз ин расонаҳо ба унвони абзоре барои дар даст гирифтани соири кишварҳо истифода мекунанд ва талош мекунанд бо барномаҳои худ ононро ҳамроҳӣ кунанд. Ин масъала дар хусуси кишвари мо Эрон низ сидқ мекунад. Дар ин солҳо шабакаҳои форсизабони бурунмарзӣ тавонистаанд ба суръат дар миёни афроди ҷомеа нуфуз карда ва ҷойгоҳи муносибе барои худ пайдо кунанад, аз ҷумлаи ин расонаҳо метавон ба радиои форсизабони садои Амрико ишора кард. Ин радио дар муддати замони кӯтоҳе тавонистааст дар миёни афрод нуфуз карда ва мухотабони собите барои худ ҷазб кунад. Ин пажӯҳиш дар назар дорад бо баррасии пӯшиши хабарии мавриди истифода дар ин расонаи бурунмарзӣ ва мизони таъсири ин пӯшиш дар ҷазби мухотабини расонаҳо ба иттилооте дар ин хусус бипардозад.

Аҳамият ва зарурати пажӯҳиш. Дар солҳои охир рӯз ба рӯз шабакаҳои радиоии форсизабони хориҷ аз кишвар афзуда шудааст. Ин шабакаҳо бо истифода аз технологияи рӯз ва тактикаҳои иртиботии модерн босуръат дар миёни мардуми ҷомеа нуфуз мекунанд. Имрӯза соҳибони қудрат барои ғалаба ва нуфуз бар кишварҳои дигар аз васоили иртиботи ҷамъӣ, ки яке аз онҳо радио аст ба унвони абзори қудрат истифода мекунанд. Аз ҷумлаи ин радиоҳо, ки дар кишвраи мо таъсир гузошт, радиои форсизабони садои Амрикост. Соҳибони ин расона саъй доранд бо тактикаҳое, ки дар сохти барномаҳои худ ба кор мебаранд, мардумро ба самту сӯи худ савқ диҳанд. Бинобар ин мутолеаи таъсири пӯшиши хабарии радиои форсизабони садои Амрико дар дидгоҳи мухотабон амри муҳим ва зарурист, то бо баррасии мизони таъсири барномаҳо ва шиносоӣ ва таҳлили тактикаҳои таъсиргузори ҳамроҳ кардани мухотабин бо барномаҳои ин шабака битавон қадами муассир дар дурсозии онон дар расидан ба ҳадафҳояшон бардошт.

Сабкҳои хабарнависӣ. Имрӯз анвое аз сабки хабарнависӣ дар миёни рӯзноманигорон роиҷ аст, ки ба чаҳор навъи он ишора мешавад:

1. Сабки ҳирами воруна. Дар ин сабк қоидаи ҳирам ҳовии ҷаззобтарин ва муҳимтарин бахши хабар буда ва нуки он (бахши интиҳоӣ) ҳовии беаҳамияттарин бахшҳои хабар буда, матолиб бо таваҷҷуҳ ба мизони аҳамияти онҳо аз боло ба поён танзим мешавад.

2. Сабки таърихӣ. Дар ин сабк матолиб ва ахбор ба ҳамон сурате ки ба лиҳози замонӣ таҳаққуқ ёфтаанд, ироа мешавад ва доварӣ дар мавриди хабари муҳим ё бахши муҳими хабар сурат намегирад.

3. Сабки таърихии ҳамроҳ бо лид. Ин сабк талфиқе аз ду сабки ҳирами воруна ва сабки таърихӣ аст ва хоси пӯшиш додан ба хабарҳои шаҳрӣ ва ҳодисаӣ аст. Дар ин сабк асли моҷаро ба сурати лид ироашуда ва сипас бо фазосозӣ ба табйини моҷаро пардохта мешавад.

4.Сабки поёни шигифтангез. Дар ин сабк матни хабар бо охирин қисмати воқеа шурӯъ шуда, сипас собиқаҳои амр барои равшан шудани мавзӯъ баён мешавад ва дар охирин бахши хабар лиди, хабар ироа мешавад. Ин сабк дар воқеъ қуфли моҷароро дар поёни хабар мекушояд, барои хабари кӯтоҳ муфид аст.

Суолҳои пажӯҳиш. Дар ниҳоят бо таваҷҷуҳ ба матолиби фавқ пажӯҳиши ҳозир дар садади посухгӯӣ ба суолҳои зер аст:

1. Оё ба рӯз будани хабар ва ҳамзамонӣ бо вуқӯи рӯйдод метвонад дар шаклдиҳии дидгоҳи мухотабон муассир бошад?
2. Оё пахши ахбор ба сурати равшан ва саҳеҳ метавонад дар шаклдиҳии дидгоҳи мухотабон муассир бошад?
3. Оё шеваҳои баёни хабар метавонад дар шаклдиҳии дидгоҳи мухотабон муассир бошад?
4. Оё гуфтугӯи зинда бо мухотабон ва истифода аз иттилооти онҳо метавонад дар шаклдиҳии дидгоҳи мухотабон муассир бошад?
5. Оё бе парда баён кардани хабар ва адами ҷонибдорӣ метавонад дар шаклдиҳии дидгоҳи мухотабон муассир бошад?
6. Оё бакоргирии назароти коршиносони мутахассис метавонад дар шаклдиҳии дидгоҳи мухотабон муассир бошад?

Фарзияҳои пажӯҳиш:
1. Байни барӯз будани хабар ва ҳамзамонӣ бо воқеаҳои рӯйдод ва шаклдиҳии дидгоҳи мухотабин робитаи маънодоре вуҷуд дорад;
2. Байни пахши ахбор ба сурати равшану саҳеҳ ва шаклдиҳии дидгоҳи мухотабин робитаи маънодоре вуҷуд дорад;
3. Байни шеваҳои баёни хабар ва шаклдиҳии дидгоҳи мухотабин робитаи маънодоре вуҷуд дорад;
4. Байни гуфтугӯи зинда бо мухотабон ва истифода аз иттилооти онон ва шаклдиҳии дидгоҳи мухотабин робитаи маънодоре вуҷуд дорад;
5. Байни бепарда баён кардани хабар ва адами ҷонибдорӣ ва шаклдиҳии дидгоҳи мухотабин робитаи маънодоре вуҷуд дорад;
6. Байни бакоргирии назароти коршиносони мутахассис ва шаклдиҳии дидгоҳи мухотабин робитаи маънодоре вуҷуд дорад.

Баҳсу натиҷагирӣ. Бар пояи ёфтаҳои ҳосил аз ин пажӯҳиш ва бо таваҷҷуҳ ба пешинаи пажӯҳиш ва ёфтаҳои пажӯҳишҳои дигар натиҷаҳои куллӣ, ки аз ин пажӯҳиш ҳосил мешавад, ба шарҳи зер мебошад:

Ёфтаҳои ин пажӯҳиш нишон медиҳад, ки байни ба рӯз будани хабар ва ҳамзамонӣ бо воқеаҳои рӯйдод, пахши ахбор ба суртаи равшан ва саҳеҳи шеваҳои баёни хабар, гуфтугӯи зинда бо мухотабон ва истифода аз иттилоот, бепарда баён кардани хабар ва адами ҷонибдорӣ ва ҳамчунин байни бакоргирии назароти коршиносони мутахассис ва шаклдиҳии дидгоҳи мухотабон робитаи маънодоре вуҷуд дорад.

Пешниҳодҳои пажӯҳиш. Аз он ҷо ки пажӯҳиши ҳозир ҷузви нахустин иқдомоти анҷомшуда дар чанд соли охир дар ин замина аст. Лизо, лозим ба назар мерасад, ки пажӯҳишҳои дигаре дар ин замина сурат пазирад, то нуқсонҳову камбудиҳои пажӯҳиши ҳозирро бартараф созад ва роҳро барои пажӯҳишҳои фарогиртар дар оянда ҳамвор созад. Дар ин робита пешниҳодҳои зер лозим ба назар мерасад:
1. Пурсишномаи шиносоии омилҳои муассир бар шаклдиҳии дидгоҳи мухотабон бар рӯйи гурӯҳи намунаи бузургтаре иҷро гардад ва сипас бо равиши таҳлиломилӣ муаллифаҳои он мушаххас гардад.
2. Бо таваҷҷуҳ ба ин ки расонаҳо таъсири бисёр зиёде бар дидгоҳи мухотабон дорад, лизо, пешниҳод мешавад, ки ба манзури баррасӣ ва шинохти омилҳои муассири шаклдиҳии дидгоҳи мухотабон чандин пажӯҳиш дар сатҳи густардатар дар кишварамон сурат гирад, то аз натиҷаҳои корбурдии он ҷиҳати рафъи мушкилот истифода шавад.

Маҳдудиятҳо. Пажӯҳиши ҳозир монанди ҳар пажӯҳиши дигар дорои маҳдудиятҳо аст. Маҳдудиятҳои ҳар пажӯҳиш вобасат ба омилҳои зиёде аст. Бархе аз ин омилҳо қобили назорат ва бархе дигар ғайри қобили назорат будааст. Дар воқеъ, ҳамин маҳдудиятҳост, ки мабнои пажӯҳишҳои баъдӣ қарор мегирад ва аз ин тариқ зимни он ки маҳдудиятҳо аз байн меравад, илм низ чеҳраи комилтаре аз пеш ба худ мегирад:
- аз ҷумла маҳдудиятҳои умдаи ин пажӯҳиш дастрасӣ ба обзорҳои стандарт барои санҷиши омилҳои муассир бар шаклдиҳии дидгоҳи мухотабон аст;
- дар назар нагирифтани соири мутағайирҳои муассир бар омилҳои шаклдиҳии дидгоҳи мухотабин метавонад маҳдудияти дигари мутолеа бошад;
- истифода аз назарҳои коршиносон, асотит, устодҳо ва мутахассисони риштаи улуми иртиботот метавонад моро дар дастёбӣ ба ҳадафҳои воқеии ин пажӯҳиш раҳнамун созад.

А Д А Б И Ё Т

1. Хуҷаста Ҳасан. Даромаде бар ҷомеашиносии радио. –Теҳрон: Интишороти таҳқиқ ва тавсеаи садо. 1381.
2. Шукрхоҳ Юнус. Хабар. –Теҳрон: Интишороти маркази мутолеот ва таҳқиқоти расонаҳо. -1379.
3. Омили Саидризо. Таомули маърифатии радио бо таҳаввулоти давраи модернита ва ҷаҳонишудан. Фаслномаи иртиботот ва фарҳанги Донишгоҳи Теҳрон.- 1382.
4. Красил Андрей. Дарки радио. Тарҷумаи Маъсумаи Асом.-Теҳрон: Интишороти таҳқиқ ва тавсеаи садо. -1381.
5. Муҳсиниёни Род Меҳдӣ. Иртиботшиносӣ. –Теҳрон: Интишороти суруш. -1378.

ИНФОРМАЦИОННОЕ ПРОСТРАНСТВО РАДИО «ГОЛОС АМЕРИКИ» И ЕГО ВОЗДЕЙСТВИЕ НА СЛУШАТЕЛЕЙ

Средства массовой информации в современном мире обеспечивают глобальные и мощные перемены. Данная статья рассматривает информационное пространство радио «Голос Америки», его специфику как вида связи и средства массовой информации и результативность его деятельности. Рассматриваются жанровые подходы, воздействующие на радиослушателя и формирование их убеждений.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: средства массовой информации, радио «Голос Америки», информационное пространство, специфика.

INFORMATION SPACE OF RADIO «VOICE OF AMERICA» AND IT'S IMPACT ON LISTENERS

Mass media in the modern world provide global and powerful changes. This article considers information space of radio «Voice of America», its specifics as type of communication and mass media and productivity of its activity. The genre approaches influencing the radio listener and formation of their belief are considered.

Key words: mass media, radio «Voice of America», information space, specifics.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Алиризо Талхоби Алишохи*** - соискатель Таджикского национального университета, член научного состава свободного исламского университета города Дамованд, Иран

НАҚШИ МАТБУОТИ ДАВРӢ ДАР ТАШАККУЛЁБИИ ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ ВА АҲАМИЯТИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ОН

Ф.М. Ғоибова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мавқеи матбуот дар рушду нумӯ ва таблиғу ташвиқоти маорифпарварӣ ва бедории сиёсии мардуми Шарқ хело калон аст. Маҳз идеяҳои намояндагони маорифпарварӣ, ақида ва андешаҳои онҳо таввассути матбуот, ки дар он давра нашр мешуд ба оммаи меҳнаткаш расид. Пешвоёни ҳаракати маорифпарварӣ дар Афғонистон Саид Ҷамолиддини Афғонӣ, Маҳмуди Тарзӣ, Абдурраҳмон Лодӣ, Абдулҳоди Давӣ ва дигарон мақолоти алоҳидаи хешро, ки аслан мазмун ва муҳтавои истиқлолиятхоҳӣ, худшиносӣ, ватанпарварӣ ва фалсафӣ доштанд, дар рӯзномаҳои таъсисдодаи худ табъу нашр менамуданд.

Мо фақат давраи муайяни интишори матбуоти Афғонистон, яъне давраи ҳаракати маорифпарвариро бо чанд ҷумлае мухтасаран таҳлил карданием.

Нахустин рӯзномаи дар хориҷи кишвар чоп шуда, «Урват-ул-вусқо» мебошад. Рӯзномаи мазкур дар маркази Аврупо шаҳри Париж соли 1884 ба нашр расид ва ҳамагӣ чанд моҳ арзи вуҷуд намуд. Бунёдгузор ва муассиси он Саид Ҷамолиддин Афғонӣ ва шогирдаш Муҳаммад Абдуҳ буданд. Дар навиштаи мазкур фаъолияти ин ду мутафаккири барҷастаи Шарқ ҳамчун таъсисдиҳандаи рӯзномаи «Урват-ул-вусқо» мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегирад. Моро ба чунин тарзи масъалагузорӣ ва андеша вазъияти ногувори сиёсии Шарқи Наздик дар рӯзгори муосир водор сохтааст.

Чуноне ки маълум аст, қисмати аввали барномаи ислоҳотхоҳони бузург Афғонӣ ва Абдуҳро даъвати оммаи мардум ба муборизаи миллии озодихоҳӣ ва ғояҳои маорифпарварию ислоҳоти маданӣ ташкил медод. Дар ҷавоб ба сиёсати мустамликавӣ ва забткоронаи англисҳо дар консепсияи панисломизми онҳо ғояҳои рӯшани муборизаи озодихоҳӣ бар зидди мустамликачиёни Шарқ хуб нишон дода шуда буд.

Дар чунин шароит рӯзномаи «Урват-ул-вусқо» яроқи асосии муборизаи зидди мустамликачиёни англис гардид ва дар шаклгирӣ ва болоравии тафаккур ва ҷаҳонбинии зидди истеъморӣ ва зидди истисмории халқҳои Шарқи мусулмонӣ нақши бағоят муҳим бозид. Эътирози қатъии ислоҳотхоҳон ба муқобили дахолати аҷнабиён дар корҳои дохилии халқҳои Шарқ имрӯз ҳам арзиш ва қимати худро гум накардааст, зеро дар рӯзгори кунунӣ дахолат ва зӯроварӣ нисбати Ироқу Афғонистон давоми мантиқии ҳамон сиёсати мустамликадорони навбаромади

хориҷист, ки аз дасти онҳо ҳар рӯз садҳо мардуми бегуноҳ кушта мешаванд. Аз ин ҷост ки газетаи «Урват-ул-вусқо» ҳанӯз дар асри Х1Х хатари фоҷиаовари сиёсати нодурусти хориҷиёнро дар кишварҳои Шарқ зери тозиёнаи танқид гирифт ва мардумро аз оқибатҳои ногувори он ҳушдор дод, ки он масъалагузориҳо имрӯз ҳам беарзиш нестанд.

Дар олами Ислом Афғонӣ аз намоёнтарин ва муассиртарин чеҳраҳои сиёсии асри Х1Х ба ҳисоб мерафт. Тамоми зиндагӣ ва рӯзгори ӯ дар талоши ҳақиқат ва муътадил сохтани муносибатҳои Шарқу Ғарб сарф гардид.

Ҳангоми истиқомат дар кишварҳои Ғарб, Афғонӣ ба омӯзиши фанҳои мантиқ, фалсафа, тасаввуф, таърих ва дигар илмҳои мушаххас машғул гардид ва савияи дониши худро боло бурд ва мукаммал намуд.

Ҳамаи ин ҷидду ҷаҳд ва талошҳои доимӣ дар роҳи таҳсили донишу маърифат сабаб гардид, ки ӯ яке аз нобиғаҳои даврон шуд ва номаш дар таърихи Шарқи мусулмонӣ бо ҳарфҳои зарин сабт ёфтааст. Яке аз самтҳои асосии фаъолияти сиёсии ӯ таъсиси иттиҳоди ягонаи давлатҳои мусулмон буд, то ғарбиён натавонанд, мамлакатҳои Шарқро ба зери асорати худ дароранд. Барои амалӣ шудани ин ҳадафи олӣ ӯ си соли умри худро сарф кард.

Яке аз ҳадафҳои асосии Афғонӣ ислоҳи тафаккури исломии оммаи мардум ва маърифати воқеии онҳо буд. Маорифпарвари бузург ният ва орзу дошт, ки ҳар як мусулмон соҳиби тафаккури созанда ва бедор бошад, то аз пешрафти илму фарҳанг бохабар шавад.

Маълум аст, ки бештари умри ӯ дар Миср гузашт ва маҳз дар ин давра фаъолияти сиёсии вай ба муқобили зулми мустамликачиёни англис дар ин кишвар нигаронида шуда буд. Барои сиёсати зидди ғарбӣ Афғонӣ дар соли 1879 аз ҳуқуқи зист дар кишварҳои мусулмонӣ маҳрум карда шуд ва маҷбур шуд, ки муддате дар Лондон умр ба сар барад ва сипас шаҳри Парижро макони истиқомати муваққатӣ ихтиёр намояд. Дар аснои истиқомат дар Париж, Афғонӣ бо як қатор олимони франсуз ошно гардид ва дар конфронсу нишастҳои илмии байналхалқӣ иштирок карда, бо баромадҳои хеш кӯшиш кард, ки олимон ва сиёсатшиносони Ғарбро ба он мувоҷеҳ созад, ки Ислом ҳеҷ вақт муқобили пешрафт ва тараққиёти илм ва фарҳанг набуду нест ва баръакс динест, ки ба манфиати башар равона шудааст.

Дар аснои сокини Париж будан Афғонӣ ба фикри таъсиси рӯзномае афтод, то андешаҳои хешро ба хонандагони ғарбӣ низ бирасонад. Барои ин чанде аз ҳаммаслакон ва ҳамфикронашро дар атрофаш ҷамъ намуд, ки яке аз онҳо Муҳаммад Абдуҳ буд. Бо ташаббуси ҳар ду барои фаъолияти босамари рӯзнома Муҳаммад Боқир аз Ироқ даъват карда шуд. Муҳаммад Боқир солҳои зиёде дар Хитой, Ҳиндустон, Дания ва дигар кишварҳои Ғарб кору фаъолият намуда буд ва аз шахсиятҳои шинохта дар байни олимон ва сиёсатмадорони Ғарбу Шарқ маҳсуб мешуд ва ҳамзамон чанд забони хориҷиро хуб медонист. Маҳз ин се нафар аз ташаббускорони таъсис ва нашри газета буданд. Матбуоти Англия аз рӯйи кор омадани ин газета бонги хатар зад, зеро асоси ғояи онро мубориза зидди мустамликачиён ташкил медод.

Новобаста ба муқовимати сахти доираҳои сиёсии Франсия ва Англия шумораи аввали рӯзнома 13-уми марти соли 1884 бо номи «Урват-ул-вусқо» (Робитаҳои мустаҳкам) аз чоп баромад. Асоси маводҳои нашршудаи газетаро навиштаҳои Афғонӣ, Абдуҳ ва Боқир ташкил медод. Афғонӣ роҳ ва самти асосии ғоявии газетаро шарҳ дода, Абдуҳ мақолаҳои сиёсӣ ва илмӣ ва Боқир бошад, асосан, ба тарҷумаи мақолаҳо ва маводҳои матбуотии аврупоӣ Ғарбӣ машғул шуданд. Дар ҳамин шумораи аввалин хабар дода мешуд, ки газета дар тамоми кишварҳои Шарқ паҳн карда мешавад ва барои тамоми хоҳишмандон дастрас аст ва пеш аз ҳама ба он нафароне, ки бо муаллифон шинос ҳастанд расонда мешавад.

Ба назари мо, дар чунин шароити ногувори сиёсӣ пайдоиши рӯзномаи «Урват-ул-вусқо» дар маркази Аврупо ҳодисаи нодири таърихӣ барои шарқиён буд, зеро мақсад ва ҳадафи асосии он ташвиқу тарғиби мардум ба мубориза бар зидди англисҳо ва бедории шуури сиёсии онҳо буд.

Бемуҳобот метавон гуфт, ки ҷаридаи мазкур яке аз аввалин ҷаридаҳои сиёсӣ ба забонҳои Шарқ буд, ки дар тарбияи насли ҷавонони мусулмон нақши муҳим

бозид. Ин нуқтаи назар ҳам таъкид шудааст, ки бо ҳимояти рӯзнома ҷамъияти махфие аз шахсиятҳои маъруф, ки оиннома ва низомномаи махсуси худро доштанд, созмон ёфта будааст. Дар ин бора навиштаҳои шогирди Абдуҳ, Рашид Ризо бо унвони «Таърихи Имом Шайх Муҳаммад Абдуҳ» ва « Ёддошт ва суҳбатҳо дар бораи Ҷамолиддин Афғонӣ»-и Қодири Мағрибӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Чи хеле ки хотирнишон сохтем, мақсади асосии рӯзнома мубориза ба муқобили мустамликачиёни англис дар Шарқи Наздик ва Миёна буд ва ин масъала аз шумораи аввалини он рӯшан мегардид. Муассисон ҳадаф ва мақсади асосии нашри рӯзномаро чунин арзёбӣ месохтанд:

1. Хизмат ба манфиати мардуми Шарқ ва нишондоди сабабҳои асосии қафомонӣ ва ноиттифоқии кишварҳои мусулмон ва таҳлилу баррасӣ сохтани хатоиҳои онҳо ва монеъ шудан ба хатари аз байнравӣ ва харобии иқтисодӣ ва иҷтимоии онҳо.

2. Кормандони рӯзнома ба ифшои сабабҳои асосии қафомонии мардуми Шарқ ва ҳамчунин омӯзонидани асосҳои дини Ислом машғул мешаванд.

3. Маводе, ки дар рӯзнома нашр мешавад, барои аз байн бурдани тафаккури манқуртӣ ва нобоваронаи ашхосе, ки ба ислоҳотҳо ва пешрафти чашмраси Шарқ бовар надоранд, кумак хоҳад расонд.

4. Муассисони рӯзнома барои дилгарм кардани одамон ба созандагӣ ва бунёдкорӣ дар ҳаёт ва роҳҳои эҳёи худшиносӣ талош хоҳанд кард ва ба мардум мефаҳмонанд, ки раванди эҳё он қадар мушкил нест.

5. Ҷамъияти «Урват-ул-вусқо» он иғвогарони Ғарбро, ки ваҳдати эҳёи мусулмононро номумкин мешуморанд ва иддаои он доранд, ки агар мусулмонон аз бахри дини хеш нагузаранд, ба ҷойе нахоҳанд расид, ҷавоби қотеъ хоҳад гуфт ва даъвои беасосу ботили онҳоро рад хоҳад кард.

6. Рӯзнома ва ҷамъияти он мекӯшанд, ки мардумро ҳамеша аз сиёсати истибдодии сиёсатмадорони Ғарб огоҳ созанд, то дӯстро аз душман фарқ намоянд ва ба доми фиреби онҳо наафтанд.

7. Ҳайати эҷодии рӯзнома барои ваҳдату ягонагии халқҳои мусулмон, манфиати иҷтимоии онҳо кӯшишу ғайрат менамояд ва чунин сиёсатеро пайгирӣ месозад, ки Шарқро аз ваҳшонияти ғарбиёни истилогар халос созад.

Як нуқтаро қайд кардан бамаврид аст, ки рӯзнома на танҳо манфиати мусулмонон, балки манфиати тамоми халқҳои мустамликавии Шарқро ҳимоят ва пуштибонӣ мекард. Ин масъала дар саҳфаҳои мухталифи ҷаридаи «Урват-ул-вусқо» ба монанди мақолаҳои «Ваҳдати мусулмонӣ», «Масеҳият ва Ислом», «Сиёсати Британияи Кабир дар Шарқ» в.ғ. ба чашм мерасад. Масалан, дар мақолаи «Ваҳдати мусулмонӣ» навишта шуда буд, ки ҳангоме ки дар асрҳои миёна Шарқ бо олимони забардасте ба мисли Ибни Сино, Фаробӣ, Ибни Рушд ва дигарон дар соҳаҳои гуногуни илм: математика, мантиқ, тиб ва ҳамчунин флоти баҳрӣ шуҳрати ҷаҳонӣ дошт, шоҳони Ғарб ва императорони Хитой низ ниёз ба ҳамкории онҳо доштанд».

Сабаби ҳамаи он пешравиҳо ва тараққиёт дар он давра, ба гуфти Афғонӣ, иттиҳоду ягонагии халқҳои Шарқ, ёрӣ ва дастгирию ҳамдигарфаҳмии онҳо буд.

Ин дастоварди таърихӣ бояд сабаке барои имрӯзиён бошад, зеро дар рӯзгори кунунӣ, асри XX1 ҳам, мо шоҳиди ғафлатзадагию парокандагии мусулмонон ҳастем, ки аз ин падидаи номатлуб ҳазорҳо мардуми бегуноҳ ранҷ мебаранд. Мисоли рӯшани ин вазъияти ногувори имрӯзаи байни чаҳор давлати Осиёи Миёна мебошад, ки байни ҳам ҳеҷ забон намеёбанд ва дар масъалаҳои гуногуни байнидавлатӣ бо ҳам гуфтушунид карда наметавонанд. Ба назари мо, ҳаллу фасли бисёр масъалаҳои мубрами ин давлатҳо имрӯзҳо низ аз Ғарб вобастагӣ дорад. Зеро сиёсати номуваффақи ғарбиён нисбати Афғонистон, Эрон, Ироқ, Туркия ва давлатҳои араб имрӯз ҳам боиси ташвиши ҷомеаи ҷаҳонӣ гаштааст.

Ба андешаи Афғонӣ, сабаби ҳамаи ин бадбахтиҳо, ки пештар зикрашон рафт ноиттифоқӣ ва парокандагии ҷомеаи мусулмон мебошад. Аз мазмун ва муҳтавои навиштаҳои Афғонӣ чунин бармеояд, ки мутафаккири бузург тарафдори ягонагӣ, озодӣ, истиқлолияти комили кишварҳои Шарқ аст ва қуввату қудрати халқҳои онро дар ягонагӣ ва бародарӣ донистааст.

Афғонӣ ақидаи хато ва барғалати мустамликачиёнро дар хусуси бепарвову танбал ва хаёлпарасту ифротгаро будани халқҳои Шарқ сахт мазаммат мекунад. Ӯ аз ҷумла мегӯяд, ки сарвату бойгарии фаровони ин сарзаминҳо хоҷагони ғарбро чунон мадҳуш намудааст, ки ҳатто мегуфтанд, заминҳои ҳосилхезу пурганҷ ва иқлими фораму мусоиди ин кишварҳо барои соҳибони ғафлатзадаашон ҳайф шудааст.

Дар саҳифоти рӯзнома «Урват-ул-вусқо» аз талошу кӯшишҳои тафриқаандози мустамликачиён дар байни халқиятҳои гуногун мисолҳои зиёд оварда мешавад. Албатта, ин ҷудоиандозӣ ба манфиаташон буд, зеро зиддиятҳои қавмию мазҳабӣ сабаби асосии ноиттифоқӣ ва парокандагии халқиятҳои Шарқ ва ҳукмронии бемамонияти онҳо мешуд.

Тарафи дигари назариёти ҷолибе, ки аз ҷаҳонбинии Афғонӣ аз «Урват-ул-вусқо» бармеояд, танқиди шайхону уламои куҳнапараст ва кунду карахти бо ном исломӣ буд. Воқеан, агар ба ин масъала назари жарфтар афканем, ақидаи мутафаккир сад дар сад дуруст аст, зеро дар ҷаҳонбинии афроди зикршуда аз рӯйи ҷаҳолату нодонӣ аз илм дида, таассуб ва хурофот бештар аст, ки онҳо бо ин амали худ Исломро бадном месохтанд.

Чунин «уламо»-и Исломро ба гуфти Афғонӣ таҳавуллоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии замон таъсире намебахшад ва эшон нисбат ба дигаргунию тағйиротҳои ҷаҳони муосир парвое надоранд.

Дар рӯзнома масъалаи бепарвоӣ ва бемасъулиятии баъзе аз роҳбарони давлатҳои Шарқ нисбати ҳаёту зиндагии қавму миллатҳои хеш зери тозиёнаи танқид қарор гирифта, ноиттифоқӣ ва надоштани робитаҳои мустаҳкам байни ҳамдигариашон махсусан таъкид шудааст. Дар мақолаи машҳури худ, «Миллатгароӣ ва Ислом», Афғонӣ менависад: «Баъди пайдоиш ва интишори Ислом дар байни халқҳои Шарқ фанатизми миллӣ суст гардид ва мардум шаҳди ягонагиро аз рӯйи эътиқоди динӣ соҳиб гаштанд ва бешубҳа ин ягонагӣ ва ваҳдат хеле қавӣ ва мустаҳкам аст» [1].

Нуқтаи дигаре аз андешаҳои Афғонӣ ки аз саҳифоти «Урват-ул-вусқо» бармеояд, тавсифи хислат ва сифатҳои роҳбари мусулмон мебошад. Афғонӣ чигуна будани хислатҳои чунин ашхосро таъкид сохта, менависад, ки онҳо бояд дар ҳама кор аз рӯйи қонунҳои шариат амал намоянд ва аз мансаб сӯистифода набаранд. Идоракунии давлат набояд ба таври маҷбурӣ сурат бигирад. Роҳбари давлатро лозим аст, ки пеш аз ҳама адолатпарвар ва хайрхоҳу хайрандеш нисбат ба ҳама халқиятҳои маскуни кишвар новобаста аз баромади миллӣ ва эътиқоди диниашон бошад. Агар ин мувозинат дар идораи давлат риоя нагардад, боиси ихтилофи оммаи мардум ва ҳукумат мешавад ва охири охирон сабаби азбайнравӣ ва суқути давлат мегардад.

Мақолаҳое, ки бо унвони «Лигаи Шарқӣ», «Масъалаи Судон», «Масъалаи Миср» дар саҳифаҳои гуногуни рӯзнома ба нашр расиданд, аз ҷиҳати мазмун ва муҳтаво ҳамагӣ бар зидди сиёсати ишғолгаронаи англисҳо равона шуда буданд. Обрӯ ва эътибори сиёсии рӯзнома боиси ривоҷ гирифтани ҳаракатҳои зидди мустамликавии англисҳо ва болоравии худшиносии оммаи мардум дар кишварҳои Судон ва Миср гардид.

Дар мақолаи дигари рӯзнома бо номи «Даҳриён дар Ҳинд» Афғонӣ сокинони маҳаллӣ ва он афроде, ки бо англисҳо бо ин ё он сабаб ҳамкорӣ менамуданд, сахт мазаммат карда, рафтори онҳоро хиёнат ба Ватану миллат меномад. Аз ҷумла, Саид Аҳмадхон яке аз олимони машҳури вақт бо шогирдонаш, ки ғояҳои материалистии фаҳмиши табиатро тарафдорӣ мекард, мавриди танқиди шадиди Афғонӣ қарор гирифтааст. Афғонӣ ҷаҳонбинии Аҳмадхонро инкори қудрати офариниши Илоҳӣ меҳисобад ва аз ин ҷиҳат назариёти ӯро қобили қабул намедонад. Ба ин даъвои Афғонӣ на ҳама рӯшанфикрони замон розӣ буданд. Масалан, маорифпарвари араб Рашид Ризо ин айбномаи ӯро беасос дониста, гуфтааст, ки чунин эрод нисбати ин шахсияти маъруф сазовор нест. Албатта, ин ҷо ҳадафи асосӣ аз дарҷи мақолаҳои сиёсии Афғонӣ муборизаи ғоявӣ бо истилогарон буд, на ҳамкорӣ кардан бо онҳо.

Новобаста аз муддати кӯтоҳи фаъолият рӯзномаи «Урват-ул-вусқо» барои бедории сиёсии мардуми мусулмони Шарқ хизмати арзанда ва шоистаро анҷом дод. Вақте ки дар кишварҳои ишғолкардаи Англия норозигии оммаи мардум ба авҷи аъло

расид, ҳукуматдорони англис аз давлати Франсия даъват карданд, ки нашри газетаро бо кадом роҳе, ки набошад манъ созанд, зеро нашри баъдинаи он бароямон оқибатҳои нохуш дошт. Ин муқовимат сабаб шуд, ки соли 1884 табъу нашри газета манъ гардид. Ба ин нигоҳ накарда «Урват-ул-вусқо» барои шарқиён рамзи озодӣ ва истиқлолиятхоҳӣ иттиҳод ва ҳамбастагӣ дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсиашон гардид ва дар бедории шуури сиёсии онҳо нақши муҳим бозид. Шогирди Муҳаммад Абдуҳ, Рашид Ризо дар бораи аҳамияти таърихию сиёсии рӯзнома менависад: «Агар «Урват-ул-вусқо» чанд муддати дигар арзи вуҷуд мекард, бешубҳа, дар ҷаҳони Ислом инқилоби азимеро ба миён меовард» [2].

Машҳуртарин рӯзнома, ки дар тарғибу ташвиқ ва ташаккули фарҳангии миллии Афғонистон дар ибтидои асри ХХ хизматҳои шоён анҷом додаст, «Сироҷ-ул-ахбор» мебошад. Шумораи аввали ин рӯзнома соли 1906 бо номи «Конститутсиячиёни кӯҳан» аз чоп баромад, ки таъсисдиҳандагони он Мирсаид Қосим Лағмонӣ ва Муҳаммад Сарвари Қандаҳорӣ буданд. Лекин аз вазъияти ногувори сиёсӣ ин рӯзнома ба дасти хонандагон нарасид. Фақат баъди аз хориҷа бозгашти Маҳмуди Тарзӣ нашри рӯзнома ба роҳ монда шуд ва ҳафтае ду маротиба чоп мегардид.

«Сироҷ-ул-ахбор»-и Тарзӣ соли 1911 табъу нашр гардид ва шаш шумораш бо ҳамин ном ва аз шуморае ҳафтум бо номи «Сироҷ-ул-ахбори афғонӣ» бароварда мешуд. Рӯзнома то соли 1918 табъу нашр гардид. Дар саҳифаҳои он масъалаҳои мухталифи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва динӣ интишор мегардиданд. Хусусан чопи адабиёти маорифпарварӣ ва мақолаю навиштаҷотҳо оид ба ин масъала ба таври васеъ ба роҳ монда шуда буд.

Чи тавре ки пештар таъкид кардем чопи мақолаҳои Тарзӣ «Ҳар халқият бо забони худ зиндагӣ мекунад ва ҳар забон бо адабиёти худ», «Фалсафа ва файласуф» инчунин манзумаҳои «Хоб дар торикӣ», «Дастур ба шоирони Ватан», «Дин, давлат, миллат ва Ватан» ва ғайраҳо, дар бедории тафаккури фарҳангии миллати афғон нақши азиме бозиданд.

Рӯзнома ҷиҳатҳои ақибмондагӣ, бесаводӣ ва ғафлатзадагии халқҳои сокини кишварро зери тозиёнаи танқид мегирифт ва роҳҳои баромад аз ин буҳрони шадидро равшан месохт. Дар шумораи гуногуни газета даъватҳои шахсии алоҳидаи Тарзӣ барои истиқлолият, озодӣ ва муборизаи сиёсӣ зидди истисмогарони англис ба чоп расиданд. Тарзӣ ҳамчун муҳаррири рӯзнома «Сироҷ-ул-ахбор» ба ташаккули идеологияи ҷавонафғонҳо диққати зиёд медод ва анқариб дар ҳар шумораш аҳамияти ин наҳзатро барои кишвари Афғонистон бозгӯӣ мекард.

Рӯзномаи «Сироҷ-ул-ахбор» барои ваҳдати ягонагӣ миллатҳои кишвар ва тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватанпарварӣ кумаки зиёд расонд ва маркази асосии ташаккули идеологияи маорифпарварӣ дар Афғонистон гардида, дар ҳаёти маънавии он роли муҳим бозид.

Сиёсати зиддиимпериалистӣ ва маорифпарваронаи ин рӯзнома таҷассумгари ғояҳои навин ва тафаккури тозаи рӯшанфикрони мамлакат буд. Рӯзнома нақши муассире дар ташаккули ҷаҳонбинии наслҳои демократии афғон барои бунёди анъаноти прогрессивӣ-демократӣ дар таърихи афкори иҷтимоию сиёсии Афғонистон гузошт.

Ғояҳои инқилобии Тарзӣ ва ҳаммаслаконаш дар мубориза зидди аҷнабиён ҳар рӯз инкишоф меёфт. Рӯзномаи «Сироҷ-ул-ахбор» дар он рӯзҳо маркази муборизаи идеологӣ буд ва аз ҷиҳати назариявӣ муборизаи сиёсии қувваҳои пешқадами Афғонистонро бар зидди мустамликачиён ва истисморгарони маҳаллӣ роҳбарӣ месохт. «Сироҷ-ул-ахбор» дар давоми солҳои зиёд, рӯзномаи даъвати мардум ба бунёдкорӣ ва азнавсозии ҷомеаи афғон гашт. Дар боло бурдани тафаккури миллии мардум дар мубориза бар зидди душмани умумии заҳматкашони Шарқ-мустамликачиёни англис рӯзнома нақши муҳим бозид.

Хизмати дигари рӯзнома ин буд, ки он ба мардум нашри матбуоти прогрессивӣ–демократиро мерасонд, ки ба таври объективӣ масъалаҳои баҳсталаби онрӯзаро инъикос менамуд. «Сироҷ-ул-ахбор» минбари истиқлолиятхоҳӣ ва мубориза буд, ки идеяҳои ҳаракати миллӣ – озодихоҳии миллати афғонро тарғиб менамуд ва танқиди сохти пӯсидаи феодалиро пешаи худ қарор дода буд.

Дар ҳақиқат, рӯзнома овоз ва виҷдони оммаи меҳнаткаш дар ин муборизаи сиёсӣ буд. Дар шумораҳои гуногуни газета ҷавонафғонҳо аҳамияти илму донишро барои маърифатнокӣ ва муборизаи сиёсиро барои истиқлолият ба тамоми мардуми кишвар мефаҳмонданд.Рӯзнома ба ташаккули тафаккури миллӣ дар роҳи истиқлолу озодӣ, ислоҳотҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ хизматҳои бедареғро анҷом дод ва номаш дар саҳифаҳои таърихи фарҳанги Афғонистон бо ҳарфҳои заррин сабт гардид. Бесабаб Афғонӣ нагуфта буд: «Матбуот бояд душманони ҷамъиятро саркӯб намояд, ғояҳои ахлоқиро дар тафаккури мардум ҷорӣ созад, мардумро барои пешбурди саноат, илм ва дастоварди тамаддун комёб гардонад. Матбуот муаллими ҷамъият аст» [3].

Ҷаридаи дигаре, ки дар ҳаёти маънавии кишвари Афғонистон нақши намоён дорад, ин ҷаридаи «Сироҷ-ул-атфол» аст, ки аз тарафи Тарзӣ баъди манъ кардани фаъолияти рӯзнома «Сироҷ-ул-ахбор» дар соли 1918 таъсис дода шуд. «Сироҷ-ул-атфол» ҳам ба монанди «Сироҷ-ул-ахбор» минбари тарғибу ташфиқи ғояҳои ислоҳотпарварии ҳаракати ҷавонафғонҳо гардид.

Тарзӣ бо навишти мақолаҳои гуногуни оммафаҳм тавонист, ки рӯҳияи мардумро барои дигаргунсозиҳои инқилобӣ омода созад. Ба андешаи ӯ, барои он ки ҷомеа демократӣ шавад, ногузир аст, ки аз хурдӣ аъзоёни ояндаи ӯро дар рӯҳияи адолатхоҳӣ, ҳақиқатҷӯи, ростӣ, боиродагӣ, далерӣ, саховатмандӣ ва дигар хислатҳои ҳамида тарбият намудан лозим аст. Рӯзномаи Тарзӣ «Сироҷ-ул-атфол» дар байни ҷавонон обрӯю эътибори калон дошт. Аҳамияти таърихии рӯзномаи ӯ «Сироҷ-ул-атфол»-ро ташаккули тафаккури ҷамъиятии он давра чунин маънидод кардан мумкин аст:

- Ба пойдории меъёрҳои ахлоқӣ дар ташаккули ақлонии наслҳои афғон хизмат кард;
- Роҳҳои ба даст овардани пешрафти ҷомеаро ба тариқи аз худ кардани илму дониш нишон дод;

Тарбияти ҷавонони афғонро дар роҳи худшиносӣ ва истиқлолиятхоҳӣ тарбият намуд;

- Сарчашмаи асосии омӯзиши тараққиёти афкори фалсафии «ҷавонафғонҳо» ҳамчун ҳаракати пурзӯри идеологӣ гардид.

Умуман, рӯзномаҳои таъсисдодаи пешоҳангони ҳаракати маорифпарварӣ дар Афғонистон, Саид Ҷамолиддини Афғонӣ ва Маҳмуди Тарзӣ ва ҳаммаслаконаш, дар ташаккули фарҳангии миллӣ ва пешрафту бедории тафаккури мардуми он нақш ва аҳамияти беандозаро моликанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Урват-ул-вускӯ.- Париж, 1.1У-1 884.
2. Рашид Ризо. Таърих-уш-шайх ал-устод ал-имом Муҳаммад Абдуҳ. Қоҳира.- С. 354.
3. Мударрисӣ М.Ороъ ва муътақидоти С.Ҷ.Афғонӣ. – Теҳрон, 1958.- С. 68.

РОЛЬ ПЕРИОДИЧЕСКОЙ ПЕЧАТИ В ФОРМИРОВАНИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ КУЛЬТУРЫ И ЕЕ МЕЖДУНАРОДНОЕ ЗНАЧЕНИЕ

В данной статье автор рассматривает роль и место периодической печати в формировании национальной культуры и ее значение в международном масштабе.

Ключевые слова: периодическая печать, национальная культура, формирование национальной культуры, международное значение.

PERIODICALS ROLE IN FORMATION OF NATIONAL CULTURE AND IT'S INTERNATIONAL VALUE

In this article the author considers a role and periodicals place in formation of national culture and its value internationally.

Key words: periodicals, national culture, formation of national culture, international value.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:*Ф.М. Гоибова* – аспирантка Таджикского национального университета.

М У Н Д А Р И Ҷ А – С О Д Е Р Ж А Н И Е

З А Б О Н Ш И Н О С Ӣ

ВОҲИДҲОИ МАЪНАН ДУҚУТБА
Ш. Кабиров ***3***

О ЛИНГВИСТИКЕ ТЕКСТА
З.Мухторов ***6***

СОХТОРИ ҶУМЛАИ СОДА ДАР ЗАБОНҲОИ ФОРСИИ БОСТОН ВА АВЕСТОӢ
Ф.Х. Шарипова ***13***

ЧАШМАНДОЗЕ БА ЛУҒАТНОМАНИГОРИИ СОҲАВӢ–ИСТИЛОҲИИ АНГЛИСӢ-ТОҶИКӢ
Абдусалом Мамадназаров ***18***

БАРХЕ НИШОНАҲОИ ЭЪРОБГУНА ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ
К. Исмонов ***25***

ПРЕЦЕДЕНТЫ КАК ФЕНОМЕНЫ ЯЗЫКА, СОЗНАНИЯ И КУЛЬТУРЫ
Л.Т. Рузиева ***30***

МАВҚЕИ ИСТИФОДАИ ИФОДАҲОИ МАҶОЗӢ ДАР АШЪОРИ МАВЛОНО ҶАЛОЛУДДИНИ БАЛХӢ
С.Сабзаев ***34***

СИЁСАТИ ЗАБОНӢ ДАР НИСБАТИ ТОҶИКОНИ ЧИН
А.А. Нозимов, Х.Ш. Кабиров ***39***

БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ МАЪНОИИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ЗАБОНИ НАСРИ ӮРУН КӮҲЗОД
Худоёрова Нигина ***46***

БАЪЗЕ МУЛОҲИЗА ОИД БА НАҚШИ ШАМСИ ҚАЙСИ РОЗӢ ДАР ТАЪРИХИ АФКОРИ ЗАБОНШИНОСИИ ТОҶИК
Н. Қурбонов ***53***

ОСОБЕННОСТИ СТРУКТУРЫ БИОЛОГИЧЕСКИХ ТЕРМИНОВ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ
С.Д.Шарипов ***55***

БАСОМАД ВА КОРБУРДИ ВОЖАИ «СИМУРҒ» ДАР «ШОҲНОМА»
Х. Содиқлу ***60***

НАҚШИ МАРКАЗИ ИЛМИИ ГУНДИШОПУР ДАР ТАШАККУЛИ ИСТИЛОҲОТИ ТИББИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ
Ш. Ҳаитова ***65***

МЕТОДИЧЕСКИЙ ИНСТРУМЕНТАРИЙ РАЗВИТИЯ КУЛЬТУРНО-ЯЗЫКОВОЙ КОМПЕТЕНЦИИ
И.Ю. Токарева ***72***

РЕПРЕЗЕНТАЦИЯ ТЕМЫ ТВОРЧЕСТВА В СТИХОТВОРЕНИИ А. АХМАТОВОЙ «ТВОРЧЕСТВО»

Е.П. Красильникова …… *77*

ТАЪБИРОТИ ХАЛҚӢ ДАР ЭҶОДИЁТИ БОҚӢ РАҲИМЗОДА
С. Саидова …….. *82*

ЗАИМСТВОВАННЫЕ РУССКИЕ СЛОВА В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ В ИХ ОТНОШЕНИИ К СЛОВООБРАЗОВАТЕЛЬНОМУ АНАЛИЗ
Г. Каримова …….. *86*

О РОЛИ И ВЛИЯНИИ ТАДЖИКСКИХ ЗАИМСТВОВАНИЙ В РАЗВИТИИ И ОБОГАЩЕНИИ СИСТЕМЫ СИНХРОННОГО СЛОВООБРАЗОВАНИЯ УЗБЕКСКОГО ЯЗЫКА
Р. Хидиров …….. *92*

ТАРКИБҲОИ ИЗОФӢ ДАР ҒАЗАЛИ МУЛАММАИ САНОИИ ҒАЗНАВӢ
Ҷосим Асадиён Фаллоҳия …… *99*

НИГАРИШЕ ДАР ТАЪРИХИ ЗАБОН ВА ГӮЙИШИ ОБОДИИ ТАШК
Фаронак Рамезонӣ …… *104*

СПОСОБЫ ВЫРАЖЕНИЯ МНОЖЕСТВА В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ
Г.И. Хасанова …… *109*

ПРОБЛЕМАТИКА РЕАЛИЙ В ЛИНГВИСТИЧЕСКОЙ НАУКЕ
М.М.Тагаева …… *114*

ДИГАРГУНИҲОИ ЗИМНИИ ЭЪРОБИ ЗАБОНИ АРАБӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ
К. Исмонов ……. *117*

ЗАБОН ВА ШЕВАҲОИ БАЁН ДАР ҚИССАҲОИ ДАВРАИ ИСТИҚЛОЛ
Хуршеда Ҳошимова ……. *120*

ВОСИТАҲОИ АЛОҚА ДАР ҶУМЛАИ ЗАБОНҲОИ ФОРСИИ БОСТОН ВА АВЕСТОӢ
Ф.Х. Шарипова ……. *124*

СЕМАНТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ДИПЛОМАТИЧЕСКОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ В «СИЁСАТНАМЕ» НАСИРУДДИН ТУСИ
Х. А. Саидов …… *131*

КОРБАСТИ ГИДРОНИМҲОИ МОВАРОУННАҲР ДАР «КИТОБ-УЛ-МАСОЛИК ВАЛ-МАМОЛИК» - И ИБНИ ҲАВҚАЛ
Д. Ҳомидов …….. *139*

МАВҚЕИ ИСТЕЪМОЛИ КАЛИМАҲОИ ИҚТИБОСИИ АРАБӢ ДАР ҲИКОЯҲОИ АБДУЛҲАМИД САМАД
Н.С. Саидов ……. *144*

ПОНЯТИЕ О ПРЕЦЕДЕНТНЫХ ТЕКСТАХ
Л.Т. Рузиева …… *148*

ИЗ ИСТОРИИ ЛЕКСИКО-ГРАММАТИЧЕСКИХ РАЗРЯДОВ ИМЕН ПРИЛАГАТЕЛЬНЫХ

Ш.Р. Хасанова *150*

ВИЖАГИҲОИ САВТИИ ЛАҲҶАИ ВАХИЁ
И. Умаров *152*

БАРРАСИИ ЛИНГВОСТАТИСТИКИИ НОМҲОИ МАРДОНАИ ТОҶИКОНИ ШАҲРИ ХУҶАНД
Ш. Ҳайдаров *155*

ТАРКИБ ДАР ЗАБОНИ ФОРСӢ
Заҳро Аҳмади Калотеҳ Аҳмад *161*

ЛЕКСИКО-СЕМАНТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ПРОЦЕССА ТЕРМИНОЛОГИЗАЦИИ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ (НА ПРИМЕРЕ ТЕРМИНОСИСТЕМЫ МЕЖДУНАРОДНОГО ПРАВА)
Н.С. Назарова *164*

КАЛИМАСОЗИИ ИСМ БО ЁРИИ ПАСВАНДҲО ДАР ЗАБОНИ НАСРИ КЛАССИКИИ «БАДОЕЪ-УЛ-ВАҚОЕЪ»- ЗАЙНИДДИНИ ВОСИФӢ
А. Бобохонов *168*

БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ИСТИЛОҲОТИ ХЕШУТАБОРӢ ДАР ЛАҲҶАИ МУЪМИНОБОД
Ҷаббор Саидов *171*

ГУНОГУНИИ ЛАҲҶАҲО ВА ГӮЙИШ ДАР ЗАБОНИ ГЕЛАКӢ
(гунаҳои забон роиҷ дар устони Гелон)
Муҳаммад Исмоил Шафеъпури Фуманӣ *174*

А Д А Б И Ё Т Ш И Н О С Ӣ

БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ СИЁСӢ ВА ИҶТИМОӢ ДАР МАСНАВИИ «СИЛСИЛАТ-УЗ-ЗАҲАБ» - И ҶОМӢ
М. Низомов *178*

ТАСВИРИ ЗАДУХӮРДҲОИ МАЗҲАБӢ ДАР ҲИКОЯҲОИ СУДҲА АРОРА
Пакаева Зубайда *180*

НАҚШИ МОДАРИ ҲОТАМИ ТОЙ ДАР ҲАЁТИ Ӯ ВА ТАЪСИРИ ОН БАР НАСЛҲОИ ИМРӮЗА
Дунё Қаландарова *186*

ТАВҚЕОТИ АНӮШЕРВОНИ ОДИЛ ДАР “ШОҲНОМА”-И ФИРДАВСӢ
З. Изатова *190*

МУҲАММАДҶОН РАҲИМӢ ВА СУННАТИ ҒАЗАЛСАРОӢ
Абдурашид Хӯҷамқулов *198*

МАВҚЕИ МАСНАВӢ ДАР ЭҶОДИЁТИ САЛИМИ ХАТЛОНӢ ДАР МИСОЛИ ДОСТОНИ «ШАҲБОЛ»
С. Қосимов *206*

ТАСВИРИ ШАХСИЯТИ КАЙХУСРАВ ДАР ОСОРИ ХАТТИИ ДАВРАИ ИСЛОМӢ
Рустам Наботов *214*

АЗ ТАЪРИХИ ПАЖӮҲИШИ “ШОҲНОМА”-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ ДАР ТОҶИКИСТОНИ ШӮРАВӢ
Гулмо Шозиёева ***222***

АБЁТИ АРАБӢ ДАР «МАСНАВИИ МАЪНАВӢ»
Зиёев Субҳиддин ***226***

СУВАРИ ХАЁЛ ДАР АШЪОРИ БОЗОР СОБИР
Адиба Азизова ***230***

ИҒРОҚ ДАР «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ
Ноҳид Маквандӣ ***235***

ЯК САБАД ОБ (*Нигоҳе ба зиндагӣ ва шеъри Сӯҳроби Сипеҳрӣ)*
Ҷовид Самадипур ***240***

АҲАМИЯТИ «МУЗАККИР-УЛ-АСҲОБ»-И МАЛЕҲОИ САМАРҚАНДӢ ДАР ТАЪРИХИ АДАБИЁТИ ФОРСӢ
Зайнаби Шеркаванд ***244***

ДАРУНМОЯИ «ФАР (Р)» ДАР «ШОҲНОМА» -И ФИРДАВСӢ
Ақили Замонӣ ***248***

ЧЕҲРАИ ТАЪРИХӢ ВА АДАБИИ ИСКАНДАР ДАР ОИНАИ ХАЁЛИ ҲАКИМ НИЗОМӢ
Саид Алиакбар Шариатифар ***251***

ЗИНДАГӢ ВА ОСОРИ СУРУШИ ИСФАҲОНӢ
Афшин Муродӣ ***259***

ВАЗИФАҲОИ БАДЕИИ ОЁТИ ҚУРЪОНӢ ВА АҲОДИСИ НАБАВӢ ДАР «СИЛСИЛАТ–УЗ- ЗАҲАБ»-И МАВЛОНО ҶОМӢ
М. Низомов ***262***

УСЛУБИ МАҚОМОТ ДАР «БӮСТОН»-И САЪДӢ
Сайид Абдуллоҳ Ҳусайнӣ ***267***

РАВОБИТИ АДАБӢ ВА ҶАРАЁНИ ИНКИШОФИ АДАБИЁТ
Гулистон Шарифова ***270***

Ж У Р Н А Л И С Т И К А

МАСЪАЛАИ СУЛҲИ АФҒОНИСТОН ВА МАТБУОТИ ХУСУСИИ ТОҶИК
М. Усмонов ***273***

ЖАНРОВАЯ ПАЛИТРА ПУБЛИКАЦИЙ ТАДЖИКСКИХ СМИ В ПЕРИОД 1990-2000гг.
Т.Г. Хасанова ***276***

ПӮШИШИ ХАБАРИИ РАДИОИ САДОИ АМРИКО БАР РӮИ ДИДГОҲИ МУХОТАБОН
Алиризо Талхобии Алишоҳ ***280***

НАҚШИ МАТБУОТИ ДАВРӢ ДАР ТАШАККУЛЁБИИ ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ ВА АҲАМИЯТИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ОН
Ф.М. Ғоибова ***283***

БА МАЪЛУМОТИ МУАЛЛИФОН

Дар маҷаллаи илмии «Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» мақолаҳое чоп карда мешаванд, ки онҳо дорои натиҷаҳои таҳқиқотҳои илмӣ оид ба илмҳои табиӣ, иқтисодӣ, гуманитарӣ, адабиётшиносӣ ва забоншиносӣ мебошанд.

Ҳангоми ирсоли мақолаҳо муаллифон бояд қоидаҳои зеринро риоя намоянд:

Ҳаҷми мақола якҷоя бо матн, расмҳо, ҷадвал, диаграмма, графика, рӯйхати адабиётҳо ва матни аннотатсия бо забонҳои русӣ ва англисӣ набояд аз 10 саҳифаи чопи компютерӣ зиёд бошад.

Мақола бояд дар системаи Microsoft Word омода карда шавад. Дар баробари нусхаи чопӣ нусхаи электронии мақола низ пешниҳод карда мешавад. Мақола дар компютер ҳуруфчинӣ гардида (гарнитура Times New Roman Tj 14, формат А4, фосилаи байни сатрҳо – 1,5 см., ҳошияҳо: боло – 3 см, поён – 2,5 см, чап – 3см, рост – 2 см;), ҳамаи саҳифаҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд.

Дар саҳифаи якум унвони мақола, дар сатри дуюм ному насаби муаллиф (муаллифон) нишон дода мешавад. Дар сатри сеюм номгӯи муассисаи таълимӣ, суроға ва e-mail. Баъд аз як фосила матни асосии мақола оғоз меёбад. Дар охири мақола баъд аз рӯйхати адабиётҳо аннотатсияҳо бо забонҳои русию англисӣ ва калидвожаҳо (8-10 калима) оварда мешаванд.

Рӯйхати адабиёт бо тартиби умумӣ баъд аз матни мақола оварда мешавад. Он набояд зиёда аз 5-6 номгӯи адабиётро дар бар гирад. Қоидаҳои тартибдиҳии рӯйхати адабиёт бояд риоя карда шаванд.

Мақолаҳои илмие, ки ба редаксия супорида мешаванд, бояд хулосаи экспертӣ, маълумотномаи муаллифӣ (барои мақолаҳои силсилаи табиӣ) ва тақризи мутахассисони соҳаро оид ба имконияти чопи он дошта бошанд.

Барои чопи мақолаи аспирантон маблағ гирифта намешавад.

Ҳайати таҳририя ҳуқук дорад, ки мақолаҳои илмиро ихтисор ва ислоҳ намояд.

Мақолаҳое, ки ба талаботи зерин ҷавобгӯ нестанд, аз ҷониби ҳайати таҳририяи маҷалла баргардонида мешаванд.

К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

В научном журнале «Вестник Таджикского национального университета» печатаются статьи, содержащие результаты научных исследований по естественным, гуманитарным, филологическим и экономическим наукам.

При направлении статьи в редколлегию авторам необходимо соблюдать следующие правила:

Размер статьи не должен превышать 10 страниц компьютерного текста, включая текст, таблицы, библиографию, рисунки и тексты аннотаций на таджикском, русском и английском языках.

Статья должна быть подготовлена в системе Microsoft Word. Одновременно с распечаткой статьи сдается электронная версия статьи. Рукопись должна быть отпечатана на компьютере (гарнитура Times New Roman Tj 14, формат А4, интервал одинарный, поля: верхнее - 3см, нижнее – 2,5см, левое – 3см, правое – 2см;), все листы статьи должны быть пронумерованы.

Сверху страницы по центру листа указывается название статьи, ниже через один интервал инициалы и фамилии автора (авторов). Ниже название организации, адрес, e-mail. Далее через строку следует основной текст. В конце статьи после списка литературы приводятся аннотации на русском и английском языках и ключевые слова (8 - 10 слов).

Список литературы приводится в общем порядке после основного текста статьи. Авторы должны соблюдать правила составления списка использованной литературы. Он должен содержать не более 5-6 наименований литературы.

Научные статьи, представленные в редакцию журнала, должны иметь экспертное заключение, авторскую справку (для статей серии естественных наук) и отзыв специалистов о возможности опубликования.

Плата за опубликование рукописей аспирантов не взимается.

Редколлегия оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения статьи.

Статьи, не отвечающие настоящим правилам, редколлегией не принимаются.

Масъули чоп: **М. Ибодова**
Масъули бахш**: Г.Зоғакова**
Муҳаррирон: **Ш. Абдуллоева**, **Назари Муҳаммадхоҷа,**
И. Ҳакимова, Е. Щербакова

Ответственный редактор: **М. Ибодова**
Редактор серии Филология: **Г. Зогакова**
Редакторы: **Ш. Абдуллоева, Назар Мухаммадходжа,**
И. Хакимова, Е. Щербакова
ДМТ, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17, бинои асосӣ, утоқи 37
ТНУ, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17, главный корпус, каб. 37
Тел: 227-74-41 **E-mail: vestnik-tnu@mail.ru**
Сайт ТНУ:tnu.tj